**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Зоир Ҷурахон Маҷидзода –*** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ходими калони илмӣ, Корманди хизматнишондодаи Тоҷикистон, Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 1-ум, генерал-майори милиса. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 33. E-mail: **zoirov2009@mail.ru**

***Алимардони Манучеҳр Усмонзод*** – Маркази илмӣ-таҳқиқотии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, сардор, подполковники милиса. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Ҷалол Икромӣ, 29. E-mail: **manuchehralimardonov@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Зоир Джурахон Маджидзода*** - Институт философии, политологии и права имени А.Баховадинова Национальной академии наук Таджикистана**,** отдел истории государства и права, доктор юридических наук, профессор, главный научный сотрудник, Заслуженный работник Таджикистана, Государственный советник юстиции 1-го класса, генерал-майор милиции. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 33. E-mail: **zoirov2009@mail.ru**

***Алимардони Манучехр Усмонзод*** - Научно-исследовательский центр Министерства внутренних дел Республики Таджикистан**,** кандидат исторических наук, начальник, подполковник милиции. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, улица Джалола Икрами, 29. E-mail: **manuchehralimardonov@mail.ru**

**Information about the authors*: Zoir Jurakhon Majidzoda*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovadinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Department of History of State and Law, Doctor of Law, Professor, Chief Researcher, Honored Worker of Tajikistan, State Counselor of Justice 1st Class , Major General of Police. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 33. E-mail: **zoirov2009@mail.ru**

***Alimardoni Manuchehr Usmonzod*** - Scientific Research Center of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, candidate of historical sciences, chief, police lieutenant colonel. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Jalola Ikrami street, 29. E-mail: **manuchehralimardonov@mail.ru**

**УДК: 930 (575.3+575.2)**

# САМТҲОИ АСОСИИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ-ТИҶОРАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1991-2000

***Абдуллоев Ҷ.Т.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тавре маълум аст, иқтисод ва тиҷорат муҳаррики инкишоф аст. Дар раванди ҳамзистии осоишта халқҳои тоҷику қирғиз дар минтақаи ОМ пайваста дар мубодилаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ қарор дошта, ба ин восита алоқаҳкои мутақобиларо устувор менамуданд.

Бо таъсиси Иттиҳоди Шӯравӣ ва ворид гаштани ду ҷумҳурӣ ба ҳайати он дар асоси низоми ягонаи хоҷагидории ду давлат вобастагии иқтисодии кишварҳо аз якдигар ва савдои хориҷӣ байни онҳо вусъат гирифт.

Низоми ягонаи хоҷагидорӣ ва шакли силсилавии истеҳсолот дар фазои Шӯравӣ вобастагии ҷумҳуриҳои иттифоқиро аз якдигар ва Марказ ба вуҷуд овард. Дар ин замина аксари ашёи хоме, ки дар қаламрави кишварҳо тавлид мешуд, дар ҳудуди ҷумҳурии дигар коркард мешуд. Аз ҷумла, маҳсулоти комбинати маъдантозакунии Анзоб дар корхонаҳои Қирғизистон шакли ниҳоии саноатӣ мегирифт.

Ин вобастагӣ ва афзоиши савдои байниякдигарӣ дар давоми ҳар як панҷсолаи истеҳсолӣ ба назар мерасид. Дар асоси маълумотҳои оморӣ соли 1990 ҳаҷми умумии маҳсулоти аз Тоҷикистон ба Қирғизистон ирсолшуда 3,7 фоизро ташкил дод. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қирғизистон молҳои истеъмоли халқ ба маблағи 57,6 миллион сум фиристода мешуд. Агар мушаххас бигӯем, Ҷумҳурии Қирғизистон аз Тоҷикистон 800 ҳазор метри мураббаъ қолин ва маҳсулоти қолинӣ ба маблағи 15,2 миллион сӯм, 1103 ҳазор метр газворҳои абрешимӣ ба маблағи 7,6 миллион сӯм, 88,4 ҳазор адад маҳсулоти кашбофӣ ба маблағи 1,4 миллион сӯм, маҳсулоти дӯзандагӣ ба маблағи 1,5 миллион сӯм ва дигар намуди маҳсулотро ба даст меовард.

Гузашта аз ин, Ҷумҳурии Қирғизистон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон молҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла 27 ҳазор тонна маргарин ба маблағи 2,4 миллион сӯм, 180 тонна равғани растанӣ ба маблағи 119,7 ҳазор сӯм, ба маблағи 750 ҳазор сӯм машрубот харидорӣ мекард. Ҳамчунин ба Қирғизистон металлҳои ранга ба маблағи 12,9 миллион сӯм, маводи чӯянӣ, асбобҳои электротехникӣ, маҳсулоти мошинсозӣ, ҳама намуди дастгоҳҳо, 5,4 ҳазор адад яхдони мухталиф ба маблағи 1,6 миллион сӯм равона мегардид[8].

Аз тарафи дигар, соли 1990 ҳаҷми маҳсулоти воридотӣ аз Ҷумҳурии Қирғизистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,3 фоизро дар бар гирифт. Ҷумҳурии Қирғизистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан қанд ҳамл мекунад. Соли гузашта Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин ҷумҳурӣ ба маблағи 73,4 миллион сӯм 87 ҳазор тонна қанд гирифт, ки 63 фоизи ҳаҷми умумии амволи воридкардаи Ҷумҳурии Қирғизистонро ташкил дод.

Дар баробари ин Ҷумҳурии Қирғизистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 20,9 миллион сӯм молҳои истеъмоли халқ, аз ҷумла маҳсулоти кашбофӣ 63 ҳазор адад, рӯймол ба маблағи 3,2 миллион сӯм, молҳои маданӣ маишӣ 3,3 миллион сӯм, газворҳои пахтагин ба маблағи 5,4 миллион сӯм, молҳои хоҷагӣ ба маблағи 5,3 миллион сӯм ирсол менамуд.

Ҳамвора аз ин, ҷумҳурии ҳамсоя ба маблағи 1,1 миллион сӯм нахи абрешим, ба маблағи 6,6миллион сӯм нахи нима абрешим, мебел ба маблағи 1,4 миллион сӯм, қисмҳои эҳтиётӣ барои автомобилҳо ва мошинҳои кишоварзӣ ба маблағи 5,3 миллион сӯм, маҳсулоти кабелӣ ба маблағи 1,3 миллион сӯм, нахҳои кимиёвӣ ва ресмон ба маблағи 2,3 миллион сӯм ва соири маҳсулот мегирем[8].

Ин нишондодҳо далели умқи ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ буда, маҳз ин ҳолат заминаи инкишофи онҳоро дар замони истиқлолияти давлатӣ тақозо менамуд. Аз ин рӯ, тарафҳо аҳд карданд, ки баҳри раҳоӣ аз буҳрони иқтисодӣ ба ҳамдигар дасти дӯстӣ дароз кунанд. Барои амалӣ кардани ин нақша ҳайати вакилони

ҳукуматии Ҷумҳурии Қирғизистон барои имзои созишнома дар бораи принсипҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон 30 октябри соли 1991 ба Душанбе омад.

Ба ҳайати вакилони Ҷумҳурии Қирғизистон сарвазири ҷумҳурӣ Н. Эсанов сарварӣ мекард. Меҳмононро дар майдони ҳавоии пойтахт, ки бо байрақҳои ҳар ду ҷумҳурии соҳибихтиёр оро ёфта буд, иҷрокунандаи вазифаи раиси Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Искандаров, сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон И. Ҳаёев ва шахсони дигари расмӣ пешвоз гирифтанд.

Ҳайатҳои вакилони ҳар ду ҷумҳуриҳои соҳибихтиёр гуфтушунид карданд. Дар гуфтушунид аз Ҷумҳурии Қирғизистон сарвазир Н. Эсанов, раиси Кумитаи давлатии таъминоти моддию техникӣ Л. С. Сочилбоев, вазири савдо А. Н. Железнов, раиси «Киргизпищепром» А. Э. Эрматов, муовини аввали раиси консерни давлатии “Киргизлегпром” С. Б. Бейшенов ва сардори шӯъбаи Госкомконтракт С. К. Абдукулов;

аз Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвазир И. Ҳ. Ҳаёев, муовини сарвазир А. А. Самадов, раиси Кумитаи давлатии таъминоти моддӣ-техникӣ С. Ш. Ашӯров, муовини раиси Кумитаи давлатии иқтисод Х Бобосаидов ва муовини вазири савдо А. У. Умаров иштирок доштанд.

Гуфтушунид дар руҳияи ҳусни тафоҳум гузашт ва ҷиҳатҳои гуногуни ҳамкории иқтисодии ҳар ду ҷумҳурии бо ҳам дӯстро ошкор намуд. Бо маслиҳати тарафайн ба шартномаҳои ҳамкории соли ҷорӣ илова даровarda шуд. Хар ду тараф изҳор намуданд, ки ҳамкории иқтисодии минтақавиро на танҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, балки бо ҷумҳуриҳои дигари соҳибихтиёри Осиёи Миёнаю Қазоқистон ривоҷ додан лозим аст.

Баъд аз маросими имзои созишнома дар бораи принсипҳои ҳамкории тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор гардид.

Ба он сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон И. Ҳаёев ва сарвазири Ҷумҳурии Қирғизистон Н. Эсанов имзо карданд. Дар маросими имзои созишнома иҷрокунандаи вазифаи раиси Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Искандаров, аъзои ҳайатҳои ҳукуматии дар ду ҷумҳурӣ ва шахсони дигари расмӣ иштирок доштанд.

Дар сарсухани созишома гуфта мешуд, ки ҳар ду тараф дар асоси манфиатҳояшон ба инкишофи робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва муайян намудани шароити мусоиди равнаку ривоҷи муносибатҳои тиҷоратии ҳар ду ҷумҳурӣ созишнома имзо мекунанд Дар баробари ин ҳар ду тараф аз амалиёте сарфи назар менамоянд, ки ба ҷумҳурии дигар зарари иқтисодӣ расонда тавонад.

Тарафайн изҳор намуданд, ки робитаҳои иқтисодӣ бояд асосан дар байни корхонаю ташкилотҳо, муассисаҳо, мақомоти дигари минтақавии хоҷагӣ ва давлатии ҳар ду ҷумҳурӣ дар доираи ваколати онҳо сурат мегирад,

Ҳукумати ҷумҳуриҳо интиқоли навъҳои муҳимтарини молро ба низом медарорад. Онҳо бояд ба мақомоти иқтисодии худ супориш диҳанд, ки механизми танзими интиқоли молро то 1 ноябри соли 1991 тартиб диҳанд.

Хусусан моддаи 4-уми созишномаро қайд кардан лозим аст. Дар он гуфта мешавад, ки тарафҳо ба ташкилоту муассисаҳои худ барои камаш баробари 70 фоизи соли 1990 ба ҳамдигар фиристодани молу мавод, аз ҷумла маҳсулот ва молҳои мавриди ниёзи мардум кумак мерасонанд.

Ҷумҳуриҳо дар соҳаи ташаккули нарх сиёсати муштаракро татбиқ менамоянд. Корхонаю ташкилотҳои ҳар ду ҷумҳурӣ аз рӯйи нархҳои устувор ва шартномавӣ ҳисобу китоб менамоянд. Аз рӯйи навъҳои муҳимтарини маҳсулот аз руи нархи ҷаҳонӣ хариду фурӯш карда мешавад.

Дар созишнома ташкили корхонаҳои муштарак, аз ҷумла бо иштироки фирмаҳое, ки берун аз ҳудуди дар ду ҷумҳурӣ вокеъ гаштаанд, пешбинӣ шуда буд. Дар қаламрави ҳар ду ҷумҳурӣ тартиби мавҷудаи омаду рафти нақлиёт боқӣ мемонад. Бо ташаббуси тарафҳо

тартиби кашонидани бор, аз ҷумла борҳои транзитӣ, ҳамчунин интиқоли об, нафт, газ ва қувваи барқ бо созишномаи дутараф муайян карда мешуд.

Созишнома дар бораи принсипҳои ҳамкории тиҷорати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон барои соли 1992 аз рӯзи имзо шуданаш, яъне 30 октябри соли 1991 эътибор дорад[3,с.1].

Бояд таъкид кард, ки ҳадаф аз имзои Созишнома нигоҳ доштани сатҳ ва ҳаҷми ҳамкории иқтисодӣ ва мубодилаи тиҷоратӣ ба ҳисоб мерафт. Тибқи созиш дар давоми як сол мебоист созишномаҳо байни кумитаву вазоратҳои ду кишвар барои нигоҳ доштан ва инкишофи ҳамкорӣ дар самтҳои дигар ба имзо мерасид. Вале ба рушди ҳамкориҳои мутақобилаи иқтисодӣ буҳрони шадиди иқтисодӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа гардид.

Новобаста аз ин, ҳар ду кишвар ҳамеша барои рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди ин соҳа аҳаммияти махсус медоданд. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ба ҳамкории сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва ҳусни ҳамсоягӣ асос меёбанд. Бо шарофати ин, муносибатҳои ду ҷумҳурии пасошӯравӣ бо назари ягонаи сиёсӣ дар самти бунёди сулҳ, ягонагии ақида нисбат ба хатарҳо, таҳдидҳо ва ченакҳои амниятӣ, муносибатҳои баробар ва мутақобилаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ ифода меёбанд, ки ба некуаҳволии халқҳо равона шудаанд.

Асоси ташаккули муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар замони истиқлолият ташаккули пояи аҳдномавӣ-ҳуқуқии тарафҳо ба шумор меравад. Дар маҷмӯъ, пояи ҳамкориҳои дуҷонибаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар асоси чунин созишномаҳо таркиб меёбанд:

- 13 январи соли 1993 созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба меъёри дароз даровардани қарзи байни ҳукуматии соли 1999 шуда шартнома ба имзо расид.
- 2 июни соли 1993 шартнома байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Қирғизистон ба раёсати гумрукии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи якдилона бастани ҳуҷҷатҳои гумрукӣ дар Бишкек.
- Созишнома байни Вазорати молияи Ҷумҳурии Қирғизистон ва раёсати гумрукӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳамкорӣ, мубориза бар зидди маводи мухаддир 13 январи соли 1993 дар Бишкек.
- 26 августи соли 1993 байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи барасмяитдарории қарзҳои техникии соли 1992 январ ва августи соли 1993 ба қарзи давлатӣ ба кайд гирифта шуд.
- Созишномаи Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба иҷро расонидани созишномаи ҳамкории иқтисод ва савдо байни ин ду кишвар дар соли 1993.
- 15 январи соли 1994 созишнома дар бораи кам кардани қарзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Ҷумҳурии Қирғизистон гирифта шуда буд, байни Ҳукумати ҳарду кишвар, ки соли 1993 26-уми август ба қайд гирифта шуда буд.

Бояд таъкид кард, ки дар солҳои навадуми асри гузашта, новобаста аз вазъи мураккаби кишварҳо кӯшишҳои ҳалли дастаҷамъонаи масъалаҳои иқтисодӣ ба назар мерасиданд. Дар баробари кӯшишҳои умумии нигоҳ доштани фазои ҳамкорӣ ва ҳамоҳанг кардани имконияти ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ дар фазои ИДМ, яке аз ин майдонҳои кӯшиши ҳалли дастаҷамъонаи масъалаҳои иқтисодӣ ва баррасии равандҳои ҳамгироии минитақавӣ Иттиҳоди иқтисодии ОМ мебошад. Ибтидои ташкилёбии ин Иттиҳодро соли 1993 шуморидан мумкин аст. 4 январи ҳамон сол дар Тошканд президентони се ҷумҳурии ОМ бо хам вохурданд. Онҳо дар бораи принсипҳои нисбатан умумии барпо сохтани бозори умумии минтақавӣ ба мувофиқа расиданд. Дар байни иштирокчиён аллакай дар бораи зарурияти ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, дар соҳаҳое, ки бо масъалаҳои иқтисодиёт ва амният вобаста мебошанд, ҳамдигарфаҳмӣ ба амал омада буд[5,с.24].

Тағйироти муҳимми рамзӣ, ки дар натиҷаи ин вохурӣ ба амал омад, ин ба имзо расидани қарордод дар бораи номи умумии минтақа — «Осиёи Марказӣ», ба ҷои номи пештара — «Осиёи Миёна ва Қазоқистон» буд, ки дар замони Шуравӣ истифода бурда мешуд. 30 апрели соли 1994 се давлати мустақил - Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар бораи барпо сохтани Фазои ягонаи иқтисодӣ Созишнома ба имзо расониданд. Вай таҳкурсии ҳуқуқии ҳамкориҳои иқтисодии аз панҷ се ҷумҳурии Осиёи Марказиро гузошт ва таъмини ҷойивазкунии озоди молҳо, хизматрасонӣ, сармоя, қувваи корӣ ва сиёсати мувофиқашудаи пардохтсозӣ, сиёсат, буҷа, андоз, нарх, гумрук ва асъорро дар назар дошт. Дар заминаи барпо сохтани Фазои ягонаи иқтисодӣ ба миён гузоштани принсипҳои баробарҳуқуқӣ, баробаристифодабарӣ ва рақобати озод дар назар дошта шуда буд[5,с.25].

Намунаи дигари кӯшиши бисёрҷонибаи ҳалли масъалаҳои минтақавӣ ин иштироки Тоҷикистону Қирғизистон дар Бунёди байналмилалии наҷоти Арал (минбаъд - ББНА) мебошад. Ин ниҳод 26 марти соли 1993 ташкил шуда, мақсад аз таъсис додани он, пеш аз ҳама, бартарафсозии буҳрони экологӣ ва беҳдошти вазъи иҷтимоию иқтисодӣ дар ҳавзаи баҳри Арал буд, ки ба тадриҷ пастшавии сатҳи онро, ҷомеаи ҷаҳонӣ яке аз фоҷеаҳои асри XX арзёбӣ менамояд.Бояд тазаккур дод, ки таъсисдиҳандагони ББНА кишварҳои Осиёи Марказӣ - Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон буданд[7].

Ду ҷумҳурӣ ҳамчун кишварҳои болооб барои баррасии масъала диққат дода, ҷиҳати ҳалли он корҳои зиёдеро анҷом доданд. Масалан, 20 сентябри соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон барои иштирок дар конференсияи бахшида ба проблемаҳои иқтисодии ҳавзаи баҳри Арал, ки бо ташаббуси СММ баргузор мегардид, ба шаҳри Нукуси Ҷумҳурии Ӯзбекистон сафар намуд.

Дар рафти конференсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон А. Акаев сӯҳбатҳои муфиду самарбахш дошт. Зимни вохӯрию мулоқотҳо бо роҳбарони давлатҳои ҳамсоя Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон онҳоро даъват намуд, ки бо Тоҷикистон ҳамкориҳои гуногунсоҳаро идома диҳанд[12,с.272]. Моҳи июли соли 1996 Аҳднома дар бораи асосҳои муносибатҳои байнидавлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, Протокол дар бораи бунёди комиссияи байниҳукуматии тоҷикӣ-қирғизӣ оид ба баррасии комплексии масъалаҳои дуҷониба ба имзо расид.Моҳи августи соли 1996 намояндаи тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Қирғизистон таъин гардид. Моҳи декабр Ҳукумати Тоҷикистона ҳайати қисмати тоҷикии комиссияи байниҳукуматии тоҷикӣ-қирғизиро оид ба баррасии комплексии масъалаҳои дуҷониба тасдиқ намуд[6,с.18].

Бо оғози кори Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон оид ба баррасии маҷмӯи масъалаҳои дуҷониба, ки он 12 июли соли 1997 таъсис шудааст, муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар аксарияти самтҳои ҳамкориҳои иқтисодӣ рушд ёфта, тамоюли мунтазами афзоиши устувор ва мушаххаси нишондиҳандаҳои гардиши савдо ба чашм мерасад. То ҳол 15 ҷаласаи Комиссия баргузор шудааст. Шоистаи таъкид аст, ки таъсиси Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Қирғизистон оид ба баррасии маҷмӯи масъалаҳои дуҷониба, мунтазам доир намудани ҷаласаҳои он ба истилоҳ пуле барои ба сатҳи нави рушд баровардани ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон гардидааст[4]. Дар баробари кӯшишҳои дуҷониба иқдомҳои бисёрҷонибаи густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ, бартараф кардани монеаҳои мавҷуда амалӣ мегаштанд. 26 марти соли 1998 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созишнома дар бораи барпо сохтани Фазои ягонаи иқтисодӣ дар ОМ ба сифати иштирокчии баробарҳуқуқ ҳамроҳ гардид: 17 июни худи ҳамон сол «чоргона» қарор дод, ки Иттиҳоди иқтисодии Осиёи Марказӣ ташкил дода шавад.

Бо мақсади амалӣ сохтани Созишномаи Шӯрои байнидавлатӣ, Шӯрои сарвазирҳо, Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ, мудофиа, инчунин мақомоти кории онҳо Комитети иҷроия ташкил дода шуд[5,с.25].

Дар давраи баъди ба имзо расидани Созишнома дар бораи аз тарафи кишварҳои Иттиҳод барпо сохтани Фазои ягонаи иқтисодӣ системаи нисбатан пурраи қарордодҳо ва мувофиқатномаҳо кор карда баромада шуданд, ки доираи калони самтҳои ҳамкориҳою манфиатҳои умумире дар бар мегирифтанд. Як қатор барномаҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳамгироӣ омода гардиданд. Шӯроҳои ҳамоҳангсозӣ ва машваратӣ ба вуҷуд омаданд, гурӯҳҳои корӣ ва дигар шаклҳои ташкили ҳамкориҳо арзи вуҷуд намуданд.

5 апрели соли 1996 Созишнома дар бораи истифодабарии захираҳои сузишвории энергетикию обии сохтмон ва истифодабарии хати қубурҳои газгузари минтақаи Осиёи Марказӣ ба имзо расид. Дар ин созишнома қайд карда шудааст, ки гузаронидани сиёсати ягонаи ҳамоҳангсохташуда дар истифодабарии об ва комплекси сузишворию энергетикӣ вазифаи муҳимми давлатҳои Иттиҳод мебошад.

Дар шаҳри Бишкек 17 марти соли 1998 - созишномаи дарозмуддат дар бораи истифодабарии захираҳои обию энергетикии ҳавзаи Сирдарё ба имзо расид, ки баъд аз як сол Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он ҳамроҳ гардид. Дар асоси он давлатҳои иштирокчӣ, аз соли 1998 сар карда, ҳамасола дар бораи истифодабарии муштарак ва комплексии захираҳои обию энергетикии силсилаи обанборҳои Норину Сирдарё барои соли ҷорӣ қарордод ба имзо мерасонанд, ки тибқи он иттилооти мушаххасро дар бораи ҳаҷми гузариши об ва неруи барқ аз гидроузели Токтогул ба ивази газ, ангиштсанг, мазут ва неруи барқи аз тарафи давлатҳои поёнтар аз руйи равиши ҷараён ҷойгирифта иттилоот медиҳанд[5].

Вале Иттиҳоди мазкур бинобар омилҳои зиёди субъективӣ ва объективӣ бо ниҳодҳои дигари ҳамгироии минтақавӣ пайванд гардида, ҳамчун механизми ташкил ва такмили ҳамкории минтақавӣ баромад карда натавонист.

Моҳи августи соли 1998 дар шаҳри Чолпон-Атаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон мулоқоти роҳбарони парламенти кишварҳои-аъзои Аҳднома дар бораи бунёди Фазои ягонаи иқтисодӣ дар минтақаи ОМ баргузор гардид. Дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайати Ҷомеаи иқтисодии ОМ густариш ва умқи равандҳои ҳамгироиро на танҳо дар соҳаи иқтисодӣ, балки дар самти илм, техника, фарҳанг ва сиёсат тақозо менамуданд[2,с.276]. Аз ин рӯ, дар мулоқот зарурати бунёди Шӯрои вакилони кишварҳои аъзои Ҷомеаи иқтисодии ОМ бо мақсади ҳалли масъалаи, пеш аз ҳама ҳамоҳангӣ ва ягонасозии қонунҳои дар парламенти кишварҳо қабулмешуда таъкид гардид, ки ташаккули заминаи ҳуқуқии ҳамгироии иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангиро фароҳам хоҳад овард.

Фаъолшавии ҳамкории байнипарлумонӣ дар заминаи бисёрҷониба дар чаҳорчӯбаи Шӯрои вакилон мебоист дар кори мустаҳкамнамоии заминаи ҳуқуқии ҳамгироӣ саҳми назаррас гузошта, омили муҳимми тақвияти равандҳои ҳамгироӣ дар ОМ мегардад, ки имконятҳои навро дар кори умқи алоқаҳои дуҷонибаи байнипарлумонӣ байни парламентҳои тоҷику қирғиз фароҳам меоварад. Ба ақидаи Раиси палатаи Ҷамъомади қонунгузории Жогорку Кенеши Ҷумҳурии Қирғизистон А Эркебаев ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Аҳднома дар бораи бунёди азои ягонаи иқтисодӣ дар баробари фаъолияти муассири Шӯрои байнидавлатӣ ва ниҳодҳои он умқи ҳамкории байнипарлумониро байни ҷамоҳири ОМ муҳим мегардонад.

Вале, бинобар рад кардани парламенти узбек дар бораи бунёди Шӯрои вакилони кишварҳои аъзои Ҷомеаи иқтисодии ОМ ташкили Шӯро ба вақти дигар гузаронида шуд[2,с.276].

Яке аз нишонаҳои ҳамкории мутақобилаи иқтисодӣ ҳаҷми савдо ба ҳисоб меравад. Бояд таъкид намуд, ки ҳаҷми тиҷорати хориҷии ҷонибҳо дар марҳилаи аввали ҳамкорӣ баъди ба даст овардани истиқлолият хурд буда, рушди устувори муносибатҳои тиҷоратӣ ба назар намерасанд. Зимни таҳлили ҳаҷми тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар дарваи аввали ҳамкориҳо ва мубодилаи иқтисодӣ метавон ба хулосае омад, ки онҳо иқтидори мавҷудаи иқтисодии ду кишвари ҳамсояро инъикос накарда, бо як нишондоди муайян муаррифӣ намегаштанд. Агар аз соли соли 1991 то соли

1993 новобаста аз тафовути хурд ҳаҷми тиҷорати кишварҳо муътадил ҷараён дошта бошанд, пас дар соли 1994 нишондоди тиҷоратӣ дуҷониба яку якбора аз 6,2 млн доллари ИМА ба 2,9 млн доллар коҳиш ёфт. Аз ҷониби дигар, нишондоди ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар соли 1996 дар қиёс бо соли пешин 3,3 баробар боло рафта (17,7 млн доллари ИМА - 5,3 млн доллари ИМА) соли 2000 боз коҳиш ёфт. (пурратар нигаред дар ҷадвали зерин)

**Ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ бо Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 1991 то 2000**

**(ҳаз. доллари ИМА)**

| Солҳо ва самтҳо | 1991 | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми ГТ аз ҷумла: | 5100 | 4500 | 6200 | 2900 | 5300 | 17700 | 14523,4 | 10617,8 | 11135,4 | 10221,0 |
| Содирот | 1000 | 2000 | 4100 | 1900 | 2600 | 10500 | 9086,7 | 5806,3 | 3906,7 | 2667,6 |
| Воридот | 4100 | 2500 | 2100 | 1000 | 2700 | 7200 | 5436,7 | 4811,5 | 7228,7 | 7553,4 |
| Савдои тиҷоратӣ | -3100 | -500 | 2000 | 900 | -100 | 3300 | 3650 | 995 | -3322 | -4886[10,с.336-348] |

Аз тарафи дигар, салдои тиҷоратӣ номутавозун буда, нишондоди муайян надорад. Агар тавозун дар солҳои 1991-1992 манфӣ бошад (3,1 млн ва 0,5 млн доллари ИМА), ин нишондод дар солҳои 1993-1998 асосан мусбат аст, вале солҳои 1999 ва 2000 ин нишондод мутаносибан ба 3,3 млн ва 4,9 млн доллари ИМА манфӣ буд. Гап дар сари он аст, ки мавҷудияти таносуби манфӣ дар тиҷорат бо кишварҳои дигар (ба хусус Қирғизистон) маънои будани якчанд мушкилиро дорад, ки аз ҳал гаштани онҳо масъалаи тавозуни мусбати тиҷоратӣ вобаста мебошад:

Сатҳи нисбатан пасти рақобатпазирии молҳои истеҳсоли ватанӣ ва дар маҷмӯъ иқтисодӣ миллӣ, мавқеи рақобатпазии кишвар на танҳо дар саҳнаи байналхалқӣ, балки дар бозори дохилӣ низ поён рафтааст;

Пешгирии сиёсати муҳофизати истеҳсолоти худӣ (протексионизм) ба мақсади суботи воридот ва пешгирии воридшавии молҳои бесифат ва арзон[10,с.62].

Аз ҷониби дигар, дар муносибати кишварҳо баъзе нуктаҳо ба назар мерасанд, ки ба инкишофи сатҳ ва ҳаҷми савдои мутақобила таъсири манфӣ мерасонанд:

- Ҳар ду кишвар шаклҳои монанди ҳоҷагидории истеҳсолиро бо афзалияти кишоварзӣ пеш мебаранд. Масалан, Ҷумҳурии Тоҷикистон як самти содиротиаш пахта мебошад, ҳол он ки ин навъи маҳсулот дар Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳаҷми кофӣ истеҳсол мегардад;
- Сатҳи истеҳсоли молҳои ҳар ду кишвар нисбатан паст буда, масрафҳои истеҳсолӣ бинобар куҳна шудани силсилаи истеҳсолотӣ баланд мебошад. Аз ин рӯ, ин маҳсулот нархҳои нисбатан баланд низ доранд, ки эҳтимоли харидории онро кам мекунад[10,с.156];
- Набудани силсилаи муайяни истеҳсоли молҳои зарурӣ. Новобаста аз низоми хоҷагидории шӯравӣ ва вобстагии иқтисодҳои аъзои он, таҷрибаи мубодилаи молу маҳсулот байни Тоҷикистон ва Қирғизистон то ҳол бо истифода аз имкониятҳои якдигар силсилаи пурраи истеҳсоли молу маҳсулот байни кишварҳо мавҷуд нест;

Сатҳи пасти ҷолибияти бозорҳои якдигар барои сармоягузории соҳибкорони кишварҳо. Ин самт бо набудани қонунҳои кафолатдиҳанда, сатҳи пасти қобилияти харидории шаҳрвандони Тоҷикистон ва Қирғизистон алоқаманд мебошад. Масалан, ҳаҷми сармоягузориҳои Қирғизистон ба иқтисоди ҷумҳурӣ то соли 2005 танҳо 243,1 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод[9,с.243]. Дар баробари ин дар муносибатҳои иқтисодӣ-тиҷоратии ду тараф мушкилиҳое ҷой доранд, ки аз рафтори худхоҳонаи қирғизҳо оғоз мегардад. Мушкилие, ки чӣ дар доираи дуҷониба, чӣ дар доираи бисёрҷонибаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ сар мезанад, ин риоя накардани Қирғизистон аз «Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи гузариш байни сарҳади Тоҷикистон ва Қирғизистон аз 26 майи соли 2004», «Созишнома байни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 4 июли соли 1999 «Дар бораи тартиби транзити молҳо байни Қирғизистон дар доираи

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил», «Созишнома байни Қирғизистон ва ИДМ аз соли 1999 дар бораи ҳамкорӣ ва кӯмак оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрук», «Созишнома дар бораи ҳамлу нақли транзитӣ» дар доираи кишварҳои аъзои Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ (ЭКО), Созишнома байни ҳукуматҳои кишварҳои аъзои СҲШ «Дар бораи ҳамкорӣ ва кумаки мутақобила дар фаъолияти гумрукӣ» ва дигарон. Тарафи Қирғизистон новобаста аз асноди мавҷуда ба таври мунтазам вазифаи 5 нуқтаи гузаргоҳи автомобилиро қатъ менамояд:

-«Гулистон» - дар ноҳияи Исфараи вилояти Суғд;

-«Овчи Қалъача» - дар ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд;

-«Маданият» - дар ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд;

-«Қизил Арт» - дар ноҳияи Мурғоби вилояти Мухтори Бадахшони кӯҳӣ;

-«Қарамик» - дар ноҳияи Ҷирғатоли вилояти Мухтори Бадахшони кӯҳӣ.

Бояд таъкид кард, ки Қирғизистон узви Эъломияи «Ҳамлу нақли роҳии байналхалқӣ» (TIR - фр. Transports International Routiers) ва Созмони умумиҷаҳонии савдо ба ҳисоб меравад, ки дар доираи онҳо уҳдадориҳои муайянро оид ба транзити озоди (ҳамлу нақли) молҳо ва роҳ надодан ба боздошти беасоси воситаҳои нақлиётро ба зимма гирифтааст.

Чораҳои мунтазами беасоси тарафи Қирғизистон ба Тоҷикистон зарари бузурги тиҷоратӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла дар бесуботии сиёсати нархгузории бозорҳои дохилӣ мерасонад.Айни замон Тоҷикистон расман 5 гузаргоҳи автомобилӣ бо Қирғизистон дорад, ки танҳо яктои онҳо мақоми байналхалқӣ дорад. Байни Тоҷикистон ва Қирғизистон алоқаи бевоситаи роҳи оҳан вуҷуд надорад[1].

Ҳамин тариқ, ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии кишварҳо дар охири асри XX номунтазам ҷараён дошта, иқтидорҳои мавҷуда бинобар омилҳои буҳрони иқтисодӣ, мушкилоти ҳисоббаробаркунӣ, таъсири манфии масъалаи сарҳадӣ ва гузаргоҳҳои байналхалқӣ истифода намешуданд. Новобаста аз ин, дар миёни кишварҳо муносибатҳои иқтисодӣ роҳандозӣ гардида, заминаи аҳдномавӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, механизми танзими ҳамкориҳо ва рушди он дар шакли Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба баррасии маҷмӯи масъалаҳои дуҷониба ташкил гардид, ки заминаи тавсеаи ҳамкорӣ дар асри XXI мебошад.

**Муқарриз:Шарипов А. – н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Бойгонии ҷории Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Раёсати ИДМ. Папкаи Қирғизистон
2. Джалилов, М. Международные отношения Парламента Республики Таджикистан в годы национальной независимости и политического суверенитета (1991-2000 гг.) [Текст] / М. Джалилов. – Душанбе: 2005. - С.276.
3. Қарордоди ҳамкорӣ ба имзо расид [Матн] // Ҷумҳурият. - № 212 (18502). 1 ноябри соли 1991. - С.1.
4. Муносибатҳои Тоҷикистон бо Қирғизистон. [Манбаи электронӣ] URL: http://mfa.tj/?l=tj&cat=90&art=157 (санаи муроҷиат: 22.08.2019)
5. Созмони ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ: ташаккул, таҳаввул ва дурнамо (МТС назди Президенти ҶТ) [Матн] - Душанбе: 2005. - С.24.
6. Созмони ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ: ташаккул, таҳаввул ва дурнамо (МТС назди Президенти ҶТ) [Матн] - Душанбе: 2005. - С.25
7. Сарыбаев, Э. А. Кыргызско – таджикские отношения в эпоху глобализации (политологический анализ) [Текст]: дисс. на соис. ученой степени к.п.н. / Э. А. Сарыбаев. – Бишкек: 2016. – С. 18.
8. Тоҷикистон ва Бунёди байналмилалии наҷоти Арал. [Манбаи электронӣ] URL: https://mfa.tj/tg/main/view/146/tojikiston-va-bunjodi-bainalmilalii-najoti-aral (санаи муроҷиат: 07.12.2019)
9. Тоҷикистон ба Қирғизистон чӣ медиҳад? [Матн] // Тоҷикистони Шӯравӣ. - № 51 (18341). 14 марти соли 1991. - С.1.
10. Таджикистан: 15 лет государственной независимости. (Статистический сборник). Госстатагенство при Правительстве Республики Таджикистан [Текст] – Душанбе: 2006. – С.336-348
11. Таджикистан и Кыргызстан: торгово-экономическое сотрудничество [Текст] – Худжанд, 2011. - С.62
12. Таджикистан: 15 лет государственной независимости. (Статистический сборник). Госстатагенство при Правительстве Республики Таджикистан [Текст] – Душанбе: 2006. – С.243
13. Шарипов, А. Эмомалӣ Раҳмон – наҷотбахши миллат (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1992 - 1995). Китоби 1 [Матн] / А. Шарипов, С. Фаттоев. – Душанбе: 2006. - С.272.

**САМТҲОИ АСОСИИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ-ТИҶОРАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1991-2000**

Дар мақола самтҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 1991-2000 мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Тавре маълум аст, иқтисод ва тиҷорат мухаррики инкишоф аст. Дар раванди ҳамзистии осоишта халқҳои тоҷику қирғиз дар минтақаи Осиёи Миёна пайваста дар мубодилаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ қарор дошта, ба ин восита алоқаҳкои мутақобиларо устувор менамуданд. Бо таъсиси Иттиҳоди Шӯравӣ ва ворид гаштани ду ҷумҳурӣ ба ҳайати он дар асоси низоми ягонаи хоҷагидории ду давлат вобастагии иқтисодии кишварҳо аз якдигар ва савдои хориҷӣ байни онҳо вусъат гирифт. Ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии кишварҳо дар охири асри XX номунтазам ҷараён дошта, иқтидорҳои мавҷуда бинобар омилҳои бухрони иқтисодӣ, мушкилоти ҳисоббаробаркунӣ, таъсири манфии масъалаи сарҳадӣ ва гузаргоҳҳои байналхалқӣ истифода намешуданд. Новобаста аз ин, дар миёни кишварҳо муносибатҳои иқтисодӣ роҳандозӣ гардида, заминаи аҳдномавӣ-ҳуқуқӣ ба миён омаданд, механизми танзими ҳамкориҳо ва рушди он дар шакли Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба баррасии маҷмӯи масъалаҳои дуҷониба ташкил гардид, ки заминаи тавсеаи ҳамкорӣ дар асри XXI мебошад.

**Калидвожаҳо:** иқтисод ва тиҷорат, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, афзоиши савдои байниякдигарӣ.

**ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ЭКОНОМИКО-КОММЕРЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И РЕСПУБЛИКОЙ КЫРГЫЗСТАН В 1991-2000 ГГ.**

В статье рассматриваются основные направления экономического и коммерческого сотрудничества между Республикой Таджикистан и Республикой Кыргызстан в 1991-2000 годах. Как известно, экономика и торговля – двигатель развития. В процессе мирного сосуществования таджикский и кыргызский народы Центральноазиатского региона постоянно участвовали в торгово-экономическом обмене, тем самым укрепляя взаимные связи. С образованием Советского Союза и вступлением в его состав двух республик на основе единой экономической системы двух государств расширилась экономическая зависимость стран друг от друга и внешняя торговля между ними. В конце XX века торгово-экономическое сотрудничество между странами носило нерегулярный характер, а имеющиеся мощности не использовались из-за факторов экономического кризиса, проблем расселения, негативного влияния пограничного вопроса и международных пересечений. Несмотря на это, между странами наладились экономические отношения, возникла договорно-правовая база, создан механизм регулирования сотрудничества и его развития в виде межправительственной комиссии по рассмотрению комплекса двусторонних вопросов, которая основа для расширения сотрудничества в XXI веке.

**Ключевые слова**: экономика и торговля, Республика Таджикистан, Республика Кыргызстан, увеличение взаимной торговли.

**MAIN DIRECTIONS OF ECONOMIC AND COMMERCIAL COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE REPUBLIC OF KYRGYZSTAN IN 1991-2000**

The article discusses the main directions of economic and commercial cooperation between the Republic of Tajikistan and the Republic of Kyrgyzstan in 1991-2000. As you know, economics and trade are the engine of development. In the process of peaceful coexistence, the Tajik and Kyrgyz peoples of the Central Asian region constantly participated in trade and economic exchanges, thereby strengthening mutual ties. With the formation of the Soviet Union and the accession of two republics to it on the basis of a single economic system of two states, the economic dependence of the countries on each other and foreign trade between them expanded. At the end of the twentieth century, trade and economic cooperation between countries was irregular, and the available capacities were not used due to factors of the economic crisis, resettlement problems, the negative impact of the border issue and international crossings. Despite this, economic relations between the countries have improved, a legal framework has emerged, a mechanism has been created to regulate cooperation and its development in the form of an intergovernmental commission to consider a range of bilateral issues, which is the basis for expanding cooperation in the 21st century.

**Key words:** economy and trade, Republic of Tajikistan, Republic of Kyrgyzstan, increase in mutual trade,

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоев Ҷамшед Темурович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи минтақашиносии хориҷӣ, номзади илмҳои таърих, дотсент. **Суроға:** 734025, Ҷумцурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиѐбони Рӯдакк 17. . E-mail: **ajam-44444@mail.ru**Телефон: **(+992) 904-40-44-44**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоев Джамшед Темурович*** – Таджикский национальный университет, кафедра зарубежного регионоведения, кандидат исторических наук, доцент. **Адрес**: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект. Рудаки 17. Телефон: **(+992) 904-40-44-44.** E-mail: **ajam-44444@mail.ru**

**Information about the author:** ***Abdulloev Jamshed Temurovich*** - Tajik National University, Department of Foreign Regional Studies, Candidate of Historical Sciences, assistant professor. **Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, avenue. Rudaki 17. Phone: **(+992) 904-40-44-44.** E-mail: **ajam-44444@mail.ru**

ТДУ:930 (575.3)

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ МАФҲУМИ “НЕРУИ НАРМ” ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУОСИР

*Ҳушанги Аловиддинпури Ғафорниё*
**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар адабиёти илмӣ ҳангоми таҳлили динамикаи таърихии таносуби захираҳои неру чунин тамоюлро, ба мисли афзоиши қимати “неруи нарм” таъкид кардан одат шудааст, ки мавҷуд набудани зӯроварии моддӣ, фишор ва коҳиши аҳаммияти маҷбуркунии ҳарбиро дар назар дорад. Аз эҳтимол дур нест, ки неруҳои низомии ду давлат рӯ ба рӯ гарданд, аммо метавон гуфт, ки амалиёти ҷангӣ дар гузашта боқӣ мондааст: онҳо боқӣ мондаанд, вале хислати амудии якҷониба гирифтаанд, ки истилоҳи "ҷанги зидди терроризм", инчунин амалиёти Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро (минбаъд ИМА) дар асоси афзалияти технологӣ, сарфи назар аз қарорҳои Созмони Милали Муттаҳид (минбаъд СММ) бо истифода аз зӯрӣ инъикос мекунад. Гузашта аз ин, дар ҳоле ки истифодаи неруи ҳарбӣ далели маънавӣ барои таъмини дастгирии мардум дар кишварҳои демократиро талаб мекунад, дар бисёре аз давлатҳои ғайридемократӣ далели хушунат талаб карда намешавад. Нақши боздорандагии силоҳи ҳастаӣ ва вобастагии мутақобилаи иқтисодӣ, афзоиши шумораи субъектҳои ғайридавлатӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ва рушди шабакаҳо, инчунин инқилоби технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба афзоиши нақши "неруи нарм" дар сиёсати хориҷии кишварҳо ва муносибатҳои байналмилалӣ вобастагӣ дорад.ч

Омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии падидаи «неруи нарм» дар айни замон дар доираи таҳқиқоти масъалаҳои неру дар муносибатҳои байналмилалӣ яке аз самтҳои босуръат рушдёбанда ба шумор меравад. Дар ин пажуҳишҳо шохисҳо ва дараҷабандиҳои мухталифе ҷойи махсусро ишғол мекунанд, ки барои арзёбии ҳаҷм ва иқтидори “неруи нарм”-и иштирокчиёни калидии сиёсати ҷаҳонӣ пешбинӣ шудаанд. Аммо объективият ва мувофиқати усулҳои онҳо саволҳои зиёдеро ба миён мегузорад.

Дар тули се даҳсолаи охир консепсияи "неруи нарм" яке аз маъмултарин бахшҳои пажуҳиш дар миёни мутахассисони муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ будааст. Таваҷҷуҳи зиёд ба ин мавзуъ аз ҷониби коршиносон ва ҷомеаи илмӣ комилан фаҳмо аст. Пайдо шудани аслиҳаи ҳастаӣ ба омиле табдил ёфт, ки тавоноии қудратҳои пешрафтаи ҷаҳониро дар мавриди истифодаи неруи низомӣ алайҳи ҳамдигар ба таври ҷиддӣ маҳдуд кард ва раванди ҷаҳонишавӣ маҷмуи воситаҳои фишори иқтисодӣ ба мухолифонро хеле коҳиш дод. Дар ин бобат вобастагии байни ИМА ва Ҷумҳурии Мардумии Чин шаҳодат медиҳад. Элитаҳои онҳо имкони пурраи иқтидорҳои таҳримиро истифода бурда наметавонанд: иқтидори истеҳсолии ширкатҳои калидии амрикоӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷойгир аст, дар ҳоле ки Ҷумҳурии Мардумии Чин бузургтарин дорандаи вомбаргҳои давлатии ИМА мебошад. Аз ҷумла, пас аз рӯйдодҳои майдони Тянанмени соли 1989, кишварҳои ҳафтгонаи бузург (G7) як бастаи таҳримҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ алайҳи Ҷумҳурии Мардумии Чинро қабул карданд, аммо пас аз як сол ин маҳдудиятҳо бардошта шуданд: чуноне ки таҷриба нишон дод, онҳо нахуст ба манфиатҳои Амрикову Ҷопон ва тиҷорати аврупоӣ зарба заданд. Бо ин сабабҳо, таҳримҳо ҳамчун воситаи фишор хусусияти универсалии худро гум мекунанд. Истифодаи пурраи онҳо танҳо дар робита ба шумораи маҳдуди кишварҳо дар сурати мавҷуд будани муҳити муносиби сиёсӣ имконпазир аст [12].

Дар натиҷа, иштирокчиёни раванди сиёсии ҷаҳонӣ маҷбур шуданд, ки методологияи «неруи нарм»-ро бо суръати тез аз худ кунанд, инчунин дар доираи мафҳуми «неруи ҳушманд» чӣ гуна пайвастани онро бо усулҳои таъсиррасонии қудратӣ омӯзанд. Ин раванд табиатан боиси афзудани аҳаммияти ин омил дар пешбурди манфиатҳои ин ё он актор дар арсаи байналмилалӣ гардид. Ҳамзамон, мафҳуми «неруи нарм» ба бо як қатор

технологияҳои асосии сиёсӣ, ки барои тағйир додани харитаи сиёсии ҷаҳон истифода мешаванд, ба ҳам пайвастанд. Дар ин маврид «инқилобҳои ранга» мисоли равшан шуда метавонанд: чун қоида, ба кор андохтани ин технология афзоиши ҳаҷми «неруи нарм»-и субъектҳои берунаро дар барҳам додани режими мавҷудаи сиёсӣ дар назар дорад.

Дар пажуҳишҳои илмӣ ва оммавӣ шумо метавонед тарҷумаҳои гуногуни истилоҳи "неруи нарм" (soft power)-ро бо забонҳои гуногун пайдо кунед. Ин ба он далел аст, ки нусхаи англисӣ як ифодаи маҷозӣ ва рамзӣ буда, то муваффақ шуданва мусоидат ба маъруфияти он, инчунин дар мавриди тафсири он ва ҳатто ҳуқуқи мавҷудият баҳсбарангез аст. Калимаи power ҳамчун неру, қудрат, ҳокимият, таъсир, қувват тарҷума шудааст. Барои ин таҳқиқ авлавият варианти аввалини тарҷума ба ҳисоб меравад, дар ҳоле ки қудрат на ҳамчун як қудрати муътабар, балки дар маҷмӯъ як қудрати имтиҳонӣ, ба маънои васеъ, қобилияти таъсиррасонӣ ба шуур ва рафтори дигарон дар ҳар гуна мавзуъ фаҳмида мешавад. «Ҳокимият, ки ба таври васеъ муайян карда мешавад, синоними таъсир аст ва тамоми маҷмуи механизмҳои таъсиррасониро дар бар мегирад, аз бовар кунондан (таъсир бидуни ваъдаи мукофот ё таҳдиди ҷазо бомуваффақият амалӣ карда мешавад) то фишори муътадил ё гуфтушунид, то фишори ниҳоят бераҳмона, зӯрӣ ё маҷбурӣ» [1]. Ба ин маънӣ, бо нуктаи назаре, ки дар диссертатсияи Э.П. Панова пешниҳод шудааст мувофиқ буда метавонем, ки чунин аст: «Чунин ба назар мерасад, ки мафҳуми «неруи нарм» ба падидаи тавсифшуда бештар мувофиқ аст, зеро дар бораи қобилияти тағйир додани рафтори субъектони дигар, маҷбур кардани онҳо ба таври ғайримустақим ба он коре, ки дар акси ҳол иҷро намекарданд, сухан меравад, яъне он маҳз категорияи неру аст, на қувва ё қудрат» [18,с. 42].

Ба тарафдории истифодаи мафҳуми «неру» далелҳо мавҷуданд. Дар айни замон он на танҳо барои ифодаи қобилиятҳои ҷисмонии субъектҳо истифода мешавад, балки метавонад омодагии маънавиро дар амал муайян кунад. Он аз асли луғавии худ дур нарафтааст: «истифодаи неру», «қувваҳои мусаллаҳ», «бо қувва маҷбур намудан», «қувваҳои ҳарбию ҳавоӣ». Истилоҳи "soft power" барои тарҷумаи "неруи нарм" мувофиқ аст, зеро он дар муқобили "Hard power" "қувваи дурушт" (қувва, аз ҷумла маҷбуркунӣ, фишор, шантаж) ба вуҷуд омадааст. Ҳамин тариқ, тибқи омори пурсишҳои интернетии хадамоти Wordstat то 1 ноябри соли 2015, корбарон истилоҳи "неруи нарм"-ро бо басомади 4340 дархост дар як моҳ ва "неруи нарм" - ҳамагӣ 251 дархост дар як моҳ дархост кардаанд.

Хеле пеш аз он ки мафҳуми «неруи нарм» мавзӯи баҳси сиёсатшиносии ҷаҳонӣ гардад, аллакай андешаҳои ба он монанд аз ҷиҳати моҳияти фалсафии худ вуҷуд доштанд. Масалан, мутафаккири чинӣ Лао Сзи муътақид буд, ки дар ҷаҳон ягон ашёе нест, ки аз об нармтар ва заифтар бошад, аммо он метавонад ҳатто сахттарин ашёро нобуд кунад. Ҷолиб он аст, ки муаллифони муосири чинӣ назарияи «неруи нарм»-ро дар асоси мавқеъҳои ин файласуф таҳия намуда, ба хулосае меоянд, ки технологияҳои он барои Ҷумҳурии Мардумии Чин афзалтар мебошанд.

Неруро аз рӯйи чунин нишондиҳандаҳо ба мисли тақсимоти сарчашмаҳои он ба моддӣ ва ғайримоддӣ таҳлил намуда, байни мафҳуми Ҷ. Най ва ақидаҳои як қатор муҳаққиқони дигар мувозинатҳо ба вуҷуд овардан мумкин аст. Масалан, Р. Клайн, директори иҷроияи Маркази тадқиқоти стратегӣ ва байналмилалии Донишгоҳи Ҷорҷтаун (ИМА) дар охири солҳои 70-уми асри гузашта формулаи арзёбии неруи умумии давлатиро таҳия карда буд: $P = (C + E + M) * (S + W)$ [2, с.17], яъне ҳокимияти давлатӣ ба ҷамъи аҳолӣ ва ҳудуд, иқтидори иқтисодӣ, қувваи ҳарбӣ, ки ба маблағи нақшаи стратегӣ ва иродаи амалӣ намудани ҳокимият зарб карда мешавад, баробар аст. Яъне, маблағи аввал маҷмуи унсурҳои моддӣ ва дуюм - маънавӣ мебошад.

Таълимот дар бораи гегемонияи маданию идеологии файласуфи марксисти итолиёвӣ А. Грамши дар авлавияти консепсияи мавриди омӯзиш қарор дорад [14,с. 242]. Вай бовар дошт, ки давлат бар ду поя такя мекунад: неру ва ризоият. Дар форматсияҳои муосири ҷаҳони Ғарб ризоият ба истисмори капиталистӣ (ҳамчун ҳолати психологӣ) тавассути

ҳукмронӣ, ки дар асоси таъсири фарҳанг ва идеология асос ёфтааст, таъмин карда мешавад. А. Грамши истилоҳи «гегемония»-ро ба маънои «мавқее истифода бурд, ки дар он сатҳи кофии созиш ҳосил мешавад. Гегемония на танҳо ризоият, балки розигии хайрхоҳона (фаъол)-ро дар бар мегирад, ки дар он шаҳрвандон он чизеро, ки синфи ҳукмрон талаб мекунад, мехоҳанд. Гегемонизм ба «мағзи фарҳангии» ҷомеа (ғояҳо дар бораи ҷаҳон ва инсон, некӣ ва бадӣ, анъанаҳо, рамзҳо, таассубҳо, дониш ва таҷрибаи наслҳои пешин) асос ёфтааст. Барои ба амал баровардани табаддулот «таҷовузи молекулӣ» ба «ядрои фарҳангӣ», яъне баровардани миқдори зиёди китобҳо, рисолаҳо, мақолаҳо, истифода бурдани намоишҳои театрӣ ва дигар воситаҳои таблиғоти оммавӣ зарур аст [15, с.56].

Дар таълимоти гегемонизми А. Грамши ва назарияи «неруи нарм»-и Ҷ. Най метавон якчанд монандиро дарёфт кард. Дар ҳарду мафҳум ду намуди таъсиррасонӣ ба ашё ҷудо карда шудааст: зӯроварӣ ва ризоият: «неруи дурушт» аз А.Грамши ва «неруи нарм» аз Ҷ.Най. Ҳарду муаллиф барои бомуваффақият барқарор кардани гегемония ба анъанаҳо, фарҳанг ва арзишҳо аҳаммияти зиёд медиҳанд. Ҳарду пажуҳишгар нақши бузурги ҷомеаи шаҳрвандиро дар раванди ташаккул ва нигоҳ доштани нуфузи давлат таъкид мекунанд. Аммо, байни ин мафҳумҳо фарқиятҳо низ мавҷуданд. А.Грамши ҳамчун тарафдори идеологияи коммунистӣ чунин мешуморад, ки гегемонизм барои расидан ба мақсадҳои сиёсати дохилӣ, яъне барои нигоҳ доштани ҳокимияти синфи ҳукмрон зарур аст. Аз нуктаи назари Ҷ. Най "неруи нарм" барои расидан ба мақсад ва ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ нигаронида шудааст. Тафовути самтҳои идеологии ин муаллифон дар арзёбии онҳо ба объекти таҳқиқоти онҳо зоҳир мешавад: агар Ҷ. Най муҳим будани ташаккули «неруи нарм»-ро барои эҷоди симои мусбати давлат, барои созмондиҳии эътилофҳо ва ҷалби иттифоқчиёни онҳо исбот кунад, пас А. Грамши дар бораи зарурати сарнагун кардани ҳокимияти синфи ҳукмрон бо роҳи таъсир расондан ба он бо воситаҳо ва усулҳои худ, барҳам додани «ҳастаи фарҳангӣ», тадриҷан фароҳам овардани шароит ҷиҳати табаддулот менависад. А. Грамши дар бораи зарурати содир кардани «таҷовузи молекулавӣ», яъне ягон намуди фаъолияте, ки дар ақл инқилоб ба вуҷуд оварда, ба омӯзиши иқтидори неруи ғайрифаъол машғул намешавад, сухан мегӯянд.

Яке аз мафҳумҳои рақобатпазири қудрат консепсияи қудрати сохторӣ буд, ки дар солҳои 1980 таҳия шудааст. Намояндагони ин равиш С. Стрэнҷ ва С. Гуззини мебошанд. С. Стрэнҷ муҳаққиқ қудрати сохториро ҳамчун қудрат барои ташаккули чаҳорчӯбае муайян мекунад, ки дар он давлатҳо бо ҳамдигар, бо шахсони алоҳида ва ширкатҳо амал мекунанд [11]. Дар фаҳмиши С. Стрэнҷ, қудрат бар сохторҳо аз қудрат бар манобеъ муҳимтар аст, бинобар ин вай бар зарурати бознигарии арзиши воқеии захираҳои иқтисодӣ ва иқтидори низомӣ барои арзёбии тафовут байни қудратҳои бузург дар ҷаҳони муосир таъкид мекунад. Қудрат метавонад на танҳо дар асоси омилҳои моддӣ ё ғайримоддӣ натиҷа диҳад, балки сохторҳо ё муомилоти махфии давлатҳоро ташаккул ва муайян кунад, аз ин рӯ сохторҳо худашон ба манбаи қудрат табдил меёбанд, зеро қоидаҳои бозиро муайян мекунанд.

С. Гуззини «қудрати ғайримустақими институтсионалӣ»-ро ҳамчун назорат аз болои натиҷаҳо муайян мекунад, ки на бо роҳи муқобилияти мустақим амалӣ карда мешавад, балки тавассути тағйир додани шароити муҳити зист, ки дар он бархӯрд рух медиҳад [3, с.189]. Вай фаҳмиши қудрати С. Стрэнҷро ҳамчун "қудрати ғайримоддӣ, ғайриихтиёрӣ" тавсиф мекунад, зеро сохтор метавонад дар шароити мушаххаси таърихӣ ба нафъи гегемон амал накунад. Сохтор манфиатҳои гегемонро бевосита пеш намебарад, балки фақат ба таври бавосита, қариб идоранашаванда вазифаи худро осон мекунад.

Механизми асосие, ки амали «неруи нарм» ба он асос ёфтааст, ба гуфтаи Ҷ. Най, ҷаззобият ва ҷолибият мебошад. Бар асоси ин далел метавон мафҳумҳои намояндагони постмодернизмро ба ҳамон фазои мубоҳисавӣ нисбат дод: инҳо мафҳумҳои «васвасаҳо»-и Ҷ. Бодрияр ва «фитнаангезӣ»-и Ҷ. Липоветский мебошанд. Субъектҳо дар натиҷаи

таъсири ҷаззобият, ҷолибият, васваса, иғвогарӣ, пешниҳоди мақомотро ҳамчун интихоби бошуурона, озод ва ихтиёрӣ қабул мекунанд.

Ба гуфтаи О. Ф. Русакова, «Ҷ. Бодрияр дар ворид намудани мафҳуми васвасаҳо ба муомилоти фалсафӣ ҳамчун категорияе, ки таъсири пурқуввати императориро дар фазои тасвирҳои рамзӣ ифода мекунад, нақши муҳим мебозад. Васвасаҳо дар ҳама зуҳуроти воқеии қудрат мавҷуданд» [21,с. 53]. Онҳо дар иғвоангезии фитна, пешниҳоди истеъмоли тахайюлоти ҷодуӣ зоҳир мегарданд. Васваса қувваи ғайримоддӣ буда, бо ёрии воситаҳои моддию техникӣ ва маҳсулоти истеҳсолӣ (масалан, кинематография) пахш мешавад.

Намояндаи дигари фалсафаи постмодернизм Ҷ. Липоветский бар ин назар аст, ки фирефтан дар ҷомеаи муосир «як неруи ноаёнест, ки дар ҳама ҷо ба танзим даровардани истеъмол, ташкил, иттилоот, маориф, ахлоқро дар назар дорад». Вай майлу хоҳиши инсонро ба лаззат ва фароғат равона сохта, имкон медиҳад аз мақоми қонунӣ бархӯрдор шавад. Дар ҷомеаи постмодернӣ стратегияи фитнагарӣ ҷузъи технологияҳои сиёсӣ мебошад. Он ба васвасаи шахсони алоҳида бо симои ҷолиби пешвоён ва ниҳодҳои сиёсӣ асос ёфтааст. Я. Липоветский дар стратегияи фитнаангезӣ ҷиҳатҳои мусбатро низ нишон додааст, зеро он фирефтаи демократияро дар бар мегирад.

Ҷомеашиноси фаронсавӣ П. Бурде функсионализми сохторӣ ва конструктивизми иҷтимоиро ба ҳам созиш доданӣ шуда, мафҳуми қудрати рамзиро эҷод кард. Ин як неруи хосест, ки метавонад категорияҳои арзёбӣ ва дарки ҷомеаро тағйир ва шакл диҳад, ки ба созмони он таъсир мерасонад. Ин қудрат дигаргун, ноаён, шинохтанашаванда аст. Он вақте неру аст, ки тобеон аз мавҷудияти он бехабар бошанд. Системаҳои рамзӣ, ки ҷомеаро ташкил медиҳанд, (санъат, забон, дин) аҳаммияти махсус доранд. П. Бурде аҳаммияти чунин ҳокимиятро, ки ба консепсияҳои марксистӣ дар бораи афзалияти иқтисодиёт мухолиф аст, қайд намудааст. Бо истифода аз қудрати рамзӣ метавон ҳамон ҳадафҳоеро ба даст овард, ки одатан бо истифода аз неру (иқтисодӣ ё ҷисмонӣ) ба даст оварда мешаванд, аммо танҳо дар сурати эътирофи ин қудрат [21, с.91]. Муҳаққиқ вазифаи идеологии мубоҳисаи бартаридоштаро нишон додааст, ки он дар таҳмил намудани дарки тартиби ҳозираи ашё бо ёрии пешниҳоди пинҳонии системаҳое, ки ба сохторҳои ҷомеа мутобиқ карда шудаанд (ва аз ин рӯ касе пай намебарад), аз сохторҳои равонӣ ва таснифоти табиӣ ифода меёбад.

«Ченаки сеюми қудрат» [17], аз ҷониби С. Люкс пешниҳод шудааст, барои таҳқиқоти мазкур муҳим аст. Ҳарчанд он муодили академии «неруи нарм» набошад ҳам, андешаҳои шабеҳи назарияи Ҷ. Найро дар бар мегирад. С. Люкс се равишро барои дарки қудрат муайян мекунад:

1) назарияи якченака, ки бар асоси он қудрат дар ҷомеа ба таври гуногунандешӣ тақсим мешавад, ба омӯзиши рафтори мушоҳидашуда ва намунаҳои қабули қарор таваҷҷуҳи хосса зоҳир мешавад. Проблемаҳо ҳамчун баҳсбарангез тасаввур карда мешаванд, онҳо ихтилофи воқеӣ ва мушоҳидашавандаро пешниҳод мекунанд. Намояндаи ин равиш Р. Дал мебошад;

2) назарияи дученака, ки назорати мавзуи рӯз, яъне салоҳияти тасмимгириро дар назар дорад. Таваҷҷуҳ ба қабули қарор ва қабул накардани қарор ва мунокишаи ошкор ё пинҳонӣ дода мешавад. Намояндагони ин равиш П. Бахрах ва М. Баратс мебошанд;

3) назарияи сеченака, ки дар он назорат аз болои тафаккур дар шаклҳои нисбатан хоксорона, масалан, тавассути назорати иттилоот, истифодаи воситаҳои ахбори омма ва ҳатто раванди иҷтимоӣ сурат мегирад. Таваҷҷуҳ ба қабули қарорҳо, назорати рӯзнома, низоъҳои пинҳонию мушоҳидашаванда, манфиатҳои субъективӣ ва воқеӣ дода мешавад. Хусусияти ченаки сеюми қудрат дар он аст, ки он тавассути ташаккули дарку афзалиятҳои нав дар одамон аз пайдоиши эҳсоси норозигӣ пешгирӣ мекунад, ки қабули нақш ё дар тартиби чизҳо бошад, ё алтернатива надиҳад, ё ҳамчун табиӣ ё ҳатто фоидаовар таҷассум меёбад. Масъалаи назарияи «ченаки сеюми қудрат», ба фикри мо, душворӣи (агар имконнопазирии) муайян кардани «манфиатҳои воқеӣ»-и шахсони алоҳида мебошад. С. Люкс муҳаққиқонро даъват мекунад, ки онҳоро дар доираи назарияе, ки дар он кор мекунанд, муайян кунанд. Масалан, агар «касе дар ҷустуҷӯйи шарҳи материалистӣ»

бошад, пас «манфиатҳои воқеӣ» манфиатҳои моддӣ мебошанд. Агар интихобро бо мафҳуми «интихоби оқилона» шарҳ додан лозим бошад, пас «манфиатҳои воқеӣ» маънои «манфиатҳои беҳтарин»-и шахсони алоҳидаро ифода мекунанд [17].

Пас аз як соли эълони Истиқлолияти давлатӣ, моҳи ноябри соли 1992, дар Қасри Арбоби ноҳияи Б. Ғафуров Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба арсаи сиёсат шахсиятеро овард, ки дастовардҳои минбаъдаи кишвар ба номи ӯ иртиботи бевосита доранд. Аз рӯзҳои нахустини роҳбарияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми фишангҳои ҳокимият, асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои тозаи идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар роиҷ гардида, пули миллӣ ба муомилот баромад ва шиносномаи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид. Мо яке аз рукнҳои асосии давлатдории мустақил – Артиши миллӣ ва неруҳои сарҳадиро таъсис дода, ҳифзи марзу буми Ватан ва сарҳади давлатии худро таҳти назорати доимӣ қарор додем [2, с. 5-10].

Чуноне Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд: «Яке аз муҳимтарин дастовардҳои мо дар даврони истиқлолият давлатсозӣ ва давлатдории муосири миллӣ мебошад, ки моҳиятан шакли ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявиро дорад» [5, с. 333-369].

Халқи барӯманди тоҷик барои таҳкими Истиқлолияти давлатӣ, нигаҳдошти якпорчагии марзу бум, расидан ба сулҳу ваҳдат ва ягонагӣ, интихоби роҳи рушду тараққиёт Конститутсия (Сарқонун)-и мамлакатро қабул намуд. Агар гӯем, ки аз соли қабули Конститутсия, яъне соли 1994 барои Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави рушд фаро расид, хато нахоҳем кард. Зеро барои расидан ба сулҳи кулл ва ваҳдати миллӣ, пеш аз ҳама, пояи қонунии фаъолияти ҳокимият зарур буд ва инро метавонист танҳо Конститутсияи такмилёфта ва мутобиқ ба талаби замон таъмин намояд [3, с.22-44].

Якдилона пазируфтани Конститутсия аз ҷониби тамоми халқ нишони эътирофи Ҳукумати қонуниро дошт, ки акнун ду сол мешуд, ки бо сарварии фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон барои аз вартаи нобудӣ берун овардани мамлакати дар ҷанги шаҳрвандӣ харобгардида фаъолияти шабонарӯзӣ мебурд.

Душвортарин муаммои мо дар зарфи 32 сол ин масъалаи истиқлолияти энергетикӣ буд, ки баъди ба низом даровардани сохторҳои ҳокимият Сарвари давлат ҳамарӯза бо он машғул мешуд. Албатта, раванди бонизоми пешрафти иқтисодиёт ва инкишофи ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ дар шароити имрӯза асосан аз истиқлолияти энергетикиву коммуникатсионӣ ва вусъат пайдо кардани роҳсозӣ вобастагии амиқ дорад.

Бинобар ин, яке аз нахустин иқдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз бахшидан ба сохтмони нақби Анзоб буд. Сарвари давлат дар ин кор ибтидои ҳама бунёдкориҳои роҳсозию коммуникатсияро дида, дариҷаи наҷотро низ дар он дарёфта буданд. Дар роҳи таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, амнияти озуқаворӣ, ки ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат мебошанд, бо сохтмони неругоҳҳои хурду калони барқи обӣ, хатҳои интиқоли қувваи барқ, нақбҳо, шоҳроҳҳову пулҳои байналмилалии мошингард ва даҳҳо иншооти азими инфраструктураи иҷтимоӣ натиҷаҳои нек ба даст оварда шуданд.

Бунёдкориву созандагӣ дар ин самтҳо вусъати тоза пайдо карданд. Аз ҷумла, сохтмони неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1» ба охир расонда шуд ва он алҳол ба манфиати халқ хизмат мекунад. НБО-и «Сангтӯда-2», як қатор неругоҳҳои хурд ба кор даромаданд. Хатҳои баландшиддати интиқоли неруи барқи Ҷануб-Шимол, Лолазор-Хатлон, Лолазор-«Сангтӯда-1» ба истифода дода шуданд. Дигар аз чунин объекти стратегӣ НБО-и Роғун ба ҳисоб меравад, ки аввалин чархаи он 16 ноябри соли 2018 ба истифода дода шуд. Дар маҷмуъ, он аз шаш чарха иборат буда, қудрати ҳар кадоми онҳо 600 мегаваттро ташкил медиҳад. Сохтмони НБО-и Роғун аз соли 2008 дубора оғоз гардидааст. Ҳамон сол дар НБО-и Роғун 635 нафар коргар ва 46 адад техника ва механизм ба кор шуруъ кард. Ҳоло бошад, дар он ҷо беш аз 21 ҳазор нафар мутахассисон ва коргарон, ки аксариятро ҷавонон ташкил медиҳанд, кор мекунанд [6, с.144-156].

Доир ба раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ як силсила тадбирҳои мушаххас амалӣ шуда, сохтмонҳои қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои мошингарди Душанбе – Хоруғ – Мурғоб, Душанбе – Рашт – Саритош, нақбҳои автомобилгарди Истиқлол, Шаҳристон босуръат идома доранд. Шоҳроҳи Душанбе – Хуҷанд – Чанок ва нақби Шаршар ба истифода дода шуданд. Баъди ба истифода додани роҳҳои бузурги байниминтақавӣ имкон фароҳам омад, ки ҳаракати нақлиёт дар дохили мамлакат ва берун аз он тамоми фаслҳои сол имконпазир бошад ва дар ин замина вазъи ҳамлу нақл ба манотиқи гуногуни кишвар беҳтар гардад.

Ба шарофати истиқлолият ба дастовардҳои назарраси сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ноил шуда бошем ҳам, дар марҳилаи мураккабу ҳассоси ҷаҳони муосир ба иттиҳоду ҳамраъйӣ, ваҳдати миллӣ, маърифату зиракии сиёсӣ, худошиносиву худогоҳӣ ва эҳсоси баланди ватандӯстиву ватандорӣ бештар ниёз дорем. Ин нуқтаро Сарвари давлат Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пай бурда, борҳо таъкид кардаанд, ки ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳем.

Сарвари давлат ба ин мавзуъ дахл карда, чунин таъкид менамоянд: «Солҳои охир дар ҷаҳон як силсила тамоюлоти хатарнок, аз қабили таҳдиди терроризми байналмилалӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва фаъолияти гурӯҳҳои ҷинояткори трансмиллӣ қувват мегиранд, ки инҳо метавонанд ба оромиву суботи минтақа ва амнияти давлатии кишварҳои алоҳида таъсири ногувор расонанд. Аз ин рӯ, мову шумо бояд якҷоя хатари вусъатёбии ин амалҳои номатлубро пешгирӣ намоем, барои бақои тақдири миллат, таъмини ваҳдати миллӣ ва амнияти давлат, пойдории сулҳу субот ва оромии ҷомеа тадбирҳои мушаххас андешем. Мо сиёсати пойдории сулҳу субот, ризоияти ҷомеа ва ваҳдати миллиро, ки давлати тоҷикро аз нобудшавию миллатро аз парокандагӣ наҷот бахшид, яке аз дастовардҳои бузурги даврони истиқлолият мешуморем» [4].

Ба тамоюлҳои ғаразнок иқдомоти созандаро роҳбарияти давлати мо муқобил гузошта, обрую эътибори Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон баланд мебардоранд. Чунончи, бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон намудани соли 2025 басо рамзӣ буд. Ҳамин тавр, паси ҳам саъю эҳтимоми мамлакати мо дар муқаррар шудани «Даҳсолаи

амалиёти об барои ҳаёт» ва ҷонибдорӣ ёфтани таклифҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тозагии муҳити зист ва ҳифзи сайёра дастовардҳое буданд, ки мавқею манзалати кишвари моро дар арсаи байналмилалӣ муқаррар менамоянд.

Дар шароити кунунӣ, таҳкими истиқлолият, устувор гардонидани пояҳои давлат ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии инсон барои на танҳо мардуми мо, балки тамоми инсоният мазмуни ҳаётан муҳим пайдо мекунад. Зеро даҳсолаҳои охир пешрафти босуръати илму техника ва раванди қувват гирифтаистодаи ҷаҳонишавӣ инсониятро ба муҳити комилан нав ворид намуда, боиси ташаккул ёфтани низоми фарогири равобити сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва иттилоотиву маънавӣ гардидааст. Мавриди зикр аст, ки дар даврони истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни мамолики аҳолияш мусалмон ва умуман ҷомеаи ҷаҳонии муосир мавқеъ ва манзалати хос пайдо намуд. Суханрониҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаҳои давлатҳои аъзои Конфронси исломӣ, ҷонибдории шахсии Сарвари давлати мо аз покизагии дини мубини ислом ва зарбаи сахт задани ӯ ба даъвогарони ҳамбастагии дини ислом бо терроризму экстремизми байналмилалӣ, ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо мамолики гуногуни олами ислом аз он шаҳодат медиҳанд, ки имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол аз зумраи давлатҳои озоду ободест, ки дар он баробари расму оини миллию мардумӣ анъанаҳо ва маросимҳои динӣ риоя мегарданд. Озодии виҷдонро Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад [1].

Бо вуҷуди ҳамаи дастовардҳои бесобиқаву беназири худ инсон ҳанӯз ба ормону орзуҳои деринааш, яъне эҷоди як зиндагии поку пурсаодат, орому осуда ва озод аз хушунату ихтилофҳо дастёб нашудааст. Баръакс, имрӯз инсоният бо хатарҳои нав ва мушкилоти сангинтар рӯ ба рӯ гашта, гирифтори ихтилофҳои мафкуравию мазҳабӣ ва бархӯрди манфиатҳои сиёсиву иқтисодии ҷаҳонӣ мебошад.

Табиист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз равандҳои ҷаҳонишавӣ берун буда наметавонад. Муносибатҳои мо бо кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни олам торафт вусъат ёфта, мо ҳарчи бештар вориди муносибатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву гуманитарии байналмилалӣ мегардем. Дар чунин шароит амиқ дарк кардани мақсад ва ҳадафҳои худ, таҳкими дастовардҳои таърихӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии Ватани азизамон дар арсаи байналмилалӣ амри зарурист. Барои амалӣ гардидани ин ҳадафҳо муносибатҳои баробарҳуқуқ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои минтақа ва мамолики пешрафтаи олам аҳаммияти махсус доранд. Дар робита ба ин бояд гуфт, ки дар натиҷаи пешбурди сиёсати «дарҳои кушода» чунин муносиботу ҳамкориҳо рӯз аз рӯз таҳкиму густариш меёбанд.

Самараи неки истиқлол аст, ки Тоҷикистон дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон - манбаи омӯзиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки боиси ифтихори ҳар як фарди тоҷик аст. Дар маҷмуъ, бо боварии комил метавон гуфт, ки сарчашмаи ҳама дастовардҳои мо аз истиқлоли давлатӣ маншаъ мегирад. Аз ин рӯ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, сулҳу осоиш ва меҳнати покдилонаву самимона вазифаи виҷдонии ҳар фарди бонангу номуси Ватан мебошад.

Бо мақсади таҳкими Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзу густариши арзишҳои фарҳанги миллӣ ва таъмини рушди босуботи ҷомеа, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19-уми декабри соли 2017 таҳти №968 «Дар бораи ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардидааст, ки ин ҷашн ҳамасола 9-сентябр бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил карда мешавад.

**Муқарриз: Розиқов Ф. – н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Фарҳанг ҳастии миллат аст. - Душанбе: Матбуот, 2001. - 37 с.
2. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби дувум). - Душанбе: Ирфон, 2002. – 128 с.
3. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳост. –Душанбе: Шарқи озод, 2001. – 94 с.
4. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми табрикотӣ ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ // URL . http://president.tj / (санаи мурочиат : 10.11.2018).
5. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – таҳкимбахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон // Маҷмуи паёмҳо. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – 604 с.

6. Эмомалӣ Раҳмон. Уфуқҳои истиқлол. - Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018. – 436 с.
7. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. - Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ. I. – С.145.
8. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. http://www.president.tj/node/4113
9. Зокиров Г. Манфиатҳои миллӣ омили меҳварии рушди давлат. – Душанбе: Деваштич, 2008. – 221 с.
10. А.Раҳнамо. Ислом ва амнияти миллӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – С. 280.
11.Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Ҷ. II. – С. 409.
12. Сатторзода А.. Арзишҳои ваҳдати миллӣ. – Душанбе, 2017. – 252 с.
13. Талбак Н., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 224 с.

## ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ - КАФИЛИ СУБОТ ВА РУШДИ ҶОМЕА

Дар мақолаи мазкур доир ба дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият, таҷрибаи сулҳи тоҷикон, ки манбаи омӯзиши сулҳхоҳонаи кишварҳои гуногуни дунё гаштааст, инчунин марҳилаҳои асосии инкишофи ҷумҳурӣ ва ҳадафҳои стратегии малакат яъне, баромадан аз бумбасти коммуникасионӣ, таъминоти озуқаворӣ, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва саноъатикунонии босуръати кишвар мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф, истиқлолияти энергетикии кишварро аз заминаҳои асосии рушди иқтисодии мамлакат ҳисобида, кӯшишҳои зиёди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар роҳандозӣ намудани чораҳои муассири иқтисодӣ-иҷтимоӣ саривақтӣ шуморида, ҳидоятҳои созандаву бунёдкоронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи фаъолият қарор дода, баҳри ҳалли мушкилоти энергетикӣ, ноил гардидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ ва равшану чароғон намудани ҳар як хонадони тоҷику тоҷикистонӣ камари ҳиммат баста, ба дастовардҳои назаррас ноил гардидани мамлакатро аз сулҳу суботи бебозгашт, аз иқдомҳои созандаи Пешвои миллат иборат медонад. Истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон тадриҷан тараққиёти соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, аз худ намудани сарватҳои табиӣ, коркарди маъданҳои пешрафти истеҳсолот ва соҳибкории хурду миёна, хулоса рушди устувори иқтисодӣ ва аз ҳама муҳимаш баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро таъмин менамояд. Муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҳлили муқоисавӣ кӯшидааст дастовардҳои даврони истиқлолро мушаххасан таҳлил намояд.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, истиқлолият, сулҳ, ҳадафҳои стратегӣ, ваҳдат, давлат, ҷумҳурӣ, саноатикунонӣ, ватан, Эмомалӣ Раҳмон, истиқлолияти давлатӣ.

## ГОСУДАРСТВЕННАЯ НЕЗАВИСИМОСТЬ - ГАРАНТИЯ СТАБИЛЬНОСТИ И РАЗВИТИЯ ОБЩЕСТВА

В данной статье рассматриваются достижения Республики Таджикистан в эпоху независимости, опыт мира таджиков, ставшие источником мирного изучения для разных стран мира, а также основные этапы развития Республики и стратегические цели страны, то есть выход из коммуникационного тупика, снабжения продовольствием, достижение энергетической независимости и индустриализации, проанализировано быстрое развитие страны. Автор рассматривает энергетическую независимость страны как одну из главных основ экономического развития страны, рассматривает многочисленные усилия Правительства Республики Таджикистан по реализации эффективных экономических и социальных мер, использует конструктивные и созидательные указания Лидера нации, уважаемого Эмомали Рахмона, как руководство в своей работе, для решения энергетических проблем, для достижения энергетической независимости. Он привержен полной энергетической независимости и освещению каждого таджикского дома, и считает, что значительные достижения страны являются результатом необратимого мира и стабильности и конструктивных шагов лидера нации. Энергетическая независимость Таджикистана постепенно обеспечивает развитие промышленности, сельского хозяйства, эксплуатации природных ресурсов, переработки полезных ископаемых, прогресса производства и малого и среднего предпринимательства, словом, стабильное экономическое развитие и, самое главное, повышение уровня и качества жизнь народа. На основе изучения научной литературы и сравнительного анализа автор попытался конкретно проанализировать достижения эпохи независимости.

**Ключевые слова**: Таджикистан, независимость, мир, стратегические цели, единство, государство, республика, индустриализация, Родина, Эмомали Рахмон, государственная независимость.

## STATE INDEPENDENCE - GUARANTEE OF STABILITY AND DEVELOPMENT OF SOCIETY

This article discusses the achievements of the Republic of Tajikistan in the era of independence, the experience of the Tajik world, which became a source of peaceful learning for different countries of the world, as well as the main stages of the development of the Republic and the strategic goals of the country, that is, overcoming the communication impasse, food supply, achieving energy independence and industrialization , the rapid development of the country is analyzed. The author considers the country's energy independence as one of the main foundations of the country's economic development, considers the numerous efforts of the Government of the Republic of Tajikistan to implement effective economic and social measures, uses the constructive and creative instructions of the Leader of the Nation, respected Emomali Rahmon, as a guide in his work to solve energy problems , to achieve energy independence. He is committed to complete energy independence and lighting for every Tajik home, and believes that the country's significant achievements are the result of irreversible peace and stability and constructive steps by the nation's leader. The energy independence of Tajikistan gradually ensures the development of industry, agriculture, exploitation of natural resources, mineral processing, progress in production and small and medium-sized enterprises, in a word, stable economic development and, most importantly, an

increase in the level and quality of life of the people. Based on the study of scientific literature and comparative analysis, the author tried to specifically analyze the achievements of the era of independence.

**Key words**: Tajikistan, independence, peace, strategic goals, unity, state, republic, industrialization, Motherland, Emomali Rahmon, state independence.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоев Шарофиддин Асомудинович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ, омӯзгор. **Суроға**: 735140, ш. Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, к. Айнӣ, 67.Телефон: **880-28-88-86**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоев Шарофиддин Асомудинович*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кафедра политологии и международных отношений, преподаватель. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, город Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **880-28-88-86**

**Information about the author:** ***Abdulloev Sharofiddin Asomudinovich***-Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Department of Political Science and International Relations, teacher. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar city, Aini street, 67. Phone: **880-28-88-86**

**ТДУ:930.85 (470) (575.3)**

# САҲМИ ХОДИМОНИ САНЪАТИ РОССИЯ ДА РУШДИ ФАРҲАНГИ МУСИҚИИ ХАЛҚИ ТОҶИК

*Якубов Б.З.*

**Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар омӯзиши таърихи фарҳанг ва санъати халқи тоҷик дар асри XX саҳми арзандаро зиёиён гузоштаанд. Байни онҳо ҷойгоҳи махсусро В.Бартолд, А.Семенов, Н.Наливкин, М. Андреев, А.Федченко, Н.Севертсев, И.Мушкетов ва дигарон касб намудаанд, ки ба омӯзиши илмии фарҳанг ва санъати халқҳои Осиёи Миёна ҳусни оғоз бахшидаанд.

Таъсиси Институти мусиқӣ ва хореография дар Самарқанд дар соли 1928 марҳилаи нави фаъолияти мусиқӣ-фолклорӣ дар Осиёи Миёна ва рӯйдоди муҳим дар ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик гашт. Роҳбари институт яке аз ташкилотчиёни боистеъдоди санъати мусиқӣ Н.Миронов таъин гардид.

«Дар ҷамъоварӣ, тарғибу ташвиқи мусиқии тоҷик саҳми ин мусиқидон хеле бузург аст. Қисмати зиёди дар Бухоро ҷамъоваришудаи эҷодиёти анъанавии мусиқии тоҷик, ки дар навиштаҳо дар фонограф нигоҳ дошта шудаанд ва зиёда аз 500 намунаро дар бар мегиранд, пояи арзишманди сарчашмаҳо ва асоси нашриёҳои минбаъда маҳсуб меёбанд» [13, с.28 ]. Яъне, маҷмуаҳое, ки дар он замон ба нашр расидаанд ва дар бораи вижагиҳо, махсусиятҳои хосси сурудҳои халқии тоҷикӣ накл мекунанд, таассуроти пурраро дода наметавонистанд. Ин бо он шартнок гардида буд, ки аксари ин намунаҳо бе асбобҳои овозсабткунӣ аз овози сароядагон аз ҷониби ҷамъоварандагон сабт шуда буд. Қисмати дигари ҳатто аз рӯйи хотираҳо ҷамъоварӣ шуда буд. Маҳз, аз ин рӯ, дар ин маҷмуаҳои савтҳои халқӣ баъзе аз намунаҳои сурудҳо муаллифӣ буданд.

Китоби «Мусиқии тоҷикон»-ро, ки аз рӯйи он оиди эҷодиёти тоҷикон дар он давра муҳокимаронӣ менамуданд, дар соли 1932 мусиқишиноси рус Н.Миронов эҷод намуда буд. «Баъзе аз маълумотҳоро дар бораи мусиқии тоҷикон муаллиф дар ин китоб дарҷ намуда,58 намунаи эҷодиёти мусиқии халқии тоҷиконро, ки ӯ дар Слёти якуми умумитоҷикии овозхонон, мусиқачиён ва раққосон (1931) аз устодони санъат аз тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон ҷамъоварӣ намудааст, пешниҳод намудааст. Бечунучаро китоби мазкур дорои арзиши таърихӣ мебошад. Ҳамин тариқ, масалан, аз нуқтаи назари мардумшиносӣ, афсӯс ки махсусияти эҷодиёти мусиқӣ ва назми халқи тоҷикро ба таври кофӣ инъикос нанамудааст. Ба ин нигоҳ накарда, асоси таълифоти бастакорро оҳангҳое ташкил намудаанд, ки дар ин маҷмуа ҷамъоварӣ гардидаанд» [11].

Солҳои 30-юми асри XX аксарияти сурудҳои халқии тоҷикӣ аз ҷониби чунин бастакорон ва мусиқишиносон, ба монанди С. Баласанян, А.Ленский, Л.Книппер, Л.Степанов, А.Листопадов. Е. Романовская, И.Рогалский, М.Светаев сабт карда шуданд, ки онҳо асоси мусиқии касбии серовози тоҷикиро ташкил медиҳанд.

Дар таҳқиқоти муаррихон-мардумшиносони асри XX О.А.Сухарева, О.Д. Чехович, М.С.Андреева ва дигарон ҷанбаҳои иҷтимоии рушди фарҳанги мусиқии тоҷикон дар Бухоро баррасӣ гардидаанд [16].

Мардумшиноси маъруф С.Рибаков, муҳаққиқи мусиқии халқҳои Поволже ва Осиёи Миёна оиди сабти мусиқии халқии тоҷикӣ заҳмати калон ба харҷ додааст. Ҳамин тариқ, дар Бухоро ӯ суруди машҳури тоҷикиии «Усмат намеҳом», инчунин порчаҳо аз Шашмақом - «Муғулчаи дугоҳ», «Баёт», оҳангои рақсии «Уфар», «Мавригӣ», оҳангҳои сурудаҳои дарвешон ва ғ. сабт намудааст [14].

Муҳаққиқи санъати мусиқӣ О.Данскер иттилоъ медиҳад, ки забоншиноси эроншинос К.Залеман мусиқии халқии тоҷикиро дар Самарқанд сабт намуда, забоншинос ва мардумшиноси эроншинос И.Зарубин – дар ноҳияҳои Помир ва назди Помир якчанд асарҳояшро бо баъзе маълумот дар бораи сурудҳои халқӣ ва мусиқии тоҷикон ба нашр расонидааст [7, с.42]. Санъатшинос Н.Ҳакимов тасдиқ менамояд, ки дар ин давра «коллексияи асбобҳои мусиқии тоҷикон, ки имрӯз дар осорхонаҳои Федератсияи Россия нигоҳ дошта мешаванд, аз ҷониби олимони мардумшинос, шарқшиносон, инчунин

намояндагони маъмурияти рус, ки дар Осиёи Миёна аз охири асри XIX фаъолият менамуданд, ҷамъоварӣ гардидаанд» [17].

Яке аз сабтҳои аввалини мусиқӣ, ки дар Дарвоз анҷом дода шудааст, сабтҳои академики АИ Тоҷикистон, муаррих А.А. Семенов мебошад. Дар асарҳои худ «Мавод барои омӯзиши лаҳҷаи тоҷикони кӯҳистони Осиёи Марказӣ» ва «Очеркҳои этнографии кӯҳҳои Зарафшон, Қаротегин ва Дарвоз» олими мазкур якчанд мушоҳидаҳои худро овардааст, ки оиди фарҳанги мусиқии тоҷикони минтақаи мазкур маълумот медиҳад [6, с. 176-264].

Ҳамин тариқ, чи хеле ки таҳлили таърихнигории санъати мусиқии халқи тоҷик дар сарчашмаҳои давраи тоинқилобӣ нишон медиҳад, чунин масъалаҳо дар доираи маълумоти мавҷуда мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Аз тарафи дигар, онҳо аз забони худи овозхонон ва мусиқачиён ҷамъоварӣ гардида, баъзе аз онҳо то имрӯз бо воситаи маводи дорои характери этнографӣ ба дасти мо расидаанд.

Оиди масъалаҳои омӯзиши санъати мусиқии халқҳои Осиёи Миёна як қатор китоб, брошюра ва мақолаҳо ба нашр расидаанд. Ҳамин тариқ, дар мақолаи Ҷумаев А. «Абдурауф Фитрат ва муосирони даврони ӯ дар “фронти мусиқии” Ӯзбекистон (солҳои 20-30)» [9] як қатор маводи муфид оиди таърихи барқароршавӣ ва рушди раванди сабти аввали нотанависии «Шашмақом» оварда шудааст. Бечунучаро, он метавонад дар тартиб додани намои санъати сурдхонӣ ва мусиқии минтақа кумаки муайян расонад.

Дар мақолаи худ фарҳангшинос А.Ҷумаев диққати худро ба муносибатҳои мутақобила байни мусиқинавозҳо-фолклоршиносон, намояндагони фарҳанг бо мансабдорони гуногунҷабҳа равона намудааст. Махсусияти мақолаи мазкур инчунин дар он аст, ки дар он лаҳазоти фитнаангез низ мушоҳида мегардад. Хабарҳои овардаи муаллиф, эътиборнокии маълумотҳои ӯ, ки дар мақола оварда шудаанд, дар мукотиботи бастакори маъруфи русу шуравӣ, мардумшинос ва фолклоршинос Виктор Александрович Успенский (1949-1979) бо дӯсти москвагиаш, мусиқишиноси маъруфи шуравӣ Виктор Михайлович Беляев (1888-1968) тасдиқ гардидааст.

Дар мақолаи А.Ҷумаев хабар дода мешавад, ки мақоми Фитрат, мансаби ӯ ҳамчун вазири маориф дар ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Сотсиалистии Бухоро ба ӯ имконият фароҳам оварданд, то пурра бо масъалаҳои фарҳанг ва санъати мусиқӣ машғул гардад. Ғайр аз ин, ӯро бевосита худи Файзулло Хоҷаев дастгирӣ мекард, ки сарварии ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Сотсиалистии Бухороро дар ибтидои солҳои 20-уми асри XX бар дӯш дошт.

Саҳми назарраси Фитрат дар ташаккул ва рушди санъати мусиқии халқҳои тоҷику ӯзбек дар он аст, ки ӯ шахсан кушодашавии «Мактаби мусиқии шарқӣ»-ро дар Бухоро роҳбарӣ мекард. Маҳз дар мактаби мазкур зери роҳбарии бевоситаи Фитрат сабти нотавии «Шашмақом»-и Бухоро сурат гирифт. Арзиши сабти нотавии «Шашмақом» дар он аст, ки «Шашмақом» асоси мусиқии классикии халқҳои тоҷику ӯзбекро ташкил медиҳад.

Ба рушди ҳамаҷонибаи санъати касбии мусиқӣ дар марҳилаи ибтидоии даврони шуравӣ ташкил ва рушди самтҳои муҳимми фарҳанг ва санъат дар доираи сиёсати давлатии Ҳокимияти Шуравӣ мусоидат намуданд. Татбиқи чорабиниҳои боҳашамати фарҳангӣ танҳо бо туфайли сиёсати фарҳангии Ҳокимияти Шуравӣ имконпазир гардид. Маҳз бо дастгирии ҳокимият ба Фитрат муяссар гардид, ки ду аксияи дорои характери бунёдиро амалӣ созад.

Оиди аҳаммияти таърихии хидматҳои Фитрат дар рушди санъати халқҳои тоҷику ӯзбек, гуфтан мумкин аст, ки тамоми ин рӯйдодҳо дар заминаи ташаккул ва татбиқи идеологияи нави шуравӣ ба миён омаданд. Маҳз ба туфайли инқилоби фарҳангӣ дар Осиёи Миёна кушодашавии мактабҳои нав, аз ҷумла мактабҳои мусиқӣ, имконпазир гардид. Масъалаҳои рушди санъати мусиқӣ дар сатҳи олии давлатӣ ҳалли худро ёфтанд. Дар натиҷа тарбия ва тайёрии кадрҳо-мусиқачиён дар мактабҳои навъи муосир имконпазир гардид. Давлат асосҳои ҳуқуқии рушди мусиқии классики халқҳои Осиёи Миёнаро таъмин намуд. Ғамхории Ҳокимияти Шуравӣ оиди нигоҳдории сабтҳои «Шашмақом», ба сифати осори муҳимми миллӣ, аҳаммияти махсус касб намуд.

Шоёни диққат аст, ки далели воқеии барқарорсозии Ҳокимияти Шуравӣ дар Осиёи Миёна ба ташаккул ва рушди фарҳанги мусиқӣ мусоидат намуд. Он дар майдони ягонаи идеологӣ рушд ёфт. Ҳарчанд, ки халқҳои Осиёи Миёна ҳамчун халқи ягонаи шуравӣ зиндагӣ ва эҷод менамуданд, ба ин нигоҳ накарда, онҳо дорои имконияти рушди фарҳанги анъанавӣ-миллии худ, аз ҷумла фарҳанги мусиқӣ буданд. Лекин, аз ҷониби дигар, далели амали сиёсии тақсимоти ҷумҳуриҳо аз рӯйи нишонаҳои миллӣ, бамиёноии якчанд ҷумҳуриҳои миллӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна ба қувваҳои муайян имкон фароҳам овард, то ба тақсимоти осори фарҳангӣ, аз ҷумла осори мусиқӣ, ба худӣ ва бегона машғул гарданд. Маҳз оиди масъалаи мазкур Фитрат ҳамчун роҳбар ва ташкилкунандаи аввалин институтҳои фарҳанг ва санъати мусиқӣ рафторҳои ғайричашмдошт намуд.

Аксарияти мақолаҳои илмии В.А.Успенский ба масъалаҳои мусиқии касбии халқӣ-анъанавии халқҳои Осиёи Миёна бахшида шудаанд. Ҳамин тариқ, дар мақолаи «Мусиқии классики ӯзбекон», ки ӯ баъди сабти соли 1927 навиштааст, ӯ дар баробари тавсифоти асбобҳои мусиқӣ, номҳои иҷокунандагон-ҳофизони ин мусиқӣ, аз ҷумла тоҷикони этникиро, меорад. Махсусияти мақолаи мазкур дар он аст, ки бо инъикоси мусиқии классикии ӯзбекӣ, В.Успенский намунаҳои зиёдеро оиди мусиқии классикии тоҷикон меорад. Инчунин, ба ӯ муяссар гардид, ки дар сатҳи касбӣ дар умум вазъи мусиқии классики халқҳои Осиёи Миёнаро дар нимаи якуми асри XX мавриди таҳлил қарор диҳад.

Солҳои 30-юм В.А.Успенский бо ҷиддият ба таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни санъати мусиқӣ машғул мегардад. Дар мақолаҳои ӯ серфунксионалӣ ва таъиноти маънавии авҷ ҷойгоҳи махсусро ишғол менамоянд. Ба анъаноти иҷрокунандагӣ низ ӯ аҳаммияти хосса зоҳир менамояд. Дар мақолаи «Авҷи турк ва нақши он дар рушди суруди халқии Бухоро», ки соли 1936 навишта шудааст, ӯ маҳорати анъанавии иҷроро дар суруди классикии Бухоро ва Осиёи Миёна дар умум инъикос менамояд.

Дар мақолаи дигар бо унвони «Кори ман аз рӯйи мусиқии «Фарҳод ва Ширин», ки соли 1937 навишта шудааст, В.Успенский оиди кори худ аз рӯйи операи «Фарҳод ва Ширин» сухан кардааст. Дар он бо тарҳи классикии худ ӯ нозукиҳои истифодабарии мусиқии халқӣ ва классикиро дар жанри опера инъикос намудааст.

«Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ В.А.Успенский дар баробари корҳои ҳарбӣ - хоҷагидорӣ ба таҳқиқи таърих ва этнографияи ҷанбаҳои миллӣ-анъанавии мусиқӣ хеле ҷиддӣ машғул гардид. Соли 1944 ӯ мақолаи «Катта ашула»-ро ба нашр расонид. Дар он ӯ аввалин маротиба жанри нодири мусиқии анъанавиро, ки барои водии Фарғона ва Тошканд хос аст, мавриди баррасӣ қарор дод. Дар мақола далелҳои хеле ҷолиб аз анъаноти иҷро ва алоқаи он бо мақомҳои зикр оварда шудаанд.

Хидмати бузурги В.А.Успенский дар назди санъати мусиқии халқҳои Осиёи Миёна дар он аст, ки ба ӯ муяссар гардид дар умум қариб се ҳазор сабти мусиқии классикиро анҷом диҳад, ки онҳо аз порчаҳои мақом таркиб ёфтаанд. Аксарияти сабтҳои В.Успенский маҳз ба мусиқии халқӣ ва анъанавии халқҳои Осиёи Миёна бахшида шудаанд» [15, с. 105].

Оиди хидматҳои В.А.Успенский, Я.Пеккер маълумот меорад, ки аз соли 1922 то соли 1928 В.А.Успенский аз аксарияти ноҳияҳое, ки Тошканд, Бухоро ва Самарқандро фаро мегиранд, дидан намуда, оҳангҳои сершумори тоҷикиро ҷамъоварӣ намудааст [15, с. 105]. Ӯ дар фаъолияти эҷодии худ ин оҳангҳо ва порчаҳоро аз «Шашмақом» хеле зиёд истифода намуда, онҳоро ба асарҳои симфонӣ, операҳо ва драмаҳои мусиқӣ ворид намудааст. Халқҳое, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ ва берун аз он зиндагӣ мекарданд, ба туфайли фаъолияти илмӣ ва эҷодии ӯ бо намунаҳои беҳтарини мусиқии халқии тоҷикӣ шинос мешуданд.

Дар таърихи омӯзиши масоили санъати мусиқии асри XX таҳқиқоти В.М.Беляев аҳаммияти муҳим дорад. Аз ҷониби ӯ аксарияти мақолаҳои проблемавӣ ва асарҳои бунёдӣ навишта шудаанд. Ҳамчун мусиқишинос ӯ аз оғози солҳои 20-уми асри XX ба таҳқиқи масоили мусиқии халқӣ ва анъанавӣ пардохт. Дар асарҳои илмии худ, ки ба санъати мусиқӣ ва сурудхонӣ бахшида шудаанд, В.М.Беляев асосан масъалаҳои назариявӣ ва таърихнигории фарҳанги мусиқиро ошкор месозад [1.3.5].

В.М Беляев хеле фаъолона дар нашри «Шашмақом» ширкат варзид. Дар соли В 1950 ӯ пешгуфтор ба нашри он навишта, муҳаррири нашрияи мазкур низ буд.

Дар он давра олимони муҳаққиқ ва иҷрокунандагон дар якҷоягӣ фаъолият мекарданд. Ҳамин тариқ, аз рӯйи масъалаҳои сабти «Шашмақом»-и Бухоро Беляев ва Успенский дар якҷоягӣ фаъолият мекарданд. Фитрат ва Миронов низ хеле хуб бо ҳам фаъолияти дуҷониба мебурданд, ки аз фаъолияти онҳо марҳилаи якуми муносибатҳои мутақобила байни олимони бузурги мусиқишинос сарчашма мегирад.

Ҳамкории муштараки мусиқишиносони Россия ва Ҷумҳурии Халқии Сотсиалистии Бухоро (ҶХСБ) аз даъвати Успенский ба Бухоро аз ҷониби Фитрат оғоз мегардад. Дар оғози соли 1923 барои амалисозии сабти нотавии «Шашмақом» ва барои тадрис дар Мактабии мусиқии шарқӣ Фитрат расман ба Успенский мурожиат намуд. Пеккер Я. қайд менамояд, ки «аз рӯйи созишномаи бастаушда, ба Успенский барои фаъолияти мазкур эҳтимол подоши хеле калон пардохт мешуд. Композитор Мутал Бурҳонов (соли 1916 дар Бухоро таваллуд шудааст), ки оилааш бо Фитрат муносибати хеле наздик доштанд, шунидааст, ки Фитрат шахсан ба Успенский барои ҳар як саҳифаи сабти нотавӣ пулҳои тиллоии бухороӣ пардохт мекард» [15, с. 109].

Ба фаъолияти мусиқишиносони машҳури олмонитабор ва чехтабор аз Россия Август Эйхгорн ва Ватлав Лейсек, ки он вақт ба Осиёи Миёна омада буданд, дар асари М.В. Ковбас равшанӣ андохта шудааст [10]. Фаъолияти асосии мусиқишиносони олмонӣ ва чех аз кушодани маҳфилҳои мусиқӣ ва театрӣ иборат буд. Асосан онҳо бо ташкили мактабҳои хусусии мусиқӣ машғул буданд. Агар дар фаъолияти ҷамъкунандагии онҳо Лейсекро паҳлуи бастакорӣ, яъне офариниши асарҳои мусиқӣ ба монанди попурри, рапсодия аз рӯйи мавзуъҳои халқҳои Осиёи Миёна ҷалб мекард, Эйхгорнро бошад, худи таҳқиқи таърихи мусиқӣ ва фолклори минтақа ҷалб мекард. Ӯ ба ноҳияҳои Зарафшон, водии Фарғона, инчунин Тошканд ва гирду атрофи он, Ош сафар намуд. Аз соли 1870 то 1883 аз ҷониби аъзоёни Ҷамъияти географии рус Эйхгорн барои иштирок дар экспедитсияҳои этнографӣ даъват гардид, ва баъдан ӯ онҳоро мустақилона гузаронида, асбобҳои анъанавии мусиқиро харидорӣ намуда, бо мусиқинавозони маҳаллӣ вохӯриҳо мегузаронд [8, с. 64].

Аз ҷониби мусиқишиноси шуравӣ В.М.Беляев соли 1963 қисмати асосии осори дастнависи А.Эйхгорн дар Тошканд бо унвони «Фолклористикаи мусиқӣ дар Ӯзбекистон (аввалин сабтҳо). Август Эйхгорн. Маводи мусиқӣ-этнографӣ» ба нашр расид. Китоби мазкур аз ду қисмат иборат аст. Дар онҳо сабтҳои фолклори мусиқии осиёимиёнагӣ шарҳ дода шудаанд. Арзиши асосии китоб дар он аст, ки дар он шарҳу эзоҳ ба ин сабтҳо ва мақолаҳо дода шуда, махсусияти ҳамоҳангсозии оҳангҳои ҷудогона инъикос ёфтаанд. Аз нуқтаи назари мусиқӣ-этнографӣ, ҳамчун таҷрибаи аввалини бақайдгирӣ, он дорои арзиши бузурги таърихӣ мебошад, ҳарчанд аз як қатор камбудиҳои методологӣ иборат аст, ки аз ҷониби муҳаррир В.М.Беляев роҳ дода шудаанд. Ин, пеш аз ҳама, аз баррасии тамоми фарҳанги мусиқии халқҳои Осиёи Миёна аз нуқтаи назари танҳо як фарҳанг – фарҳанги ӯзбекӣ мебошад. Азбаски дар мазмуни он мусиқии на танҳо як халқ, балки мусиқии халқҳои Осиёи Миёна инъикос ёфтааст. Аз ин ҷост, ки унвони нодурусти китоб, аз ин сабаб ғалатҳо дар муайянкунии сарчашмаҳои анъаноти мусиқӣ ҷой доранд. Ҳамин тариқ, масалан, аз нуқтаи назари ҷуғрофиёӣ онҳо баъд аз тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ, на аз мавқеи махсусияти миллӣ «Марши Бухороӣ», суруди бухороии «Мошоба» ва дигар намунаҳои мусиқӣ баррасӣ мегарданд. Аз ин рӯ, баъзе лаҳазоти таҳқиқоти мазкур аз ҷиҳати илмӣ баҳсбарангез мебошанд, ки инро муҳаққиқ Т.Ҷони-зода низ тасдиқ менамояд: «В.М.Беляев на танҳо ба ғалатҳои тарҷумаиҳолӣ роҳ додааст, инчунин ба баъзе ихтисорҳо дар матнҳои аслии Эйхгорн, инчунин ба «ислоҳи» як қатор «ғалатҳои» мусиқишиноси асри XIX бе шарҳи лозима роҳ додааст. Ба ғалату ихтисорҳо дар навбати аввал он лаҳазоти дастнависҳои Эйхгорн дучор шудаанд, ки дар онҳо муаллиф оиди таркиби этникии аҳолии Осиёи Миёна фикрронӣ менамояд» [8, с. 65].

Ҷони-зода қайд менамояд, ки «ивази унвони муаллифии қисмати дуюми китоб аз «Мусиқии сартҳо» ба «Мусиқии ӯзбекҳо» хеле моҳиятнок арзёбӣ мегардад. Чунин унвон дар ягон аз дастнависҳои Эйхгорн вуҷуд надорад, балки мусиқишинос дар ҳама ҷо дигар номгӯйи этникӣ «сартҳоро» (дар дастнависҳои Эйхгорн - сардҳо) ва ё «мусиқии халқҳои сарт» ном мебарад [8, с. 65]. «В.М.Беляев, - давом медиҳад Ҷони-зода, - дар шарҳи кӯтоҳи

худ масоилро хеле сода кардааст, чунки сохтори этнографии Осиёи Миёна, ки ба лаҳазоти таърихии асри XIX мувофиқат менамояд, инчунин маънии номгӯйи «сарт», ки дар умум то охири солҳои 20-уми асри XX мавриди истифода қарор дошт (ва дар оғози асри XX ба номгӯйи «ӯзбекҳои нав» иваз карда шуд), метавонанд нодирии фарҳанги минтақаи мазкури Осиёро ошкор намоянд» [8, с. 65].

Бечунучаро, аввалин сабти «Шашмақом», ки соли 1924 ба нашр расидааст, дар фарҳанги мусиқии тоҷикон ва Осиёи Миёна дорои аҳаммияти бузурги таърихӣ мебошад. Баъд аз як аср ба сиёсикунонии таърих ва фарҳанг нигоҳ накарда, аввалин сабти В.А.Успенский ва дигар муаррихон-мусиқишиносон аҳаммияти таърихии онро коҳиш намедиҳанд. Он то имрӯз барои рушди минбаъдаи фарҳанги тоҷикон зарур аст. Маҳз дар асоси таҷрибаи мазкур дастовардҳо, муваффақиятҳо ва камбудиҳо сабтҳои минбаъда анҷом дода шуданд, ки аҳаммияти сабти якуми нотавии «Шашмақом»-ро кам намекунанд.

**Муқарриз: Акрамова С.Х.– д.и.т., профессори ДМТ**

### АДАБИЁТ


1. Август Эйхгорн. Музыкально-этнографические материалы / А. Эйхгорн. Под ред. В.М. Беляева. – Ташкент: Изд-во АН Узб.ССР, 1963. – 194 с.
2. Андреев М.С. Арк (Кремль) Бухары в конце XIX – начале XX вв. / М.С.Андреев, О.Д.Чехович. – Душанбе: Дониш, 1972. – 163 с.
3. Беляев В.М. Музыкальная культура Таджикистана / В.М. Беляев. - В кн.: Очерки по истории музыки народов СССР. –М.: Музгиз, 1962. -Вып. 1. – С. 98-127.
4. Беляев В.М. Музыкальные инструменты Узбекистана / В.М.Беляев. –М.: Госмузиздат, 1933. – 132 с.
5. Беляев В.М. О музыкальном фольклоре и древней письменности. Статьи и заметки, доклады / В.М. Беляев. –М.: Советский композитор, 1971. – 233 с.
6. Данскер О. Музыкальная культура таджиков Каратегина и Дарваза / О.Данскер //Искусство таджикского народа. –Душанбе, 1965. -Вып. 3. –С.176-264.
7. Данскер О. Собирание и изучение таджикской народной песни //Сб. статей, посвященный искусству таджикского народа / О. Данскер //Труды АН Тадж.ССР. –Т.42. –С.35-74.
8. Джани-заде Т.М. О чём могут рассказать музыкальные инструменты XIX в.? (Этнографические концепции и музыкальная культура народов Средней Азии) // Ирано-Славика, 2004. -№ 1. –С.64-69.
9. Джумаев А.Б. Абдурауф Фитрат и его современники на «музыкальном фронте» Узбекистана (20-30-е годы). «Центральная Азия и Кавказ» // «Центральная Азия и Кавказ». № 7,8,9. 1997. Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.ca-c.org/journal/07-1997/st_gumaev.shtml
10. Ковбас М.В. Лейсек в Узбекистане (страницы из истории развития музыкальной культуры) / М.В. Ковбас //Вопросы музыкальной культуры Узбекистана. –Ташкент, 1969. –С.184-211.
11. Миронов Н. Музыка таджиков / Н. Миронов. –Сталинабад, 1932. – 96 с.
12. Миронов Н. Обзор музыкальных культур узбеков и других народов Востока. Нотные записи М.Ашрафи, Ш.Рамазанова и Т.Садыкова. –Самарканд: Инмузхоруза, 1931. – 64 с.
13. Миронов Н.Б. Песни Бухары, Ферганы и Хивы / Н.Б. Миронов. –Ташкент: Узбекское гос.изд., 1931. – 60 с.
14. Нурджанов Н. Театральная и музыкальная жизнь столицы государства Саманидов (XIX-XX вв.) / Н. Нурджанов. –Душанбе: Матбуот, 2001. – 291 с.
15. Пеккер Я.Б. Виктор Александрович Успенский / Я.Б. Пеккер. –Ташкент: Гослитиздат УзССР, 1959. – 231 с.
16. Сухарева О. Бухара. XIX – начало XX века (Позднефеодальный город и его население) / О. Сухарева. – М.: Наука, 1966. – 328 с.
17. Хакимов Н. Музыкальный инструментарий таджиков //Таджикская музыка / Н.Хакимов. –Душанбе: Дониш, 2003.


### САҲМИ ХОДИМОНИ САНЪАТИ РОССИЯ ДАР ИНКИШОФИ ФАРҲАНГИ МУСИҚИИ ХАЛҚИ ТОҶИК


Дар мақола саҳми санъатшиносон, композиторон, муаррихон ва мардумшиносони Россия дар пажуҳиш ва инъикоси мероси ғании санъати мусиқии тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ғанӣ ва қадима будани анъанаҳои хосси мероси мусиқии тоҷикон, ки ба он олимони Россия таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, асоснок мегардад. Шоёни диққат аст, ки далели воқеии барқарорсозии Ҳокимияти Шуравӣ дар Осиёи Миёна ба ташаккул ва рушди фарҳанги мусиқӣ мусоидат намуд. Он дар майдони ягонаи идеологӣ рушд ёфт. Ҳарчанд ки халқҳои Осиёи Миёна ҳамчун халқи ягонаи шуравӣ зиндагӣ ва эҷод менамуданд, ба ин нигоҳ накарда, онҳо дорои имконияти рушди фарҳанги анъанавӣ-миллии худ, аз ҷумла фарҳанги мусиқӣ буданд. Лекин, аз ҷониби дигар, далели амали сиёсии тақсимоти ҷумҳуриҳо аз рӯйи нишонаҳои миллӣ, бамиёноии якчанд ҷумҳуриҳои миллӣ дар ҳудуди Осиёи Миёна ба қувваҳои муайян имкон фароҳам овард, то ба тақсимоти осори фарҳангӣ, аз ҷумла осори мусиқӣ, ба худӣ ва бегона машғул гарданд.



**Калидвожаҳо:** мусиқӣ, фарҳанг, Шашмақом, халқи тоҷик, адвор, асримиёнагӣ.

## ВКЛАД ДЕЯТЕЛЕЙ ИСКУССТВ РОССИИ В РАЗВИТИЕ МУЗЫКАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЫ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА

В статье подвергается исследованию вклад Российских искусствоведов, композиторов, историков, и этнографов в изучение древнего наследия музыкальной культуры таджикского народа. Обосновывается древность и самобытность музыкальных традиций таджиков, которому проявили большой интерес выдающиеся учёные России. Примечательно, что факт установления Советской власти в Средней Азии придавал новый импульс в становлении и развитии музыкальной культуры. Она развивалась в едином идеологическом поле. Несмотря на то, что народы Средней Азии жили и творили как единый Советский народ, тем не менее, они имели возможность развивать свою традиционно-национальную культуру, в том числе и музыкальную. Однако, с другой стороны, сам факт политического акта по разделению республик по национальным признакам, возникновение на территории Средней Азии нескольких национальных республик способствовал определенным силам заниматься делением культурных, в том числе музыкальных наследий, на свои и чужие.

**Ключевые слова:** музыка, культура, Шашмаком, таджикский народ, ноты, средневековья.

## THE CONTRIBUTION OF ARTISTS OF RUSSIA TO THE DEVELOPMENT OF MUSICAL CULTURE OF THE TAJIK PEOPLE

The article examines the contribution of Russian art historians, composers, historians, and ethnographers in the study of the ancient heritage of the musical culture of the Tajik people. The antiquity and originality of the musical traditions of the Tajiks are substantiated, in which outstanding Russian scientists have shown great interest. It is noteworthy that the fact of the establishment of Soviet power in Central Asia gave new impetus to the formation and development of musical culture. It developed in a single ideological field. Despite the fact that the peoples of Central Asia lived and worked as a single Soviet people, nevertheless, they had the opportunity to develop their traditional national culture, including music. However, on the other hand, the very fact of the political act of dividing the republics along national lines, the emergence of several national republics on the territory of Central Asia contributed to certain forces dividing cultural, including musical, heritage into their own and others.

**Key words**: music, culture, Shashmaqom, Tajik people, sheet music, Middle Ages.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Якубов Баракатулло Зиёдуллоевич*** – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,ш.Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: **915-99-33-30**

**Сведения об авторе:** ***Якубов Баракатулло Зиёдуллоевич*** **–** Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, кафедра международных отношений, докторант Ph.D. **Адрес**: 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, улица Саида Носира, 33. Телефон: **915-99-33-30**

**Information about the author:** ***Yakubov Barakatullo Ziyodulloevich*** - Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Department of International Relations, doctoral student Ph.D.
**Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **915-99-33-30**

**ТДУ: Тадж631.6+ 551.49 + 9Тадж +338:6с**

# ТАЪСИС ДОДАНИ ХОҶАГИҲОИ МУҲОҶИРШУДА ДАР ВИЛОЯТИ КӮЛОБ ДАР СОЛҲОИ 20-80-УМИ АСРИ XX

*Садбарги Исо, Алимов Д.Х.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон солҳои 1921-1924 боиси харобии мутлақи иқтисодиёт харобии бисёр ноҳияҳо, ақиб мондани қувваҳои истеҳсолкунанда гашт. Ба ин харобӣ амалиёти ҷангии доимӣ дастаҳои босмачиён ва қисмҳои Артиши Сурх мусоидат карданд. Яке аз масъалаҳои муҳимми ҳукумати ҷумҳурӣ масъалаи заминдорӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ мустаҳкам намудани онҳо буд. Ҳаракати контрреволютсионии босмачиён баъди ба хориҷа гурехтани амир боз ҳам авҷ гирифт. Аз тарафи унсурҳои зиддишуравӣ овозаҳои гуногун паҳн карда шуданд. Ҳамаи ин боиси вусъати муҳоҷират ба Афғонистон гардид. Аз гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб қариб 80 ҳазор нафар одамон рафтанд. Ин ба хоҷагии халқи вилоят ва ҷумҳурӣ зарари калон расонд [15, л.41-42].

Дар солҳои хоҷагии 1924 -1925 дар ҷумҳурӣ тамоми майдони кишт назар ба соли 1914-ум 48 фоиз, зироатҳои обӣ 21,2 фоиз, кишти пахта 5 фоиз, саршумори чорво 52,1 фоиз кам шуд. Аз сабаби хароб шудани шабакаҳои обёрӣ ва нарасидани ғалла дар соҳаи кишоварзӣ майдони кишти зироатҳои ғалладона зиёд шуда, ҳиссаи майдони кишти пахта хеле афзуд [2, с.184].

Дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии ҷумҳурӣ шабакаи обёрӣ қариб тамоман вайрон шуда буд. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ 13 ҳазор хона сӯхта, як қатор купрӯкҳо ва роҳҳо вайрон шуданд. Бинобар ин, шумораи зиёди оилаҳои деҳқонӣ ба хориҷа муҳоҷир шуданд. Дар ноҳияҳои ҷанубии сарҳадии ҷумҳурӣ деҳаҳои тоҷикнишин холӣ шуданд. Аз сабаби фавти мардони қобили меҳнат ва ба хориҷа рафтани аҳолӣ, ба таври назаррас нарасидани қувваи корӣ мушоҳида мешуд. Бояд гуфт, ки дар натиҷаи хушксолии сахт ва камҳосилӣ, ки дар соли 1924 ва махсусан дар соли 1925 ба миён омада буд, аҳволи оммаи деҳқонони қишлоқи тоҷик боз ҳам бадтар шуд [7, с.418].

Дар солҳои 1926-1927 дар гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб 145 хонавода аз дохили вилоят, аз ҷумла 50 нафар аз Шурообод, 40 нафар аз Даштиҷум, 45 нафар аз Ховалинг ва Сарихосор кӯчонида шуданд. Корҳои муҳоҷиркунӣ дар солҳои минбаъда низ гузаронда шуданд [4, с.90].

Аммо дар гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб бо замини обӣ таъмин намудани хоҷагиҳо ҳанӯз нокифоя буд. Дар ноҳияҳои Муъминобод, Шурообод ва Даштиҷум камчинии майдонҳои обӣ ба амал омад. Масалан, дар ноҳияи Қизилмазор 40896 хоҷагӣ мавҷуд буд, ки дар онҳо миқдори замини обӣ 7300 гектар ва ба ҳисоби миёна ба ҳар як хоҷагӣ 0,4 гектар рост меомад [13, с.33].

Ҳукумати Тоҷикистон ҳаракати васеи муҳоҷиронро дастгирӣ намуда, ба муҳоҷирони баргашта (реэмигрант) як қатор имтиёзҳо дод. Дар охири соли 1928-ум 7 ҳазор хоҷагӣ ба ватан баргашт [1, с.98].

Ба ҳамин тариқ, то соли 1928 муқаррар карда шуд, ки дар округи обии Қизилсу заминҳои зиёдатии барои обёрӣ мувофиқ мавҷуданд, ки дар он ҷо миқдори зиёди заминҳои холии водӣ бо осори зироаткории обӣ - каналҳои харобшуда, обёришаванда ва ғайра мавҷуданд.

Аввалин сокинон дар заминҳои азхудшуда, вале ҳоло холӣ аз байни қишлоқҳои кӯҳсори худи вилояти Кӯлоб буданд. Бори аввал соли 1928 аз қишлоқи Ёхсу 50 оила ба деҳаи Чойлобкамари ноҳияи Фархор кӯчида омад. Соли 1930 хоҷагии «Сарҳади Сурх» низ ташкил карданд (ҳоло ин деҳа дар ноҳияи Ҳамадонӣ воқеъ аст).

Соли 1949 дар заминҳои навкорами мавзеи Чӯбек хоҷагии ба номи «20-солагии Тоҷикистон» ва дар ибтидои солҳои 50-ум аз ҳисоби истиқоматкунандагони ноҳияҳои Сарихосор, Ховалинг ва Балҷувон хоҷагии ба номи Фрунзе ташкил карда шуд. Дар заминҳои навкорами собиқ ноҳияи Чӯбек соли 1959 сокинони ноҳияҳои Даштиҷум ва Сарихосор хоҷагии ба номи Эрнст Телмани собиқ ноҳияи Москва (ҳоло Ҳамадонӣ) ва

хоҷагии ба номи Молотов дар деҳаи Дараи Калотро ташкил карданд. Соли 1951 сокинони бисёр қишлоқҳои Даштиҷум ва Шурообод ба собиқ ноҳияи Чӯбек кӯчида, соли 1952 хоҷагии ба номи Булганинро ташкил карданд.

Барои муҳоҷирон аз деҳаҳои Дошмандӣ, Дараи Мурғон, Ялпӣ, Дашти Ёвон, Дашти Килҳо, Балҷувон, деҳаҳои Шайдон, Афардӣ, Даштдори ноҳияи Сарихосор ва деҳаҳои Рӯйкаш, Ҷирк, Минатуқ (Минатуғ ё Минатут), Сарирег ва Шаҳристони ноҳияи Даштиҷум соли 1951, хоҷагии «Метантуғай» ташкил карда шуд*.

Барқарор намудани заминҳои кӯҳнаи обӣ аз суръати ба онҳо кӯчондани хоҷагиҳо пеш гузашт. Замини барои кишт мувофиқ холӣ буд, зеро коргарон намерасиданд. Тараққиёти босуръати пахтакорӣ дар Тоҷикистон, дар асоси манфиатҳои миллӣ, дар асоси қарори Ҳукумати ИҶШС, инчунин ба шарофати ноҳияҳои сераҳолии Ӯзбекистон, пеш аз ҳама аз водии Фарғона ва дигар ҷумҳуриҳо кӯчонда шуд.

Дар вилояти Кӯлоб ба заминҳои нав кӯчонда шудани оммаи деҳқонон бо сохтмони пурзӯри ирригатсионӣ ва зиёд кардани заминҳои обӣ пайваст карда шуд.

Дар маҷлиси Комитети Марказӣ оид ба киштукори ҶШС Тоҷикистон 1 апрели соли 1928 аз рӯйи маърузаи Комиссариати халқии хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ «Дар бораи рафти маъракаи муҳоҷиркунӣ» кайд карда шуд, ки дар ин сана 3619 хоҷагии қишлоқ ба ҷойи истиқомати доимӣ кӯчида буданд [14, в.3].

Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС барои барқарор намудани хоҷагии халқи Тоҷикистон дар соли 1925 ба бюджети давлатӣ дар шакли дотатсия маблағҳои калон ҷудо кард ва дар соли 1926 бюджети ҷумҳурӣ 84 фоиз, дар соли 1927 - 92,2 фоиз, дар соли 1928 аз ҳисоби дотатсияи Ҳукумати ИҶШС 79,7 фоиз ва дар соли 1929 - 72,6 фоиз. Ин дастгирӣ дар кори барқарор намудани хоҷагии халқи ҷумҳурӣ нақши ҳалкунанда бозид [8, с.44].

Солҳои 1926-1929 дар ҷумҳурӣ 15826 хонаводаи муҳоҷирон сокинони доимии ноҳияҳои водии пахтакори Тоҷикистон гардиданд. Аз ҷумла, дар минтақаи Кӯлоб 4761 хонаводаи муҳоҷир дар водиҳои минтақа ҷойгир буданд. Аз ин хоҷагиҳои муҳоҷирон дар ҷумҳурӣ зиёда аз 50 деҳа ва шаҳракҳои нав ташкил карда шуданд, ки 26-тои он дар вилояти Хатлон воқеъ буд. Солҳои 1928-1929 бо ҷидду ҷаҳди шахсии раиси Комитети Ичроияи Марказии ҶМШСТ Нусратулло Махсум тоҷикони ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳҳои ҷумҳурӣ бо шумораи 4542 хоҷагӣ (мувофиқи нақша 4239 хоҷагӣ) кӯчонда шуданд. Як қисми онҳо ба хоҷагии «Уртабоз-1»-и ноҳияи Фархор кӯчонда шуданд. Аммо аз сабаби бад будани шароити соли 1929 200 хоҷагӣ баргаштанд [3, с.28].

Ин хоҷагиҳо то ба артелҳо муттаҳид шудан дар ихтиёри худ 6 гектар замини обӣ ва 6 гектар лалмӣ, 7 асп, як ҷуфт барзагов, 12 гов, 6 хар, 4 каланд, 5 бел, 12 дос ва 19 бинои истиқоматӣ доштанд [5, с.4].

Артелҳои хоҷагии қишлоқ тадриҷан ба колхозу совхозҳо табдил ёфтанд. Дар ташкили хоҷагиҳои нав муҳоҷирони баргашта (реэмигрантҳо) аҳаммияти махсус пайдо карданд, ки шумораи онҳо то давраи ташкил ёфтани ҶШС Тоҷикистон дар вилояти Кӯлоб аллакай зиёда аз 1335 хоҷагӣ ва илова бар он 1180 муҳоҷирони дохилиро ташкил медод [9, с.209].

Майдонҳои ояндадори пахтакории ноҳияҳои гурӯҳи Кӯлоб аз ҳисоби деҳқонон пурра гардиданд. Дар солҳои 1929-1930 муҳоҷирон дар байни ноҳияҳо тақсим карда шуданд, аз ҷумла дар ноҳияи Кӯлоб - 887 нафар. Ғайр аз ин, тирамоҳи соли 1930 ба ин ҷо боз 776 муҳоҷир оварда шуд. Аз ҳудуди ноҳияи Кӯлоб 1236 хонавода ба дохили кишвар кӯчонида шуданд [14, в.45].Шумораи умумии муҳоҷирон 7231 хоҷагӣ, аз ҷумла аз Ховалинг – 300, Балҷувон – 200, Муъминобод – 280, Кӯлоб – 100 хонавода муайян карда шуда буд. Аммо дар ҳақиқат 8019 хоҷагӣ мавҷуд буд [9, с.472].Дар ноҳияи Кӯлоб минтақаҳои асосии манзилсозии муҳоҷирон таъсис дода шуданд: дар ноҳияи Кӯлоб - 800 хоҷагии қишлоқҳои кӯҳистон (Дибаланд, Сармайдон ва ғайра) ва дар ноҳияи Фархор - 1500 хоҷагӣ (аз деҳаҳои кӯҳии Афардӣ, Гулдара ва ғайра).Барои пахтакорон меъёри истифодаи замин дар як хоҷагӣ муқаррар карда шуд: барои хоҷагиҳои пахтакорӣ 3,5 гектар замини обӣ, 2,5 гектар

* Аз суҳбати муаллиф бо сокинони хоҷагиҳои мазкур дар санаи 25 апрели соли 2016.

замини обӣ ва 3,5 гектар замини лалмӣ барои ноҳияҳое, ки дар онҳо заминҳои лалмӣ зиёданд [6, с.55].

Қабули деҳқонон барои кӯчидан ба Тоҷикистони Ҷанубӣ аз ноҳияҳои кӯҳӣ ва шимолии ҷумҳурӣ, аз водии Фарғона ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, инчунин аз ноҳияҳои марказии Русия ба роҳ монда шуд. Намояндагони Хукумати Тоҷикистон ба он ҷо мерафтанд. Онҳо бо деҳқонон суҳбат карда, қонуни муҳоҷиратро мефаҳмонданд. То марти соли 1931 10454 хоҷагӣ, аз ҷумла 3396 нафар аз Ӯзбекистонба ин мавзеъҳо омаданд [6, с.56].

Натиҷаи ташвиқ буд, ки дар ноҳияи Кӯлоб 853 хоҷагӣ ва дар ноҳияи Фархор 1060 хоҷагӣ аз ҷойҳои гуногун ба заминҳои нав кӯчиданд [1, с.123].

Ҳамин тавр, баҳори соли 1931 аз қишлоқҳои кӯҳсори ноҳияҳои Муъминод ва Сарихосор кӯчидани бомуваффақият гузашт.Дар хоҷагии ғаллакории «Данғара» - маркази ҳозираи ноҳияи Данғара, ки сохтмони он соли 1930 оғоз ёфта буд, яке аз аввалин шаҳракҳои нав барои сокинони замини навкорам буд [14].Дар моҳи апрели соли 1931 бисёр сокинони кӯҳистон ба ноҳияҳои Қизилмазор, Фархор ва Кӯлоб омада, мехостанд пахтакор шаванд. Ҳар як хоҷагии муҳоҷирон барои кӯчиши дохилиноҳиявӣ - 400 сӯм, дохилиҷумҳуриявӣ - 460 сӯм қарз гирифт. Барои муҳоҷирони берун аз ҷумҳурӣ қарз 650 рубл муқаррар шуда буд. Буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва иттифоқӣ барои қарз додан ба сокинон 6,3 миллион сум ҷудо карданд [1, с.101].

Дар охири солҳои 30-юми асри XX дар қаламрави ноҳияи Москва (ҳоло Ҳамадонӣ) камаш 15 колхоз мавҷуд буд. Инҳо колхозҳои ба номи Чапаев (қ. Саркокул), ба номи Пушкин (қ. Нуғай), Қаҳрамон (қ. Тутбулоқ), ба номи Фрунзе (қ. Чордара), ба номи Молотов (қ. Чордараи Поён), ба номи Жданов (қ. Саркокули боло), ба номи Телман (қ. Марғоб), ба номи Максим Горкий (қ. Даган), ба номи Ворошилов (қ. Оқмазори боло), Комсомол (қ. Оқмазори миёна), ба номи Сталин (қ. Оқмазори поён), Сарҳадчии сурх (қ. Тудабоён), ба номи Энгелс (қ. Муғул), Иттифоқ (қ. Чӯбак), Сарҳадчии сурх (қ. Чойлобкамар), ки сокинони асосии онҳо кӯчонда оварда шуда буданд [12, с.23].

Бо вуҷуди ин, дар солҳои 30-ум бозгашти оммавии муҳоҷирон ба маҳалли аслии зисти худ бо сабабҳои зерин сурат гирифт:

а) набудани назорат аз болои ҳайати муҳоҷирон. «Муҳоҷирон» унсурҳои бегонаи синфӣ (бойҳо, амалдорони собиқи амир, муллоҳо, савдогарон) ва унсурҳои тасодуфӣ буданд, ки бо зироаткорӣ, махсусан пахтакорӣ алоқа надоранд;

б) одатан танҳо сардорони хоҷагиҳо кӯчонида оварда мешуданд ва онҳо дар ҷойи куҳнае, ки хоҷагии асосӣ пеш бурда мешуд, оила ва ҳайвоноти худро мемонданд;

в) ноустувории муҳоҷирон ва иштироки онҳо дар ташкили хоҷагиҳои ёрирасон (хоҷагиҳои ширӣ, ғалладона, сабзавоткорӣ, боғдорӣ), ки барои устувории муҳоҷирон дар минтақаҳо кӯчонидашуда аҳамияти калон дошт, шарҳ дода мешуд;

г) набудани санҷиши истифодаи дурусти қарзҳои ба муҳоҷирон додашуда.

Моҳи июни соли 1932 шумораи якуми рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб» аз чоп баромад. Дар он солҳо ин аввалин рӯзномае буд, ки на танҳо раванди муҳоҷират, балки сохтмони ирригатсиониро дар вилоят инъикос мекард. Дар редаксия мухбирон С. Ашуров, Р. Сидиқов, А. Муродов, К. Исмоилов, К. Каримов ва котиб М. Носирова фаъолона кор мекарданд [17].Дар ҷумҳурӣ то 1 январи соли 1938 91,5 фоизи хоҷагиҳои деҳқонон коллективонида шуда буданд. Ноҳияҳои баландкӯҳи Шурообод (ноҳияи Шамсиддин Шоҳин) ва Даштиҷум аз коллективонӣ хеле ақиб монда буданд. Хоҷагиҳои колхозӣ 56 фоизро ташкил доданд [17].Дар асоси иҷрои қарорҳои Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС «Дар бораи тадбирҳои тараққӣ додани иқтисодиёт ва сохтмони маданию маишӣ дар ҶШС Тоҷикистон» аз 11 апрели соли 1938 ба ҷумҳурӣ 147 трактор оварда шуд, ки 75-тоаш тамғаи СТЗ-НАТИ, 51-тоаш тамғаи «Универсал», 21 дона комбайнҳои 15-фута. Дар вилояти Кӯлоб МТС-и Ховалинг ташкил карда шуд. Дар баробари ин бо Фармони Шурои Комиссарони Халқии ИҶШС ва КМ ВТСПС «Дар бораи тадбирҳои тараққӣ додани иқтисодиёт ва сохтмони маданию маишӣ дар ҶШС Тоҷикистон» аз 11 апрели соли 1938 ноҳияҳои Фархор, Шурообод ва Даштиҷуми вилояти Кӯлоб аз

гӯшт ва ғалла аз ҳосили соли 1938 озод карда шуданд [10, с.39].

Дар вилояти Кӯлоб рафти ба Устави артели хоҷагии қишлоқ гузарондани ТОЗ-ҳо душвор буд. Хусусан дар вилоятҳои Сарихосор, Ховалинг ва Муъминобод, чунонки дар қарори Шурои Комиссарони Халқии ҶШС Тоҷикистон аз 11 июни соли 1939 гуфта шудааст. Дар ҳуҷҷат инчунин баҳисобгирии рӯзҳои меҳнати колхозчиёни қитъаҳои номбурда қайд карда шудааст. Инчунин, ташкили сусти кори бобати хоста гирифтани колхозчиёни пешкадам ба Намоишгоҳи умумииттифоқии хоҷагии қишлоқи соли 1940 дар Москва қайд карда мешавад [10, с.54].Дар вилояти Кӯлоб дар соли 1939 дар вақти ченкунии қитъаҳои шахсии колхозчиён, колхозчиёни алоҳида ва дигар аъзоёни колхозҳо ба хатоҳои ҷиддӣ – аз худ кардани заминҳои зиёдатӣ роҳ дода шуд.

Дар солҳои 1945-1946, дар маҷмуъ, аз манотиқи мухталифи кишвар ба ҷумҳурӣ беш аз 6 ҳазор хонаводаи муҳоҷирон ворид шуданд, ки шумораашон 19313 нафарро ташкил медод [16, в.16].

**АДАБИЁТ**


1. Абдурашитов Ф. М. Исторический опыт переселенческой политики в Таджикистане: 1924–1990гг.: дисс… д-ра ист. наук / Ф. М Абдурашитов. – Душанбе, 2014. – 314 с.
2. Антоненко Б.А. Аграрные преобразования в доколхозном таджикском кишлаке / Б. А. Антоненко. – Душанбе: Дониш, 1987. – 293 с.
3. Алимов Д. Х. Вклад трудящихся СССР в восстановление целинных и залежных земель Хатлонской области / Д. Х. Алимов // Известия АН РТ, отд. общ. наук. – 2014. – №1. – С.25-31.
4. Алимов Д. Х. Из истории строительства Пархаро-Чубекской оросительной системы / Д. Х. Алимов // Вестник ТГПУ им Садриддина Айни. – 2013. – №6. – С.89-92.
5. Алимов Д. Х. Вклад россиян в восстановление оросительных систем и развитие ирригационного строительства Хатлонской области Республики Таджикистан (1924-1930 гг.) / Д. Х. Алимов // История и археология: II международная научная конференция (г. Пермь, 20 мая 2014 г.). - Пермь. – 2014. – С.1-4.
6. Алимов Д.Х. Формирование и развитие водохозяйственных институтов в центральных и южных районах Таджикистана (1920-1940-е гг.) / Д. Х. Алимов // Муаррих. – 2016. – №2. – С.54-58.
7. История таджикского народа. Т.V. Новейшая история (1917–1941 гг.). / под. ред. Р. М. Масова. – Душанбе, 2004. – 752 с.
8. История рабочего класса Таджикистана. Т.I. (1917-1945 гг.). Под. ред. К.П. Марсакова. – Душанбе: Дониш, 1972. – 298 с.
9. Из истории коллективизации сельского хозяйства и колхозного строительства в Таджикской ССР (1926-1937 гг.). Т.I / Сб. докум. и матер. / Состав.: Герцман Н.И., Дусматова Л.А., Каширина Т.В. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 730 с.
10. Из истории колхозного строительства в Таджикской ССР (1938-1958 гг.). Т.II. / Сб. докум. и матер. Состав.: М.Б. Бабаева, Г.А. Алиева, К.П. Марсакова и др. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 638 с.
11. Наркома земледелие Таджикской ССР, 1 апреля 1928 г. // Бойгони таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон (БТН ҶТ). – Ф.3. – Р.7. – П.3. – В.3.
12. Ноҳияи Москва: 50 сол (таърих, рушд, одамон). – Душанбе: Афсона, 1999. – 240 с.
13. Отчет Организационного бюро ЦК КП(б) в ТАССР. К первой Всетаджикской партконференции (1925-1927 гг.). – Душанбе, 1927. – С.33.
14. О ходе переселенческой кампании. Заседании Центрального посевного комитета. Поселок для переселенцев // Коммунист Таджикистана. – 1930. – 15. – дек.
15. Приказы по основной деятельности // Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар ш. Кӯлоб (БДВХ дар ш. Кӯлоб). – Ф.229. – Р.2. – П.8. – В.41-42.
16. Приказы Наркомзема Таджикской ССР, докладные записки и разная переписка // БМД ҶТ. – Ф.288. – Р.2. – П.298. – В.16.
17. Шарифов Д. Ба кор андохтан ва тараққӣ додани аввалин корхонаҳои саноатӣ дар шаҳри Кӯлоб / Д.Шарифов // Ҳақиқати Кӯлоб. – 1974. – 23 марта.


## ТАЪСИС ДОДАНИ ХОҶАГИҲОИ МУҲОҶИРШУДА ДАР ВИЛОЯТИ КӮЛОБ ДАР СОЛҲОИ 20-80-УМИ АСРИ XX


Дар мақола муаллифон кӯшиш намудаанд, ки оиди ҷанги шаҳрвандӣ дар аввали солҳои бистуми қарни XX ва таъсис додани хоҷагиҳои нав дар заминҳои навазхудкардашуда, инчунин дар бораи муҳоҷирати шаҳрвандон ба ноҳияҳои навтаъсиси минтақаи Кӯлоб маълумот диҳанд. Муаллифон қайд менамоянд, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба харобии мутлақи иқтисодиёт, харобии бисёр ноҳияҳо, ақиб мондани қувваҳои истеҳсолкунанда боис гашт. Ба ин харобӣ амалиёти ҷангии доимии дастаҳои босмачиён ва қисмҳои Артиши Сурх мусоидат карданд. Инчунин, муаллифон иброз медоранд, ки артелҳои хоҷагии қишлоқ тадриҷан ба колхозу совхозҳо табдил ёфтанд. Дар ташкили хоҷагиҳои нав муҳоҷирони баргашта саҳми назаррас гузоштанд, ки шумораи онҳо то давраи ташкил ёфтани ҶШС Тоҷикистон дар вилояти Кӯлоб аллакай зиёда гардида буд. Дар он солҳо муҳоҷирон дар байни ноҳияҳои Кӯлоб тақсим

карда шудааанд. Ғайр аз ин, тирамоҳи соли 1930 ба ин ҷо боз муҳоҷирон оварда шуданд. Аз ҳудуди ноҳияи Кӯлоб якчанд хонавода ба дохили кишвар кӯчонида шуданд. Дар охир муаллифон ба чунин хулосае омаданд, ки маҳз муҳоҷирати шаҳрвандон ба водии Кӯлоб боис гашт, ки хоҷагиҳои нави зироатпарварӣ таъсис дода шаванд ва иқтисодиёти минтақа рушд намояд.

**Калидвожаҳо:** ҷанги шаҳрвандӣ, муҳоҷират, шабакаи обёрӣ, обёрии мошинӣ, азхудкунии заминҳои навкорам, таъсиёбии хоҷагиҳои нав, коллективонии хоҷагии қишлоқ, иқтисодиёт.

**СОЗДАНИЕ ПЕРЕХОДНЫХ ХОЗЯЙСТВ В КУЛЯБСКОЙ ОБЛАСТИ В 20-80-е гг. XX ВЕКА**

В данной статье авторы попытались провести научные исследования по вопросам гражданской войны в первые годы XX века и создания новых хозяйств на вновь приобретенных землях, а также по вопросам миграции граждан во вновь образованные районы Кулябской области.Авторы отмечают, что гражданская война в Таджикистане привела к абсолютному разрушению экономики, разрушению многих районов, отсталости производительных сил. Этому разрушению способствовали постоянные боевые действия с крупными группами басмачества между частями Красной Армии. Одним из важных вопросов правительства республики был вопрос о заминдарах и их экономическом укреплении.Авторы также констатируют, что сельскохозяйственные артели постепенно превращались в колхозы и совхозы. В создании новых хозяйств особое значение приобретали возвращающиеся переселенцы, число которых уже возросло до образования Таджикской ССР в Кулябской области, кроме того, они были внутренними переселенцами. Перспективные хлопкосеющие участки Кулябских районов были достроены за счет средств фермеров. В те годы переселенцев распределяли по районам, в том числе и в Кулябском районе. Кроме того, осенью 1930 года сюда снова привезли иммигрантов. Несколько семей были переселены в глубь страны из Кулябского района.В итоге авторы пришли к выводу, что именно в результате миграции граждан в Кулябскую долину создавались новые сельскохозяйственные хозяйства и развивалась экономика региона.

**Ключевые слова**: гражданская война, миграция, ирригационная сеть, машинное орошение, освоение новых пашен, создание новых ферм, коллективизация сельского хозяйства, экономика.

**CREATION OF TRANSITIONAL FARMS IN THE KULOB REGION IN THE 20-80s. XX CENTURY**

In this article, the authors tried to conduct scientific research on the issues of the civil war in the early years of the twentieth century and the creation of new farms on newly acquired lands, as well as on the issues of migration of citizens to the newly formed areas of the Kulyab region.The authors note that the civil war in Tajikistan led to the absolute destruction of the economy, the destruction of many regions, and the backwardness of the productive forces. This destruction was facilitated by constant fighting with large groups of Basmachi between units of the Red Army. One of the important issues of the government of the republic was the issue of zamindars and their economic strengthening.The authors also state that agricultural artels gradually turned into collective and state farms. In the creation of new farms, returning migrants, whose number had already increased before the formation of the Tajik SSR in the Kulyab region, acquired particular importance; in addition, they were internal migrants. Promising cotton-growing areas in the Kulyab regions were completed at the expense of farmers. In those years, migrants were distributed among regions, including the Kulyab region. In addition, immigrants were brought here again in the fall of 1930. Several families were resettled inland from the Kulyab region. As a result, the authors came to the conclusion that it was as a result of the migration of citizens to the Kulyab Valley that new agricultural farms were created and the economy of the region developed.

**Key words**: civil war, migration, irrigation network, machine irrigation, development of new arable land, creation of new farms, collectivization of agriculture, economics.

**Маълумот дар барои муаллифон:** ***Садбарги Исо*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, кафедраи таърихи халқи тоҷик, унвонҷӯй. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, вилояти Хатлон, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **Sadbarg@mail.ru,** Телефон: **009091721.**
***Алимов Давлаталӣ Халилович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои таърих, профессор, кафедраи таърихи умумӣ ва фарҳангшиносии факултети таърих ва ҳуқуқ. **Суроға**: 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **919 36 35 44**

**Сведение об авторах**: ***Садбарги Исо*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кафедра истории таджикского народа, соискатель. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67. E-mail: **Sadbarg@mail.ru,** Телефон: **009091721.**
***Алимов Давлатали Халилович*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, доктор истарических наук, профессор, кафедра всеобщей история и культурологии факультета истории и права. **Адрес**: 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67.Телефон: **919 36 35 44**

**Information about the authors**: ***Sadbargi Iso*** -Bokhtar State University named after Nosir Khusrav", department of history of the Tajik people, applicant. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street 67. E-mail: **Sadbarg@mail.ru**, Phone: 009091721.
***Alimov Davlatali Khailovich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Doctor of Historical Sciences, Professor, Department of General History and Cultural Studies, Faculty of History and Law. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street 67. Phone: **919 36 35 44**

УДК:93/94 (575)

# ТЕОДОР МОММЗЕН – МУҲАҚҚИҚИ ТАЪРИХИ ШОҲАНШОҲИИ АШКОНИЁН


*Сайнаков С. П.*

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ**


Кристиан Маттиас Теодор Моммзен (30.11.1817 – 1.11.1903), баромади этникиаш фризӣ – муаррихи машҳури сатҳи ҷаҳонии Германия, профессори донишгоҳҳои Лейпсиг, Сюрих, Бреславлский ва Берлин, ягона муаррих дар ҷаҳон дорандаи мукофоти Нобел (1902), аъзо ва аъзои фахрии Академияи илмҳои чанд мамлакат буда, дар таҳқиқи таърихи Рими қадим нақши муассир гузоштааст. Мазбур роҷеъ ба қариб ҳамаи масъалаҳои таърихи Рим: давлат ва ҳуқуқ, нумизматика, эпиграфика, хронология, метрология, адабиёт ва забон таҳқиқот бурда, аз худ 1513 корҳои илмиро мерос мондааст. Ӯ ба қатори аввалин муаррихоне шомил мебошад, ки дар таҳқиқи таърих аҳаммияти тангаҳо ва папирусҳоро ҳамчун маъхаз дарк карда буданд. Теодор Моммзен асосгузори назарияҳои модернизми муосир, сиклизм ва гиперкритисизм шинохта шудааст, ки онҳо дар асараш "Таърихи Рим" дар холати нав зуҳурёбӣ қарор дошта, баъдтар аз ҷониби муаррихони забардаст Э. Мейер, Э. Пайс ва А. Тойнби инкишоф дода шудаанд [28, с. 594 – 595]. Теодор Моммзен дар натиҷаи чанд сафари худ ба Италия 100 ҳазор ҳуҷҷати таърихиро ҷамъоварӣ карда, ҳангоми навиштани таърихи Рим истифода кардааст. Ин ҳуҷҷатҳо дар 20 ҷилд аз нашр баромаданд. Дар алоқамандӣ ба Рим вай таърихи Порт ва муносиботи мутақобилаи ду империяи бузургро низ таҳқиқ кардааст.

Дар баррасии масъалаи портҳо Теодор Моммзен овардааст, ки ягона давлати бузурге, ки империяи Рим бо он ҳамсарҳад буд, ин шоҳаншоҳии Ашкониён мебошад. Ба назари ӯ, эрониёнро бори нахуст Ҳахоманишиҳо дар як давлат муттаҳид карда, дар сарҷамъии онҳо эътиқоди бостониашон митраизм ва дини миллиашон зардуштия низ нақши калон гузоштанд. Муаррих менависад, ки форсҳо (эрониён) ягона мардумоне дар миёни халқҳои бостонӣ мебошанд, ки масъалаи муттаҳидшавии миллии худро дар шакли том хеле барвақт ҳал карданд. Теодор Моммзен минтақаҳои сукунати эронинажодонро низ инъикос кардааст [17, с.330 – 331]. Зарур аст, илова намоем, ки файласуфи машҳури немис Ф. Гегел низ мардуми эрониро нахустин миллати таърихӣ шуморида, қайд менамояд, ки нури олами маърифат нахуст аз сарзамини онҳо зуҳур кард [7, с.163; 8, 209].

Теодор Моммзен қайд менамояд, ки меҳани таърихии портҳо Эрони Шарқӣ буда, онҳо нахустин шуда, аз тобеияти юнону мақдуниён баромада, ҳамхунони ғарбии худро низ озод карданд ва маҳз паҳлавиён аз сари нав давлатдории эрониёнро барқарор карданд [17,с. 331]. Теодор Моммзен амали таърихнигории расмии Сосониёнро нисбати таърихи Ашкониён зери интиқод қарор дода, менависад, ки муаррихони онҳо оид ба таърихи Ашкониён маълумоти маҳдуд дода, муддати салтанати онҳоро низ кам карданд [17,с. 332]. Ба назари ӯ, нуқтаи назаре, ки таърихнигории дарбории Сосониён оид ба портҳо дошт, на хусусияти миллии эронӣ, балки сулолавӣ дошт. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки Ашкониён худро ворисони Куруш ва Дорои Кабир медонистанд. Дар пайравӣ аз Ҳахоманишиҳо дар давлати Порт низ ҳафт авлод мақоми махсусро ишғол мекарданд. Либос ва этикети дарбори онҳо низ ҳамин хел буд. Баъди он ки Меҳрдоди I ҳокимияти худро аз соҳили дарёи Ҳинд то Даҷла паҳн кард, ҳокими сулолаи мазкур ба ҷойи унвони шоҳ мартабаи шоҳи шоҳон (шоҳаншоҳ) - ро гирифт, ки онро низ пеш аз онҳо танҳо Ҳахоманишиҳо доштанд. Баробари ин, шоҳони портӣ сарпӯши саккоии худро низ иваз карда, дар кулоҳпӯшӣ ба Дорои Кабир тақлид мекарданд [17, с.332 – 333]. Нуфузи ҳафт авлодро муаррихони баъдина низ зикр кардаанд. Минҷумла, тибқи хулосаи М. М. Дяконов, дар давлати Порт ҳафт хонавода мартабаи асосиро ишғол мекарданд ва ин анъанаро портҳо аз Ҳахоманишиҳо, ки дар давлати онҳо низ ҳафт авлод мақоми махсус доштанд, ба мерос гирифтаанд [12, с.195]. Унвони ҳокимони ашконӣ аввал "шоҳ", баъд "шоҳи бузург" ва баъдтар "шоҳаншоҳ" гардид [36,с. 2656]. Албатта, Ашкониён худро меросбари Ҳахоманишиҳо эълон карда, қудрати пешини эрониёнро аз сари нав ба саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ баргардонданд. Империяи эронинажодони замони Ашкониён номи Аряншаҳр

(Ориёншаҳр) – мамлакати ориёиҳоро гирифт. Ҳамин тавр, тибқи хулосаи баъзе муаррихон муаллифони дарбории Сосониён муддати ҳукмронии Ашкониёнро ихтисор кардаанд. Аз ин лиҳоз, муаррихи машҳури асримиёнагӣ Муҳаммад Ҷарири Табарӣ ҳам муддати салатанати Ашкониёнро 266 сол нишон додааст [18,с. 463]. Абурайҳон Берунӣ менависад: «Баъзе аз муаррихини Эрон миёни давраи салтанати Искандар ва аввалин подшоҳи Ашкониро ба ҳам муттасил намуда, нуқсони фоҳише содир карданд» [3, с.135]. Гарчанде таърих гувоҳӣ медиҳад, ки маҳз Ашкониён эронинажодонро аз юнону мақдуниён озод кардаанд ва дар муддати салтанати худ ҳеҷ нагузоштанд, ки римиён ба Эронзамин сар даророанд, аммо Абурайҳон Берунӣ ҳам дар саҳифаҳои баъдӣ кам кардани муддати салтанати Ашкониёнро ба он рабт додааст, ки аҳволи умумии эрониён дар он аср хароб будааст ва мардум дар натиҷаи азобҳо ва бадрафтории Искандару ҷонишинонаш овора шуданду аз ҳама чиз ғофил монданд, сабаби дигарро он донистааст, ки Искандар “ҳар чи аз улуми марғуб ва саноеи бадеъ дар Эрон ёфт, туъмаи оташ гардонид” ва ба хулосаи ниҳоӣ меояд, ки барои ҳамин “эрониён муддатеро, ки миёни салтанати Искандару Ардашер аст ва Румиён дар он вақт онҳоро идора мекарданд, зикр нанамуданд. Ва пас аз он ки аз шарри Искандару Ашкониён фориғболу осудахотир шуданд, ба таърихнависӣ машғул гаштанд” [3,с. 148]. Академик Б. Ғафуров дар асоси таҳлили маъхазҳо ба чунин хулоса омадааст, ки “солноманависони асрмиёнагии Эрон тамоми давраи бисёрасраи давлати Портро аз эътибор соқит сохта, онро ноҳақ чун давраи ҳокимияти мустабидаи пурҷаҳолат ба қалам додаанд” [6, с.149]. Шарқшиноси машҳур Ричард Фрай ошкоро меорад, ки Сосониён мекӯшиданд, ки дар бораи таърихи Ашкониён хотиротро нобуд кунанд, то ки хизмати онҳоро паст зананд [30, с.243 – 244], бо ҳамин баъди заволёбии Порт маълумот дар бораи он зуд аз даст рафтанду ба ривоёт табдил ёфтанд, ё ки нест карда шуданд [15,с. 15].

Ҳамин тавр, Т. Моммзен хулоса баровардааст, ки портҳо Эронзаминро аз эллинизм наҷот дода бошанд ҳам, аммо дар таърихнигории анъанавии замони Сосониён хизмати онҳо шоистаи таҳсин дониста нашуда, онҳо ҳамчун шоҳони маҳаллӣ муаррифӣ гардиданд, ки гӯё баъди Дорои III Ҳахоманиш Ардашери Бобакон аввалин шоҳи тамоми Эрон мебошад [17,с. 402 – 403].

Яке аз масъалаҳои асосие, ки Теодор Моммзен дар асарҳояш таҳқиқ кардааст, ин мақоми ҳокимияти шоҳӣ ва сохтори давлатии Ашкониён мебошад. Ӯ менависад, ки моҳиятан сохтори давлатии онҳо ба сохтори Ҳахоманишиҳо ҳаммонанд будааст. Ҳокимият аз насл ба насл дода шуда, худовандӣ дониста мешуд. Номи саравлод, тибқи қонун, шарт буд, ки дар баробари номи ҳар шоҳ зикр карда шавад ва он аз насл ба насл интиқол меёфт. Агар аз ҷониби касе, тасодуфан ҳам бошад, ҳатто қатраи хуни яке аз аъзоёни хонадони Ашкониён рехта мешуд, ин баробари таҳқир кардани муқаддасот дониста мешуд. Т. Моммзен менависад, ки ин тартибот бо бархе маҳдудиятҳо дар миёни қайсарони Рим ҳам мушоҳида мешаванд, шояд онҳо қисман онро аз ҳокимони қудратманди Шарқи қадим тақлид карда гирифтаанд [17,с. 333 – 334]. Т. Моммзен дуруст қайд менамояд, ки шоҳони портӣ номи саравлодро пос дошта, онро бо номи подшоҳ зикр мекарданд. Масалан, Ашки аввал, Ашки дуюм ва ҳамин тариқ охирон шоҳаншоҳи Ашкониён Ардавон бо номи Ашки бистунуҳум ёд мешуданд [35].

Масъалаи дигаре, ки ба сохтори давлатию шакли идоракунии Ашкониён дахл дорад, ин фаъолияти шурои назди дарбори шоҳаншоҳ – Меҳистон мебошад. Т. Моммзен роҷеъ ба масъалаи мазкур менависад, ки шоҳ фақат аз авлоди Аршак таъин мегардид, аммо зарур буд, ки ӯ аз ҷониби шуро интихоб карда шавад. Яъне, шоҳи нав, то ки ба идоракунӣ оғоз намояд, дар Меҳистон интихоб карда мешуд. Дар ҳайати Меҳистон ҳафт авлоди бонуфузи портӣ нақши калон дошта, онҳо ҳуқуқи озодона ба назди шоҳаншоҳ даромаданро низ доштанд. Ҳамчунин, ҳафт авлоди ашрофи бонуфуз ҳуқуқи меросии ишғол намудани мансабҳоро дар дарбор доштанд [17, с.334 – 335]. Тибқи одат тоҷро ба сари шоҳи интихобшуда, намояндаи асосии хонадони Сурен мемондааст [33, с.365].

Дар маъхазҳои таърихӣ низ оид ба Меҳистон маълумот оварда шудааст. Дар миёни муҳаққиқони атиқа аввалин шуда, оид ба он Посидоний (с. 135 – 45 п. м.) хабар медиҳад, аммо асари ӯ то ба замони мо нарасид. Страбон, маҳз такя ба ахбори ӯ намуда, менависад,

ки шурои олии портҳо аз ду қисм иборат мебошад, ки ба қисми якум хешовандони шоҳ дохил мешаванд ва ба қисми дуюм доноёну коҳинон. Шоҳонро ҳар ду қисм интихоб менамоянд [29, XI. IX. C. 515. 3]. Яъне, нахустин шуда, Посидоний хабар медиҳад, ки Порт давлати аристократӣ (ашрофсолорӣ) будааст. Помпей Трог хеле мухтасар аз ин шуро зикр кардааст, масалан мувофиқи ахбори кӯтоҳи ӯ, шуро ҳатто ҳуқуқ доштааст шоҳро аз вазифа ҳам барканор намояд [32, XLII. 4. 1]. Шурои назди дарбор дар шоҳигарии Мод [10, I. 120] ва шоҳаншоҳии Ҳахоманишиҳо низ амал мекард.

Бобоҷон Ғафуров қайд менамояд, ки аз ҷиҳати шакли идоракунӣ Порт давлати аристократӣ (ашрофсолорӣ) будааст. Ӯ менависад, ки «дар давлати Порт ҳокимияти подшоҳро ду шуро – шурои ашроф ва шурои коҳинон ба андозае маҳдуд мекарданд. Ба шурои ашроф ғайр аз намояндагони сулолаи ашконӣ, аз афти кор, намояндагони боз шаш хонаводаи ашроф дохил мешуданд. Подшоҳро аз байни хонадони ҳукмрони ҳамин ду шуро интихоб карда, васияти подшоҳи марҳумро ҳам ба эътибор мегирифтанд» [6, 145]. Худи Т. Моммзен ҳам ба хулосае меояд, ки ҳокимияти шоҳаншоҳро қисман ашрофони бонуфуз маҳдуд мекарданд [17, с.336].

Аз ин муайян мегардад, ки Меҳистон сарчашмаи худро аз одатҳои замони ориёиҳои бостон мегирад, ки онҳо шурои бузургон дошта, он ҳокимияти сарваронро маҳдуд ва назорат мекард. Масалан, барои муқоиса меорем, ки Ҷавоҳирлаъл Неҳру масъалаи сарчашмаи ҳокимиятро дар миёни ҳиндуориёиҳо таҳқиқ намуда, менависад, ки онҳо *панҷаяти интихобшуда* – шурои куҳансолон доштанд, гарчанде *раҷа* дар давлат шахсияти асосӣ ба ҳисоб мерафт, аммо ҳуқуқ надошт, ки ҳар коре хоҳад амалӣ намояд. Ҳоким баъзан интихоб мешуд, дар бархе мавридҳо вазифаро меросӣ мегирифт. *Раҷа* худ тобеи қонунҳо ва одати ориёиҳо буд ва мумкин буд ӯ аз ҷониби халқ аз мансаб барканор ё ҷазо дода шавад. Тартиботе, ба монанди "давлат – ин манам" вуҷуд надошт. Яъне, як шакли хосси низоми мардумсолорӣ ҷорӣ буда, халқ метавонист дар асоси меъёри муайяншуда фаъолияти ҳокими худро назорат намояд [19, с.58 – 59].

Ҳамин тариқ, дар назди дарбори Ашкониён ду шуро: шоҳзодагон ва бузургон амал мекарданд. Меҳистон – Анҷумани бузург (Бузургтарин Анҷуман)-и Ашкониён буд, ки иддае аз муаррихон онро ба замони Ашки аввал ва Ашки дуюм марбут медонанд, бархе дигар менависанд, ки он нахустин нишасти худро дар замони шоҳаншоҳ Меҳрдоди I баргузор кардааст. Яъне, нишасти муштараки ду шурои назди дарборро Меҳистон мегуфтанд. Ҳамин тариқ, Меҳистон, ба фаҳмиши имрӯза гӯем, ҷаласаи якҷояи ду палатаи парлумон будааст. Меҳистон бештар хусусияти маҷлиси машваратӣ доштааст. Роҷеъ ба Меҳистон сиёсатмадор, ходими давлатӣ ва муаррихи машҳури Эрон Ҳасан Пирниё дар асараш фикрҳои ҷолиброовардааст [36, с.2233 – 2234].

Сохтори ҳудудӣ-маъмурии портҳоро Т. Моммзен таҳқиқ карда, қайд менамояд, ки империяи Ашкониён аз 18 шоҳигарӣ иборат будааст. Шоҳони маҳаллӣ ё сатрапҳо тибқи ҳуқуқи мерос ба иҷрои вазифаи худ оғоз мекарданд, аммо новобаста ба ин ҳатман аз ҷониби шоҳаншоҳ тасдиқ мегардиданд ва ҳамин тартибот ба вазифаҳои поёнӣ низ дар қаламрави шоҳаншоҳӣ паҳн гардидааст [17, с.335 – 336].

Албатта муаллиф такя ба ахбори Плинийи Калонӣ менамояд, ки ӯ аз мавҷудияти 18 шоҳигарӣ дар шоҳаншоҳии Ашкониён хабар медиҳад [24, с.456]. Исидори Хараксӣ бошад, шумораи онҳоро 19 то нишон додааст [13, с.408 – 411]. Академик Б. Ғафуров ибрози назар намудааст, ки сатрапияҳо, дар навбати худ, ба гипархияҳо ва он ба статмаҳо тақсим мешуданд, воҳиди хурдтарини маъмурӣ диз, яъне деҳаи ҳисорӣ будааст, ки ба он дизпат сардорӣ мекардааст [6, с.145 – 146]. Рақамҳое, ки Т. Моммзен овардааст, ба шумораи музофотҳое дахл дорад, ки мустақиман аз маркази империя идора мешуданд, дар баробари ин, ба ҳайати шоҳаншоҳии Ашконӣ давлатҳои тобеъ ворид мешуданд, ки ба марказ молиёти солона пардохт мекарданд ва дар вақти ҷанг артиш мефиристонданд. Сохтор, ниҳодҳои давлатӣ ва мансабҳои замони портҳо аз нуқтаи назари нав дар асари профессор Э. Ш. Хуршудян таҳқиқ гардидаанд [31].

Т. Моммзен роҷеъ ба қувваҳои мусаллаҳи портҳо сухан ронда, зикр кардааст, ки онҳо артиши доимоамалкунандаро надоштанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ ба лашкари ихтиёрӣ (халқӣ) такя мекарданд [17,с. 336]. Ба назари мо, Ашкониён мумкин одатҳои

саҳронавардии худро пайравӣ мекарданд, чун дар ин зинаи рушди таърихии ҷамъиятӣ ҳар марди мусаллаҳ буда, дар ҳолати зарурӣ ҳарбӣ ҳисоб мешуд. Аммо зарур аст, қайд намоем, ки дар назди дарбори Ашкониён мансаб ва унвони спаҳбад – сардори сипоҳ амал мекард, ки тибқи анъана ба вазифаи мазкур намоянда аз авлодони ашрофи бонуфуз – Сурен ва Карен таъин мегардиданд [23, с. 31]. Гарчанде артиши калони доимамалкунанда ҳам надоштанд, аён мегардад, ки ашрофон дастаҳои ҳарбии худро нигоҳ медоштанд, дар ҳолатҳои зарурӣ бошад, артиши халқӣ зуд ҷамъ ва ба юришу дифоъ омода мешуд. Ҳамчунин, дар баъзе мавридҳо паҳлавиён дастаҳои ҳарбии ҳамхунони худ саккоиҳоро низ ба имдод даъват мекарданд. Новобаста аз бархе мавридҳои нофаҳмӣ конфедератсияи қабилавии саккоиҳо паҳлуи Ашкониён будааст. Паҳлавиён ба артиши савора аҳаммияти бештар медодаанд. Ҳасан Пирниё менависад, ки сипоҳи портҳо аз ду навъи афрод ташкил мешуд: савора ва пиёданизом, аммо аҳаммияти бештар ба дастаҳои савора дода мешуд. Саворанизомҳо ҳам, дар навбати худ, ба ду қисм тақсим мешуданд: сангинаслиҳа ва сабукаслиҳа [36, с.2664].

Масъалаи дин ва эътиқоди Ашкониён низ дар асарҳои Т. Моммзен инъикос ёфтааст. Ӯ менависад, ки портҳо пайрави дини яккахудоӣ буда, тибқи хулосаи онҳо Аҳурамаздо осмонҳо, замин, инсонҳо ва чизи барои онҳо заруриро офаридааст. Ҳамин тавр, дини онҳо бо маънавиёташ, ахлоқи мустаҳкаму ҳақиқиаш, бо таъсироти амалӣ ва фаъолияти ҳаётиашон дар олами ботинии пайравонаш чунон ворид ва устувор гардидааст, ки ягон замон таъсири динҳои ғарбӣ дар миёни пайравонашон ба ин мартаба нарасида буд. Муҳаққиқ навиштааст, ки эътиқоди эрониён доимо ҷавон монда буд, то замоне ки натавонист зидди тохтутози араб истад ва баъди ин, гурӯҳе аз зардуштиён маҷбур мешаванд ба Ҳинд ҳиҷрат намоянд. Дар Эронзамин дини миллӣ бо давлати миллӣ доимо дар ҳамбастагию алоқамандӣ қарор дошт. Ҳатто қонунӣ будани ҳокимияти шоҳӣ низ дар Эронзамин иродаи худовандӣ дониста мешуд. Барои ҳамин, мубадони зардуштӣ дар назди дарбор шуро доштанд ва онҳо дар интихоби шоҳаншоҳ ҳам нақш мебозиданд. Т. Моммзен дар натиҷаи пажуҳиш ба хулосае меояд, ки барои ҳамин набояд ақидаеро эътироф намуд, ки маҳз Сосониён нахустин шуда, аз сари нав зардуштияро эҳё карда буданд [17, с.338 – 339].

Муаррихи дигари машҳури немис Леополд Ранке низ қайд кардааст, ки дар давраи бостонӣ ҷаҳонбинии динии эронинажодон нисбат ба ҷаҳонбинии ошуриён ва дигар қавмҳои сомӣ тозатару фаҳмотар буд [26,с. 12]. Пеш аз ин ду муҳаққиқ-муаррихони машҳури Германия, файласуфи забардасти немис Г. В. Ф. Гегел ба хулосае меояд, ки эрониён нахустин шуда, ба дарккунии хиради ноб расиданд [7, с.168]. Муҳаққиқи эронӣ Ҳасан Пирниё менависад, замоне ки паҳлавиён дар шимоли Эрони Шарқӣ зиндагӣ мекарданд, пайрави митраизм буданд ва баъде, ки ба Эрони Ғарбӣ ворид шуданд, парастандаи Аҳурамаздо шуданд [36, с.2687]. бояд гуфт, ки вожаи митраизм дар адабиёти атиқа паҳн гардида, имрӯз низ мавриди истифода аст. Дар асл бошад, решаи пайдоиши он аз ориёии *"miϑ"*, ки ин вожа дар забони рушонӣ зинда буда, мавриди истифода аст, маънии *"рӯз", "рушанӣ"* ва *"нур"*- ро дорад. Дар асл онҳо нур, нури абадиро мепарастиданд ва офтоб бошад, рамзи он буд. Офтоб асоситарин ситораест, ки Худованд барои ҳастии ҳаёт офаридааст. Барои ҳамин ниёгони форсу тоҷик ба офтоб муҳаббати беандоза дошта, он то парастиш ҳам расида буд. Дар дирафши паҳлавиён низ ҳамчун рамзи асосӣ офтоби тобон инъикос гардида буд.

Дар ҳақиқат, маҳз Ашкониён бори нахуст пас аз ҳуҷуми юнону мақдуниён китоби муқаддаси Авесторо ҷамъоварӣ карданд. Нусхаҳои боқимондаи Авесто ва сарчашмаҳои шифоҳии он, ки мубадон дар ёд доштанд, ҷамъоварӣ карда, китоби мазкур дар намуди пештарааш барқарор карда шуд. Аршакиён сиёсати таҳаммулпазиру гуногунандешии динии Ҳахоманишиҳоро нусхабардорӣ ва риоя мекарданд, ки тибқи он дар баробари дини аҷдодиашон – зардуштия дигар адёну эътиқодҳоро озод монда буданд. Ричард Фрай низ менависад, ки маҳз портҳо пас аз истилои юнону мақдуниён дини зардуштиро наҷот доданд [30,с. 242], баробари ин дар масъалаҳои динӣ таҳаммулпазир буданд ва пайравони дигар адёнро таъқиб намекарданд [30, с.272]. Жан - Пол Ру ҳам эътироф намуда, зикр кардааст, ки таҳаммулпазирии динии портҳо бе баҳс аст [27,с. 81].

Т. Моммзен масъалаи забони портҳоро баррасӣ карда, менависад, ки он таҳҷоии эронӣ буда, бо сабаби забони адабиёт ва давлатӣ буданаш дар шоҳаншоҳии Ашкониён дар таърих бо номи паҳлавӣ машҳур гардид. Паҳлавӣ забони юнониро низ танг карда баровард ва барои ҳамин юнонӣ натавонист, ки дар ин сарзамин ба мақоми давлатӣ расад. Олим баён менамояд, ки он тангаҳое, ки дар давраи аввали давлатдории портҳо бо навиштори юнонӣ сикка зада мешуданд, танҳо барои муносиботи савдоӣ бо ҳамсояҳои ғарбӣ истифода мешуданду халос ва онҳоро фақат шаҳрҳои юнонинишини зери тобеияти портҳо буда, аз номи шоҳони Ашконӣ зарб ва ба муомилот мебароварданд. Шоҳи Порт дар ин тангаҳо ҳамчун бо навиштори “дӯсти юнониён” инъикос гардидааст [17,с. 339 – 340]. Ҳамин тариқ, аз пажуҳиши Т. Моммзен муайян мегардад, ки ақидаи бархе аз муҳаққиқон оид ба таъсири баланд доштани забони юнонӣ дар давлати Порт дуруст набудааст. Теодор Моммзен оид ба шоҳигарии Порту Ҳинд низ маълумот додааст [17, с.343 – 346].

Дар таҳқиқоти Т. Моммзен муносибатҳои сиёсӣ-ҳарбии Рим ва Порт ҷойгоҳи махсусро ишғол менамоянд. Ӯ дар ин масъала қайд менамояд, ки то замон ки Арманистон бо шоҳаншоҳии Ашкониён рақобат мекард, портҳо бо римиён дӯстона, чун ба душманони адӯи худ муносибат мекарданд, аммо дар натиҷаи сиёсати ноодилонаи баъзе сарварони римӣ дар Шарқ муносиботи портҳо бо римиён тағйир ёфт. Яъне, сарҳади Рим он вақте ки ба самти шарқтар паҳн гардидан гирифт, муносиботи Ашкониён бо римиён тағйир ёфт. Ин сиёсати Рим аз ҷониби портҳо зидди қарордодҳои пешина ва ҳусни тафоҳуми тарафҳо дониста шуд [17, с.347]. Шартномаҳое, ки Лукулл ва Помпей бо портҳо баста буданд, тибқи онҳо дарёи Фурот сарҳад миёни ду давлат дониста шуд. Аммо Рим боз ба сарзаминҳои шарқтар дастдарозӣ намуд. Ин боиси он гашт, ки Порт мудохила намояд [17,с. 348 – 349]. Яъне, нуқтаи баландтарини сиёсати экспансионии Рим дар ин давра юриши Красс гардид.Теодор Моммзен ғалабаи Ашкониёнро дар муҳорибаи назди Карр (9 майи соли 53 п.м.) таҳлил намуда, оид ба аҳаммияти он барои эронинажодон қайд менамояд, ки аз замони Ҳахоманишиҳо ин ғалабаи нахустини Шарқ аз болои Ғарб мебошад ва зафари мазкур таҳкурсии қудрати Римро дар Шарқ ба ларза овард [16,с. 299 – 300]. Ӯ санъати идоракунии ҷангии дар муҳорибаи назди Карр истифода бурдаи портҳоро аз нуқтаи зуҳур ва баромадаш таҳқиқ намуда, аз санъати ҷангии римиён болотар дониста, онро аввалин тактикаи миллии онҳо шуморидааст [16, с.296]. Профессори Донишгоҳи Берлин Гуго Винклер низ натиҷаи ғалабаи Ашкониёнро барои таърихи минбаъдаи тамоми Шарқ хеле муҳим арзёбӣ намуда, менависад: «Дар назди Ҳаррон, ки он ҷо лашкари Рим бо сарварии Красс нобуд карда шуд, ҷаҳони Шарқ, ба мисли ҷаҳони Ғарб дар муҳорибаи Саламин, мустақилияти худро наҷот дод» [5,с. 39].

Теодор Моммзен менависад, ки баъди муҳорибаи Карр шоҳзодаи портӣ Покор дастнишондаи Сезарро низ дар Сурия шикаст дод, худи Сезар бошад, шахсан мехост ба хотири ин ва интиқомгирӣ барои шикаст дар Карр бар зидди портҳо юриш ташкил намояд, аммо бо сабаби марги ӯ ин юриш сурат нагирифт. Муаллиф аз тарафи ҷумҳурихоҳон дар муҳорибаи назди Филипп иштирок доштани камонварони савораи портӣ ва аз ҷониби шоҳзода Покор забт намудани Сурия ва Фаластинро низ ба риштаи тасвир кашидааст, ки дар рафти он сарлашкарони римӣ аз корзор фирор карданд [17,с. 349 – 350]. Дар ҳамин вақт, умуман аз замони Меҳрдоди I сар карда, Ороди II ва мушовиронаш ҳам мехостанд, шоҳаншоҳии Эрониёнро дар сарҳадоти замони Дорои Кабир барқарор намоянд. Бо ҳамин мақсад баҳори соли 38 п.м. лашкари шоҳзода Покор боз ба самти Сурия ҳаракат намуда, 9 июни ҳамин сол дар муҳорибаи назди Гиндар (Ҷиндирис, Ҷандирис) аз ҷониби лашкаркаши римӣ Публий Вентидий Басс шикаст мехӯрад. Худи Покор ҳам дар майдони муҳориба кушта мешавад. Анней Флор шумораи лашкари портҳоро дар муҳорибаи мазкур зиёда аз 20 ҳазор дониста, қайд менамояд, ки Покор то лаҳзаи охир далерона ҷангида, ҷонро аз даст дод [1, II. IV. 9 (6)]. Помпей Трог менависад, ки то ин вақт портҳо дар муҳорибаҳо ҳамин қадар талафотро аз сар нагузоштанд [32, XLII. 4.10]. Аз рӯйи таҳқиқоти Теодор Моммзен муҳорибаи мазкур 9 июни соли 38 п.м. рух додааст [17, с.351], лекин Дион Кассия [14, XLIX. 21. 2] ва Павел Орозий қайд менамоянд, ки куштори Покор ба ҳамон рӯз рост омад, ки дар он сана

портҳо Крассро қатл карданд, аммо дар асл бошад ин сарлашкари румӣ моҳи май кушта шуда буд [21, VI. 18. 23]. Дуруст аст агар рӯзро ба инобат гирем, 9 майи соли 53 п.м. муҳорибаи Карр рух додааст, аммо Красс аз муҳориба фирор карда, на 9 май, балки баъдтар кушта шуда буд. Павел Орозий, инчунин менависад, ки Покорро Публий Вентидий Басс куштааст, ки ин ҳам ба ҳақиқат рост намеояд [21, VI. 18. 23]. Зеро ӯро румиён дар миёни кушташудагон ёфтанд. Пакор, ки дар сафи пеш буда, эҳтимоли зиёд аз тири фалахмон ҷон додааст, яъне румиён паҳлавиёнро аз масофаи наздик бо фалахмон тирборон мекунанд, муҳофизонаш чанде тавонистаанд кӯшиш кардаанд, ки ҷасадаш ба дасти душманон нарасад, аммо онҳо ҳам кушта шуданд ва оқибат румиён ҷисми мурдаашро ба даст меоранд [14, XLIX. 20. 3]. Сарашро аз ҷисми беҷонаш ҷудо карда, барои тарсондани мардуми Сурия дар шаҳрҳои ин кишвар намоиш додаанд [4, с.99 – 100]. Публий Вентидий Басс як сарлашкари солхӯрда буд. Муаррихи машҳури шуравӣ А. Г. Бокшанин синну соли ӯро дар ҳамин вақт 62 – 65-сола донистааст [4, с.105], Покор бошад, ҷавони 29-сола, мумкин сарлашкари румӣ ба майдони ҳарб ҳам ворид нашуда, фақат фармондеҳӣ кардааст.

Теодор Моммзен ба хулосае меояд, ки ин ғалаба дар баъзе самтҳо то андозае хатогии румиёнро дар муҳорибаи Карр ислоҳ кард [17,с. 351], аммо муаррихи бостон Плутарх қайд менамояд, ки дар натиҷаи муҳорибаи мазкур румиён барои хуни Красс интиқоми комил гирифтанд [25, с.33]. Лекин мантиқан ин ғалаба ба пирӯзии портҳо дар назди Карр баробар шуда наметавонад. Чунки Красс аз корзор фирор карда буд, Покор бошад, чуноне ки маъхазҳои худи атиқа хабар мерасонанд, то охир дар майдони ҷанг монда, бо ҷасорат ҷангид ва тибқи одоб ва русуми ҳарбӣ шарафу обрӯи сарлашкариро ҳифз карда, аз майдони ҷанг фирор накарда, ҷонро аз даст дод. Дар ҷанги мазкур шоҳзодаи портӣ ҳилаву найранг ва зиракии румиёнро пай набурд, аммо одилона иқрор шудан дарокр аст, ки шикаст хӯрд. Вале баъди ин корзор портҳо боз дар муҳорибаи навбатӣ, ки дар поён муфассалтар меорем, сарлашкари номии Рим Марк Антонийро шикаст дода, ӯ маҷбур мешавад аз ҷанг фирор намояд [32, XLII. 5. 3].

Мувофиқи нақли муаррихони бостон ва таҳқиқоти олимон, баъди муҳорибаи Ҷиндирис шоҳаншоҳ Ороди II дар ғами марги писараш ба фоидаи фарзанди дигараш Фарҳоди IV аз тахт даст кашид. Фарҳод ҳамин, ки ба сари қудрат омад, зидди бародарон ва ашрофони бонуфуз сиёсати ҷазодиҳиро раво дониста, як қисми онҳо ба назди румиён фирор карданд. Барои Рим фурсати мувофиқ омад, ки бар зидди Порт юриши навбатии ҳарбӣ ташкил намояд. Ҳамин тавр, Рим боз ба Шарқ лашкари калонро фиристонд.

Т. Моммзен менависад, ки соли 36 п.м. сарлашкар Марк Антоний бо теъдоди 16 легион, яъне 70 ҳазор пиёданизоми румӣ, қариб 40 ҳазор лашкари ёрирасон, 10 ҳазор саворaҳои испанӣ ва галлӣ ва 6 ҳазор саворaҳои арманӣ ба ҳаракат даромад. Аксарияте аз ин теъдод сипоҳиён дар низоъҳои ғарбӣ иштирок намуда, таҷрибаи калони ҷангӣ доштанд [17, с.351]. Марк Антоний мехостааст мисли Искандари Мақдунӣ дар Шарқ ҳокимияти олии шоҳиро барқарор намояд, аммо дар набард бо портҳо шикаст хӯрда, баъди 27 рӯзи дар таъқибу ҳолати муҳосиравӣ қарор доштан бо мушкилӣ аз он раҳо ёфта, худро ба Арманистон мерасонад. Тибқи таҳқиқоти Т. Моммзен, дар ҳамин 27 рӯз 18 муҳорибаи калон миёни лашкари ду тараф сурат гирифтааст, ки талафоти калон ба бор овардаанд ва танҳо дар яке аз онҳо румиён талафоти худро 3000 нафар кушташуда ва 5000 нафар ярадор ҳисоб кардаанд. Ҳамин тавр, хулоса баровардааст муҳаққиқи мазкур, аз ҳисоби сипоҳиёни румӣ агар 24 000 нафар дар муҳорибаҳо ҷон аз даст додаанд, 8 000 нафари дигар дар роҳ ба самти Антиохия кушта шуданд. Ғайр аз ин, шумораи ниҳоят зиёди арбобакашони румӣ (қувваҳои ёрирасон) низ ҷонро аз даст доданд [17, с.357 – 358]. Маъхазҳои таърихӣ оид ба шумораи талафоти ҷонии румиён маълумоти гуногун медиҳанд [1. II. IV.10. (10); 22, II. LXXXII. 1 – 3.; 25. Антоний. 50 – 51]. Бо ҳамин Марк Антоний ба Миср расида, ба қавли бархе муаррихон тавонист, ки ҳамчун сарлашкар аз торуморшавии қатъӣ худро наҷот дода, қисман шарафи худро ҳифз намояд [4; 11; 25]. Аммо дар асл аз они Марк Антоний, ба фикри мо, ягон шараф ҳам намонд. Зеро ӯ низ мисли Красс муқаддасоти Рим – ливоҳо ва уқобҳоро аз даст дода, онҳоро паҳлавиён ғанимат гирифтанд. Фиристондани сафир ҳам бо хоҳиши баргардондани ливоҳои дар

замони Красс ба дасти портҳо афтода, дирафшҳои акнун нав ба дасти паҳлавиён расида ва пешниҳоди бастани сулҳ ҳам натиҷа надод. Сарлашкари аз корзор фирорӣ, чи шарафе будааст, ки Антоний ҳифз кардааст. Масалан, муаррихи римӣ Анней Флор ҳам тақдири Покорро бо қисмати Красс баробар медонад [1, II. IV. 9 (6)], вале дар идомаи баёни масъала қайд менамояд, ки Марк Антоний дар ҷанги зидди портҳо ба танг омада, ҳатто чанд бор аз муҳофизаш марги худро талаб намудааст, аммо оқибати амр тавонист, ки ба Сурия фирор намояд [1, II. IV. 10 (10)]. Теодор Моммзен ошкоро қайд менамояд, ки аз нуқтаи назари сиёсӣ натиҷаи ин юриш интиҳои пешравӣ дар мансабу муваффақиятҳои бузурги Марк Антоний гардид [17,с. 358].

Теодор Моммзен оид ба муносиботи ду давлат дар замони Октавиан Август ва императорони баъдина низ диққат равона намудааст. Масалан, ӯ оид ба сиёсати император Каракалла нисбати портҳо, муҳорибаи Нисибин ва натиҷаҳои он низ фикри худро баён доштааст [17, с.408]. Замоне ки дар Порт байни бародарон Балоши VI ва Ардавони IV (V) барои ба даст овардани тахти шоҳаншоҳӣ мубориза идома дошт, Каракалла сиёсати таҷовузкоронаи худро дар Шарқ ба нақша гирифт. Ӯ ҳам мисли Красс дар дил орзуи такрор намудани корномаи Искандари Мақдуниро мепарварид [14, LXXVIII [LXXVII. 7. 1]] ва шуруъ гардидани низои дохилисулолавии портҳоро бо хушнудӣ қабул намуда, хост, ки аз он пурра истифода барад [14, LXXVIII [LXXVII. 12. 2[a]. 3.; 13. 3]]. Барои амалӣ намудани нақшаи худ вай ба Шарқ артиши калонро бо теъдоди 7 легиони римӣ, горди императорӣ ва дастаҳои ёрирасони германӣ сафарбар намуд [4,с. 288].Т. Моммзен баҳонаи оғоз кардани ҷанг аз ҷониби Каракалларо дар пешниҳоди издивоҷ бо духтари шоҳаншоҳи Порт медонад, ки Ардавон ба дархости императори Рим ҷавоби рад гардондааст [17,с. 408]. Баъзе муаррихон низ роҷеъ ба масъалаи мазкур андешаҳои худро баён доштаанд. Масалан, Клаус Шиппманн низ бар ин назар аст ва Каракалла бо ҳамин баҳона ҳуҷуми худро оғоз намудааст [34, с.120]. А. Г. Бокшанин бошад, баён медорад, ки замоне ки лашкари Рим бо сардории Феокрит дар Арманистон шикаст мехӯрад, Каракалла барои бастани сулҳи абадӣ ва тавассути никоҳи сулолавӣ мустаҳкам намудани он гуфтушунидро хоҳиш менамояд [4, с.289]. Бауэр Сюзен Уайс хулоса баровардааст, ки Каракалла барои сарҷамъ намудани мамлакат зери дасти Ардавон иттифоқ ва кӯмаки худро ба ивази бастани никоҳ бо шоҳдухтар пешниҳод кардааст, аммо Ардавон нағз мефаҳмид, ки ин пешниҳод самимӣ набуда, балки кӯшиши тобеъ намудани Порт мебошад, барои ҳамин аз таклифи император даст кашидааст [2, с.927].

Муаллифони атиқа, минҷумла Дион Кассий, оид ба масъалаи мазкур менависанд, ки шоҳаншоҳи Ашкониён ба Каракалла ҷавоби рад медиҳад [14, LXXVIX [LXXVIII. 1.1]], Геродиан хабар медиҳад, ки Ардавон аввал рад [9, IV. 10. 5], аммо баъдтар розигии худро дода [9, IV. 11. 1.], ҳангоми зиёфат ба муносибати фотиҳа Каракалла ба лашкариёнаш фармон медиҳад, ки портҳое, ки ба он ташриф оварданд, қатл карда шаванд [9, IV. 11. 5]. Аммо мақсади асосии ӯ забт ва тобеъ кардани Порт буд. Ниҳоят байни римиён ва портҳо охирон ҷанги калон рух дода, он дар муҳорибаи назди Нисибин (с. 217) ҷамъбаст гардид. Дар ин ҷанг империяи Рим шикаст хӯрда, танҳо бо пардохти тавони ҷангӣ ба портҳо бастани сулҳро ба даст овард. Теодор Моммзен тавони ҷангии аз ҷониби римиён ба Ашкониён пардохтшударо 50 миллион динор донистааст [17,с. 409]. Аммо зарур аст қайд намоем, ки ҳангоме, ки Ардавон дар муҳорибаи Нисибин шарафи эронинажодонро ҳимоя мекард, Ардашери Бобакон саргарми таҳти тасарруфи худ даровардани музофотҳои мамлакат буд. Яъне, новобаста аз пушт ханҷар задани хешон, Ашкониён дар охирон набарди худ ҳам зидди империяи Рим ғолиб баромаданд.

Ашкониён бо пирӯзӣ дар муҳорибаи Нусайбин дар сиёсати байналмилалию байнидавлатӣ ба меросхӯрони худ – Сосониён руҳияи қавӣ ва фотеҳи ҳарбии панэрониро мерос гузоштанд. Ҳамин буд, ки ба назари Т. Моммзен, соли 230 Ардашери Бобакон бар зидди империяи Рим на танҳо ҷанг эълон кард, инчунин талаб ба миён гузошт, ки тамоми минтақаҳоро, ки ба Ҳахоманишиҳо тааллуқ доштанд, баргардонда диҳанд. Амалан гирем ин талаб баробари қаламрави Осиёро пурра тарк намудани римиён буд [17,с. 410]. Муайян аст, ки талаби мазкурро низ пеш аз ин Ашкониён ба миён гузошта буданд. Ҳамин тариқ,

Теодор Моммзен дар ҳамбастагӣ бо таърихи Рим бисёре аз масъалаҳои таърихи Ашкониёнро низ дар осораш инъикос кардааст. Хизмати ӯ дар ин самт сазовори эҳтиром аст. Аммо ақидаи Т. Моммзен, ки гӯё Аршакиён аз рӯйи баромадашон ҳеҷ вақт худро ба императорон (қайсарон)-и Рим баробармартаба ҳис намекарданд, боиси қабул нест. Ин муаррихи номӣ дар идома менависад, ки гарчанде ин ду давлат бо ҳам ҷангҳо бурда, шартномаҳои сулҳро ба сифати давлатҳои баробарҳуқуқ баста бошанд ҳам ва дуруст аст он замон дар музофотҳои шарқии империяи Рим назаре низ паҳн буд, ки дар ҷаҳон танҳо ду империяи абарқудрат (Рим ва Порт) вуҷуд доранд, аммо новобаста ба ин Рим ба мартабае соҳиб буд, ба гунаи он ки садсолаҳо чунин мақомро Империяи Муқаддаси Рим дар Германия дошт. Ба назари ӯ роҷеъ ба ин масъала сикказании тангаҳо шаҳодат медиҳанд, ки портҳо ягон вақт тангаҳои тиллоиро сикка намезаданд, танҳо Рим даъвои ҳуқуқи сикказании тангаҳои умумии тиллоиро доштааст [17, с.407]. Ӯ барои асоснок намудани бартарияти Рим нисбати Порт маҳз ҳамин нуқтаи нозукро интихоб намудааст. Дар макон ва замон меорем, ки масъалаи маскукотро муаррихи машҳури эронӣ Ҳасан Пирниё дар асараш ба пажуҳиши илмӣ кашида, қайд менамояд, ки давлати Ашконӣ ҳеҷ вақт тобеи Рим набуд [36,с. 2674 – 2675].

Т. Моммзен он муаллифони бостонро, ки баромадашон аз манотиқи осиёгии империяи Рим буда, тарафдори назарияи дар Олам танҳо ду абарқудрат, Порт ва Рим, мавҷуданд, ба тамоюли ғайриватандӯстӣ айбор намудааст, ки дар қаламрави Рим зиста, ҳамин гуна ақидаҳоро паҳн менамоянд [17, с.331]. Аммо мо ба муаллифоне такя менамоем, ки аз ғарби империяи Рим буда, қудрати портҳоро дар асарҳояшон эътироф карда буданд. Масалан, Гней Помпей Трог овардааст, ки дар масъалаи тақсимоти ҷаҳон бо Рим ҳокимияти онҳо дар Шарқ эътироф гардидааст [32, XLI. 1. 1]. Мазкур оид ба тавоноии портҳо менависад, ки онҳо се маротиба ба ҳуҷуми римиҳо, ки дар сари онҳо сарлашкарони машҳури Рим меистоданд, рӯ ба рӯ шуданд. Рим дар он вақт дар айни гул - гулшукуфии қудрати худ қарор дошт ва аз миёни ҳамаи халқҳо портҳо на танҳо бо римиҳо баробар буданд, ҳатто онҳоро мағлуб карданд ва ин дар ҳоле сурат гирифт, ки Ашкониёнро аз ҳар тараф хатар таҳдид мекард [32, XLI. 1. 7 – 9]. Дар арафаи заволёбии империяи Ашкониён бошад, намояндаи дигари Рим, нотиқ ва адвокати машҳур Марк Корнелий Фронтон иброз намудааст, ки аз миёни ҳамаи халқҳо танҳо портҳо рақиби шоистаи Рим мебошанд [20, с.146].

Ба назари Ҷавоҳирлаъл Неҳру, дарвоқеъ Рим қудратманд буд ва дар алоқамандӣ ба ин бисёре аз муаррихони аврупоӣ иброз менамуданд, ки гӯё Рим дар ҷаҳон ҳукмфармоӣ мекард. Аммо дар ҳақиқат ин тавр набуд. Тибқи ақидаи вай, он замон дар Шарқи Осиё империяи Хан тантана мекард ва онҳо ҳам мисли римиҳо худро ҳукмрони ҷаҳон ҳисоб мекарданд, дар ҷануби қитъа шоҳони империяи Мауриҳо худро соҳиби Олам мешумориданд, портҳо империяи худро таъсис дода, худро шоҳи шоҳон медонистанд, каме баъдтар империяи Кӯшониён арзи ҳастӣ дошта, миёни Ғарб ва Шарқ меистод. Аммо бо сабаби он ки аксарияти аврупоиён Рими қадимро сароғози давлатдории худ медонанд, ҳар чи набошад, онро боло мебардоранд [19, с.126]. Дар бораи мартабаю рақобати Ашкониён ва Рим бошад, ин муҳаққиқ чунин хулоса баровардааст, ки портҳо дар давраи охири мавҷудияти ҷумҳурӣ римиёнро торумор карданд (дар муҳорибаи Карр) ва империяи Рим низ, ки баъдтар ба ҷойи ҷумҳурӣ таъсис ёфт, ҳеҷ натавонист, ки ба Ашкониён зарбаи ҳалкунанда расонад [19, с.153].Аммо Т. Моммзенро фаҳмидан мумкин аст, зеро ӯ ҳар чи набошад кӯшидааст Римро дар мавқеи болотар нишон диҳад. Лекин воқеияти таърихӣ дигар буд ва онро сиёсат, рақобат ва қудрати ҳарбии рақибон муайян мекард. Ҳатто далелҳое дар таърих сабт шудаанд, ки портҳо дар корҳои дохилии римиён дахолат намуда, дар интихоб ва таъин намудани сарварони Рим ҳам баъзе вақтҳо таъсиргузор будаанд. Инро худи Т. Моммзен низ зикр кардааст [17,с. 331]. Он замон на ду абарқудрати ҷаҳонӣ, чуноне ки Т. Моммзен қайд кардааст, балки панҷ империяи бузург – Порт, Рим, Мауриҳо, Кӯшониён ва Хан арзи ҳастӣ доштанд. Чуноне ки қайд кардем, Т. Моммзен асосан ба масъалаи маскукот такя кардааст. Барои ҳамин далели таърихӣ ин аст, ки дар Рим тангаҳои хусусии тиллоиро мувофиқи ахбори маъхазҳо аз охири асри III п.м. сикка задан сар карда буданд. Он ҳам ба таври мунтазам набуда, микдорашон ҳам маҳдуд

буд. Сабаби асосии аз тилло сикка задан пӯшондани хароҷоти ҷангӣ ва ба сипоҳиён додани музд буд. Дар баробари ин то соли 92 п.м. Порт ва Рим бо ҳамдигар ягон гуна муносибот надоштанд. Баъдтар дар замони Октавиан Август боз тангаҳои тиллоӣ сикка зада мешуданд. Дар замони император Нерон бо сабаби вазнин шудани вазъи иқтисодӣ низоми пулии империя вайрон гардида, вазни тиллои холис дар тангаҳо кам гардидан гирифт. Ин ҳолат нобоварии сокинони худи Римро ба низоми пулии империя ба вуҷуд оварда буд. Император Каракалла хост, ки вазъро беҳ ва низоми пулиро танзим намояд ва тангаҳои нуқрагиро ба муомилот даровард, аммо ин чораҷӯйӣ низ вазъро муваққатан ба тартиб дароварда тавонисту халос. Чуноне ки мебинем, дар давраи мавҷудияти империяи Ашкониён низоми пулии худи Рим муътадил набудааст. Ва тангаҳои тиллоӣ ҳам мунтазам сикка зада намешуданд. Ин як тарафи масъала аст, аз ҷониби дигар таърих, хусусан нумизматикаи империяи Ашкониён то ба замони мо ҳам пурра таҳқиқ нашудааст. Тибқи бархе маълумот, соли 1982 дар натиҷаи ҳафриёт аз Тиллотеппа тангаи тиллоии шоҳ Гудрази I ёфт шуда, дар Осорхонаи шаҳри Кобул нигоҳдорӣ карда мешудааст. Лекин дар таърихнигории Ғарб он вақт ва айни замон низ бархе муаррихон бо ҳар тарз мехоҳанд кору пайкор ва мартабаи римиёнро аз будаш зиёд нишон диҳанд, муаррихи машҳури зикршудаи немис низ аз ин услуб дар канор намондааст ва бо ҳар роҳе набошад кӯшидааст мавқеи Римро болотар нишон диҳад, аммо сикказании тангаҳо ва баҳогузорӣ тавассути онҳо мартабаю бартарияти тарафҳоро муайян намекунад ва хулосаи Т. Моммзен боиси қабул нест.Мисол овардани мартабаи Империяи муқаддаси Рими миллати германӣ дар масъалаи қиёси Рим ва Порт ба мантиқи таърихӣ рост намеояд. Зеро мамолики Аврупои Ғарбиро дар атрофи Империяи муқаддаси Рим ягонагии эътиқоди динӣ муттаҳид мекард, яъне ҳамчун сюзерен эътироф намудани императори он аз ҷониби шоҳони аврупоӣ хусусияти динӣ дошт, на сиёсӣ. Он вақт дар Ғарб ҳокимияти дунявӣ тобеи ҳокимияти динӣ буд. Чун ҳокимият динӣ буд, дар Ғарб дар мартабаи аввал папаи Рим, баъди ӯ бошад, дар табақабандӣ императори империяи муқаддаси Рим меистод.

Рим ва Порт бошад, тамаддунҳои аз ҳам бегонаро намояндагӣ мекарданд ва онҳоро дар тарҳе, ки Т. Моммзен кашидааст, ҳеҷ ғунҷондан мумкин нест. Як худи унвони "шоҳаншоҳ – шоҳи шоҳон" доштани ҳокимони портҳо ба назарияи муаррихи машҳури немис ҷавоби равшан мебошад. Сенат ва сарварони Рим як умр орзу мекарданд, ки барои бохт дар муҳорибаи Карр аз портҳо интиқоми қатъӣ гирифта шавад, аммо Рим ба ин орзуяш ҳеҷ гоҳ нарасид. Рим ҳеҷ натавонист, ки ба шоҳаншоҳии Ашкониён шикасти қатъӣ расонад. Худи натиҷаи муҳорибаи Нисибин ва сар хам кардани императори Рим Макрин назди Ардавон бори дигар далели таърихӣ ва исботи он мебошад, ки қудрат, тавоноӣ ва мартабаи баланди Ашкониён бе баҳс мебошад. Шарқшиноси машҳури англис Перси Сайкс дар пайи корзори Нисибин таҳлили масъалаи рақобати таърихии Рим ва Портро ҷамъбаст карда, менависад, ки бо ҳамин муборизаҳои дарозу пайи ҳам омада миёни империяи Рим ва шоҳаншоҳии Ашкониён барои абарқудрати ғарбӣ бо беобрӯгӣ ба анҷом расиданд [33, с.417]. Ашкониён дар сиёсати байналмилалӣ ҳатто чунон қудрат доштаанд, ки ҳеҷ нагузоштанд империяи Рим ва империяи Хан бо ҳам муносиботи мустақим ба роҳ монанд.

Хулоса, Теодор Моммзен дар таҳқиқи таърихи Ашкониён нақши намоён гузошта, дар осораш масъалаҳои муҳимми таърихи давлатдории хонадони мазкурро инъикос намудааст.

**Муқарриз: Қ.Расулиён – д.и.т., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Анней Флор. Две книги римских войн // Малые римские историки / А. Флор. -М.: Лодомир, 1996. -С. 97 – 190.
2. Бауэр Сьюзен Уайс. История Древнего мира: от истоков цивилизации до падения Рима. Перевод с английского В. Гончарова, Н. Тартаковской. -М.: АСТ, 2014. -988, [4] с.
3. Беруни̅ А. Осор - ул - боқия. -Душанбе: Ирфон, 1990. -432 с.
4. Бокщанин А. Г. Парфия и Рим (исследование о развитие международных отношений позднего периода истории античного мира). Часть II. Система политического дуализма в Передней Азии / А. Г.Бокщанин. -М.: Издательство Московского университета, 1966. -304 с.

5. Винклер Г. Вавилонская культура в ее отношении к культурному развитию человечества. Перевод с немецкого А. И. Певзнера, под редакцией Н. М. Никольского / Г. Винклер. - М.: Фарос, 1913. -170 с.
6. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б.Ғафуров. - Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. -976 с.
7. Гегель Г. В. Ф. Философия истории. Сочинения. Т. VIII. Перевод А. М. Водена / Г. В. Ф. Гегель. - М.–Л.: Государственное социально-экономическое издательство, 1935. -470 с.
8. Гегель Г. В. Ф. Лекции по философии истории / Г. В. Ф. Гегель. - СПб.: Наука, 1993. -480 с.
9. Геродиан. История императорской власти после Марка в восьми книгах. СПб.: Алетейя, 1995. -289 с.
10. Геродот. История в девяти книгах. Перевод и примечания Г. А. Стратановского. Под общей редакцией С. Л. Утченко. -Л.: Наука, 1972. -600 с.
11. Дибвойз Н. К. Политическая история Парфии. Перевод с английского, научная редакция и библиографическое приложение В. П. Никонорова / Н. К. Дибвойз. - СПб.: Филологический факультет СПбГУ, 2008. -816 с.
12. Дьяконов М. М. Очерк истории древнего Ирана / М. М. Дьяконов. - М.: Издательство восточной литературы, 1961. -445 с.
13. Исидор Харакский. Парфянские стоянки // Антология источников по истории, культуре и религии Древней Греции. Под редакцией В. И. Кузищина. Учебное пособие. -СПб.: Алетейя, 2000. -С. 406 – 411.
14. Кассий Дион Коккейан. Римская история. Книги LXIV – LXXX. Перевод с древнегреческого под редакцией А. В. Махлаюка. СПб.: Нестор-История, 2011. 456 с.; Dio's. Roman Histoty. With an English Translation by Earnest Cary, Ph.D., on the Basis of the Version of Herbert Baldwin Foster, Ph.D. In Nine Volumes V. London. 526 p.+8 p.
15. Колледж М. Парфяне. Последователи пророка Заратустры / М. Колледж. - М.: Центрополиграф, 2004. 201 с. 54 иллюстрации.
16. Моммзен Т. История Рима. Т. 3. Книга пятая. Перевел А. Веселовский. Второе дополненное издание К. Т. Солдатенкова. -М., 1887. -599 с.
17. Моммзен Т. История Рима. Т. 5. Провинции от Цезаря до Диоклетиана / Т. Моммзен. Перевод В. Н. Неведомского. -М.: Издание К. Т. Солдатенкова, 1885. -648 с.
18. Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ. Таъриху-р-русули ва-л-мулук. Китоби 1. Иборат аз ҷилдҳои 1, 2, 3. Мутарҷим Абулқосими Поянда. Бо таҳрир, тасҳеҳ ва таҳқиқи умумии Нурмуҳаммад Амиршоҳӣ. - Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014. -756 с.
19. Неру Дж. Взгляд на всемирную истории. Письма к дочери из тюрьмы, содержащие свободное изложение истории для юношества. Перевод с английского в трех томах под редакцией Г. Л. Бондаревского, П. В. Куцобина и А. Л. Нарочинцкого. Вступительная статья Р. А. Ульяновского. Т. 1. -М.: Издательство «Прогресс», 1981. 376 с.
20. Никоноров В. П. К вопросу о парфянском наследии в сасанидском Иране: военное дело // Центральная Азия от Ахеменидов до Тимуридов: археология, история, этнология, культура. Материалы международной научной конференции, посвященной 100 - летию со дня рождения Александра Марковича Беленицкого (Санкт-Петербург, 2 – 5 ноября 2004 года). -СПб.: Институт истории материальной культуры РАН, 2005. -С. 141 – 179.
21. Орозий Павел. История против язычников. Книги I – VII. Перевод с латинского, выступительная статья, коментарий и указатель В. М. Тюленова. Издание второе, исправленное и дополненное. -СПб.: Издательство Олега Абышко, 2004. -544 с.
22. Патеркул Веллей. Римская история // Малые римские историки. -М.: Лодомир, 1996.- С. 11 – 96.
23. Периханян А. Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды. -М.: Наука, 1983. -384.
24. Плиний Старший. Естественная история. Книга VI. Под общей редакцией А. В. Подосинова // Вестник Древней истории. -№ 78 (2). 2018. -С. 438 – 461.
25. Плутарх. Сравнительные жизнеописания в двух томах. Издание второе, исправленное и дополненное. -Т. II. -М.: Наука, 1994. 672 с.
26. Ранке Л. Об эпохах новой истории. Лекции, читанные Баварскому королю Максимилиану II (в 1854 г.). Перевод И. И. Шитца с предисловием профессора П. Г. Виноградова. -М.: Типография И. А. Баландина, Волхонка, дом Михалкова, 1898. -192 с.
27. Ру Ж. П. История Ирана и иранцев. От истоков до наших дней. Перевод с французский М. Ю. Некрасов. СПб.: Евразия, 2015. -432 с.
28. Советская историческая энциклопедия. Т. 9. Мальта – Нахимов. Главный редактор Е. М. Жуков. -М.: Издательство Советская энциклопедия, 1966. 1000 столб.
29. Страбон. География в 17 книгах. Пер. Г. А. Стратановского. М.: Наука, 1964.- 944 с.
30. Фрай Р. Наследие Ирана. Издание второе, исправленное и дополненное. -М.: Восточная литература, 2002. 463 с.: ил. – (Культура народов Востока: Материалы и исследования: Осн. в 1969 г.).
31. Хуршудян Э. Ш. Государственные институты парфянского и сасанидского Ирана. III в. д. н. э. – VII в. н. э. Алматы: Институт Азиатских исследований, 2015. 400 с. + фото.
32. Юстин. Эпитома сочинения Помпея Трога «Historiarum Philippisarum». СПб.: Издательство Санкт-Петербургского университета, 2005. 493 с.
33. Sykes P. M. A History of Persia by Brigadier-General Sir Percy Syks. With maps and illustrations in two volumes – Vol. I. London: Macmillan and Co., Limited st. Martin's street, 1921. 563 p.
34.کلاوس شیپمن. مبانی تاریخ پارتی. ترجمه شاهرخ راعی. تهران، 1384. 224 ص.

35. محمد جواد مشکور. پارتیا یا پهلویان قدیم. جلد اوّل. تاریخ سیاسی. تهران، 1350. 519 ص.
36.حسن پیرنیا. تاریخ ایران باستان. جلد 3. تهران. انتشارات دنیای کتاب. چاپ چهارم، 1369. صص. 1955 -2722 .

## ТЕОДОР МОММЗЕН – МУҲАҚҚИҚИ ТАЪРИХИ ШОҲАНШОҲИИ АШКОНИЁН

Дар мақола нақши муаррихи машҳури немис Теодор Моммзен дар таҳқиқи таърихи шоҳаншоҳии Ашкониён баррасӣ гардидааст. Муаллиф дар ибтидо мухтасар оид ба шарҳи ҳоли ин муаррихи машҳур маълумот дода, менависад, ки Теодор Моммзен дар алоқамандӣ ба Рим бархе аз масъалаҳои таърихи шоҳаншоҳии Ашкониёнро низ таҳқиқ кардааст. Муаллифи мақола саҳми Т. Моммзенро дар таҳқиқи масъалаҳои баромади нажодии портҳо, дин, таъсисёбии давлати Порт, қаламрав, сохтор, шакли идоракунии он, забони паҳлавӣ, сохти артиш, муносиботи сиёсӣ ва сиёсӣ-ҳарбӣ миёни империяи Рим ва шоҳаншоҳии Ашкониён, раванди таназзулёбӣ ва барҳамхӯрии давлат таҳлил намудааст. Теодор Моммзен қайд менамояд, ки ягона давлати бузурге, ки империяи Рим бо он ҳамсарҳад буд, шоҳаншоҳии Ашкониён мебошад. Ашкониён худро ворисони Куруш ва Дорои Кабир медонистанд. Баъди он ки Меҳрдоди I ҳокимияти худро аз соҳили дарёи Ҳинд то Даҷла паҳн кард, ҳокими сулолаи мазкур ба ҷойи унвони шоҳ мартабаи шоҳи шоҳон (шоҳаншоҳ) -ро гирифт, ки онро низ пеш аз онҳо танҳо Ҳахоманишиҳо доштанд. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки Теодор Моммзен дар осораш бисёре аз масъалаҳои таърихи давлатдории хонадони мазкурро инъикос намуда, дар таҳқиқи таърихи Ашкониён нақши намоён гузоштааст.

**Калидвожаҳо:** Теодор Моммзен, Рим, таърихи Рим, портҳо, Ашкониён, давлат, шоҳаншоҳӣ, дин, забон, сиёсат, муносибатҳои сиёсӣ, артиш, ҷанг, сулҳ.

## ТЕОДОР МОММЗЕН – ИССЛЕДОВАТЕЛЬ ИСТОРИИ ПАРФЯНСКОЙ ИМПЕРИИ

В статье расматривается вклад знаментигого немецкого историка Теодора Моммзена в изучение истории Парфянской империи. Автор дает иноформацию о биографии историка, отмечая, что в связи с проблемами истории Рима, особенно политики римлян на Востоке, Т. Моммзен в своих работах уделяет пристальное внимание многим вопросам истории Парфянской империи. Т. Моммзен приводит сведения об этническом происхождении парфян, процессе создания Парфянской государственности, ее политическом и адмнистративном строе, системе управления, религии парфян, политических отношениях, военно-политической борьбе парфян с римлянами, а также процессе распада и падении Аршакидской империи.Теодор Моммзен пишет, что единственным великим государством, с которым соприкасались границы римских владений, была Парфянская империя. Парфяне считали себя и всегда выдавали за преемников Кира и Дария после того, как парфянский царь Митридат I распространил свое владычество до берегов Инда и Тигра, это династия переменила царский титул на титул царя царей, который носили Ахемениды.Автор приходит к выводу, что Теодор Моммзен в своих произведениях отражает ряд проблем истории Парфии и таким образом внес свой заметный вклад в изучение истории парфян.

**Ключевые слова:** Теодор Моммзен, Рим, История Рима, парфяне, Парфия, государства, реигия, язык, политические отношения, армия, война, мир.

## THEODOR MOMMSEN - RESEARCHER OF THE HISTORY OF THE PARTHIAN EMPIRE

The article examines the contribution of the famous German historian Theodor Mommsen to the study of the history of the Parthian Empire. The author gives information about the biography of the historian, noting that in connection with the problems of the history of Rome, especially the policy of the Romans in the East, T. Mommsen in his works pays close attention to many issues of the history of the Parthian Empire. T. Mommsen gives information about the ethnic origin of the Parthians, the process of creating the Parthian statehood, its political and administrative system, the form of government, the religion of the Parthians, political relations, the military-political struggle of the Parthians with the Romans, the process of disintegration and fall of the Arsacid Empire. Theodor Mommsen writes that the only great state with which the borders of Roman possessions came into contact was the Parthian Empire. The Parthians considered themselves and always presented themselves as the successors of Cyrus and Darius, after the Parthian king Mithridates I extended his dominion to the banks of the Indus and the Tigris, this dynasty changed the royal title to the title of king of kings, which was worn by the Achaemenids. The author comes to the conclusion that Theodor Mommsen in his works reflects a number of problems in the history of Parthia and thus made a significant contribution to the study of the history of the Parthians.

**Key words:** Theodor Mommsen, Rome, History of Rome, Parthians, Parthia, states, religion, language, political relations, army, war, peace.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сайнаков Сайнак Парпишоевич*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи таърихи халқи тоҷик, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудир. **Суроға:** 734003, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+ 992934162099)**

**Сведения об авторе:** ***Сайнаков Сайнак Парпишоевич*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра истории таджикского народа, кандидат исторических наук, доцент, заведующий. **Адрес:** 734003, город Душанбе, Республики Таджикистан, проспект Рудаки, 121.
Телефон: **(+ 992934162099)**

**Information about the author:** ***Saynakov Saynak Parpishoevich*** – Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Department of the History of the Tajik People, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, Head. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistanst. **R**udaki 121. Phone: **(+ 992934162099),**

ТДУ:13 (575)

# КУЛЛӢ ВА ҶУЗЪӢ ҲАМЧУН БУНЁДИ БАҲСИ МОҲИЯТ ВА ВУҶУДИ ЗЕҲНӢ ДАР ФАЛСАФАИ ИБНИ СИНО

*Шаҳовуддинов Н.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Баҳси кулл дар метафизикаи Ибни Сино.** Яке аз қисматҳои асосии метафизикаи Сино бахши кулл ва ҷузъ мебошад, ки худи ӯ онҳоро *"аразҳои хосси ҳастӣ"* меномад. Мақсад аз арази хос он аст, ки онҳо бевосита ба худи ҳастӣ ориз гардидаанд ва он гуна ки дар мавриди мавзуъҳои асосии метафизика қайд намуда будем, яке аз масъалаҳои асосии метафизика маҳз аразҳои хосси ҳастӣ мебошанд. Матраҳ гардидани масъалаи куллӣ ин маънии матраҳсозии баҳси моҳиятро дорад. Сино дар баҳсҳои доманадори худ дар ин маврид, ба мисли юнониҳо, асосан ба масъалаи куллӣ машғул гардидааст. Дар оғози баҳси мазкур дар "Шифо" Сино мухтасаран масъалаи ҷузъиро гуфта мегузарад, аммо дар бахши мантиқи "Донишнома" ӯ қайд менамояд, ки донишмандон худро бо мафҳумҳои ҷузъӣ машғул намедоранд, балки фақат бо мафҳумҳои куллӣ машғул мегарданд ва ҷузъ худ як бахши кулл мебошад. Агар мо махсусияти асосии масъалаи куллиро дар метафизикаи Сино маълум карданӣ шавем, пас метавон қайд намуд, ки он, пеш аз ҳама, бо масъалаи моҳият алоқамандӣ дорад. Дар фалсафаи исломӣ моҳият дар зеҳн ҳамчун маънии куллӣ ва моҳият дар ҷаҳони беруна ҳамчун маънии ҷузъӣ фаҳмида мешавад [10,с.79].

Асоси далеловарии Кобуш дар мавриди дорои моҳият гардонидани ҳастишиносӣ аз ҷониби Синоро маҳз масъалаи куллӣ дар метафизикаи Сино ташкил медиҳад [12,с.178]. Ӯ чунин ақида дорад, ки назари Сино дар мавриди куллӣ як таълимоти сирф моҳиятӣ мебошад. Дар ин ҷо як фарқият миёни моҳияти чиз дар худии худ ва муайянкунанда ва ё хусусиятҳои он вуҷуд дорад. Дар мисоли "ҳайвон" ва "инсон" Кобуш ақидаи Синоро чунин матраҳ мегардонад: "чунин "моҳиятҳои сирф" хусусиятҳо мебошанд ба мисли воҳид ва касир, умумӣ ва хос ва ғайра, ки ба моҳияти "ҳайвон" ва "инсон" ворид намегарданд" [12,с.178]. Мо дар асоси таҳлилҳои бевоситаи назари Сино боз ба ин масъала бармегардем.

Дар баҳси куллӣ, ки аз ҷониби Сино сурат гирифтааст, як чиз аз се дидгоҳ мавриди таҳлил қарор мегирад: якум, табиати чиз ва ё чиз дар худии худ, ки як моҳияти сирф аст. Он гуна ки худи Сино баён менамояд, чиз ҳамчун "чиз ҳамчун инояти Худо", дувум, чиз бо муайянкунанда ва аразҳои худ, ки ҳамчун "чизи табиӣ" маълум аст, бо вуҷуди он ки асоси чунин алоқа инояти Худост, аммо ба ақидаи Сино, чунин алоқа аз табиати фардии ҳар чиз сар мезанад ва савум, як шакли умумиятдодаи чиз дар ақл, ки аз ҳамаи чизҳои фардӣ хабар медиҳад. Инро мо метавонем дар асоси назари Сино дар мавриди мафҳуми "ҳайвон" матраҳ кунем:

*Пас ҳайвон, бо ҳамроҳии авօризаш, шайъи табист ва ба зоти худ табиатест, ки мегӯянд, вуҷуди он бар вуҷуди табиӣ муқаддам аст аз навъи тақаддуми басит бар мураккаб ва ихтисосан ҳамин вуҷуд аст, ки вуҷуде илоҳист, зеро сабаби вуҷуди он аз ин ҳайс, ки ҳайвон аст, инояти Худои таъолост. Ва аммо бо модда ва авориз ва бо ин шахс будани ҳайвон гарчи бо инояти илоҳист, ношӣ аз табиати ҷузъист ("Шифо", Илоҳиёт, мақолаи панҷум I [27, с. 150]).*

Дар идома мо кушиш мекунем, ки ду масъаларо мавриди таҳлил қарор диҳем. Нахуст, чиз ҳамчун худ ва ё моҳияти сирф ва дувум, табиати чиз дар ҳамоҳангӣ бо аразҳо ва хусусиятҳояш, ки метавон ҳамчунин чиз ҳамчун вуҷуд шинохт. Ҳамчунин, куллӣ дар зеҳн ва ё ақл низ дар бахши оянда мавриди таҳлили муфассал қарор мегирад.

***Моҳияти сирф ва моҳияти бо хусусиятҳо алоқаманд.*** Сино баҳси худ дар мавриди куллиро на бевосита бо мафҳумҳои куллӣ оғоз менамояд, балки ӯ дар қадами аввал чизро ҳамчун моҳияти соф тавсиф менамояд. Дар ин маврид ҳанӯз чизро ҳамчун куллӣ шинохтан хело барвақт аст. Сино шарҳи худро бо чиз дар худии худ ҳамчун моҳият ва куллиро ҳамчун хусусияти чиз оғоз менамояд. Куллӣ чун хусусиятҳои дигар хусусияте

барои чиз дар худии худ мебошад. Далели Сино дар ин мавриди мафҳумҳои “асп” ва “инсон” аст. “Инсон”ва “асп” чизҳои алоҳида ҳастанд ва куллӣ чизи дигари аз ду чизи аввала фарққунанда мебошад. Куллӣ на ба моҳияти инсон тааллуқ дорад ва на ба моҳияти асб. На дар таърифи “инсон” ва ё “асп” мафҳуми “куллӣ” истифода мегардад ва на баръакс, дар таърифи “куллӣ” мафҳумҳои “инсон” ва “асп” истифода мегардад. Инҳо чизҳое ҳастанд аз ҳам фарққунанда. Инсон ва аспб дар моҳияти худ фақат инсон ва асп ҳастанд ва куллӣ ба моҳияти онҳо дохил намешавад, балки ба тариқи аразӣ ба моҳияти инсон ва асп мечаспад:

*Пас, куллӣ аз ин ҳайс, ки куллӣ аст, чизе аст ва аз ин ҳайс ки мафҳумест, ки куллият бар он ориз мешавад, чизи дигарест. Пас, ҳар як аз ин таориф бар куллӣ аз он ҳайс, ки куллист, далолат доранд. Пас, вақте ин куллӣ инсон ва ё асп бошад, мафҳуми дигаре ғайр аз мафҳуми куллият ва ба маънои асп будан аст. Зеро на таърифи асп будан ҳамон таърифи куллият аст ва на куллият дар таърифи асп будан дохил аст. Зеро таърифи асп будан ниёзманди таърифи куллият нест, лекин куллият бар асп будан ориз мешавад. Асп будан худ ба худ, аслан чизе ҷуз асп будан нест, зеро фи нафса на воҳид ва на касир ва на мавҷуд дар хориҷ ва на мавҷуд дар нафс аст ва на чизе аз инҳо билқувва ё билфеъл дар асббудан дохил ҳастанд. Балки аз ҳайси асббудан фақат асп будан аст. Балки воҳид будан сифатест, ки бо асп будан мақорин аст ва лизо асп будан бо ин сифати воҳиде мешавад (“Шифо”, Илоҳиёт, мақолаи панҷум, I [5, с. 145]).*

Аз шарҳи Сино маълум аст, ки ӯ миёни як чиз дар худии худ ва хусусиятҳои он, ки ба он ба тариқи аразӣ мечаспанд, фарқ мегузорад. Дар байни як чиз дар худии худ, масалан, инсон ҳамчун инсон ва ё асп ҳамчун асп ва инсон ва асп бо хусусиятҳои хориҷиашон мисли воҳид ва ё бисёр, умумӣ ва ё хос ва мисли инҳо фарқият вуҷуд дорад. Агар як чиз на дар худии худ, балки бо хусусиятҳои зоҳирии худ мушоҳида гардад, он гоҳ аллакай на як, балки ду объект вуҷуд дорад: яке чиз дар худии худ ва дигаре, чиз бо хосиятҳои зоҳирии он. Дар ҳамин муносибат Сино як суол мегузорад, ки “оё инсонӣ дар Амр (ё дар А) нисбат ба инсонӣ дар Зайд (ё дар В) фарқ мекунад ва ё на?”, ҷавоби ӯ манфист. Аммо ин “не” ҳанӯз маънии онро надорад, ки инсонӣ дар Амр ва инсонӣ дар Зайд ҳар ду як чиз ҳастанд. Ин водор ба суолгузории дигар мекунад, ки аз ҳадафи асосӣ фарқ мекунад: инсонӣ ҳамчун инсонӣ ва бидуни хусусиятҳои зоҳирӣ. Инсонӣ дар Амр бо хусусиятҳои зоҳирии худ аз инсонӣ дар Зайд фарқ мекунад. Дар ин сурат аллакай ҳадаф инсонӣ ҳамчун инсонӣ нест, балки инсонӣ дар Амр аст, ки ин худ масъалаи дигар мебошад. Инсонӣ дар Амр фақат аз инсонӣ иборат намебошад, балки аз инсонӣ ва аразҳо. Инсонӣ фақат як унсури инсонӣ дар Амр мебошад ва ин ҷо, дар навбати худ, аразҳо низ ба инсонӣ таъсир мерасонанд, зеро он худ ба ин аразҳо тааллуқ дорад:

*Дар ин сурат мегӯем: дар ғайр будани инсоният лоҷарам ба иллати аразӣ хоҳад буд, ки дар он аст. Зеро инсоният ба ҳеҷ ваҷҳа ҷуз бо аъроз мавҷуд намешавад. Ва дар ин ҳангом мақсуд фақат инсоният аз ҳайси инсоният нест. Пас чун инсонияти Зайд ҳамон инсонияти Амру нест, инсонияти ӯ ба воситаи аърозе, ки дорад, ғайр аз инсонияти Амру хоҳад буд (“Шифо”, Илоҳиёт, 5 I [15, с. 147]).*

Инсон ҳамчун инсон фақат як моҳияти соф аст, аммо ин маънии онро надорад, ки хусусиятҳо ба он дастрасӣ надоранд. Дар баҳсҳои Сино дар ин маврид мо ду нуқтаи назарро мушоҳида менамоем: якум, агар хусусиятҳо ба инсон ва ё ба ҳайвон ориз гарданд, моҳияти худро гум намекунанд, балки онҳо дар худ боқӣ мемонанд. Махсусан моҳияти инсон дар вуҷуд пеш аз хусусиятҳо ва аразҳо қарор мегирад:

*Зоти ҳайвонро метавон эътибор кард, валав ин ки ҳамроҳ бо чизи дигаре бошад. Зеро ҳайвон ҳамро бо чизи дигаре [ҳам], ки бошад, зоташ ҳамон аст. Пас ҳайвон зоти худро биззот дорост ва бо ғайр буданаш амре оризӣ ё лозимаи табиати ҳайвоният ё инсонияти он аст. Пас, ин эътибор дар вуҷуд мутақаддим бар ҳайвонест, ки ба воситаи аворизаш шахсист, ё куллии вуҷудӣ ва ё ақлист (“Шифо”, Илоҳиёт,мақолаи панҷум, I [19, с.148]).*

Дувум, хусусиятҳо ба моҳияти инсон ва ё ҳайвони дигар дастрасӣ надоранд, аммо ворид гардидан ба хусусиёти онҳо дар вуҷуди инсон ҳатмист. Умум ва ё хос ба моҳияти инсон дохил нестанд, аммо ин маънии онро надорад, ки куллӣ ва хос ба моҳияти инсон ориз намегарданд. Бидуни хусусиятҳо на инсони умумӣ вуҷуд дорад, на хос ва ё дар бораи

инсон ҳамчун вуҷуд сухан кардан ғайриимкон аст. Шарти вуҷуди инсон он аст, ки он дорои хусусиятҳост ва бидуни ин хусусиятҳо танҳо дар мавриди инсон ҳамчун инсон сухан гуфтан мумкин аст. Сино дар ин муносибат аз идеяҳои афлотунӣ ёдоварӣ менамояд, ки агар чизе бидуни хусусиятҳои худ дорои вуҷуд мегардид, он гоҳ идеяҳои афлотунӣ низ дорои вуҷуди хориҷӣ буданд: ”Ва агар ҷоиз бошад, ки ҳайвон аз он ҳайс, ки ҳайвон аст, ба танҳоӣ ва ба шарти ин ки чизи дигаре набошад, дар хориҷ вуҷуд дошта бошад, бояд ҷоиз бошад, ки мусули афлотунӣ вуҷуди хориҷӣ дошта бошанд; валав ҳайвон ба шарти адами чизе дигар фақат дар зеҳн вуҷуд дорад” [3,с.150].

Ба ақидаи Сино, табиати инсон ва ё ҳайвони дигар дорои вуҷуди хориҷӣ нестанд. Ҳамчун табиат онҳо фақат дар зеҳнияти инсон вуҷуд доранд. Маҳз дар ҳамин ҷо куллӣ ба табиати инсон ориз мегардад ва танҳо дар ин сурат метавон дар бораи инсони куллӣ сухан кард. Сино батакрор таъкид менамояд, ки табиати куллӣ аз табиати инсон ва ё ҳайвон ҷудо мебошад ва танҳо пас аз он ки куллӣ дар зеҳн бар табиати инсонӣ ва ё ҳайвонӣ ориз мегардад, мо дар мавриди инсон ва ё ҳайвон ҳамчун мафҳумҳои куллӣ сухан мегӯем.

***Табиат ва ҳақиқати чизҳои куллӣ.*** Яке аз баҳсҳои бунёдии дигар дар муносибат ба масъалаи куллӣ ва ҷузъӣ табиат ва ҳақиқати чизҳои куллӣ мебошад. Асоси ин баҳсро масъалаи вуҷуд дар зеҳн ва муносибати он бо вуҷуди хориҷӣ ташкил медиҳад. Аз баҳсҳои Сино дар ин маврид метавон натиҷа гирифт, ки бидуни вуҷуд дар зеҳн қазоват кардани масъалаи куллият ғайриимкон аст. Худи ин куллият дорои ҳеҷ гуна вуҷуди хориҷӣ нест, балки як вуҷуди дар зеҳн бавуҷудовардашуда аст.„*Зеро куллӣ аз он ҳайс, ки куллист биннафса мавҷуде шахсӣ нест“* [3,с.152].

Дар мавриди куллии хориҷӣ танҳо ҳамон вақт сухан кардан мумкин аст, ки агар куллӣ дар шакли ақлонии чиз ба зеҳн бичаспад. Агар шакли ақлонии чиз дар зеҳният қобили тасаввур гардад, ба табиати он куллият мечаспад. Аммо на аз он ҷиҳат ки он дар зеҳният аст, балки ин табиати куллӣ дар зеҳн аз чизҳои гуногуни хориҷӣ, аз он ки барои чӣ онҳо куллӣ ҳастанд, хабар медиҳад:

*Пас маълум шуд табиати куллӣ наметавонад мавҷуд дар хориҷ ва билфеъл куллӣ бошад; яъне табиати куллӣ ба танҳоӣ муштарак дар ҷомеъ аст. Ва куллӣ вақте оризи табиате мешавад, ки дар тасаввури зеҳнӣ бошад. Он чи куллист, маъқули зеҳнии инсон аст, ва куллияти он аз ин ҷиҳат нест, ки дар зеҳн аст, балки аз ин ҷиҳат аст, ки бо ашёи мавҷуд ва ё мутаваҳҳими бисёре мутобиқат мекунад ва ҳукми ҳамаи инҳо дар назди нафс якест (“*Шифо”, мақолаи панҷум, II[5, с. 153]*)*.

Вуҷуд дар зеҳн яке аз қисматҳои чашмрас дар фалсафаи исломӣ мебошад ва ин ҷиҳат қисмати муҳимми масъалаи куллият дар метафизикаи Синоро ташкил медиҳад. Дар ин ҷо Сино дар мавриди ду шакли вуҷуд сухан мегуяд: вуҷуд дар зеҳн ва вуҷуди хориҷӣ. Чизҳое, ки дар ҷаҳони хориҷӣ вуҷуд доранд, ҳамчунин дар зеҳн низ вуҷуд доранд, на баръакс, яъне на ҳамаи он мафҳумҳое, ки дар зеҳн вуҷуд доранд, дар олами хориҷӣ низ вуҷуд доранд. Дар муносибат бо масъалаи куллӣ низ Сино чунин ақида дорад, махсусан табиати куллӣ танҳо дар зеҳн ва на дар ҷаҳони хориҷ вуҷуд дорад, аммо ҳақиқати чизҳои куллӣ ҳам дар зеҳн ва ҳам дар ҷаҳони хориҷӣ вуҷуд доранд [1,с.235].

Ҳар як боварӣ ба чунин табиати куллӣ дар ҷаҳони беруна зиддиятнок аст ва Сино чунин ақида дорад, ки масалан, „шояд будан, ки андар ҳастӣ берун аз нафси мардум яке ҳастӣ ҳаст ба ҳақиқат, яке чун мардумӣ ё чун сиёҳӣ, ки вай биайниҳӣ андар бисёр чизҳои бешумор аст, то қавме пиндоштаанд, ки яке нафс аст, ки вай биайниҳӣ андар Зайд ва андар Амр аст, чунонки яке падар мар писарони бисёрро ё яке Офтоб мар шаҳрҳои бисёрро. Ва ин гумон ҳақ нест ва ботил аст” [1,с.234]. Дар ҳамин муносибат нахуст Сино ғайриимкон будани вуҷуди табиати куллӣ дар берун аз зеҳнро матраҳ мегардонад ва сипас шеваи муносибати табиати куллӣ, ки танҳо дар зеҳн аст, бо фардиятҳои хориҷиро тарҳ мекунад. Нуктаи асосӣ дар ин масъала фарқияти ашёӣ миёни вуҷуд ва моҳият аст. Аразҳо ва ё нишонаи навъӣ моҳиятро ҳамроҳӣ менамоянд, то ин ки моҳият худро ҳамчун вуҷуд воқеият бахшида тавонад. Аммо ин чунин маънӣ надорад, ки ин аразҳо ва нишонаҳои навъӣ низ ба моҳият дохил мешаванд. Агар ин аразҳо ва нишонаҳои навъӣ низ ба он моҳият тааллуқ дошта бошанд, он гоҳ як моҳият низ дар худии худ дорои хусусиятҳои

зиддиятнок мегардад, масалан, як инсон метавонад дар як вақт ҳам боақл ва ҳам беақл ва ё як паранда дар як вақт ҳам паранда ва ҳам ғайрипаранда бошад:

*Ва аммо нашояд, ки беруни нафсу ваҳму андеша яке мардумӣ биайниҳӣ бувад, ё яке сиёҳӣ биайниҳӣ ва вай андар ҳар чизе аз мардумон ва аз сиёҳон мавҷуд бувад. Ва нашояд, ки андар як чиз биайниҳӣ ҳам илм бувад ва ҳам набувад ва ҳам сиёҳӣ бувад ва ҳам сапедӣ бувад. Ва нашояд, ки ҳайвони куллӣ як ҳайвон бувад биайниҳӣ, ҳам вай раванда ва ҳам паранда ва ҳам нораванда ва ҳам нопаранда ва ҳам бо ду пой ва ҳам биайниҳӣ ба чаҳор пой. Пас, падид омад, ки маънии куллӣ, аз он ҷиҳат, ки куллист, мавҷуд нест, илло андар андеша* (Сино, Осор, ҷилди якум, “Донишнома”, Саҳ. 234).

Як чиз дар худии худ ва бидуни араз ва хусусиятҳои худ дорои ҳеҷ гуна вуҷуди хориҷӣ нест ва он танҳо дар зеҳн вуҷуд дорад. Сино дар мавриди вуҷуди табиати куллӣ назари худро чунин матраҳ мекунад: чун бори нахуст як инсон дида мешавад, дар зеҳн шакли ақлонии ин инсон зуҳур мекунад ва ҳар гоҳ ки инсони хориҷиро мебинад, як муқоиса миёни инсони ақлонӣ ва инсони хориҷӣ сурат мегирад. Афрод дар байни ҳамдигар аз ҳеҷ гуна афзалият бархӯрдор нестанд, масалан, агар Амр намудор гардад, ҳамин шакли ақлонӣ дар зеҳн намудор мегардад ва агар авал Зайд намудор гардад ҳам, ҳамин сурати ақлонӣ намудор мегардад. Аммо, агар аз пеш на инсон, балки чизи дигар намудор гардад, чунин шабоҳат ба вуҷуд намеояд. Сино мисоли маънии куллӣ дар зеҳнро ба тариқи метафорӣ шабеҳи “нақш дар мум” қаламдод мекунад. Мо якчанд ангуштариро бо нақши якхела тасаввур мекунем ва агар як нақшро дар мум пахш намоем, ин нақш бо ҳамаи нақшҳои дар дигар ангуштариҳо буда шабеҳ аст [1,с.234]. Ғазолӣ ин мисоли Синоро бо каме дигаргунӣ матраҳ мекунад, ба ақидаи ӯ низ, маънии куллӣ мисоли нақш дар мум аст, аммо нақши ангуштариҳои гуногун фақат аз назари навъ бо ҳам шабеҳанд, на аз ҷиҳати шумора. Ҳар як нақши ангуштарӣ бо хусусиятҳои алоҳидаи худ аз нақши ангуштариҳои дигар фарқ менамояд [7,с.98].

Масъалаи дувуме, ки Сино дар ин муносибат матраҳ мекунад, тақсим ва бисёрии табиати куллӣ дар асоси сабабҳои он, ки дар як вақт бо вуҷуди он ба вуқуъ мепайвандад. Ҳеҷ гуна табиати куллии дорои вуҷуди хориҷӣ вуҷуд надорад ва ҳамчунин ҳеҷ гуна ду инсон ва ё сиёҳии куллие дар як замон ва дар як макон бо ҳолатҳои ҳамнавохт вуҷуд надорад. Чунин чизе имконпазир аст танҳо дар асоси сабабҳо, ки онҳо дорои ҳолатҳои алоҳида мегарданд ва дорои бисёрӣ мегарданд. Ин масъала бо масъалаи муносибати байни моҳият ва вуҷуд шабоҳати наздик дорад.

Дар “Донишнома” ин масъала дар асоси муносибати миёни мафҳумҳои ҷинсӣ ва навъӣ ҳамчун табиати куллӣ бо нишонаи навъӣ ва аразҳо ҳамчун сабабҳо баррасӣ шудааст, ки дар натиҷа як моҳият ва ё табиати куллӣ тақсим мешавад ва ҳамин тавр дорои вуҷуд мегардад. Аразҳо ва нишонаҳои хос ҳамеша вуҷудро ҳамроҳӣ мекунанд ва маънии махсуси маънии куллиро ба даст меоваранд. Новобаста аз он онҳо ба моҳият дохил намешаванд [1,с.234]. Қисмати аввали ин андешаро мо дар бахши боло матраҳ кардем, яъне маънии куллӣ дар худии худ абстракт аст, аммо тавассути араз ва фасли хос, ки сабаби зуҳури маъниҳои куллӣ мешаванд, вуҷуди худро соҳиб мегардад. На маънии куллӣ, балки маҳз ҳамин аразҳо ва фаслҳои хос боиси ба вуҷуд омадани фарқиятҳо мегарданд. Қисмати дувуми андеша ин аст, ки аразҳо ва фаслҳои хос ба моҳияти маънии куллӣ дохил намешаванд ва ин масъала дар идома матраҳ гардонида мешавад. Мисоли Сино дар ин маврид муносибати байни ҳайвон ва “нотиқ” ҳамчун фасли хосси ҳайвон мебошад. Маънии ҳайвон дар фаҳмиши комили он ҳам барои инсон сидқ мекунад ва ҳам барои асп. Аммо “нотиқ”, ки фасли хосси инсон аст, ба моҳияти ҳайвон ба тариқи куллӣ дохил намешавад, зеро дар ин сурат асп ҳамчун ҳайвон қабул намегардид. Ҳайвон ба “нотиқ” ниёз дорад, то ин ки ба худ воқеият бахшад ва ин ба моҳияти он ҳеҷ гуна рабте надорад:

*Маънии ҳайвоният ҳар дуро ҳосил ба як сон ва ҳар дуро ҳайвоният аз ҷиҳати ҳайвоният тамом аст. Ва агар якеро аз ин ду тамом набудӣ, варо ҳайвоният набудӣ...Пас фасли мардум, ки масалан, нотиқ аст, шарт нест андар моҳият ва ҳақиқати ҳайвоният ва илло аспро ҳайвоният ба ҳақиқат набудӣ. Пас, ҳоҷати ҳайвон ба фасл на аз ҷиҳати он бувад, ки ҳақиқати ҳайвонӣ ба вай ҳақиқати ҳайвонӣ бувад, валекин ба он бувад, ки ҳайвонӣ ҳосил*

*шавад ба ҳастӣ. Ва ҳастӣ дигар асту ҳақиқат дигар* (Осор, ҷилди якум, "Донишнома", Илоҳиёт, с. 235).

Аразҳо низ бо маънии куллӣ ҳамин гуна муносибат доранд ва Сино қайд менамояд, ки таъсири аразҳо бештаранд, аммо ин маънии онро надорад, ки аразҳо ва фасл ҳар ду дорои айният бошанд, аразҳо дигар ҳастанду фаслҳо дигар. Яке аз таҳлилҳои муфассали ин масъала ва шарҳи фарқияти бунёдии байни аразҳо ва фаслҳо танҳо тавассути баэътиборгирии масъалаи ҷинс ва навъ имконпазир аст. Аз ин ҷиҳат, мо кӯшиш мекунем, ки ин масъаларо маҳз дар баҳси масъалаи ҷинс ва навъ баррасӣ намоем.

***Ҷинс, навъ ва фасл.***Ҷинс ҳамчун як мафҳуми куллӣ ва моҳиятӣ як ҷузъи таркибии баҳс дар мавриди куллиятро ташкил медиҳад ва дорои робитаҳои гуногунҷанба бо масъалаҳое, чун модда, ҷисм, навъ ва фасл мебошад. Мо метавонем махсусиятҳои мафҳуми ҷинсро танҳо дар алоқамандии он бо мафҳумҳои зикргардида ошкор гардонем. Ҳанӯз дар оғози баҳси мазкур Сино қайд менамояд, ки истифодаи мафҳуми ҷинс аз он фаҳмише, ки юнониҳои бостон доштанд, фарқ дорад. Сабабаш дар он аст, ки дар фалсафаи исломӣ ва бахусус дар мактаби машшоия, мафҳуми ҷинсӣ танҳо дар фаҳмиши мантиқии он истифода мегардад ва ба зудӣ ба ҷойи мафҳуми ҷинсӣ мафҳуми навъӣ истифода мегардад. Як мафҳум, ки дар худ дорои маънии навъӣ мебошад, танҳо бо як тасаввури махсус ҳамчун ҷинс қабул карда мешавад ва бо хурдтарин дигаргунӣ дар фарз он мафҳум метавонад маънии ҷинсии худро аз даст диҳад.

Ин масъала, пеш аз ҳама, аз як тараф, дар муносибати байни ҷинс ва модда ва аз дигар тараф, дар муносибати байни ҷинс ва навъ қобили мушоҳида аст. Сабаби асосии ин вобастагӣ ва шабоҳат ҷисм аст, ки ҳам ба модда ва ҳам ба ҷинс ва навъ далолат мекунад. Дар идома мо кӯшиш мекунем, ки ҷисм ҳамчун модда ва ҷисм ҳамчун ҷинс ва сипас мафҳумҳои дигаре чун модда ва ҷинсро аз ҳамдигар ҷудо кунем. Ва дар қадами минбаъда муносибати ҷинс ва навъро бо ҳам муқоиса менамоем ва дар ниҳоят фаслро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

*Мафҳум ҳамчун ҷинс ва модда.* Ҳамон гуна ки дар фалсафаи Арасту ба назар мерасад, дар фалсафаи исломӣ низ як баҳси калоне вуҷуд дорад, ки оё ҷисм ҷинс аст ё модда. Дар метафизикаи Сино масъалаи ҷинс маҳз бо ҳамин таҳлил оғоз меёбад. Аммо пеш аз оғози баррасии ин масъала моро зарур аст, ки яке аз қисматҳои дигари табиати куллиро дар ин ҷо матраҳ кунем. Ба ақидаи Сино, табиатҳои куллӣ дар оғози вуҷуди худ ба модда ниёз надоранд ва аз ин ҷиҳат онҳо дорои касрат ва ё бисёрӣ нестанд.Чунин фаҳмиши куллият ба рақами як монандӣ дорад. Пеш аз ҳама, табиатҳои навъӣ ҳастанд ва чун навъ ҳастанд, ба фасл тақсим намешаванд ва чун абстракт ҳастанд, аз модда таркиб наёфтаанд. Ҳамчунин, бо аразҳо, ки ё арази зарурӣ барои табиати куллӣ ҳастанд ва дар касрат аз ҷиҳати навъ фарққунанда нестанд ва ё ин аразҳо дорои касрат мегарданд, зеро ба онҳо аз ҷиҳати модда табиат ориз мегардад [3,с.152].

Аммо на ҳамаи табиатҳои куллӣ метавонанд бидуни модда вуҷуд дошта бошанд, танҳо тавассути модда ин табиатҳои куллӣ дорои вуҷуд мегарданд. Дар ин маврид Сино ҷинсро ҳамчун табиати куллӣ мисол меоварад ва тавассути он фарқияти байни модда ва ҷинсро дақиқу равшан мегардонад. Масъалаи бунёдӣ дар ин маврид он аст, ки оё ҷисм ҷинс аст ва ё модда? Ин имкон вуҷуд дорад, ки мо як ҷисмро ҳам ҳамчун модда ва ҳам ҳамчун ҷинс шиносем, аммо он ки ин ҷисм модда аст ва ё ҷинс, вобаста аст аз фарзи мо. Ҷисм модда аст, агар мо ҷисмро ҳамчун ҷавҳар ва дорои се андоза фарз намоем. Дар ин маврид шарт он аст, ки ҳамаи мафҳумҳои дигар ба мисли ҳис ва ё нуму барои ҷисми фарзкардаи мо бегонаанд ва ба он намечаспанд [3,с.157]. Ҳамчун ҷинс он дорои хусусиятест, ки агар мо ҷисмро ҳамчун ҷавҳар бо се андоза ва бидуни ягон шарте фарз кунем, ин ҷавҳар, дар навбати худ, мафҳумҳои дигари бегонаро ба худ қабул менамояд ва худро фақат ба се андоза маҳдуд намекунад [3,с.158].

Дар асоси шинохти ҷисм Сино ҳамчунин дар мисоли ҳайвон маҳакҳоеро ном мебарад, ки дар асоси онҳо метавон ба хубӣ мафҳуми ҳайвонро ҳам ҳамчун ҷинс ва ҳам ҳамчун модда шинохт. Дар вуҷуди воқеӣ мафҳумҳо дорои қисматҳои аз ҳам ҷудои ҷисмонӣ ва ё ҷинсӣ нестанд, ки аз ҳамдигар фарқ намоянд ва чунин таъриф фақат дар зеҳн анҷом дода мешавад. Мо метавонем ба модда ва ё ҷинс тааллуқ доштани мафҳумҳоро дар

асоси шартҳоямон муайян намоем, ки оё як мафҳумро зери шароити муайян дар зеҳни худ фарз менамоем ва ё зери шароити он ки ҳеҷ шарте вуҷуд надорад.

Агар мо ҳайвонро зери шароити муайян фарз намоем, ки он дар ҳайвонияти худ фақат ҷисм, эҳсос ва нуму мебошад, он гоҳ он модда аст ва мавзуъ барои "нотиқ" ҳамчун фасли инсон, ки барои чунин модда сурат мебошад.

Аммо, ба ақидаи Сино, агар мо ҳайвонро ҳамчун ҷинс фарз намоем, он гоҳ чунин ҷисмҳо фақат мафҳуми абстрактӣ мебошанд. Дар чунин мафҳумҳо метавонанд "нотиқ" ва дигар фаслҳо зуҳур намоянд. Ин фаслҳо қисмати таркибии сурати худро ташкил медиҳанд. Аммо дар сурати мавҷуд будан ва ё мавҷуд набудани онҳо мафҳум тамомияти худро аз даст намедиҳад. Яке аз хусусиятҳои дигари ҳайвон ҳамчун ҷинс он аст, ки қуввои нуму, эҳсос ва ирода бояд ин суратро ҳамроҳӣ намоянд:

*Ҳамин тавр, агар ҳайвон бар ин машрут бошад, ки дар ҳайвонияти худ чизе ҷуз ҷисмият ва нуму ва ҳис набошад ва моидаи инҳо аз он хориҷ бошанд, эй басо баид нест модда ё мавзуъ барои инсон бошад ва нафси нотиқа сурати он воқеъ шавад. Ва агар ҳайвон бар ин машрут бошад, ки ҷисм ба маънои ҷинс бошад ва ин ҷисм муҷоз бошад, ки дар маънои худ дорои ҳис ва соири суратҳо, хоҳ нутқ ва хоҳ муқобили нутқ бошад ва ба набудан ва ё будани чизе аз инҳо тааррузе нашавад, балки ҷоиз бошад ҳар як аз инҳо дар ҳувияти ҳайвон мавҷуд бошанд, валекин қувваи нуму ва ҳис ва ҳаракати биззарура бо ҳувияти ҳайвон ҳамроҳ бошанд ва заруратe набошад, ки илова бар ин се мавҷуд набошанд ё бошанд. Чунин ҳайвоне ҳайвон ба маънии ҷинс хоҳад буд.* ("Шифо", Илоҳиёт, мақолаи панҷум, III [7, с. 158]).

Дар ин бахш мо назарҳои Синоро дар мавриди фарқияти мафҳум ҳамчун модда ва ҳамчун ҷинс, ки дар фалсафаи машшоия яке аз масъалаҳои бунёдист, матраҳ намудем. Дар ин муносибат сухан на дар бораи фарқиятнокии худи мафҳум, балки зери кадом шароит фарз шудани мафҳум меравад. Дар аввал Сино ҷисмро ҳамчун модда, сипас ҳамчун ҷинс ба эътибор мегирад ва дар идомаи баҳси мазкур дар мисоли мафҳуми ҳайвон ӯ нишон медиҳад, ки дар кадом маврид ҳайвонро метавон ҳамчун модда фаҳмид ва дар кадом маврид онро ҳамчун ҷинс. Хулосаи ин баҳс он аст, ки агар як мафҳум ба фарз гирифта шавад ва ҳар як фасли ба он мувофиқояндаро ба он ҳамл кардан мумкин бошад, он гоҳ чунин мафҳумро метавон ҳамчун ҷинс қабул намуд. Аммо, агар ин мафҳум танҳо бо як фасл комил гардад ва агар чизҳои дигар, ки бар он меоянд, бегона ва зиёдатӣ ҳастанд, он гоҳ чунин мафҳум модда аст.

Мафҳум ҳамчун ҷинс ва ё модда танҳо сароғози баҳси куллият аст. Идомаи баҳси мазкурро мафҳум ҳамчун ҷинс ва навъ ташкил медиҳад.

***Мафҳум ҳамчун ҷинс ва навъ.*** Навъ низ ба мисли ҷинс яке аз масъалаҳои бунёдии табиати куллӣ мебошад ва ҳар ду дар якҷоягӣ қисмати таркибии масъалаи куллиятро ташкил медиҳанд. Ҷинс ва навъ чандон аз ҳамдигар фосила надоранд ва баъзан ҳатто ҳамчун синоним қабул мегарданд. Дар ҳамин муносибат Сино ду масъаларо мавриди баҳс қарор медиҳад:

А) Мафҳум ҳамчун ҷинс ва навъ. Саволи асосӣ дар ин муносибат чунин аст: чӣ гуна метавон ташхис дод, ки мафҳум ҷинс аст ё навъ? Ба худии худ маълум аст, ки ин баҳс идомаи баҳси қаблина дар мавриди як мафҳум ҷинс ва ё моддаро ташкил медиҳад. Сино ин масъаларо бо се фарз матраҳ мекунад: мафҳум ҳамчун модда, ҳамчун ҷинс ва ҳамчун навъ, ки онҳо, дар навбати худ, бо ҳамдигар дар алоқамандӣ қарор доранд. Дар боло мо назари Синоро дар мавриди он ки, агар як мафҳум бо як фасл маънии худро комил гардонад ва ниёз ба чизи зиёдатӣ надоштаро матраҳ намудем, ки чунин мафҳум ҳамчун модда шинохта мешавад; аммо, агар ҳангоми фарз ҳеҷ гуна шартгузорие вуҷуд надошта бошад ва ҳар чизе, ки ояд ба худ мепазирад ва худро комил гардонад, он гоҳ он навъ аст [3,с.159].

Барои шинохти мафҳум ҳамчун ҷинс ва ё ҳамчун навъ Сино шеваи дигареро низ ба кор мебарад, ки он муносибати ин мафҳум бо нафси инсонӣ мебошад. Дар ин зимн ӯ хусусиятҳои бунёдӣ ва аразӣ дар ин мафҳумро муайян месозад. Агар сурати як мафҳум барои нафс комил ва дақиқ набошад ва нафс барои ба эътибор гирифтани он ба унсурҳои ҷавҳарӣ ниёз дошта бошад, он гоҳ ин мафҳум ҷинс аст. Аммо, агар сурати як мафҳум барои нафс комил бошад ва нафс барои эътибор ва ё фарз кардани он ба ҷустуҷӯйи

унсурҳои ҷавҳарӣ нагардад ва танҳо бо унсурҳои аразӣ қонеъ гардад, он гоҳ ин мафҳум навъ аст. Барои равшании бештар Сино дар ин маврид мафҳуми "адад"-ро ҳамчун мисол барои мафҳуми ҷинсӣ ва мафҳумҳои "чаҳор" ва ё "шаш"-ро барои мафҳуми навъӣ меоварад. "Адад" ҳамчун мафҳуми ҷинсӣ ба тариқи моҳиятӣ вуҷуд дорад, аммо барои нафс дақиқу равшан нест. Сурати ин мафҳум барои нафс комил нест ва барои он ки сурати онро барои худ комил гардонад, нафс бидуни тардид савол мегузорад: "кадом адад?" Дар қадами аввали ҷавоб мо ниёз дорем ба унсурҳои ҷавҳарӣ, аз қабили "чаҳор" ва ё "се" ва танҳо дар қадами дувум ба унсурҳои аразӣ. Аммо мафҳумҳои "шаш" ва ё "чаҳор" барои нафс комил ва фаҳмо ҳастанд ва нафс барои вуҷуди онҳо дар ҷустуҷӯйи далели минбаъда намегардад, балки фақат ба далели аразӣ иктифо менамояд. Ҳамин тавр, агар дар ҷавоби саволи "кадом?" унсурҳои ҷавҳарӣ биёяд, он гоҳ он мафҳуми ҷинсӣ мебошад, аммо агар дар ҷавоб ба ин савол унсурҳои аразӣ биёяд, он гоҳ он мафҳуми навъӣ мебошад:

*Ва агар хоҳӣ бидонӣ, ки маънии зотӣ, ки бар чизҳои бисёр афтад, ҷинсист ё навъӣ, нигоҳ кун! Агар чунон бувад, ки сурати маънӣ андар нафси ту тамом шуда бошад, ки ҳоҷат наёяд, ки чизе дигар ҷуз араз ба вай ёр кунӣ, то ӯро пиндорӣ, ки мавҷуд аст, бидон, ки он навъист чун даҳию панҷӣ. Ва чун натавонӣ онро мавҷуд пиндоштан, то ба он ҳол бувад, магар ки кадомияш биҷӯӣ, он ҷинс бувад, чун шумор, ки натавонӣ шумор мавҷуд пиндоштан, ҳамчунин шумор безиёдатии зотӣ ё аразӣ. Балки табъи ту хоҳад, ки бигӯӣ, кадом шумор аст, чаҳор аст, ё панҷ аст, ва ё шаш? Ва чун чаҳор ё панҷ ва ё шаш шуд, беш ҳоҷат наояд ба кадомияш, валекин ҳоҷат ояд ба васфҳои аразияш, чунонки гӯӣ: "Шумор чӣ чиз аст ва андар чӣ чиз аст?"* (Осор, ҷилди якум, „Донишнома", Илоҳиёт, с. 236.)

Яке аз махсусиятҳои фарққунанда, ки Сино қайд менамояд, он аст, ки аз ҷиҳати замонӣ вуҷуди мафҳуми навъӣ нисбат ба мафҳуми ҷинсӣ пешӣ дорад, аммо аз ҷиҳати моҳиятӣ тамоман баръакс. Агар ин ақидаро дар асоси иқтибоси боло шарҳ диҳем, пас шумор ҳамчун мафҳуми ҷинсӣ ба тариқи моҳиятӣ дар зеҳни мо вуҷуд дорад, аммо аз ҷиҳати вуҷудӣ, баръакс, нахуст чаҳор ва ё панҷ вуҷуд дорад ва чун онҳоро мебинем, мегӯем, ки "Чаҳор адад аст" ва ё "Панҷ адад аст". Агар масъаларо каме аз диди мантиқӣ шарҳ диҳем, пас метавонем бигӯем, ки мафҳуми ҷинсӣ ҳамеша маҳмули мафҳуми навъӣ мебошад.

В) Мафҳуми вуҷуд. Шарҳи мафҳум ҳамчун модда ва ҷинс ҳамчун вуҷуд мураккабтар аст нисбат ба шарҳи мафҳум дар худии он. Дар вуҷуд мафҳум аз таркибҳои моддӣ ва ҷинсӣ иборат намебошад, ки ҳамеша зарурат ба тақсим намудан ва шинохтани онҳо вуҷуд дорад. Сино муносибати миёни ҷисмияти инсон ва ҳайвонро ҳам дар вуҷуд ва ҳам дар вуҷуд дар зеҳн инъикос мекунад ва дар ҳар ду ҳолат ба як натиҷа мерасад, ки вуҷуди ҷинсӣ ва ё ҳайвонӣ пас аз вуҷуди навъӣ меояд: "Ҳукми он дар ақл ҳам ҳамин тавр аст. Зеро ақл наметавонад аввал ҷисмият ба маънои ҷинсиро дар чизе мавҷуд кунад ва баъд чизи дигареро ба он замима кунад, то ин ки дар ақл ҳайвони навъӣ ба даст ояд" [3,с.160].

Ҳанӯз ҳангоми шарҳи ҷисм ҳамчун модда ва сурат ақидаи Синоро матраҳ сохта будем, ки ҷисми мутлақ, ки онро ҳанӯз дар маънии модда тасаввур карда наметавонем, абстракт аст ва танҳо тавассути навъҳои худ дорои вуҷуд гардида метавонад. Ҳамин ақидаро Сино дар ин муносибат низ бори дигар зикр мекунад. Дар ин ҷо низ маҳз навъҳо барои дорои вуҷуд гардидани ҷисми мутлақ ҳамчун сабаб нақш мебозанд, на баръакс, ки ҷисми мутлақ сабаби ба вуҷуд омадани навъҳо гардад [3,с.160].

Сино ин масъаларо матраҳ мекунад, ки дар вуҷуд кадоме аз ин унсурҳо, моддият ва ё моҳият, пешӣ доранд ва назари ӯ бар он аст, ки дар баъзе ваҳмҳои дарназаргирифта ҷисмияти инсон пеш аз "ҳайвоният"-и ӯ дар инсон меояд. Аммо ин ҷисм дар маънии модда, на дар маънии ҷинс, фаҳмида мешавад. Ҷисм дар маънии модда ҳанӯз ҷинс нест ва аз ин ҷиҳат ҳанӯз он аз инсон хабар дода наметавонад. Он фақат сабаб барои зуҳур кардани навъият аст. Агар ҷисм дар маънии ҷинс як вуҷуди пеш аз вуҷуди навъӣ медошт, бояд ҷисм дар маънии модда барои зуҳури навъият ҳамчун сабаб нақше мебозид. Вақте ки ҳайвоният ба ҷисм ҳамчун модда пайваст аст, ин ҷисм аз инсон хабар медиҳад ва як қисми ҳайвоният мегардад [3,с.159]. Масъалаи куллият як бахши таркибии метафизикаи Синоро ташкил медиҳад, ки як қатор масъалаҳои бунёдӣ, бахусус маънии куллӣ ҳамчун маънӣ дар

зеҳн ва ё масъалаи моҳият маҳз дар муносибат бо масъалаи мазкур маънии худро возеҳ сохта метавонад.

Хулоса

Кулл ва ҷузъ аз аърози хосси ҳастӣ мебошанд ва онҳо бидуни шарте ба ҳастӣ ориз мегарданд. Баҳси кулл асосан дар фаҳмиши мантиқии он мавриди истифода қарор мегирад ва ба зудӣ метавон онро ҳамчун мафҳуми навъӣ низ тасаввур намуд. Баҳси куллӣ асоси баҳси моҳият дар фалсафаи Синоро ташкил медиҳад. Ҳадафи асосӣ аз куллӣ ин ҳамон моҳияти чиз ва ё ҳастии зеҳнии чизҳо низ мебошад, аммо куллӣ ин ҳаммаъно бо моҳият ва ҳақиқати чиз нест, балки он хосияти чизро ифода менамояд. Пас аз оне, ки куллият ҳамчун хосият вориди моҳияти софи чиз мегардад, он моҳият дорои маънии куллӣ мегардад, яъне чиз дар худии худ як чиз ва чиз бо хосиятҳои худ чизи дигар мебошад.

Аммо чиз ҳамчун вуҷуди куллӣ ва ё зеҳнӣ ҳанӯз дорои вуҷуди хориҷӣ нест ва танҳо бо хосият ва аразҳои худ он дорои вуҷуди хориҷӣ мегардад. Яке аз баҳсҳо оё ҷисм модда аст ва ё ҷинс ва ин вобастагӣ дорад аз шеваи фарзкунии мо. Агар дар амали фарз ба маҳдудият роҳ диҳем ва ҷисмро танҳо ҳамчун дорои андоза ва ҷавҳар фарз кунем, пас он модда аст, аммо агар онро бидуни маҳдудият фарз кунем пас он ҷинс аст. Дар идома баҳси дигар матраҳ мегардад, ки он миёни ҷинс ва навъ мебошад. Дар боло зикр намудем, ки маънии ҷинсӣ ба осонӣ ба маънии навъӣ табдил меёбад ва баръакс. Агар мафҳум дар зеҳни мо комил бошад ва мо ниёз ба додани саволи бештар набошем, он гоҳ он мафҳуми навъӣ аст, аммо, агар маънӣ нокомил бошад, он гоҳ он мафҳуми ҷинсӣ мебошад.

Аз ҷиҳати моҳият ҷинс нисбат ба навъ пешӣ дорад ва аз ҷиҳати вуҷуд бошад, навъ нисбат ба ҷинс пешӣ дорад ва то навъро набинем, маънии ҷинсиро тасдиқ карда наметавонем.

**Муқарриз: Аҳмадов С. д.и.ф., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абуалӣ ибни Сино. Осор. Донишнома. –Ҷ. 1. – Душанбе, 2005.
2. Абуалӣ ибни Сино. Осор. Наҷот. –Ҷ.3. – Душанбе, 2007.
3. Абуалӣ ибни Сино. Китоб Аш-шифо. (Илоҳиёт). Таҳия ва тарҷумаи Иброҳими Додҷу. – Теҳрон, 1388 (2010).
4. Абуалӣ ибни Сино. Ишорот ва танбеҳот (таҳия бо тарҷума ва тафсири Ҳусайни Маликшоҳӣ). Қисми якум. Нашри шашум. – Теҳрон, 1388 (2009) - С. 246.
5. Бушманн, Елизабет. Ҷустуҷӯҳо доир ба масъалаи модда дар фалсафаи Ибни Сино. - Франкфурти соҳили Майн, Берн, Лас Вегас, 1979.
6. Висновский, Роберт. Метафизикаи Сино дар контекст. – Лондон, 2003.
7. Ғазолӣ, Муҳаммад. *Мақосиду*-л-*фалосифа* Таҳофуту-л-*фалосифа.* «Ал-иқтисод фӣ-л эътиқод ...*Муҳаммад Ғазолӣ*, Насиҳат-*ул*-мулук.- Душанбе: Ирфон, 2011.
8. Диноршоев, Мусо. Компендиуми фалсафаи Ибни Сино / М. Диноршоев. -Душанбе, 2010.
9. Диноршоев, Мусо. Дар бораи фалсафаи Абӯнасри Форобӣ. Дар: Фалсафа дар аҳди Сомониён / М. Диноршоев. – Душанбе, 1999.
10. Забеҳӣ, Муҳаммад. Фалсафаи машшоия. – Теҳрон, 1389 (2011).
11. Казем, Мусавӣ Боҷнурдӣ. Буалӣ Сино. – Теҳрон, 2009.
12. Кобуш, Тео. Таърихи Фалсафа. - Қисми 5, (Фалсафаи асримиёнагии замони оғозин ва минбаъда). – Мюнхен, 2011.
13. Кутзарова, Тиана. Масъалаи трансендатсия дар фалсафаи Ибни Сино” (Метафизика ҳамчун илм дар мавриди мафҳум ва қазоватҳои бунёдӣ). - Лайден/Бостон, 2009.
14. Маҳдӣ Ҳоири Яздӣ. Ҷусторҳои фалсафӣ. – Теҳрон, 2005.
15. Моревич, Парвиз. Таҳлили фалсафӣ ва “вуҷуд ва моҳият”-и Ибни Сино// Маҷаллаи ҷамеаи шарқии Амрико 92(3), 1972.
16. Моревич, Парвиз. Метафизикаи Ибни Сино. (тарҷумаи интиқодӣ, шарҳ ва таҳлили масъалаҳои бунёдии метафизикаи Сино дар “Донишномаи Алоӣ”). – Лондон, 1973.
17. Нафисӣ, Сайид. Ибни Сино” (нашри дувум). – Теҳрон, 1389 (2011).
18. Ниёзӣ, Ёрмуҳаммад. Андешаи файласуфони муосири араб дар бораи Ибни Сино. – Душанбе, 2008.
19. Ҳикмат Насруллоҳ. Метафизикаи Ибни Сино. – Теҳрон, 1389 (2011).


## КУЛЛӢ ВА ҶУЗЪӢ ҲАМЧУН БУНЁДИ БАҲСИ МОҲИЯТ ВА ВУҶУДИ ЗЕҲНӢ ДАР ФАЛСАФАИ ИБНИ СИНО

Ибни Сино дар ин муносибат танҳо масъалаи куллиро мавриди таҳлил қарор медиҳад ва ба ҷузъ, ки худ ҷузъе аз кулл аст, аҳаммият намедиҳад. Ба ақидаи донишмандон баҳси куллӣ дар фалсафаи Сино ин ҳамон баҳси моҳият мебошад. Ҳадаф аз маънии куллӣ ин ҳамон вуҷуд дар зеҳн мебошад, ки вуҷуд дар зеҳн

дар як вақт ҳамон моҳият ва ё вуҷуди хосси чиз мебошад. Моҳият дар зеҳн дорои маънии куллӣ ва моҳият дар хориҷ дорои маънии ҷузъӣ мебошад. Дар баҳси куллӣ чизро Сино аз се зовия мавриди таҳлил қарор медиҳад: аввал табиати чиз ва ё чиз дар худии худ, ки ҳанӯз он дорои маънии куллӣ нест, балки моҳият ва ё ҷавҳари соф мебошад; чиз дар якҷоягӣ бо авориз ва хосиятҳои он, ки ҳамон чизи табиӣ ва ё хориҷӣ мебошад; савум чиз ҳамчун маънии умумиятдодашуда дар ақли инсон ва ё чиз ҳамчун мафҳуми куллӣ. Ба ақидаи Сино, куллӣ ин хусусияти чиз буда, аз моҳияти софи чиз фарқ менамояд. То замоне ки куллӣ ҳамчун хосият вориди моҳият нагардад, моҳият дорои маънии куллӣ намегардад. Дар баҳси куллӣ сухан асосан сари вуҷуд дар зеҳн меравад, ки он бо чизҳои хориҷ дар муносибат қарор дорад. Вуҷуд дар зеҳн ин ҳамон моҳият аст, ки дорои вуҷуди хориҷӣ нест ва аразҳо ин вуҷуди зеҳнӣ ва ё моҳиятро ба хотири дорои вуҷуди хориҷӣ гардидан ҳамроҳӣ менамоянд. Агар ҷисм дар маҳдуда фарз карда шавад, он гоҳ он модда аст ва агар дар фарз маҳдудият вуҷуд надошта бошад, он ҷинс аст. Ҳамчунин, агар чиз дар зеҳни мо комил набошад ва мо саволи иловагӣ гузорем, он маънии ҷинсӣ мебошад ва агар комил бошад, он дорои маънии навъӣ аст.

**Калидвожаҳо**: куллӣ, моҳият, вуҷуди зеҳнӣ, ҷинс, навъ, модда, ҷисм.

## ТОТАЛЬНОЕ И ЧАСТИЧНОЕ КАК ОСНОВА РАССУЖДЕНИЯ О СУЩНОСТИ И РАЗУМНОМ БЫТИИ В ФИЛОСОФИИ ИБН СИНЫ

В связи с этим Ибн Сина анализирует только универсалное и не обращает внимания на часть, которая сама является частью целого. По мнению ученых, главный спор в ависеннской философии — это спор о сущности. Целью в общем смысле является существование в уме, являющееся сущностью или существованием вещи одновременно. Сущность в уме имеет общее значение, а сущность снаружи имеет частичное значение. В общем рассуждении Сино анализирует вещь с трех сторон: во-первых, природа вещи или вещь в себе, не имеющая еще общего значения, но являющаяся сущностью или чистой субстанцией; вещь вместе со своим видом и свойствами, являющаяся одной и той же природной или инородной вещью; третья вещь как обобщенное значение в сознании человека или вещь как общее понятие. Согласно Сино, это свойство вещи, отличное от чистой сущности вещи. Пока тотальность не входит в сущность как атрибут, сущность не имеет всеобщего значения. В общих рассуждениях речь идет в основном о существовании в уме, то есть по отношению к внешним вещам. Существование в уме есть та же самая сущность, которая не имеет чуждого существования, и акциденции сопровождают это интеллектуальное существование или сущность, чтобы иметь внешное существование. Если тело ограничено, то это материя, а если нет предела, то род. Кроме того, если что-то несовершенно в нашем уме и мы задаем дополнительный вопрос, это имеет родовой значение, а если оно совершенно, оно имеет видовой значение.

**Ключевые слова:** универсалний, частиыний, сущность, интеллектуальное существо, род, вид, субстанция, тело.

## UNIVERSAL AND PARTIAL AS THE BASIS OF THE DISCUSSION OF ESSENCE AND INTELLECTUAL EXISTENCE IN IBN SINA'S PHILOSOPHY

In this regard, Ibn Sina analyzes only the universal issue and does not pay attention to the part, which is itself a part of the universal. According to scholars, the main debate in Sinai philosophy is the debate of essence. The goal in the general sense is the existence in the mind, which is the essence or existence of a thing at the same time. The essence in the mind has a general meaning and the essence outside has a partial meaning. In the universal discussion, Sino analyzes the thing from three angles: first, the nature of the thing or the thing in itself, which does not yet have a general meaning, but is the essence or pure substance; thing together with its appearance and properties, which is the same natural or foreign thing; the third thing as a generalized meaning in the human mind or thing as a universal concept. According to Sino, universal is a characteristic of a thing and is different from the pure essence of a thing. As long as the totality does not enter the essence as an attribute, the essence does not have a universal meaning. In the general discussion, it is mainly about existence in the mind, which is in relation to external things. Existence in the mind is the same essence that does not have a foreign existence, and the accidences accompany this intellectual existence or essence in order to have a foreign existence. If the body is limited, then it is matter, and if there is no limit, then it is genus. Also, if something is not perfect in our mind and we ask an additional question, it has a genus meaning, and if it is perfect, it has a spiecies meaning.

**Key words**: universal, particular, intellectual being, genus, spiecies, substance, body.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Шаҳовуддинов Нуриддин Субҳонқулович* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail:: **shahobiddinov@yahoo.com**; Телефон**: 00 992 93 740 02 84**

**Сведения об авторе: *Шаховуддинов Нуриддин Субхонкулович* -** Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент, кафедра философии. **Адрес:** 734025, город. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 93 7400284.** E-mail::**shahobiddinov@yahoo.com**

**Information about the author: *Shakhovuddinov Nuridin*** -Tajik National University, Ph. Doc. Department of Philosophy, **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue 17. E-mail: **hahobiddinov@yahoo.com**; Phone: **00 992 93 740 02 84**

ТДУ:13 (575)

# НИГОҲЕ БА АНДЕШАҲОИ КАЛОМИИ ШИБЛИ НУЪМОНӢ

*Каримов Раҳим*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Шибли Нуъмонӣ аз ҷумлаи андешамандон, илоҳиётшиносон, мутакаллимон ва ислоҳотхоҳону гуманистони мусулмон мебошад, ки бо ҷаҳонбинии васеъ ва назарияҳои амиқу дақиқи илмию фалсафии худ дар ҳаллу фасли аксари масоили фалсафӣ, динӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоию сиёсӣ нақши муҳим бозидааст. Махсусан, дар рушди каломи фалсафӣ ё фалсафаи калом бо диду афкори бикру ҷадиди худ саҳми арзанда гузоштааст. Месазад гуфт, ки мавсуф аввалин шуда дар бораи "каломи ҷадид" ибрози ақида намудааст. Исботи ин гуфтаҳои мо асари муҳимми ӯ "Каломи ҷадид" мебошад, ки дар он мутафаккир таърихи калом ва масоили фалсафию метафизикиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Пеш аз он, ки мо андешаҳои каломии Шиблии Нуъмониро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем, лозим донистем ба таври фишурда ва мухтасар дар бораи илми калом ва мазмуну моҳияти он маълумот диҳем. Калом (илоҳиётшиносии исломӣ ё фалсафаи назариявии исломӣ) як шохаи низоми анъанавии улуми исломӣ ва маорифи исломӣ аст. Бисёре аз мутафаккирони муосири мусалмон талош кардаанд, ки онро дар партави донишҳои муосир бозбинӣ кунанд, ин илмро ислоҳ, навсозӣ ва ба ниёзҳои тағйирёбандаи замон мутобиқ созанд. Ба эътиқоди онҳо, суннатҳои зеҳнии зиндаро бояд дубора эҳё, бозбинӣ ва андеша кард, то онҳо ба шароити тағйирёбанда мувофиқ ва ҷавобгӯ бошанд. Онҳо эҳтиёҷ ба риштаҳои нави андешаро эҳсос карданд, зеро тафаккури исломӣ дар тули қарни нуздаҳ бо густариши фарҳанг ва суннатҳои фалсафии ғарбӣ ба Шарқи мусулмонӣ дар давраи мустамлика бо мушкилоти зиёди фикрӣ рӯ ба рӯ шуд. Онҳо кӯшиш карданд, ки арзишҳои диниро бо кашфиётҳои илмӣ муттаҳид кунанд ва ақл ва динро ба ҳам оштӣ диҳанд. Аз ин рӯ, лоиҳаи бозсозии афкори исломиро тавассути таълифи бархе осор оид ба эҳёи «Илми калом» пешниҳод карданд. Шиблии Нуъмонӣ ба ҳамин гурӯҳи мутафаккирони мусулмони Хиндустони мустамликавӣ мансуб аст, ки кӯшиши эҳё ва навсозии фалсафаи калом, ислоҳи шуури динӣ ва оштӣ додани дин бо фалсафаро доштанд.

Шиблӣ дар эҷодиёти худ ба таълими динӣ дар низоми маорифи диққати махсус дода, онро комилан рад накардааст. Вай исломро бо се ҷиҳат: имон, ибодат ва ахлоқ таъриф кардааст [17, с.188]. Вай динро як тарзи ҳаёт, кодекс, роҳи муқарраршуда ба маънои ҳамаҷониба медонист. Он тамоми чаҳор ҷанбаи дар боло зикршуда, яъне эътиқод, ибодат, ахлоқ ва тарзи зиндагиро дар бар мегирад ва ба ин тариқ ҳукмронии Худо, пазириши ҳокимият, ё шариати Ӯро тарғиб менамояд ва дар ниҳояти кор танҳо Ӯро ҳамчун Парвардигори рӯзи қиёмат қабул ва эътироф мекунад [17, с.186]. Аз ин рӯ, дин на танҳо маҷмуи эътиқодҳо, балки як маҷмуи органикӣ, як воҳидест, ки дар он ақидаҳои теологӣ ва метафизикӣ ҷузъи муҳимро ташкил медиҳанд [17, с.110]. Шиблӣ таъкид кардааст, ки беҳтарин низоми маориф бояд бо нигоҳ доштани унсурҳои мусбату муҳимми мероси низоми кухна ва бо он ҳамоҳангу ҳамроҳ кардани дастовардҳои низоми нави маорифи ғарбӣ бунёд карда шавад [1]. Аз ин рӯ, уммати мусалмон, воқеан ба эҳё ва навсозии илми калом, яъне, санъати дарк ва тафсири оқилонаи мушкилоти доғи ҷомеаи мусулмонӣ ниёз дорад. Сайид Аҳмадхон, мутафаккири ҳамаср ва устоди Шиблии Нуъмонӣ ин ҳадафи ислоҳталабони мусалмонро чунин шарҳ додааст: «Имрӯз мо мисли пештара ба илоҳиёт (илми калом) ниёз дорем, ки тавассути он ин ё он далелҳои илми муосирро рад кунем, ё асосҳои илмҳои муосирро барҳам диҳем, ё нишон диҳем, ки онҳо бо таълимоти ислом мувофиқанд» [18, с.217].

Ақидаҳои ислоҳотчигӣ ва замонавии Шиблии Нуъмонӣ дар асари ӯ бо номи «Каломи ҷадид» баён шудаанд. Мутафаккир зарурати ислоҳоти афкори динию фалсафии ислом ва эҷоди каломи навро чунин шарҳ додааст:

1. Каломи суннатии қадимӣ наметавонад мушкилоти муосирро аз дидгоҳи дини ислом шарҳ диҳад. Тараққиёти ҷамъиятии имрӯза вазифаҳои тамоман наверо ба миён гузоштааст, ки аз нуқтаи назари каломи анъанавӣ норавшан буда, табиист, ки муносибати нав ва тафсирҳои навро талаб мекунад.

2. Инқилобҳои илмию техникӣ боиси тавсифи манзараи нави ҷаҳон гардида, назарҳои илмиро дар бораи табиат, ҷомеа, умуман, дар бораи ҷаҳон ба куллӣ тағйир доданд ва ин нигоҳи навро ба муносибати ислом ва илм, дин ва фалсафа, кор карда баромадани консепсияхои нави баҳодиҳии натиҷаҳои прогресси илмию техникиро талаб менамояд.

3. Ҳамлаҳои динҳои дигар ба ислом, материализми табиатшиносӣ тағйир ёфт. Фаҳмидани ин ҳамлаҳо ва иддаоҳо посуххо ва ҳамчунин таблиғи дидгоҳҳои нав ва усулҳои нави бархӯрд бо онҳоро тақозо мекунад.

4. Методологияи каломи суннатӣ барои таҳлили дастовардҳои нави илм комилан мувофиқ нест. Гузашта аз ин, проблемаҳои комилан наве ба майдон меоянд, ки таҳлили нав ва тағйир додани муносибати исломиро нисбат ба онҳо тақозо мекунанд [14, с.44-45]. Шиблии Нуъмонӣ на танҳо ин андешаҳоро дар асари худ «Каломи нав» татбиқ кардааст, балки аз онҳо нахуст дар ҷараёни тадрис дар Донишгоҳи Алигарҳ, баъдан дар донишкадаи динии «Надват-ул-уламо»-и Ҳайдаробод истифода кардааст. Шиблии Нуъмонӣ шогирди вафодор ва пайрави Сайид Аҳмадхон буд. Бо вуҷуди ихтилофи назарҳо бо устодаш, бахусус дар арзёбии низоми маорифи Англия, нақши мустамликадории Британиё дар Ҳиндустон ва баъзе масъалаҳои дигар, ӯ то охири умри Аҳмадхон дар соли 1898 дар Алигарҳ кор карда, аз забони арабӣ ва забони форсӣ дарс медод. Ва ҳангоме ки ба Ҳайдаробод кӯчид ва дар «Надват-ул-уламо» кор кард, дар он ҷо ба ҳамлаи шадидтар аз суннатгароён дучор шуд. Аммо ӯ дар таълим, дар системаи маориф суботкорона равиши навро инкишоф дода, инчунин консепсияи худро дар арзёбии ҳодисаҳои имрӯзаи ҷомеа ва илм таҳия намуд. Ин саъю кӯшиши Шиблӣ бароиислоҳи ислом аз ҷониби бархе аз уламо ва ислоҳотчиёни дигар пуштибонӣ пайдо кард. Ақида ва андешаҳои ӯ аз тарафи ислоҳотчиёни маъруф Абулкалом Озод, Муҳаммад Иқбол ва дигарон дастгирӣ ёфтанд. Баъдан андешаҳои ӯ асоси назариёти С. Афғонӣ, М. Абдо, Р. Ризо ва дигар ислоҳотгарони исломӣ гардид.

Андешаҳои эҷоди «каломи нав» ба дараҷае ҷолиб буданд, ки бисёре аз идеологҳои ислом, мутакаллимони араб ва эронӣ дар бораи он ҳарф мезаданд ва ба он пайравӣ мекарданд. Бахусус таваҷҷуҳи файласуфон ва каломиёни маъруфи исломии Эрон, аз қабили С.Ҳ.Таботабоӣ, М. Мутаҳҳарӣ, М.Ризо Асадӣ, М.Шабистарӣ ва бисёр мутакаллимони муосир бар он ҷалб шуд. Ба ақидаи Шиблӣ, тазоди ақидаҳои динӣ ва илмӣ ихтилофи дини ҳақиқӣ, таълимоти илоҳӣ ва илм нест, балки самари андешаҳои мухталифи мардум дар бораи илм аст. Аз ин рӯ, бидуни доштани дидгоҳу мафҳумҳои нав тафсири матнҳои динӣ, дуруст шарҳ додани мавқеъҳои дин ва иртиботи он ба дониши ақлӣ ғайриимкон аст [2, с.1-2]. Чуноне маълум аст, вазифаҳои асосии каломи суннатӣ шарҳу тавзеҳи асосҳои имон ва дифоъ аз таълимоти динӣ аз ҳамлаҳои гуногун буд. Каломиёни муосир, аз ҷумла Шиблии Нуъмонӣ, ба ин ду вазифа асоснок кардани ҳақиқати таълимоти калом, тавсеа ва инкишофи донишҳои динӣ, таҳияи методологияи таҳқиқ, аз ҷумла, истифодаи усулҳои таҷрибавӣ, таҳлили ва усулҳои окилонаро илова кардаанд [10, с.164-165]

Чизи асосӣ дар навсозии калом дар он аст, ки доираи масъалаҳои баррасишуда дар калом ба сабаби пайдо шудани назарияҳои нав дар илм ва ҳаёти иҷтимоӣ, ки масъалаҳои каломи навро аз каломи анъанавӣ фарқ мекунанд, васеъ гардид. Масъалаи дигари муҳим истифодаи методологияи нав дар каломи нав аст, ки ба методологияи нав дар илм вобаста буда, на танҳо усулҳо, балки забони каломӣ низ ба тағйироти муайяне дучор шудааст. Забони каломиён, муносибати консептуалии онҳо ба масъалаҳои дар калом баррасишуда аз бисёр ҷиҳат тағйир ёфтааст [2, с.2].

Чуноне ки мебинем, Шиблии Нуъмонӣ каломро як шакли илму дониш медонад ва дар ин росто мувофиқи тағйирот дар илми муосир ислоҳу тағйирот ворид намудан дар онро зарур мешуморад [14, с.6]. Ин масъалаҳое, ки Шиблии Нуъмонӣ дар назди калом

гузоштааст, дар шароити имрӯза аз лиҳози арзиши илмӣ ба масъалаҳои асосии мавзуи каломи нав ва шаклҳои гуногуни он табдил ёфтаанд. Зеро ба маънои васеъ калом бо улуми муосири динӣ ва фалсафаи дин алоқаманд аст. Ба ақидаи муҳаққиқи муосири калом Ҳумоюни Ҳимматӣ, «мавзуи калом эътиқоди динӣ, фарҳанги умумӣ ва динӣ, назария ва дидгоҳҳои динӣ мебошад, ки ба тавзеҳ, тафсир ва ҳифз ниёз доранд» [10, с.179]. Дар ин маврид Шиблӣ зарурати таърифи ҳадафмандонаи калом ва мушкилоти онро қайд намуда, таъкид кардааст, ки баъзе масъалаҳое, ки дар каломи суннатӣ дида намешаванд, онҳоро ҳатман ба каломи ҷадид ворид карда, дар ҳаллу фасли баъзе масъалаҳое, ки дар ҷомеаи муосир ба вуҷуд омадаанд, истифода намуд.

Таҷдиди калом на танҳо муҳтавои он ва ворид шудани тавзеҳоти нав дар он, балки пояҳои методология, забони мафҳумҳо ва категорияҳои ин илмро, яъне тағйироти тамоми ҷанбаҳои онро, ки метавонист каломи суннатиро дигаргун ва нав созад, фаро мегирад. Навсозии муҳтавои калом ба андозаи миқдорӣ баррасӣ шуда, таҷдиди методологии он тағйироти сифатии онро дар пай дорад. Шиблии Нуъмонӣ ва дигар диншиносон – ислоҳотгарони муосири мусулмон вазифаҳои асосии калом (дониш, тафсир, асосноккунӣ ва ҳифзи эътиқоди динӣ)-ро бо мавқеъ, воситаҳо ва усулҳои истифодабарии илмҳои муосир зич алоқаманд мекунанд [6, с.52]. Мазмуни каломи нав ду гурӯҳи масъалаҳоро дар бар мегирад: а) масъалаҳое, ки дар каломи анъанавӣ баррасӣ мешуданд; б) ҳамаи мушкилоти муосири ҳаёти иҷтимоӣ ва илм, ки дар каломи суннатӣ мавриди баррасӣ қарор надоштанд [6, с.54-55].

Шиблии Нуъмонӣ дар асари «Каломи нав» ба таври муфассал дар бораи он, ки ислом ва тамаддуни муосир, пешрафти иҷтимоиву фарҳангӣ мухолифат надоранд, таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Вай бар ин бовар аст, ки асоси рушди инсон ин ақидаест, ки инсон тоҷи табиат аст ва ӯ метавонад онро ва ҳар он чизеро, ки дар ҷаҳон вуҷуд дорад, ба худ тобеъ гардонад. Ин андеша дар Қуръон ҷой гирифтааст, аз ин рӯ, ислом ба рушд такони нав мебахшад [14, с.190-191]. Асоси дуюми пешравии инсоният дар он аст, ки ҳама гуна пешрафт ё таназзул, рушд ё буҳрон ба саъю кӯшиши одамон, ба фаъолияти эҷодии онҳо вобаста аст. Ин ақида дар Қуръон низ омадааст.

Ба гуфтаи Шиблӣ, файласуфони ғарбӣ бар ин назаранд, ки таърихи баробарӣ ва озодӣ 50 сол дорад, аммо ин ақида дар Қуръон, хеле пештар омадааст. Ислом 12 аср муқаддам меъёрҳои озодӣ ва баробариро эътироф кардааст [14, с.199]. Ба ҳамин тартиб, Шиблӣ дар бораи мавҷудияти демократия, гуногунандешӣ, таҳаммулпазирии динӣ дар ислом ҳарф мезанад. Вай ин масъалаҳоро саволҳои каломи нав мешуморад, ки мавзуи муҳокимаи каломи анъанавӣ набуд. Дар баробари ин, иброз медорад, ки каломи нав наметавонад кашфиётҳои навинро рад кунад, шароити нави ҷаҳони муосирро ба назар нагирад.

Шиблии Нуъмонӣ бар ин назар аст, ки калом бояд бо қонунҳои рушди иҷтимоӣ сарукор дошта бошад, мавқеъҳои худро ҳам дар асоси сарчашмаҳои динӣ ва ҳам дар асоси бозёфтҳои илми муосир асоснок намояд. Каломи нав равиши комилан нав, методологияи нави тадқиқотро дар назар дорад, ки дар натиҷаи он, дар маҷмуъ, калом таҷдид мешавад, яъне ин навсозӣ ба сарчашмаҳо: мавзуъҳо, мафҳумҳо, усулҳо, забон ва ғайра дахл дорад. Ғояи Шиблии Нуъмонӣ оид ба таҷдиди калом маънои таҷдиди мавзуъ ва боло бурдани сатҳи назариявии калом, истифода аз усулҳои нав, бахусус таҷрибаро дошт. Вай дар ин бора менависад: «азбаски асосноккунӣ ба тарзи нав сурат мегирад, таҳлили масъалаҳо ба таври махсус, ба тарзи нав сурат мегирад, мо онро илми нав («каломи нав») мегӯем. Он дини ҳақиқиро аз ботил фарқ мекунад» [1;7]. Ба ақидаи ӯ, дини ҳақиқӣ бар принсипҳое асос ёфтааст, ки ба табиати инсон, ормон ва ақли он мувофиқанд. Дини ҳақиқӣ ба дастовардҳои муосири илм ва рушди иҷтимоӣ мухолифат намекунад [14, с.21]. Шиблӣ исломи ҳақиқиро аз тафсири таҳрифи он, ки бо ифротгароӣ ва таассуби оммаи диндорон ва идеологҳои он алоқаманд аст, фарқ мекард. Ӯ шуури динии оммаро аз таълимоти ҳақиқии ислом фарқ мекард. Албатта, дар баробари ин бисёр муқаррароти дини исломро ислоҳ ва тафсир кардааст. Вай ба таълимоти ислом, парастиш ва расму оинҳои он муносибати нав дошт.

Ба ақидаи Шиблӣ, моҳияти кайфари гуноҳ ва ҷазо дар охират дар он аст, ки инсон вазифадор аст қонунеро, ки барои рушди инсоният, ҳуқуқи дину ибодат, Ватанро дӯст доштан, меҳнат кардан, ҳаёти пурҷушу хурӯш доштани инсон имкон медиҳад, риоя кунад [13, с.15]. Ин андешаҳои Шиблии Нуъмонӣ на танҳо дар каломи муосир пурра таҷассум ёфтаанд, балки боз ҳам мукаммал ва асоснок гардиданд.

Замони нав на танҳо масъалаи нав кардани мазмун ва услуби каломро ба миён гузошт, балки муносибати онро ба фалсафа ва умуман илм муайян кард. Ба ақидаи Шиблӣ, тамоми тағйироти ҷаҳонбинӣ ва тафаккур бояд мавзуи таҳқиқу таҳлили калом бошад [14, с.22].

Аммо Шиблии Нуъмонӣ мухолифи маҳдудияти илму дин, вазифа ва мазмуни илму дин аст. Ӯ ҳамчун ратсионалист ҷонибдори айният ва мувофиқати хулосаҳои илму дин аст. Дар ин бобат ӯ тарафдори файласуфони мусулмон, аз қабили Ибни Сино ва дигар машшоиён мебошад [14, с.74].

Дар асрҳои миёна калом дар низоми фалсафаи Ибни Сино ҳамчун як илми фарқкунанда аз фалсафаи дин, ҳамчун таълимоти метафизикӣ ё фалсафаи олӣ мақом дошт. Калом бахше аз улуми динӣ буд ва то имрӯз боқӣ мемонад. Шиблӣ табиати динии каломро инкор накарда, онро бо мушкилоти фалсафӣ тавсеа дода, байни фалсафаи дин ва калом пуле бунёд кардааст. Шиблӣ дар ин ҷо таъкид кардааст, ки калом илми ақлонӣ аст, ҳамон тавре ки фалсафа аст. Он ҳамчун воситаи асосноккунӣ шаклҳои оқилонаи шинохтро истифода мебарад ва пеш аз ҳама, ба мулоҳизаҳои ҳақиқӣ такя мекунад. Чуноне ки маълум аст, иртиботи калом ва фалсафа, ки Шиблӣ дар бораи он гуфта буд, имрӯз воқеъ гардидааст. Бисёре аз уламои дин аз каломи ҷадид ҳамчун фалсафаи дин истифода мекунанд. Ба гуфтаи муҳаққиқи эронӣ Ҳасани Юсуфиён, «каломи ҷадид» он чизест, ки Ғарб «фалсафаи дин» номидааст» [8;16, с.17]. Дар ин ҷо гуфтан бамаврид аст, ки Шиблӣ аз масоили суннатии калом даст накашидааст, балки дар асосноксозии мушкилоти суннатии калом аз маълумотҳои илму фалсафаи муосир истифода кардааст.

Бо дарназардошти он ки илми таҷрибавӣ дар нимаи дуюми асри XIX ба баландтарин сатҳи рушд расидааст, дар партави ин илм таҳаввулоти каломӣ имконнопазир аст ва он танҳо бо ратсионализми хушки асримиёнагӣ маҳдуд намешавад. Ҳақиқат на танҳо бо роҳи оқилона, балки ба воситаи таҷриба низ ба даст меояд. Ҳадафи илму дин як аст - фаҳмиши ҳақиқат. Хулосаҳои ҳақиқӣ на танҳо тавассути мантиқи арастуӣ имконпазиранд, балки дар ин ҷо усулҳои индуктивии асосноккунии ҳақиқатро низ истифода бурдан лозим аст. Дастрасии ҳақиқат дар калом ва фалсафаи исломӣ тавассути ҳамаи шаклҳои ҷараёнҳои маърифатӣ сурат гирифт. Дониш, илм аксиомаҳои мутлақ мебошанд. Ҳамин аст, ки Садриддини Шерозӣ гуфтааст, ки илм ҳақиқатҳоеро дар бар мегирад, ки моҳияти онҳо бо мавҷудияти онҳо мувофиқат мекунад ва таърифи равшантар аз худи мафҳуми «илм» вуҷуд надорад [5; 11, с.118].

Шиблии Нуъмонӣ ҳақиқатро ду тарз таъриф мекунад: 1) имони бечуну чаро; 2) тасодуфи якхела бо воқеият. Дар асоси ин фаҳмиш ӯ робитаи байни далелҳои динӣ ва фалсафаро муайян мекунад [6; 13, с.34]. Аммо ӯ ҳақиқат ва мутлақияти онро, ки дар Қуръон омадааст, инкор намекунад. Ба эътиқоди ӯ, ақидаҳои Қуръон ба далелҳои иловагӣ ниёз надоранд, онҳо абадӣ ва мутлақанд. Фаҳмиши мо дар бораи матни Қуръон, ақидаи мо дар бораи баъзе постулатҳои дин бояд асоснок карда шавад. Бо ин Шиблӣ худро аз иттиҳомоти бидъат ва куфр эмин медорад.

Ҳамин тавр, таҳлили таълимоти Шиблии Нуъмонӣ нишон медиҳад, ки ӯ дар партави навтарин дастовардҳои илму фалсафа ислоҳоти исломро ба таври равшан тарғиб кардааст. Ӯ ҷонибдори консепсияи ҳамзистии дину фалсафа, илму ваҳй, рад кардани мухолифати онҳо буд. Гузашта аз ин, мутафаккир ба тағйири динии илм, таҳрифи дастовардҳои илм ё тағйир додани мавқеи илм барои мувофиқат кардани илм бо таълимоти динӣ қатъиян мухолифат мекард, вале баръакс, ҷонибдори навсозии ислом ва ҳамгунсозии он бо дастовардҳои илми муосир мебошад. Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки давраи ҳаёти Шиблӣ давраe будааст, ки вазифаи ислоҳоти ислом, наздик кардани он ба ниёзҳои замоне ба миён омадааст, ки «ақлу тафаккур ченаки ягонаи ҳар чизи мавҷуд

гардид» [3, с.16], аммо танҳо ба қисмати муайяни зиёиёни равшанфикр дастрас буд ва ба таҷдиди ислом маҳдуд мешуд.

**Муқарриз: Ахмедов С.А. – д.и.ф., профессори ДМТ**


**АДАБИЁТ**

1. Амондуллоев Б.С. Фалсафаи маорифпарварии Шарқи Наздик, Миёна ва Ҳинд (нимаи дуюми асри 19 ва ибтидои асри 20) / Б.С. Амондуллоев. – Душанбе, 2019. -245с.
2. Каломи ҷадид. Мабонӣ ва омӯзаҳо. -Теҳрон: Асотир, 1387. -399 с.
3. Корбен, Анри. Таърихи фалсафаи исломӣ. - Теҳрон, 1352 ҳ.
4. Қуръони карим. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ. Матни тарҷумаи тоҷикӣ ва тавзеҳоти Муҳаммадҷон Умаров. -Душанбе: Эр-граф, 2011.
5. Мутаххарӣ Муртазо. Адли иллоҳӣ. -Теҳрон, 1361.
6. Муҳаммад Ризо Асадӣ. Пайванди илми калом ба суннат ва таҷаддуд // Каломи ҷадид. Мабонӣ ва омӯзаҳо. –Теҳрон, 1387.-С. 140-165.
7. Муҳаммад Иқбол. Эҳёи фикри динӣ дар ислом. - Душанбе, 2000.
8. Саид Қутб. Адолати иҷтимоӣ дар ислом. - Теҳрон, 1349/1961.
9. Фарҳангшиносӣ (китоби дарсӣ). Ҳайати муаллифон. Душанбе 2020. 256с.
10. Ҳумоюн Ҳимматӣ. Муқаддима ба илоҳиёти ҷадид. –Теҳрон,1380.-204 с.
11. Ҳусейнзода М. Фалсафаи дин. -Теҳрон, 1380. -490с.
12. Ҷаъфар Субҳонӣ. Мадхале бар масоили ҷадид дар илми калом. - Теҳрон, 1386 (2007). -Ҷ.3. - С.74-81.
13. Шиблии Нуъмонӣ. Таснифи калом. -Теҳрон, 1387. -176 с.
14. Шиблии Нуъмонӣ. Каломи ҷадид. -Теҳрон, 1387. -235 с.
15. Шибли Нуъмонӣ. Таърихи илми калом. -Теҳрон, 1386 (2008).
16. **Юсуфиён Ҳасан. Каломи ҷадид. -Теҳрон, 1391. -462 с.**
17. Anis Ahmad, Two Approaches to Islamic History, A Critique of Shibli Nu'mani's and Syed Ameer'Ali's Interpretations of History. Philadelphia: Temple University, Ph. D Thesis, 1980.-218 с.
18. Fadl al-Rahman, Islam. Chicago: University of Chicago Press, 1979.
19. H.A. Mukti Ali, Alam Pemikiran Islam Modern di India dan Pakistan. Jogjakarta: Mizan, 1993. 1st Ed. -278 с.



**НИГОҲЕ БА АНДЕШАҲОИ КАЛОМИИ ШИБЛИ НУЪМОНӢ**

Дар мақола саҳми Шиблии Нуъмонӣ дар навсозии калом ва ислоҳоти афкори исломӣ, пайванди ногусастании дин ва илм, иртиботи имону дониш, дину фалсафа, ҷойгоҳи илму ақл, ваҳй ва нубувват дар консепсияи ирфонии мутафаккир баррасӣ шудааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили ин ҷанбаҳои низоми динию фалсафии Шиблии Нуъмонӣ ба хулосае омадааст, ки ақидаҳои динӣ ва фалсафии мутафаккир зери таъсири қавии таълимоти Ғазолӣ ва Ҷалолиддини Балхӣ ташаккул ёфтаанд. Анъанаҳои ратсионалистии машшоияи шарқӣ, бахусус ғояҳои Форобӣ, Ибни Сино ва Ибни Мискавайҳ низ ба ташаккули ақидаҳои ӯ таъсири калон расонидаанд. Қайд шудааст, ки Шиблии Нуъмонӣ аз ислоҳоти ислом дар партави пешрафтҳои ахири илм ва фалсафа ҳимоят мекард, ҷонибдори консепсияи ҳамзистии дину фалсафа, илму ваҳй, рад кардани мухолифати онҳо буд. Ақида ва андешаҳои мутафаккир оид ба тағйири динии илм, таҳрифи дастовардҳои илм ё тағйир додани мавқеи илм барои мувофиқат кардани он бо таълимоти динӣ, ки қатъиян мухолифат мекард ва баръакс, ҷонибдори навсозии ислом дар такя бо дастовардҳои илми муосир буд, равшан карда шудааст. Назариёти Шиблии Нуъмонӣ оид ба созгории низомҳои тафаккури анъанавӣ ва муосир ва инчунин синтези равиши теологӣ бо суннати тасаввуф таҳлилу тавзеҳ шудааст.



**Калидвожаҳо**: фалсафа, калом, анъанагароӣ, навгароӣ, ислоҳотгаро, ақлоният, дин, илм, ваҳй, ақл, нубувват.



**НЕКОТОРЫЕ СООБРАЖЕНИЯ О КАЛАМИСТСКИХ ВЗГЛЯДАХ ШИБЛИ НУМАНИ**

В статье анализируется и характеризуется вклад Шибли Ну'мани в модернизацию калама и реформирование исламской мысли, идеи мыслителя о неразрывной связи религии и науки, соотношении веры и знания, религии и философии, рассматривается место науки и разума, откровения и пророчества в гносеологической концепции мыслителя. В результате анализа указанных аспектов религиозно-философской системы Шибли Ну'мани автор констатирует, что религиозно-философские воззрения мыслителя формировались под сильным влиянием учения ал-Газали и Джалаладдина Руми, значительное влияние также на формирование его воззрений оказал рационалистические традиции восточного перипатетизма, особенно идеи Фараби, Ибн Сины и Ибн Мискавейха. Он явно выступал за реформу ислама в свете последних достижений науки и философии. Он был сторонником концепции сосуществования религии и философии, науки и откровения, отказа от их противопоставления. При чем мыслитель категорически выступал против религиозной модификации науки, извращения достижения науки или изменения позиции науки с целью соответствия науки с религиозным учением, а наоборот выступал за модернизацию ислама в соответствии с достижениями современной ему науки. Таким способом Шибли Ну'мани удалось согласовать традиционную и современную системы мышления, а также синтезировать теологический подход с суфийской традицией.



**Ключевые слова:** философия, калам, традиционализм, рациональность, реформатор, модернизм, религия, наука, откровение, разум, пророчество.

**SOME CONSIDERATIONS ON THE KALAMISTA VIEWS OF SHIBLI NU'MANI**

The article analyzes and characterizes the contribution of Shibli Nu'mani to the modernization of kalam and the reform of Islamic thought, the thinker's ideas about the inseparable connection between religion and science, the relationship between faith and knowledge, religion and philosophy, the place of science and reason, revelation and prophecy in the thinker's epistemological concept is considered. As a result of the analysis of these aspects of the religious and philosophical system of Shibli Nu'mani, the author states that the religious and philosophical views of the thinker were formed under the strong influence of the teachings of al-Ghazali and Jalaladdin Rumi, the rationalistic traditions of Eastern peripatetism, especially the ideas of Farabi, also had a significant influence on the formation of his views., Ibn Sina and Ibn Miskawayha. He clearly advocated the reform of Islam in the light of recent advances in science and philosophy. He was a supporter of the concept of the coexistence of religion and philosophy, science and revelation, the rejection of their opposition. Moreover, the thinker categorically opposed the religious modification of science, perverting the achievements of science or changing the position of science in order to match science with religious teaching, but, on the contrary, advocated the modernization of Islam in accordance with the achievements of contemporary science. In this way, Shibli Nu'mani managed to harmonize the traditional and modern systems of thought, as well as synthesize the theological approach with the Sufi tradition.

**Key words:** philosophy, kalam, traditionalism, rationality, reformer, modernism, religion, science, revelation, reason, prophecy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Каримов Раҳим*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа. **Суроға:**734052, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **985176666**

**Сведения об авторе:** ***Каримов Рахим*** - Таджикский национальный университет, кандидат философских наук. **Адрес:**734052, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. Телефон: **985176666**

**Information about the author:** ***Karimov Rahim*** - Tajik National University, Candidate of Philosophical Sciences. **Address:** 734052, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave, 17. Phone**:**: **985176666**

ТДУ:128/129 (575)

# АНДЕШАҲОИ ФАХРИДДИНИ РОЗӢ ОИД БА НАФС 156-162

*Зиёев И.Ғ., Элчибекова Б.И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шинишоҳ Шоҳтемур**

Моҳияти инсон, пайдоишу таъинот ва мақоми он дар олам яке аз масъалаҳои асосии таърихи андешаҳои фалсафӣ ба шумор рафта, мавриди омӯзиши соҳаҳои гуногуни илм: ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, физиология, педагогика, тиб ва ғ. қарор гирифтааст. Баробари назарияҳои динӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии Фахриддини Розӣ назарияҳои фалсафӣ низ таъсири калон гузоштаанд. Аз афкор ва назарияҳои мутафаккир маълум мешавад, ки ӯ дар ҳар бахше аз илм зери таъсири намояндагони он бахши илм қарор гирифтааст. Масалан, дар ҳадис ва аҳодиси тафсирӣ аз Ибни Аббос, Муқотил ибни Сулаймон, Муҷоҳид, Қатодда ва Саид ибни Ҷарир; дар луғат ва сарфу наҳв аз Асмаъӣ, Абуубайд Таймӣ, Фароъ, Заҷҷоҷ ва Мубаррид; дар тафсир аз Табарӣ, Саълабӣ, Воҳидӣ, Замахшарӣ ва Ибни Қутайба; дар калом аз Абубакри Боқилонӣ, Ибни Фурук, Мотуридӣ, Ашъарӣ, Ғазолӣ ва аз мутакаллимони муътазилӣ аз Абумуслим Муҳаммад ибни Исфаҳонӣ, Қозӣ Абдулҷаббори Ҳамадонӣ ва Замахшарӣ; дар фиқҳ аз Имом Шофеӣ ва Абуҳанифа [4,с.162] пайравӣ намудааст. Дар фалсафа аз таълимоти файласуфон Пифагор, Парменид, Суқрот, Афлотун, Арасту, Абубакри Розӣ, Ибни Мисакавайҳ, Абунасри Форобӣ, Ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ ва дигарон таъсир пазируфтааст.

Таъсири таълимоти фалсафаи Суқрот, Афлотун ва Арасту дар афкори намояндагони шарқӣ зиёд ба чашм мерасад. Бешак, тасаввур ва таҳлилу баррасии ин масъаларо наметавон бе зикри назарияи файласуфони то Фахриддини Розӣ тасаввур намуд. Аз ҷониби дигар, моҳияти инсонро низ наметавон байни таълимоти онҳо якранг тасаввур намуд. Масалан, мувофиқи ақидаи атомисҳо, инсон мавҷудест, ки аз ду унсур таркиб ёфтааст: нафсу ҷисм, аммо нафс ҳангоми марги инсон баробари ӯ пурра аз байн меравад. Ба ақидаи онҳо, нафс аз маҷмуи атомҳо иборат буда, муҳимтарин шарти зиндагӣ ва марг ба ҳисоб меравад. Нафасгирӣ ва нафасбарорӣ зиндагӣ ва маргро ифода мекунанд. [16,с.81] Ба қавли Гаутама (Буддо), зиндагӣ “таваллуд, ҷавонӣ ва пирӣ мусибат аст” [11, с.255], яъне ба истилоҳи дигар “зиндагӣ ин мубориза дар муқобили марг аст”. Аз ин андешаҳои атомистон чунин бармеояд, ки ҳам нафс ва ҷисми инсон ҳангоми марг пурра аз байн меравaнд ва ҳеҷ ҳаёти баъдазмаргие вуҷуд надорад.

Пас аз атомистон аввалин файласуфе, ки бешак таъсири таълимоти ӯ ҳам байни материалим ва ҳам идеализм, ҳатто дуализм мақоми хоссаро касб намудааст, Суқорот мебошад, зеро Суқрот ба масъалаи инсон аз нигоҳи ахлоқӣ таваҷҷуҳ намуда, бо шиори “Худро бишинос”, бешак, дар ташаккули афкори мутафаккирони баъдӣ, бахусус исломӣ, таъсири бузург расонидааст. Аз рӯйи чунин хусусияташ муҳаққиқон “фалсафаи Суқротро антропологизми ахлоқӣ номиданд”[1,с.135]. Махсусан, назари мутакаллимон шиор ва ё назарияи “Ҳар ки худро шинохт худои худро мешиносад” ва ё “Ҳар ки нафси худро шинохт, Худои худро мешиносад” [12, с.561], бештар зери шиори дар боло зикрнамудаи Суқрот ишора гардидааст, ки ин бозгӯкунандаи таъсири амиқи афкори ин файласуф ба мутафаккирони ҳама мактабҳои баъдист. Чуноне ки аз гуфтаҳои Суқрот бармеояд: “Ман ҳеҷ наметавонам мувофиқи навиштаҷоти маъбади Делф худро дарёбам” [13, с.163] асоси фалсафаи ӯро нисбат ба инсон ва моҳияти ӯ ташкил медиҳад.

Аз ин назарияҳои Афлотун ба чунин натиҷа метавон омад, ки байни ин ду қисмат зиддият мавҷуд буда, якумин зери иродаи ақл (хирадмандона) ва дувумин бошад, зери таъсири қувваи шаҳват қарор мегирад, ки он нафси бехирад аст. Ин назарияи Афлотунро метавон дар аксар назарияиҳои мутафаккирон ва файласуфони тоҷик, бахусус намояндагони мактаби калом (Фахриддини Розӣ) баръало мушоҳида намуд. Муҳим аз ҳама, Афлотун нафс - руҳро намирандаю абадӣ донистааст, ки ин масъала асоси таълимоти ҳам файласуфон ва ҳам мутакаллимони исломӣ дониста мешавад. Чуноне ки дар «Федон» Афлотун мегӯяд: «Нафс дар асл чизи тағйирёбанда нест, вай дар ҳақиқат

илоҳӣ, тақсимнашаванда абадӣ, бетағйири худ дар худ буда, тан бошад миранда гуногун муваққатӣ ва тағйирёбанда аст» [13, с.43], ҷисми инсон мувофиқи гуфтаи Афлотун аз унсурҳои кайҳонӣ ба вуҷуд омада, дар охир ба онҳо мубаддал мешавад. Арасту дар бораи моҳияти нафс сухан ронда, пайвастагии онро бо шакл, яъне бо ҷисм қайд менамояд. Ба фарқ аз Афлотун, ки моҳиятро як ҷузъе аз нафс медонист, Арасту моҳиятро "як аз анвои вуҷуд" медонад. Ба назари ӯ, " ... ба моҳият аввалан модда, ки худ ба худ ҳеҷ аст ва чизеро ифода наменамояд; дувум шакл ё симо, ки тавассути он ҳеҷ ба худ муайяниву ном мегирад; савум он чи ки аз материя ва шакл таркиб ёфтаанд" [10, с.27].

Дар асрҳои миёнаи ҷаҳони ислом низ файласуфоне монанди Ал-Киндӣ перомуни табиати инсон, нафсу руҳ, ақл, иродаву озодӣ ва дигар паҳлуҳояш назарияҳои худро пешниҳод намудааст. Агарчи саҳми Киндӣ монанди файласуфони баъдӣ дар фалсафа бузург набошад, вале ӯ тавонист як мактаби бузургеро барои наслҳои баъдӣ поягузорӣ намояд. Ба ақидаи Киндӣ, инсон иборат аз руҳ ва нафсу ақл буда, руҳи ӯ ҷавҳарест басит ва вуҷудаш аз зоти Бори мутаол аст, монанди нур, ки вуҷудаш аз хуршед аст. Мутафаккир чунин мешуморад: "Руҳ падидаи муҷаррад ва раббонӣ аст ва хориҷ аз бадан мебошад ва чун муфорақат кунад, ба абадият пайвандад ва дар он ҳол ҳама ҳақоикро, ончунон ки ҳастанд, мушоҳида кунад ва бар ҳама воқиф шавад" [11, с.113]. Ал-Киндӣ зимни баёни ин ақидаи худ чун дигар файласуфон вуҷуди инсонро таркибе аз руҳ, нафс ва ақл дониста, ӯро хориҷ аз бадану вуҷуди хуршедӣ мешуморад. Аз ин ақидаи Киндӣ маълум мешавад, ки дар ин масъала зери таъсири Афлотун қарор гирифтааст.

Фахриддини Розӣ агарчи ба ҳайси намояндаи машҳури калом дониста шавад, вале дар натиҷаи зери таъсири фалсафа, бахусус таълимоти Арасту, Форобӣ ва Сино қарор гирифтанаш, тавонистааст қолаби равиши намояндагони каломиро шикаста, ба он равишу низоми фалсафӣ-мантиқӣ бахшад. Ин мавқеи ӯро яке аз муҳаққиқони Фахриддини Розӣ Қаландаров М. чунин баён менамояд: "Такя намудани Фахриддини Розӣ ба улуми ақлӣ сабаб дошт, зеро ташаккулёбии равияву ҷараёнҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ ва мазҳабӣ то он ҳадде расида буд, ки бидуни донистани улуми ақлӣ, бахусус фалсафаву мантиқ посух ба онҳо номумкин буд. Ин муносибат боиси он гардид, ки мутакаллимон, аз Фахриддини Розӣ сар карда, пурра рӯ ба мантиқу фалсафа, ҳамчунин ба калом ҷанбаи фалсафӣ бахшидан, шуруъ намоянд" [5, с.73]. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки Фахриддини Розӣ дар фалсафа пайрави Муҳаммад Закариёи Розӣ, Форобию Сино ва дар табииёт ҷонибдорӣ аз Абулбаракоти Бағдодии муътазилӣ намудааст.

Афкори Фахриддини Розӣ дар тафовут аз дигар мутаккалимон бо он фарқ менамояд, ки Фахриддини Розӣ тавонистааст бештар ба фалсафа наздик шавад. Равиши осори ӯ дар пайравии файласуфоне чун Абубукри Розӣ ва Форобию Сино навиша шудааст. Инкишофи равияву ҷараёнҳо гуногуни динӣ-фалсафӣ ба вазъияте расида буд, ки бидуни донистани фалсафаву мантиқ посух ба онҳо номумкин буд. Ин муносибат боиси он гардид, ки мутакаллимони баъдӣ аз Фахриддини Розӣ рӯ ба калом-фалсафа ниҳоданд. Яъне, Розӣ то ҳадде дар рушди калому фалсафа таъсир гузошт, ки мутакаллимони баъдӣ нисбати осори муҳаққиқони баъдӣ ҳангоми ба осори мутакаллимону файласуфон назар менамуданд ва фарқе байни ин ду (калому фалсафа) намегузоштанд ва дар симои калом фалсафаро медиданд. Дар ин ҷода таваҷҷуҳи ӯро бештар омӯзиши мавзӯҳои каломӣ ва омезиши онҳо бо фалсафа ҷалб намудааст. Фахриддини Розӣ дар баробари радди ақоиди файласуфон саъй намудааст, мавзуъҳои каломиро аз нигоҳи фалсафӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад [5, с.73-74].

Дар мақолаи худ мо кӯшиш намудем таъсири таълимотҳои фалсафиро доир ба инсон ва таъсири онҳоро ба ҷаҳонбинии Фахриддини Розӣ мавриди таҳқиқ қарор диҳем. Маврид ба зикр аст, ки Фахриддини Розӣ яке аз мутафаккиронест, ки ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, кӯшиш намудааст аз мавқеи ратсионалистӣ ва равишҳои фалсафӣ ба он муносибат намояд. Мутафаккир дар ин ҷода саъй намудааст, ки, пеш аз ҳама, маънои инсон ва моҳияти ӯро дар олами ҳастӣ нишон диҳад. Бинобар ин мо низ кӯшиш намудем дидгоҳи Фахриддини Розиро дар асоси равиш ва усулҳои плюрализми динӣ-фалсафӣ баррасӣ, таҳлил ва накд намоем.

Дар масъалаи табиати инсон мутафаккир бар он назар аст, ки “лозибан” ба манои лозиқ аст ва “тин лазибан” ба маънои гили часпанда падид омадан” [20, с.412]. зикр шудааст, ки ин баёнгари тарки инсон аз рух ва ҷисм мебошад. Вале дар ин ҷода ҳадаф, пеш аз ҳама, офаридани инсон аз об аст, ки ҳанӯз файласуфи Юнони қадим Фалес онро зикр карда буд ва онро Қуръон низ бар он таъкид намудааст: “Ва ҳува-л-лазӣ халақа минал маи башаран фаҷъалаҳу насабан ва сиҳра ва кона раббука қадира”(Ва Ӯ Он (Худой) аст, ки аз об одамӣ офарид, пас ӯро насаб ва домодӣ сохт...”[6, с.25,54] инсоншиноси фалсафӣ таркибе аз инсоншиносии фалсафӣ ва инсоншиносиии динӣ аст, ки мурод аз инсоншиносии фалсафӣ аз нигоҳи ақлӣ баррасӣ намудани моҳияти ақлонӣ ва мавҷуди табиӣ омӯхтани он аст, ки ҳадаф аз ин омӯзишҳои инсоншиносӣ ҷанбаҳои нафсонӣ ва нотиқияти ӯ мебошанд.

Фахриддини Розӣ бошад, муътақид ба бақои нафс буда, чун Ибни Сино аз байн рафтани нафсро рад намуда, чунин меҳисобад: “нафс мумкинулвуҷуд аст ва ҳар мумкинулвуҷуд дорои иллате аст ва то замоне, ки сабаби иллат амри мумкинулвуҷуд мавҷуд бошад, адам барои масбуб ва маҳлул муҳол хоҳад буд...ҳол агар адам бар нафс ҷоиз бошад, воҷиб мешавад шайъ имкони он фасодро дошта бошад, ки он шайъ зоти нафс нест. Пас нафс бо фасод боқӣ намемонад, ҳамчунон ки дар он имкони фасод аст, воҷиб мешавад бо фасод боқӣ бимонад...” [18,с.420].

Аз рӯйи меъёрҳои равониву ахлоқӣ, иҷтимоию илоҳӣ муносибати инсон гуногун буда, ҳар яке аз ин ҷанбаҳо дар фитрати инсон таъсиргузор ва нақши онҳо дар муносибатҳои иҷтимоии ӯ аён аст. Ҳатто руҳи инсон низ дар ин раванд ба ду қисм ҷудо мешавад, ки қисме маъмӯри идрок ва қисме маъмури амал аст. Аммо амалро метавон дар ин ҷода ба се қисм ҷудо намуд: наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ, вале идрок ба ду қисм аст: ҳайвонӣ ва инсон. Ин панҷ навъи амал ҳар кадоме дар вуҷуди инсон ниҳон буда, пайваста байни онҳо зиддиятҳо сурат мегирад. Чунин ақидаро Абубакри Розӣ аз қавли Афлотун ёдоварӣ шуда, инсонро дорои се шакли нафс: нафси нотиқа, нафси ғазабовар ё ҳайвонӣ (шаҳвонӣ) ва нафси наботӣ [3, с.55] медонад. Дар ин ҷода Закариёи Розӣ хусусияти ҳар кадоми онҳоро шарҳ дода, чунин мешуморад, ки нафси наботӣ ва ҳайвонӣ баҳри хидмати нафси нотиқа ба вуҷуд омадаанд. Нафси наботӣ бошад, барои тағзият, яъне ғизо хӯрдани ҷисм офарида шудааст, ки ҷисм низ хидматгори он аст. Зеро ҳар он чизе ки дар ивази чизи дигар омада, дар нафс таҳлил гардидааст, дер ё зуд ба чизи дигаре мубаддал мешавад. Муҳим аз ҳама, мутафаккир нафси ғозибаро низ барои нафси нотиқа чун олоти забткунандаю хидматгори он донистааст. Фахриддини Розӣ чунин мешуморад, ки дар изофаи нафси нотиқа аз сӯйи ақли фаъол ба бадан илова бар ду иллати қобили бадан ва фоили ақли фаъол, иллал ва маълули муъид ва заминасози дигаре дохил ҳастанд. Ба назар чунин мерасад, ки адами тасовии моҳияти навъии нафсҳои инсонӣ саҳеҳ нест. Мутафаккир дар “Мабоҳис-ул-Машриқия” чунин овардааст: “Гоҳе мизоҷи инсонӣ тағйир карда, ба навъе дигар табдил мешавад, монанди табдили мизоҷи гарми инсонӣ ба мизоҷи сард аст, вале идрокот ва хусусиёти ахлоқи инсонӣ бо тағйири мизоҷ собит мемонад ва тағйир намекунад. Аз ин рӯ, моҳияти нафси мутафовит аз дигар аст ва ҳар кадоме дорои ҷинси муштараканд.” [17, с.7 ва 140]. Ва ё дар асари “Ҳифз-ул-бадан”-и худ мизоҷҳоро ба чанд навъ ҷудо мекунад: 1) муътадилии мизоҷ; 2) аломати мизоҷ; 3) ранги мизоҷ; 4) мӯйи мизоҷ; 5) аломат ва ҳолатҳои мизоҷ... [19,с.15].

Ин гуфтаҳои мутафаккир далолаткунандаи он мебошанд, ки хусусиятҳои ахлоқӣ ва нафсонии инсон вобаста ба мизоҷ ва синну соли шахс тағйир карда, метавонанд хуб ё бад шаванд, яъне башар (инсон) дар худ дорои ҷавҳарҳое мебошад, ки онҳо ба ҳеҷ як қувваи дигар хос нестанд. Дар он ҷо башар гуфта, он ҷавҳари ҳассосу мутаҳаррики билиродаву оқилест, ки дорои моҳиятҳои гуногун аст. Ба маънои дигар метавон гуфт, ки агар инсон баробари дигар неру ва имкониятҳои мухталиф доштанаш, агар ҷавҳар будан ё набуданашро дар ҷаҳон дарк кунад, бешак, моҳияти инсонии ӯ аз байн меравад ё мутааллиқи хиради кайҳонӣ ва ё “инсони комил”, “супермен”, “марди шуҷоъ” ва ғайра мешавад. Аммо ҳангоми салб кардани ақли амалӣ ё бахше аз он, мавҷудияти худи ақл ва ё бахшҳои он аршизи мавҷудияти инсонро аз байн хоҳад бурд. Ба ибораи дигар, агар қувваи

ҳайвонӣ (шаҳват)-и инсон ғолиб ояд ва ё баръакс ақл бар шаҳват пирӯз шавад, моҳияти яке аз байн хоҳад рафт ва мавҷудияти инсон нест ва ё комил мегардад. Аз ин гуфтаҳо ба хулосае метавон омад, ки маҳз ақли амалӣ ва пайравӣ аз он баёнгари моҳияту мақоми инсон буда, ҷавҳар ва арзиши инсонии ӯро нигоҳ медорад. Ба ибораи дигар, касе пайравӣ аз ақли амалӣ намекунад, пойбанди ҷаҳл аст ва ҳадди худро муайян накардааст, дар ҳоле ки ӯ дорои дараҷаҳои гуногуни дониш мебошад ва дар соҳаҳои мухталиф назари хосси худро дорад. Дар ҳикмати мутаоллия низ доир ба ин масъала таъкид гардидааст, ки нуфуси нотиқаи одамон ҳамвора то дами марг тағйир меёбад, аммо дар ин раванд нияту аъмоли инсон низ дар хӯйю хислат ва афсови нафс таъсир мегузоранд. Агар нафс дорои сифоти нек бошад, дар бадан мисоли нафс, ки ҳамвора ба он ҳамроҳ аст, воқеияти нафсро нишон дода, шакли ботинӣ ва ҳақиқии инсонро дар зеботарин шакл ифода месозад. Ба қавли Садриддини Шерозӣ, «одамӣ ба далели касби малакоти нек ва фазилатҳои ахлоқӣ дорои ҳақиқати зеботар аз қабл мешавад. Нафси одамӣ дар партави итоат аз ақли амалӣ ба мавҷуди беҳтар аз қабл табдил мешавад» [15, с.552-553].

Инсон тавассути ақли амалии худ метавонад бо иродааш аз уҳдаи анҷом додани бисёре аз корҳо барояд, ҳатто аз доираи иродаи ба ӯ навишаташуда, вале гоҳе мешавад, ки аз моҳият ва аслу ҷавҳари инсонии худ берун шавад ва ба дараҷаи ҳайвонӣ худро бурда расонад. Ин мавҷуд дар табиати худ дорандаи ҳама хусусият ва хулқ (ҷамодӣ, наботӣ, ҳайвонӣ, инсонӣ, малоик ва худоӣ) буда, бо ақли назарияш ба моҳияти ҳама чиз сарфаҳм меравад, вале тавассути ақли амалияш ба ин хубиҳо амал намекунад ва ба бадиҳо иҷтиноб наменварзад, зеро ин муносибаташ сабаби заиф гардидани ақли амалияш шуда, ҳувияти инсонияшро аз байн мебарад. Чунин муносибат дараҷоти инсонро гуногун намуда, баробарии онҳоро аз байн мебарад, яъне байни одамон тафовутро ба миён меорад.

Муҳити иҷтимоии инсон омили муҳиммест, ки дар ташаккули хусусиёти руҳӣ ва ахлоқии инсон таъсири муҳим мерасонад. Дар ин маврид, Муллосадро низ зери таъсири таълимоти Ибни Сино қарор гирифта, чунин мешуморад, ки нафси нотиқаро ба ду навъ: назарӣ ва амалӣ ҷудо намуда, ақли назариро ба ақли ҳаюлоӣ, ақли билмалакӣ, ақли билфеълӣ ва ақли мустафод [7, с.3]. ҷудо намудааст. Агарчи дар ин ҷо Муллосадро зери таъсири ирфон қарор гирифтааст, вале аз ваҳӣ, ақл ва ирфон ҳамчун манбаи фикрӣ истифода намудааст. Ибни Микавайҳ бошад, чунин мешуморад, ки “ваҳдати ақлии нафс ба сурати бисёр возеҳ дар идроки зоти худ таҷаллӣ мекунад, он ҷо ки медонад ва ин ҳамин марҳала ва ваҳдат аст, ки дар он ақлу оқил ва маъқул амри воҳид ҳастанд” [11, с.162]. Ба ақидаи Ибни Мискавайҳ, барои равшан шудани чигунагии нафс лозим меояд, ки асли илм ё иродаи инсониро мавриди баррасӣ қарор диҳем, зеро як чиз хосияту моҳияти худро наметавонад дар як замон ба ду шакли аз ҳам тафовутдошта ба худ гирад.

Ҳамчунин гуфта мешавад, ки инсон аз аносири зиёде иборат аст (руҳи наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ), ки ҳар якеи онҳо дар ташаккули моҳият ва табиати инсон нақши муассир доранд, яъне аз се руҳе, ки ишора шуд, руҳи инсонӣ афзалтарини онҳо дониста мешавад, зеро руҳи инсонӣ аз олами улвӣ ва наботию ҳайвонӣ аз олами сифлӣ мебошанд. Вале дар хусуси руҳи инсонӣ низ байни муҳаққиқон ихтилофҳои зиёд мавҷуд буда, гурӯҳе онро дохили бадан (намояндагони дин) ва гурӯҳе (аҳли фалосифа) на берун ва на даруни бадан донистаанд, чун нафси нотиқа дар макон нест ва муҳтоҷ ба макон низ наметавонад бошад. Чун дар макон нест, наметавон гуфт, ки дохили бадан аст ё хориҷи бадан, зеро дохил ва хориҷ сифоти ҷисмонианд ва нафси нотиқа ҷисму ҷисмонӣ нест [2,с.24]. Аз ин баррасии идроки инсонӣ ба натиҷае метавон омад, ки дар табиати инсонӣ неруи зарурие мавҷуд аст, ки дар як замон беш аз як чизро дармеёбад ва аз ин рӯ, дар ҳар замоне чанд шаклро дар бар гирад, зеро чунин неру маҳсули модда нест ва он аз хосияти модда дур аст. Ба қавле, “нафс табиатан муҷаррад аст ва тақозои таҷриди нафс заволнопазирии он аст, зеро мирандагӣ хосси мавҷудоти моддӣ мебошад” [14, с.103].

Дар хусуси мутааллиқии нафс ба тан Ибни Сино чунин мешуморад, ки «итлоқи исми наф бар нафс, аз ҷиҳати ҷавҳари он нест, балки ба далеле тааллуқӣ ва тадбирӣ аст, ки ба бадан дорад ва аз ҳамин ҷиҳат, ки тааллуқ ба он дорад, таъриф шудааст» [8, с.247-248]. Дар ин ҷо ҳадафи Ибни Сино аз он иборат мебошад, ки нафс камоли аввал ва сарчашмаи он ашё аст, вале модда қабл аз пазириши нафс танҳо як қобилятест баъд аз

пазириши нафс. Камол бошад, ҳамеша барои шайъ аст ва ҳадафи он анҷоми ҷисм аст. Аммо камоли нафс барои ҷисми табиӣ аст, ки он афъоли ҳаётро анҷом медиҳад. Чунин ақидаро муҳаққиқи Ибни Сино Муҳаммади Забеҳӣ аз қисмати сеюми «Шифо» чунин зикр месозад, ки нафс ҷисм нест ва вобаста ба ҷисм ҳам нест, зеро он ҷавҳар аст ва ҷавҳар ҷисм ё ҷисмонӣ нест. Ҷисм набудани нафс дар нуфуси инсонӣ баёнгари он аст, ки инсон дорои ақл аст ва ақл вобастаи нафс ва бо ӯ созгор нест [9, с.249]. Ин гуфтаҳои Сино баёнагари он мебошанд, ки дарвоқеъ нафс ғайримоддӣ буда, он ифодакунадаи ақл аст. Нафс ҷавҳарест муҷаррад ва қоим ба зот ва мустақил ба бадану муғойир ба он, яъне ҳадаф аз муғойир он аст, ки шинохти нафс ва руҳи худ аст, ки он ба бурҳони шахсияти инсонӣ бурда мерасонад. Тибқи ақидаи Ибни Сино, нафс ҷавҳари камолест, ки он наметавонад ҷисм бошад, чун агар ҷисм бошад, бояд ҳар ҷисме битавонад сарчашмаи чизи дигаре бошад. Аз ҷониби дигар, нафс наметавонад сурат низ бошад, зеро сурат манбаъ ва ҳолро дар модда ҳосил мегардонад, ҳоло он ки шайъи манбаъ аз моддаю камол берун буда, моддаро ба вуҷуд меоварад. Вале тааллуқ доштани мафҳуми нафс ба нафс дар он аст, ки он аз ҷиҳати мутааллиқияташ ба бадан алоқаманд аст.

Маврид ба зикр аст, ки Ибни Сино дар бахше аз асари «Шифо»-и худ дар хусуси ҷисм набудани нафс чунин мегӯяд: «нафс вобаста ба ҷисм ҳам нест, он ҷавҳарест, ки вуҷудаш ҷисм ё ҷисмонӣ ҳам нест. Ҷисм набудани нафс дар нуфуси инсонӣ аз роҳи ин ки инсон дорои тааққул аст ва тааққул бо вобаста будани нафс ҳеҷ созгорие надорад ва ин собит аст, нафс ба таври мутлақ, хоҳ инсонист хоҳ ҳайвонӣ ва ё наботӣ, ҷавҳар аст» [9, с.269]. Вале камол низ, дар навбати худ, ба ду қисм ҷудо мешавад: камоли аввал ва камоли дувум. Ҳадаф аз камоли аввал чизе фаҳмида мешавад, ки навъро ба феълият мерасонад ва навъаш мекунад. Масалан, шакл барои шамшер. Камоли дувум бошад чизе фаҳмида мешавад, ки аз феълу инфиолҳои он ба тамомияти навъ меояд. Масалан, буридани шамшер ва ё тамиз додан, фикр кардан, эҳсос ва ҳаракат кардани инсон, ки ҳамагӣ марбути камоли аввал нестанд.

Дар маҷмуъ, метавон зикр намуд, ки дар таълимоти Фахриддини Розӣ нафс чун дигар файласуфон ба се қисм: наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ ҷудо мегардад ва ҳар кадоми онҳоро дорои хусусияти ба худ хос донистааст, зеро афзалтарину печидатарини нафсҳо нафси инсонӣ ном бурда шудааст. Чун он таркибе аз дигар нафсҳоро дар худ доро буда, аз қисматҳои зиёде иборат аст, ки аввалини онҳо ҳавоси ботинист ва он дорои панҷ қисм аст. Ба ақидаи Фахриддини Розӣ, “нафс мумкинулвуҷуд аст ва ҳар мумкинулвуҷуд дорои иллатест ва ин то вақте сурат мегирад, ки сабаб ва иллати амри мумкинулвуҷуд мавҷуд бошад, дар ҳоле ки адам барои масбуб маълулу муҳол хоҳад буд, чаро ки дар ин сурат бо фарзи бақои иллат, маълул мунъадам мегардад” [18, с.420]. Маҳз талаботҳои нафси инсонӣ аст, ки дар худ моҳият ва хусусиятҳои зиёдеро дорост ва ин талаботҳо ифодагари моҳияту табиати инсонро ташкил медиҳанд. Табиати инсонро наметавон дур аз ниёзҳои моддию маънавии ӯ тасаввур кард, ки он дорои хусусиятҳои антропологӣ, биологӣ, иҷтимоӣ, психологӣ ва ғайра мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдураҳмон Ш. Фалсафа дар аҳди бостон.–Душанбе, 2009.
2. Азизуддини Насафӣ. Инсони комил. Бесоли нашар. -С.24.
3. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор. –Душанбе: Адиб, 1998. - 160 с.
4. Қаландаров М.И. Нигоҳе ба мақом ва ҷойгоҳи «Тафсири кабир»-и Фахриддини Розӣ / М.И. Қаландаров //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2019. -№5. С.162.
5. Қаландаров М.И. Таъсири андешаҳои Фахриддини Розӣ ба рушди фалсафаи калом / М.И. Қаландаров //Ахбори Инситути фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ ҶТ. –Душанбе, 2019. -№2.
6. Қуръони карим. –Душанбе, 2022.
7. Маҳмуд Ризо Асадӣ. Инсон аз нигоҳи Муллосадро //Сафина. №15. –Теҳрон,1387.
8. Муҳаммад Забеҳӣ. Фалсафаи машшоъ бо такяи бароҳими орои Ибни Сино. –Теҳрон: Самт, 1392. Чопи 6,
9. Муҳаммад Забеҳӣ. Фалсафаи машшоъ бо такяи бароҳини орои Ибни Сино. –Теҳрон: Самт, 1392. - 467с
10. Мухаммад-Али М. Ввидедение а анропологияю. -Душанбе, 1999.
11. Муҳаммад Рашод. Фалсафа аз оғози таърих. –Душанбе, 1992. -Ҷ.1.
12. Ҳон Фохурӣ ва Халили Ҷар. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони исломӣ. –Теҳрон, 1355.
13. Платон. Сочитениния. в 3-х., -Т. 2. -М., 1968.

14. Рустам Комилов. Фалсафаи тоҷик: аз аҳди бостон то имрӯз.-Душанбе: Ирфон, 2011. 304 с
15. Садриддини Шерозӣ. Ал-мабдаъ вал маъод. –Теҳрон, 1381. -Ҷ.2.
16. Фалсафа. Муаллифон. –Дашанбе, 2019. -Ҷ.1.
17. Фахриддини Розӣ. Ал-Матолибу-л-олия мин илму-л-илоҳия.-Миср., 1407.
18. Фахриддини Розӣ. Мабоҳису-л-Машриқия. –Бейрут, 1411. -Ҷ.2.
19. Фахриддини Розӣ. Ҳифзу-л-бадан (Дар беҳдошти тан). –Теҳрон "Маркази пажуҳиши мероси мактуб" 1390. -256 с
20. Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир. –Қоҳира, 1904. -Ҷ.1.

## АНДЕШАҲОИ ФАХРИДДИНИ РОЗӢ ОИД БА НАФС

Дар мақолаи мазкур андешаҳои Фахриддини Розӣ оид ба инсон ва нафси ӯ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар он ташаккули ҷаҳонбинии динӣ-фалсафии Фахриддини Розӣ ва таъсири афкори файласуфон: Суқрот, Афлотун, Арасту, Абубакри Розӣ, Форобӣ ва Сино доир ба инсон ва нафс ифода гардидааст. Ҳамчунин, инсон ҳамчун мавҷуди мураккаб ва таркибёфта аз ду унсур: нафсу ҷисм таҳқиқ шудааст. Бақои нафс аз нигоҳи Фахриддини Розӣ дар доираи назария мумкинулвуҷуд нишон дода шудааст. Ба ақидаи мутафаккир, руҳи инсон ба ду қисм: маъмури идрок ва маъмури амал, ҷудо гардида, маъмури амал дар навбати худ, ба се қисм: наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ ҷудо мешавад. Мавқеи Фахриддини Розӣ оид ба нафс чун дигар файласуфон, ки онро ба се қисм: наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ ҷудо намудаанд, нишон дода шуда, хусусиятҳои хосси он дар доираи назарияи ниёзҳои моддию маънавии инсон инъикос гардидааст.

Ҳамчунин, дидгоҳҳои Форобию Сино ба таври хосса зикр гардаанд. Аз ҷумла, назари Форобӣ, ки инсонро мавҷуди мураккаб ва дорои хусусиятҳои гуногун меҳисобад, баррасӣ гардидааст. Инсоншиносии Ибни Сино низ ҷузъи таркибии мавзуи мақола буда, он дар доираи назарияи маърифати мутафаккир, чун: идрокоти ақлӣ, хостаҳои нафсонию шаҳвонӣ, ғазаб, лаззат, ақл, озодии ирода ва ғайра таҳқиқ шудааст.

**Калидвожаҳо:** инсон, нафс, руҳонӣ, ҷисмонӣ, нафси наботӣ, нафси ҳайвонӣ, нафси инсонӣ, инсоншиносӣ, ақл, камол.

## ВЗГЛЯЫ ФАХРИДДИНА РАЗИ О ДУШЕ

Статья посвящена анализу проблемы человека и его душе в философии Фахриддина Рази. В статье показана, что формирование взглядов о человеке и душе у Фахриддина Рази происходило под влиянием философских учений Сократа, Платона, Аристотеля, Абубакра Рази, Фараби и Сино. Одним словом, под воздействием учения платонизма и аристотелизма. Человек, по мнению Фахриддина Рази, состоит из тела и души. В пределах учения о возможной сущности Фахриддина Рази обосновываем бесмертность души. Он различает познавательную и деятельную душу, которые состоят из трех растительной, животной и человеческой души. Эти взгляды Фахриддина Рази совпадают с мнением других перипатетиков, предшествующих ему. Фахриддин Рази опредеяет эту характеристику других исходя из материалных и духовных потребностей человека. При рассмотрении данного вопроса он подробно излагает взгляды Фарабы и Сини. В статье даётся сравнительный анализ взглядов Фахриддина Рази и Ибн Сины, при этом особо обращается внимание на такие моменты их учения как разумность, природные потребности человека, психологические феномены их учения как удовольствие, ярость, утешение и др.

**Ключавые слова:** человек, душа, духовность, материальная растительная душа, животная душа, человеческая душа, человековедение, разум, развитие.

## FAHRIDDIN RAZI'S VIEWS ABOUT THE SOUL

The article is devoted to the analysis of the problem of man and his soul in the philosophy of Fakhriddini Razi. The stats show that the formation of views about the person and the soul. Fakhriddini Razi was influenced by the philosophical teachings of Socrates, Plato, Aristotle, Abubakr Razi, Farabi and Sino. In a word, developed by the influence of the teachings of Platonism and Aristotelianism. A person, according to Fahriddin Razi, consists of a body and a soul. Within the framework of the doctrine of the possible essence of Fahriddin Razi, we substantiate the bemsertness of the soul. He distinguishes between the cognitive and the active soul, which consist of three plant, animal and human souls. These views of Fahriddin Razi coincide with those of other peripatetics who preceded him. Fahriddin Razi defines this characteristic others based on the material and spiritual needs of a person. When considering this issue, he sets out in detail the views of Faraba and Sini. The stats provide a comparative analysis of the views of Fakhriddin Razi and Ibn Sina, with special attention to such moments of their teaching as rationality, the natural needs of a person, the psychological phenomena of their teaching as pleasure, rage, consolation, etc.

**Key words**: man, soul, spirituality, material plant soul, animal soul, human soul, human science, mind, development.

**Маълумот дар бораи муаллифон*: Зиёев Идибек Ғозиевич* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи онтология ва назари маърифат, доктори илмҳои фалсафа, профессор. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17.

***Элчибекова Баҳригул Идибековна*** – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** ш734003,. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,146. Телефон: **989-11-84-91**

**Сведения об авторах:** ***Зиёев Идибек Ѓозиевич –*** Таджикский национальный университет, кафедра онтологии и теории познания, доктор философских наук, профессор. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,17.
***Эльчибекова Бахригуль Идибековна***- Таджикский аграрный унивеститет имени Шириншоха Шохтемура, кафедра философии и политологии, соискатель. Адрес: 734003, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,146. Телефон: **989-11-84-91**

**Information about the authors:** ***Ziyoev Idibek Gozievich*** – Tajik National University, Department of Ontology and Theory of Knowledge, Doctor of Philosophy, Professor. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17.
***Elchibekova Bakhrigul Idibekovna*** - Tajik Agrarian University named after Shirinshokh Shokhtemur, Department of Philosophy and Political Science, applicant. **Address:** 734003, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 146. Phone: **989-11-84-91**

ТДУ:101 (575.3)

# ШУУРИ ИҚТИСОДӢ: ДАРАҶА ВА СОХТОРИ ОН

*Бобоева З.А.*
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ**

Мавзуи шуури ҷамъиятӣ, хусусан алоқамандии диалектикии байни ҳастии ҷамъиятӣ ва шуури ҷамъиятӣ ҳамеша таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Вале дар замони муосир, ки раванди гузариш ба муносибатҳои нави иҷтимоиву иқтисодӣ торафт устувор мегардад, таҳқиқи ин мавзуъ аз дирӯза дида муҳиммияти бештар касб намудааст. Агар аз як тараф, рӯовариҳои муҳаққиқон ба ин муаммо ба тағйирёбиҳои куллӣ дар ҷомеаҳои муосир ва болоравии нақши омилҳои маънавӣ вобаста бошад, аз тарафи дигар, шуури ҷамъиятӣ ва шаклҳои он аз ҷумлаи мавзӯъҳои бунёдии фалсафаи иҷтимоӣ маҳсуб меёбад, ки имрӯз зарурияти бознигарии баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии он ба миён омадааст.

Дар фалсафаи иҷтимоӣ эътироф гаштааст, ки ҷамъият созвораи ҳамеша инкишофёбанда ва тағйирёбанда шинохта шудааст. Агар андешарониҳои мо аз ҳамин нукта оғоз ёбад, пас суоле ба миён меояд ки оё ҳастии ҷамъиятии тағйирёфта ба шаклу мазмуни шуури ҷамъиятӣ таъсир мерасонад ё не? Агар аз лиҳози тағйирёбии мазмуни шуури ҷамъиятӣ ба ин савол ҷавоб гӯем, ҷавоб, бешубҳа, мусбат аст ва он бебаҳс мебошад. Аммо нисбат ба тағйирёбии шаклҳои шуури ҷамъиятӣ фикру андешаҳои мухталиф ҷой доранд, ки баъзе нуктаҳои баҳсталаби онро дар мақолаи мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор медиҳем.

Дар фалсафаи замони шурави ки ба ғояҳои фалсафаи марксистӣ асос ёфта буд, дар доираи ҷаҳонбинии материализми таърихӣ шаклҳои шуури ҷамъиятӣ: сиёсӣ, ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, динӣ, илмӣ, фалсафӣ ва ғайра муайян гардида буд. Аммо имрӯз кам нестанд андешаҳое, ки дар онҳо зарурияти таҳқиқ ва даст кашидан аз муносибати анъанавӣ, қолабӣ дар шаклбандии шуури ҷамъиятӣ таъкид мегарданд. Аз ҷумла, зикр мегардад, ки "вокуниши алоқамандии мураккаби диалектикии шуур ва амалия, қонунияти инкишофи худи шуури ҷамъиятӣ – ҳам назариявӣ ва ҳам муқаррарӣ, яке аз рисолати муҳимми фалсафаи муосир ба ҳисоб меравад" [1, с.11].

Дар ин радиф, муҳаққиқ А. К. Уледов қайд менамояд, ки дар назарияи шуури ҷамъиятӣ муаммоҳое арзи вуҷуд намудаанд, ки онҳо бознигарии интиқодиро тақозо менамоянд. Мутлақгардонии шаклҳои таърихии шуури ҷамъиятӣ ва инкори имконияти ба вуҷуд омадани шаклҳои нави он, ки ба дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста мебошад, аз ҷумлаи ин муаммоҳост. Ба андешаи муаллифи мазкур, дар ин ҷо қабл аз ҳама баҳс дар бораи шуури таърихӣ, экологӣ ва шуури иқтисодӣ меравад. Бешубҳа, барои тасдиқи ба вуҷуд омадани шаклҳои нави шуури ҷамъиятӣ низоми далелҳои қотеъ зарур аст, вале имконияти вуҷуди онҳоро инкор карда, дар мавқеъҳои куҳнашуда мондан низ нашояд [2, с.57].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар раванди гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ зербино ва рӯбинои ҷомеа тағйир ёфта, муносибатҳои иҷтимоии сифатан нав ташаккул меёбанд, ки он падидаҳои иҷтимоиву иқтисодии нав, ба мисли соҳибкорӣ, муносибати молумулкӣ, тақсимот, мубодила, кооператсия, идоракунӣ (менеҷмент), сармоядориро ба миён овард. Ба назари аввал, падидаҳои мазкур мафҳумҳои сирф иқтисодӣ буда, аз доираи маърифати фалсафӣ берун мебошанд. Баробари ин, таҷрибаи бунёди иқтисодиёти миллӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ собит намуд, ки ташаккули муносибатҳои нави иҷтимоӣ - иқтисодӣ дар заминаи падидаҳои дар боло зикр намуда, мураккаб ва зиддиятнок буда, муваффақона ташаккул ёфтани онҳо ба сатҳи эҳсос идрок дониш, таҷриба, тафаккури эҷодӣ, ҷаҳобинии илмӣ, омилҳои ангезанда ва психологияи субъектҳои хоҷагидорӣ, ки дар маҷмуъ онҳоро дар илми фалсафаи иҷтимоии муосир бо мафҳуми **шуури иқтисодӣ** ифода менамоянд, вобаста мебошанд. Вале ба ин воқеияти айнӣ нигоҳ накарда, баъзе муҳаққиқон мавҷудияти шуури иқтисодиро инкор менамоянд. Барои тасдиқи фикрашон даъво доранд, ки ҷомеа на камтар аз шуури иқтисодӣ ба тафаккури

сотсиологӣ, фарҳанги психологӣ, фарҳанги иттилоотӣ ниёз дорад [3, с.64]. Аз ин андешаҳо чунин хулоса намудан мумкин аст, ки гӯё тафаккури иқтисодӣ аз дигар шаклҳои тафаккур ва шаклҳои азхудкунии воқеият афзалият надорад.

Андешаи А.К. Уледовро ҷонибдори намуда якчанд нуктаро таъкид менамоем, ки ҷудо намудани шуури иқтисодиро ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ то андозае асоснок менамояд.

Пеш аз ҳама бояд зикр кард, ки гузариши ҷомеа ба муносибатҳои нави иқтисодии ба принсипҳои иқтисоди бозорӣ асос ёфта, ташаккули тафаккури иқтисодии навро тақозо менамояд, зеро ба тафаккури қолабии пешин, ки зери таъсири идоракунии маъмуриву фармонфармоӣ ташаккул ёфта буд, иқтисодиёти сифатан нав бунёд карда намешавад. Иқтисоди бозорӣ тафаккури нави эҷодӣ (креативӣ), озодии фикр, мустақилияти фаъолияти меҳнатӣ, донишҳои баланди иқтисодӣ ва билохира, ҷаҳонбинии фаррохро дар шароити ҷаҳонишави ва рушди технологияҳои муосир тақозо менамояд.

Сониян, воқеияти имрӯза, ҳатто ҳангоми баъзеҳо аз ин воқеият рӯй гардонанд ҳам, мавҷуд будан ё набудани шуури иқтисодиро аз доираи баҳсҳои назариявӣ берун бурдааст. Мушаххастар зикр намоем, шуури иқтисодӣ ба воқеияти ҳаёти маънавии ҷомеаи муосир табдил ёфтааст.

Ва ниҳоят, мавҷуд будани объекти мушаххаси инъикос ва барандагон, яъне субъектҳои иҷтимоияш: корманд, истеъмолгар, истеҳсолкунанда, кишоварз, саноатчӣ, роҳсоз ва ғайра имконият медиҳанд, ки шуури иқтисодиро ҳамчун шакли мустақили шуури ҷамъиятӣ шиносем

Хислати умумиинсонӣ ва умумиҷамъиятӣ доштани шуури иқтисодиро муҳаққиқи тоҷик Хуморов Д. М. ҷамъбаст намуда, чунин нигоштааст: "Ҳеҷ як масъалаи ҳаёти маънавии ҷамъият бидуни пайвасти ногусастани доштанаш ба иқтисодиёт вуҷуд дошта наметавонад, Ҳатто, вақте ки мо мегӯем, ҳастии ҷамъиятии одамон шуури ҷамъятии онҳоро муайян менамояд, бешак, на танҳо субъектҳои ҷамъиятии инсонро, балки аксаран иқтисодиётро, базиси иқтисодии ҷамъиятро низ дар назар дорем... шуури иқтисодӣ аз ҳамон лаҳзае, ки инсон моҳияти ашёҳоро шинохт ва бо мурури замон аз онҳо ба таври васеъ истифода бурданро ёд гирифту ба ратсионаш ғизоҳои нав ба нав ворид кард, аз ашёҳои табиат воситаи меҳнат сохту суду зиёнашро шинохт, дар пайи такмили онҳо шуда, пайваста ҳам зиндагиашро беҳтар намуд ва ҳам дар ин раванд ақлу фаросат, мақсаду маромашро такмил дода, мунтазам ҳам худ ва ҳам ҷомеаашро сифатан нав кард" [4, с.205].

Ҳамин тариқ, як нукта мусаллам мегардад, ки кулли тағйиребиҳое, ки дар ҳастии ҷамъиятӣ ба вуқуъ мепайванданд, дар шуури ҷамъиятӣ инъикос меёбанд. Бегуфтугӯ, ин амали яклаҳзаина нест, балки дар раванди ташаккул ва рушд шуури ҷамъиятӣ ин тағйиребиҳо, тамоюлҳои ҳамгироӣ ва дифференсиатсияро дар худ рефлексия намуда, заминаи арзи вуҷуд намудани шаклҳои нави шуури иҷтимоӣ мегардад. Шуури иқтисодӣ аз ин қонунмандӣ орӣ нест.

Эътироф намудани мустақилияти шуури иқтисодӣ на фақат аз лиҳози назариявӣ, балки, қабл аз ҳама, амалӣ зарур аст. Зеро таҷрибаи хоҷагидории солҳои то даврони соҳибистиқлолӣ (солҳои 70-80 уми асри XX) собит менамояд, ки маҳз аз лиҳози фалсафӣ баррасӣ нагаштани лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ, мадди назар намудани омили инсон ҳамчун қувваи бузурги ба ҳаракатоварандаи равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ сабаби амалӣ нагаштани онҳо гаштааст. Аз ин сабаб, ҳангоми тарҳрезии консепсияҳои рушди иқтисодиёти муосир ба инобат гирифтани омили инсонӣ яке аз вазифаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ин ҳолат, дар афкори иқтисодӣ ва фалсафӣ имрӯзҳо мафҳумҳои "сармояи инсонӣ", "омили инсон", "имкониятҳои зеҳнии инсон" ҷойгоҳи хоссаро касб намудаанд. Мазмун ва меъёрҳои муайянкунандаи ин мафҳумҳоро сатҳи таҳсилот, тандурустӣ ва некуаҳволӣ, дарозумрии одамон ва ғайра ташкил медиҳанд. Вобаста ба ҳузури ин арзишҳо дар равандҳои ислоҳоти иқтисодӣ муносибати одамон ба дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ ташаккул меёбанд. Моҳиятан дар ин ҷо сухан дар бораи шуури иқтисодии одамон меравад, ки он дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ нақши калидӣ дорад.

Мафҳуми шуури иқтисодиро бори аввал тадқиқотчии руминиягӣ Чернео (М.Черне) [5, с.26] ба илм ворид кардааст, он аз ҷониби ҷомеашиносон хуб пазируфта шуд. Чернео шуури иқтисодиро унсури муҳимми симои маънавии синфи коргар ҳисобида, онро ба ташаккул додани ҷаҳонбинии илмӣ, донишҳои иқтисодӣ, касбӣ, фаъолияти эҷодӣ дар раванди меҳнат, худомӯзӣ, ширкат дар ихтироъкорию ғояҳои кошифӣ вобаста намудааст.

Шиносоӣ бо ҷанбаи гносеологии мавзуъ маълум менамояд, ки аввалин тадқиқот доир ба шуури иқтисодӣ аз ҷониби муҳаққиқони рус солҳои 50-60-уми асри XX гузаронида шудааст.[6] Бояд қайд кард, ки дар ин тадқиқотҳо шуури иқтисодӣ на ба таври муаммои алоҳида, балки ҳамчун ҷузъи таркибии муносибатҳои иҷтимоӣ омӯхта шудааст.

Шуури иқтисодӣ ҳамчун мавзуи мустақил ба таври фаъол аз солҳои 60-70 –уми асри XX аз ҷониби муҳаққиқон Попов В.Д., Фофанов В.П., Василенко В.Ф. Драчев В.К. ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст [7]. Ин муаллифон моҳият ва зуҳури шуури иқтисодӣ, дараҷа ва сохтори он, ташаккули шуури иқтисодӣ дар симои маънавии қишрҳои алоҳидаи ҷомеа ва шуури иқтисодиро ҳамчун омили муҳимми ташаккули муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди устувори ҷомеа омӯхтаанд. Аз дидгоҳи мо, арзишмандии тадқиқоти муаллифони фавқуззикр боз дар он аст, ки онҳо падидаи шуури иқтисодиро ҳамчун қисми таркибӣ ва мустақили шуури ҷамъиятӣ асоснок намудаанд.

Дар фалсафаи муосири тоҷик ба таҳқиқи шуури иқтисодӣ аз аввалинҳо шуда профессор Ғафарова М.Қ. рӯ овардааст. Ба фикри ин муаллиф, гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ сифати нави муҳити иҷтимоиро ба миён овард, ки он бознигарии соҳаҳои шуури ҷамъиятӣ, сатҳу дараҷаи онро тақозо менамояд [8].

Тағйирёбии ҳастии иҷтимоӣ ва дар ин замина ба вуҷуд омадани шаклҳои нави шуури ҷамъиятӣ низ, аз ин қонунмандӣ холӣ нест. Профессор Ғафорова М.Қ. ба андешае, ки қаблан аз тарафи А.К.Уледов баён гашта такя намуда, ҳангоми баррасии категорияҳои "ҳастии ҷамъиятӣ" ва "шуури ҷамъиятӣ" аз тафаккури анъанавӣ оид ба шаклҳои шуури ҷамъиятӣ даст кашида, бояд ба саволи "Оё дар раванди тағйирёбии ҳастии иҷтимоӣ шаклҳои шуури ҷамъиятӣ тағйир меёбанд ё не?" посухи мушаххас додааст. Худи профессор Ғафорова М.Қ. бар ин назар аст, ки дар натиҷаи интегратсия (ҳамгироӣ) ва дифференсиатсия (таҷзия) – ҳастии ҷамъиятӣ, имконияти ба вуҷуд омадани шаклҳои нави шуури ҷамъиятӣ аз эҳтимол дур нест [8, с.25].

Дар ин робита бамаврид аст таъкид намоем, ки ба гуногунандешӣ оид ба ин масъала нигоҳ накарда, мавҷудияти шуури иқтисодиро ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ эътироф намудан мувофиқи мақсад мебошад, зеро ташаккули он зарурияти таърихӣ буда, тасаввуроти кулли аъзоёни ҷомеаро оид ба иқтисодиёт дар бар мегирад. Ин файласуфи тоҷик шуури иқтисодиро ба таври зайл муайян намудааст: "Шуури иқтисодӣ ин низоми ғояҳои иқтисодӣ ва иқтисодӣ - эмпирикии (иҷтимоӣ психологӣ) тасаввурот оид фаъолияту рафтори одамонро дар соҳаи иқтисодиёт ифода намуда, чун дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ дараҷаи гуногуни маърифати ҳастии иқтисодиро инъикос менамояд" [8, с.86]. Вале ин таърифи ягонаи шуури иқтисодӣ нест. Муҳаққиқ Хуморов Д.М. шуури иқтисодиро ба таври зайл тавсиф намудааст: "Шуури иқтисодӣ маҷмуи тасаввурот, мафҳум, баҳо, кайфият, анъана ва як зумра системаҳои назариявиест, ки тавассути он аз худнамоии ҳастии иқтисодӣ, соҳаи ҳаёти иқтисодии фарди алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, синфҳо ва умуман ҷомеа мебошад" [4, с.207]. Ба ин таърифот такя намуда, дар навбати худ, мо шуури иқтисодиро ба таври зайл муайян менамоем: *Шуури иқтисодӣ ин раванди инъикоси ҳастии иқтисодӣ дар шуури одамон буда, он эҳсос, идрок ва тасаввуроти инсон ва фаҳми онро оид ба ҳастии иқтисодӣ дар бар гирифта, воқеияти иқтисодиро дар шакли ғояҳо, майлу рағбат ва ормонҳо инъикос менамояд.*

Албатта, ҳар як зинаи тараққиёти ҳаёти ҷамъият ба худ хос шуури иқтисодиро ташаккул медиҳад. Заминаи методологии ин андешаро ақидаи О.Конт дар бораи се зинаи тараққиёти ҷомеа: теологӣ, метафизикӣ ва илмӣ – фалсафӣ ташкил медиҳад. Ҳар яке аз ин зинаҳои ҷаҳонбинӣ, дарку фаҳми хосса, эҳсос, идрок, тасаввурот ва фаҳми равандҳои пурихтилофи олам, аз ҷумла ҷараёнҳои иҷтимоию иқтисодиро ташаккул додааст.

Яке аз тамоюлҳои муҳимми рушди ҷаҳони муосир ин аст, ки инсоният тавассути дониш ва иттилоот симои худро дигаргун намуда, ба давраи нави рушд, ки онро баъзан

тамаддуни иттилоотӣ меноманд, қадам гузоштааст. Дар ин шароит вусъати рушди бемайлони дониш, маҳорату малакаи касбӣ ва тасаввуроти эҷодии инноватсионӣ, фарҳанги иқтисодӣ ба омилҳои ташаккулдиҳандаи шуури иқтисодӣ табдил ёфтааст.

Дар шароити тағйиротҳои глобалӣ, дар истеҳсолот ҷорӣ гаштани техника ва технологияҳои иттилоотӣ ва дар ин замина ташаккули ***иқтисоди рақамӣ ва хизматрасониҳои рақамӣ*** сатҳи баланди дониш, маҳорату малака ва қобилияти баланди дарку фаҳм, маҳорати истифодабарии технологияҳои иттилоотиро тақозо менамояд. Бо дарки муҳиммияти ин вазифа бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба хотири боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, барои тавсеаи тафаккури техникии насли наврас солҳои 2020 -2040 "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф"эълон гардидаанд, ки, бешубҳа, ба сатҳи дониш, тафаккури техникӣ ва иқтисодии насли наврас таъсири мусбат мерасонад [9].

Дарки ҳаматарафаи шуури иқтисодӣ ба муайян намудани дараҷа ва сохтори он вобаста мебошад. Дар адабиёти иқтисодӣ ва фалсафӣ нисбати ин ҷанбаи шуури иқтисодӣ фаҳмиши ягона вуҷуд надорад. Ҳангоми баррасии ин масъала ду дараҷаи он нишон дода мешавад: 1) психологияи иқтисодӣ – маҷмуи эҳсосҳо, пайдоиши анъана ва ангеза; 2) идеологияи иқтисодӣ – дониши иқтисодӣ, назария, консепсия, манфиат, нуқтаи назари хос, ки дар ду дараҷа; дараҷаи муқаррарӣ ва назариявӣ баромад менамоянд.

Ҳамчунин, соҳаҳои шуури иқтисодиро нишон додан мумкин аст, ки аз нуктаҳои зерин иборат мебошанд:

- Сиёсати иқтисодӣ муносибатҳои иқтисодии ҳукмронро инъикос намуда, дар амалӣ намудани он ба таври фаъол ширкат меварзад. Шуури иқтисодӣ ҳачун инъикоси муносибатҳои иқтисодӣ, маърифат намудан ва истифодаи бошууронаи қонунҳои иқтисодист.

Сиёсати иқтисодӣ ин маҷмуи методҳо, механизм ва шаклҳои таъсири давлат ба равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, амалигардонии ин ё он барномаю стратегияҳои иқтисодӣ ба шумор меравад.

- Тафаккури иқтисодӣ нуктаю назарҳо, тасаввуроти таҷрибаи амалии одамон ва ширкати онҳо дар фаъолияти иқтисодии одамон мебошад. Ҳар як зинаи тараққиёти ҷомеа ба худ хос тафаккури иқтисодиро тақозо менамояд. Дар шароити муосир шаклҳои зерин тафаккури иқтисодӣ: либералӣ, неолибералӣ, фардигароӣ ва консервативӣ вуҷуд доранд.
- Фарҳанги иқтисодӣ маҷмуи арзишҳои иҷтимоӣ ва меъёрҳо мебошанд, ки рафори иқтисодии одамонро ба танзим медарорад. Фарҳанги иқтисодӣ фақат ҳамон арзишҳоро ташаккул медиҳад, ки барои рушди муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат менамоянд. Фарҳанги иқтисодӣ вазифаҳои интиқол додани дониш ва таҷриба, селексия намудан (интихоби арзишҳои иқтисодӣ) ва инноватсияро дар бар мегирад.

Яке аз масъалаҳои баҳсноки шуури иқтисодӣ муайян намудани сохтори он мебошад. Милюкова О.В. унсурҳои зерини шуури иқтисодиро нишон додааст:

1. Эҳсоси акизитивӣ (аз фр. Соҳиб гаштан, ба даст даровардан) дар ҷараёни истеъмолот, ғункунӣ (коллексия) ва захира намудан зоҳир мегардад.

2. Эҳсоси амалӣ – қаноатмандӣ аз ҷараён ва натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ. Ин унсур дар таркиби шуури иқтисодӣ нақши муҳим мебозад, зеро он ангезандаи фаъолияти иқтисодии минбаъдаи инсон ба ҳисоб меравад. Кам нестанд ҳолатҳое, ки соҳибкорон, тоҷирон ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ аз натиҷаи фаъолияти иқтисодии худ қаноатманд нагашта, ба ҳолати руҳафтодагӣ, ноумедӣ гирифтор гашта, билохира муфлис мешаванд.

3. Ҷанбаи гностикӣ, ки ба ҷараёни маърифати сирру асрори иқтисодиёт вобаста мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки барои ба роҳ мондани фаъолияти иқтисодӣ мавҷуд будани фақат маблағ кифоя нест, балки дониш, таҷриба, маҳорату малака, қобилият ва ҷаҳонбинии иқтисодӣ хеле зарур мебошад. Донистани тамоюлҳои истеҳсолот ва истеъмолот, мубодилаи пул ва мол, нарх ва гирифтани даромад омилҳои муҳимтарини ҷанбаи гностикии шуури иқтисодӣ маҳсуб меёбанд.

4. Ҷанбаи глорикии шуури иқтисодӣ – ҳисси майлу ифтихор, эътирофи натиҷаҳои бадастомадаро дар бар мегирад. Ҷанбаи мазкур низ яке аз ангезандаҳои фаъолияти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

5. Эҳсоси тарсу ваҳм низ аз унсурҳои муҳимми шуури иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ҳангоми пеш омадани душвориҳо, таваккалкорӣ ба миён меояд [10].

Аммо доир ба сохтори шуури иқтисодӣ дидгоҳҳои дигар низ ҷой доранд. Масалан, муҳаққиқ Архипов А.Ю. асосан андешаи Б.И. Додоновро пайгирӣ менамояд, вале ӯ фақат соҳаи персептивии шуури иқтисодиро васеътар нишон дода, онро бештар ба таҳқиқи пул, амонатҳо, муносибат ба ашёҳо, ба молу хизматрасониҳоро вобаста намудааст [11, с.341]. Ба андешаи муаллифи мазкур, персепсияи иқтисодӣ ба унсури эҳсосии шуури иқтисодӣ, ки дар боло зикр гардид, алоқаи зич дошта, рафтори истеъмолкунанда, психологияи реклама ва хариду фурӯш, унсурҳои иродатии шуури иқтисодӣ, манфиатҳо, рафтор ва фаъолияти иқтисодиро дар бар мегирад.

Муаллифон Бункина М.К. ва Семёнов В.А. низ, чун анъана, сохтори шуури иқтисодиро таҳқиқ намуда: эҳсос ва ҳиссиёти иқтисодӣ, персепсияи иқтисодӣ, тасаввуроти иқтисодӣ ва тафаккури иқтисодиро ба сифати унсурҳои асосии шуури иқтисодӣ нишон додаанд [12, с.14].

Гуногунии объекти шуури иқтисодӣ шаклҳои гуногуни зуҳури онро тақозо менамояд. Таҳлилҳо собит менамояд, ки дар адабиёти илмӣ асосан ду шакли зухури шуури иқтисодӣ нишон дода шудааст: ***тасаввуроти иқтисодӣ ва тафаккури иқтисодӣ.***

**Тасаввуроти иқтисодӣ** – дар майнаи сари инсон инъикос гаштани тарзу усули пешбурди фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки аз таҷрибаи ниёгон ҳосил гашта, дар хотираи наслҳои пешин нақш баста, дар мавридҳои зарурӣ аз хотира берун оварда мешавад. Бешубҳа, таҷрибаи андӯхтаи наслҳои гузашта на дар шакли қолабҳои пешин, балки бо истифодаи комёбиҳои илми муосир ғанӣ гардонида мешавад ва мавриди истифода қарор мегирад. Тавре муҳаққиқи рус Г.К. Рузавин таъкид менамояд, “тасаввуроти иқтисодӣ ин инъикоси субъективии ҳастии объективии иқтисодӣ буда, таҷриба ва образи иқтисодиро дар майнаи сари инсон тасвир менамояд”[13, с.102-116].

Тасаввуроти иқтисодӣ муҳокима, баҳодиҳӣ, боварӣ, яъне низоме андешаҳои одамони алоҳида ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ вобаста ба қонунияти рушди иқтисодӣ, моҳияти падидаҳои иқтисодӣ ва сабаби пайдоиши онҳоро дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, тасаввуроти иқтисодӣ – тасаввурот дар бораи амалигардонии иқтисодиёт, қобилияти инсони алоҳида ё гурӯҳҳои иҷтимоии оид ба фаҳмидани падидаҳои иқтисодӣ, инъикос ва маърифати моҳияти онҳо, аз худ кардану муқоиса карда тавонистан, дар асоси таҷрибаи андӯхта ба роҳ мондани фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Ба таври дигар, тассввури иқтисодӣ донишҳои рефлексияшударо дар шуури инсон оид ба объектҳои иқтисодӣ, шаклҳои таҷрибаи андӯхтаи инсон доир ба рафтори иқтисодӣ, ки дар воқеияти иқтисодӣ амалӣ мегардад, дар бар мегирад.

Дар таркиби шуури иқтисодӣ ***дониш*** мақоми хосса дорад. **Донишҳои иқтисодӣ** маҳсули дарки равандҳои иқтисодӣ мебошанд, ки дар ҷараёни фаъолияти иқтисодӣ мустақилона ё аз таҷрибаи гузашта ба даст оварда шудаанд. Ин унсури шуури иқтисодиро ҷанбаи ***когнетивии*** шуури иқтисодӣ меноманд.

Арзиш ва меъёрҳо, ки рафтор ва фаъолияти субъектҳоро дар фаъолияти иқтисодӣ танзим менамоянд, ҷанбаи ***аксиологии*** шуури иқтисодиро ташкил медиҳанд.

Мақсад ва муқарраот, натиҷаҳои интизориро дар фаъолияти иқтисодии оянда, афзалиятдиҳи кайфият, майлу рағбат, ки пасманзари қабули қарорҳоро ташкил медиҳад, унсури ***иродавии*** шуури иқтисодӣ маҳсуб меёбад.

**Тафаккури иқтисодӣ** ин қобилияти инсон ҳамчун субъекти иҷтимоӣ инъикос ва дарккунӣ, маърифати моҳияти иқтисодиёт, азхудкунӣ ва мувофиқгардонии мафҳумҳои иқтисодӣ бо талаботҳои қонунҳои иқтисодӣ ва дар асоси онҳо ба роҳ мондани фаъолият мебошад. Тафаккури иқтисодӣ зери таъсири ҳастии иқтисодӣ ташаккул ёфта, ҳамзамон, он ба ҳастии иқтисодӣ таъсир мерасонад, ки аз нақши фаъоли он дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи шуури иқтисодӣ дар шароити амалигардонии ислоҳоти иқтисодӣ мубрамияти хосса касб намудааст, зеро тавре дар боло зикр намудем, шуури

иқтисодии аъзоёни ҷомеа ба омили муҳимми рушди устувори иқтисодӣ табдил ёфтааст. Инсон ҳамон қувваи бузургест, ки тавассути ақлу хирадаш оламро дигаргун менамояд, ҷомеаро ободу ороста месозад. Амалигардонии ин рисолат бечунучаро таҳкими симои маънавии инсон, аз он ҷумла, шуури иқтисодии онро тақозо менамояд.

Иқтисодиёти миллӣ заминаи моддии ташаккули худшиносии миллӣ мебошад. Ҳиссагузории зеҳнӣ дар рушди иқтисодӣ, боэҳтиромона ва истифодаи мақсадноки сарватҳои табиӣ, сарфакорона истифода бурдани дороии давлату ҷамъият аз нишонаҳои муҳимми на фақат шуури иқтисодӣ, балки омили муҳимми худшиносии миллӣ маҳсуб меёбанд.

Ҷомеаи тавсеаёфтаистодаи имрӯзаи Тоҷикистон дар назди худ вазифаҳои бузург гузоштааст. Эълон гардидани саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми старатегияи миллӣ, аз ҷумлаи онҳост. Матлаб аз ба ёд овардани ин нукта аз он иборат аст, ки ин ҳадафи бузургро бе ширкати ҷавонони соҳибтахассус, дорои тафаккури техникиву технологӣ, яъне бе баланд бардоштани сатҳу сифати шуури иқтисодии онҳо амалӣ намудан ғайриимкон аст.

Дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта илму дониш яке аз омилҳои муваффақияти иқтисодии давлат маҳсуб меёбад. Рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат, сифати зиндагии мардум, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ ва умуман рушди иҷтимоӣ, мустақиман аз сатҳи саводнокии миллат вобаста аст ва дар ин робита, барои рушди глобалии иҷтимоию иктисодӣ, ислоҳоти иқтисодӣ, ташаккули низоми одилонаи ҷамъиятӣ ва муваффақияти миллии давлат нақши шуури иқтисодӣ хеле муассир аст.

**Муқарриз: Солиҳҷонов Р. – д.и.ф. профессори ДИС ДДТТ**

**АДАБИЁТ**


1. Яковлев А. Диалектика качественно состояние советского общества и общественнче науки / А. Яковлев // Коммунист.-1987. -№8.- С. 11.
2. Уледов А.К. Перестройка и сознания / А.К. Уледов. - М.: Мысль, 1988. – С.57.
3. Общественное сознание и его формы. -М., 1986. Гл. 1. – С. 64.
4. Хуморов Д.М. Фалсафа. Дастури таълимӣ барои мактабҳои олии тамоилашон иқтисодӣ / Д.М. Хуморов. –Душанбе, 2020.
– С. 205.
5. Чернео М. Духовный облик рабочего класса при социализме. Бухарест, 1964. Аз китоби Гафарова М.К. Фомина В.А. Общественное сознание. Душанбе. Ирфон.2001, -С. 26. иқтибос шудааст..
6. История русской экономической мысли. – М.: Госполитиздат, 1955. –Т. 1. - С. 15.; Дроздов А.В. Человек и общественные отношения. Л, Изд-ство Ленинг. Ун-та. –С. 61; Иллиадя А. И. О становлении труда – экономические формы общественного сознанияи её рольв развитиитворческой активности массв период строительства коммунизма. – Курск, 1966 –С. 153-157
7. Попов В.Д. Экономическре сознание: сущность, формирование и роль в социалистическом обществе. – М.: Мысль, 1981; Фофанов В.П. Экономические отношения и экономическое сознание. Новосибирск, 1979; Василенко В.Ф. Экономическое сознание: сущность и пути формирования у молодёжи. Дисс. на соиск. уч. степ. канд. философ. наук. – М.: 1991; Драчев В.К. Экономическое сознание – как фактор общественного развития при социализме. –М., 1977 и др.
8. Гафорова М.Қ. Общественное сознание. Душанбе: Санадвора, 2007; Хуморов Д.М. Фалсафа. Душанбе, 2020,
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии чумҳурӣ. Аз 27 декбари соли 2019. ш. Душанбе.
10. Милюкова О.В.Структурные компоненты экономического сознания Международный журнал «символи науки». №4, 2016. Источник: htts
//cyberieninka.> article > str… Дата обращение 12.08.23.
11. Архипов А.Ю. Современное экономическое мышление: вопросы теории и практики. Дисс... доктора экономических наук/ А.Ю. Архипов Ростов н/Д. 1999, -341 с.
12. Бункина М.К., Семёнов В.А Структура и функции экономического сознания. Hh/ studfile.net > page 14
13. Рузавин Г.К. К проблеме рациолнального выбора в экономике и других общественных наук. / Г.К. Рузавин/ Вопросы экономики. -2003. -№8. - С. 102-116.

## ШУУРИ ИҚТИСОДӢ: ДАРАҶА ВА СОХТОРИ ОН

Дар мақолаи мазкур масоили имрӯзаи фалсафаи иҷтимоии муосир – шуури иқтисодӣ, сатҳҳо ва сохтори он баррасӣ карда мешавад. Муаллиф таъкид мекунад, ки дигаргунсозии ҳаёти иҷтимоӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми фазои пасошуравӣ ҳамчун вазифаи муҳим як қатор масоили фалсафиро муайян кардааст, ки ба бознигарӣ ва таҳияи мафҳумҳо ва парадигмаҳои нави фалсафӣ ниёз доранд. Ба андешаи муаллиф, дар байни ин масоил метавон диалектикаи муносибат ва вобастагии мавҷудияти иҷтимоӣ ва шуури ҷамъиятиро равшан намуд. Тадқиқот муқаррар намуд, ки ба муносибатҳои нави иқтисодӣ гузаштани ҷомеаи тоҷик боиси пайдо шудани шакли нави шуури ҷамъиятӣ – шуури иқтисодӣ гардид. Муаллиф қайд мекунад, ки сарфи назар аз баҳсҳои мавҷуда дар бораи шуури иқтисодӣ ҳамчун шакли мустақили шуури ҷамъиятӣ, ин шакли шуур ба воқеияти ҳаёти маънавии ҷомеа табдил ёфтааст. Муаллиф шуури иқтисодиро ҳамчун ҷараёни инъикоси мавҷудияти иқтисодӣ дар шуури одамон муайян карда, ҳиссиёт, эҳсосот, ақидаҳо, мулоҳизаҳои мавҷудияти иқтисодиро дар бар мегирад, онҳоро дар шакли таълимот, ақидаҳо, назарияҳо, консепсияхҳ инъикос менамояд. Дар мақола таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ ба сатҳҳо ва сохтори мураккаби шуури иқтисодӣ анҷом дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** ҷамъият, инсон, ҳастии ҷамъиятӣ, шуури ҷамъиятӣ, ҳастии иқтисодӣ, шуури иқтисодӣ, психологияи иқтисодӣ эҳсос, идрок, тафаккури иқтисодӣ, когнетивӣ, аксиологӣ, иродатӣ, омили инсонӣ, ақли муносибатҳои ҷамъиятӣ.

## ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОЗНАНИЕ; УРОВНИ И ЕГО СТРУКТУРА

В настоящей статье рассматривается актуальная проблема современной социальной философии – экономическое сознание, его уровни и структура. Автор подчеркивает, что трансформация общественной жини не только Таджикистана, но и во всем постсоветском пространстве в качестве важней задачи выявила ряд философских проблем, которые нуждаются в переосмыслении и выработки новых философских концепций и парадигм. По мнению автора, среди этих проблем можно выделить диалектику взаимосвязи и взаимообусловленности общественного бытия и общественного сознания. Исследованием установлено, что переход таджикского общества к новым экономическим отношениям обуловило возникновение новой формы общественного сознания – экономического. Автор отмечает, что несмотря на имеющиеся дисукусии по поводу экономического сознания как самостоятельной формы общестивенного сознания, данная форма сознания превратилась в реальность духовной жизни общества. Автором экономическое сознание определяется как процесс отражения экономического бытия в сознании людей, она включая в себя эмоции, чувства, представления, суждения экономического бытия, отражает их в форме учения, идеи, теории, концепции. В статье социально – философскому анализу подвергаются уровни и сложная структура экономического сознания.

**Ключевые слова**: общество, человек, общественное существо, общественное сознание, экономическое бытие, экономическое сознание, экономическая психология, чувство, восприятие, экономическое мышление, когнитивное, аксиологическое, воля, человеческий фактор, социальные отношения.

## ECONOMIC CONSCIOUSNESS; LEVELS AND ITS STRUCTURE

This article examines the current problem of modern social philosophy - economic consciousness, its levels and structure. The author emphasizes that the transformation of social life not only in Tajikistan, but throughout the entire post-Soviet space, as an important task, has identified a number of philosophical problems that need rethinking and the development of new philosophical concepts and paradigms. According to the author, among these problems one can highlight the dialectic of the relationship and interdependence of social existence and social consciousness.The study established that the transition of Tajik society to new economic relations led to the emergence of a new phase of social consciousness - economic. The author notes that despite the existing debates about economic consciousness as an independent form of social consciousness, this form of consciousness has become the reality of the spiritual life of society. The author defines economic consciousness as the process of reflecting economic existence in the minds of people, it includes emotions, feelings, ideas, narrowing of economic existence, reflects them in the form of teachings, ideas, theories, concepts. In the article, the levels and complex structure of the structure of economic consciousness are subjected to socio-philosophical analysis.

**Key words**: society, human being, social being, social consciousness, economic being, economic consciousness, economic psychology, feeling, perception, economic thinking, cognitive, axiological, will, human factor, intellectual mind, social relations, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бобоева Зебо Абдукаримовна*** - Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ, унвонҷӯӣ. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони И.Сомонӣ,169. Телефон: **937100301**

**Сведения об авторе:** ***Бобоева Зебо Абдукаримовна*** **–** Институт экономики торговли Таджикского государственного университета коммерции, кафедра общественных дисциплин, соискатель. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект И. Сомони, 169. Телефон: **937100301**

**Information about the author:** ***Boboeva Zebo Abdukarimovna*** – Institute of Trade Economics, Tajik State University of Commerce, Department of Social Sciences, applicant. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, I. Somoni Avenue, 169. Phone: **937100301**

ТДУ:14 (575.3)

# НАВЪҲО ВА ШАКЛҲОИ ЗУҲУРОТИ АРЗИШҲОИ АНЪАНАВИИ ОИЛАВӢ

*Пиров А.И.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Дар муҳити муосири иҷтимоӣ-фарҳангӣ тағйироту дигаргуниҳо дар арзишҳои анъанавии оилавӣ мушоҳида карда мешаванд. Дар таҳқиқоти мухталиф суръатгирии равандҳои тағйирпазирӣ дар тарзи ҳаёти ҷомеаи навъи ғарбӣ, ки бо дигаргуниҳо дар сохтори ҳаёти оилавӣ ҳамроҳӣ карда мешавад, ба таври махсус таъкид карда шудааст. Чунин тағйирпазирӣ таҳдиди эҳтимолии аздастдиҳии мундариҷаи гуманитарии ниҳоди иҷтимоии анъвнавӣ, ба монанди оиларо бунёд менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки дар адабиёти илмии Ғарб фаҳми анъанавии оила ҳамчун воҳиди демографӣ ва сохторӣ зери шубҳа гузошта мешавад. Таснифоти муосири мафҳуми оила муносибати демографиро сарфи назар намуда, ба тағйиротҳои босуръати таркиби аъзоёни оила, аз он ҷумла таваллуд, марг ва ҷудошавӣ такя менамояд.

Консепсияи анъанавии демографӣ оиларо ҳамчун гурӯҳи сохторӣ бо аъзоёни муайян, ки якҷоя зиндагӣ менамоянд, баррасӣ мекунад. Лекин, оила ба таври доимӣ дар ҳолати таҳаввулот қарор дошта, таркиби аъзоёни худро дар натиҷаи омилҳои мухталиф, ба монанди таваллуд, марг ва ҷудошавӣ тағйир медиҳад. Ин тағйиротҳо номунтазамии ҷанбаҳои демографӣ ва сохтории таснифоти оиларо таъкид менамоянд. Ивазшавии марҳилаҳои ҳаётӣ, ба монанди ба балоғат расидани фарзандон, дигаргуншавии мақоми оилавӣ, рушди муносибатҳои оилавӣ ба самти дигаргуниҳо дар вазъияти ибтидоии оила нишон медиҳанд. Лекин, ин омилҳо дар муайян намудани мақоми оилаҳои алоҳида ягона нестанд, ки серҳаракатии муносибатҳои оилавиро таъкид менамояд.

Ҳамин тариқ, метвон қайд намуд, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии таснифоти оилавӣ арзишҳои анъанавии оилавӣ ба ҳисоб мераванд. Ташаккули арзишҳои анъанавии оилавӣ ва муқаддасоти оилавӣ дар асоси мутобиқати арзишҳои маънавӣ ва самтгириҳои ахлоқӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ба хотири муайян намудани моҳият, хусусиятҳои ташаккули арзишҳои анъанавии оилавӣ ва навъҳои асосии онҳо зарур аст, ки сараввал мазмун ва мундариҷаи мафҳуми "оила" мавриди таснифоти илмӣ қарор дода шавад.

Мувофиқи Луғати энсиклопедии фалсафӣ оила ин гурӯҳи хурд аст, ки ба никоҳ ё хешутаборӣ асос ёфта, аъзоёни он бо умумиятҳои ҳаётӣ, масъулияти тарафайни маънавӣ ва дастгирии якдигар алоқаманд мебошанд [16, с.840]. Муҳаққиқи рус Т.А. Куликова мафҳуми "оила"–ро чунин тасниф намудааст: оила ин гурӯҳи хурди иҷтимоӣ-психологӣ аст, ки аъзоёни он бо муносибатҳои никоҳӣ ё хешутаборӣ, умумияти ҳаётӣ ва масъулияти тарафайни маънавӣ алоқаманд мебошанд, ки зарурати иҷтимоии он аз талаботи ҷомеа ба таҷдиди ҷисмонӣ ва маънавии аҳолӣ бармеояд [13, с.232]. Оила сарчашма ва ҳалқаи миёнарави интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ-таърихӣ, пеш аз ҳама, таҷрибаи эҳсосотӣ ва муносибатҳои тарафайни корӣ байни одамон ба ҳисоб меравад. Оила ниҳоди муҳимми иҷтимоигардии кӯдак буд ва чунин ниҳод боқӣ мондааст.

Е.Шестун ҷанбаҳои мухталифи оиларо таҳқиқ намуда, чунин қайд намудааст: оила ин меросгири урфу одат ва арзишҳои маънавию ахлоқӣ аст, ки аз тарафи гузаштагон бунёд карда шудаанд. Мувофиқи ақидаи муҳаққиқ, оила на танҳо анъанаҳои маънавӣ-динӣ, миллӣ ва ватаниро қабул ва нигоҳ медорад, балки онҳоро аз насл ба насл интиқол медиҳад [17,с.576]. Муҳаққиқи рус А.Б. Беляева низоми арзишҳои анъанавии оилавиро дар асоси маводҳои фолклорӣ омӯхта, аз муайяннамоиҳои этимологии мафҳуми "оила" чунин ҷанбаро ҷудо намудааст: дар шуури халқӣ оила ин тарзи муайяни ҳаёт дар ҳудуди зиндагии умумии шавҳар, зан, фарзандони онҳо ва дигар аъзоёни хонаводагӣ ба ҳисоб меравад [2, с.171].

Дар шароити имрӯза оила аҳаммияти махсусро касб намудааст. Оила нақши муҳимро бозида, ду вазифаи калидиро барои идомаи ҷомеаи инсонӣ иҷро менамояд:

вазифаи таҷдидӣ ва вазифаи тарбиявӣ. Интиқоли ин вазифаҳо бо дигар сохтори иҷтимоӣ бе оқибатҳои ҷиддии манфӣ ғайриимкон аст.

Ҳамин тариқ, дар асоси муайяннамоиҳои зикргардида метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки оила барандаи арзишҳои фарҳангии ҷомеа ва халқ ба ҳисоб меравад. Дар тамоми марҳилаҳои мавҷудияти худ ниҳоди оила ҳамон арзишҳо ва тарзи ҳаёти оилавиро амалӣ намудааст, ки ба хотири онҳо оила вуҷуд дорад. Дар чунин ҳолат дар бораи арзишҳои авлодии оила ва никоҳ сухан меравад. Бунёд намудани оила ин ҳолати табиии ҳаёт ва фаъолияти инсон ба ҳисоб меравад. Мафҳуми "оила" ҳамчун ниҳоди ҷамъиятӣ ва барандаи арзишҳои фарҳангии халқ, ба мафҳуми "анъанаҳо" алоқаи ногусастанӣ дорад.

Мувофиқи Луғати энсиклопедии фалсафӣ, анъана ин унсурҳои мероси иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аст, ки аз насл ба насл интиқол дода шуда, дар ҷомеаҳо, синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии муайян муддати тулонӣ нигоҳ дошта мешаванд [16, с.33].

Мувофиқи луғати кӯтоҳи равоншиносӣ, анъана – дониш, шаклҳои фаъолият ва рафтор, инчунин урфу одат, қоида, арзишҳо ва тасаввуротҳо мебошанд, ки таърихан ташаккул ёфтаанд ва аз насл ба насл интиқол дода мешаванд [12, с.431].

Дар асоси таснифоти зикргардида метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки анъана ин раванди интиқоли арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ аз насл ба насл буда, барои ҳаёти фарҳангии ҷомеа аҳаммияти калидӣ дорад, зеро мероси дастаҷамъонаро ташаккул дода, онро устувор нигоҳ медорад. Анъанаҳо дар нигоҳдорӣ ва интиқоли хусусиятҳои беназири фарҳангӣ аз насл ба насл нақши муассир доранд, ки ба ташаккули ҳувияти халқ мусоидат менамояд.

Барои ҷомеаи тоҷик оилаи анъанавӣ хос аст, ки ҳамчун асоси ташаккул ва интиқоли арзишҳои фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ аз як насл ба насли дигар хизмат менамояд. Дар ин радиф оилаи анъанавӣ дар Тоҷикистон одатан устуворӣ, ягонагӣ ва кумаки тарафайнро таҷассум менамояд. Маҳаққиқи рус М.В. Гурджиян асосҳои оилаи анъанавиро ҷудо намудааст, ки ба ғояи патриархалӣ асос ёфааст: эҳтиром ба волидайн ва калонсолон, хизмат ба наздикон, гиромидошти хотираи ниёгон ва муқаддасоти оилавӣ, иҷроиши нақшҳои оилавӣ, касбӣ ва шаҳрвандӣ. Оилаи анънавӣ барандаи арзишҳои базавии миллӣ ва самтгириҳои ахлоқӣ ба ҳисоб меравад [8, с.41].

Муҳаққиқ Б.Л. Губман чунин қайд намудааст: арзишҳо ин эътиқоди умумиқабулгардида нисбат ба мақсадҳо аст, ки инсон бояд барои амалӣ намудани онҳо саъю кӯшиш намояд, онҳо асоси принсипҳои ахлоқиро ташкил менамоянд [3, с.30]. Қайд намудан зарур аст, ки арзишҳо дар як қатор бо меъёрҳо ва ғояҳо унсурҳои муҳимми фарҳанги инсонӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар фаҳми умумифалсафӣ "арзиш" аҳаммияти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва инсонии падидаҳои муайяни воқеият аст. Дар сотсиология арзишҳо ҳамчун принсипҳои асосии ахлоқ ва этика мебошанд, ки ягонагии низомҳои иҷтимоиро тариқи муқаррар намудани меъёр ва қоидаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ танзим менамоянд. Ин арзишҳо дар ташаккули сохтор ва амалнамоии ҷомеа нақши калидӣ дошта, ба самтгирии аъзоёни он дар қабули меъёрҳои умумиэътирофгардидаи рафтор ва муқаррароти ахлоқӣ мусоидат менамоянд.

Дар асоси таҳлили таснифоти мафҳуми "арзиш" метавон чунин хулосабарорӣ намуд: арзишҳо самтгирии воқеии рафтори инсонӣ, аҳаммияти мусбӣ ва манфии объектҳои муҳит барои инсон, гурӯҳи ичтимоӣ ва ҷомеа мебошанд, ки на дар асоси хусусият, балки дар асоси ҷолибияти онҳо ба соҳаи ҳаёт ва фаъолияти инсонӣ, манфиатҳо ва талаботҳо, муносибаҳои иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Нишондиҳандаҳо ва воситаҳои баҳогузории аҳамияти онҳо дар принсипҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ, ғояҳо, муқаррарот ва мақсадҳо ифода гардидаанд.

Муҳаққиқи рус Е.В.Воронина қайд намудааст, ки "арзишҳои оилавӣ нишондиҳандаҳои мусбӣ ва манфии аҳаммияти объектҳо дар алоқаманди бо ҷолибияти онҳо дар соҳаи ҳаёт ва фаъолияти инсонӣ, манфиатҳои инсонӣ, талаботҳо ва муносибатҳои иҷтимоӣ, ки ба фаъолияти ягонаи умумияти одамон асос ёфта, бо робитаҳои ҳамсарӣ-хешутаборӣ алоқаманд мебошанд" [6, с.43]. Муҳаққиқ С.П. Акутин қайд менамояд, ки яке аз хусусиятҳои муҳимми арзишҳои оилавӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо бодарназардошти фарҳанги умумиинсонӣ бунёд гардидаанд. Арзишҳои оила

воситаи асосии ягонагӣ ва ивазнамоии таҷриба ба ҳисоб мераванд. Ба шарофати арзишҳои ахлоқӣ ва оилавӣ интиқоли таҷрибаи иҷтимоӣ аз насл ба насл амалӣ мегардад [1, с.10].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити имрӯза дар доираи таҳқиқоти илмӣ миқдори зиёди навъбандиҳои арзишҳои оилавӣ пешниҳод карда шудааст.

Муҳаққиқи рус А.Б.Беляева дар асоси таҳлили арзишҳои оилавӣ навъҳои алоҳидаи арзишҳои анъанавии оилавиро ҷудо намудааст:

-оила ва оиладӯстӣ ҳамчун арзиши аввалиндараҷаи оилавӣ;

-вазифаи таҷдидӣ ва кӯдакон ҳамчун арзиши анъанавии оилавӣ. Кӯдакон нишондиҳандаи асосии оила ба ҳисоб мераванд;

-хешу табор ҳамчун арзиши анъанавии оилавӣ;

- таҷрибаи ҳаётӣ ҳамчун арзиши анъанавии оилавӣ;

- фаъолияти меҳнатӣ асоси тарзи анъанавии ҳаёт [2, с.170].

Муҳаққиқон Е.В.Рибак ва А.Б.Федулова дар асоси омӯзиш ва таҳлили ҷанбаҳои мухталифи арзишҳои оилавӣ ду шакли навъбандии онро пешниҳод намудаанд. Шакли якуми наъбандӣ дар асоси унсурҳои робитаҳо дар дохили оила муайян карда шудааст: арзишҳо, ки бо заношӯи алоқаманд мебошанд; арзишҳо, ки бо волидайнӣ алоқаманд мебошанд; арзишҳо, ки бо хешутаборӣ алоқаманд мебошанд. Шакли дуюми навъбандӣ дар асоси вазифаҳои иҷтимоии оила тасниф гардидааст:

- вазифаи таҷдидӣ: арзиши асосӣ фарзандон ба ҳисоб мераванд;

- вазифаи иҷтимоӣ: арзиш иштироки волидайн ва калонсолон дар тарбияи кӯдакон ба ҳисоб меравад;

-вазифаи экзистансиалӣ: арзиши робитаҳои дохилиоилавӣ, фазои оилавӣ, арзиши тандурустӣ, беҳбудӣ;

- вазифаи иқтисодӣ: арзиши корчаллонии оилавӣ, талаботи оилавӣ.

Инчунин, мувофиқи ақидаи муаллифони зикргардида дар ҷомеаи иттилоотӣ таҳсилот ҳамчун арзиши муҳимми иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад [14, с.11].

С.П. Акутина дар асоси таҳлили арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавӣ навъбандии зерини арзишҳои оилавиро пешниҳод намудааст:

-арзишҳои фарҳангӣ-миллӣ ва хударзишии хешутаборӣии оила: хешутаборӣии наздик – арҷгузорӣ ба ниёгон, қадршиносӣ ва сипосгузорӣ ба ниёгон, ифтихор аз мансубият ба қавми худ; фарзандон – масъулият барои рафтори ахлоқӣ, қарзи фарзандӣ, садоқати волидайн; модар – гармиву нармӣ, адолатнокӣ, ҳамдардии самимӣ, ғамхории беғаразона; падар – масъулият барои оила, мураббии хирадманд, далерӣ, олиҳимматӣ, шаъну шараф; хонадон – хона ҳамчун манзил барои ташкили ҳаёти шахсии оила, гармӣ, меҳмоннавозӣ, хайрхоҳӣ, тозагӣ, меҳрубонӣ, мушфиқӣ, муҳофизат, кумаки тарафайн; эҳтиром, шодмонӣ, ҳамоҳангӣ, шафқат, коллективизм, қарзи оилавӣ ва ҳамсарӣ, қобилияти баромадан аз низоъ, умумияти ахлоқӣ; расму таомул, анъанаҳо – расму русуми динӣ, идҳои оилавӣ, фароғати оилавӣ;

-асосҳои табиӣ-географии тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар оила: шароит ва захираҳои табиӣ – эҳтиром, ҳассосият, дилсӯзӣ, муносибати эҳтиромона ба замин; меҳнат – касб, масъулият, меҳнатдӯстӣ, суботкорӣ, ташаббускорӣ, буҷаи оилавӣ, муносибати эҷодӣ ба ҳаёт; тандурустӣ – неру, тобоварӣ, коршоямӣ, матонат;

- асосҳои ҷамъиятӣ-давлатии оила ва тарбияи оилавӣ: ватан – ватандӯстӣ, қаҳрамонӣ, мардонагӣ, салоқату вафодорӣ, риояи қонунҳо, хушахлоқӣ, ифтихори миллӣ забони модарӣ, шаъну шараф; озодӣ ва баробарӣ – озодихоҳӣ, мустақилияти маънавӣ, хубаҳодиҳӣ, эътироф ва эҳтироми ҳуқуқи дигарон, адолатхоҳӣ, дӯстиву рафоқат; ростӣ – боинсофӣ, ростқавлӣ, бовиҷдонӣ, садоқат ба сухан, самимият, эътимод, итоат ба қонун; шаъну шараф – ҳисси аҳаммияти худ дар кори ҷамъиятӣ, қобилияти дарк кардани хислатҳои мусбат дар худ ва дигарон, зиракӣ, нигоҳ доштани обрӯи мусбат, талаботи баланд нисбат ба худ; сулҳ сулҳдӯстӣ, дӯстӣ, эҳтиром ба шахсияти дигарон, қобилияти муомила кардан бо дигарон, таҳаммулпазирӣ, сулҳпарварӣ; касбӣ – дониш, азхудкунии маҳорат, аҳаммиятнокӣ дар ҷомеа, худшиносии маънавию ахлоқӣ;

- арзишҳои олии (мутлақи) маънавӣ-ахлоқии оила: меҳру муҳаббат – муҳаббати маънавӣ, масъулияти аъзоёни оила нисбат ба ҳамдигар, эътимод, дастгирии маънавӣ, зебоии ахлоқӣ, муҳаббати фидокоронаи волидайн, таваҷҷуҳи фаъол ба шахси дӯстдошта; ҳурмат ва эҳтиром – дар инсон дидани шахсият, эҳтироми манфиатҳои шахсият, саъю кӯшишҳо, фазилатҳо, муносибати эҳсосӣ ва арзишӣ ба наздикон, озодӣ, интихоб, одоб, муносибати беғаразона ба дигарон; покдоманӣ – ҳаё, шармгинӣ, покии руҳ, ростқавлӣ, одоб, вафодорӣ, парҳезгорӣ; ҳақиқат – вафодорӣ, инъикоси дурусти воқеият дар фикрҳо, рафтор, умумияти маънавӣ-ахлоқии кӯдакон ва волидон, рефлексия; фарҳанг – арзишҳои моддӣ ва маънавӣ, ки инсоният дар раванди рушди фарҳангӣ ва таърихӣ эҷод кардааст; некӣ – хайрхоҳӣ, некӣ, инсондӯстӣ, раҳмдилӣ, ҳассосият; эътиқод – боварӣ, муқаддасот, тавба, худтаҳлилнамоӣ, инъикоси маънавӣ, канорагирӣ аз танбалии ботинӣ, некбинӣ, хушҳолӣ; умед ва зебоӣ – кӯшиш ба зебоӣ, пуррагии эҳсосоти зебо, эҳсосот, таҷрибаҳо.

Дар асоси навъбандиҳои зикргардидаи арзишҳои анъанавии оилавӣ, метавон чунин хулосабарорӣ намуд, ки арзишҳои оилави мазмуну мудариҷаи муносибати аъзоёни оила бо якдигар ва бо ҷаҳони беруна; самтҳои асосии муносибати тарафайни аъзоёни оила муносибати занушавҳарӣ, муносибати байни волидайн ва фарзандон, муносибати байни хешу таборон ба ҳисоб меравад.

Тарбияи арзишҳои оилавиро метавон ҳамчун ташаккули салоҳиятҳои муайян баррасӣ намуд, ки ба се гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: салоҳиятҳо, ки ба худи шахсият ҳамчун субъекти ҳаёт ва фаъолият тааллуқ доранд; салоҳиятҳо, ки ба ҳамкории инсон бо дигар одамон алоқаманд мебошанд; салоҳиятҳо, ки бо фаъолияти инсон алоқаманд буда, дар тамоми навъҳо ва шаклҳои он зоҳир мегардад [9, с.151].

Тарбияи арзишҳои оилавӣ бо тарбияи оғози маънавии шахсият дар шароити оилаи мушаххас ва муассисаи таълимӣ алоқаманд аст. Тарбияи оиладори оянда, ки нақши волидайниро дарк намуда, масъулиятро эҳсос менамояд, дар ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ метавонад масъалаҳои психологиву педагогии оилаи муосирро ҳал намояд.

Ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавӣ раванди мақсадноки ташаккул ва инкишофи маънавӣ-ахлоқии насли наврас мебошад, ки натиҷаи он ташаккули ҷаҳонбинӣ, муқаррароти афзалияноки маънавӣ, ахлоқӣ ташаккул меёбанд, ки дар принсипҳои арзишӣ, меъёрҳо, ғояҳо ва мақсадҳо ифода гардида, дар анъанаҳои оилавӣ, иҷтимоӣ-таърихӣ, динӣ, дарки ҳатмии арзиши оила асос ёфтаанд [4, с.75].

Муҳаққиқи рус О.Ю.Федосеева нишондиҳандаҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии насли наврасро чунин муайян намудааст:

-нишондиҳандаи маърифатӣ (зеҳнӣ-иродавӣ) бо ҷанбаҳои зерин тавсиф карда мешавад: мукаммалӣ ва ҳаҷми дониш дар бораи арзишҳо, муносибати арзишӣ ба дониш, ҳавасмандии маънавӣ дар фаъолият, муносибати арзишӣ ба наздикон, муносибати эҷодӣ ба супоришҳо, нақшаҳо;

- нишондиҳандаҳои эҳсосотӣ (эҳсосотӣ-арзишӣ, эҳсосотӣ-иродавӣ, эҳсосотӣ-ангезавӣ): сатҳи инкишофи эҳсосотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ, муносибати арзишӣ ба оила, қобилият ба рефлексия, қобилияти тафсири мафҳумҳо ва ғайраҳо;

- нишондиҳандаи рафторӣ (робитавӣ) чунин тавсиф карда мешаванд: мавҷудияти таҷрибаи амалӣ дар риояи арзишҳои ахлоқии қабулшудаи рафтор; қобилияти баҳодиҳӣ ба рафтори худ ва дигарон аз мавқеи риояи арзишҳои анъанавии оилавӣ (мавҷудияти арзёбии баҳогузории шахсии худ); ташаккули қобилияти муошират дар асоси самтгириҳои арзишӣ [15, с.23].

Муҳаққиқи рус Н.В. Микляева дар асоси таҳлил ва таснифи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ нишондиҳандаҳои сатҳи ташаккули онро ҷудо намудааст:

- сатҳи инкишофи ғамхорӣ ва ҳамдардӣ нисбат ба одамон ва ба тамоми мавҷудоти зинда, вокуниши эҳсосотӣ нисбат ба воқеаҳои ҷорӣ ва таърихӣ, асарҳои бадеӣ;

- дараҷаи огоҳӣ дар соҳаи маънавию ахлоқӣ ва муносибати маънавӣ; доираи тасаввурот дар бораи арзишҳои муҳим, сатҳи ташаккули мафҳумҳо, қобилияти тафсири ҳодисаҳои ҷорӣ бо истифода аз тафаккури маънавӣ;

-сатҳи инкишофи сифатҳои маънавию ахлоқии шахс: сатҳи худшиносӣ, эътиқод, зуҳуроти иродавӣ, ангезаҳои фаъолият, малакаҳо, одатҳои рафтор [7, с.104].

Яке аз масъалаҳои муҳимми омӯзиш ва таҳқиқи навъҳои арзишҳои оилавӣ самтгирии нврасон ба оила ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқ О.В.Дибина хусусият ва сахтори самтгирии кӯдакон ва наврасонро ба ҷаҳони оила таҳлил намуда, онро ҳамчун "тамаркузи тафаккур, ҳиссиёт ва эҳсосоти онҳо ба оила бо мақсади омӯхтан, даркнамоӣ, қабулнамоӣ, азхудкунӣ ва табдилдиҳии он" баррасӣ намудааст [10, с.4]. Ташаккули самтгирии кӯдакон ва наврасон ба оила дар асоси як қатор унсурҳо ташхис карда мешавад. Дар ин самт метавон унсури зеҳнӣ, ки сатҳи донишҳо ва тасаввуротро оид ба оила ва сатҳи рушди воситаҳои амалнамоиро дар самти азхудкунии таҷрибаи оила муайян менамояд; унсури эҳсосотӣ-ҳиссиётӣ, ки ҳиссиёт ва эҳсототро дар бар мегирад, ки муносибатро ба ҷаҳони оила таҷассум менамояд; унсури ангезишиву талаботӣ, ки низоми талабот ба фаъолият ва ангезаҳои онро пешниҳод менамояд; унсури рафторӣ, ки сатҳи ташаккул ва устувории малакаву маҳорати амалинамоии мавқеъро ифода менамояд, ҷудо намуд.

Дар ташаккули арзишҳои анъанавии оилавӣ бештар ба арзиши модарӣ ва падарӣ, кӯдак дар оила, хешутабории наздик ва тарзи ҳаёти оилавӣ, хонавода, меҳнат, анъанаҳо, урфу одат ва маросимҳо, ватан, меҳнатдӯстӣ диққати асосӣ равона карда мешавад. Ҷанбаҳои зикргардидаро муҳаққиқи рус Е.Н. Бородина дар асоси як қатор нишондиҳандаҳо чунин ифода намудааст [5, с.140].

Якум, нишондиҳандаи маърифатӣ, ки ба мавҷудият ва сатҳи донишу тасаввуротҳо ва нишондиҳандаҳои асосии он таъкид менамоянд:

- оид ба оила, оид ба навъҳои оила ва вазифаҳои оила, оид ба тарикиби оила, қавм, авлод, оид ба муносибатҳои дохили оилавӣ ва сохтори иерархии оила дар анъанаҳои фарҳанги ватанӣ. Дар ин самт метавон оид ба чунин ҷанбаҳо, ба монанди "падар сарвари оила", "модар ёрдамчии аввалин", "фарзандон дар итоату фармонбардории волидайн ҳамеша омода мебошанд", "ҳурмат ва эҳтироми муҳим ба аъзоёни калонсоли оила" махсусан қайд намуд;

-оид ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқии оилавӣ, оид ба сифатҳои маънавӣ-ахлоқии оила, ба монанди некхоҳӣ, ҳамдардӣ, меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, ҳассосият, итоаткорӣ, эҳтиром ба калонсолон, ёрӣ, таваҷҷуҳ ба наздикону ҳамсоягон ва ғайраҳо;

-оид ба рушди оила (афзоиши оила, таваллуди кӯдакон), нақшҳои оилавӣ (падар "ҳимоятгар", "ёбанда", "такягоҳ", модар – соҳибхона ва кадбону, фарзандон дар кумаки волидайн), оид ба пайдарпайии наслҳо дар оила ва қавм (алоқаҳои оилавӣ, насабномаи оилавӣ).

Дуюм, нишондиҳандаи ангезишиву талаботӣ, ки ба устувории шавқу рағбат ба донистани оилаи худ, қавм ва авлоди худ, ба таърихи анъанаҳои оилавӣ, хоҳиши донистани фарҳанги оилаи худ, зоҳирнамоии шавқу рағбат ва фаъолнокӣ дар раванди фаъолияти маърифатӣ ва ғайраҳо нигаронида шудаанд. Дар ин самт нишондиҳандаҳои зерини он ҷудо карда мешаванд:

-хоҳиши нигоҳ доштани анъанаҳои оилавӣ; арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, варзишӣ, фарҳангӣ, меҳнатӣ ва ғайраҳо; дар нақлу ҳикояҳо оид ба оила ё аъзоёни он ворид намудани иловаҳои эҷодӣ;

-маҳорат ва хоҳиши барқарор намудани алоқаи сабабиву натиҷавӣ байни ҳодисаҳо дар таърихи оилаи худ, ифтихор намудан ва нақл намудани муваффақият ва дастовардҳои оилаи худ;

-малакаву маҳорат ва хоҳиши таҳлили ҳодиса ва вазъият, ки дар оила ба миён меоянд; саъю кӯшиши иштирок дар корҳои оилавӣ, ба монанди меҳнат ва банақшагирӣ.

Сеюм, нишондиҳандаи фаъолиятӣ-рафторӣ ангезаҳоро дар рафтори ахлоқӣ нисбат ба оила, кавм ва авлоди худ, сатҳи фаъолнокӣ, зоҳирнамоии ташаббускорӣ, мустақилият ва фаъолияти маърифатиро ошкор менамояд. Нишондиҳандаҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

-инъикоси арзишҳои азхудшудаи маънавӣ-ахлоқӣ ва ватандӯстӣ дар фаъолияти эҷодӣ;

-зоҳирнамоии ташаббускорӣ, қабули қарор дар ҳолатҳои ҳаётӣ, ки зуҳуроти сифатҳо ва эҳсосоти ахлоқиву ватандӯстиро талаб менамояд;

-малкаву маҳорати гузаронидани вазъиятҳои ахлоқӣ, арзишӣ, эҳсосотӣ, ки дар фаъолият дар ҳолатҳои воқеии ҳаётӣ пешниҳод гардидаанд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар шароити имрӯза навъҳои мухталифи арзишҳои анъанавии оилавӣ мавҷуданд, ки ба инобат гирифтани онҳо дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон самаранокии раванди мазкурро таъмин менамояд.

**Муқарриз: Миров Ф. – н.и.ф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Акутина, С.П. К проблеме классификации семейных духовнонравственных ценностей / С.П. Акутина // Известия Российского государственного педагогического университета им. А.И. Герцена. – 2009. – №94. – С. 9-15.
2. Беляева, А.Б. Традиционные семейные ценности / А.Б. Беляева // Вестник ТГУ: серия Гуманитарные науки. – 2008. – № 11(67). – С. 170-175.
3. Бондаревская, Е.В. Ценностные основания личностного ориентированного воспитания / Е.В. Бондаревская // Педагогика. – 1995. – № 4. – С. 29-36.
4. Бородина, Е.Н. Педагогические условия формирования традиционных духовно-нравственных семейных ценностей у старшеклассников / Е.Н. Бородина // Современные проблемы науки и образования. – Пенза, 2013. – №6. –С. 75-83.
5. Бородина, Е.Н. Наследие: метод, рекомендации по нравственно-патриотическому воспитанию детей в полихудожественной – игровой деятельности / Е.Н.Бородина. – Екатеринбург: Урал. гос. пед. ун-т, 2016. – С. 140-147.
6. Воронина, Е.В. Воспитание семейно-нравственных ценностей у школьников / Е.В. Воронина // Вестник ИГПИ им. П. П. Ершова. – 2012. – № 5. – С. 43-45.
7. Гладких Л.П. Экспресс-диагностика развития детей // Материалы для тематического контроля / Л.П. Гладких, Н.В. Микляева. – М.: Айрис – пресс, 2006. –С. 104.
8. Гурджиян, М.В. Традиционная семья в современном российском обществе // Общество: философия, история, культура. – 2016. – №4. – С. 41-43.
9. Дементьева, И.Ф. Трансформация ценностных ориентаций в современной российской семье / И.Ф. Дементьева // Вестник РУДН: серия Социология. – 2004. – № 6-7. – С. 150-160.
10. Дыбина, О.В. Диагностика направленности на мир семьи / О.В. Дыбина. - М.: Центр педагогического образования, 2009. -236 с.
11. Епишкин, Н.И. Исторический словарь галлицизмов русского языка / Н.И. Епишкин. – М.: Словарное изд-во ЭТС, 2010. -643 с.
12. Краткий психологический словарь. Сост. Л.А. Карпенко; под общ. ред. А.В. Петровского, М.Г. Ярошевского. –М.: Политиздат, 1985. 439с.
13. Куликова, Т.А. Семейная педагогика и домашнее воспитание / Т.А. Куликова. – М.: Академия, 2000. - 287с.
14. Рыбак, Е.В. Социальное развитие и образование в системе семейных ценностей современных молодых родителей: аксикреативный подход / Е.В. Рыбак, А.Б. Федулова // Вестник КГУ им. Н. А. Некрасова. – 2012. – Т. 18: серия Педагогика. – № 3. – С. 11-14.
15. Федосеева, О.Ю. Педагогическая диагностика духовного и нравственного развития младших школьников // Научно-методический электронный журнал «Концепт». -2014. -№ 4. –С. 23-31.
16. Философский энциклопедический словарь / гл. редакция: Л.Ф. Ильичёв, П.Н. Федосеев, С.М. Ковалёв, В.Г. Панов. –М.: Советская энциклопедия, 1983. 840 с.
17. Шестун, Е., Протоиерей. Православная педагогика / Е. Шестун. – М.: Про-Пресс, 2001. 576с.
18. Энциклопедический словарь по психологии и педагогике. –М.: Академик, 2013. -452с.


**НАВЪҲО ВА ШАКЛҲОИ ЗУҲУРОТИ АРЗИШҲОИ АНЪАНАВИИ ОИЛАВӢ**


Дар мақолаи мазкур навъҳо ва шаклҳои зуҳуроти арзишҳои оилавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки ташаккули арзишҳои анъанавии оилавӣ дар асоси мутобиқати арзишҳои маънавӣ ва самтгириҳои ахлоқӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравад. Арзишҳо самтгирии воқеии рафтори инсонӣ, аҳаммияти мусбӣ ва манфии объектҳои муҳит барои инсон, гурӯҳи ичтимоӣ ва ҷомеа мебошад, ки на дар асоси хусусият, балки дар асоси ҷолибияти онҳо ба соҳаи ҳаёт ва фаъолияти инсонӣ, манфиатҳо ва талаботҳо, муносибаҳои иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Нишондиҳандаҳо ва воситаҳои баҳогузории аҳаммияти онҳо дар принсипҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ, ғояҳо, муқаррарот ва мақсадҳо ифода гардидаанд. Арзишҳои оилавӣ мазмуну мударичаи муносибати аъзоёни оила бо якдигар ва бо ҷаҳони беруна; самтҳои асосии муносибати тарафайни аъзоёни оила муносибати занушавҳарӣ, муносибати байни волидайн ва фарзандон, муносибати байни хешу таборон ба ҳисоб мераванд. Тарбияи арзишҳои оилавӣ бо тарбияи оғози маънавии шахсият дар шароити оилави мушаххас ва муассисаи таълимӣ алоқаманд аст. Тарбияи волидайни оянда, ки нақши волидайниро дарк намуда, масъулиятро эҳсос менамоянд, дар ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ метавонад масъалаҳои психологиву педагогии оилаи муосирро ҳал намояд. Дар ташаккули арзишҳои анъанавии оилавӣ бештар ба арзиши модарӣ ва падарӣ, кӯдак дар оила, хешутаборӣи наздик ва тарзи ҳаёти оилавӣ, хонавода, меҳнат, анъанаҳо, урфу одат ва маросимҳо, ватан, меҳнатдӯстӣ диққати асосӣ равона карда мешавад. Дар шароити имрӯза

навъҳои мухталифи арзишҳои анъанавии оилавӣ мавҷуданд, ки ба инобат гирифтани онҳо дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон самаранокии раванди мазкурро таъмин менамояд.

**Калидвожаҳо:** оила, анъанаҳо, арзишҳо, тарбияи ахлоқӣ, волидайн, эҳтироми калонсолон, фарҳанги умумиинсонӣ, арзишҳои анъанавии оилавӣ, зеҳнӣ-иродавӣ, эҳсосотӣ-арзишӣ, эҳсосотӣ-иродавӣ, арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ.

## ВИДЫ И ФОРМЫ ПРОЯВЛЕНИЯ ТРАДИЦИОННЫХ СЕМЕЙНЫХ ЦЕННОСТЕЙ

В данной статье рассматриваются виды и формы проявления семейных ценностей. Автор отмечает, что формирование традиционных семейных ценностей, основанных на совместимости духовных ценностей и нравственных установок, считается одной из приоритетных задач государства и общества. Ценности – это реальная направленность человеческого поведения, положительная и отрицательная значимость объектов окружающей среды для человека, социальной группы и общества, которая определяется не на основе характеристик, а на основе их привлекательности для сферы человеческой деятельности, интересы и потребности, общественные отношения. Показатели и инструменты оценки их значимости выражаются в принципах и этических нормах, идеях, положениях и целях. Семейные ценности – это содержание взаимоотношений членов семьи друг с другом и с внешним миром; Основными сферами взаимоотношений между членами семьи являются отношения между мужем и женой, отношения между родителями и детьми, отношения между родственниками.Воспитание семейных ценностей связано с воспитанием духовного начала личности в условиях конкретной семьи и образовательного учреждения. Воспитание будущей супружеской пары, понимающей роль родителей и чувствующей ответственность, способно решить психолого-педагогические вопросы современной семьи во взаимодействии семьи и образовательного учреждения.При формировании традиционных семейных ценностей основное внимание сосредоточено на ценности материнства и отцовства, ребенка в семье, близких родственников и семейного уклада, семьи, труда, традиций, обычаев и обрядов, Родины, трудолюбия. В современных условиях существуют различные виды традиционных семейных ценностей, учет их в направлении духовно-нравственного воспитания молодежи обеспечивает эффективность этого процесса.

**Ключевые слова:** семья, традиции, ценности, нравственное воспитание, родители, уважение к взрослым, общечеловеческая культура, традиционные семейные ценности, интеллектуально-волевые, эмоционально-ценностные, эмоционально-волевые, духовно-нравственные ценности.

## TYPES AND FORMS OF MANIFESTATION OF TRADITIONAL FAMILY VALUES

This article discusses the types and forms of manifestation of family values. The author notes that the formation of traditional family values, based on the compatibility of spiritual values and moral principles, is considered one of the priority tasks of the state and society. Values are the real direction of human behavior, the positive and negative significance of environmental objects for a person, a social group and society, which is determined not on the basis of characteristics, but on the basis of their attractiveness for the sphere of human activity, interests and needs, social relations.Indicators and tools for assessing their significance are expressed in principles and ethical standards, ideas, provisions and goals. Family values are the content of the relationships of family members with each other and with the outside world; The main areas of relationships between family members are the relationship between husband and wife, the relationship between parents and children, and the relationship between relatives.The education of family values is associated with the education of the spiritual principle of the individual in the conditions of a particular family and educational institution. Raising a future married couple who understands the role of parents and feels responsibility can solve the psychological and pedagogical issues of the modern family in the interaction between the family and the educational institution.When forming traditional family values, the main attention is focused on the values of motherhood and fatherhood, a child in the family, close relatives and family life, family, work, traditions, customs and rituals, the Motherland, and hard work. In modern conditions, there are various types of traditional family values; taking them into account in the direction of the spiritual and moral education of young people ensures the effectiveness of this process.

**Key words:** family, traditions, values, moral education, parents, respect for adults, universal human culture, traditional family values, intellectual-volitional, emotional-value, emotional-volitional, spiritual and moral values.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Пиров Афзалшо Искандарович*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, кафедраи фалсафа, омӯзгор. **Суроға**: 735140, ш. Бохтар,Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, к. Айнӣ, 67.

**Сведения об авторе:** ***Пиров Афзалшо Искандарович*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кафедра философии, преподаватель. **Адрес**: 735140, город Бохтар, Республика Таджикистан, Хатлонская область, улица Айни, 67.

**Information about the author:** ***Pirov Afzalsho Iskandarovich*** - Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Department of Philosophy, teacher. **Address:** 735140, Bokhtar city, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Aini street, 67.

ТДУ:101.1.316 (575.3)

# ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҚОВИМАТ БО КАҶРАФТОРИИ ИҶТИМОӢ ВА ИФРОТГАРОӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

*Раҷабзода Рустам*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Насли ҷавону наврас неруи бузурги зеҳниву ҷисмонӣ ва хазинаи бузургу тиллоии ҳар як миллат дар ҳама давру замон маҳсуб меёбад. Масъалаи тарбияи ахлоқии насли ҷавону наврас яке аз масъалаҳои меҳварӣ дар ҳамаи давру замон ҳамчун проблемаи доираи илмҳои иҷтимоӣ ва фалсафиву сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯзаи мураккабгардии вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаи тоҷикистонӣ масъалаи тарбияи насли наврасу ҷавон ба яке аз проблемаҳои меҳварӣ табдил ёфтааст. Зеро ки иддае аз ҷавонони камтаҷрибаву каммаърифат фиреби ғояҳои иртиҷоӣ шуда, дар гирдоби найранги гурӯҳҳои ифротии манфиатдор меафтанд ва доғ ба аслу насаб ва миллати худ меоваранд.

Минбаъд то кадом андоза дуруст соҳибӣ намудани Ватан, ҳифзи арзишҳои миллӣ, анъанаҳои миллӣ ва муаррифии кишвар дар арсаи байналмилалӣ аз тарафи ҷавонон, бо раванди таълиму тарбияи имрӯзаи онҳо аз тарафи падару модар, ҷомеа ва давлат вобаста мебошад. Маҳз таълим ва тарбияи дурусти ҷавонон дар асоси арзишҳои ахлоқиву зебоипарастии миллӣ боиси ягонагӣ ва инкишофи миллати тоҷик ва давлати Тоҷикистон мегардад [7].

Ниёгони мо низ ба таълим ва тарбияи насли ҷавон аз давраҳои қадим диққати махсус медоданд. Хираду дониш ва одобу ахлоқи ҳамида дар назди гузаштагони мо пурарзиштарин сифатҳои инсонӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар китоби муқаддаси “Авасто” ва дигар китобҳои фалсафиву адабӣ гуфторҳои фаровоне доир ба донишу одаб ёфт мешаванд ва ҳамин гуфторҳо, ки дар масири таърих дар китобҳои мухталиф такрор шудаанд, нишондиҳандаи он аст, ки масъалаи донишу хирад ва тарбияи насли нав дар руҳияи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва ақидаҳои ратсионалӣ ба воя расонидани насли наврасу ҷавон яке аз ҳадафҳои асосии бузургони илму адаб, сиёсату давлати Тоҷикон ба ҳисоб мераванд. Таълиму тарбия дар назди ниёгони мо ҳамин мафҳумро доштааст, ки ҳар як фард бояд дониш аз худ кунад, адабро фаро гирад, то соҳиби сифатҳову кирдори нек гардад ва тавонад барои ҷомеа узви муфиде ба шумор равад. Ин анъана дар давраи аҳди бостон, давраи фарҳанги тоисломӣ, давраи исломӣ, давраи баъдиисломӣ, давраи асрҳои миёна ва замони муосир низ идома дорад, ки ҷолиб он аст, ки ҳамаи бузургони илму адаби мо омӯзгорон ва талқинкунандагони хираду дониш ва одабу ахлоқ будаанд [3,с.7].

Мавриди зикри хос аст, ки падару модарон, ҷомеа ва давлат нисбат ба таълиму тарбия ҳамеша то ба қадри ҳол ва бо назардошти шароити иҷтимоиву иқтисодии хеш таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Гузашта аз ин, худи ҳар нафар баъди ворид шудан ба муҳити иҷтимоӣ зарурати таълим ва тарбия гирифтанро эҳсос менамояд ва вобаста ба талаботи ҷомеа ва тавоноияш аз ин ду малака бархӯрдор мегардад.

Дар гузашта мардуми тоҷик ба масъалаи тарбия муносибати ҷиддӣ доштанд ва наврасону ҷавононро дар руҳияи ватандӯстӣ, худшиносӣ, содиқу ростқавл будан ба воя мерасониданд.

Ахлоқ муъҷизаи аҷиб аст. Будани вай ҳис карда намешавад. Аммо набудани ахлоқ дарҳол ба назар мерасад. Дар мадди аввал гӯё аз ахлоқ чизе вобастагӣ надорад ва риоя накардани меъёрҳои ахлоқӣ гӯё аҳаммияте надорад. Дар ҳолате ки инсон ва умуман ҷомеа ба роҳи бадахлоқӣ мераванд, дарҳол эҳсос мегардад, ки ин роҳ чи гуна хатарҳо дорад, фалокату бадбахтиеро дар пай дорад ва роҳи фоҷеабор менамояд. Дар ин раванд равшан маълум мегардад, ки пешравиҳои иқтисодӣ, рушди иҷтимоӣ, сулҳу субот ва оромии ҷомеа ба вазъи ахлоқии афроди иҷтимоӣ сахт вобастагӣ дорад.

Барои бадахлоқӣ ва бадрафторӣ инсон ҳамеша бояд ҷавоб диҳад. Агар мо моҳияти ҳодисаҳои бузурги таърихии замони гузашта ва ҳозираро мушоҳида намоем, бе ягон мушкилӣ дарк менамоем, ки пайдоиши тамоми ҷараёнҳои иртиҷоӣ, ба монанди

каҷрафтории иҷтимоӣ, тахрибкории динию сиёсӣ, ҷудоиандозӣ, зӯроварӣ, терроризм, ғоратгарию куштор аз бадахлоқӣ маншаъ мегиранд. Шикаст ва пош хӯрдани империяҳои бузурги ҷаҳон, аз ҷумла империяи Рум, давлати Сомониён ва давлати абарқударати Шӯравӣ дар бунёдаш аз бадахлоқӣ сар зада буд [4].

Имрӯз низ дар миёни наврасону ҷавонон баъзе аз ҳаракатҳои иртиҷоӣ, бегона аз фарҳангу маданият, ифротгароиву ҷиноятҷорӣ реша давонда истодаанд, ки боиси нигаронии кулли ҷомеаи тоҷикистонӣ мебошад. Барои пеши роҳи ин ҷараёнҳоро гирифтан, ба андешаи мо, бояд пеш аз ҳама, тарбияи хонаводагиро дар оилаҳо, табияи ахоқи ҳамидаро дар мактабҳо пурзӯр намоем. Роҳҳо ва воситаҳои ташаккули ахлоқи ҷавонон ва наврасонро пайдо намуда, онҳоро дар асоси арзишҳои миллӣ тарбия намоем. Ҳамзамон, ҷавонону наврасонро ба илмомӯзӣ, забономӯзӣ, озмунҳои маърифатӣ ҷалб намуда, дар роҳи рост ва дур аз ғализиҳои бадахлоқии замони муосир тарбия намоем. Зеро ки тарбияи насли нав дар руҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва илмомӯзӣ яке аз вазифаҳои муҳимми оила, ҷомеа, мактаб ва умуман давлат ба ҳисоб меравад. Ҷавонону наврасонро ба омӯзиши ахлоқи ҳамидаи олимону файласуфони сатҳи ҷаҳонӣ, аз қабили Зардушт, Суқрот, Афлотун, Арасту, Конфутсий ва садҳои олимони аҳди қадиму асрҳои миёна ва замони муосир, аз қабили Рӯдакиву, Фирдавсӣ, Насируддини Тӯсиву Ҳофизу Саъдӣ ва дигарон ҳидоят намоем, ки ин олимони сатҳи ҷаҳонӣ дар афкори ахлоқии худ ба тарбияи насли наврасу ҷавон дар руҳияи инсондӯстӣ, инсонпарварӣ, рафтору гуфтору кирдори нек ва ҳифзу нигоҳдории манфиатҳои давлату ҷамъият ҳидоят намудаанд.

Ҳанӯз аввалин мутафаккири эронитабор Зардушт ба пайравонаш се пояи ахлоқиро барои парваридан дар замирашон пешниҳод намуда буд, ки мебоист зардуштӣ рафтори нек, гуфтори нек ва кирдори некро сарчашмаи кору пайкори худ менамуд ва дар муқобили ҳама гуна рафтори бад, гуфтори бад ва кирдори бад меистод. Зеро, Зардушт ақида дошт, ки инсон аз ҷониби Аҳурамаздо (Худои некӣ) офарида шудааст ва бояд дар бари Ӯ маскан бигирад ва бар зидди Аҳриман (Худои бадӣ) мубориза барад.

Афлотун ҳамватанони худро зери тозиёнаи танқид гирифта, гуфта буд, ки афинагиҳо ба ҷойи он ки ахлоқу одоб ва олами ботинии худро такмил диҳанд, онҳо ба роҳи манфиатҷӯйӣ ва бузургманишинӣ рафта истодаанд. Чунин амал метавонад боиси пайдошавии зуҳуроти номатлуб ва фоҷиабори сиёсию маънавӣ барои эллиниҳо гардад. Дар гуфтаҳои файласуфи Юнони қадим ҳикмати бузурге ниҳон аст. Яъне, файласуф мехоҳад ҳамватанони худро ҳушёрӣ диҳад, ки яке аз монеаҳо ва зиддиятҳои асосие, ки инсон дар роҳи ба даст овардани ваҳдат, ягонагии ҷомеаи башарӣ дучор мешавад [4].

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, ки нақш ва мақоми технологияҳои муосири информатсионӣ мақоми махсус дорад, пайдо намудани роҳҳо ва воситаҳои тарбияи ахлоқии насли наврас аз ҳарвақта дида зарурати мубрамтар гаштааст. Зеро ки бо ба вуҷуд омадани имкониятҳои наздикшавии инсонҳо ба тариқи интернет, як қатор проблемаҳои ахлоқиро низ ба вуҷуд оварда истодааст.

Боиси зикри хос аст, ки ҷаҳони зудтағйирёбанда равандҳои сиёсӣ, зуҳуроти гуногун, мушкилоти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар пай дорад, ки ба тафаккур ва ахлоқи ҷавонон таъсир хоҳад гузошт. Ҷавонони Тоҷикистон низ аз ин таҳдидҳо эмин нестанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки мушкилот ва сарчашмаҳои таъсиррасон сари вақт муайян ва роҳи дурусти пешгириву бартарафсозии онҳо амалӣ гарданд.

Яке аз падидаҳои ҷомеаи муосир интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд. Интернет дастоварди бузурги инсоният дар асри XXI бошад ҳам, он ба сифати воситаи асосии иттилоърасон дар ҷаҳон баромад мекунад. Бояд гуфт, ки ҳар пешрафте, ки инсон ба он ноил мегардад, ҷанбаҳои мусбату манфӣ дорад ва интернет низ истисно нест.

Барои робитаи байни инсонҳо интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ масоҳат ва сарҳадро аз байн бурдаанд. Одамон, новобаста аз он ки дар кадом нуқтаи дунё ҳузур доранд, метавонанд бо ҳам дар муошират бошанд. Имрӯз интернет аҳолии ҷаҳонро ба ҳам наздик кардааст. Шаҳрванди як кишвар метавонад дӯстони зиёдеро аз мамлакатҳои дигар пайдо созад ва бо онҳо дар робита бошад. Барои пайдо намудани маълумоти зарурӣ, кофӣ ва муфид он имконияти хуберо дороcт. Шабакаҳои иҷтимоии интернет имкон медиҳанд, ки ҷавонон ба гурӯҳҳои илмӣ – фарҳангӣ, аз қабили химия, физика, мусиқӣ, тиб, адабиёт ва

ғайра аъзо шуда, талаботи маънавиашонро қонеъ намоянд. Дохилшавии ҷавонон ба донишгоҳҳои кишварҳои дигар, ёфтани ҷойи кор тавассути рекламаҳо низ аз муфид будани интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ дарак медиҳад. Номгӯйи чунин хосиятҳои мусбати интернет зиёданд. Аммо, дар баробари ин, шабакаҳои иҷтимоӣ як қатор проблемаҳои ҷиддиро низ ба бор оварда, боиси ташвиш гардидаанд.

Тадқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки дар як рӯз 33,3 дарсади истифодабарандагон, махсусан ҷавонон, аз 5 то 6 соат вақти худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ мегузаронанд, ки хуб нест. Бо ин роҳ онҳо на танҳо вақт, балки ба саломатиашон ҳам зарба мезананд.

Вақтгузаронии барзиёд ва дар канор мондан аз олами воқеӣ яке аз пайомадҳои манфии интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Ин мушкилот бештар дар байни наврасону ҷавонон мушоҳида мегардад. Дар ин ҷо бемасъулиятии волидон ба назар мерасад, зеро маҳз онҳо ба фарзандонашон компютер ва телефонҳои мобилӣ мехаранд, аммо назорат намекунанд, ки бо чӣ кор машғуланд, кадом иттилоъро мутолиа мекунанд ва бо кӣ дар робитаанд, оё дӯстони маҷозии онҳо барои ояндаи ин ҷавон муфиданд? Оё ҳамаи истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ дорои ахлоқи ҳамидаанд?

Албатта, ки не имрӯз тавассути ғояҳои дурӯғ ва бофта мо шоҳиди мудохилаи муташаккилонаи қувваҳои носолим ба ҳаёту зиндагии халқу миллатҳо мегардем. Ин неруҳои зараровар, сохтори некусиришти оламро хароб месозанд, ҳуқуқу озодиҳои инсонро поймол мекунанд ва ба тамаддунҳои маҳаллӣ ва арзишҳои миллӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Инсоф ва тамизи инсонӣ қурбонии ин падидаҳои манфур мегарданд. Тавре ки попи Рим Иоанн Павел II мутаассифона гуфта буд: “Демократия ҳамагӣ як афсона ва паноҳгоҳи бадахлоқии ин кирдорҳо гардидааст” [1, с.24,25].

Дуруст аст, ки имрӯз кишварҳои алоҳида, созмонҳо ва гурӯҳҳои манфиатдор бо пуштибонӣ аз андешаҳои демократиякунонӣ, озодии андеша ва баёни ақида гурӯҳе аз ҷавононро қурбони хавфу хатар ва ҳадафҳои муғризонаи худ намуда истодаанд, ки дар натиҷа ҷавононро мағзшӯӣ намуда истодаанд. Иддае аз ҷавонон ба афкори ин гурӯҳҳо фирефта шуда, назораташонро давлатҳо наметавонанд ба дурустӣ аз сар гиранд. Ин раванд барои ҷомеаи инсонӣ монеи рушд ва инкишоф гардида истода, дар ҷомеа ба рафтори девиантӣ ва каҷрафтории иҷтимоӣ сабаб гардидааст. Ҳамзамон, бо пуштибонии созмонҳои алоҳида ва кишварҳои муайян саркардагони гурӯҳҳои ифротиву ҷиноятпеша ҳадафҳои зиддимиллии онҳоро пиёда кардан мехоҳанд.

Бо баҳонаи эмансипатсияи занҳо, эътирофи ҳуқуқҳои шахсии ҷуфтҳои ҳамҷинсгаро, қонунигардонии никоҳҳои якҷинса, ташвиқоти хиёнати ҳамсарӣ, инкишофи инженерияи генетикӣ, банализатсияи қонунгузории никоҳ ва оила (содагардонии ҷараёни ҷудошавии оилаҳо), дар кишварҳои мутараққии Аврупо ва Амрико, ба пояҳои табиии никоҳи анъанавии занон ва мардон зарбаи ҳалокатовар мерасонад (Фаронса, Голландия, Олмон, Англия, Скандинавия ва ғ. никоҳи якҷинсаро қонунӣ гардонидаанд) [1,с.24,25].

Ин раванд дар тафаккури наврасону ҷавонон ба воситаи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ таъсири манфии худро расонида, имрӯз ҷавонон то як андоза худро мехоҳанд аз менталитет ва ахлоқу арзишҳои миллии бунёдӣ дур гирифта, ба арзишҳои ахлоқии бегона гаравиш намоянд.

Боиси зикри хос аст, ки дар замони шуравӣ масъалаи тарбияи наврасону ҷавонон аз рӯйи барномаи махсус сурат мегирифт. Дар асоси талаботу меъёри идеологияи коммунистӣ наврасону ҷавонон, дар руҳияи садоқат ба давлат, вафодорӣ нисбати Ватан ва ғамхориву эҳтиром нисбати аҳли ҷомеа тарбия меёфтанд.

Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ роҳи навро интихоб намуд, ки дар он ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф шудаанд. Мактабҳои тарбияи давраи шуравӣ (ташкилотҳои пионерӣ, комсомолӣ) аз байн рафтанд ва мавзуи тарбияи наврасону ҷавонон то ба андозае аҳаммияти пешинаи худро аз даст дод. Давлати тозаистиқлол бо ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардид ва дар натиҷа ҳазорон кӯдакону наврасони ятиммонда зери сарпарастии Ҳукумат қарор гирифтанд. Мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳолати ноороми кишвар ба ахлоқи наврасону ҷавонон таъсири манфии худро гузошт. Дар ин замон дар кишвар муассисаҳои таълимӣ қисман аз кор

монда, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, клубҳо, осорхонаҳо ва дигар муассисаҳои фарҳангиву тарбиявӣ аз фаъолият бозмонда, раванди тарбия дар кишвар мураккаб гардид. Ин равандҳо дар кишвар боиси пайдоиши гурӯҳҳои иртиҷоии ҷиноятпеша, ифротгароиву террористӣ, нашъаманд ва дигар ҷараёнҳо гардид.

Баробари беҳтар гардидани вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишвар шаҳрвандон низ ба масъалаи тарбия рӯ оварданд ва давлат ба мушкилоти ахлоқии ҷавонон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд. Махсусан баъди дар солҳои 2001-ум паҳн гардидани гурӯҳҳои ифротгароии динӣ, аҳаммияти мавзуи тарбияи наврасону ҷавононро дар кишвар дучанд намуд. Бо ин мақсад даҳҳо ҷавонони тоҷик, ки дар марказҳои динии кишварҳои исломӣ таҳсил мекарданд, бо супориши Роҳбари давлат ба Тоҷикистон баргардонида шуданд. Илова ба ин, соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул карда шуд.

Барои тарбияи насли солиму созанда ва дорои ахлоқи ҳамида дар кишвар соли 2011 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул карда шуд. Ҳадаф аз қабули ин қонун пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, дар руҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад [2,с.52].

Дар ҳақиқат, тарбияи кӯдак аз фазои оила, аз муносибат ва рафтору кирдори падару модар дар байни ҳамдигар оғоз мегардад. Бештар вақт наврасону ҷавонон кирдору рафтори аъзои оилаи худро тақлид мекунанд ва чӣ хуб аст ва чӣ бад онро ҳамчун намуна пайравӣ менамоянд. Аммо, гоҳо ҳолатҳое шудаанд, ки фарзандон нисбат ба волидайни худ каме хулқу рафтори дигар пайдо менамоянд. Дар байни мардуми англисзабон гуфторе ҳаст: «**Беҳуда кӯшиш намуда, фарзандони худро таълим надиҳед, беҳтараш, худро таълим диҳед, зеро онҳо аз шумо меомӯзанд**». Яъне, агар падару модар чизеро ба фарзанди худ талқин намоянд, вале худ акси онро иҷро бикунанд, кӯдак аз рафтори волидайн пайравӣ хоҳад кард.

Имрӯз аксари волидон ба тарбияи насли нав диққати ҷиддӣ намедиҳанд, онҳоро зери назорат намегиранд ва дар назди худи наврасону ҷавонон волидон ба рафтори девиантӣ ва ё деликвентӣ даст мезананд, дар назди фарзандон сигору нос мекашанд, маводҳои спиртӣ менӯшанд, ё онҳоро барои хариди ин маводҳо равон мекунанд. Дар назди фарзандон дашном мекунанд.

Дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ ва густариши технологияҳои муосир аз ҳарвақта дида масъулияти волидайн, ҷамъият, мактаб ва умуман давлат зиёд гардида, зарурати пешгирии насли наврас аз шомилшавӣ ба ҳар гуна равияҳои иртиҷоӣ, даст задан ба ҷинояткориву каҷрафтории иҷтимоӣ, ифротгароиву хурофотпарастӣ пеш омадааст.

Дар ин робита оиди таъсири манфӣ доштани раванди ҷаҳонишавӣ ба ҳаёти миллатҳо Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш чунин таъкид намудаанд: «Ба андешаи ман, натиҷаи аз ҳама нигаронкунанда ва ҳатто хатарноки раванди глобализатсия ва ҷараёнҳои ба он пайванд коҳиш ёфтани ахлоқ, маънавиёт, одоб, суннат, фарҳанг ва унсурҳои дигари иҷтимоист, ки бе онҳо ҳастии ҳақиқии инсон амалан ғайриимкон аст» [3,с.32]. Ба андешаи бархе аз донишмандони тоҷик, ҷаҳонишавӣ бештар ба миллатҳо ва давлатҳои миллии аз лиҳози худшиносиву ҳувияти миллӣ заифбуда хатар дорад ва ба миллатҳои дорои фарҳангу тамаддуни устувор чандон таъсир надорад.

Ташаккули ахлоқ ё тарбияи маънавии шахсият на фақат ба донистани меъёр, қоида ва принсипҳои ахлоқ, инчунин ба ҳатман риоя кардани онҳо вобаста аст. Амалӣ гардидани ин вазифаҳо, пеш аз ҳама, бар дӯши оила, мактабу муаллимон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аст. Оила метавонад меъёрҳои ахлоқиро вобаста ба синну сол дар фарзандонашон парвариш дода, пайваста амали фарзандонро зери назорат бигиранд. Мактаб ба дастпарварони худ меъёри ахлоқ, қоида ва талабот ба рафтори шахсиятро дуруст баррасӣ намуда, дар якҷоягӣ бо волидайн дар таълиму тарбияи ахлоқӣ саҳми боризи худро гузоранд. Зеро ки аз беаҳаммиятӣ ва камтаваҷҷуҳии волидайн, сатҳи пасти таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва бетарафии ҷомеаи шаҳрвандӣ, наврасону

ҷавонон аз тарбия ва назорат дур монда ба каҷрафторӣ, амалҳои ғайри ахлоқӣ даст зада, ба гурӯҳҳои иртиҷоии ифротгароӣ ва террористӣ шомил мегарданд.

Ба андешаи мо, роҳи аз ҳама муфиди пешгирии наврасону ҷавонон аз каҷрафторӣ ва шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ ин тарбияи дурусти ахлоқӣ дар заминаи меъёрҳои ахлоқӣ, зебоипарастиву арзишҳои фарҳангӣ, динӣ ва сиёсӣ мебошад [6, с.164].

Дар ин раванд тарбияи дурусти ахлоқӣ метавонад барои ноил шудан ба ҳадафҳои миллии рушд мусоидат намояд. Зеро ки насли огоҳ аз илму фан, бомаърифату хушахлоқ ва худшиносу худогоҳ миллатро аз ҷаҳолат ва давлатро аз танназул эмин нигоҳ медорад зеро, ки дар масири таърих 13 давлатдории мо бо ин омил, яъне ҷаҳолат суқут намудааст [5].

Ҳамзамон, омилҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ҷавонону наврасонро қурбони гурӯҳҳои нашъамандӣ, майзадагӣ, каҷрафторӣ, шомил шудан ба гурӯҳҳои иртиҷоӣ ва тундгаро мегаронданд, аз ҷумла:

- камбизоатӣ;
- ихтилофи падару модар;
- ҷудо шудани оилаҳо ва дар тарбияи яке аз волидон мондани фарзандон;
- истифодаи нодурусти вақт;
- дӯстони бад ва ҳамроҳони гумроҳкунанда;
- тамошои филмҳои хусусияти зӯроваридошта, ҷиноӣ ва фаҳшу порнографӣ;
- бетаваҷҷуҳии падару модар ба таълиму тарбияи фарзанд;
- таълими бесифат дар баъзе аз муассисаҳои таълимӣ;
- ба таълими динии ғайрирасмӣ ҷалб намудани наврасону ҷавонон.

Дар шароити имрӯза, чуноне ки маълум гардид, омилҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки монеи рушди босуботи ҷомеа дар шароити имрӯза мегарданд. Омилҳои болозикр, пеш аз ҳама, бо тарбияи ахлоқии дуруст дар асоси арзишҳои бунёдӣ ва фарҳанги миллӣ зич алоқамандӣ доранд.

Ҳамин тариқ, дар тарбияи дурусти наврасону ҷавонон ва ба сӯйи қуллаҳои саодат расонидани онҳо, пеш аз ҳама, оила, нақши муҳим мебозад. Оила барои фарзандон ва умуман барои ашхоси ҷомеа муҳимтарин мактабу донишгоҳ ба ҳисоб меравад.

**Муқарриз: Қозиён Ш.Қ. - д.и.с., ДДОТ ба номи С,Айнӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Маҷидзода Ҷ.З. Ҷавонон ва амнияти иттилоотӣ (дар масири ҷаҳонишавӣ) / Ҷ.З.Маҷидзода, А.Ғ.Холиқзода, Р.С. Одиназода. - Душанбе: Маориф, 2019.- С.24-25.
2. Мирализода А.М. Мактаби сиёсии Пешвои миллат – раҳнамои наслҳои имрӯзу фардо //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар мавзуи “Мактаби сиёсии Пешвои миллат” (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ, №2 – 2021). 5-6 октябри соли 2021, н.Данғара. -С.52.
3. Сайидзода Зафари Шералӣ. Густариши ахлоқи миллӣ. – посух ба пайомадҳои манфии ҷаҳонишавӣ. – Душанбе: ҶДММ “Контраст”, 2014. -С.7.
4. Самиев Абдусамад. Ахлоқ омили муҳимми камолоти инсон, бақои давлат ва суботи ҷомеа. http://www.millat.tj/articles/farhangvaadab/1461-naqshi-akhloq-dar-suboti-jomea-1461.html
5. Ятимов С. Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат) [Манбаи электронӣ]. Санаи боргирӣ 18.01.2023. https://www.facebook.com/100022810042526/posts/pfbid0CchF9WnswpEAqno3vfA3seW2MshzBcR6Wi14LmnmUareFpAEawQQTrJBXXijCa4ql/?mibextid=Nif5oz
6. Терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. –Душанбе: Маориф 2015. -С.164.
7. Саидов Ш. Мушкилоти тарбияи ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ [Манбаи электронӣ].– (санаи муроҷиат: 4.01.2023).


## ТАРБИЯИ АХЛОҚӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҚОВИМАТ БО КАҶРАФТОРИИ ИҶТИМОӢ ВА ИФРОТГАРОӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА


Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеа тарбияи ахлоқии насли наврасу ҷавон маҳсуб меёбад. Масъалаи тарбияи ахлоқӣ барои ҷомеа дар шароити имрӯза зарур буда, ҷиҳати рушд ва инкишофи давлату ҷамъият ва ҳамзамон мустаҳкам намудани пояҳои давлатдории навин мусоидат менамояд.Муаллиф дар мақолаи худ доир ба тарбияи ахлоқӣ андешаронӣ намуда, роҳҳо ва воситаҳои рушду инкишофи тарбияи ахлоқии насли наврасро дар шароити муосир баррасӣ намудааст.

Илова бар ин, муаллиф қайд менамояд, ки дар сурате ки тарбияи ахлоқӣ бар пояи арзишҳои миллӣ ва бунёдӣ ба роҳ монда шавад, он омили асосии муқовимат бо каҷрафтории иҷтимоӣ шуда метаволнад. Илова бар ин, дар шароити имӯза, ки техникаву технологияҳои иттилоотӣ босуръат рушд намуда истодаанд, арзишҳои бегона тавассути онҳо ворид гардида, ба гаравиши ҷавонон ба гурӯҳҳои иртиҷоӣ ва ифротгаро сабаб шуда истодааст. Аз ин рӯ, муаллиф қайд менамоянд, ки тарбияи насли наврас дар руҳияи худшиносӣ, худогоҳӣ, ватандӯстӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ба мақсад мувофиқ аст.

**Калидвожаҳо:** каҷрафторӣ, ифротгароӣ, ҷамъият, иҷтимоиёт, фарҳанги миллӣ, арзишҳои миллӣ, ҷаҳонишавӣ, интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, ахлоқ, тарбия, технологияи муосир, ҷаҳолат.

## ЭТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ КАК ФАКТОР ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ СОЦИАЛЬНОЙ ДЕВИАНТНОСТИ И ЭКСТРЕМИЗМУ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В сегодняшних условиях глобализации одним из важных вопросов общества становится нравственное воспитание подрастающего и молодого поколения. Вопрос нравственного воспитания является необходимым для общества в сегодняшних условиях и способствует росту и развитию государства и общества, а также укреплению основ новой государственности.В своей статье автор размышлял о нравственном воспитании и подчеркнул пути и средства развития нравственного воспитания подрастающего поколения в современных условиях. Кроме того, автор отмечает, что если нравственное воспитание осуществляется на основе национальных и фундаментальных ценностей, то оно не может рассматриваться как основной фактор противодействия социальной девиантности. В дополнение к этому, в сегодняшних условиях, где информационная техника и технологии развиваются в геометрической прогрессии, посторонние ценности войдут в мораль молодежи и подростков и вызовут у молодежи социальную девиантоность и экстремизм. Поэтому автор считает необходимым воспитание нового поколения в духе самосознания, патриотизма и национальных нравственных ценностей.

**Ключевые слова:** девиантность, экстремизм, общество, социология, национальная культура, национальные ценности, глобализация, интернет, социальные сети, этика, воспитание, современные технологии, невежество.

## ETHICAL EDUCATION AS A FACTOR IN COUNTERING SOCIAL DEVIANCE AND EXTREMISM IN MODERN CONDITIONS

In today's conditions of globalization, one of the important issues of society is the moral education of the younger generation. The issue of moral education is necessary for society in today's conditions and contributes to the growth and development of the state and society, as well as strengthening the foundations of a new statehood. In his article, the author reflected on moral education and emphasized the ways and means of developing the moral education of the younger generation in modern conditions. In addition, the author notes that if moral education is carried out on the basis of national and fundamental values, then it cannot be considered as the main factor in countering social deviance. In addition to this, in today's environment, where information technology and technology are developing exponentially, extraneous values will enter the morality of youth and adolescents and cause social deviance and extremism among youth. Therefore, the author considers it necessary to educate the new generation in the spirit of self-awareness, patriotism and national moral values..

**Key words:** девиантность, extremism, social, sociology, national culture, national values, globalization, internet, social media, ethics, upbringing, modern technologies, ignorance.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабзода Рустам*** **–** Донишгоҳи давлатии Данғара, унвонҷӯй, кафедраи фанҳои гуманитарӣ. **Суроға:** 735320, ноҳияи Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Марказӣ, 25. Телефон: **(+992). 918258989**

**Сведения об авторе:** ***Раджабзода Рустам***, Дангаринский государсвенный Университет, соскатель кафедры гуманитарных наук. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, р-н Дангара, улица Маркази, 25. Телефон: **(+992). 918258989**

**Information about author:** ***Rajabzoda Rustam***, Dangara state University, applicant at the department of Humanities science/ **Adress:** 735320,, Republic of Tajikistan, Dangara region, Markazi street, 25. Phone: **(+992). 918258989**

ТДУ: 323.2 (575.3)

# МАЪЛУМОТИ БОСИФАТ ҲАМЧУН ОМИЛИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ СИЁСИИ ҶАВОНОН

*Шералиева М.С.*
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Соҳаи маориф дар ҳар як мамлакат барои пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ хизмат мерасонад. Махсусан, нақши маориф дар баланд бардоштани дониш ва маълумотнокии одамон ва шаҳрвандони ин ва ё он давлат хеле назаррас аст. Бинобар ин, саводнокӣ ва маълумотнокии одамон низ аз соҳаи маориф вобаста мебошанд. Маҳз маориф шаҳрвандонро соҳиби маълумоти миёна, касбӣ, олии нопурра ва олии пурра мегардонад, ки касбияти онҳо дар ин раванд таъмин карда мешавад. Аз ин рӯ, мафҳуми «маълумот» дар алоқаманд гардонидани нақши маориф дар рушди инсонӣ ва шахсияти ҷавонон хеле баръало эҳсос мегардад. Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки раванди маълумотнок гардонидани ҷавонон низ фаъолиятҳои ҳуқуқии соҳаи маорифро ташкил дода, дар ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон нақши муҳим мебозад.

Аслан, мафҳуми «маълумот» дар ду маънои аз ҳам фарққунанда шарҳ дода мешавад. Мувофиқи шарҳи аввал, маълумот – ин маҷмуи донишҳо ва малакҳое мебошад, ки барои фаъолиятҳои амалии инсон, махсусан барои ташаккули шахсияти ҷавонон нақши ҳалкунанда мебозад. Дар маънои дуюм бошад, ин соҳаи фаъолиятҳои ҷамъиятие мебошад, ки дар худ муассисаҳои таълимии сатҳашон гуногунро нигоҳ медорад. Маҳз дар ҳамин маъно ба ҷойи мафҳуми «маълумот» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «маориф»-ро истифода мебаранд. Фаъолияти соҳаи маориф дар ҳамаи ҷомеаҳо бо ҳадафи ташаккули дониши шаҳрвандон ва махсусан насли наврасу ҷавонон равона шуда, одамонро дар зинаҳои гуногун вобаста ба синну сол бо истифода аз ҳадаф ва барномаҳои махсус таълиму тарбия менамояд.

Мувофиқи қарордоди сессияи 20-уми ЮНЕСКО «маълумот» ҳамчун раванд ва натиҷаи ташаккулёбии қобилият ва рафторҳои шахс фаҳмида мешавад, ки мувофиқи он инсон бошуурона ба камол расида, рушди фардии худро таъмин менамояд.*

Мафҳуми «маълумот» дар маънои васеъ раванд ва ё натиҷаи ташаккули ақлу хирад, рафтор ва қобилиятҳои ҷисмонии инсон мебошад. Дар маънои техникӣ бошад, маълумот ва ё соҳаи маориф раванде мебошад, ки дар он ҷомеа ба воситаи мактабҳои сатҳашон гуногун мероси фарҳангию мадании худро аз як насл ба насли дигар интиқол медиҳад [14, с.22].

Бояд гуфт, ки фаъолиятҳои ҳуқуқии соҳаи маорифи ҳар як давлат аз Эъломияи умумии ҳуқуқҳои инсон сарчашма мегирад. Дар Эъломияи умумии ҳуқуқҳои инсон, ки соли 1948 аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ қабул гардидааст, ҳуқуқ ба таҳсил яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон дониста шудааст. Минбаъд чунин ҳуқуқ дар қонунҳои асосии ҳар як мамлакат ба тарзи расмӣ сабт гардида, чунин навъи ҳуқуқ ба ҳар як шаҳрванд кафолат дода мешавад. Дар Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар моддаи 41-ум ҳуқуқ ба таҳсил кафолат дода шудааст [8]. Ба ғайр аз ин, ҳуқуқ ба таҳсил дар як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналхалқӣ кафолат дода шудааст. Аз ҷумла, дар Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии он, дар Пакти байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки соли 1966 аз ҷониби СММ қабул гардидааст, низ ҳуқуқ ба таҳсил ва гирифтани маълумот ҳамчун навъи махсуси ҳуқуқи инсон нишон дода шудааст.

Омода намудани мутахассисон ва талабот ба кадрҳои баландихтисос берун аз системаи маориф ташаккул меёбад. Чунин раванд аз ҳадафҳои умумии иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат вобаста мебошад. Дараҷаи маълумоти умумӣ ва махсус бо талаботҳои

* **ЮНЕСКО** – Организация ООН в области культуры, наукии образования (UNESCO – United Nations Education, Scienceand Culture Organizations).

соҳаи истеҳсолот, ҳолати илм, техника ва маданият ва инчунин, бо муносибатҳои иҷтимоию ҷамъиятӣ асоснок карда мешавад.

Бояд гуфт, ки маълумоти ибтидоӣ дар аксари мамлакатҳои дунё аз синни 5-солагӣ то 7-солагӣ идома меёбад. Айни замон бошад, зиёда аз 70% кӯдакон дар дунё маълумоти ибтидоиро соҳиб мегарданд [10]. Ин маънои онро дорад, ки дар ибтидои ҳазорсолаи сеюм миллиард одам рӯ ба бесаводӣ овардаанд, ки маҳз бо ҳамин сабаб онҳоро камбизоатӣ, бемориҳои гуногун ва ҳуқуқпоймолшавӣ фаро мегирад [9, с.3112].

Соҳаи маориф бояд ду вазифаи асосиро иҷро намояд. Аввал ин ки он бояд талаботҳои зеҳнӣ ва касбии шахсро таъмин намояд. Дуюм ин ки иқтидори зеҳнӣ ва касбии ҷомеаро ташаккул дода, афзоиш диҳад. Аз ҳамин лиҳоз вазифаҳои асосии соҳаи маориф низ аз инҳо иборат аст:

- рушди инсон ва ташаккули қобилиятҳои фардии ӯ;
- омодагии касбии омӯзандагон;
- ташаккули иқтидори илмии ҷомеа;
- соҳибкасб намудани насли наврасу ҷавон;
- таъмини бозори меҳнат бо мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замон.

Бо дарназардошти вазифаҳои дар боло зикргардида, маориф дар рушду инкишоф ва пешрафти инсон, ҷомеа ва тамаддун саҳми арзанда мегузорад. Дар алоқамандӣ бо ин, маориф инчунин як қатор вазифаҳои иҷтимоию фарҳангиро низ иҷро менамояд:

- маориф имкон медиҳад, ки инсон ба ҷаҳони илм ва маданият ворид карда шавад, иҷтимоикунонии инсон ба роҳ монда шуда, дар асоси он алоқамандии наслҳои гузашта бо наслҳои имрӯза таъмин карда шавад;
- маориф яке аз механизмҳое мебошад, ки ба воситаи он ҳаёти маънавӣ ва ҷамъиятии инсон ташаккул дода мешавад;
- маориф дар рушду инкишофи низомҳои минтақавӣ ва анъанаҳои миллӣ саҳми арзанда мегузорад;
- маориф институти иҷтимоие мебошад, ки ба воситаи он арзишҳои фарҳангӣ ва ҳадафҳои рушди ҷомеа ба насли оянда интиқол дода мешавад;
- ба воситаи маориф раванди дигаргуниҳои фарҳангӣ тезонида шуда, тағйиротҳои ҷиддӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва дар ҳаёти фарди алоҳида ба вуҷуд оварда мешавад.

Системаи маориф на танҳо имкониятҳои ба даст овардани хизматрасониҳои таълимиро дастрас мегардонад, балки шароитҳоеро фароҳам меоварад, ки дар асоси он инсон тавонад барои фаъолиятҳои минбаъдаи худ донишҳои худро сайқал диҳад.

Фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ системаи муассисаҳои таълимиеро дар назди худ муттаҳид менамояд, ки онҳо дорои характери миллӣ ҳастанд ва аз рӯйи дараҷа ва навъҳои худ аз ҳамдигар фарқ карда меистанд. Ҳамчунин, анъанаҳои маданӣ ва фарҳангӣ, ҳадаф ва вазифаҳо, сифати таълим ва вазъи молиявии онҳо низ яке аз хусусиятҳои фарққунандаи ин муассисаҳо маҳсуб меёбад. Бинобар ин, фазои таҳсилоти ҷаҳони муосир дар шакли як организме ташаккул меёбад, ки дар ҳар як муассисаи алоҳидаи он тамоюлоти ягонаи ҷаҳонӣ ва нигоҳ доштани гуногунрангӣ ба мушоҳида мерасад [1, с.130].

Ҳамин тариқ, дар системаи маорифи ҷаҳони муосир як қатор тамоюлоти ҷаҳониеро мушоҳида кардан мумкин аст ва аз миёни онҳо тамоюлоти зеринро қайд намудан бамаврид аст:

- характери демократӣ бахшидан ба системаи маориф, яъне дастрас гардонидани раванди таълим ва гирифтани маълумот ба тамоми шаҳрвандони мамалакат, пай дар пайии зинаҳо ва дараҷаҳои маълумот, додани мухторият ба муассисаҳои таълимии тобеи соҳаи маориф;
- ҳуқуқ ба таҳсил ва кафолати он барои ҳамаи он касоне, ки хоҳиши таҳсил намудан ва маълумот гирифтан доранд (новобаста аз шакли муассисаи таълимӣ додани имкониятҳои баробар ба ҳар як нафаре, ки хоҳиши маълумот гирифтан дорад);
-омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таъсири барзиёди онҳо дар раванди ба даст овардани маълумот;

-ба хотири қонеъ сохтани манфиатҳои мухталиф ва рушди қобилиятҳои таҳсилгирандагон васеъ намудани доираи чорабиниҳои таълимию ташкилӣ дар муассисаи таълимӣ;

-рушди бозори хизматрасониҳои таълимӣ;

-афзоиши шабакаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва тағйир ёфтани таркиби иҷтимоии донишҷӯёни он (марҳила ба марҳила хусусияти демократӣ касб намудани муассисаҳо);

-дар самти идоранамоии муассисаҳои таълимии сатҳашон гуногун дар миёни муассисаҳои марказонидашуда ва дорои мавқеи худмухтор пайдо намудани компромисс;

-соҳаи маориф чи дар кишварҳои тараққикарда ва чи дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ яке аз самтҳои афзалиятноки маблағгузорӣ ба шумор меравад;

-дар муассисаҳои таълимии сатҳашон гуногун доимо ба тағйирот дучор гардидани барномаҳои таълимӣ (бо пешрафти ҷомеа мутобиқ намудани муҳтавои барномаҳо ва аз байн бурдани фаннҳои нодаркор);

- даст кашидан аз принсипи «таълимгирандагони сатҳашон миёна» ва рӯ овардани ба кӯдакон ва ҷавонони лаёқатманд, ки дар чунин шароит дар раванди таълим ташаккули қобилиятҳои онҳо дар madди аввал гузошта мешавад.

Ғайр аз ин, барои фазои таҳсилоти ҷаҳонии ибтидои асри XXI як қатор тамоюлотҳои хеле муҳим хос мебошанд:

1. Талошҳои аксари кишварҳои дунё барои гузариш ба сатҳи олитарин ва сифати олитарини таълим ва бо чунин шакли таълим таъмин намудани тамоми аҳолии мамлакат.
2. Тақвият бахшидани ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи маориф. Рушди ин раванд ва фаъолнокии он аз иқтидори системаи маориф, аз шароитҳои баробари шартномаҳои байнидавлатӣ ва аз иштирокчиёни он вобаста аст.
3. Дар системаи маорифи ҷаҳонӣ зиёд шудани номгӯйи фаннҳои гуманитарӣ ва фанҳое, ки ба рушди инсонӣ ва тамоюлоти инсонӣ равона карда шудаанд: сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, фарҳангшиносӣ, экология, эргономика, иқтисод ва монанди инҳо [2, с.45,46].

Яке аз тамоюлотҳои дигари фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ин бодарназардошти анъанаҳои миллии минтақа ва кишвар дар амал татбиқ намудани навовариҳои илмию технологӣ мебошад. Чунин омил боиси ба вуҷуд омадани гуногунфарҳангӣ мегардад, ки дар чунин шароит рушди инсон ва тамаддун ҳам ба арзишҳои миллӣ ва ҳам ба арзишҳои ҷаҳонӣ майл менамоянд ва таркиби донишҳои инсон низ аз чунин хусусият бархӯрдор мегардад.

Бояд гуфт, ки айни замон дар ҷаҳон моделҳои мухталифи таҳсилот ва ба даст овардани маълумот мавҷуд аст, ки аз миёни онҳо моделҳои амрикоӣ, фаронсавӣ, немисӣ ва англисӣ афзалияти бештар доранд. Ҳамзамон, ҷустуҷӯйи моделҳои нави таҳсил ҳанӯз ҳам идома дорад ва ин раванд ҳеҷ гоҳ қатъ намегардад.

Аз нуқтаи назари консепсияи рушди инсонӣ маълумот имкониятҳои инсонро хеле васеъ мегардонад. Як қатор таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки дараҷаи маълумот ва саводнокии инсон ба паҳлуҳои мухталифи фаъолиятҳои ҳаётӣ, аз қабили солимии инсон, фаъолнокии сиёсӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва монанди инҳо таъсири амиқ мерасонад. Бинобар ин, соҳаи маориф яке аз соҳаҳои афзалиятноки ҳар як мамлакат шинохта шуда, барои фаъолияти он аз буҷаи давлат харҷҳои калонҳаҷм ҷудо мегарданд ва он харҷҳои давлатие, ки барои омода намудани кадрҳо равона шудаанд, на ҳамчун воситаи ба вуҷуд оварандаи қувваи корӣ, балки воситаи рушду инкишофи ҷомеа ва мамлакат дониста мешаванд. Рушду инкшофи соҳаи маориф натиҷаҳои мусбӣ ба бор оварда, барои дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои рушду инкишоф муосидат менамояд. Инчунин, соҳаи маориф дар ҳалли як қатор масъалаҳои экологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарӣ муосидат менамояд [4]. Бояд гуфт, ки маълумоти дорои сифати олӣ ва таҳсилоти касбии ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнат ба чунин натиҷаҳо оварда мерасонад:

-ба одамони алоҳида имкон медиҳад, ки худро ташаккул диҳанд, ҷойи кори барои худ мувофиқро пайдо намоянд ва рушди иҷтимоии худро таъмин созанд;

-самаранокии фаъолияти коргарон ва муассисаро боло мебардорад;

- дар амалӣ сохтани навовариҳои илмию технологӣ шароитҳои муосид фароҳам оварда, рушди соҳаро таъмин менамояд;

- маблағгузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ афзоиш ёфта, ҷойҳои нави корӣ пайдо мегарданд ва каме ҳам бошад, сатҳи бекорӣ дар ҷомеа ва дар соҳаи мазкур коҳиш дода мешавад;

-музди меҳнати моҳонаи коргарон зиёд мешаванд;

-дар чунин шароит дастрасии арзишҳо ба вуҷуд омада, имкониятҳо васеъ мегарданд ва нобаробарӣ то дараҷае коҳиш дода мешавад;

-барои барҳам задани низоъҳои мухталиф, аз ҷумла низоъҳои сиёсӣ ва этникӣ шароит фароҳам оварда мешавад;

-риояи ҳуқуқҳои инсон ва паст гардидани сатҳи ҷинояткорӣ ба назар мерасад [2, с.60].

Иқтисодчиёни ба омӯзиши рушду инкишоф машғулбуда таъкид менамоянд, ки «маълумотнокӣ ва саводнокии волидайн яке аз омилҳое мебошад, ки ҳаёти солимро кафолат дода, шумораи таваллудро дар оилаҳои худ коҳиш медиҳад ва солимии кӯдакони худро таъмин менамоянд [5].

Таҳқиқоти гуногуни илмӣ нишон медиҳанд, ки самаранокии меҳнати инсон ва рушди иқтисодии мамлакат аз дараҷаи маълумотнокӣ ва омодагии касбии шаҳрвандонаш вобастагии калон дорад. Масалан, ояндабинии як қатор давлатҳои аврупоӣ нишон медиҳад, ки «дар ҳаҷми 1% зиёд намудани рӯзҳои таълимӣ боиси то ба 3% афзоиш ёфтани самаранокии меҳнат мегардад ва аз ин рӯ, танҳо аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми таълим самаранокии меҳнатро то ба 16% зиёд намудан имконпазир аст» [10].

Ҳамин тариқ, пешниҳоди донишҳои нав вазифаи асосии муассисаҳои таълимӣ, бахусус донишгоҳу донишкадаҳо мебошад. Чунин мулоҳизаронӣ маънои онро дорад, ки бо раванди таълим, маълумот ва умуман бо маориф на танҳо раванди ҷамъоварии дониш ва интиқоли он алоқамандӣ дорад, балки ташаккули иқтидори зеҳнии ҳар як миллат низ аз соҳаи маориф ва аз дараҷаи маълумотнокии шаҳрвандон вобастагӣ дорад.

Дар марҳилаи муосири рушди иҷтимоию иқтисодӣ бе дарназардошти таъмини сифати таълим ба вуҷуд овардани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ғайриимкон аст. Зеро муҳаққиқон ва таҳлилгарон масоили соҳаи маориф ба хулосае омадаанд, ки «сифати таълим дар рушду инкишофи иқтисодиёти мамлакат таъсири амиқ мерасонад» [5].

Маълумоти мукаммали ибтидоӣ асоси таҳсили минбаъда гардида, аз ибтидо то интиҳои фаъолияти меҳнатии инсон самаранокии меҳнати ӯро таъмин менамояд. Қобилияти дар соҳаи истеҳсолот мавриди истифода қарор додани технологияҳои муосир ва аз онҳо гирифтани фоидаҳои иқтисодӣ аз он вобаста аст, ки то кадом андоза аҳолии мамлакат ба таълим ва таҳсил ҷалб гардидаанд ва аз ҷониби маорифи мамлакат чи гуна хизматрасониҳо пешниҳод мегарданд.

Рушду инкишофи бонизоми соҳаи маориф ва ташаккули низоми маълумот тайи ду даҳсолаи охир онро ҳамчун омили асосии рушди инсон ва ҷомеа гардонидааст. Муассисаҳои таълимии сатҳашон гуногун дар шароити муосир мероси фарҳангии ҷомеаро аз як насл ба насли дигар интиқол медиҳанд ва ба воситаи онҳо одамон дониш ва малакаҳои касбиро аз худ намуда, мавқеи иҷтимоӣ ва иқтисодии худро муайян месозанд. Дар натиҷаи амалӣ гардидани ин ҳадафҳо фарҳанги сиёсии ҷавонон ташаккул ёфта, дар рушду инкишофи соҳаҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Дар раванди таълим ва таҳсил кӯдакон ва ҷавонон на танҳо барои иҷроиши нақшҳои муайян омода карда мешаванд, балки онҳо идеалҳои ахлоқӣ, меъёрҳои рафтор ва тарзи муносибат бо муҳитро аз худ менамоянд.

Аз нуқтаи назари рушди инсонӣ маориф ва системаи маълумот имкониятҳои инсонро васеъ менамояд. Як қатор таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дараҷаи саводнокӣ ва маълумотнокӣ ба паҳлуҳои мухталифи ҳаёти инсонӣ таъсири амиқ мерасонад. Масалан, ба солимии инсон, фаъолнокии сиёсии ӯ, дарки маънӣ, тарки одатҳои бад, раванди мутобиқшавӣ бо муҳит ва дигаргуниҳои он ва ғ. [1].

Маълумотнокӣ имкон медиҳад, ки инсон дар раванди иҷро намудани корҳои хоҷагидорӣ, тарбияи фарзандон, ба таҳсил фаро гирифтани онҳо, ҳифзи соломии онҳо аз

дониш ва технологияҳои зарурӣ истифода намоянд. Бо баланд гардидани сатҳу сифати маълумотнокии занҳо ва модарон шумораи фавти кӯдакон ва хурдсолон кам мегардад.

Шахсони соҳибмаълумот метавонанд корҳои нисбатан мураккаб ва ҳамзамон сердаромадро анҷом диҳанд. Чунин шахсон иқтидори ҷисмонӣ ва табииро самаранок истифода намуда, самаранокии меҳнати худро таъмин менамоянд.

Бояд гуфт, ки бо маълумот ва таҳсилот як қатор омилҳои рушди инсонӣ, аз қабили тақсими салоҳиятҳо, рушди институтҳои демократӣ, ҳамкорӣ дар миёни одамон, дар муносибат бо одамони дигар риоя намудани адолатнокӣ, қонеъ намудани талаботҳои насли имрӯза ва таъмин намудани амнияти насли оянда алоқамандии зич дорад. Рушди устувори системаи иҷтимоӣ аз амалигардии омилҳои мазкур вобастагии калон дорад.

Конфронси умумиҷаҳоние, ки соли 1990 шуда гузашт, шаҳрвандони камбизоати ҷаҳонро дар маркази диққати худ қарор дода, таъмини маълумотнокии босифатро барои ҳама ҳатмӣ шуморид. Дар конфронси мазкур маълумот ҳамчун воситаи асосии мубориза бо қашшоқӣ, таъмини ҳуқуқи занон ва ба онҳо додани имкониятҳои васеътар, ҳифзи кӯдакон, риояи ҳуқуқҳои инсон, рушди демократия ва ҳифзи муҳити зист муаррифӣ гардида буд. Мутаассифона, барои ҳама дастрас намудани маълумот ва таҳсилот тули солҳои охир ва ҳатто баъди баргузории конфронси мазкур низ хеле оҳиста амалӣ мегардад.

Аз рӯйи нишондодҳои ЮНЕСКО, зиёда аз 855 млн, нафар, ки аз шаш як ҳиссаи аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳанд, дар ибтидои асри XX1 хондаву навишта наметавонанд. Ҳамзамон, зиёда аз 130 млн кӯдакон дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ба таҳсилоти ибтидоӣ дастрасӣ надоранд ва миллионҳо кӯдакони дигар агар ба мактабҳо раванд ҳам, бинобар сабаби паст будани сатҳу сифати таълим дар он ҷо дониши кофӣ ва зарурӣ ба даст оварда наметавонанд. Бинобар ин, мувофиқи консепсияи рушди инсонӣ ислоҳоти соҳаи маориф ҳамоно муҳим ва рӯзмарра арзёбӣ мегардад [4].

Мувофиқи нишондодҳои Бонки Ҷаҳонӣ, маориф дар доираи низоми иҷтимоию иқтисодии давлат як қатор вазифаҳоро бояд ба таври самаранок иҷро намояд. Аз ҷумла:

-ба вуҷуд овардани дониш: истифода намудан аз дониш ва таҷрибаҳои мавҷудаи ҷаҳонӣ бо мақсади қонеъ сохтани талаботҳои ҷомеа, ба роҳ мондани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, лоиҳаҳои илмӣ ва монанди инҳо;

На танҳо воситаҳои интиқоли донишҳо ва арзишҳои иҷтимоигардӣ, балки худи ин донишҳо ва арзишҳо тағйир ёфтаанд. Раванди иҷтимоигардии ҷавонон ҳамчун насли нав хусусияти сифатан навро касб намудааст, зеро барои интиқоли меъёрҳои иҷтимоӣ ва намунаҳои фарҳангӣ на танҳо ҷамоаи маҳаллӣ ё ниҳодҳои ҳамгироиҳои амудӣ, ба монанди низоми маориф, тахассусоти касбӣ-соҳавӣ, балки сохторҳои шабакавӣ низ ҷалб гардидаанд. Хаёлигардии ҳамкориҳои иҷтимоӣ ба хаёлигардии раванди иҷтимоигардӣ оварда расонидааст.

Рушди босуръати илм ва технологияҳои иттилоотӣ ба иҷтимоигардии иқтисодии шахсият равона карда шудааст. Маҳз аз ҳамин хотир ҳавасмандии ҷавонон дар бадастории неъматҳои моддӣ яке аз муҳимтаринҳо ба ҳисоб меравад. Тағйирпазирии ниҳодҳо аз дигаргуншавии шахсият пештар аст, ки ба бухрони ҳаёт ва фаъолияти иҷтимоии ибтидоӣ, бартарии масъалаҳои иқтисодӣ аз масъалаҳои иҷтимоӣ ва пайдоиши низоъҳои мухталифи этникӣ ва арзишҳои бозоргонӣ оварда мерасонад. Дар алоқамандӣ бо шароити воқеии ҳаёт ва фаъолияти ҷавонон озодии маънавӣ бо озодии иқтисодӣ иваз карда мешавад. Ба сифати ҷанбаи муҳимми раванди иҷтимоигардии иқтисодӣ арзишҳои шахсӣ ва худшиносӣ баромад менамоянд. Иҷтимоигардии иқтисодӣ ба ҳамгироии ҷавонон ба фазои ягонаи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ мусоидат намуда, бояд самти муҳимми сиёсати давлатии иҷтимоӣ гардад.

Лекин дарк намудан зарур аст, ки хукмронии низоъҳои иқтисодӣ дар ҳаёт ва фаъолияти иҷтимоии ҷавонон бе имконияти ҳалли онҳо ба шаклдигаркунии равонии шахсият, монеаҳо дар рушди касбӣ ва умуман ба афзоиши шиддатнокӣ дар ҷомеа оварда мерасонад [11, с.63].

Ба ҷавонон ҳамчун гурӯҳи махсус вазифаҳои муҳим хос аст ва механизмҳои мувофиқ гардидани онҳо ба муҳити муайян нисбатан ба дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ чандиранд, ки дар шароити кӯшишмаркази муосири тағйирпазирии ҷомеа арзишманд ҳисобида мешаванд.

Дар шароити имрӯза дар фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, ки дар раванди иҷтимоигардии ҷавонон як қатор камбудиҳо мушоҳида карда мешаванд. Барои амалӣ намудани неруи ҷавонон зарур аст, ки ба таври мушаххас мақсад, вазифаҳо ва методҳои кор бо ин қишри аҳолӣ муайян карда шаванд. Ҳеҷ як давлат бе низоми ба таври амиқ коркардшудаи сиёсати ҷавонон, ки дар он худи ҷомеа манфиатдор аст, ба таври комил амал карда наметавонад.

Қайд намудан зарур аст, ки иҷтимоигардӣ раванди дуҷониба ба ҳисоб меравад. Аз як тараф, афрод ба таҷрибаи дар ҷомеа мавҷудбуда шинос мегарданд, онро аз худ менамоянд; аз тарафи дигар, онро ба таври фаъол таҷдид менамоянд ва таҷрибаи нав бунёд менамоянд. Барои ҳаёти бомуваффақияти инсон дар ҷомеа зарур аст, ки ин ду ҷанбаи иҷтимоигардӣ бомуваффақият амалӣ гарданд [7, с.25].

Иҷтимоигардии ҷавонон раванди азхудкунии таҷрибаи иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб меравад [5, с.35]. Ба монанди иҷтимоигардии дигар гурӯҳҳои синнусолӣ метавон дар иҷтимоигардии ҷавонон низ иҷтимоигардии мақсаднок ва стихиявиро ҷудо намуд. Иҷтимоигардии стихиявӣ натиҷаи таъсири муҳит, ки дар он инсон зиндагӣ мекунад, муоширати ӯ бо одамони ӯро иҳотанамуда ба ҳисоб меравад. Инчунин, ин ҳамон расму оин ва анъанаҳое ба ҳисоб меравад, ки дар ҷомеа мавҷуданд ва кӯдак онҳоро қабул менамояд.

Иҷтимоигардии мақсаднок раванди махсуси муташаккил мебошад, ки аксар вақт дар муассисаҳои таҳсилотӣ амалӣ мегардад. Дар алоқамандӣ бо ин муассисаи таҳсилоти олӣ муҳите ба ҳисоб меравад, ки метавонад ба иҷтимоигардии бомуваффақияти насли наврас мусоидат намояд.

Муҳити иҷтимоӣ, тарбия ва майлу хоҳиши ирсӣ омилҳое ба ҳисоб меравaнд, ки ташаккули шахсияти ҷавононро майян менамоянд. Дар чунин ҳолат метавон муҳити иҷтимоиро омиле номид, ки аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Дар чунин ҳолат аҳаммияти тарбия, ки раванди махсусан ташкилгардидаи иҷтимоигардӣ ба ҳисоб меравад, аз рӯйи аҳаммият аз муҳити иҷтимоӣ камӣ надорад. Ба хотире, ки давраи ҷавонии инсон дар марҳилаи таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти олӣ мегузарад, раванди мақсадноки

иҷтимоигардии донишҷӯён ба ташаккули самтгириҳои арзишии ӯ мусоидат менамояд ва мутобиқан ба тарзи ҳаёти ӯ таъсир мерасонад.

Ҳамин тариқ, раванди иҷтимоигардӣ падидаест, ки инсонро дар тули тамоми ҳаёт ҳамроҳӣ менамояд. Дар марҳилаи ҷавонӣ иҷтимоигардӣ ҷараёни муҳим ва масъулиятнок ба ҳисоб меравад, ки аз бисёр ҷиҳат тақдири минбаъдаи инсонро муайян менамояд. Аз ин хотир зарур аст, ки ин раванд бомуваффақият амалӣ карда шавад. Барои ин зарур аст, ки тамоми шароит, аз он ҷумла, дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ бунёд карда шавад, ки ба ҷавонон дар бадастории мавқеи дилхоҳи иҷтимоӣ ва ташаккули минбаъдаи касбӣ мусоидат намояд.

**Муқарриз: Таваллоев М.Т. – н.и.с., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абушенко В.Л. Социализация / В.Л. Абушенко // Социология: Энциклопедия. -Минск: Книжный дом, 2003. -1264с.
2. Андреева Г.М. Социальная психология / Г.М. Андреева. -М.: Изд-во МГУ, 1980. -416с.
3. Арон Р. Этапы развития социологической мысли / Р.Арон. пер. с франц. -М.: Прогресс-Универс, 1993. -608 с.
4. Борисова Л.Г Социология личности / Л.Г. Борисова, Г.С. Солодова. -Новосибирск, 2010. - 427с.
5. Ботникова А.С. Проблема социализации молодежи / А.С. Ботникова, Скитневская Л.В. // Интерактивная наука. -2017. -№14. –С. 47-56.
6. Букин В.Г. Социализация молодежи в современном российском обществе: региональный аспект / В.Г. Букин // Известия ВУЗов. Поволжский регион. Гуманитарные науки. -2009. -№2. -С.122-129.
7. Волкова Е.Н. К определению понятия позитивной социализации молодежи / Е.Н. Волкова, Т.В. Вереитинова, И.В.Волкова, О.С. Михалюк // Вестник Мининского университета. -2016. -№2 (15). -С. 25-32.
8. Гавров С.Н. Образование в процессе социализации личности / С.Н. Гавров, Н.Д. Никандров // Вестник УРАО. -2008. -№ 5. -С. 21-29.
9. Горшков М.К. К вопросу об информатизации российского общества: взгляд социолога / М.К. Горшков. -М.: «Институт психологии РАН», 2013. -326с.
10. Дюркгейм Э. Метод социологии / Э. Дюркгейм. -М.,1999. -307 с.
11. Дробышева Т.В. Экономическая социализация личности: ценностный подход / Т.В. Дробышева. -М.: Изд-во «Институт психологии РАН», 2013. -372с.
12. Ковалева, А. И. Проблемы результативности социализации молодежи в изменяющемся обществе / А.И. Ковалева // Вестник Международной академии наук. -2007. -№ 1. -С. 73–77.
13. Луков, В. А. О теории социализации Франклина Гиддингса / В.А. Луков, Е.Е. Лукова // Знания, 2014. -№ 3. –С. 56-64.
14. Савина А. К. Социализация как социально-педагогическая категория в исследованиях ведущих зарубежных ученых / А.К. Савина // Ценности и смыслы. -2017. -№ 2 (48). -С.114-130.
15. Таюрский А.И. Проблемы социализации молодежи / А.И.Таюрский // Гуманитарный вектор. Серия: Педагогика, психология. -2008. -№1. –С. 74-83.


## ХУСУСИЯТҲОИ ИҶТИМОИГАРДИИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРПАЗИРИИ ҶОМЕА


Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои иҷтимоигардии ҷавонон дар шароити тағйирпазирии ҷомеа мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф қайд менамояд, ки афзоиши аҳаммияти иҷтимоигардии ҷавонон дар асоси пошхӯрии алоқаҳои классикии иҷтимоӣ, тағйирпазирии хусусияти амалнамоии чунин ниҳодҳои асосии иҷтимоигардӣ, ба монанди оила, муассисаҳои таълимӣ, муҳити иҷтимоӣ амалӣ мегардад. Муҳиммияти мавзуи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки ҳаёти муосир дар назди муҳаққиқон мониторинги доимии хусусиятҳои иҷтимоигардии намояндагони наслҳои гуногун, аз он ҷумла ҷавононро гузоштааст. Ин бо он алоқаманд аст, ки дар тамоми ҷаҳон тағйироти самтгириҳои арзишии одамон ба миён омада, арзишҳои фарҳанги ҷомеаи оммавӣ ва мақоми бонуфузи истеъмолӣ аввалиндараҷа гардидаанд. Иҷтимоигардии воқеии ҷавонон, самтгирӣ ба арзишҳои мавҷудаи фарҳангӣ-таърихӣ омили асосии рушди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар асоси таҳлили амалияи иҷтимоӣ метавон хусусиятҳои зерини иҷтимоигардии ҷавононро дар ҷомеа ҷудо намуд: тағйирпазирии ниҳодҳои асосии иҷтимоӣ; шаклдигаркунии механизмҳои арзишиву меъёрии танзими иҷтимоӣ ва ташаккули низоми назорати иҷтимоӣ; суръати рушд (акселератсия); афзоиши мобилияти ҳудудӣ ва иҷтимоӣ; таъсири фарҳанги оммавӣ, реклама, воситаҳои ахбори умум; муҳоҷирати аҳолӣ.Дар шароити имрӯза дар фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, ки дар раванди иҷтимоигардии ҷавонон иштирок менамоянд, як қатор камбудиҳо мушоҳида карда мешаванд. Барои амалӣ намудани неруи ҷавонон зарур аст, ки ба таври мушаххас мақсад, вазифаҳо ва методҳои кор бо ин қишри аҳолӣ муайян карда шаванд. Ҳамин тариқ, раванди иҷтимоигардӣ падидаест, ки инсонро дар тули тамоми ҳаёт ҳамроҳӣ менамояд. Дар марҳилаи ҷавонӣ иҷтимоигардӣ ҷараёни муҳим ва масъулиятнок ба ҳисоб меравад, ки аз бисёр ҷиҳат тақдири минбаъдаи инсонро муайян менамояд.



**Калидвожаҳо:** муносибатҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, иҷтимоигардӣ, ҷавонон, сиёсати ҷавонон, “деҳаи глобалӣ”, технологияҳои иттилоотиву робитавӣ, муҳити иҷтимоӣ, тарбия, унсурҳои анъанавӣ.

**ОСОБЕННОСТИ СОЦИАЛИЗАЦИИ МОЛОДЕЖИ В УСЛОВИЯХ РАНСФОРМАЦИОННОГО ОБЩЕСТВА**

В данной статье рассматриваются особенности социализации молодежи в условиях трансформационного общества. Автор отмечает, что возрастающее значение социализации молодежи основано на разрыве классических социальных связей, изменении характера функционирования таких важнейших социальных институтов, как семья, образовательные институты, социальная среда. Важность данной темы выражается в том, что современная жизнь поставила перед исследователями постоянный мониторинг социальных особенностей разных поколений, в том числе молодежи. Это связано с тем, что во всем мире произошли изменения в ценностях народов, и приоритетными стали ценности культуры масс и влиятельного статуса потребителя. Реальная социализация молодежи, ориентация на существующие культурно-исторические ценности является ключевым фактором развития общества. На основе анализа социальной практики можно выделить следующие особенности социализации молодежи в обществе: гибкость основных социальных институтов; формирование ценностно-нормативных механизмов социальной регуляции и формирование системы социального контроля; скорость роста; повышение территориальной и социальной мобильности; влияние массовой культуры, рекламы, СМИ; миграция населения. В современных условиях отмечается ряд недостатков в деятельности государственных органов, занимающихся процессом социализации молодежи. Для реализации потенциала молодежи необходимо четко определить цели, задачи и методы работы с данным сегментом населения Таким образом, процесс социализации представляет собой явление, сопровождающее человека на протяжении всей жизни. В юном возрасте социализация является важным и ответственным процессом, во многом определяющим будущее человека.

**Ключевые слова:** связи с общественностью, социальные группы, социализация, молодежь, молодежная политика; «глобальная деревня», информационно-коммуникационные технологии, социальная среда, образование, традиционные элементы.

**FEATURES OF THE SOCIALIZATION OF YOUTH IN THE CONDITIONS TRANSFORMATIONAL SOCIETY**

This article discusses the features of the socialization of young people in a transformational society. The author notes that the growing importance of the socialization of young people is based on the rupture of classical social ties, the change in the nature of the functioning of such important social institutions as the family, educational institutions, and the social environment. The importance of this topic is expressed in the fact that modern life has put researchers in constant monitoring of the social characteristics of different generations, including young people. This is due to the fact that all over the world there have been changes in the values of peoples, and the values of the culture of the masses and the influential status of the consumer have become a priority.Real socialization of youth, orientation to existing cultural and historical values is a key factor in the development of society. Based on the analysis of social practice, the following features of the socialization of young people in society can be distinguished: the flexibility of the main social institutions; the formation of value-normative mechanisms of social regulation and the formation of a system of social control; growth rate; increasing territorial and social mobility; influence of mass culture, advertising, mass media; population migration.In modern conditions, there are a number of shortcomings in the activities of state bodies involved in the process of socialization of youth. To realize the potential of young people, it is necessary to clearly define the goals, objectives and methods of working with this segment of the population. Thus, the process of socialization is a phenomenon that accompanies a person throughout life. At a young age, socialization is an important and responsible process that largely determines the future of a person.

**Key words:** public relations, social groups, socialization, youth, youth policy; "global village", information and communication technologies, social environment, education, traditional elements.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Саломова Рӯҳафзо Қудратовна*** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **900-77-65-63.**

**Сведения об авторе:** ***Саломова Рухафзо Кудратовна*** – Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кафедра политологии и международных отношений, соискатель. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г.Бохтар, ул. Айни, 67. Телефон: **900-77-65-63.**

**Information about the author:** ***Salomova Ruhafzo Kudratovna*** – Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Department of Political Science and International Relations, applicant. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, st. Aini, 67. Phone: **900-77-65-63.**

ТДУ: 332.021

# СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ИНКИШОФИ ҶОМЕА

***Файзиев Ш.Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сиёсати иҷтимоии ин ё он давлат маҷмуи чорабиниҳои мушаххасест, ки барои танзими муносибатҳои иҷтимоии байни субъектҳои мавқеи гуногуни иҷтимоӣ ба амал баровaрда мешавад. Нишонаи хосси ин навъи сиёсат кори иҷтимоӣ мебошад. Истилоҳи кори иҷтимоӣ ҳам як намуди касб ва ҳам системаи муассисаҳои махсусгардонидашуда ва ҳама амалияҳои гуногунро дорад, ки барои самаранок будан бояд дониши ҳамаҷонибаи илмҳои бунёдиро дар бораи шахс ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар маҷмуъ истифода баранд. Дар амалияи ҷаҳонӣ кори иҷтимоӣ ҳамчун як касби ниҳоят муҳим ва бонуфузи ёрирасон қабул мешавад. Муҳаққиқони ғарбӣ онро ҳамчун касби асри XXI муайян мекунанд ва кори иҷтимоӣ ба маъмултарин касби байнисоҳавии асри XXI табдил ёфтааст. Рушди он бо пайвастшавӣ ва таъсири мутақобилаи якчанд равандҳо, ба монанди институтсионализатсия, идентификатсия ва интернатсионализатсия, ки заминаи интегратсияи Аврупо ва ҷаҳонишавӣ мебошанд, муайян карда мешавад.

Герберт Спенсер ҷомеаро ҳамчун организми ягонаи чамъиятие медонад, ки дар натиҷаи таъсири мутақобилаи байни он қисмҳои таркибиаш инкишоф меёбад. Ба ақидаи Спенсер, сиёсати иҷтимоӣ як тарзи ташкили ҷомеа, баҳодиҳӣ ва идоракунии омилҳои воқеии иҷтимоии омма мебошад [5, с. 26 ]. Дар асоси ин тасаввурот, предмети сиёсати иҷтимоиро метавон инкишофи интегралии ҷамъият, кисмҳои алоҳидаи он ё иштирокчиёни алоҳидаи ҳаёти ҷамъиятиро муайян кард. Соҳаҳои алоҳидаи иҷтимоӣ, аз қабили сарпарастии иҷтимоӣ, тандурустӣ, маориф, фарҳанг, муносибатҳои меҳнатӣ, ки ҳадафу вазифаҳои мушаххас доранд. Аз ин рӯ, субъекти мушаххаси фаъолияти онҳо, ҳамаи онҳо зерсистемаҳои сиёсати иҷтимоӣ мебошанд, ки ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Сиёсати иҷтимоӣ унсури муттаҳидкунанда ва умумии соҳаҳои фаъолият ва муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад.

Масъалаи сиёсати иҷтимоӣ мавзУи таҳлили илмӣ қарор мегирад ва дар тадқиқоти мухталифи ин соҳа ба он таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Муносибат ба ин падида имкон медиҳад, ки на танҳо умуман муассирияти он дар давлат ошкор карда шавад, балки таъсироти он ба суботи иҷтимоиву сиёсии давлат ва ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои вобаста ба он равшан шавад. Таъсироти идорашавандаи чунин навъи сиёсат соҳаи иҷтимоии ҷомеа дар тамоми сатҳҳо, аз ҷумла, дар сатҳи давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ мебошад. Ва ҳар кадом ин сатҳҳо хусусиятҳои худро доранд. Тадқиқоти соҳаи иҷтимоӣ чун соҳаи мустақиман дахлдор ба масъалаҳои зарури ҳаётии истеҳсолот ва ҳастии ҳар як инсон ҳамеша муҳим мебошад. Сиёсати иҷтимоии давлат берун аз дигар навъҳои фаъолияти ҳукумат дар соҳаҳои иқтисодӣ, молиявӣ, буҷетӣ, байналмилалӣ ва ғайра вуҷуд дошта наметавонад. Бинобар ин, ба сиёсати иҷтимоӣ амали идоракунӣ, ки на танҳо бо таъсироти бевосита ба соҳаи иҷтимоӣ, балки ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти идоракунӣ алоқаманд буда, бавосита фаъолияти ҳаётии ҷомеаро инъикос менамояд [ 1, с. 67], муносибат дорад.

Дар шароити муосир тағйирот дар сиёсати ҷаҳонӣ ва иқтисодиёт вақтҳои охир ба соҳаи иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар ин иртибот, сиёсати муассир ва муназзами иҷтимоӣ ба ҷомеа таъсири мусбат расонида, ба ҳифзи субот ва устувории он мусоидат мекунад. Дар айни замон, рушди иқтисоди бозорӣ бе сиёсати иҷтимоии фаъоли самтгиришуда ба афзалияти проблемаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани нақши даромади меҳнатии шахсӣ дар қонеъсозии эҳтиёҷоти иҷтимоиву фарҳангӣ ва маишатии аҳолӣ ва созмондиҳии механизми нави идоракунии соҳаи иҷтимоӣ имконнопазир аст. Зимнан, неруи давлатдории асосёфта ба эътирофи ғояҳо ва арзишҳои давлати иҷтимоӣ бевосита аз муассирияти сиёсати иҷтимоӣ вобаста аст.

Бояд қайд намуд, ки муносибати нав ба фаҳмиши сиёсати иҷтимоӣ, ҳадаф ва вазифаҳои он, арзёбии эҳтимолии алтернативаи ислоҳоти унсурҳои ниҳодии он пайдо

шудааст. Махсусан, омӯзиши саҳми сиёсати иҷтимоӣ дар таъмин ва ҳифзи суботи иҷтимоиву сиёсии давлат ва ҷомеа дар шароити таҳдидҳои муосири ҷаҳонӣ, ки таъсири ногувор мерасонанд, муҳим мебошад. Дар давраи бухронҳои микёсноки сиёсӣ ва иҷтимоӣ мушкилиҳои соҳаи иҷтимоӣ ҳамеша ҳамчун такондиҳанда ва механизми ба кордароварандаи ихтилофоти иҷтимоӣ ва этносиёсӣ хизмат кардаанд. Бинобар ин, сиёсати иҷтимоии муназзам ва муассир беш аз пеш омили муҳимми таъмини суботи ҷамъиятӣ мегардад. Сиёсати иҷтимоӣ ба ҷумлаи самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ, ҳамчунин ба қисмати муайяни ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дохил мешавад. Сабаби ин суръатгирии ҳам ҳарчи бештари механизмҳои бозорӣ, коҳиши микёси танзими давлатии фаъолияти хоҷагидорӣ ва ҳам вазъияти иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурии талабкунандаи қабули тадбирҳои муассир доир ба ислоҳоти ҷомеа ва сиёсати давлатӣ ва пешгирии шиддати иҷтимоӣ мебошад. Барои ҳаллу фасли ин ва дигар вазифаҳои стратегии давлат таҳаввулот ва субот зарур аст, чунки субот шарти асосӣ барои рушд ва беҳбуди зиндагӣ мебошад.

Таҳаввулоти иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодӣ бевосита дар шароити зиндагӣ ва фаъолияти табақаҳои васеи аҳолӣ инъикос меёбад. Ин таҳаввулот, аз як тараф, ба вазъияти бухронӣ ва ба коҳиши сатҳи зиндагии қисмати бештари аҳолӣ ва ба ҷудошавии беандозаи иҷтимоӣ оварда мерасонад. Дар чунин шароит махсусан, нақши сиёсати иҷтимоӣ на танҳо ҳамчун тафовути шароити фаъолияти зиндагии ҳудуди мухталифи кишвар, балки чун анъанаҳои фарҳангиву таърихии асолати (ҳувияти) аҳолӣ муҳим аст. Ҳамаи ин омили воқеии ташаккули мазмуни сиёсати иҷтимоӣ, тарҳрезии асосҳои меъёрӣ ва амалисозии тарҳҳои иҷтимоӣ мебошанд. Дар шароити густариши равандҳо ва тамоюлоти кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати ҷамъиятӣ равишҳо ва нуқтаи назарҳои ҷолиб дар бораи ҳудуд, хусусиятҳо ва микёси сиёсати иҷтимоӣ нисбат ба суботи ҷомеа ба вуҷуд меоянд. Сиёсати иҷтимоӣ метавонад на танҳо бо дарназардошти низоми устувори қонунҳо ва амалия, балки бо дарназардошти усулҳои ахлоқӣ бомуваффақият амалӣ шавад. Ин фаъолият аз тарафи субъектҳои гуногуннавъи ҷудошуда вобаста аз ҳадафҳо ва самтҳои гуногуни намудҳои сиёсати иҷтимоӣ татбиқ мешавад. Афрод интизориҳои муайян нисбат ба онро ташаккул дода, мутобиқати амалияи иҷтимоӣ бо интизориҳои худро арзёбӣ мекунанд ва ба номутобиқатӣ бо он муносибати манфӣ мекунанд. Барои коҳиши чунин номутобиқатӣ худи сиёсати иҷтимоӣ бояд ҷанбаи системавӣ дошта бошад. Барои ин дар низоми сиёсати иҷтимоӣ бояд қонунмандии равандҳои ҷамъиятӣ, хусусиятҳои бунёд ва фаъолияти соҳаҳои иҷтимоӣ дар тамоми сатҳҳо, ки ба моҳияти сиёсати иҷтимоӣ асари худро мегузоранд ва ба амалияи идоракунӣ таъсир мерасонанд, мадди назар гирифта шаванд. Сабаби чунин ҳолат ҳамчунин, ҷанба ва мазмуни тадқиқоти илмии сиёсати иҷтимоӣ дар пасманзари таъсироти суботкунандаи он ба ҷомеа ва зарурати ошкорсозии хусусиятҳо ва самтҳои асосии чунин таъсир аз нигоҳи таъмин ва ҳифзи суботи иҷтимоиву сиёсӣ мебошад.

Ҳамзамон, барои дарк ва муаррифии ин моҳият ва хусусиятҳои сиёсати иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, бояд ба нуктаи зерин таваҷҷуҳ шавад: амнияти иҷтимоӣ дар фаҳмиши васеъ низоми тадбирҳо ва кафолатҳое мебошад, ки рушди устувор ва ҳимояи ҷомеаву давлатро аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётӣ таъмин менамояд. Ба андешаи муҳаққиқ Димитрова С.И., "амнияти иҷтимоӣ дар сатҳи хурд бо таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, дар сатҳи калон бо ҳифзи асосҳои арзишии ҷомеа, дар сатҳи азим бо амнияти миллии равонашуда ба риояи тавозун байни сатҳи хурд ва сатҳи калон алоқаманд аст" [6, с. 37-42 ]. Аммо дар маънои маҳдуд амнияти иҷтимоӣ соҳаи махсуси ҳаёти ҷомеа, соҳаи таъмини сатҳи баланди зиндагии мардум ба воситаи коҳиши хатарҳо, таҳдидҳо ва таваккалҳо дар риштаҳои тандурустӣ, маориф ва илм, иттилоот ва ғайра мебошад. Амнияти иҷтимоӣ падидаи андозагиришаванда аст. Аз мавқеи муносибати ниҳодӣ категорияҳои амнияти иҷтимоии демографӣ, маънавию ахлоқӣ, иҷтимоию табақавӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоию ҳуқуқӣ ва иҷтимоию сиёсӣ ҷудо карда мешаванд, ки вазъият ва тамоюли рушди чунин ниҳодҳои асосии иҷтимоӣ, монанди оила, маориф ва илм, фарҳанг, иқтисод, сиёсат ва ҳуқуқро инъикос менамоянд.

Зикр намудан зарур аст, ки як ҳудуди нишондиҳандаҳои асосии амнияти иҷтимоии дохилшуда дар низоми умумии нишондиҳандаҳои амнияти миллӣ, ки аҳаммияти мутлақи нисбӣ дошта, канорравӣ аз он маънои огоҳсозӣ аз хатари табдил ёфтани таҳдидҳо ба буҳрони системавӣ, аз бесуботшавии ҳаёти сиёсии ҷомеа, аз таҳдид ба амнияти миллиро дорад, муайян карда шудааст. Ба ҳудуди ниҳоии нишондиҳандаҳои амнияти иҷтимоӣ метавон чунин нишондиҳандаҳо, монанди сатҳи камбизоатии аҳолӣ, сатҳи бекорӣ, сатҳи шаҳрвандони камдаромад, сатҳи фавт ва таваллуд, сифати зиндагӣ ва ғайраро дохил кард. Нишондиҳандаҳои демографӣ яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ (ва амниятӣ)–и ҳар як ҷомеа ва давлат мебошанд, зеро, тавре ки маълум аст, бе таҷдиди муассири захираҳои инсонӣ, ҷомеа наметавонад дар ҳудуди замонӣ вуҷуд дошта тавонад. Нишондиҳандаҳои демографӣ бо нишондиҳандаҳои таваллуд, фавт, давомати умр, фавт дар синни кӯдакӣ, никоҳ, талоқ, муҳоҷират муайян карда мешаванд ва дар маҷмуъ ин нишондиҳандаҳо аломати тавонмандии такрор истеҳсолии ҷомеа, қобилияти ҳаётии он ва тавонмандии рушди он мебошанд. Ба рушди демографии ҷомеа омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, аммо асоситарини онҳо иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ мебошанд. Давлат дар тули тамоми таърихи мавҷудияти худ вазифаи иҷтимоии худ доир ба таъмини амнияти шаҳрвандон, фароҳам овардани шароити сулҳи иҷтимоӣ байни табақаҳои гуногуни ҷамъиятиро иҷро кардааст.

Муҳаққиқ Котсева М. дар асоси таҳлилҳои худ сиёсати иҷтимоиро чунин шарҳ медиҳад: «Сиёсати иҷтимоии давлат – фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ мебошад, ки ба дастёбӣ ба некуаҳволии тамоми ҷомеа аз тариқи намунаи муайяни сиёсати иҷтимоӣ равона карда шудааст» [8, с. 9-13]. Таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки на ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа метавонанд ба воситаи муносибатҳои бозорӣ идора карда шаванд. Дар ин иртибот, механизмҳои бозорӣ бояд бо низоми мудохилаи давлатӣ, ки хосси фаъолияти идоракунӣ ва назоратии мақомоти дахлдори ҳокимият мебошад, такмил дода шавад. Давлат самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоиро муайян менамояд, манбаъҳоро ба ин самтҳо тамаркуз мекунанд, демографияро танзим мекунад ва рушди муносибатҳои меҳнатиро ҳавасманд менамояд.

Сиёсати иҷтимоӣ аз рӯйи хислати худ, ба андешаи Терзиев В.К., муназзам (системавӣ) мебошад, зеро аз бутунии унсурҳои бо ҳам алоқаманд иборат аст. Унсурҳои асосии сиёсати иҷтимоиро метавон объект, субъект, ҳадаф ва вазифаҳо, афзалиятҳо, шакл, восита ва тарзи амалисозии сиёсати иҷтимоӣ ҳисоб кард [12, с. 77]. Ба объектҳои сиёсати иҷтимоӣ инҳо дохил мешаванд: аҳолии давлат, аз ҷумла унсурҳои гуногуни он, монанди умумиятҳои иҷтимоӣ ва гурӯҳҳо; муносибатҳои иҷтимоӣ, рӯйдодҳо ва равандҳо. Субъекти асосии сиёсати иҷтимоӣ давлат мебошад. Давлат сулҳи иҷтимоӣ байни гурӯҳҳои гуногуни ҷамъиятиро таъмин менамояд, нобаробарии иҷтимоиро бартараф месозад, фазои ҳаётии барои инсон мусоидро фароҳам меоварад. Ба ғайр аз давлат субъекти сиёсати иҷтимоӣ корфармоён мебошанд. Аммо вазифаи субъектии онҳо маҳдуд мебошад, чунки онҳо уҳдадоранд, ки аз он қоидаҳои умумии иҷтимоӣ пайравӣ кунанд, ки сохторҳои давлатӣ, ҳукуматӣ муқаррар менамоянд, яъне онҳо субъекти дуюмдараҷа мебошанд. Ҳадафи асосии сиёсати иҷтимоӣ қонеъ намудани талаботи шаҳрвандон ва талаботи гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мебошад. Таъкид намудан зарур аст, ки давлат дар доираи амалисозии сиёсати иҷтимоӣ вазифаи рушди ҷомеаро ба дӯши худ мегирад. Ҳадафи сиёсати иҷтимоии муосирро метавон чун инкишофи шахсияти инсон, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳастии комили мутавозини ӯ, тарбияи эҳсоси масъулият барои фаъолияти ҳаётии худ ва барои қонеъсозии манфиатҳо ва талаботи ҳаётан муҳим тавсиф намуд.

Лакичевич Д. қайд менамояд, ки ба вазифаҳои асосии сиёсати иҷтимоӣ метавон инҳоро дохил кард:

-фароҳам овардани шароити аз нигоҳи иҷтимоӣ кафолатнок барои фаъолияти ҳаётии шаҳрвандон;

-таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа; ба вуҷуд овардани замина ҷиҳати рушди ҷомеа аз нигоҳи илмиву техникӣ ва фарҳангӣ[9, с. 40].

Гуногуннавъии вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ, ки имрӯз муаллифон муайян мекунанд, аз нуфузи амиқи он ба тамоми соҳаҳои фаъолияти зиндагии ҷомеа ва густариши он ба

ҳодисаҳо ва равандҳои гуногуни иҷтимоӣ шаҳодат медиҳад. Инчунин, Люблинский В.В. дар асоси навъбандӣ намудҳои зерини вазифаҳои сиёсати иҷтимоиро ҷудо кардааст:

- мутобиқшавӣ ва мувофиқшавии ҷомеа ба муҳит;
- ҳамгироӣ, тавофуқи манфиатҳои тамоми унсурҳои ҷомеа;
- ифода кардани манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ;
- ҳадафмандӣ ва матраҳ кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди ҷомеа;
- ҳамоҳангсозӣ ва барқарор кардани ҳамкории намудҳо ва самтҳои гуногуни сиёсати иҷтимоӣ;
- ҷалб кардани аъзои ҷомеа ба фаъолияти иҷтимоиву сиёсӣ;
- тарҳрезии ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди соҳаи иҷтимоии ҷомеа;
- маҳдудсозии раванди тафрикаи иҷтимоӣ дар ҷомеа;
- пешгирии ихтилофоти иҷтимоӣ ва танзими муносибатҳои иҷтимоӣ;
- ҳавасмандкунии фаъолнокии сиёсиву иҷтимоии афрод ва гурӯҳҳо.
- беҳбуди вазъи демографӣ ва пешгирии камбизоатии оммавӣ;
- таъмини муассирияти шуғли аҳолӣ;
- таҷдиди неруи корӣ ва худи инсон;
- ҳифзи оила ҳамчун ниҳоди асосии иҷтимоӣ;
- таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ [10, с. 87].

Қайд намудан зарур аст, ки ба афзалиятҳои сиёсати иҷтимоӣ инҳо дохил мешаванд: ҳаллу фасли масъалаҳои нобаробарии тақсимкунии даромадҳо; таъмини суботи рушди ҷомеа; ба ҷомеа ҷалб кардани ашхоси дорои имконияти маҳдуд; фароҳам овардани шароити мусоиди кор барои шаҳрвандон; ба вуҷуд овардани пояи қонунгузорӣ барои ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон.

Дар асоси таҳлили андешаҳои муҳаққиқон метавон чунин хулоса намуд, ки самтҳои асосии амалисозии сиёсати иҷтимоӣ инҳо мебошанд:

1. Сиёсати даромади аҳолӣ (сатҳи зиндагӣ, некуаҳволӣ, маблағи ҳадди ақал барои зиндагӣ, сабади истеъмолӣ).
2. Сиёсат дар соҳаи кор ва муносибати меҳнатӣ (пардохти музди меҳнат, ҳифзи меҳнат, суғурта, шуғл).
3. Дастгирӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ (таъмини нафақа, хизматрасонии иҷтимоӣ, кафолати иҷтимоӣ, ҳифзи ашхоси корношоям, камдаромад ва ғайра).
4. Рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, илм, фарҳанг, варзиш ва ғайра).
5. Сиёсат дар соҳаи зерсохтор (хоҷагии манзилӣ – коммуналӣ, нақлиёт, роҳҳо, алоқа, хизматрасонии тиҷоратӣ ва маишӣ ва ғайра).
6. Сиёсати муҳоҷиратӣ (муҳоҷирати маҷбурӣ, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, ҳифзи ҳуқуқи ҳамватанон дар хориҷа ва ғайра).
7. Сиёсат нисбат ба табақаи алоҳидаи аҳолӣ (сиёсати оилавӣ, сиёсати атфол, сиёсати ҷавонон, сиёсати хизматчиёни ҳарбӣ ва ғайра).

Сиёсати иҷтимоӣ ба маънои васеъ умуман, бо сиёсати давлат мутобиқат мекунад, чунки ҳар гуна амал ба беҳбуди ҳаёти ҷомеа равона карда шудааст. Бинобар ин, сиёсати иҷтимоӣ, қабл аз ҳама, амалияи ҳаррӯзаи шохаҳои иҷроия ва қонунгузории ҳокимият, мақомоти маҳаллӣ ва муассисаҳо мебошад. Мавзуи сиёсати иҷтимоӣ доираи васеи амалия ва ниҳодҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳамчунин тағйироти онҳо мебошад. Азбаски мавзуъ чунин ниҳодҳои гуногун, монанди маориф, тандурустӣ, сарпарастӣ, таъмини нафақа, сиёсати демографӣ, зерсохтори ҳаёти инсон, яъне тамоми иқтисодро фаро мегирад, пас, нуктаҳои умумӣ барои тадқиқоти сиёсати иҷтимоӣ зиёд хоҳанд буд. Аксарият тафсиру шарҳи истилоҳи «сиёсати иҷтимоӣ» метавонад ба яке аз ду гурӯҳ дохил карда шавад. Ба гурӯҳи аввали таърифи истилоҳи «сиёсати иҷтимоӣ» он муаллифоне дохил мешаванд, ки дар истилоҳи «сиёсати иҷтимоӣ» усули бартаридошта ва баъзан, ягонаи идоракунии давлатиро мебинанд. Ба гурӯҳи дувум таърифе дохил мешавад, ки муаллифони онҳо дар истилоҳи «сиёсати иҷтимоӣ» маънои асосиро ба равандҳои иҷтимоӣ, монанди алоқамандии табақаҳо, стратификатсия, ҳамгироии механизмҳои тавозуни иҷтимоӣ ва ғайра медиҳанд.

Ҳамин тариқ, инкишофи сиёсати иҷтимоӣ дигаргуниҳои махсусан фаъолро дар давраҳои дигаргунсозии ҷамъиятҳо ва иқтисодиёт нишон медиҳад. Таҷриба ва татбиқи моделҳо, барномаҳо, стратегияҳо ё консепсияҳои гуногуни иҷтимоӣ на ҳамеша бо инъикоси таҷрибаи таърихӣ ва донишҳои илмӣ ҳамроҳ мешавад. Ба маънои умумӣ, инкишофи ин навъи сиёсат барои барпо намудани ҷамъияте нигаронида шудааст, ки барои мавҷудияти инсон бештар мувофиқ бошад ва ба вуҷуд овардани чунин системае мебошад, ки ба ҳаёти иҷтимоӣ, тиббӣ, маданӣ хизмат кунад.

**Муқарриз: Раҳматов У.Н. – н.и.ф., дотсенти ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур**

## АДАБИЁТ


1. Аверин А.Н. Социальная политика и подготовка управленческих кадров / А.Н. Аверин. - М., 2007.
2. Арабска Е. Активните трансформации в политиките за функциониращ пазарна труда и за заетост / Е. Арабска, В.К. Терзиев // Научная конференция с международно участие «Иновации в образованието». – Ш.: Шуменски университет «Епископ Константин Преславски», 2015.
3. Арабска Е. Мониторинг на активните политики на пазара на труда в Болгария /Е.Арабска, В.К. Терзиев // Порва научнопрактическа конференция с международно участие «Социална работа, мениджмент и социално развитие: съвременни предизвикателства, перспективи и иновативни практики 2015». -М., 2015.
4. Аристотель. Политика. -М., 2010.
5. Григорьева И.А. Социальная политика: взаимодействие государства, общества и человека: автореф. дис. … докт. полит. наук / И.А. Григорьева. СПб., 2005.
6. Димитрова С.И. Предложения в области социального капитала, партнерства и сети. Развитие социальной экономики. Поддержка социальной инновации / С.И.Димитрова, В.К. Терзиев // Международная научно-практическая конференция «Экономические науки: теоретический и практический взгляд». – Уфа: НИЦ Аэтерна, 2014.
7. Калашников С.В. Функциональная теория социального государства / С.В. Калашников. — М.: Экономика, 2002.
8. Коцева М. Проблеми на оценката на активните политики на пазара на труда // Пета национална конференция «Службите по заетостта и Европейския пазар на труда» / М. Коцева, В.К.Терзиев, З.Андреева. – Р.: Русенски университет «Ангел Кънчев», МТСП, АЗ, Русе, 2003.
9. Лакичевич Д. Введение в социальную политику / Д.Лакичевич. –М., 2002.
10. Люблинский В.В. Теория и практика современной социальной политики / В.В. Люблинский. - М.: Современная экономика и право, 2004.
11. Младенов Ю. Активна социална програма и нейното стратегическо преимущество / Ю.Младенов, В.К.Терзиев, // Научни трудове. – Р.: Русенски университет «Ангел Кънчев», 2012. – Т. 51. – Серия 5.1. – С. 9-14. -№ 2.
12. Терзиев В.К. Динамика в уязвимите групи на пазарана труда в Болгария // Четиринадесета младежка научно-практическа конференция / В.К.Терзиев, Е.Арабска. – С.: Федерация на научно-техническитесъюзи, 2016.
13. Терзиев В.К. Развитие системы социальной поддержки в Болгарии / В.К.Терзиев, П.Димитрова // Сборник статей Международной научно-практической конференции «Актуальные проблемы современной науки». – Уфа: НИЦ Аэтерна, 2014.
14. Терзиев В.К. Изследване възможностите за трудовата реинтеграция на продължително безработни лица на пазара на труда чрез програма за заетост / В.К. Терзиев, Ю. Младенов, М.Стойчев // УНИТЕХ'04. – Г.: Технически университет, 2004.


## СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ИНКИШОФИ ҶОМЕА


Дар мақолаи мазкур сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун воситаи инкишофи ҷомеа баррасӣ гардидааст. Муаллиф бо такя ба адабиётҳои илмӣ масъалаи сиёсати иҷтимоиро дар шароити муосир мавриди омӯзиш ва таҳлили илмӣ қарор додааст. Масъалаи сиёсати иҷтимоӣ мавзуи таҳлили илмӣ қарор мегирад ва дар тадқиқоти мухталифи ин соҳа ба он таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад. Муносибат ба ин падида имкон медиҳад, ки на танҳо муассирияти он дар давлат ошкор карда шавад, балки таъсироти он ба суботи иҷтимоиву сиёсии давлат ва ҷомеа дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои вобаста ба он муайян карда шавад. Сиёсати иҷтимоӣ, на танҳо бо таъсироти бевосита ба соҳаи иҷтимоӣ, балки ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти идоракунӣ алоқаманд буда, бавосита фаъолияти ҳаётии ҷомеаро инъикос менамояд. Таҳаввулоти иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодӣ бевосита дар шароити зиндагӣ ва фаъолияти табақаҳои васеи аҳолӣ инъикос меёбад. Ин таҳаввулот, аз як тараф, ба вазъияти бӯҳронӣ ва ба коҳиш ёфтани сатҳи зиндагии қисмати бештари аҳолӣ ва ба ҷудошавии беандозаи иҷтимоӣ оварда мерасонад. Дар чунин шароит махсусан, нақши сиёсати иҷтимоӣ дар шароити зиндагии ҳудудҳои мухталифи кишвар муҳим мебошад. Сиёсати иҷтимоӣ ба маънои васеъ, умуман, бо сиёсати давлат мутобиқат мекунад, чунки ҳар гуна амал ба беҳбуди ҳаёти ҷомеа равона карда шудааст. Бинобар ин, сиёсати иҷтимоӣ, қабл аз ҳама, амалияи ҳаррӯзаи шохаҳои иҷроия ва қонунгузории ҳокимият, мақомоти маҳаллӣ ва муассисаҳо мебошад. Мавзуи сиёсати иҷтимоӣ доираи васеи амалия ва ниҳодҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳамчунин тағйироти онҳо мебошад.

**Калидвожаҳо:** сиёсати иҷтимоӣ, ҷомеа, давлат, инкишоф, мавқеи иҷтимоӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, объект, субъект, вазифа, аҳолӣ, афзалият, вазъияти буҳронӣ, равандҳои иҷтимоӣ, вазъи иқтисодӣ, хизматрасонӣ.

## СОЦИАЛЬНАЯ ПОЛИТИКА КАК ИНСТРУМЕНТ ОБЩЕСТВЕННОГО РАЗВИТИЯ

В данной статье рассматривается социальная политика как инструмент развития общества. На основе научной литературы автор изучил и проанализировал вопрос социальной политики в современных условиях. Проблема социальной политики является предметом научного анализа, и ей уделяется большое внимание в различных исследованиях в этой области. Подход к этому феномену позволяет не только выявить его эффективность в государстве, но и уточнить его влияние на социально-политическую стабильность государства и общества в условиях глобализации и связанных с ней угроз. Социальная политика – это акт управления, который связан не только с непосредственным воздействием на социальную сферу, но и с различными сторонами управленческой деятельности, и косвенно отражает жизнедеятельность общества. Социально-политические и экономические процессы непосредственно отражаются на условиях жизни и деятельности широких слоев населения. Эти явления, с одной стороны, ведут к кризисной ситуации и к снижению уровня жизни большинства населения, к огромной социальной изоляции. В таких условиях особенно важна роль социальной политики в условиях жизни разных регионов страны. Социальная политика в широком смысле в целом совместима с государственной политикой, ведь любое действие направлено на улучшение жизни общества. Поэтому социальная политика – это, прежде всего, повседневная практика исполнительной и законодательной ветвей власти, органов местного самоуправления и учреждений. Предметом социальной политики является широкий спектр практики и социальных, экономических, политических институтов, а также их изменения.

**Ключевые слова:** социальная политика, общество, государство, развитие, социальная позиция, общественные отношения, объект, субъект, задача, население, приоритет, кризисная ситуация, социальные процессы, экономическая ситуация, услуги.

## SOCIAL POLICY AS A TOOL FOR PUBLIC DEVELOPMENT

This article discusses social policy as a tool for the development of society. On the basis of scientific literature, the author studied and analyzed the issue of social policy in modern conditions. The problem of social policy is the subject of scientific analysis, and much attention is paid to it in various studies in this area. The approach to this phenomenon allows not only to reveal its effectiveness in the state, but also to clarify its impact on the socio-political stability of the state and society in the context of globalization and the threats associated with it. Social policy is an act of management, which is associated not only with a direct impact on the social sphere, but also with various aspects of management activities, and indirectly reflects the life of society. Socio-political and economic processes are directly reflected in the living conditions and activities of the general population. These phenomena, on the one hand, lead to a crisis situation and to a decrease in the standard of living of the majority of the population, to enormous social isolation. In such conditions, the role of social policy in the conditions of life in different regions of the country is especially important. Social policy in a broad sense is generally compatible with state policy, because any action is aimed at improving the life of society. Therefore, social policy is, first of all, the daily practice of the executive and legislative branches of government, local governments and institutions. The subject of social policy is a wide range of practices and social, economic, political institutions, as well as their changes.

**Key words:** social policy, society, state, development, social position, public relations, object, subject, task, population, priority, crisis situation, social processes, economic situation, services;

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Файзиев Шаҳзод Шарифмуродович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи сотсиология, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **900-920444**

**Сведения об авторе:** ***Файзиев Шахзод Шарифмуродович*** – Таджикский национальный университет, кафедра соцсиологии, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,17. Телефон**: 900-920444**

**Information about the author:** ***Fayziev Shahzod Sharifmurodovich*** - Tajik National University, Department of Sociology, doctoral Ph.D. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 17.
Phone: **900-920444**

УДК 159.923;374

# ХАРАКТЕРНЫЕ ОСОБЕННОСТИ УПРАВЛЕНИЯ ЦЕЛЕВЫХ ЗАДАЧ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ГОТОВНОСТИ БУДУЩИХ СПЕЦИАЛИСТОВ В ИННОВАЦИОННОЙ И КУЛЬТУРНОЙ СРЕДЕ ВУЗА

***Шохиён Н.Н., Валиев М.Х.***

**Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзода, Дангаринский государственный университет**

Слово «управление» - в смысле управления системой, к которой относятся структурные взаимосвязанные элементы вуза, согласно сведениям, приведенным в словаре, представляет собой «совокупность методов и средств управления, необходимых для согласования совместной деятельности людей, управленческих звеньев, связи между ними, а также форм, с помощью которых на практике реализуется процесс управления…включает в себе такие компоненты, как анализ, прогнозирование, моделирование…мотивацию деятельности, реализуя управленческие» функции [1, с. 278]. В логической взаимосвязи данного понятия, по утверждению Л.И. Уманского, «в этой иерархической системе, как правило, имеет место три типа взаимодействия, то есть «системно взаимодействующий, совместно-последовательный и совместно индивидуальный» и если предположить, что в вузе в целом (на макроуровне) и каждый из студентов, как по отдельности, так и в составе академических групп или же в составе успешной команды (на микроуровне), каждый из субъектов, находясь в этой системе, взаимодействует на основе трех указанных типов взаимодействия с учетом их творческого и интеллектуального потенциала: студенты между собой (С⮂С), студенты с преподавателями (С⮂П), студенты с кафедрами (С⮂К), с факультетом (С⮂Ф), и с другими разными ресурсными центрами (i-1), то есть центром управления интеллектом (i-2), карьерного роста и производственной практикой (С⮂РЦi) и т.д. по достижению целей высшего образования, характеризуемые такими базовыми критериями, как «профессиональной компетентностью», «индивидуальной готовностью», «личностной компетентностью», и в этом аспекте важным становится еще достижение социальной компетентности, [2, с. 236] заключающейся в владения собственной профессиональной деятельностью на достаточно высоком уровне, способность проектировать свое дальнейшее профессиональное развитие.

Итак, представляя вуз как динамическую систему многофакторного взаимодействия между субъектами учебно-воспитательного процесса и других структурных элементов, включая внешних партнеров, предприятий, организаций, то есть потенциальных работодателей, то в данную модель готовности будущего специалиста, согласно классификации Е.А. Климова, можно выделить пять основных слагаемых, то есть «⮂первое – гражданское – моральный облик человека как члена общества; ⮂второе – отношение к труду, профессии, интересы и склонности, общая дееспособность: ⮂третье - физическая (состояние здоровья, сила, выносливость и т.д.) и умственная (интеллектуальные способности, гибкость психики, самоконтроль, инициативность); ⮂четвертое - специальные способности – личные качества важные для данной работы, ⮂пятое – навыки, привычки, знания, опыт» [3, с. 10], то данное структурное распределение слагаемых, достижение целей в управлении учебно-воспитательным процессом можно представить следующим образом:




**Рис 1.** Логическая модель циклического многофакторного взаимодействия субъектов учебно-воспитательного процесса в условиях адаптации и актуализации в контексте формирования профессиональной готовности будущих специалистов в инновационной, образовательной и культурной среде вуза, где ВСВ-внутренняя среда вуза, ВСРЦ-взаимодействие с ресурсными центрами, взаимодействие с потенциальными работодателями, ВСПВ-взаимодействие с вузами партнерами, ВСИП-взаимодействие в информационном пространстве, МЛС-развивающая модель личности студента, где 1 – это цели и задачи обучения в вузе, 2 – выбор стратегии карьерного роста, 3 – систематизации учебных достижений, то есть показатели профессиональной готовности в портфолио, МЛР - модель личности преподавателя в саморазвитии, где 1– цель и задачи преподавания изучаемых дисциплин в контексте применения различных моделей педагогических технологий и активных методов воспитывающего обучения, 2 – имидж, рейтинг преподавателя «глазами студентов» и в общей системе конкурентоспособности в вузе, 3 – модели взаимодействия внутри вуза и за его пределами – потенциальными работодателями, К- условное обозначение кафедр вуза, Ф – условное обозначение факультетов вуза.

В условиях принятых нами основных предположений исследования в процессе взаимодействия формирование профессиональной готовности взаимосвязано с психологической готовностью в плане достижения жизненных целей и стратегии, которые, по определению Дружилова С.А., означает, что это «психическое состояние, которое характеризуется мобилизацией ресурсов субъектов труда на выполнение конкретной деятельности» [4, с. 231], имеется в виду психологическая готовность студента в условиях адаптации и построения соответствующих моделей поставленных задач, вытекающих из его мотивационных установок, склонности и направленности личности, которая в свою очередь характеризуются рядом других качеств: «уровень, широта, интенсивность, устойчивость, действенность и ряд форм влечения, желания, интересов, склонностей, идеалов, мировоззрения и убеждения» [4, с. 230] и важных других характеристик заданной системы, как «целенаправленное социальное взаимодействие участников целостного педагогического процесса на основе познания его объективных закономерностей с целью достижения оптимального результата, включающего в своей структуре такие важные компоненты, как…(согласно краткому педагогическому словарю-справочнику) прогнозирование (1), программирование (2), планирование (3), организация (4), регулирование (5), контроль (6), стимулирование (7), коррекция (8), системный факторный анализ (9)» [4, с. 17]. Следовательно, как предлагает Гончаров М.А., в аспекте разъяснения сущности базовое слово «управление», обозначаемое в современных терминологиях менеджмента в образовании на макроуровне, словосочетание «управление учебно-воспитательным процессом» - как составная часть педагогического менеджмента представляет собой целенаправленное воздействие в статусе высшего управленческого руководителя на персонал организации (в нашем случае профессорско-преподавательский состав и студентов) путем научно-обоснованного планирования, организации и контроля их деятельности» [5, с. 10].

Как показывает анализ литературных источников по вопросам организации учебно-воспитательного процесса, которые приведены в работах таких ученых, как Чернилевский Д.В.,

Смирнов С.Д., Попков В.А., Бордовская Н.В., Фокин Ю.Г., Коржуев А.В., Н.В.Буланова-Топоркова, Столяренко Л.Д., Самыгин С., Столяренко В.И. и других, вузы, выбиравшие высокие цели повышение своего имиджа и международного рейтинга, находятся в постоянном поиске, разработке и реализации современных инновационных образовательных технологий, направленных на повышение качества обучения и достижение целей конкурентоспособности выпускников вуза, их профессиональная мобильность и готовность, преимущественно основанные на базовых принципах Болонского процесса, которые являются общепризнанными в рамках сотрудничества между вузами разных стран, имея при этом в виду, осуществление поэтапного обучения студентов, то есть реализации разных моделей академической и профессиональной мобильности.

В качестве научной новизны рассматриваемой темы, нами, как было указано выше, предусмотрены процессы внедрения кредитной технологии и воспитывающих методов обучения в предположении того, что «активизация процесса обучения (а.п.о) – это совершенствование методов и организационных форм учебной работы, обеспечивающее активную и самостоятельную теоретическую и практическую деятельность учащихся (в нашем случае, студентов) во всех звеньях учебного процесса…то есть а.п.о предполагает тесную связь, усвоение знаний с применением их к решению задач, требующих от учащихся (студентов) поиска нового, отбора данных, видоизменения, первичных действий; инициативы, настойчивости, что касается компонента «воспитания» в процессе обучения, то в указанной энциклопедии приводится, что на «легком», не требующем напряжения ума, нельзя воспитать активность…полезные вопросы, вызывающие противоположные мнения, дискуссии, обсуждение составленных самостоятельно задач, решений и атмосфера коллективной творческой работы [6, с. 33]. Что касается воспитывающего обучения, то в замысле и содержании данного словосочетания включены следующие особенности: «обучение, в процессе которого преподаватель, решая образовательные задачи, сознательно ставит и реализует цели обучения…воспитывающее значение содержания профессиональной подготовки, прежде всего, заключается в том, что она способствует формированию сознания у учащихся идеальной модели специалиста высокого уровня [6, с. 160]. Если эту формулировку принять за основу, то психологическую форму успешного обучения (УО) можно представить в виде формулы, предложенной Дружиловым С.А., таким образом [7, с. 33]:

$УО=М+П_1+П_2+П_3+П_4+СОД$, где М – мотивация, $П_1$ – прием (поиск информации), $П_2$ – понимание информации, $П_3$-ее запоминание, $П_4$ – применение информации, а СОД – содержание этой информации следующие дополнительные компоненты: ПМИ – оценка адекватности принятой модели, учитывающих сферы профессиональной деятельности, в соответствии с требованиями работодателей; ПР - прогностические показатели эффективности системы развития нравственных император, уровня воспитанности и обученности, соответствующие требованиям базовых принципов Болонского процесса; ДП – диагностические критерии планирования ожидаемых результатов и с учетом оценки их эффективности, тем самым нами вводятся критерии, связанные с оценкой результативности обучения и их соответствия требованиям работодателей и карьерного роста студентов, принимая при этом за основу формирование будущих специалистов в условиях динамически изменяющихся процессов в мире. Такая постановка задачи согласуется и с определением «воспитывающего образования», предложенным Чернилевским Д.В, то есть это обучение «направленное на формирование мировоззрения, нравственных, эстетических и этических представлений и убеждений» [8, с. 415].

Исходя из системного сопоставления предложенных терминов и терминологического анализа, в ходе проведения педагогических экспериментов нами для достижения этой цели и проверки эффективности реализуемых технологий управления интеллектом и знаниями во взаимосвязи с достижением системного эффекта в процессе обучения предусмотрена задача разработки этического кодекса студента от проектирования «образа профессионала» до понимания и осознания «этики ответственности студентов» и ряда других возможных вариантов и создания ситуационных моментов по осмыслению формируемых соответствующих качеств, условно разделенных в соответствии с классификацией предложенной Носом Н.В., на

Во время перехода к рыночным отношениям с целью удовлетворения государственных требований, для Министерства образования и науки одной из важных задач является подготовка педагога, который применяет новые положения в образовательном процессе и достигает значительных результатов. Образовательные учреждения настоящего времени должны обучать учащихся развитию воображения и фантазия, активизации их творческого потенциала, в связи с этим актуальным становится вопрос формирования воображения, воображения и творческих способностей в ходе школьного образования. Школьный возраст является благоприятным этапом для выявления и развития воображения, воображения и способностей личности, именно в этом возрасте закладываются основы творческой и образовательной формы значимой деятельности, формируется набор

ценностей, качеств и способностей, требований личности, которые составляют основу его творческого подхода к деятельности.

**Ключевые слова:** предмет технологии (трудовое образование), экспериментальная работа, развитие, воображение, фантазия,творческий потенциал, кружок

**EXPERIMENTAL RESEARCH WORK TO DETERMINE THE LEVEL OF DEVELOPMENT OF IMAGINATION AND IMAGINATION OF STUDENTS**

During the transition to market relations in order to meet state requirements, one of the important tasks for the Ministry of Education and Science is to train a teacher who applies new provisions in the educational process and achieves significant results.Educational institutions of the present time should teach students the development of imagination and fantasy, the activation of their creative potential, in this regard, the issue of the formation of imagination, imagination and creative abilities during school education becomes relevant. School age is a favorable stage for the identification and development of imagination, imagination and abilities of a person, it is at this age that the foundations of a creative and educational form of meaningful activity are laid, a set of values, qualities and abilities, personality requirements are formed, which form the basis of his creative approach to activity.

**Keywords:** subject of technology (labor education), experimental work, development, imagination, fantasy, creative potential, circle

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Алиева Мунзифахон Насимовна--*** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, дотсент, кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға**:735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.E-mail: **M.Alieva-92@mail.ru**. Телефон: **92-980-74-36**

**Сведения о авторе:** ***Алиева Мунзифахон Насимовна-*** Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, доцент, кафедра технологии и методики её обучения. **Адрес**:: 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова, 1.E-mail: **M.Alieva-92@mail.ru**. Телефон: **92-980-74-36**

**Information about author:*****Aliyeva Munzifahon Nasimovna*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Associate Professor , Department of Technology and Methods of its Teaching. E-mail: **M. Alieva-92@mail.ru**. Phone: **92-980-74-36**

ТДУ:37.04

# ТАРҲРЕЗИИ БАРНОМАИ ИҶТИМОӢ-ФАРҲАНГӢ ОИД БА ПЕШГИРИИ ИФРОТГАРОӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН

*Ашуров Р. Ш., Худойқулова Қ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мақсади озмоиши ташхисӣ муайян намудани шароитҳои оптималии иҷтимоию фарҳангии пешгирии ифротгароӣ бо роҳи муайян намудани омилҳое мебошад, ки ба ташаккули муносибатҳои экстремистии шахс таъсир мерасонанд. Вобаста ба ин, дар ин марҳилаи тадқиқотӣ маҷмуи усулҳои ташхисӣ истифода шудаанд, ки ин ба мо имкон медиҳад, сатҳи муносибатҳои ифротгароёнаи шахсро муайян карда тавонем.

Ҳангоми гузаронидани озмоиши муайянкунанда, муаллиф ду марҳилаи ташхиси мушкилоти тадқиқшавандаро муайян кардааст: 1) муайян намудани сатҳи дарки иҷтимоию фарҳангии ифротгароӣ дар байни ҷавонон; 2) муайян намудани хислатҳои шахсият, ки ба ташаккули муносибатҳои экстремистӣ дар байни насли наврас мусоидат мекунанд. Дар натиҷа, мо вазифаҳои зеринро ба миён гузоштем: *дар марҳилаи аввали ташхис* – муайян кардани сатҳи иттилоотии огоҳии респондентҳо аз мушкилоти ифротгароӣ; *дар марҳилаи дуюми ташхис:*

1) муайян кардани дараҷаи таҳаммулпазирии байни миллатҳо ва конфессияҳои пурсидашудагон (методҳои Г.У. Солдатова «Тағйирёбии фарҳангӣ-арзишӣ», «Намудҳои ҳувияти этникӣ», Л.Г.Поче-Бут «Миқёси масофаи иҷтимоӣ» [2,с.125-128]);

2) баҳо додан ба қобилияти респондентҳо барои тарҳрезии ҳаёти худ, таҳияи санъатҳои ҳаётӣ (методологияи ҷониби аз ҷониби О.А. Тихомандритская, Е.М. Дубовская ба шароити Россия мутобиқгардонидашудаи муайян кардани навъҳои асосии санъатҳои ҳаётӣ, ки онро Ш. Шварс таҳия кардааст [2,с.89]); муайян кардани самти ташаккулёбии шахсият (методологияи В. Смекал ва М. Кучер);

3) муайян кардани дараҷаи устувории эҳсосотии респондентҳо (методи ташхиси вазъи зӯроварии А. Башо ва А. Дарки); 4) омӯзиши механизмҳои ташаккули худбаҳодиҳии мусоҳибон (методологияи Г.Н. Казантсева «Омӯзиши худбаҳодиҳии умумии шахс»).

Дар марҳилаи аввал мо таҳқиқоте ба анҷом расонидем, ки сатҳи иттилоотии пурсидашудагон оид ба мушкилоти ифротгароӣ ва муносибати онҳоро нисбат ба ин зуҳурот, муайян мекунад. Ба саволи: «Калимаи «экстремизм»-ро медонед, шунидаед, ё ҳоло бори аввал онро мешунавед?» 12%-и пурсидашудагон тавонистанд таърифи дақиқи истилоҳи экстремизмро баён кунанд, 25% барои ҷавоб додан душворӣ кашиданд, 33% онро бори аввал ин калимаро шуниданд, ки ин аз сатҳи пасти огоҳӣ аз мушкилот ва дарк накардани чунин падида шаҳодат медиҳад.

Фоизи зиёди пурсидашудагон (64 %) бар ин назаранд, ки давлат бояд бо созмонҳои ифротӣ бо усулҳои радикалӣ, ки манъи мавҷудияти чунин гурӯҳҳоро дар бар мегирад, мубориза барад.

Посух ба саволи: «Оё шахсони дорои ақидаҳои ифротгароиро аз нав тарбия кардан зарур аст?»

Натиҷаҳои пурсиш нишон медиҳанд, ки аксарияти пурсидашудагон (тақрибан 52%) бар ин бováранд, ки мубориза зидди густариши созмонҳои ифротӣ зарур аст, зеро агар чорае андешида нашавад, шумораи чунин созмонҳо афзоиш хоҳад ёфт.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи пурсиш мо 5 сатҳро муайян кардем, ки ҳар кадоми онҳо сатҳҳои дарки истилоҳи ифротгароиро аз ҷониби пурсидашудагон тавсиф мекунанд:

1) сатҳи тафсири семантикӣ;

2) сатҳи занҷирӣ (эҳсосӣ-сенсуалӣ);

3) сатҳи мундариҷавӣ;

4) сатҳи тафсири мушаххаси таърихӣ;

5) сатҳи баҳодиҳии тафриқанашуда.

Пас аз таҳлили вариантҳои ҷавоб мо натиҷаҳои зеринро ба даст овардем: 41% пурсидашудагон ифротгароиро дар сатҳи моддӣ, 16% - дар сатҳи тафсири семантикӣ қабул

мекунанд; 16% тафсири мушаххаси таърихӣ медиҳанд; дар посухи 14%-и пурсидашудагон баҳодиҳии тафриқанашуда бартарӣ дорад; 13% ба ин савол ҷавоби мушаххас надоданд.

Варианти маъмултарини ҷавоб дар байни пурсидашудагон: терроризм – 10%; аломатҳои ифротгароӣ - 9%; фашизм - 9%; миллатгароӣ - 8% мебошад, ки ин аз тасаввуроти яктарафа ва сатҳии пурсидашудагон оид ба зуҳуроти ифротгароӣ, огоҳии пасти онҳо аз самтҳои фаъолияти созмонҳои ифротӣ шаҳодат медиҳад. Одатан, набудани фаҳмиши амиқ ва заминаи иттилоотӣ оид ба ин масъала ба он оварда мерасонад, ки аксари пурсидашудагон метавонанд бидуни надонистани он, ки онҳо ба чи машғуланд, иштирокчиёни чунин созмонҳо гарданд, аз ин рӯ, бояд як омили зарурии фарҳангӣ ва шароити иҷтимоӣ барои пешгирии амалҳои ифротгароӣ дар ҷомеа фаъолияти иттилоотию маърифатӣ бошад, ки дар рафти он ҷавонон донишу тасаввуроти равшан ва заруриро оид ба проблемаи ифротгароӣ ҳосил мекунанд.

Мушкилоти паҳншавии афкори ифротгароӣ дар байни ҷавононро омӯхта, ба хулосае омадем, ки яке аз сабабҳои пайдоиши чунин созмонҳо дар ҷомеаи имрӯза афзоиши эҳсосоти таҳаммулнопазирии байни миллатҳо ва конфессияҳо мебошад.

Дараҷаи таҳаммулнопазирии этникиро аз рӯйи сатҳи «манфӣ»-и шаклҳои муносибати байнимиллӣ (стереотипҳо, ғаразҳо, таассуб), дараҷаи вокуниши эмотсионалӣ ба муҳити бегонаи этникӣ, шаклҳои гуногуни хашмгинӣ ва кинаю адоват дар вокунишҳо ба гурӯҳҳои бегонаи этникӣ миллӣ баҳо додан мумкин аст. Таҳаммулнопазирии этникӣ як шакли воқеан муҳимми зуҳуроти буҳронии ҳувияти этникӣ аз рӯйи намуди гиперидентификатсия (худмуайянкунии номатлуби миллӣ) - этноэгоизм (тафохури миллӣ), этноизолятсионизм (худҷудогии этникӣ), фанатизми миллӣ (таассуби миллӣ) мебошад, ки боиси муносибати аз ҳад зиёди муболиғаноки мусбӣ нисбат ба гурӯҳи этникии худ ва афзалиятдиҳӣ бар он нисбат ба «бегонагон» мешавад. Падидаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимтарин падидаҳое мебошанд, ки асоси психологии онҳо аз рӯйи намуди гиперҳуқуқӣ табдили ҳувияти этникӣ мебошад, инҳо «этносентризм» (қавммеҳварӣ), «ксенофобия», «миллатгароӣ», «зӯроварии қавмӣ», «генотсид» (наслкушӣ) мебошанд.

Дар робита ба ин масъала савол дар бораи муайян кардани сатҳҳои таҳаммулпазирӣ (таҳаммулнопазирӣ) ва мафҳуми имконпазирии ин ё он дараҷаи таҳаммулнопазирӣ дар ҷомеа ба миён меояд.

Пешниҳод карда мешавад, ки панҷ нукта аз рӯйи ҷадвали таҳаммулпазирӣ-таҳаммулнопазирӣ ҷудо карда шавад.

***1) Таҳаммулпазирии протексионистӣ.*** Моҳияти муносибат ба объекти таҳаммулпазирӣ аз он иборат аст, ки субъекти таҳаммулпазирӣ (муассиса, ташкилот ё фард) на танҳо ба объект муносибати комилан беғаразона дорад, балки барои кумак расонидан ба он ташкилотҳо ё гурӯҳҳои одамоне, ки ба ақидаи вай аз тарафи тамоми ҷамъият ё табақаҳои алоҳидаи он ба муносибати оштинопазирона гирифтор мешаванд, ҳама кори имконпазирро мекунад; барои намояндагони ақаллиятҳои алоҳидаи этникӣ барои дарёфти кор ё дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ квотаҳои муайян медиҳад; ба одамоне, ки аз рӯйи ақидаҳои сиёсӣ, маъюбияти ҷисмонӣ ё тамоюли ҷинсӣ ва ғайра объекти муносибатҳои таҳаммулнопазирона мебошанд, ёрӣ мерасонад. Агар субъекти ин намуди таҳаммулпазирӣ фард бошад, пас дар бораи зуҳуроти олии ҳамдардӣ, дилсӯзӣ ва дигар сифатҳои баланди ахлоқии ӯ сухан рондан мумкин аст.

Аммо, агар субъекти таҳаммулпазирии протексионистӣ давлат ё ниҳодҳои алоҳидаи он, пеш аз ҳама, муассисаҳое бошанд, ки неъматҳои моддиро тақсим мекунанд, дар он сурат баҳсҳои ҷиддии марбут ба зиддиятҳои байни принсипҳои таҳаммулпазирӣ ва адолати иҷтимоӣ ба миён омада метавонанд.

***2) Таҳаммулпазирии арзишӣ.*** Низоми арзишҳо ва намунаҳои рафтор, ки бо риояи қатъии принсипҳои таҳаммулпазирӣ алоқаманд аст. Тавре ки дар боло қайд карда шуд, низоми арзишҳо бояд муносибати беғаразона ба намояндагони дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ-демографӣ ва омодагӣ ба қабули изҳорот ва рафтори аз рафтори худи шахс фарққунандаро дар бар гирад. Дар доираи сохтани навъҳои идеалӣ тахмин карда мешавад, ки субъект на дар муколамаи дохилӣ ва на дар муоширати дорои хусусияти ғайриоммавӣ ба принсипҳои таҳаммулпазирӣ шубҳа намекунад.

***3) Таҳаммулнопазирии пинҳонӣ (пиндорӣ).*** Субъект аҳаммияти принсипҳои таҳаммулпазирӣ ва хатарноку ғайриахлоқӣ будани ақидаҳои таҳаммулнопазирӣ ё амалҳои ифротиро дарк мекунад, аммо бинобар ботинан ин принсипҳоро қабул кардан ё накарданаш бо намояндагони табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва демографӣ ғаразнок нобоварона ва ғаразмандона муносибат намуда, ҳатто амалҳои хушунатомез ва тундравонаро нисбат ба ин гурӯҳҳо раво шуморида метавонад. Зимнан, ин гуна муносибат ва изҳороти ӯ ба таври ошкоро ғайриоммавӣ буда, ба табъу рафтори мардум таъсир расонида наметавонад.

***4) Таҳаммулнопазирии шифоҳӣ (гуфторӣ).*** Субъекти мазкур нисбат ба намояндагони гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ-демографӣ изҳороти оммавӣ карданро имконпазир ва баъзан ҳатто зарур мешуморад. Ӯ даст задан ба зӯроварӣ ва дигар амалҳои мамнуъ ва барои ҷомеа хатарнокро барои худ ғайриимкон медонад, вале пинҳон кардани андешаҳояшро зарур намешуморад.

***5) Таҳаммулнопазирии ошкорои феълӣ*** **(кирдорӣ)** дар шакли рафтори хушунатомез зуҳур меёбад. Субъект тайёр кардан ва содир намудани амалҳои муайяни маҳдудкунанда, манъкунанда ва зӯроваронаро, ки ба объекти таҳаммулнопазирӣ нигаронида шудаанд, асоснок мешуморад. Ин кирдорҳо бо вижагии адолати иҷтимоиро фаҳмидан ва дарк намудани субъекти рафтори хушунатомез, дараҷаи сахти бегона будани вай аз объекти рафтори хушунатомез ва паст будани фарҳанги ҳуқуқии субъект шарҳу маънидод карда мешаванд. Аксар вақт чунин рафтор бо сатҳи муайяни иҷтимоишавӣ ё ҳатто тамоюли субъект ба рафтори девиантӣ ё ҷиноятӣ алоқаманд аст. Агар субъекти рафтори хушунатомез на фард, балки як гурӯҳи муташаккили ҷамъиятӣ ё як муассиса бошад, пас чунин рафтор бо сиёсати муайяни давлатии ҷомеаи тоталитарӣ алоқаманд аст.

Равшан аст, ки саъю кӯшиши ҷомеа бояд ба тарбияи таҳаммулпазирии протексионистӣ ё арзишӣ ва пешгирии ба шаклҳои кушод табдил ёфтани таҳаммулнопазирии пинҳонӣ равона карда шавад. Барои хулоса баровардан дар бораи чӣ гуна баҳодиҳии муносибатҳои байнимиллӣ аз ҷониби респондент, мо пурсиш гузаронидем, ки дар натиҷаи он ҷавобҳо ба таври зайл тақсим карда шуданд.

Тавре ки шумо мебинед, баҳодиҳии вазъи муносибатҳои байни қавмҳо якранг аст. Танҳо тақрибан 23% пурсидашудагон онҳоро хуб арзёбӣ карда, набудани мушкилотро қайд карданд. Аммо ду варианти дигари ҷавоб маъмултар ва баръало воқеъбинонатар ба назар мерасанд: «қаноатбахш, вале ҳанӯз ҳам мушкилоти ҳалношуда зиёданд» (40%) ва «бад, мушкилоти зиёд ҷамъ шудаанд, амалан ҳеҷ чиз ҳал намешавад» (32%). Аммо, ҳардуи ин вариантҳо аслан якхелаанд. Тафовут дар он аст, ки ҷавоби аввал бештар оҳанги хушбинона дорад.

Натоиҷи назарсанҷӣ нишон медиҳад, ки аксари пурсидашудагон муносибатҳои байни қавмҳоро дорои мушкил арзёбӣ мекунанд, ки ин проблема ҳалли таъхирнопазири худро талаб мекунад.

Тавре дида мешавад, аксарияти ҷавонони аз 14 то 16-сола (25%) ва 12 фоизи ҷавонони аз 17 то 20-солаи пурсидашуда паҳншавии хеле густурдаи муносибатҳои душманонаи байни миллатҳоро нишон доданд. Далели таассуфовар он аст, ки тақрибан 28% пурсидашудагони 14-16 сола ва 15% пурсидашудагони 17-20-сола посух доданд, ки ин падидаҳо кам паҳн шудаанд, яъне чандон маъмул нестанд. Воқеан, ҳама вариантҳои ҷавоб ба ин ё он роҳ мавҷудияти кинаю адовати миллиро эътироф мекунанд.

Муноқишаи байни миллатҳо бо як қатор сабабҳои объективӣ ва субъективӣ ба вуҷуд меояд. Бисёре аз коршиносони соҳаи муносибатҳои байни миллатҳо номувофиқӣ ва номутобиқатии сиёсати миллии давраи шуравиро ҳамчун сабаби аслии фазои пуршиддат, ки дар муносибатҳои байни миллатҳо ба вуҷуд омадааст, яъне сабаби соф субъективиро ҷудо мекунанд. Респондентҳо, чуноне ки натиҷаҳои пурсиш шаҳодат медиҳанд, доираи сабабҳоеро, ки боиси тезутунд шудани низоъ ва ташаннуҷи байнимиллӣ гардидаанд, ба таври назаррас васеъ намуда, як қатор омилҳоро таъкид мекунанд.

Аксари муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки сабабҳои муносибатҳои тоқатнопазир дар хусусиятҳои психологии характери гурӯҳҳои этникии гуногун аст ва мо ба ин нуктаи назар розием. Барои муайян кардани сифатҳои хосси одамони як миллат, мо

методологияи Г.У.Солдатова «Фарқияти фарҳангӣ-арзишӣ»-ро амалӣ намудем, ки дар асоси он мо автостереотипҳо - тасаввуроти онҳо дар бораи гурӯҳи этникӣ ва дар бораи хусусиятҳои хосси миллии онҳоро таҳлил кардем.

Ба ташаккули автостереотипи этникӣ 3 гурӯҳи шароит таъсир мерасонад:

1. Системаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва динии ҷомеа, ки маҷмуи муайяни меъёрҳо, арзишҳо ва идеалҳоро ташкил медиҳанд.

2. Намояндагии иҷтимоӣ-психологии меъёрҳо, арзишҳо ва идеалҳо дар муҳити наздики шахс. Муқаррар шудааст, ки фард ҳар қадар осонтар худро бо як гурӯҳи мушаххас айният диҳад, ҳамон қадар робитаҳои муоширатии ӯ дар дохили он гурӯҳ баста мешаванд.

3. Мавҷудияти психологию инфиродии шахс.

Маълумотро дар асоси методологияи Г.У. Солдатова таҳлил намуда, аз рӯйи меъёрҳои аввала натиҷаҳои зеринро ба даст овардем:

•меъёрҳои кумаки мутақобила - пароканадагӣ - мувофиқати коэффитсиентҳо бо иштибоҳи то 5% (55% - 50%) вуҷуд дорад, тақрибан 55% пурсидашудагон кумаки мутақобиларо як анъана ё одати дар байни онҳо хеле маъмулу паҳншуда ва дар муносибатҳои иҷтимоии онҳо равшан ифодаёбанда мешуморанд;

•меъёрҳои ниҳонӣ - ошкоро (30%-70%);

•интизомнокӣ - худхоҳӣ (35%-56%);

•зӯргароӣ - мусолиҳагароӣ (62%-80%),

•меъёри мусолиҳагароӣ (ҳамчун яке аз хусусиятҳои таҳаммулпазирӣ) 80%;

•риояи анъанаҳо – вайрон кардани анъанаҳо (45%-52%);

•эҳтиёткорӣ - таваккал кардан (49%-72%);

•эҳтиром ба ҳокимият – нобоварӣ ба ҳокимият (40%-81%);

•дилгармӣ - дилсардӣ (63%-52%);

•тобеият — мустақилият 7%-80%;

•саъй ба гузашта - саъй ба оянда (42%-65%);

•риояи қонун - анархия (50%-50%);

•гузашткорӣ - рақобат (58%-71%).

Маълумотҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки дар байни гурӯҳҳои қавмӣ, ба гуфтаи мусоҳибон, сифатҳои зерин бартарӣ доранд: кумаки мутақобила (55%), ошкорбаёнӣ (70%), худхоҳӣ (56%), муносибати сулҳҷӯёна (62%) дар муқобили зуҳуроти хушунатомез дар муносибатҳои байни миллатҳо (80%), огоҳӣ надоштан аз урфу одат ва фарҳанги халқи худ (52%), ҷуръатнокӣ, майли беасос ба корҳои хатарнок (72%), муносибати манфӣ ба сиёсати ҳукумат, нобоварӣ ба мақомот (81) %), самимият, хоҳиши ҳифзи мардуми заифу нотавон (63%), мустақилона қабул кардани қарорҳо (80%), таваҷҷуҳ ба оянда (65%), риояи қонун (50%).

Яке аз шаклҳои таҳаввулоти буҳронии ҳувияти этникӣ афзоиши таҳаммулнопазирии этникӣ мебошад, аз ин рӯ мо бо истифода аз методологияи дар асари Г.У.Солдатова «Намудҳои этникии ҳувият» баёншуда, корҳои ташхисиро оид ба муайян кардани тамоюлҳои табдили худшиносии этникӣ дар шароити афзояндаи ташаннуҷи байни миллатҳо анҷом додем.

Дар ҷойи охирин аз рӯйи дараҷаи ифодаёбӣ муносибатҳои этнонигилистӣ (10%) қарор доранд. Ҳиссаи посухдиҳандагони аз ҷиҳати этникӣ бепарво (ки ба мушкилоти байни миллатҳо ба таври ҷиддӣ робита надоранд) хеле зиёд буда, 62%-ро ташкил медиҳад. Мавқеи ҳувияти этникии «муътадил» барои тақрибан 80% пурсидашудагон қобили қабул аст.

Ба ҳисоби миёна, панҷяки пурсидашудагон тамоюлҳои гиперидентикиро нишон доданд. Бояд қайд кард, ки дар муқоиса бо посуххое, ки мувофиқати мусоҳибонро ҳам ба рафтори этноизолятсионӣ ва ҳам ба ошкорбаёнии этникӣ нишон медиҳанд, посуххое, ки онҳоро ҳамчун нишондиҳандаи мувофиқати мусоҳибон ба зуҳуроти этноэгоизм, этноизолятсионизм ва фанатизми миллӣ арзёбӣ кардан мумкин аст, хеле камшуморанд.

Эгоизми этникӣ ба 25% пурсидашудагон хос аст, дар ҳоле ки меъёри эгоизми этникӣ 12-15% аст. Нишондиҳандаи этноизолятсионӣ (ҷудоихоҳии этникӣ) 23% ва

нишондиҳандаи фанатизми миллӣ 50 фоизро ташкил медиҳанд.

Натичаҳои бадастомадаро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадем, ки ба мардуми мо зуҳуроти муносибати бепарвоёна нисбат ба масъалаи таҳаммулпазирӣ, дарачаи баланди тафохури этникӣ, зухуроти сахти таассуби динӣ хос аст.

Аз дараҷаи таҳаммулпазирии этникӣ инчунин фосилаи иҷтимоии байни гурӯҳҳои гуногуни этникӣ шаҳодат медиҳад. Миқёси фосилаи иҷтимоӣ барои чен кардани фосила вобаста ба нажод, миллат, синну сол, дин ва ғайра истифода мешавад. Барои чен кардани фосилаи иҷтимоӣ мо варианти шкаларо мувофиқи усули Л.Г. Почебут истифода бурдем [5,с.54]. Пас аз таҳлили маълумотҳои бадастомада мо ба хулосае омадем, ки сатҳи пазироии иҷтимоӣ дар байни пурсидашудагон 50%-ро ташкил медиҳад, ки ин аз тамоюли онҳо ба ҳамгироии байни миллатҳо шаҳодат медиҳад.

Таҳаммулнопазирӣ, чун қоида, дар шаклҳои хашмгинонаи таъсир ба объекти таҳаммулнопазирӣ зоҳир мешавад. Муаллиф аз техникаи ташхисии А.Басс ва А.Дарка истифода кардааст, ки дараҷаи тамоюлҳои харобиовар ва имкони нишон додани таҷовузи кушоди ангезанокро муайян мекунад. Ҷавобҳо аз рӯйи ҷадвали 8-баллӣ баҳо дода мешаванд, ки тибқи он арзиши шохиси меъёри хушунат ба 21±4 ва арзиши шохиси меъёри душманӣ 6,5-7±3 баробар мебошад.

Аз пурсидашудагон 35% ба зуҳури таҷовузи ангезанда (ҷисмонӣ – истифодаи қувваи ҷисмонӣ нисбати шахси дигар; асабоният – омода будан ба изҳори эҳсосоти манфӣ ҳангоми хурдтарин ҳаяҷон; лафзӣ – ифодаи эҳсосоти манфӣ ҳам тавассути шакл (фарёд, фиғон) ва аз рӯйи мундариҷаи ҷавобҳои шифоҳӣ (таҳдидҳо) майл доранд; 40% пурсидашудагон нишондиҳандаи хушунат дар доираи меъёр доранд; 15% бо нишондиҳандаи душманӣ дар доираи муқаррарӣ; 10% бо аксуламалҳое тавсиф мешаванд, ки эҳсосоти манфӣ ва баҳодиҳии манфиро ба одамон ва ҳодисаҳо ба вуҷуд меорад, ба ин гуна одамон хислатҳои зерин, ба монанди таассуфу надомат, нобоварӣ ва шубҳа хос аст.

Сабабҳои муносибатҳои оштинопазирона бештар ба дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъият вобастаанд. Барои асоснок кардани низоми тадбирҳои зарурӣ барои пешгирии ифротгароӣ мо як назарсанҷӣ гузаронидем, ки ба мо имкон дод, ки ба сабабҳои пайдоиши ин зуҳурот таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Ҳангоми таҳлили ҷавобҳои мусоҳибон ба саволҳои марбут ба доираи васеи мушкилоти ҳаёти ҷомеаи муосир, бояд омилҳои зеринро таъкид кард:

1) Иҷтимоишавии ҷавонони муосир дар шароити навсозии ҷомеа, ки дар натиҷаи он бештар аз нисфи аҳолӣ дараҷаи пасти моддӣ дорад, ба амал бароварда мешавад.

2) Тағйирёбии тамоюли арзишҳо зери таъсири ВАО.

3) Дар низоми маориф холигии арзишӣ ба вуҷуд омад, ки онро созмонҳои гуногуни ифротӣ пур кардан гирифтанд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки шаклҳои афзалиятноки фароғати ҷавонон тамошои телевизор ва дискотека мебошад. Як чизи нигаронкунада ин аст, ки ба фикри 63,2%-и пурсидашудагон, «васоити ахбори омма дидаю дониста дурӯғ мегӯяд».

Андешаҳои ҷавонон дар бораи мушкилоти марбут ба тамоюлҳои арзишӣ:

- андеша дар бораи мораторий ба ҳукми қатл: зидди ҳукми қатл - 22%, нигоҳ доштани ҳукми қатл - 54%, барои 24% пусидашудагон ҷавоб додан ба ин савол душвор буд;
- муносибати давлат ба ҷавонон: муносибати бепарвоёна дорад– 28%, давлат вақте ба ҷавонон таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, ки ба он ниёз дорад – 59%, муносибати ҷиддӣ дорад– 13%;
-дар ҷомеаи имрӯза бо риояи қонунҳо зиндагӣ кардан ғайриимкон аст: 34% розӣ ҳастанд, 55% дар ҷавоб додан мушкилӣ кашиданд, 11% розӣ нестанд.

Ба саволи: «Оё давлат манфиати ҷавононро ҳимоя мекунад?», 64% савол ҷавоби мусбат доданд. Чунин посух собит менамояд, ки ҷавонони муосир монанди наслҳои пешинаи ҷавонон давлатро ҳомии асосии худ медонанд. Танҳо 6% пурсидашудагон бар ин боваранд, ки манфиатҳои онҳо аз ҷониби давлат ҳифз карда намешавад, аммо 30% пурсидашудагон дар изҳори ақидаи худ мушкилӣ кашиданд.

Дар маҷмӯъ, посухдиҳандагон дар посухҳои худ ба саволҳо оид ба арзишҳо на муносибати некбинона, ҳамчуноне ки ба ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоию демографӣ хос

мебошад, балки муносибати воқеъбинона нишон доданд.

Аз байни пурсидашудагон 64% бар ин боваранд, ки дар 3-5 соли оянда сиёсат нисбат ба ҷавонон ба сӯи беҳбудӣ тағйир хоҳад ёфт; 36% бовар доранд, ки вазъ дар мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм тағйир нахоҳад ёфт.

Муносибати ҷавонон ба давлат: 48% худро ватандӯсти кишвар медонанд, 32% дар посух ба ин савол душворӣ кашиданд, 20% гуфтаанд, ки ватандӯст нестанд. Пешакӣ метавон гуфт, ки муносибати манфӣ ба кишвар на танҳо натиҷаи буҳрони иҷтимоиву иқтисодӣ, балки фаъолияти он қисми расонаҳои оппозитсионии хабарӣ низ мебошад, ки дар бораи Тоҷикистон маълумоти манфӣ тафсир мекунанд.

Ҷавонон мушкилоти ҷиддитаринро инҳо медонанд: нашъамандӣ 23 %, бо кор таъмин кардани ҷавонон 25 %, маълумотнокӣ 15 %, бадмастӣ 14 %, пастшавии ахлоқӣ 23 %.

Дар мавриди сабабҳои ифротгароӣ дар байни ҷавонони пурсидашуда, ҷавобҳо чунин тақсим карда шуданд: номуайянӣ дар имрӯзу оянда - 26%, набудани шароит барои худшиносӣ - 15%, беҷазоӣ - 20%, набудани сиёсати давлатии ҷавонон, ки талаботи чавононро конеъ мегардонад — 22 фоиз; таблиғи зӯроварӣ дар ВАО - 14%, сабабҳои дигар - 3%.

Аксар вақт ҷавононе ба гурӯҳҳои ифротӣ меафтанд, ки бо сабаби худбаҳодиҳии паст доштанашон, зери таъсири шахсияти қавӣ қарор доранд. Чун қоида, ҳангоми шомил шудан ба чунин созмонҳои зиддиҷамъиятӣ, онҳо аҳамиятнокӣ ва нотакрор будани худро эҳсос мекунанд. Барои таҳлили ин хусусиятҳои худбаҳодиҳии ҷавонон мо аз методикаи ташхиси Г.Н. Казантсева, ки ба омӯзиши худбаҳодиҳии умумии респондентҳо тавассути санҷиш нигаронида шудааст, истифода бурда, дар рафти назарсанҷӣ маълумоти зеринро ба даст овардем:

-35%-и пурсидашудагон натиҷаи аз -10 то +2 гирифтаанд, ки аз паҳншавии худбаҳодиҳии паст шаҳодат медиҳад;

-56%-и пурсидашудагон аз -3 то +3 хол гирифтаанд, ки ин нишондиҳандаи сатҳи миёнаи худбаҳодиҳии онҳо мебошад;

-19%-и пурсидашудагон +4 то +10 хол гирифтанд, ки ин нишондиҳанда ба сатҳи баланди худбаҳодиҳӣ мувофиқ аст.

Натиҷаҳои санҷиш нишон медиҳанд, ки 35%-и пурсидашудагон майл ба худбаҳодиҳии паст доранд, ки ин метавонад боиси тағйироти равонии онҳо, аз ҷониби онҳо содир шудани ҷинояту каҷрафториҳо ва ҳар гуна рафтору кирдорҳои номатлубу номуносиб гардад. Маҳз ҳамин фоизи пурсидашудагон дар «минтақаи хатар» - зери таъсири созмонҳои мухталифи ифротӣ қарор доранд, зеро технологияҳои шомил шудан ба сектаҳо ва созмонҳо ба афроди дорои чунин хислатҳои равонӣ нигаронида шудаанд. Ба андешаи мо, барои кам кардани фоизи ба чунин гурӯҳҳо шомил шудани одамон бояд ба низоми чораҳои пешгирикунанда оид ба муқовимат ба ифротгароӣ чорабиниҳои гуногуне дохил карда шаванд, ки ба ташаккули шахсияти худкифо ва дорои худбаҳодиҳии муносиб нигаронида шудаанд.

Дар шароити рӯйдодҳои шадиди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва психологии имрӯза дар кишвари мо, аҳаммияти омӯзиши мушкилоти интихоби стратегияи муайяни ҳаёт аз ҷониби шахс меафзояд. Ин истилоҳ ба дастгоҳи категориевии психологияи муосир аз ҷониби К.А.Абулханова-Славская (1991) ворид карда шуда, стратегияи зиндагиро ҳамчун тарзи аз ҷониби худи шахс ташкил намудани ҳаёти шахсӣ, ҳамчун қобилияти шароити зиндагии худро бо арзишҳо ва талаботи ботинии худ мутобиқ карда тавонистани шахс ифода ва тафсир мекунад.

Стратегияи зиндагӣ ин як роҳи тарҳрезии ҳаёти шахсии шахс дар асоси системаи арзишҳои хосси худ, меъёри камолот ва солимии равонии шахс, яке аз танзимгарони рафтори иҷтимоӣ мебошад, ки ягонагии фаъолияти ҳаётии шахсро таъмин намуда, тарзи мавҷудияти ӯро муайян мекунад.

Дар давраи ба воя расидани шахс (аз 13 то 20-сола) системаи арзишҳо ташаккул меёбад ва ҳамзамон раванди пуршиддати худмуайянкунӣ, «ҷустуҷӯйи худ», маънои мавҷудияти худ идома меёбад ва дарки масъулият барои аъмоли худ ба миён меояд. Маҳз дар ҳамин синну сол, чун қоида, ҷавонон зери таъсири созмонҳои гуногуни ифротӣ қарор

мегиранд.

Дар илми равоншиносии хориҷӣ типологияҳои гуногуни стратегияҳои ҳаёти инсон вуҷуд доранд. Ҳамин тариқ, Э.Фромм (1998) дар мафҳуми шеваҳои мавҷуд будани инсон ду самти зиндагиро (стратегияро) муайян мекунад, ки дар чорроҳаи ниёзҳои мавҷудияти инсон ва талаботи дугонаи иҷтимоии инсон – «фард будан» ва «фардият/шахсият доштан» ташаккул меёбанд. Олими мазкур қайд мекунад, ки маҳз бартарии яке аз ин талаботҳои фитрию ботинӣ ҳамаи он чиро муайян мекунад, ки инсон онро ҳис мекунад ва дар борои он меандешад [15].

Муаллиф барои муайян кардани стратегияҳои зиндагӣ аз методикаи С.Швартс истифода бурдааст, ки аз ҷониби О.А.Тихомандритская ва Е.М.Дубовская дар амалияи илмӣ-таҳқиқотӣ татбиқ карда шудааст. Ин методика дорои 58 арзиш бо шарҳи мухтасари маънои онҳо мебошад, ки дар ҷадвали иборат аз нуҳ банд оварда шудаанд. Зимни гузаронидани назарсанҷӣ, аз мусоҳиб хоҳиш карда мешавад, ки аз руйи ҷадвали мазкур то кадом дараҷа барояш аҳаммият доштани ҳар як арзишҳои пешниҳодшударо баҳо диҳад. Мувофиқи назарияи С.Швартс ва В.Билский, ҷиҳати асосии мазмуни арзиш мақсадест, ки вай ифода мекунад. Дар коркарди методологии О.А.Тихомандритская ва Е.М.Дубовская 10 типи гуногуни ангезаҳо муайян карда шудааст, ки ҳар кадоми онҳо мақсади мувофиқи ангезанда доранд.

Ҳангоми коркарди натиҷаҳои маънои 10 типи ангезаҳо намуди аз рӯйи усули С.Швартс тавассути баҳодиҳии сатҳи ифодаи навъҳои ангеза бо истифода аз таҳлили сифатии афзалиятҳои арзишҳо ва таҳлили коррелятсия, 13 стратегия муайян карда шуд, ки 4 зергурӯҳи умумиро ташкил медиҳанд: «Доштан», «Шудан», «Надоштан ва нашудан», «Доштан барои шудан». Афзалиятҳои ифодаи намудҳои стратегияҳои ҳаёт бо истифода аз усулҳои коркарди маълумотҳои оморӣ таҳлил карда шуданд.

Дар рафти омузиш натиҷаҳои зерин ба даст оварда шуданд:

Навъи «Доштан» - 40%-и пурсидашудагон, хусусиятҳои хос: хоҳиши муваффақият, мақоми баланди иҷтимоӣ, вазъи хуби молиявӣ, гирифтани лаззати ҳадди аксар аз зиндагӣ. Интихоби пурсидашудагон бештар ба ақидаҳои дар ҷомеа дар бораи зиндагии шукуфоӣ мавҷудбуда вобаста аст; арзишҳои афзалиятноки хосси ин намуд эътироф, муваффақият, мақоми баланди иҷтимоӣ, некуаҳволии моддӣ, салоҳият ва ғайра мебошанд.

Навъи «Надоштан ва нашудан» (33%-и пурсидашудагон), ин намуд бо тамоюли аморфӣ ва номуайяни ҳаётӣ, талабот ба амният ва суботи иҷтимоӣ тавсиф карда мешавад, дар таъйини интихоби респондент қолабҳои иҷтимоӣ, андешаҳои шахсони бонуфуз ва анъанаҳои динӣ нақши муҳим мебозанд.

Навъи «Шудан» (17%)-и пурсидашудагон) - тамоюл ба рушди шахсияти худ, худшиносии эҷодии шахс тавассути машғул шудан ба он коре, ки дӯст медорад; ба ҳайси меъёри асосӣ дастурҳои дохилӣ ва ҳамчун арзишҳои афзалиятнок эҷодкорӣ, ҳаёти пурмазмун, кушодафикрӣ, масъулият, хушҳолӣ, бомаънигӣ ва ғайра нақш иҷро мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар байни ҷавонон ду типи умумии стратегияи зиндагӣ паҳншудатарин мебошанд: навъи 1 «Доштан» ва навъи 2 «Надоштан ва нашудан».

Маълумоти бадастомада нишон медиҳад, ки навъи 1-уми «Доштан» аз ҷиҳати равонӣ бештар ба шароити бозории ҷомеаи бозории муосир мутобиқ аст, аммо қобилияти ҳамдардӣ ва фаҳмиш нисбат ба дигарон, мисли самтгирӣ ба воқеияти худ, ҳанӯз инкишоф наёфтааст. Э.Фромм дар одамони ин намуд хусусияти дарк накардани сифатҳои инфиродии худ ва дигаронро қайд мекунад, ки ин боиси гум шудани тамоюл ба худифодакунии бевосита ва қобилияти эҷодии шахс шуда метавонад.

Барои намояндагони типи 2 «Надоштан ва нашудан» бинобар номуайянии хосси он ба ҷомеаи муосири бозорӣ мутобиқ шудан аз ҷиҳати иҷтимоӣ душвор аст. Оқибати манфӣ он аст, ки барои инсон нисбат ба самтгирӣ ба воқеияти дохилии худ одамони гирду атроф ва қолабҳои иҷтимоӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунанд, ӯ аксар вақт аз мустақилият ва масъулияти ҳаёти худ даст мекашад.

Бо назардошти хусусиятҳои психологие, ки ба намояндагони ин ду намуд хос аст, онҳо иштирокчиёни эҳтимолии гурӯҳҳои ифротӣ мебошанд.

Дар байни пурсидашудагон стратегияҳои зиндагии типи 3-юми «Шудан» ва типи 4-

уми «Доштан барои шудан» нисбатан камтар маъмуланд, ки ин бо майл доштани онҳо ба зиндагии беназир мувофиқат мекунад, ба онҳо тамоюли ботинӣ, «шинохтани худ», қобилияти ҳамдардӣ ба дигарон хос аст, тафовут дар он аст, ки аввалӣ бештар ба вижагиҳо ва талаботи воқеияти муосир мутобиқ аст ва дуюмӣ бо дарк ва эҳсоси амиқтари худ ва дигарон фарқ мекунад. Дар шароити муосир стратегияи зиндагии «Доштан барои шудан» ба тарҳрезии бошуурона ва масъулиятноки ҳаёти шахсии инсон бештар мувофиқ аст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мо ба хулосае омадем, ки як шарти зарурии иҷтимоию фарҳангии пешгирии ифротгароӣ дар байни ҷавонон ташаккули дурнамои зиндагии онҳост, ки дар ҷомеаи муосири навъи «Доштан барои шудан» барои тарғиби эҷодкорӣ худшиносӣ, фардият, моделсозии дастурҳои арзишӣ дар раванди худшиносӣ нақши муҳим дорад.

Дар ташаккули стратегияҳои зиндагӣ, муайян кардани самтгирии инсон ба воқеияти худ хеле муҳим аст. Барои муайян кардани самти шахсият мо методикаи равоншиносони чех В.Смекал ва М.Кусерро истифода бурдем.

Барои 56% пурсидашудагон самти шахсӣ (тамоюл ба дарки воқеияти худ) бартарӣ дорад, ки бо бартарии ангезаҳои некуаҳволии худ, хоҳиши афзалиятнокӣ ва обрӯ алоқаманд аст. Чунин шахс аксар вақт бо худ, эҳсосот, таҷрибаҳои худ банд аст ва ба ниёзҳои атрофи худ кам вокуниш нишон медиҳад. Вай дар меҳнат, пеш аз ҳама, барои қонеъ гардондани орзую умеди худ имконият медиҳад.

Фоизи пурсидашудагоне, ки тамоюл ба мушорикату ҳамкорӣ ва фаъолияти якҷоя доранд, 24 фоизро ташкил медиҳад.

Тамоюли корӣ (тамоюли вазифа), ки бартарии ангезаҳои аз худи фаъолият тавлидшуда, хоҳиши ба даст овардани дониш ва малакаҳои навро инъикос мекунад, барои 20% пурсидашудагон бартарият дорад.

Нишондиҳандаҳои бадастомада нишон медиҳанд, ки дар байни пурсидашудагон самти бартаридошта худтаъминкунӣ мебошад, ки бештар ба шароити ҷомеаи муосири бозорӣ вобаста аст.

Дар натиҷаи таҷрибаи ташхисии гузаронидашуда мо ба чунин хулоса омадем: сатҳи дарки иҷтимоию фарҳангии ҷавонон аз мушкилоти ифротгароӣ аз набудани иттилооти объективӣ оид ба ин мушкилот, огоҳии кам дар масъалаҳои тарбиявӣ дар мавзуи ифротгароӣ; бартарияти сатҳи моддии идроки онҳо шаҳодат медиҳад, ки ин сабаби паҳншавии эҳсосоти ифротгароӣ дар байни насли наврас мегардад.

Таҳлили сифатҳои шахсии ҷавонон ба мо имкон дод, ки хусусиятҳои хосси зуҳури муносибатҳои экстремистии шахсиятро муайян кунем:

-муносибати оштинопазирона нисбат ба намояндагони миллатҳои дигар ва дигарандешиҳо бо сабабҳои зиёд, аз надонистани анъанаҳои худ ва анъанаҳои халқҳои дигар то дидаву дониста вайрон кардани арзишҳои фарҳангӣ;

-шакли хашмгини таҳаммулнопазирӣ;

-сатҳи пасти худбаҳодиҳӣ, ки ба рушди тамоюлҳои конформистӣ дар байни ҷавонон мусоидат мекунад;

-нотавонӣ дар таҳияи стратегияҳои зиндагӣ;

-таваҷҷуҳ ба худ, бепарвоӣ нисбат ба ниёзҳои дигарон, афзалият дар ҳалли мушкилоти худ;

-мавқеи ғайрифаъоли ҳаётӣ, шавқу ҳавас надоштан ба дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоӣ, муносибати истеъмолгароёна ба ҳаёт;

-набудани шаклҳои дастрас ва шавқовари истироҳату фароғати ҷавонон.

Дар асоси натиҷаҳои таҷрибаи муайянкунанда мо сатҳи ташаккули муносибатҳои хушунатомезу экстремистонаи шахсро муайян намудем, ки баъдан ба модели пешгирии фаъолияти ифротгароӣ дар байни ҷавонон дохил карда шуд:

- сатҳи паст (рефлексионалӣ), ки ба он муносибати эмотсионалии устувор ба намояндагони миллатҳои дигар, дараҷаи баланди инъикос; ангезаҳои муносибатҳое, ки ба фаъолияти муштарак алоқаманд нестанд, бо қабули қонунӣ будани нуктаҳои дигар; роҳҳои оптималии ноил шудан ба натиҷаҳо: мустақилият ва пешгӯӣ дар ҳалли мушкилот,

интроспексияи рафтор ва гуфтор (ислоҳ аз мавқеи худи субъект), қабули арзишҳои умумибашарӣ хос аст;

- сатҳи миёна (бетарафӣ - низоӣ) ба сифатҳои инфиродии равонии шахс, ба таҷрибаи инфиродӣ вобаста аст; муносибати таҳаммулпазирии инфиродӣ-интихобӣ; бинобар ақидаҳои гуногун метавонад бо муносибати хушунатомез иваз карда шавад;

- сатҳи баланд (вайронкунанда) бо худбаҳодиҳии нокифояи шахсият, баҳои манфии эмотсионалӣ ба намояндагони миллатҳои дигар, сатҳи пасти дарку инъикоси воқеият тавсиф мешавад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мо шароити иҷтимоӣ-фарҳангиеро, ки ба ташаккули шахсияти худкифо ва таҳаммулпазир мусоидат мекунад, муайян намудем, дар ин замина самтҳои афзалиятноки низоми тадбирҳои пешгирикунандаро, ки бояд асоси моделсозии барномаи муқовимат ба фаъолияти ифротгароӣ гарданд, нишон додем.

Ҳамин тариқ, ҳангоми муайян кардани шароити иҷтимоӣ-фарҳангӣ мо маҷмуи ҷузъҳои технологии чорабиниҳои муосири иҷтимоию фарҳангиро дар назар доштем, ки ба пешгирии ифротгароӣ дар байни ҷавонон нигаронида шудаанд, аз ҷумла:

- ҷузъи ташкилию педагогӣ – азхудкунии малакаҳо, донишҳо ва даркҳое, ки барои ҳаёт дар ҷомеаи гуногунфарҳангӣ заруранд (баргузории маҳфилу шабнишиниҳо дар мавзуъҳои «Фарҳанг ва анъанаҳои халқҳои ҷаҳон» ва «Динҳои анъанавии ҷаҳонӣ», иштирок дар ташкили идҳои гуногуни миллӣ дар доираи «Муколамаи фарҳангҳо»);

-ҷузъи иҷтимоӣ-психологӣ - рушди фаъолияти ҳаваскоронаи шахсият, иштироки асоснок дар фаъолиятҳои фарҳангӣ ва эҷодӣ, равобити таҳаммулпазири байнифарҳангӣ ва динҳо (сикли дарсҳо оид ба ташаккули шуури таҳаммулпазирӣ, лоиҳаи барномавии таъсиси ташкилоту ҳаракатҳои ҷавонон, омӯзиши санъати роҳбарӣ);

-ҷузъи кадрӣ - омӯзиши идоракунии фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар раванди тайёр кардани роҳбарони ташкилотҳои ҷавонон.

Татбиқи модели барномавии пешгирии ифротгароӣ дар асоси моделсозии блок-модулярӣ сурат гирифт. Бо ин мақсад ҷузъҳои зерин муайян карда шуданд: № 1 - ташкилию педагогӣ; № 2 - иҷтимоӣ-психологӣ; № 3 — кадрӣ.

Ҳадафи барнома эҷоди низоми кори тарбиявӣ бо ҷавонон оид ба пешгирии ифротгароӣ, аз ҷумла шароити мутобиқшудаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули шахсият мебошад.

Функсияҳо:

-иттилоотӣ ва таълимӣ;

-муоширатӣ;

фарҳангӣ ва эҷодӣ;

- истироҳат ва саломатӣ.

Барнома ба принсипҳои зерин асос ёфтааст:

-муносибати фарҳангӣ-арзишӣ;

-худшиносӣ, худтатбиқкунӣ ва худифодакунии шахсият;

-афзалияти манфиатҳои умумибашарӣ;

-ягонагии диалектикӣ ва муттасилии таҷрибаи фарҳангӣ-таърихӣ, иҷтимоию педагогӣ, миллӣ-этникӣ, анъана ва навовариҳо.

Ҳадафҳои барнома:

-баланд бардоштани мақоми иҷтимоии ҷавонон ва нақши онҳо дар ҷомеа;

-ҳавасмандгардонии ҳамкории байнифарҳангӣ ва динӣ;

-ташаккули мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ, тайёр будан ба иштирок кардан дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии давлат;

-инкишофи ташаббуси эҷодии ҷавонон ва самти роҳбарӣ;

-омӯзиш дар малакаҳои моделсозии стратегияҳои ҳаёт;

-таъмини захираҳои кадрӣ дар сиёсати ҷавонон.

Иҷрои вазифаҳои зикршуда, ба андешаи мо, заминаи бунёдии объективӣ мебошад, ки дар асоси он бояд барномаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки пешгирии ифротгароиро бо дарназардошти шароити иҷтимоӣ-фарҳангӣ омода созем.

**Муқарриз: Тошзода С. – н.и.п., ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Афанасьева Р.М. Социокультурные условия противодействия экстремизму в молодежной среде Diss.sl.ru 2007.
2. Большой психологический словарь. Сост. и общ. ред. Б.Мещеряков, В.Зинченко. - СПб.: Прайм-Еврознак, 2003.- С.125-128.
3. Волков Ю.Г. Социология молодежи: Учебное пособие / Ю.Г. Волков, В.И.Добренькое, Ф.Д. Кадария [и др.]. Под ред. проф. Ю.Г.Волкова. - Ростов-на Дону, Феникс, 2001. - сб.
4. Ильинский ИМ. Молодежь и молодежная политика. Философия. История. Тео-рия.-С238.
5. Платонов Ю.П. Основы этнической толерантности / Ю.П. Платонов. -СПб.: Старт 2003.-С.54.
6. Пономаренков, В.А. – Сущностная характеристика современного экстремизма / В.А.Пономаренков, , М.Л. Яворский // Юридический мир. - 2008. -№ 2. -С. 41 – 43.
7. Профилактика экстремизма в молодежной среде. Проблемы и решения. – Иркутск, 2016. – 105 с.
8. Социология молодежи. Под. ред. В.Т.Лисовского. - СПб, 1996. - С. 286-288.
9. Садиков, М.И. – Религиознополитический экстремизм: учебное пособие для студентов высших учебных заведений / М.И.Садиков, К.М. Ханбабаев. - Махачкала: ИПЦ ДГУ, 2009. -430 с.
10. Сериков, А.В. – Молодежный экстремизм в современной России: динамика и отражение в общественном 128 мнении у студентов: Диссертация кандидата социологических наук / А.В. Сериков. - Ростов-на-Дону, 2005.
11. Стариков, Н.В. – Молодежный экстремизм и ксенофобия: проблемы распространения и пути противодействия / Н.В.Стариков, И.В. Мамина // Научные ведомости Белгородского государственного национального исследовательского университета. Серия: Философия. Социология. Право. – 2008. – № 5. – С. 202–206.
12. Ростокинский, А.В. – Этика, основы православной культуры, религиоведение или что-то еще (об обучении толерантности) / А.В. Ростокинский // Современные гуманитарные исследования. – 2008. – -№ 1 (20). -С. 262 – 265.
13. Устинов В. Экстремизм и терроризм. Проблемы разграничения и классификации / В.Устинов // Российская юстиция. - 2002. - № 5.
14. Фридинский, С.Н. – Молодежный экстремизм как особо опасная форма проявления экстремистской деятельности / С.Н. Фридинский // Обзор. НЦПТИ. - 2015. - № 5. - С. 4-9.
15. Фромм, Эрих (1900-1980). [Бегство от свободы; Человек для себя: пер. с англ.]/Эрих Фромм. Минск: Попурри,1998. 671 с.


## ТАРҲРЕЗИИ БАРНОМАИ ИҶТИМОӢ-ФАРҲАНГӢ ОИД БА ПЕШГИРИИ ИФРОТГАРОӢ ДАР БАЙНИ ҶАВОНОН


Дар мақола муаллифон барномаи иҷтимоӣ-фарҳангиро оид ба пешгирии ифротгароӣ дар байни ҷавонон тарҳрезӣ намудаанд. Мақсади озмоиши ташхисӣ муайян намудани шароитҳои мувофиқи иҷтимоию фарҳангии пешгирии ифротгароӣ бо роҳи муайян намудани омилҳое мебошад, ки ба ташаккули муносибатҳои экстремистии шахс таъсир мерасонанд. Вобаста ба ин, дар ин марҳилаи тадқиқотӣ маҷмуи усулҳои ташхисӣ истифода шудаанд, ки ин ба мо имкон медиҳад, сатҳи муносибатҳои ифротгароёнаи шахсро муайян карда тавонем. Ҳангоми гузаронидани озмоиши муайянкунанда, муаллифон ду марҳилаи ташхиси мушкилоти тадқиқшавандаро муайян кардаанд: 1) муайян намудани сатҳи дарки иҷтимоию фарҳангии ифротгароӣ дар байни ҷавонон; 2) муайян намудани хислатҳои шахсият, ки ба ташаккули муносибатҳои экстремистӣ дар байни насли наврас мусоидат мекунанд. Дар натиҷа, мо вазифаҳои зеринро ба миён гузоштем: *дар марҳилаи аввали ташхис* – муайян кардани сатҳи иттилоотии огоҳии респондентҳо аз мушкилоти ифротгароӣ; *дар марҳилаи дуюми ташхис:* Татбиқи модели барномавии пешгирии ифротгароӣ дар асоси моделсозии блок-модулярӣ сурат гирифт. Бо ин мақсад ҷузъҳои зерин муайян карда шуданд: № 1 - ташкилию педагогӣ; № 2 - иҷтимоӣ-психологӣ; № 3 — кадрӣ. Ҳадафи барнома эҷоди низоми кори тарбиявӣ бо ҷавонон оид ба пешгирии ифротгароӣ, аз ҷумла шароити мутобиқшудаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули шахсият мебошад.



**Калидвожаҳо:** барномаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, мақсади озмоиши ташхисӣ, пешгирии ифротгароӣ, татбиқи модели барномавӣ, шароитҳои мувофиқи иҷтимоию фарҳангии пешгирии ифротгароӣ.


## РАЗРАБОТКА СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНОЙ ПРОГРАММЫ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ ЭСТРЕМИЗМА СРЕДИ МОЛОДЕЖИ


В статье авторы разработали социокультурную программу по профилактике экстремизма среди молодежи. Целью диагностического теста является определение соответствующих социальных и культурных условий для профилактики экстремизма путем определения факторов, влияющих на формирование экстремистских настроений человека. В связи с этим на данном этапе исследования был использован комплекс диагностических методов, позволяющий определить уровень экстремистских настроений человека. При проведении детерминированного эксперимента авторы выделили два этапа диагностики исследуемой проблемы: 1) определение уровня социокультурного восприятия экстремизма среди молодежи; 2) выявление личностных качеств, способствующих формированию экстремистских настроений среди подрастающего поколения. В результате мы поставили следующие задачи: на первом этапе диагностики - определить информативный уровень осведомленности респондентов о проблеме экстремизма; на втором этапе диагностики: применение программной модели профилактики экстремизма осуществлялось на основе блочно-модульного моделирования. Для этого были

определены следующие компоненты: №1 – организационно-педагогический; № 2 – социально-психологический; №3 – персонал. Цель программы – создание системы просветительской работы с молодежью по профилактике экстремизма, включая адаптированные социокультурные условия в формировании личности.

**Ключевые слова**: социокультурная программа, цель диагностического тестирования, профилактика экстремизма, реализация программной модели, подходящие социокультурные условия для профилактики экстремизма.

**DEVELOPMENT OF A SOCIO-CULTURAL PROGRAM FOR PREVENTING ESTREMISM AMONG YOUTH**

In the article, the authors developed a sociocultural program to prevent extremism among young people. The purpose of the diagnostic test is to determine the appropriate social and cultural conditions for the prevention of extremism by identifying factors influencing the formation of extremist sentiments in a person. In this regard, at this stage of the study, a set of diagnostic methods was used to determine the level of a person's extremist sentiments. When conducting a deterministic experiment, the authors identified two stages in diagnosing the problem under study: 1) determining the level of sociocultural perception of extremism among young people; 2) identification of personal qualities that contribute to the formation of extremist sentiments among the younger generation. As a result, we set the following tasks: at the first stage of diagnosis - to determine the informative level of respondents' awareness of the problem of extremism; at the second stage of diagnosis: the application of the program model for the prevention of extremism was carried out on the basis of block-modular modeling. For this purpose, the following components were identified: No. 1 – organizational and pedagogical; No. 2 – socio-psychological; No. 3 – staff. The goal of the program is to create a system of educational work with young people on the prevention of extremism, including adapted sociocultural conditions in the formation of personality.

**Key words**: sociocultural program, purpose of diagnostic testing, prevention of extremism, implementation of the program model, suitable sociocultural conditions for the prevention of extremism.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ашуров Ромиш Шерафганович* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **900-21-26-28.**
***ХудойқуловаҚизлархон* -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, номзади илмҳои филологӣ, дотсент. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17.**-.**

**Сведения об авторах:** ***Ашуров Ромиш Шерафганович* -** Таджикский национальный университет, общеуниверситетская кафедра педагогики, соискатель. **Адрес** 734025, город Душанбе, РеспубликаТаджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 900-21-26-28.**
***Худойкулова Кизлархон* -** Таджикский национальный университет, общеуниверситетская кафедра педагогики, кандидат педагогических наук, доцент. **Адрес** 734025, город Душанбе, РеспубликаТаджикистан, проспект Рудаки, 17.
**Information about the authors:** ***Ashurov Romish Sherafganovich* -** Tajik National University, University-wide Department of Pedagogy, Applicant. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue 17. Phone: **900-21-26-28.**
***Khudoykulova Kizlarkhon* -** Tajik National University, university-wide department of pedagogy, candidate of pedagogical sciences, associate professor. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17.

ТДУ:371.3

# АРЗЁБИИ ВОҚЕЪБИНОНАИ ДОНИШИ ДОНИШҶӮЁН ЗИМНИ БАРГУЗОРИИ КОРҲОИ САНҶИШӢ ДАР МИСОЛИ МАВЗУИ ҶОЙИВАЗКУНИҲО

*Абдукаримов М.Ф., Юсуфзода К. Б.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

## Муқаддима

Масъалаи тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯи соҳаи илмҳои дақиқ, хусусан соҳаи математика, дар меҳвари сиёсати хирадмандонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Пӯшида нест, ки солҳои охир усулҳои математикӣ дар соҳаҳои гуногуни илмҳои табиатшиносӣ, иқтисодиёт ва ҷамъиятшиносӣ ба таври густурда мавриди истифода қарор доранд. Пас аз пайдо шудани тамғаҳои гуногуни компютерҳо ва коркарди забонҳои барномасозии компютерӣ татбиқи дастовардҳои математикиро дар ҳалли масъалаҳои амалӣ сари ҳар қадам мушоҳида менамоем.

Самаранокии сифати таълими фанни математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Сатҳу сифати таълими ин фан ба бисёр омилҳое вобастагӣ дорад, ки арзёбии беғаразона ва воқеъбинонаи сатҳи дониши донишҷӯён яке аз асоситарини онҳо ба ҳисоб меравад.

Табиист, ки ба воя расидани кадрҳои баландихтисоси ин ё он соҳа ба таълими дурусти фанҳои тахассусӣ вобастагӣ дорад. Бинобар ин, коркарди методҳои гуногуни таълими ин ё он фан вазифаи асосии олимону мутахассисони соҳа ба ҳисоб меравад.

Ба масъалаи методикаи таълими фанни математика корҳои олимони зиёди хориҷию ватанӣ бахшида шудаанд [1, с.4]. Баъди он ки тамғаҳои гуногуни компютерҳо рӯйи кор омада, забонҳои мухталифи барномасозӣ коркард шуданд, акнун диққати мутахассисони соҳаро бештар татбиқи ин дастовардҳо дар ҷараёни таълими фанни математика ба худ ҷалб намуд. Дар ин самт низ корҳои намоёне аз тарафи олимону мутахассисони соҳа иҷро карда шудаанд [5, с.8]. Дар ҳамаи корҳои номбаршуда истифодаи имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ ва забонҳои барномасозӣ дар раванди таълими фанни математика мусбат арзёбӣ шудаанд.

Тавре медонем, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фанни математика ба шохаҳои зерин ҷудо шуда, ҳар як шоха дар алоҳидагӣ таълим дода мешавад: математикаи элементарӣ, алгебраи олӣ, таҳлили математикӣ, геометрияи аналитикӣ, муодилаҳои дифференсиалӣ, методҳои ададӣ, назарияи эҳтимолият ва ғайра. Барои таълими ҳар яке аз ин шохаҳои илми математика навъҳои гуногуни таълим, ба мисли лексия, машғулияти амалӣ ва машғулияти лабораторӣ пешбинӣ шудааст.

Тавре дар боло қайд кардем, яке аз омилҳои асосии раванди таълим, ки ба болоравии сифати азхудкунии дониш оварда мерасонад, ин ба таври шаффоф арзёбӣ кардани сатҳи дониши хонанда ва ё донишҷӯ маҳсуб меёбад [9, с.15]. Дар ин мақола дар мисоли мавзуи «Ҷойивазкуниҳо» ба масъалаи мазкур дахл хоҳем кард.

Пеш аз машғул шудан ба масъалаи асосӣ қайд мекунем, ки мавзуи интихобшуда ба курси «Комбинаторика» мансуб мебошад. Комбинаторика як бахши математика мебошад, ки он ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба интихоб ва ҷойгиркунии элементҳои ягон маҷмуъ (аксаран маҳдуд) мувофиқи қоидаҳои додашуда бахшида шудааст.

Аслан дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ комбинаторика ҳамчун фанни асосӣ таълим дода намешавад. Он ҳамчун фанни интихобӣ ва ё курси махсус ба донишҷӯён омӯзонида мешавад. Инчунин, курси зикршуда ҳамчун як боби алоҳида ба таркиби баъзе фанҳо, аз қабили назарияи эҳтимолият, математикаи дискретӣ ва математикаи олӣ, ки ба донишҷӯёни ғайриихтисосӣ таълим дода мешавад, шомил мебошад.

Аз ин хотир, дар ҷараёни таълим доир ба ин ё он мавзуи комбинаторика ногузир ба мо лозим меояд, ки корҳои санҷишӣ ва ё мустақилонаро ба роҳ монем.

**Гузориши масъала ва баррасии он.** Акнун ба асли матлаб бармегардем. Масъалаи зеринро дар миён мегузорем.

*Бо чанд тарз n писар ва n духтарро дар миз тавре шинонидан мумкин аст, то ки ду духтар ва ё ду писар дар бари ҳам набошанд?*

Ҳалли пурраи ин масъаларо меорем. Аз шарти масъала пай бурдан душвор нест, ки сухан дар бораи ҷойивазкуниҳо меравад.

Тавре медонем, *гурӯҳҳои n-элементдор, ки аз якдигар танҳо бо тартиби ҷойгиршавии элементҳо фарқ мекунанд, ҷойивазкуниҳо аз n элемент номида мешаванд.* Миқдори ҷойивазкуниҳо аз *n* элементи $x_1, x_2, \ldots, x_n$ ба $n!$ баробар аст.

Дар рафти ҳалли ин масъала мо аз қоидаи зарб низ истифода мекунем: *агар элементи a-ро бо n тарз интихоб кардан мумкин бошад ва барои ҳар гуна интихоби a,элементи b-ро бо m тарз интихоб кардан мумкин бошад, пас ҷуфти (a, b) -ро бо nm тарз интихоб кардан мумкин аст.*

Фаҳмост, ки мо метавонем талаби масъаларо қонеъ намоем, агар духтаронро дар ҷойҳои ҷуфт ва ё дар ҷойҳои тоқ шинонем. Духтаронро дар ҷойҳои тоқ бо $n!$ тарз шинонида метавонем. Бо ҳамин миқдор тарз онҳоро дар ҷойҳои ҷуфт шинонидан мумкин аст, яъне ҷойҳои духтаронро бо $n! + n! = 2n!$ мо метавонем иваз кунем. Азбаски интихоби духтарон ва ё писарон барои ҷойивазкунӣ ба ҳамдигар вобаста нестанд, қоидаи зарб қобили истифода аст. Ҳамин тариқ, агар миқдори умумии ҷойивазкуниҳое, ки дар матни масъала сухан дар бораи онҳо меравад, бо *p* ишорат кунем, он гоҳ доро мешавем:

$$p = 2(n!)^2.$$

Масалан, агар *n*=2 бошад, яъне агар ду духтар ва ду писар бошад, он гоҳ онҳоро бо

$$p = 2(n!)^2 = 2 \cdot (2!)^2 = 2 \cdot (2)^2 = 2 \cdot 4 = 8$$

тарз тавре дар миз шинонидан мумкин аст, ки ду духтар ва ду писар бари ҳам набошанд. Дар ҳақиқат, бигузор духтарон $Д_1, Д_2$ ва писарон $П_1, П_2$ бошанд. Он гоҳ

$$(Д_1, П_1, Д_2, П_2); (Д_1, П_2, Д_2, П_1); (Д_2, П_1, Д_1, П_2); (Д_2, П_2, Д_1, П_1);$$
$$(П_1, Д_1, П_2, Д_2); (П_1, Д_2, П_2, Д_1); (П_2, Д_1, П_1, Д_2); (П_2, Д_2, П_1, Д_1).$$

Акнун алгоритми ҳалли масъалаи овардашударо дар намуди матнӣ-формулавӣ ва блок-схемаҳо тартиб медиҳем.

***Алгоритм дар намуди матнӣ-формулавӣ***

1. Ибтидо;
2. Дохилкунии *n*;
3. Ҳисобкунии *k*=1;
4. Барои *i*=1 то *n*:
   ҳисобкунии *k = k *i*;
5. Ҳисобкунии *p*= 2**k***k*;
6. Хориҷкунии *p*;
7. Интиҳо.

***Алгоритм дар намуди блок-схемаҳо***




Акнун аз рӯйи алгоритми овардашуда дар забони барномасозии C++ барнома менависем.

***Барномаи ҳалли масъала дар забони барномасозии С++***

```
//---------------------------------------------------------------------------
#include <vcl.h>
#pragma hdrstop
#include "Unit1.h"
//---------------------------------------------------------------------------
#pragma package(smart_init)
#pragma resource "*.dfm"
TForm1 *Form1;
//---------------------------------------------------------------------------
__fastcall TForm1::TForm1(TComponent* Owner)
  : TForm(Owner)
{
}
//---------------------------------------------------------------------------
void __fastcall TForm1::Button1Click(TObject *Sender)
{
long long n,p=1,t;
n=StrToInt64(Edit1->Text);
for(int i=1;i<=n; i++){
p=p*i;
}
t=2*p*p;
Label4->Caption=(t);
}
//---------------------------------------------------------------------------
void __fastcall TForm1::Button2Click(TObject *Sender)
{
Edit1->Text=" ";
Edit2->Text=" ";
Label4->Caption=" ";
}
//---------------------------------------------------------------------------
```

Масалан, натиҷаи кори барнома чунин аст:




**Тарзи истифодабарии барномаи овардашуда.** Акнун дар хусуси он сухан меронем, ки омӯзгор чӣ тавр метавонад кори санҷиширо аз мавзуи мазкур роҳандозӣ намояд.

Яке аз масъалаҳои муҳим, ки дар ҷараёни ташкил ва баргузории корҳои санҷишӣ ба миён меояд, ин масъалаи ба таври одилона рафтор кардани омӯзгор нисбат ба донишҷӯён мебошад. Роҷеъ ба дилхоҳ мавзуъ, аз он ҷумла мавзуи матраҳшаванда метавон масъалаҳоро шартан ба чор гурӯҳ ҷудо кард: 1) сода; 2) миёна; 3) нисбатан мураккаб; 4) мураккаб. Омӯзгор бояд тавре рафтор кунад, ки тамоми донишҷӯён дар ҷараёни корҳои санҷишӣ, амалӣ ва мустақилона вобаста ба сатҳи дониши худ фаъол бошанд. Аз ин хотир,

интихоби масъала барои кори санҷишӣ лаҳзаи бисёр муҳим ва нозук ба ҳисоб меравад. Кори санҷиширо бо ду тарз роҳандозӣ кардан мумкин аст.

**а)** Ба ҳамаи донишҷӯён масъалаи моҳиятан якхела пешниҳод мекунем. Дар ин маврид масъала бояд сода ва ё миёна интихоб карда шавад, то ки фоизи азхудкунӣ паст нагардад. Фардӣ будани масъалаҳо хеле муҳим аст. Зеро ҳамаи донишҷӯён ба ҳалли масъалаи худ машғул мешаванд, ба якдигар халал намерасонанд, аз якдигар ҳалро рӯбардор намекунанд ва ин барои омӯзгор шароити назорати раванди кори санҷишоро осон менамояд. Зоҳиран фаҳмост, ки барои дар чунин шакл ташкил кардани кори санҷишӣ ба омӯзгор лозим меояд, ки вобаста ба миқдори донишҷӯён вариант тартиб диҳад. Таваккалӣ тартиб додани масъала ба салоҳи кор намебошад. Хусусан, вақте ки омӯзгор ҷавоби дурусти масъаларо пешакӣ намедонад, дар рафти тафтиши корҳо ба мушкилиҳо дучор мешавад. Ҳамин тариқ, бо забонҳои барномасозӣ алоқаманд кардани раванди таълим ба нафъи кор мебошад. Воқеан, инро мо дар мисоли мавзуи муоинашаванда пайхас карда метавонем. Ба воситаи барнома мо барои қиматҳои гуногуни параметри $n$ ҷавобҳои гуногунро ҳосил мекунем. Ин маънои онро дорад, ки мо ҳамон як масъаларо барои ҳолатҳои гуногун пешакӣ ҳал карда, ҷавобҳои мувофиқро медонем. Ин имконият медиҳад, ки дар вақти тафтиш ба хато роҳ надиҳем ва дониши донишҷӯёнро ба иаври объективӣ арзёбӣ намоем.

Қайд кардан лозим аст, ки масъалаи овардашударо дар шаклҳои дигар ҳам пешниҳод кардан мумкин аст. Масалан:

1. *Бо чанд тарз n китоби математика ва n китоби информатикаро дар ҷевони китобмонӣ тавре гузоштан мумкин аст, то ки ду китоби математика ва ё ду китоби информатика дар бари ҳам набошанд?*

2. *Бо чанд тарз n дарахти себ ва n дарахти нокро дар як қатор тавре шинонидан мумкин аст, то ки ду дарахти себ ва ё ду дарахти нок дар бари ҳам набошанд?*

Масъалаҳои овардашуда бо масъалаи баррасишуда амалан якхелаанд. Вале барои гуногунрангӣ матни масъалаҳоро то он ҳадде, ки моҳияти онҳо якхела боқӣ мемонад, тағйир додан ба манфиати кор мебошад. Ин донишҷӯёни сустхонро ба фикр кардан водор месозад.

**б)** Ба ҳар як донишҷӯ масъалаи инфиродӣ дар айни ҳол моҳиятан гуногун пешниҳод мекунем. Дар ин маврид омӯзгор бояд сатҳи дониши донишҷӯёнро пурра ба инобат гирад. Аниқаш, ӯ бояд ба донишҷӯйи аълохон масъалаи мураккаб, ба донишҷӯйи хубхон масъалаи нисбатан мураккаб ва ба дигар гурӯҳи донишҷӯён масъалаҳои миёнаву сода роҷеъ ба мавзуи муоинашавандаро интихоб намояд. Дар чунин тарзи ташкили корҳои санҷишӣ ба омӯзгор лозим меояд, ки вақти зиёд ҳам дар ҷараёни интихоби масъала ва ҳам дар рафти тафтиши корҳо сарф намояд. Вале бо забонҳои барномасозӣ алоқаманд кардани раванди баргузории корҳои санҷишӣ кори омӯзгорро бениҳоят осон менамояд. Дарвоқеъ, ӯ барномаи ҳалли масъаларо дар ин ё он забони барномасозӣ менависад ва бо иваз кардани параметрҳои мувофиқ миқдори масъалаҳои моҳиятан якхеларо зиёд менамояд. Табиист, ки дар ин ҳолат барои ҳар як синфи масъалаҳо барномаи алоҳида навиштан лозим меояд. Аммо пай бурдан душвор нест, ки рамзи барномаҳо метавонанд аз ҳамдигар кам фарқ кунанд.

Бо тарзи дуюм ташкил ва баргузории корҳои санҷишӣ фардикунонии раванди таълим маҳсуб меёбад. Албатта, истифодаи ин тарз аз манфиат холӣ намебошад, лекин дар сурате ки бештари донишҷӯён сатҳи дониши якхела доранд, тарзи якуми баргузории корҳои санҷишӣ беҳтар ба назар мерасад. Илова бар ин, таъкид менамоем, ки агар омӯзгор бо сатҳи дониши донишҷӯён ошно набошад, он гоҳ бо тарзи дуюм гузаронидани корҳои санҷишӣ метавонад сатҳу сифати азхудкуниро ба поин барад. Аз ин хотир, истифодаи тарзи якуми ташкил ва баргузории корҳои санҷишӣ дар бештари мавридҳо манфиатовар мебошад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки барномаи овардашуда барои омӯзгор ҳамчун абзори муфид барои ташкил ва гузаронидани корҳои санҷишӣ метавонад хизмат кунад. Ғайр аз ин, омӯзгор метавонад ин барномаро дар раванди дарсҳои амалӣ низ истифода

барад. Масалан, ӯ супориш медиҳад, ки худи донишҷӯён барномаи ҳалли масъаларо дар ин ё он забони барномасозӣ тартиб диҳанд. Дар ин маврид ба донишҷӯён лозим меояд, ки дар аввал амсила ва алгоритми ҳалли масъаларо созанд, яъне ибтидо масъаларо аз нуқтаи назари математикӣ таҳлил намоянд. Ин раванд, аз як тараф, ба рушду инкишоф ёфтани тафаккури эҷодии донишҷӯён мусоидат мекунад, аз тарафи дигар, робитаи байнифанниро барқарор месозад. Воқеан, дар асри ҷорӣ бо забонҳои барномасозӣ алоқаманд кардани раванди таълими фанни математика ба нафъи кор мебошад. Мутахассиси имрӯза, хусусан дар соҳаи математика бояд аз дастовардҳои технологияҳои иттилоотӣ дар сатҳи зарурӣ бархӯрдор бошад.

**Хулоса**

Акнун мушаххастар дар бораи методикаи ташкил ва баргузории корҳои санҷишӣ, хусусан талабот оид ба башаклдарории корҳои санҷишӣ чанд сухан меорем. Қайд кардан бамаврид аст, ки омӯзгор метавонад миқдори корҳои санҷиширо бо салоҳдиди худ муайян намояд. Аслан кори санҷишӣ барои арзёбии сатҳи дониши донишҷӯён нисбат ба ин ё он мавзуъ пешбинӣ шудааст. Аз ин хотир, вобаста ба ҳар як мавзуъ баргузории кори санҷишӣ мантиқӣ мебошад. Аммо омӯзгор метавонад барои ҳар як зербанд кори санҷишӣ не, балки вобаста ба ҳар як боб ва ё бандҳо корҳои санҷишӣ ташкил намояд. Дар чунин мавридҳо омӯзгор бояд масъалаҳоро тавре интихоб намояд, ки ҳангоми ҳалли онҳо донистани маводди назариявии ду ва ё зиёда мавзуъҳо истифода гарданд. Масалан, дар масъалаи баррасишуда маводди назариявии ду мавзуъ – ҷойивазкуниҳо ва қоидаи зарб истифода карда шудааст. Агар омӯзгор барои ҳар як боб кори санҷишӣ пешбинӣ намояд, он гоҳ аз донишҷӯён талаб кардани иҷрои онҳо дар дафтари алоҳида ба нафъи кор мебошад. Зеро ин ба донишҷӯён имкон фароҳам меорад, ки маҳорат, малака ва тафаккури эҷодии худро рушду инкишоф диҳанд. Дарвоқеъ, ҳангоми муоинаи масъала овардани маводди мухтасари назариявӣ, бо шарҳу тавзеҳ пероста кардани раванди ҳалли масъала, дар ду шакл тартиб додани алгоритм ва навиштани барномаи ҳалли масъала аз рӯйи он дар ин ё он забони барномасозӣ тасдиқи гуфтаҳои боло ҳастанд. Дар сурати арзёбии дониши донишҷӯён ба воситаи корҳои мустақилона роҷеъ ба ин ё он мавзуъ омӯзгор ҳатман бояд аз донишҷӯён доштани дафтари алоҳидаро талаб намояд. Дар айни ҳол донишҷӯён метавонанд ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона ҳамчун намуна аз масъалаи дар боло муоинашуда истифода кунанд.

**Муқарриз: Шерматов Н. – д.и.ф.м., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Демидов В. П. Методика преподавания математики: Учеб. пособие для студентов / В.П. Демидов, Г.И. Саранцев. – Саранск, 1976.–192 с.
2. Лемешко Н.Н. Система контроля результатов обучения математике / Н.Н. Лемешко, О.Л. Афанасьева // Ср. спец. образование. – 1988. – №12. – С. 30-34.
3. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как науки / М. Нугмонов. – Душанбе, 2016. –290 с.
4. Шарифов Дж. Дидактические основы формирования навыков самостоятельной работы студентов в процессе обучения: дисс. на соиск. уч. ст. док. пед. наук / Дж. Шарифов. – Душанбе, 1997. – 320 с.
5. Александров Г. Н. Программированное обучение и информационно-коммуникационные технологии обучения / Г.Н. Александров // Информатика и образование. – 1993. – № 5. – С. 7-19.
6. Беспалько В. П. Дидактические основы программного управления процессом обучения; Автореф. кан. пед. наук / В.П. Беспалько. – Москва, 1968. – 16 с.
7. Комилов Ф. С. Информационные технологии в высшем образовании Республики Таджикистан / Ф.С. Комилов, З.Ф. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 174 с.
8. Назаров А. П. Компьютерная программа для проверки письменных контрольных работ по математике / А.П. Назаров // Школьные технологии. – 2020. – №1. – С. 92-97.
9. Абдукаримов М. Ф. Таъмини арзёбии воқеъбинонаи дониши донишҷӯён ҳангоми гузаронидани корҳои лабораторӣ аз фанни методҳои ададӣ бо ёрии барномасозии компютерӣ / М.Ф. Абдукаримов, Р.Т. Баротов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №1/3. –С.57-64.
10. Назаров А.П. Объективный контроль знаний учащихся при решении экономических задач в электронных таблицах с применением метода Пулат / А.П. Назаров // В сборнике: Дистанционное обучение в высшем образовании: опыт, проблемы и перспективы развития. Материалы XV Всероссийской научно-практической конференции с международным участием. – Санкт-Петербург, 2022. – С. 43-47.

11. Назаров А.П. Асосҳои методии барномасозӣ ва арзёбии салоҳияти хонандагон аз математика ва информатика дар МТМУ. Монография / А.П. Назаров. – Душанбе, 2020. – 226 с.
12. Абдукаримов М.Ф. Активизация познавательной деятельности студентов вузов Республики Таджикистан при проведении лабораторных работ по предмету численных методов /М.Ф. Абдукаримов, Р.Т. Баротов, Н. Шерматов // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2016. – №1-1 (192). – С. 107-110.
13. Абдукаримов М.Ф. Инкишофи фаъолияти эҷодии донишҷӯёни МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани корҳои лабораторӣ аз фанни методҳои ададӣ / М.Ф. Абдукаримов, Р.Т. Баротов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016. – №1/4. –С. 26-34.
14. Абдукаримов М.Ф. Некоторые вопросы процесса организации лабораторных работ по предмету "Численные методы" / М.Ф. Абдукаримов, Р.Т. Баротов // Вестник педагогического университета. – 2018. –№3 (75). – С. 134-141.
15. Абдукаримов М.Ф. Методикаи ташкил ва гузаронидани корҳои лабораторӣ аз методҳои ададӣ дар мисоли мавзуи назарияи хатоҳо / М.Ф.Абдукаримов, Р.Т. Баротов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ.- 2018. - №5-2(77). - С.20-27.

## МАСЪАЛАИ АРЗЁБИИ ВОҚЕЪБИНОНАИ ДОНИШИ ДОНИШҶӮЁН ЗИМНИ БАРГУЗОРИИ КОРҲОИ САНҶИШӢ ДАР МИСОЛИ МАВЗУИ ҶОЙИВАЗКУНИҲО

Дар соҳаи методикаи таълими ин ё он фан масъалаҳои муҳимме, аз қабили фаъолгардонӣ, ба таври шаффоф баҳо додан ба сатҳи дониш, робитаи байнифаннӣ вуҷуд доранд, ки вобаста ба ҳар як фан тадқиқи хосси худро талаб менамоянд. Тавре медонем, дар таълими шохаҳои алоҳидаи фанни математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ навъҳои гуногуни дарс, аз қабили лексионӣ, амалӣ, лабораторӣ истифода бурда мешаванд. Дар мақолаи мазкур масъалаи ба таври шаффоф баҳо додан ба сатҳи дониши донишҷӯён зимни баргузории корҳои санҷишӣ баррасӣ шудааст. Дар мисоли як кори санҷишӣ аз комбинаторика андешаҳо ироа гардиданд. Ба сифати мавзуи таҳқиқшаванда, мавзуи “Ҷойивазкуниҳо” интихоб шудааст. Инчунин, дар мақола ба баъзе масъалаҳои дигари методикаи ташкил ва баргузории корҳои санҷишӣ, аз қабили фаъолгардонии донишҷӯён, робитаи байнифаннӣ низ дахл карда шудааст. Масъалаи таҳқиқшаванда аз нигоҳи забонҳои барномасозии компютерӣ дида баромада шудааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки ба масъалаи мазкур корҳои зиёди олимони хориҷию ватанӣ бахшида шудаанд, ки ин мақола давоми мантиқии онҳо мебошад.

**Калидвожаҳо:** арзёбӣ, корҳои санҷишӣ, ҷойивазкуниҳо, комбинаторика, алгоритм, барнома, забони барномасозии C++, тафаккури эҷодӣ, робитаи байнифаннӣ, фаъолгардонӣ.

## К ВОПРОСУ ОБ ОБЪЕКТИВНОМ ОЦЕНИВАНИИ ЗНАНИЙ СТУДЕНТОВ ПРИ ПРОВЕДЕНИИ КОНТРОЛЬНЫХ РАБОТ НА ПРИМЕРЕ ТЕМЫ ПЕРЕСТАНОВКИ

В области методики преподавания того или иного предмета есть важные вопросы, такие как активизация, прозрачная оценка уровня знаний, межпредметная связь, которые требуют своего исследования в зависимости от каждого предмета. Как известно, при преподавании отдельных разделов математики в учреждениях высшего профессионального образования используются различные виды уроков, такие как лекционные, практические, лабораторные. В данной статье исследуется вопрос прозрачной оценки уровня знаний студентов в ходе контрольной работы. На примере одной контрольной работы от Комбинаторики представлены конкретные идеи. В качестве темы для рассмотрения была выбрана тема «Перестановки». Также в статье рассматриваются некоторые другие вопросы методики организации и проведения контрольных работ, такие как активизация студентов, межпредметная связь. Исследуемая проблема рассматривается с точки зрения языков программирования. Следует отметить, что данному вопросу посвящено многих работ зарубежных и отечественных ученых, и данная статья является их логическим продолжением.

**Ключевые слова:** оценивание, контрольные работы, перестановки, комбинаторика, алгоритм, программа, язык программирования C++, креативное мышление, междисциплинарная связь, активация.

## TO THE QUESTION OF OBJECTIVE ASSESSMENT OF STUDENTS' KNOWLEDGE DURING CONTROL WORKS ON THE EXAMPLE OF THE THEME OF PERMUTATION

In the field of teaching methods of a particular subject, there are important issues, such as activation, transparent assessment of the level of knowledge, interdisciplinary communication, which require their own research depending on each subject. As you know, when teaching certain sections of mathematics in institutions of higher professional education, various types of lessons are used, such as lectures, practical, laboratory. This article explores the issue of transparent assessment of the level of knowledge of students in the course of the test. On the example of one control work from Combinatorics, specific ideas are presented. The theme of "Permutations" was chosen as the topic for consideration. The article also discusses some other issues of methods of organizing and conducting tests, such as the activation of students, interdisciplinary communication. The problem under study is considered from the point of view of programming languages. It should be noted that many works of foreign and domestic scientists are devoted to this issue, and this article is their logical continuation.

**Key words:** assessment, tests, permutations, combinatorics, algorithm, program, C++ programming language, creative thinking, interdisciplinary communication, activation.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Абдукаримов Маҳмадсалим Файзулло***– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механикаи факултети механикаю математика. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **919 96 24 44**. E-mail: **mahmadsalim_86@mail.ru**
***Юсуфзода Комрони Бовобек–*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механикаи факултети механикаю математика. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **901 51 23 23.**

**Сведения об авторах:** ***Абдукаримов Махмадсалим Файзулло*** **–** Таджикский национальный университет, доктор физико-математических наук, доцент, кафедра вычислительной математики и механики механико-математического факультета. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикситан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **919 96 24 44**. E-mail: **mahmadsalim_86@mail.ru**
***Юсуфзода Комрони Бовобек*** **-** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедра вычислительной математики и механики механико-математического факультета. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикситан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 901 51 23 23.**

**Information about the authors:** ***Abdukarimov Maymadsalim Faizullo*** – Tajik National University, Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor, Department of Computational Mathematics and Mechanics, Faculty of Mechanics and Mathematics. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **919 96 24 44.** E-mail: **mahmadsalim_86@mail.ru**
***Yusufzoda Komroni Bovobek*** **-** Tajik National University, PhD student, Department of Computational Mathematics and Mechanics, Faculty of Mechanics and Mathematics. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **901 51 23 23.**

ТДУ:372.800.2 (575.3)

# ОИДИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ОМОДАСОЗИИ ДОНИШҶӮЁН БА ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ ДАР ҶАМЪИЯТИ МУОСИРИ ИТТИЛООТӢ-ТЕЛЕКОММУНИКАТСИОНӢ

*Абдуллоева М.И.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Дар таъминоти таълимӣ-методии раванди таълими мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои электронии таҳсилот аҳаммияти бештар пайдо карда истодаанд. Ба шарофати пешниҳоди иттилооти таълимӣ ва интерактивӣ, захираҳои электронии таҳсилот ҷузъи муҳимми таъминоти таълимӣ-методии раванди таълими муассисаҳои навъу сатҳашон гуногун шудаанд.

Ба масъалаи мазкур дар Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 апрели соли 2008 таҳти № 451 қабул шудааст, эътибори махсус дода, қайд шудааст, ки вазифаи муҳимми бунёди ҷомеаи иттилоотӣ фароҳам овардани муҳити иттилоотӣ-таҳсилотӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ба раванди таълим ворид кардани низомҳои нави таълиму омодасозии мутахассисони оянда ба фаъолият дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мебошад [5].

Бо назардошти нишонаҳои асосии ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон барои идомаи таҳқиқоти худ самтҳои асосии технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсиониро (ТИТ) муайян мекунем, ки мутахассиси имрӯза бояд сарфаҳм равад:

Барои ташаккули инфрасохтори телекоммуникатсионӣ: хусусиятҳои тарҳрезӣ ва амалкарди шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва компютерӣ (онҳоро бо мафҳуми умумӣ - шабакаҳои иттилоотӣ ифода мекунем): навъҳои шабакаҳои иттилоотӣ; таъминоти дастгоҳии шабакаҳо; топологияи шабакаҳо; таъминоти барномавии шабакаҳо; принсипҳои интиқоли маълумот тавассути шабакаҳо; воситаҳои телекоммуникатсионии интиқоли маълумот; технологияи интиқоли маълумот дар шабакаҳои ҷаҳонӣ; шабакаи ҷаҳонии иттилоотӣ, навъҳои сервисҳо; - суроғагузорӣ ва протоколҳои интернет; навъҳои назорат бо провайдер, пардохти хизматрасониҳо ва меъёрҳои интихоби провайдер; хусусусиятҳои кор бо хадамоти гуногуни интернет; кор бо технологияҳои интернетӣ.

Барои ташаккули инфрасохтори замимаҳои ёрирасон: принсипҳои таҳияи замимаҳои шабакавии ёрирасон.

Барои ташаккули инфрасохтори захираҳои иттилоотӣ: низомҳои воситавии барномасозӣ: навъҳои захираҳои иттилоотии Интернет; - технологияҳои таҳияи захираҳои иттилоотӣ; - хусусиятҳои ҷойгиркунии захираҳои иттилоотӣ дар шабакаи Интернет.

Самтҳои асосии зикршудаи технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсиониро ҳамчунин технологияҳои шабакавӣ меноманд (ҳамчун мафҳуме, ки соҳаи шабакавиро инъикос мекунад) [6], яъне онҳо ё ба дастгирии худи шабакаи иттилоотӣ, ё ба таъмини кори шабакавии замимаҳо ва ҳуҷҷатҳо нигаронида шудаанд. Навъҳои корҳоеро, ки бо иҷрои амалиёти шабакавӣ алоқаманданд, «*кор бо истифодаи технологияҳои шабакавӣ*» меномем.

Соҳае, ки дар он мутахассисони технологияҳои шабакавӣ кор карда, амалиёти шабакавиро иҷро мекунанд (аз доираи самтҳои асосии технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ), *соҳаи шабакавии фаъолият* меномем.

Бо назардошти самтҳои муайяншудаи ТИТ талаботи касбиро ба мутахассисони технологияҳои шабакавӣ ошкор мекунем, ки бояд онҳо ҷиҳати иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои дар Барномаи давлатии ташаккули инфрасохтори миллӣ гузошташуда мувофиқ бошанд (ҷадвали 1).

Навъҳои фаъолияти соҳаи шабакавӣ гуногунанд, онҳо асоси мундариҷавии меҳнати мутахассисро ташкил мекунанд, ки тавассути он вазифаҳои касбии ӯ татбиқ мешаванд, яъне онҳо ба уҳдадориҳои касбии мутахассисони технологияҳои шабакавӣ маҳдудияти муайянро мегузоранд.

**Ҷадвали 1. Талабот ба мутахассисони технологияҳои шабакавӣ дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ**

| Вазифаҳо оид ба ташаккули инфрасохтори миллии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Талабот ба омодагии касбии мутахассисони технологияҳои шабакавӣ |
|---|---|
| *Вазифаи ташаккули инфрасохтори коммуникатсионӣ* | Донистани хусусиятҳои тарҳрезӣ ва амалкарди шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва компютерӣ, бо онҳо самаранок кор кардан |
| *Вазифаи ташаккули инфрасохтори замимаҳои ёрирасон* | Донистани принсипҳои сохтани замимаҳои шабакавии ёрирасон |
| *Вазифаи ташаккули инфрасохтори захираҳои иттилоотӣ* | Донистани навъҳо ва хусусиятҳои захираҳои иттилоотии интернет, фарогирии методҳои ҷустуҷӯйи самараноки иттилоот<br>Донистани технологияи таҳияи захираҳои иттилоотӣ ва маҳорати коркарди онҳо бо ёрии таъминоти барномавии махсус.<br>Донистани хусусиятҳои ҷойгиркунии захираҳои иттилоотӣ дар шабакаи Интернет. |

Омӯзиш ва таҳлили уҳдадориҳои вазифавӣ нишон дод, ки ҳама гуна тахассуси корманди соҳаи шабакавӣ донишҳои ҳаматарафаи махсус, малакаву маҳоратро дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, шабакавӣ ва Интернет-технологияҳо тақозо мекунад: воситаҳои техникӣ, таъминоти барномавӣ ва иттилоотӣ. Барои ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои касбӣ мутахассисони соҳаи шабакавии фаъолият бояд соҳиби донишҳои бунёдии иттилоотӣ ва махсус бошанд, амалиёти шабакавиро иҷро карда тавонанд ва барои иҷрои фаъолият дар соҳаи шабакавӣ қобилият дошта бошанд.

Мафҳуми «фаъолият»-ро барои ошкор намудани нишонаҳои соҳаи шабакавии фаъолият баррасӣ менамоем. Дар намуди умумитарин фаъолият ҳамчун шакли инсонии муносибати фаъолона ба олам тафсир мешавад, ки мундариҷаи онро дигаргунсозии мақсадноки он ташкил медиҳад. Фаъолият ҳамчун категорияи ҷамъиятӣ-таърихӣ фаъолнокии субъект, нақши эҷодӣ-тағйирдиҳандаи ӯро нисбат ба падидаҳо ва худаш пешбинӣ менамояд, ки дар доираи онҳо татбиқ гардида, инкишоф меёбад.

«Фаъолият - шакли зоҳиршавии ҳаёти инсон, муносибати фаъолонаи ӯ ба воқеияти атроф аст» [7]. Фаъолият ба маънои иҷтимоӣ - раванди мақсадноки тағйирдиҳии воқеият, офаридани арзишҳои моддӣ ва маънавӣ мебошад. Ба маънои психологӣ фаъолият раванди асосноки истифодаи ин ё он воситаҳо (беруна ва дохилӣ) барои ноилшавӣ ба мақсад аст. Таълифоти психологии Л.С.Виготский [3] оид ба вобастагии равандҳои руҳӣ ба шароити фаъолият, мисли мақсад, ангеза, эҳтиёҷ, шавқу рағбатҳо заминаи тарҳрезии назарияи фаъолиятро фароҳам оварданд.

Дидгоҳи асосӣ ба фаҳмиши шахсият ҳамчун асосе, ки дар он тамоми равандҳои руҳӣ, хосияту ҳолатҳои онҳо ҳамгиро мешаванд, аз ҷониби С.Л.Рубинштейн коркард шудааст. Имрӯз он бо унвони дидгоҳи шахсиятӣ (субъектӣ)-фаъолиятӣ маъруф аст. Дар он принсипи субъект ва принсипи ягонагии шууру фаъолият татбиқ мегардад, яъне психикаи инсон дар фаъолият ташаккул ёфта, зоҳир мешавад. Ҳангоми баррасии масъалаҳои таълим қайд гардидааст, ки «мақсади асосии таълим аз омодасозӣ ба фаъолияти ояндаи мустақилонаи меҳнатӣ иборат буда, навъи ба худ хосси истеҳсолшудаи фаъолият мебошад» [10].

А.Н.Леонтев принсипи шахсиятӣ-фаъолиятиро дар қаринаи омӯзиши ягонагии психика ва фаъолият инкишоф додааст [7]. Баррасии тафаккур на танҳо ҳамчун фаъолияти субъект аз тарафи мақсадҳо, ангезаҳо, амалҳои ӯ, балки ҳамчун ягонагии равандҳои маърифатии таҳлил, синтез ва ҷамъбаст, ки бо ёрии онҳо инсон масъалаҳои гуногунро ҳал мекунад, дар таълим муҳимманд.

Таҳқиқоти минбаъда исбот карданд, ки сифатҳои инфиродии субъект ба самаранокии фаъолият ва муваффақияти азхудкунии он таъсир мерасонанд

(В.Д.Шадриков) [13]. Тамоми сифатҳои инсон, шавқу рағбат, эҳтиёҷот, мақсаду қобилияти ӯ дар навъҳои гуногуни фаъолият зоҳир мешаванд, ки ҳамеша «шахсияти зиндаи инсон» иҷро мекунад [13, с.42], аз тарафи дигар бошад, «он чизе, ки дар фаъолият вуҷуд надорад, дар шуури инсон вуҷуд дошта наметавонад» [13,с.50]. Психологҳо исбот кардаанд, ки ҳама гуна фаъолиятро ангезиш тавассути ирода ба пеш равона мегарданд. Ин барои инкишофи минбаъдаи дидгоҳи шахсиятӣ хизмат мекунанд.

Ш.А. Амонашвили чунин мепиндошт, ки «шахсиятро, дар маҷмуъ, низоми эҳтиёҷот, ангезиш, мақсадҳо, самтгириҳо, ақидаҳои ӯ таъин мекунанд. Ин константаҳо шахсияти томро дар ҳама гуна соҳаи фаъолият ифода карда метавонанд» [1,с.12]. Танҳо дар ҳолати самтгирии фаъолонаи ангезишӣ ба мақсадҳои фаъолият ноил шудан мумкин аст. Ангезиши устувор (шавқмандӣ) ба фаъолият натиҷабахшии онро таъмин мекунад. Бинобар ин, ангезиши мусбати мутахассис барои иҷрои навъҳои кор шарти ҳатмии фаъолияти касбӣ ба шумор меравад. Ба ғайр аз ин, танҳо дар сурати соҳиб будан ба сатҳи муайяни инкишофи донишҳо, маҳорату малакаҳои махсус, инсон метавонад фаъолияти касбиро амалӣ намояд.

Бо такя ба муқаррароти асосии дидгоҳи фаъолиятӣ (С.Л. Виготский, А.Н.Леонтев) [3;7], дар он бобат, ки хусусиятҳои фаъолият бо мундариҷаи мақсад, предмете, ки ба он нигаронида шудааст, шароит, воситаю роҳҳои бо ёрии онҳо амалишаванда таъин мегардад, ҷиҳатҳои соҳаи шабакавии фаъолиятро муайян мекунем. *Мақсадҳои навъҳои фаъолияти шабакавӣ* - ташкил, таъмин ва дастгирии амалкарди шабакаҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, ҳамчунин бунёди захираҳои иттилоотӣ мебошанд.

*Предмети фаъолияти шабакавӣ* бевосита таҷҳизоти техникии шабакаҳои иттиллотӣ (компютерҳо, таҷҳизоти шабакавии таъиноташон гуногун); таъминоти барномавии шабакавие, ки барои таъмини кори дурусти таҷҳизоти техникӣ (низомҳои шабакавии амалиётӣ, драйверҳо ва ғ.); таъминоти барномавӣ барои бунёди захираҳои иттилоотӣ (забонҳои барномасозӣ, забони таҳияи гиперматн, Web - муҳаррирон ва ғ.) мебошанд.

*Воситаҳои фаъолияти шабакавӣ*, яъне тарзу роҳҳои кор бо технологияҳои шабакавӣ гуногун ва мураккабанд:

- хизматрасонии техникӣ: аз тарҳрезӣ ва бунёди шабакаи маҳаллӣ бо истифодаи адаптерҳои шабакавӣ, симҳои ноқилии шабакавӣ дар асоси топологияи интихобшуда; созгор намудани шабака мувофиқи талаботи муайян; дар ташкили дастрасии телекоммуникатсионӣ дар сатҳи дастгоҳӣ - интихоб ва пайвасткунии модем; дар густариши шабакаи маҳаллӣ бо ёрии таҷҳизоти техникии иловагӣ ва ғ.;
- хизматрасонии барномавӣ: ҷойгир ва созгор намудани таъминоти шабакавии барномавӣ, ташкили функсионалии шабакаи маҳаллӣ; пайвасткунии протоколҳо ва барномаҳо барои ташкили таъсироти мутақобилаи шабакавӣ, ташкили дастрасии телекоммуникатсионӣ дар сатҳи барномавӣ ва ғ.;
- хизматрасонии иттилоотӣ: ташкили ҳифзи захираҳои иттилоотии шабака; ташкил ва кор бо захираҳои интернет; бунёди захираҳо ва ҷойгиркунии онҳо дар интернет ва ғ.

Қобилияти мутахассис барои иҷрои фаъолияти муайян *омодагӣ ба фаъолият* номида мешавад. Чунончи, М.И. Дяченко, Л.А. Кандибович [4] омодагиро ҳамчун ташкилаи мураккаби психологӣ таъриф кардаанд, ки аз ҷанбаҳои зерин иборат аст: а) муносибати мусбат ба касб, ангезаҳои устувори фаъолият; б) сифатҳои хислат, қобилияте, ки ба талаботи фаъолияти касбӣ мувофиқанд; в) донишҳо, маҳорату малакаҳои зарурӣ; г) хусусиятҳои барои касб муҳимми идрок, хотира, диққат ва ғ.

Ҳолати психологии омодагӣ - «созгор», амалисозӣ ва мутобиқгардонии имконияти шахсият барои амалҳои бомуваффақият дар лаҳзаи муайян аст. Пайдоиш ва ташаккули ҳолати омодагӣ бо фаҳмиши вазифаҳои касбӣ, дарки масъулият, хоҳиши ба комёбӣ ноил гардидан ва ғайра таъин мегардад.

Инак, дар психология омодагӣ ҳамчун ҳолати махсус, самтгирии шахсият барои анҷом додани фаъолияти муайян фаҳмида мешавад.

В.А.Сластенин [11] ба мундариҷаи омодагӣ як қатор сифатҳои ахлоқӣ-психологии шахсият, қобилият, маҳорату малакаҳоеро ворид кардааст, ки барои инсон дар фаъолият заруранд. Доираи васеи муҳаққиқон ба консепсияи Н.Д.Хмел [12] такя карда, омодагиро

ба фаъолияти касбӣ ҳамчун маҷмуи ҷузъҳои ангезавӣ, мундариҷавӣ ва протсессуалӣ муайян кардаанд. Дар асоси ин таҳқиқот омодагии мутахассисонро ба технологияҳои шабакавӣ ҳамчун маҷмуи ҷузъҳои таркибии зерин пешниҳод метавон кард: - донишҳои касбӣ; маҳорату малакаҳои касбӣ; сифатҳои шахсият. Унсурҳои муайяншудаи омодагии мутахассисонро оид ба технологияҳои шабакавӣ баррасӣ мекунем.

*Донишҳои касбӣ оид ба технологияҳои шабакавӣ* принсипҳои амалкарди таҷҳизоти техникии шабакавиро барои шабакаҳои маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ, таъминоти шабакавиро барои шабакаҳои маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин равандҳои иттилоотиро инъикос мекунанд. Зимнан донишҳои бунёдии таъминоти техникӣ, барномавии компютер шарти ҳатмӣ мебошанд, зеро техникаи компютерӣ асоси шабакаҳои иттилоотиро ташкил дода, созгор кардани шабакаҳо тавассути компютер ва таъминоти онро амалӣ мегардонад.

*Маҳорату малакакҳои касбиро* маҳорати иҷрои корҳои зерин таъин мекунанд: амалиёти техникӣ оид ба бунёд, монтажи шабака, пайвасткунии таҷҳизоти шабакавии он ва дастгоҳҳои дастрасии телекоммуникатсионӣ; амалиёт оид ба хизматрасонӣ ва маъмурии шабакаҳо бо ёрии барномаҳои махсус; амалиёти коркарди иттилоот ва хизматрасонии равандҳои иттилоотии интиқол ва мубодила тавассути шабака.

*Сифатҳои шахсии барои касб муҳимми* мутахассисон оид ба технологияҳои шабакавӣ. Зери сифатҳои барои касб муҳим қобилиятҳои субъект фаҳмида мешаванд, ки ба раванди фаъолият ҳамроҳ буда, ба самаранокии иҷрои он аз ҷиҳати маҳсулнокӣ, сифат ва боэътимодӣ таъсир мерасонанд. Онҳо имконияти инсонро дар фаъолияти касбӣ, коршоямии ӯро таъин мекунанд.

Мувофиқи хулосаҳои баъзе олимон [3;4;7], сифатҳои барои касб муҳимми мутахассисон аз хислатҳои муайяни шахсият ба вуҷуд меоянд, ки дар раванди фарогирии таҳсилоти махсус зимни мавҷудияти қобилият ташаккул меёбанд. Қобилият - хусусиятҳои инфиродии шахсият мебошад, ки барои амалисозии бомуваффақияти навъи муайяни фаъолият шарти субъективӣ ба шумор меравад. Дар бораи қобилият аз рӯйи фаъолият баҳо медиҳанд. Ба ғайр аз ин, қобилият на танҳо дар фаъолият зоҳир мешавад, балки ба вуҷуд меоянд. Инкишофи қобилият ба фаъолият бидуни майлу рағбат сурат гирифта наметавонанд, майлу рағбат бошад, ногузир ба инкишофи қобилият оварда мерасонад. Майлу рағбати инсон ба фаъолият дар алоқамандӣ бо чунин хусусиятҳои инфиродӣ барангехта мешавад, ки ба туфайли онҳо инсон мундариҷаи хосси фаъолиятро амиқтару пурратар инъикос карда метавонад. Вобаста ба ин, майлу рағбати пайдошуда маҳз ба ҳамин мундариҷаи асосӣ эҳтиёҷ ба шумор меравад.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳлили уҳдадориҳои вазифавии мутахассисони соҳаи шабакавии фаъолият сифати барои касб муҳимми мутахассиси мазкур омодагии доимии ӯ барои такмили донишҳои касбӣ ва маҳорати худ мебошад, ки ба натиҷаи фаъолият - кор бо технологияҳои шабакавӣ таъсири мусбат мерасонад. Аммо мувофиқи хулосаи М.И. Дяченко, Л.А. Кандибович [4], мавҷудияти мустақилияти баланди маърифатӣ бидуни муносибати мусбат ба касб ғайриимкон аст, ҳамчунин ангезаҳои устувор ба фаъолияти муайян заруранд. Бинобар ин, чунин сифатҳои мутахассисони соҳаи шабакавии фаъолиятро барои касб муҳим мешуморем: муносибати мусбат ба касб; мустақилияти маърифатӣ дар соҳаи технологияҳои шабакавӣ.

Таҳлили хусусиятҳои психологию педагогии фаъолияти касбӣ имкон дод, ки чунин нишонаҳои омодагии мутахассисон ба фаъолияти шабакавӣ ошкор карда шаванд:

а) техникӣ - дар донишу маҳорати татбиқи воситаҳои техникӣ барои ташкили шабакаи маҳаллӣ, густариши шабака, ташкили дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ ва таъсироти шабакавӣ зоҳир мегардад;

б) барномавӣ - дар донишу маҳорати пайвасткунии низомҳои шабакавии амалкардӣ, маҳсулоти гуногуни барномавӣ барои созгор намудани кори шабакаҳо, хадамоти таъсироти мутақобилаи шабакавӣ; донишу маҳорати истифодаи барномаҳои таҳияи Web-ҳуҷҷатҳо зоҳир мешавад;

в) иттилоотӣ - дар донишу маҳорати ҳалли муаммоҳои маъмурӣ ба шабака, кор бо захираҳои иттилоотии шабакаи маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ (интернет); донистани технологияи таҳияи Web- ҳуҷҷатҳо зоҳир мешавад;

г) аломати шахсиятӣ - дар муносибати мусбат ба касб, мустақилияти маърифатӣ дар соҳаи технологияҳои шабакавӣ зоҳир мегардад.

Ҳамин тавр, фаъолияти касбии мутахассисони соҳаи шабакавӣ маҷмуи мураккаби маҳорату малакаҳои техникӣ, барномавӣ ва иттилоотӣ мебошад, ки ба донишҳои пайваста навшавандаи илмӣ оид ба технологияҳои шабакавӣ такя мекунанд. Ин ба сифатҳои барои касб муҳимми шахсияти мутахассисон ва омодагии онҳо ба фаъолияти касбӣ талаботи баландро пеш мегузорад. Имрӯз эҳтиёҷот ба мутахассисони соҳаи шабакавии фаъолият баланд боқӣ мемонад. Ба соҳаи шабакавии фаъолият аз ҷиҳати махсусият хатмкунандагони ихтисосҳои иттилоотӣ бештар наздиканд. Ба ихтисосҳои иттилоотӣ чунин ихтисосҳое мансубанд, ки бо коркард, интиқол, дигаргун намудани тамоми навъҳои фаъолият; бо равандҳои иттилоотӣ ва технологияҳо алоқамандaнд. Ба ақидаи мо, онҳо бо баъзе навъҳои фаъолияти соҳаи шабакавӣ машғул шуда метавонанд.

Дар таҳқиқот мо пурра нуқтаи назари В.В.Наумовро дастгирӣ мекунем, ки ба ақидаи ӯ, хатмкунандаи ҳама гуна ихтисос бояд бо технологияҳои шабакавӣ кор карда тавонад, зеро «шахси ҷавон ба ҳаёт омода, аз ҷиҳати функсионалӣ босавод эътироф намегардад, агар бо барномаҳои ёрирасон ва шабакаҳои компютерии ҷаҳонӣ кор карда натавонад» [9]. Ба ғайр аз ин, хатмкунандаи ихтисосҳои иттилоотӣ ба ақидаи мо, бояд на танҳо истифодабаранда, балки шахси кордон оид ба технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ бошад.

Ҳамин тавр, мо чунин мешуморем, ки донишҷӯёни ҳама гуна ихтисосҳо бояд технологияҳои шабакавиро на танҳо барои фаъолияти касбии оянда, балки барои раванди мукаммали таълим аз худ намоянд. Тамоми донишҷӯён, бидуни истисно, бояд дар шабакаҳои иттилоотӣ, ҳам ҷаҳонӣ, ҳам маҳаллӣ кор карда тавонанд. Аммо онҳо истифодабаранда, яъне одамоне хоҳанд буд, ки захираҳои мавҷудаи шабакаҳоро барои мақсадҳои худ истифода мебаранд. Хатмкунандагони ихтисосҳои иттилоотӣ бошанд, на танҳо истифодабаранда, балки мутахассисоне буда метавонанд, ки тарҳрезӣ ва хизматрасонии шабакаҳои иттилоотиро амалӣ карда, захираҳои худро ба вуҷуд меоранд, ки дар шабакаи ҷаҳонӣ ҷойгир карда мешаванд. Бинобар ин, донишҷӯёни ихтисосҳои иттилоотӣ, ки дорои сатҳи мувофиқи омодагӣ барои кор бо технологияҳои шабакавӣ мебошанд, дар соҳаи шабакавии фаъолият кор карда метавонанд.

Қобилияти касбӣ мисли дигар сифатҳои барои касб муҳимми шахсият дар раванди фарогирии донишҳо, маҳорат, малакаҳо инкишоф меёбанд. Ташаккули қобилият ва ноилшавӣ ба сатҳи зарурии онҳо, пеш аз ҳама, ба мувофиқати воситаҳои таълимӣ-методӣ ба талаботи касбӣ, психологӣ ва дидактикӣ вобаста мебошад. Ин нукта хулосаеро тасдиқ мекунад, ки омодагӣ ба фаъолият зери таъсири таълими махсус ва таҷрибаи хусусӣ ташаккул меёбад. Барои муайян кардани моҳияти омодагии донишҷӯёни ихтисосҳои иттилоотӣ барои кор бо технологияҳои шабакавӣ маҷмуи нишонаҳоеро, ки омодагиро барои кор дар соҳаи шабакавии фаъолият зоҳир мекунанд, чун робитаи мутақобилаи ҷузъҳои мундариҷавӣ, протсессуалӣ ва шахсиятии навъи омодагии таҳқиқшаванда баррасӣ мекунем. Ин имкон дод, ки таърифи омодагии таҳқиқшаванда ифода карда шавад: *омодагии донишҷӯёни ихтисосҳои иттилоотӣ барои кор бо технологияҳои шабакавӣ* - сифати барои касб муҳимми мутахассиси оянда, ки дар мувофиқати сифатҳои шахсият, маҳорату малакаҳои зарурӣ зоҳир мегардад, ки ба донишҳои махсуси соҳаи шабакавӣ асос ёфтаанд.

Барои ошкор намудани вазъи омодагии донишҷӯёни ихтисосҳои иттилоотӣ ба татбиқи технологияҳои шабакавӣ омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳои таълимии меъёрӣ анҷом дода шуд, ки мундариҷаи омодагии онҳоро танзим мекунанд. Донишҷӯёни ихтисосҳои иттилоотӣ тахассусмандона иҷро кардани тамоми маҷмуи корҳоеро бояд омӯзанд, ки бо қабул, коркард, интиқол, дигаргунсозии тамоми навъҳои иттилоот, таҳияи маҳсулоти барномавии навъу таъиноташон гуногун алоқаманданд.

**Муқарриз: Тошзода С. – н.и.п., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Амонашвили Ш.А. Личностно-гуманная основа педагогического процесса / Ш.А. Амонашвили. - М., 1990. -560с. (Б-ка сер. "Университет - школе").

2. Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2017 аз 3 июли соли 2014. - № 428.
3. Выготский Л.С. Педагогическая психология / Л.С. Выготский. Под ред. В.В. Давыдова. -М., 1991. -480с.
4. Дьяченко М.И. Психологические проблемы готовности к деятельности / М.И.Дьяченко, Л.А. Кандыбович. - Минск, 1976. -175с.
5. Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2008, № 451. - Душанбе: Матбуот, 2008.
6. Косарев В.П. Компьютерные системы сети: Учеб, пособие / В.П. Косарев [и др.]. Под ред. В.П. Косарева и Л.В. Еремина. М., 1999. -464с.
7. Леонтьев А.Н. Деятельность. Сознание. Личность. М., 1977, -304с.
8. Мирзоев А.Р. Подготовка студентов вузов Таджикистана к использованию информационно-коммуникационных технологий (научная монография) / А.Р. Мирзоев. - Душанбе, изд. ИПС, 2019. - 234 с. - ISBN 978-99975-913-2-6.
9. Наумов В.В. Разработка программных педагогических средств / В.В. Наумов // Информатика и образование, 1999. - №3. -С.36-40.
10. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии / С.Л. Рубинштейн. - Спб., 1999. -720с.
11. Сластенин В.А. Профессиональная готовность учителя к воспитательной работе: содержание, структура, функционирование / Профессиональная подготовка учителя в системе высшего педагогического образования. Межвуз. сб. науч. ст. / В.А. Сластенин. Под ред. В.А. Сластенина. –М., 1982. -С.14-28.
12. Хмель Н.Д. Теоретические основы профессиональной подготовки учителя / Н.Д. Хмель. - Алматы, 1998. - 320с.
13. Шадриков В.Д. Деятельность и способности / В.Д. Шадриков. - М., 1994. -315с.

## ОИДИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ОМОДАСОЗИИ ДОНИШҶӮЁН БА ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ ДАР ҶАМЪИЯТИ МУОСИРИ ИТТИЛООТӢ-ТЕЛЕКОММУНИКАТСИОНӢ

Дар мақола баъзе масъалаҳои омодасозии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ дар ҷамъияти муосири иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ баррасӣ гардидаанд. Қайд шудааст, ки ба шарофати пешниҳоди иттилооти таълимӣ ва интерактивнокӣ, захираҳои электронии таҳсилот ҷузъи муҳимми таъминоти таълимӣ-методии раванди таълими муассисаҳои навъу сатҳашон гуногун шудаанд. Дар мақола бо назардошти нишонаҳои асосии ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар Тоҷикистон самтҳои асосии технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ (ТИТ) муайян карда шудаанд, ки мутахассиси имрӯза бояд ба умқи он сарфаҳм равад. Хулоса карда шудааст, ки донишҷӯёни ихтисосҳои иттилоотӣ тахассусмандона иҷро кардани тамоми маҷмуи корҳоеро бояд омӯзанд, ки бо қабул, коркард, интиқол, дигаргунсозии тамоми навъҳои иттилоот, таҳияи маҳсулоти барномавии навъу таъиноташон гуногун алоқаманданд.

**Калидвожаҳо**: омодасозии донишҷӯён, фаъолияти касбӣ, ҷамъияти муосири иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, технологияҳои шабакавӣ, раванди таълим, мутахассис, қобилият, шахсият, сифатҳои шахсӣ.

## О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ПОДГОТОВКИ СТУДЕНТОВ К ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СОВРЕМЕННОМ ИНФОРМАЦИОННО-ТЕЛЕКОММУНИКАЦИОННОМ ОБЩЕСТВЕ

В статье рассматриваются некоторые вопросы подготовки студентов к профессиональной деятельности в современном информационно-телекоммуникационном обществе. Отмечается, что благодаря предоставлению образовательной информации и интерактивности электронные ресурсы образования стали важным компонентом учебно-методического обеспечения процесса обучения учреждений разного типа и уровня. В статье с учетом основных признаков формирования информационного общества в Таджикистане определены основные направления информационно-телекоммуникационных технологий (ИТТ), содержание которых должны быть изучены современными специалистами. Сделан вывод о том, что студенты, специализирующиеся по информатике, должны научиться выполнять весь набор работ, связанных с принятием, обработкой, транспортировкой, преобразованием всех видов информации, разработкой программных продуктов различных видов и назначений.

**Ключевые слова:** подготовка студентов, профессиональная деятельность, современное информационно-телекоммуникационное общество, сетевые технологии, учебный процесс, специалист, способности, личность, личные качества.

## ON SOME ISSUES OF PREPARING STUDENTS FOR PROFESSIONAL ACTIVITY IN THE MODERN INFORMATION AND TELECOMMUNICATIONS SOCIETY

The article discusses some issues of preparing students for professional activity in the modern information and telecommunications society. It is noted that thanks to the provision of educational information and interactivity, electronic educational resources have become an important component of the educational and methodological support of the learning process of institutions of various types and levels. Taking into account the main features of the formation of the information society in Tajikistan, the article identifies the main directions of information and telecommunication technologies (ITT), the content of which should be studied by modern specialists. It is concluded that students specializing in computer science should learn to perform the entire set of work related to the acceptance, processing, transportation, transformation of all types of information, development of software products of various types and purposes.

**Keywords**: student training, professional activity, modern information and telecommunication society, network technologies, educational process, specialist, abilities, personality, personal qualities

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдуллоева Машҳура Иброҳимовна-*** Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, муаллим, кафедраи математика ва технологияи муосир. **Суроға**:735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail. **Mashxyra94@mail.ru** Телефон: **+992 926600854**

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоева Машхура Ибрагимовна*** **–** Педагогический колледж Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова», преподаватель кафедра математики и современной технологии. **Адрес**:: 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова 1. -mail. **Mashxyra94@mail.ru** Телефон: **+992 926600854**

**Information about author:** ***Abdulloeva Mashkhura Ibragimovna*** - Pedagogical College of the Khujand State University named after Academician B. Gafurov, teacher , Department of Mathematics and Modern Technology**. Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov Ave. 1. E-mail. **Mashxyra94@mail.ru** Phone: **+992 926600854**

ТДУ:372.8 (575.3)

# МУАММОИ ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ ИНСОНГАРОЁНАИ ҶАВОНОН ДАР КОНСЕПСИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ

*Расулова А.С.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Педагогикаи инсонгароёна таълимро ҳамчун раванде баррасӣ мекунад, ки дар маркази он шахсияти хонанда қарор дорад. Эътирофи арзишмандии шахсият, ҳуқуқи ӯ ба инкишоф ва зоҳир кардани қобилияти инфиродӣ, фароҳам овардани шароит барои худтатбиқшавии эҷодии ӯ дидгоҳи умумиро ба таълими инсонгароёна таъин менамояд.

Самтгирӣ ба инкишофи хонанда ҳамчун шахсият, фардият, ҳамчун субъекти фаъоли фаъолият стратегияи мувофиқи фаъолияти омӯзгорро пешбинӣ менамояд, ки барои амалисозии неруҳои эҷодии хонанда дар таъсироти мутақобил бо хонандагони дигар ва дар ниҳояти кор барои тарбияи «инсони инсонгаро» шароит фароҳам меорад. Чунин самтгирӣ заминаи ғояеро ташкил медиҳад, ки одамон табиатан озод ва нек мебошанд, хонандагон, пеш аз ҳама, одаманд (на ин ки дорандагони нақши иҷтимоӣ) ва таъсироти мутақобил бо онҳо танҳо ҳамон вақт созанда мегардад, ки ба омӯзгор барпо кардани муносибатҳои байнишахсӣ (на ин ки расмӣ) муяссар мешавад [7]. Мақсади таълими ба инсонгароӣ нигаронида аз ҷумла, ташаккули муносибатҳои инсонгароёна байни одамон мебошад.

Дар «Луғат оид ба педагогикаи иҷтимоӣ» мафҳуми «позитсия» (аз лот. position - мавқеъ, ҳолат) ҳамчун низоми муносибатҳои устувори инсон ба тарафҳои муайяни воқеият, ки дар рафтору кирдори дахлдор зоҳир мегардад, муайян шудааст [12,с.211].

Мафҳуми «мавқеи иҷтимоӣ» чунин тафсир шудааст: 1) мавқеи фард ё гурӯҳ дар низоми муносибатҳо дар ҷомеа, ки аз рӯйи як қатор аломатҳои хос муайян шуда, тарзи рафторро танзим менамояд; 2) ақидаҳо, тасаввурот, самтгириҳо ва мавқеъҳои шахсият нисбат ба шароити фаъолияти ҳаётии худ, ки аз ҷониби ӯ дар гурӯҳҳои рефрентӣ амалӣ ва ҳимоя карда мешаванд [9, с. 441].

Фалсафа ва психология мавқеи шахсиятро ҳамчун ташкилаи том, сифати ҳамгирои шахсият маънидод кардаанд, ки воситаҳои пайвастшавии ӯро ба фаъолияти ҳаётии худаш ва ҷомеа таъин мекунанд.

Мафҳуми «мавқеъ» аз ҷониби олимони гуногун тафсир шудааст: ҳамчун шарти зоҳир гардидани шахсият (И.С. Кон, В.И. Селиванов ва диг.); ҳамчун ҷузъи устуворе, ки ба ташкилаҳои сохтории шахсият мансуб аст (В.Н.Мясишев, Н.А. Дивитовская ва диг.); ҳамчун тавсифи тамоми тарзи ҳаёти инсон (А.И.Григорева).

Мавқеи шахсият чунин унсурҳоро дар бар мегирад:

- когнитивӣ -донишҳо чун маҷмуи аз ҷониби инсон азхудшудаи дастовардҳои фарҳангии инсоният;
- ҷаҳоншиносона - ақидаҳо ва идеалҳои шахсият;
- психологӣ - сифатҳои равонии шахсият, ки муассирии ақидаҳоро таъмин менамояд;
- эмотсионалӣ - ҳамчун муассиршавӣ амалиёту кирдорҳо.

Бо назардошти нуктаҳои зикршуда мундариҷаи «мавқеи шахсият» муайян карда шуд: ин тавсифи ҳамгирошуда, динамикии шахсият, ки самтгирии ӯ ва муносибати ӯро ба падидаҳои воқеият, сотсиум, одамон ва худаш инъикос менамояд.

Мавқеи ҳаётии шахсият ба вазъияти иҷтимоӣ, рушди шахсӣ ва сифатҳои асосии ӯ вобаста мебошад, ки дар раванди иҷтимоишавӣ шакл гирифтаанд [4]. Мавқеъ дар раванди иҷтимоишавии шахсият тариқи гузаштан аз марҳалаҳои зерин ташаккул ёфта, дигаргун мешавад:

1. Андӯхтани доираи васеи донишҳо, ки ба ташаккули олами маънавии шахсият мусоидат мекунанд.

2. Ташаккул ва устуворшавии ақидаҳо, фарогирии қонунҳои асосии ҳастии ҷамъиятӣ ва дарки мавқеи худ дар воқеияти атроф, ки дар заминаи онҳо хатти устувори рафтор ҳосил мешавад.

3. Гузориши мақсади фаъолияти ҳаётии худ, ташаккули мазмуни ҳаёт [4].

А.Н.Леонтев мавқеъро ҳамчун раванди фаъолияти мустақилонаи шахсият [8].

Як қатор олимон мавқеи шахсиятро бо низоми устувори муносибатҳои инсон ба зуҳуроти гуногуни воқеияти атроф, ба одамон ва худаш алоқаманд кардаанд.

Инсонгароӣ, чунонки Н.А.Бердяев қайд кардааст, муносибати томи инсоният ба инсон ва ҳаёт, на танҳо ба олами инсонӣ, балки ба олами ҳайвонот аст. Инсонгароӣ ошкор гардидани камолоти фитрати инсон, яъне ошкор шудани фитрати эҷодии инсон аст. Ин фитрати эҷодӣ худро бояд дар муносибати инсонгароёнаи инсон ба инсони дигар зоҳир намояд [2].

Ғояи гуманизатсияи таҳсилот ҳамчун вокуниш ба педагогикаи авторитарии пештара, ба тарзи технократии тафаккур, ба бешахсият, холӣ аз маънавият ва зоҳирӣ гардидани таълим, бошиддат инкишоф ёфт. Инсонгароёна намудани таҳсилот дидгоҳи беҳаракату бешахсиятро нисбат ба инсон инстисно менамояд. Инсонгароӣ - самтест, ки бо ҷустуҷӯйи роҳҳои муайн ва гуногуни ҳалли масъалаҳои зикршуда алоқаманд мебошад.

К.Роҷерс [11] ду типи таълимро муайян кардааст: иттилоотӣ, ки донистани одии фактҳоро таъмин менамояд ва муҳим, ки ба таълимгирандагон донишҳои муассири барои худтағйирдиҳӣ ва худинкишоф зарурро медиҳад. Таълиме, ки ба инсон барои шахсият гардидан ёрӣ мерасонад, таълими ба шахсият нигаронида ба шумор меравад. Ба ақидаи К.Роҷерс, барои худинкишофдиҳии инсон чунин ҷиҳатҳо муҳимманд: таҷрибаи фард, ба худ хос будани ӯ, конгруэнтнокӣ, тамоюл ба камолот ва худтатбиқшавӣ. Зимнан манбаъ ва неруҳои ҳаракатдиҳанда дар худи инсон нуҳуфтаанд. Карл Роҷерс шартҳоеро муайян кардааст, ки барои камолоти шахсият заруранд: пур будани мундариҷаи муошират бо муаммоҳои ҳаётии таълимгирандагон; воқеӣ будани шахсияти омӯзгор, яъне конгруэнтнокӣ; муносибати некбинонаи омӯзгор ба хонанда, пазируфтани ӯ; имконияти интихоб ва ҳалли алтернативии муаммо аз ҷониби таълимгиранда; аз ҷониби омӯзгор бунёд кардани иқлими психологие, ки ба майли худтатбиқшавии хонандагон мусоидат менамояд.

Мувофиқи таълимоти К.Роҷерс:

- таҳсилоти муосир ба арзишҳои умумиинсоние такя мекунад, ки бо арзишҳои мушаххаси ҷомеаҳои гуногуни этнофарҳангӣ мувофиқ гардонида шудааст;
- мақсади таҳсилот ташаккули шахсияти худтатбиқшаванда мебошад;
- инкишофи шахсият ба таври том, дар ягонагии хирад ва эҳсос, руҳ ва тан сурат мегирад;
- тамоми ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла, ҳуқуқи ӯ ба интихоби озодонаи мундариҷаву шакл, режимҳои таҳсилот зери ҳимояти он қарор доранд;
- таҳсилот тавассути фаъолияти худи хонанда амалӣ мегардад;
- кори гурӯҳӣ дар мактаб бо кори инфиродӣ мувофиқ гардонида шудааст, зимнан ба инкишофи сабки фардии фаъолияти кӯдак махсус диққат дода мешавад;
- таҳсилот ҳамчун фаъолияти шахсият ба ангезаи ботинии таълим, ҳамчунин муошироти мукаммали омӯзгор ва хонандагон асос меёбад, зимнан иштироки мактаббачагон дар муколамаи баробарҳуқуқ мавриди эҳтиром ва ҳавасмандкунӣ қарор дорад;
- таҳсилот дар вазъияти ғамхорӣ, диққат, ҳамкорӣ, на ин ки дар вазъияти роҳбарии зоҳирӣ, бештар бомуваффақият амалӣ мегардад [11].

Дар маркази таваҷҷуҳи педагогикаи инсонгароёна шахсияти томи нотакрор қарор дорад, ки ба татбиқи ҳаддалимкони имконияти худ кӯшиш дошта, барои дарки таҷрибаи нав кушода аст ва барои интихоб дар вазъияти гуногуни ҳаётӣ қобилият дорад.

Таҳқиқоти файласуфон М.М. Бахтин, Н.А. Бердяев, В.С. Библер, Н.О. Лосский, В.С. Соловев, психологҳо А.А. Бодалев, Л.С. Виготский, В.В. Давидов, инчунин А. Маслоу, Ж. Пиаже, К. Роҷерс, Э. Фромм, М. Хайдеггер, К.Ясперс ва дигарон асоси тафсири мафҳуми «мавқеи инсонгароёна»-ро ташкил доданд. Ғояҳое, ки чунин асосро фароҳам овардаанд:

- нотакрор будани инсон;
- озодӣ ва масъулияти инсон;

• таъсироти мутақобилаи «кушода» бо одамони дигар.

Муроҷиат ба мавқеи инсонгароёна ошкор намудани моҳияти инсонгароиро тақозо менамояд.

Инсонгароӣ (гуманизм) - рӯйоварӣ ба инсон, яъне барои инсон, бо назардошти манфиати ӯ ва хайрхоҳӣ нисбат ба ӯ ташаккул ёфтааст. Зери мафҳуми инсонгароӣ низоми ақидаҳое фаҳмида мешавад, ки мувофиқи рушди ҷомеа ва фарҳанги он таърихан тағйир ёфта, арзишмандии ҳар як инсонро эътироф менамояд ва ба он нигаронида шудааст, ки аз ҷониби ҷомеа ин арзишмандӣ ҳамчун омили воқеӣ ва мақсади асосии рушди ҷомеаи мазкур эътироф гардад.

Яке аз арзишҳои асосии инсонгароӣ инсондӯстӣ, эҳтиром ба инсон, одамият мебошад. Аз ҷониби шахсият пазируфтани ин арзиш, табдил додани он ба сифати шахсият дар раванди инсонгароёна намудани тамоми ҳаёт сурат мегирад.

Инсонгароӣ ҳамчун «тақвияти мабдаъҳои инсонгароӣ дар ҷомеа, устуворшавии арзишҳои умумиинсонӣ» маънидод шудааст [9,с.105]. Ба омӯзгори оянда тарҳрезии фаъолият тавассути созгор намудани он бо арзишҳои инсонгароӣ зарур аст. Масъалаҳои инсонгароёна намудани таҳсилот вобаста ба андозаи алоқамандиашон бо тамоми маҷмуи хусусиятҳои марҳалаи муосири рушди ҷомеа маъно пайдо мекунанд. Таҳлили марҳалаи имрӯзаи ҷомеа бошад, зарурати ивазкунии парадигмаи таҳсилот, бознигарии моҳияти мақсадҳо ва таъиноти фаъолияти педагогиро ошкор кардааст. То он вақте, ки ин фаҳмиш дар таҳсилот дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашавад, «инсонгароёна намудани таҳсилот» ҳамчун маъракаи навбатӣ арзиш хоҳад дошт.

Инсонгароӣ мабдаи тавонои фарҳангӣ-эҷодиро таҷассум намуда, худогоҳӣ ва худинкишофёбии ҷомеаро таъмин менамояд; ба соҳибмаълумот гардидани инсоне мусоидат мекунад, ки бояд аз ҷиҳати ахлоқӣ ва маънавӣ бештар мутаносиб гардад; ба худошкорсозии инсон тавассути таҳрику ангезиши фаъолияти ӯ дар дигаргунсозии олами атроф ва худаш ёрӣ мерасонад.

Дар мавқеи инсонгароёна муносибатҳои гуногун ба инсон, ба ҷомеа, ба арзишҳои маънавӣ, ба фаъолият ифода меёбанд, ки мундариҷаи моҳияти инсонгароёнаи шахсиятро ташкил медиҳанд. Инсонгароӣ на танҳо сифати алоҳидаи шахсият аст, он хислати ҳамгирошудаест, ки маҷмуи сифатҳои ӯро дар бар гирифта, муносибати инсонро ба инсон ифода менамояд.

Мавқеи инсонгароёна - низоми муносибатҳоест, ки ба дарк намудану тағйир додани воқеияти педагогӣ ва баҳодиҳии он аз рӯйи меъёрҳои инсонгароӣ имкон медиҳад.

Бо муаммои инсонгароёна намудани таҳсилот мактабҳои илмӣ-педагогии В.П. Бездухов, Е.В. Бондаревская, В.В. Сериков ва дигарон машғуланд. Дар таълифоти онҳо консепсияи тарбияи инсонгароёна ва парадигмаи таълими шахсиятро рушддиҳанда асоснок гардидааст, ки заминаи онҳоро бозандешидани асосҳои арзишии таҳсилот ташкил медиҳанд. Арзишҳои асосии таҳсилоти инсонгароёна чунинанд:

- инсон ҳамчун субъекти фарҳанг, ҳаёт ва инкишофи инфиродии худ;
- таҳсилот ҳамчун муҳити фарҳангии рушддиҳанда, ки шахсиятро парвариш карда, зиндагии ӯро бо мазмунҳои фарҳангӣ пур менамояд;
- эҷод ва муколама ҳамчун воситаҳои мавҷудият ва худинкишофдиҳии инсон дар фазои фарҳангӣ-таҳсилотӣ [1, с.137].

Мавқеи инсонгароёна маҳз дар ҳамин фазои ғояҳо ҷойгир шудааст. Мувофиқи консепсияи Е.В. Бондаревская, принсипҳои асосииислоҳоти таҳсилоти педагогӣ инҳо бояд бошанд: рӯйоварӣ ба арзишҳои умумиинсонӣ, ба фарҳанги педагогӣ, ба бачагон, мактаб, ба фардият, иқтидори эҷодии донишҷӯ [3].

Рӯйоварӣ ба арзишҳои инсонгароёна маънои онро дорад, ки ба донишҷӯ ҳамчун субъекти озоду мустақили омодагии касбӣ муносибат карда мешавад.

Барои ташаккули мавқеи инсонгароёнаи омӯзгори оянда асоси илмиро назарияи шахсият фароҳам овардааст. Дар илми ватанӣ ва хориҷӣ якчанд дидгоҳи омӯзиши шахсият вуҷуд доранд ва аз байни онҳо барои таҳқиқоти мо ақидаҳои И.Х.Каримова, К.А. Абулханова-Славская, А.Н.Леонтев, В.В. Мясишев, С.Л. Рубинштейн муҳиманд, ки шахсиятро ҳамчун субъекти фаъолият баррасӣ мекунанд.

Дар илмҳои ҷамъиятӣ шахсият ҳамчун сифати махсуси инсон баррасӣ мешавад, ки ӯ дар муҳити муайяни иҷтимоию фарҳангӣ, дар раванди фаъолияти якҷоя ва муошират аз худ мекунад. Шахсият дар раванди фаъолият зери таъсири омилҳои муайян: ирсият, муҳити тарбия ва фаъолнокии худи шахсият инкишоф меёбад.

Одамон дар интихоби шароити объективии ҳаёти худ озод нестанд, балки дар интихоби воситаҳои ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошта озоданд, ки ба самтгириҳои арзишии шахсияти мазкур вобастаанд. Ба ақидаи А.В.Кирякова, болоравии шахсият ба сӯйи арзишҳои ҷомеа дар самти додашуда танҳо зимни шароити муайян сермаҳсул инкишоф ёфта метавонад, ки дар байни онҳо мавқеи субъектии шахсият аҳаммият бештар дорад. Мувофиқи консепсияи А.В.Кирякова, инсон муносибати арзиширо ба олам дар заминаи фазои густаришёбандаи ҳаётӣ, доираи муошират, баромадан ба соҳаи васеътари қаринаи иҷтимоии фаъолияти ҳаётӣ иваз мекунад. Раванди муқарраркунии арзишҳо номуназзам ё мақсаднок амалӣ гардида метавонад. Вазифаи педагогҳо аз фароҳам овардани шароит барои ташаккули арзишҳои барои шахсият ва ҷомеаи, некбинона, яъне арзишҳои инсонгароёна иборат аст. Мавқеи ҳар як шахсро самтгириҳои арзишии ӯ таъин мекунанд [6].

Аҳаммияти самгириҳои арзиширо дар ташаккули мавқеи инсонгароёна, самтгирии инсонгароёнаи омӯзгор, муҳаққиқон В.П. Бездухов, В.И. Гусаров, О.К. Позднякова таъкид кардаанд. Чунончи В.П. Бездухов қайд намудааст: «арзишҳо тарҳи соҳаи ангезавӣ (ангезаҳо), маъноӣ (ташкилаҳои маъноӣ) ва мавқеии (самтгириҳои арзишӣ) низоми педагогро муайян карда, фаъолияти касбӣ ва муошırати ӯро танзим ва ҳидоят мекунанд, ки мақсади он ташаккули муносибати эмотсионалӣ-арзишии мактаббачагон ба олам, ба одамон, ба худ аст...» [1,с.14]. Арзишҳои инсонгароёнаи омӯзгор (одамият, адолат, масъулият ва ғ.) дар муносибатҳои «субъект-субъектӣ», дар фаъолияти педагогӣ татбиқ гардида, дар хонандагон эҳтиёҷро ба инсонгароӣ, боадолатӣ, масъулиятшиносӣ инкишоф медиҳанд.

Мавқеи шахсият хусусиятҳои ӯро ҳамчун субъекти муносибатҳо ифода менамояд. Дар ин бобат муҳаққиқон И.И. Дивитовская, Т.М. Малковская ва дигарон ибрози андеша намудаанд.

Категорияи «муносибат» ду хел тафсир шуда, яке аз онҳо бо мавқеъ алоқаманд аст: ҳамчун робитаи объективии инсон ва предмет; ҳамчун мавқеи субъективӣ нисбат ба предметҳо, ашё, падидаҳо, як шахсият ба дигараш [4,с.6].

Ба инкишофи таълимот дар бораи муносибатҳо Б.Г. Ананев, В.Н. Мясишев ва Л.Г.Ковалев саҳми назаррас гузоштаанд. Онҳо қайд кардаанд, ки тамоми муносибатҳо бо ҳамдигар робитаи мутақобил дошта, низоми муносибатҳои инсонро ташкил медиҳанд, ки хусусияти фарққунандаи онҳо чунин аст: кадом ҷиҳатҳои муносибатҳо вобаста ба таҷрибаи таърихии шахс дар мадди аввал қарор мегиранд. Таҳқиқи шахсият маъмулан ба омӯзиши низоми муносибатҳои инсон нигаронида шудааст.

Ҷузъҳои муносибат инҳоянд: субъекте, ки эҳтиёҷро ҳис мекунад; объекти эҳтиёҷ; робита байни субъект ва объект, ки дар тамоюли ӯ ба объект ва кӯшиши фарогирии он зоҳир мешавад.

Моҳияти шахсиятро маҷмуи муносибатҳои ӯ ташкил медиҳад (В.Н.Мясишев).

Эҳтиёҷ доштани одамон ба муошират асоси муносибатҳои онҳоро ташкил медиҳад. Аммо эҳтиёҷ на дар алоҳидагӣ, балки дар мувофиқат бо эмотсияҳо, шавқу рағбат, ақидаҳо, баҳодиҳӣ вуҷуд дорад (Б.И. Додонов, В.Н. Мясишев, П.П. Симонов).

Таҳқиқи муносибатҳои шахсиятро ҳамчун ифодаи мавқеи ӯ К.А. Абулханова-Славская, Б. Г. Ананев, Н.А. Дивитовская, В.Н. Мясишев амалӣ кардаанд. Таълифоте, ки ба сифати нишондиҳандаҳои мавқеи шахсият самтгириҳои арзишӣ, шавқу рағбат, идеалҳо, нақшаҳои ҳаётӣ - шаклҳои гуногуни самтгирии шахсиятро муқаррар кардаанд, аз ҷониби А.Г.Асмолов, А.Г Ковалев, А.И.Шербаков, В.А.Ядов анҷом дода шуданд.

Дар консепсияҳои гуногун ин хусусияти шахсият ба таври гуногун ифода гардидааст: тамоюли динамикӣ (С.Л.Рубинштейн); ангезаи низомофаранда (А.Н.Леонтев); муносибати ҳукмфармо (В.Н.Мясишев); самтгирии асосии ҳаётӣ (Б.Г.Ананев); ташкили динамикии неруҳои фитрии инсон (А.С.Прангишвили); самтгириҳои арзишӣ (А.В.

Кирякова) ва ғ. Дар психология мафҳуми «самтгирӣ» аз ҷониби С.Л.Рубинштейн баррасӣ шуда, ҳамчун низоми эҳтиёҷот, шавқу рағбат ва идеалҳои шахсият муайян гардидааст. Ба ин масъала таҳқиқоти Л.И. Божович, Н. В. Кузмина, А.Н. Леонтев, В.Н. Мясишев ва дигарон бахшида шудаанд. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки самтгирӣ - сифати пешбари шахсият буда, дар он мазмуни фаъолият ва рафтори шахсият марказонида мешавад; самтгирии шахсият - сохтори динамикиест, ки мавриди тағйирот, такмил қарор дода мешавад.

Байни сифатҳое, мисли самтгирӣ ва мавқеи шахсиятӣ ҳамбастагӣ вуҷуд дорад. Ин ду категория шахсият, фаъолият ва муносибатҳои ӯро муайян мекунанд.

Мактаби олӣ барои сифати омодагии касбӣ, масъул аст, ки мундариҷаи асосии онро бояд фарҳанги педагогии ватанӣ ва ҷаҳонӣ ташкил диҳад.

Фарҳанги педагогӣ ҳамчун низоми динамикии арзишҳои умумиинсонии педагогӣ, воситаҳои эҷодии фаъолияти педагогӣ ва дастовардҳои шахсии одамоне баррасӣ мешавад, ки бо таълиму тарбия машғуланд. Вазифаи ташаккули касбӣ ва шахсиятии омӯзгори оянда ҳамчун мутахассиси босалоҳият ва инсони бофарҳанг аз он иборат аст, ки донишҷӯро ба олами арзишҳои педагогӣ ворид карда, дар шаклгирии фарҳангии пойгоҳии шахсият ёрӣ расонад. «Инсон, агар ӯ шахси калонсоли воқеан ташаккулёфта бошад, самтгириҳои субъектии худ, мақсадҳо, арзишҳо ва муносибати худро намоиш намедиҳад, маҷбуран бор намекунад, балки дар нақши миёнрави байни худ ва инсони дигар, ҷаҳон, фарҳанг қарор мегирад» [10.с.8].

Дар адабиёти педагогӣ мавқеи омӯзгор дар қаринаи мавқеи педагогии ӯ баррасӣ гардида (И.Х.Каримова, В.Г.Вершловский, Т.Г.Галактионова, Ф.М. Гоноболин, Е.К. Дворянкина, Ю.Н. Кулюткин, Л.М. Митина, Г.С. Сухобская ва диг.), чунин тафсир шудааст:

- фарҳанги маънавии педагог (Л.П.Тряпитсина);
- фарҳанги ахлоқӣ (Ш.А. Амонашвили, Т.К. Ахаян);
- фарҳанги касбӣ (А.В. Барабаншиков, И.Ф. Исаев);
- фарҳанги гуманитарӣ (И.Х.Каримова);
- маҳорати педагогӣ (Ю.П.Азаров, Н.В.Кузмина);
- сабки омӯзгор (В.А.Кан-Калик);
- шуури педагогӣ (И.Я.Лернер, В.Л.Сластенин);
- фарҳанги фаъолияти педагогӣ (Л.Б.Соколова) ва ғ.

Агар мавқеи педагогӣ ҳамчун тавсифи шахсиятӣ-касбии ҳамгирошудае баррасӣ гардад, ки низоми томи муносибатҳои педагогро ба худ, ба одамони дигар, ба фаъолияти педагогӣ таъин менамояд, ҷузъҳои таркибии онро муайян кардан мумкин аст, ки дар байни онҳо самтгирӣ, тамоюл ба арзишҳо ва мақсадҳои роҳнамои педагог ҷой доранд.

Мавқеи педагогиро таҳлил намуда, муҳаққиқон ба сифати ҷузъҳои таркибии он ҳамчунин муносибатҳои омӯзгор ва самтгирии шахсияти ӯро муқаррар кардаанд.

**Муқарриз: Шаропов Ш.А. – д.и.п., профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Бездухов, В.П. Гуманистическая направленность учителя / В. П. Бездухов. -М - во общ. и проф. образования РФ, Сам. гос. пед. ун - т, Рос. акад. Образования. - С. - Петерб. ин - т образования взрослых. - СПб.; Самара : Изд-во СамГПУ, 1997. - 171 с.
2. Бердяев, Н.А. Человек и машина / Н. А. Бердяев // Вопр. философии. - 1989. - N2. - С.147 - 162.
3. Бондаревская, Е.В. Гуманистическая парадигма личностно ориентированного образования / Е. В. Бондаревская // Педагогика. - 1994.
4. Дивитовская, Н.А. Позиция личности: автореф. дис....канд. филос. наук / Дивитовская Н.А. - Л., 1971. - 16 с.
5. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикской школы: дисс. … доктора пед. наук/ И.Х. Каримова. - Душанбе, 2000. – 385 с.
6. Кирьякова, А.В. Теория ориентации личности в мире ценностей: (Монография) / А.В. Кирьякова. - Оренбург: Б. и. - 1996. - 188 с.
7. Кулюткин Ю.Н. Ценностно - смысловые ориентации современного образования: проблемные очерки / Ю.Н.Кулюткин. - СПб.: СпецЛит, 2002. -96 с.
8. Леонтьев, А.Н. Избранные психологические произведения. В 2 т. Т.2. / А. Н. Леонтьев. Под ред. В. В. Давыдова и др. - М.: Педагогика, 1983. - 318с.

9. Педагогика: Большая современная энциклопедия. Сост. Е. С. Рапацевич. - Минск: Современное слово, 2005. - 720 с.
10. Педагогический словарь: в 2 т. / [гл. ред И. А. Каиров]. - М.: Изд - во Акад. пед. наук, 1960.
11. Роджерс, К. Взгляд на психотерапию. Становление человека / К. Роджерс; пер.с англ. М. М. Исениной. Общ. ред. и предисл. Е. И. Исениной. - М.: Прогресс: Униворс, 1994. - 480с.
12. Словарь по социальной педагогике: учеб пособие. авт. - сост. Л. В. Мардахаев. - М.: Академия, 2002. - 363 с.

## МУАММОИ ТАШАККУЛИ МАВҚЕИ ИНСОНГАРОЁНАИ ҶАВОНОН ДАР КОНСЕПСИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ

Дар мақола масъалаҳои ташаккули мавқеи инсонгароёнаи ҷавонон дар консепсияҳои педагогӣ баррасӣ гардидаанд. Қайд шудааст, ки педагогикаи инсонгароёна таълимро ҳамчун раванде баррасӣ мекунад, ки дар маркази он шахсияти хонанда қарор дорад. Эътирофи арзишмандии шахсият, ҳуқуқи ӯ ба инкишоф ва зоҳир кардани қобилияти инфиродӣ, фароҳам овардани шароит барои худтатбиқшавии эҷодии ӯ дидгоҳи умумиро ба таълими инсонгароёна таъин менамояд. Инсонгароӣ муносибати томи инсоният ба инсон ва ҳаёт, на танҳо ба олами инсонӣ, балки ба олами ҳайвонот аст. Инсонгароӣ ошкор гардидани камолоти фитрати инсон, яъне ошкор шудани фитрати эҷодии инсон аст. Ин фитрати эҷодӣ худро бояд дар муносибати инсонгароёнаи инсон ба инсони дигар зоҳир намояд. Хулоса шудааст, ки гуманизатсияи таҳсилот дидгоҳи беҳаракату бешахсиятро нисбат ба инсон инстисно менамояд. Инсонгароӣ самтест, ки бо ҷустуҷӯйи роҳҳои муайян ва гуногуни ҳалли масъалаҳои зикршуда алоқаманд мебошад.

**Калидвожаҳо:** ташаккули мавқеи инсонгароёна, консепсияи педагогӣ, ҷавонон, таълим, тарбия, раванди таҳсилот, шахсият, таълими касбӣ, омӯзгор.

## ПРОБЛЕМА ФОРМИРОВАНИЯ ГУМАНИСТИЧЕСКОЙ ПОЗИЦИИ МОЛОДЕЖИ В ПЕДАГОГИЧЕСКИХ КОНЦЕПЦИЯХ

В статье рассматриваются вопросы формирования гуманистической позиции молодежи в педагогических концепциях. Отмечено, что гуманистическая педагогика рассматривает образование как процесс, в центре которого находится личность учащегося. Признание ценности личности, ее права на развитие и проявление индивидуальной способности, создание условий для ее творческой самореализации возлагают общее видение на гуманное образование. Гуманизм-это целостный подход человечества к человеку и жизни, не только к человеческому миру, но и к животному миру. Гуманизм-это раскрытие зрелости человеческой натуры, то есть выявление творческой натуры человека. Эта творческая сущность должна проявлять себя в человеческом отношении к другому человеку. Делается вывод, что гуманизация образования требует более объективного и безличного взгляда на человека. Гуманизм-это направление, связанное с поиском известных и различных путей решения указанных вопросов.

**Ключевые слова:** формирование гуманистической позиции, педагогическая концепции, молодежь, образование, воспитание, процесс обучения, личность, профессиональное образование, учитель

## THE PROBLEM OF FORMATION OF THE HUMANISTIC POSITION OF YOUTH IN PEDAGOGICAL CONCEPTS

The article deals with the formation of the humanistic position of youth in pedagogical concepts. It is noted that humanistic pedagogy considers education as a process in the center of which is the personality of the student. Recognition of the value of the individual, his right to development and manifestation of individual ability, creation of conditions for his creative self-realization place a common vision on humane education. Humanism is a holistic approach of humanity to man and life, not only to the human world, but also to the animal world. Humanism is the disclosure of the maturity of human nature, that is, the identification of a person's creative nature. This creative essence must manifest itself in a human relationship to another person. It is concluded that the humanization of education requires a more objective and impersonal view of a person. Humanism is a direction associated with the search for known and various ways to solve these issues.

**Keywords**: formation of a humanistic position, pedagogical concepts, youth, education, upbringing, learning process, personality, professional education, teacher

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Расулова Азизахон Солиҷоновна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, унвонҷуй, кафедраи умумидонишгоҳии педагогика. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1. Телефон:.**92-7794054**. E-mail: **rasulovaaziza79@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Расулова Азизахон Солиджоновна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, соискатель, общеуниверситетская кафедра педагогики. **Адрес**: 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова, 1.Телефон:.**92-7794054**. E-mail: **rasulovaaziza79@mail.ru**

**Information about the author:** ***Rasulova Azizakhon Solidzhonovna*** – Khujand State University named after Academician B. Gafurov, candidate of the university-wide, Department of Pedagogy **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova passage 1.. Phone: **92-7794054**. E-mail: **rasulovaaziza79@mail.ru**

ТДУ:372.800.4 (575.3)

# АСОСҲОИ ИЛМӢ–ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

*Гулрӯи С.Ҷ*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Таълими фанни таърихи халқи тоҷик ҷараёни муташаккилона, мақсаднок, мунтазам ва нақшавии фаъолияти якҷояи муаллиму хонандагон буда, хонандагон дар рафти он бо дониш, маҳорат, малака, худомӯзӣ, худмаълумотгирӣ ва тасаввуроти илмӣ муссалаҳ мегарданд, дар натиҷа дар онҳо шуурнокии сиёсӣ, фаъолияти иҷтимоӣ, худшиносии шахсию миллӣ ташаккул меёбад.

Ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик он далелҳо ва маълумотеро дар бар мегирад, ки дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон асоси устувор гузошта метавонанд.

Дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик ахбор аҳаммияти бевоситаи тарбиявӣ дошта, чунин омилро, ба мисли рефлексҳои роҳбарикунанда ё худ пешбарандаро дар намуди ҳавас, кунҷкобӣ, шавқу мароқ дар бар мегирад, ки ин ҳам барои ташаккули худшиносии миллии хонандагон хеле зарур ва аҳаммиятнок мебошад.

Таълими фанни таърихи халқи тоҷик ҷараёни худмуайянкунӣ, худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ дар низоми умумии худшиносии миллӣ мебошад. Дарк кардану донистани ҳақиқати таърихӣ дар ҳар як зинаи ҳаёти ҷамъиятӣ, он чизҳои наверо медиҳад, ки ба рушди ташаккули шахсии хонандагон аз ҷиҳати маънавию сиёсӣ ёрӣ расонда, қувваи руҳии онҳоро дар худмаълумотгирию худтарбиякунӣ мустаҳкаму устувор мегардонад [15, с.230].

Ҷараёни таълим ба ҷараёни дарккунӣ, баёдоварии ахбор, фаҳмидану донистан, аз худ кардан, ба система даровардан, аз нав кор кардан, қиёс кардан, ҷустуҷӯю дастрас намудани далелҳо, фаҳмидану дар хотир нигоҳ доштани донишҳо, тағйир ёфтани рафтор ва ба беҳтар намудани мутобиқшавии олами атроф оварда мерасонад. Ҳамаи ин ҷиҳатҳо дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик амалӣ карда мешаванд, ки дар маҷмуъ барои ташаккули худшиносии миллии хонандагон заминаи устувор мегузоранд.

Ҳамин тавр, ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик на танҳо маҷмуи донишҳоест, ки хонандагон барои баҳо гирифтан аз худ менамоянд, балки ҷараёни ташаккули характер, ирода, тафаккур, шуур, ҷаҳонбинии илмӣ ва сифатҳои ахлоқӣ мебошад.

Ягонагии мақсад ва вазифаҳои маълумотдиҳӣ, тарбиядиҳандагӣ ва тараққидиҳандагӣ бояд ба ҷараёни корҳои беруназдарсии таълими фанни таърихи халқи тоҷик алоқаманд бошад, то ин ки дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон низоми ягонаи шуур, ҷаҳонбинии илмӣ, дониш ва маҳорату малакаҳо барои ҳалли масъалаи мазкур имконияти таҳқиқро фароҳам оварад.

Дар таҳқиқот чунин нишондодҳои педагогии ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ба асос гирифта шуданд:

1. Мазмуни вазифаҳои маълумотдиҳӣ, тарбиятдиҳӣ ва рушддиҳандаро дар ҳар як дарси таълими фанни таърихи халқи тоҷикро тасдиқ намоянд.
2. Нақш ва манзалати таълими фанни таърихи халқи тоҷикро дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон ба таври мушаххас муайян намоянд.
3. Аз бобҳо ва мавзуъҳои барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии таълими фанни таърихи халқи тоҷик барои ташаккул додани ҳисси худшиносии миллии хонандагон, омӯзгорон бояд далелҳо ё маводҳоеро интихоб намоянд, ки дар ҳалли масъалаи мазкур нақши сазовор гузошта тавонад.
4. Хусусиятҳои давраҳои таърихии халқи тоҷик ба ҳисоб гирифта шаванд, зеро мумкин аст, ки ин хусусиятҳо ба ташаккули худшиносии миллии хонандагон ба тарзҳои гуногун таъсир расонанд ва ғайра [2, с. 75].

Таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон аз рӯйи принсипи ҳамгироӣ гузаронида мешавад.

Бо мақсади самаранок ба роҳ мондан дар синфҳои 5–8 бобҳо ё мавзуъҳое интихоб карда шуданд, ки аз ҷониби муаллимон баён кардани мазмуни онҳо дар ҳалли масъалаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик таъсири мусбат расонида метавонанд.

Масалан, хонандагон мавзуи «Давлати Каёниён ё Сулолаи таърихии Каёниён»–ро омӯхта, пеш аз ҳама, ба мафҳуми «давлат», муттаҳидӣ бар зидди душманон, кӣ будани ориёиҳои муқимӣ, шинос мешаванд. Дар шахсияти Рустам бошад, шахси таърихиеро мебинанд, ки дорои сифатҳои баланди мардонагию далерӣ, миллатдӯст ва ватандӯсти асил мебошад [3, с. 480].

Мисоли сулҳномаи шоҳи Тӯрониён Афросиёб, ки барои муттаҳид гардонидани ориёиҳо пешниҳод карда шуда буд «Тӯрониён ва ориёиҳо ҳама як нажоданд ва авлод ҳастем, дубора ба ҷангҳои бародаркӯшӣ даст намезанем» дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон нақши созгор бозид.

Дар намунаи мисоли овардашуда хонандагон дар бораи зарурати муттаҳидии халқ, сулҳу ваҳдат тасаввуроти зарурӣ пайдо карда, дарк менамояд, ки ҳанӯз дар замонҳои қадим низ дар руҳияи аҷдодони гузаштаи мо худшиносии миллӣ вуҷуд доштааст. Донистани ин ҷиҳатҳо барои ташаккули худшиносии миллии хонандагон хеле аҳаммиятнок мебошад.

Азхудкунии низоми донишҳои илмӣ барои ташаккули худшиносии миллӣ хеле заруранд. Ин низоми донишҳо барои зина ба зина пеш рафтани ҳисси ташаккули худшиносии миллии хонандагон асос мегузоранд.

Дар бораи «Авесто» донишҳои мукаммали илмӣ гирифтан низ дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон нақши муҳим мебозад. Бо назардошти ин ҷиҳатҳо, дар синфҳои панҷуми озмоишӣ дар бораи «Авесто» санҷиш гузаронида шуд, ки дар натиҷа ҳам хулосаҳои ҷамъбастӣ бароварда шуд ва ҳам хонандагон дар бораи «Авесто» маълумотҳои зуруриро аз худ намуданд.

Хонандагон дарк намуданд, ки «Авесто» асари қадимаи илмию эҷодии мардуми тоҷик буда, дар он масъалаҳои фолклорӣ, географӣ, астрономӣ, биологӣ, ботаникӣ, табиатшиносӣ, ахлоқӣ, тиб, фалсафӣ, адабиёт, таърих, таълиму тарбия ва ғайра пурра баён гардидаанд, ки он ифтихори ҳар як насли ояндасози миллати тоҷик аст. Аниқтараш ифтихор аз он бояд дошт, ки ҳеҷ миллат дар ҷаҳон ба мисли «Авесто» чунин асари қадимаи таърихӣ надорад. Мо бояд ҳамеша аз панду андарзҳои дар «Авесто» инъикосгардида бохабар бошем, донем, ки маънавиёти миллати мо аз таълимоти маънавии он «гуфтори нек», «рафтори нек» ва «пиндори нек» ибтидо гирифтааст [12, с.558].

Дар ҷамъбаст хонандагонро бовар кунонидан лозим аст, ки «Авесто» сарчашмаи қадимаи таърихӣ, манбаи тавонои маълумотдиҳӣ дар бораи гузаштаи халқи тоҷик мебошад. Дарк карданашон лозим аст, ки худшиносии миллии онҳо ва мардуми тоҷик аз донистану қадр кардани «Авесто» сарчашма мегирад.

Кӣ будани Зардушт ва таълимоту ислоҳоти ӯ ба ташаккули худшиносии миллии хонандагон бевосита ёрӣ мерасонад. Дар ҷараёни дарс муаллимон диққати хонандагонро ба дуруст дарк кардани масъалаҳои зерин ҷалб намуданд:

–донистани ислоҳоти ҳанӯз дар асрҳои VIII–VII пеш аз мелод, аз ҷумла ситоиши некӣ, сарзаниши бадӣ, дуруғгӯйӣ, бухл, рашк, бадгӯйӣ, ғайбат, фиребу найранг ва ғайра;

–таълимот дар бораи «гуфтори нек, кирдори нек ва пиндори нек», ки асоси маънавиёти инсон аст ва дар байни ориёинажодҳо паҳн гардидани он,

–бар зидди ғоратгарони кӯчманчӣ баромадан, мардумро ба зиндагии муқимӣ ва хоҷагидорӣ даъват намудан, алайҳи ҳукмронии беадолатона баромад намудан, таблиғи ғояҳои адолатпарварӣ ва некию накукорӣ, аз хирадмандии аҷдодон ифтихор кардан ва ғайра.

Зардушт дар Готҳо тарғибкунандаи ободонӣ ва ривоҷ додани кишту кор мебошад. Ӯ дини худро дини ростӣ номида, мардумро ба худошиносии оқилонаю хирадмандона ва интихоби озодона даъват намудааст.

Хонандагон аз мавзуи баррасишуда бояд донанд, ки дини зардуштия ва ислоҳоти гузаронидаи Зардушт ба манфиати одамон буда, ба пешравии ҷомеа нигаронида шудааст, вале баъзе ашхос аз сабаби камхирадӣ ва надонистани таълимоти Зардушт, зардуштиёнро оташпараст эълон карда, онҳоро зери маломат мегирифтанд. Чунин рафтор нисбат ба таъриху фарҳанг ва ҳисси худшиносии гузаштагони миллати тоҷик нобахшиданист, зеро дини Зардушт дар давоми қариб ёздаҳ аср, дар таърихи давлатдорӣ, фарҳангдорӣ, инкишофи маънавиёт, тарбияю ташаккули наслҳои гузаштаамон нақши муҳим бозидааст.

Таҳқиқот собит намуд, ки хонандагон ҳангоми омӯхтани мавзуъҳои «Ҳахоманишиён» дар бораи аввалин империяи ҷаҳонӣ, ки онро Куруши Кабир ташкил карда буд, маълумоти зарурӣ гирифта, Курушро ҳамчун шахси инсондӯст, толибилм, пурҳикмат, ростқавл, ҳақиқатталаб, адолатпараст, ки тарафдори фарҳанги бузурги миллат буд, дарёфтанд.

Хонандагон дарк намуданд, ки ҳатто Арастуи хирадманд ба империяи Куруши Кабир бо ифтихор баҳои арзанда дода, қайд намудааст: Дар замони шоҳигарии Куруши Кабир ориёиҳо озод буданд, яъне як қатор ислоҳотҳо, аз ҷумла, дар империяи Ҳахоманишиён истиқомат доштани зиёда аз 70–халқиятҳои гуногунзабон, империяро ба 20 ё 30 вилоят ҷудо карда, муайян намудани вазифаҳои маъмурӣ ва ҳарбӣ, ба муомилот баровардани ислоҳоти пулию молӣ ва сикка задани тангаҳои тиллоӣ, нуқрагӣ, мисӣ, шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани кушодашавии роҳи бузурги Абрешим ва дигарҳо ба миён омад, ки ин мояи ифтихори ҳар як насли навраси эронинажод мебошад.

Низоми донишҳои азхудкардашудаи хонандагон оид ба бузургии империяи Ҳахоманишиён дар ташаккул ёфтани худшиносии миллии онҳо асоси илмии устувор гузошт.

Мавзуъҳои «Ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ба Осиёи Ғарбӣ» ва «Муборизаи Спитамен бо Искандар дар кӯҳистони Суғду Бохтар» ба хонандагон (қатл кардани ҳазор нафар муҳофизатгарони яке аз қалъаҳо, дар кӯҳ чормех кардани 30–нафар сарварони муҳофизатчиён, несту нобуд кардани шаҳру деҳоти атрофи Суғд ва ба қатл расонидани 120 ҳазор ориёиҳои Суғд, ҳилаю найранги Искандар, хонадор кардани духтарони Суғду Бохтар бо сарлашкарон, худро ворисї тахти Ҳахоманишиён эълон кардани Искандар) донишҳои мукаммалу асосноки дарки худшиносии миллӣ нисбат ба гузаштагони худ медиҳад.

Муаллимон ҳангоми гузаронидани дарсҳо синну соли хонандагонро ба инобат гирифта, бо методҳои суҳбат ва ҳикоя тавсияҳои додаи моро дар сатҳи баланд иҷро намуданд. Дар натиҷа мақсади гузошташуда оид ба масъалаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ҳаллу фасли худро ёфт.

Таҷриба нишон дод, ки аз худ намудани далелҳои номбаргардида ба ташаккули чунин лаҳзаҳои худшиносии миллӣ асос гузоштанд:

a) дар мисоли рафтори ваҳшиёнаю ғоратгаронаи Искандар ва сарлашкарони ӯ дар хонандагон ҳисси нафрат доштан ба душманони беруна пайдо мешавад;

b) дар мисоли муҳофизатчиёни шаҳру деҳот бошад, хонандагон шахсони сулҳҷӯ, нотарсу далер ва ватандӯстро мебинанд, ки рафтору амали онҳо намунаи ибрат ва воситаи ташаккули худшиносии миллӣ аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки чунин тарзи хулосабарорӣ, таъсири омӯзиши маводи таълимиро дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон боло мебардорад.

Инчунин, донишҳо дар бораи корнамоиҳои қаҳрамононаи Спитамен дар мубориза бар зидди лашкари македониҳо, аз ҷумла дар биёбон шикаст додани душман, торумор кардани македониҳо дар Суғду Бохтар, дар Боғ ба ҷанг даромадани Спитамен бо дастааш, ба муҳосира афтидани қӯшуни ориёиҳо, бар зидди душман мардонавор ҷангидани онҳо ва аз дасти зархариде ба қатл расонидани Спитамен дар ташаккули худшиносии миллии

хонандагон нақши муҳим мебозад, зеро хонандагон дар раванди омӯзиш хусусиятҳои қадимаи озодихоҳию мардонагӣ ва ватандӯстии аҷдоди гузаштаро дарк менамоянд.

Мавзуи «Империяи Кӯшониён» диққати хонандагонро ба худ бештар ҷалб намуд. Империяи Кӯшониён барои он диққати хонандагонро ба худ ҷалб намудааст, ки он дар асри III–и пеш аз мелод ташкил ёфта, 400–сол давом кардааст.

Хонандагон аз муҳтавои ин мавзуъ доир ба чорабиниҳои давлатӣ, иқтисодӣ, ба таври расмӣ эълон гардидани забони давлатӣ забони бохтарию ориёӣ, аз унсурҳои бегона нигоҳ доштани урфу одатҳои ориёӣ, пешравии шаҳру деҳот, тиҷорат, маданият, иқтисодиёт, ташкилёбии шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Истаравшан, обод гаштани Кӯҳистони Мастчоҳ, Ҳисор, обёрӣ кардани водии Вахшу Сарбанд, равнақи савдои дохилию хориҷӣ, бофтани матоъҳои пашмину пахтагин, гилембофӣ, зардӯзӣ, гулкорӣ, санъати тасвирӣ, меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, ҳунармандӣ, асарҳои хаттӣ ва дигар низоми донишҳои заруриро аз худ намуданд, ки ин ҳама лаҳзаҳои муҳимми худшиносии миллӣ ба ҳисоб рафта, дар ташаккули худшиносии миллии онҳо саҳми арзанда гузошт.

Омӯзгорон бо як ҳисси баланди худшиносию худогоҳии миллӣ суханашонро давом дода, қайд намуданд: Шумо ки оиндасози ҷомеаи муттамадини тоҷикзамин ҳастед, донистанатон зарур аст, ки халқи тоҷик чун дигар халқҳои ҷаҳон давраи дуру дарози ташаккулёбиро аз сар гузаронидааст. Ибтидои он бошад, аз ҷомеаи ибтидоӣ, авлодӣ, қабилавӣ маншаъ гирифтааст. Аниқтараш ташаккули миллати тоҷик бо роҳи осон ба даст наомадааст. Он дар натиҷаи муборизаҳои хунини зидди ғоратгарони македониҳо, арабҳо, туркҳо, юнониҳо ва бодиянишинон бо омезишҳои муносибатҳои хешутаборӣ, ҳамзабонӣ, расму оинҳои умумӣ, нажодӣ ва фарҳангии як сарзамини муайян (Осиёи Миёна) ба вуҷуд омадааст.

Ба маълумоти хонандагон расонида шуд, ки халқи тоҷик ду номи этникиро аз сар гузаронидааст: дар аввал миллати тоҷик бо номи ориёӣ шинохта мешуд, холо бошад, бо номи халқи тоҷик маълуму машҳури ҷаҳон гаштааст.

Донишҳои азхудкардаи хонандагон дар бораи кӣ будани ориёиҳо, ватани муқимии онҳо, пайдоиши номи ориёҳо ва умуман киҳо будани аҷдодони гузаштаи тоҷикон, минбаъд дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон нақши арзанда ва таҳкурсӣ гузоштан мегирад, чунки онҳо дар бораи таърихи пайдоиши миллати хеш маълумотҳои заруриро гирифтанд.

Ҷараёни ташаккули худшиносии миллии хонандагони синфҳои 6–ум давоми раванди ташаккули худшиносии миллии хонандагони синфҳои 5–ум мебошад [13, с. 189].

Таҳқиқот собит намуд, ки дар ташаккули худшиносии миллии хонандагони синфҳои 6–уми озмоишӣ омӯхтани мавзуи «Тоҷикзамини Ғарбӣ (Эрони Ғарбӣ) дар замони Сосониён» аҳаммиятнок мебошад.

Хонандагон зери роҳбарии омӯзгорон бо ин мавзуъ оишноӣ пайдо карда, дарк менамояд, ки дар давоми 400–соли ҳукмронӣ, давлати Сосониён дар сарзамини худ тавонист тамаддуни баландро ривоҷу равнақ диҳад, аз ҷумла кӯшиши дубора ба даст овардани сарзамине, ки Кӯшониёну гузаштагонашон доштанд, барои ҳимояи давлат аз ҷониби шоҳи Сосониён Ардашер 1 эълон гардидани дини ягона, дини зардуштӣ ва дигар мисолҳои ба ин мавзуъ бахшидашудае, ки дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон нақши арзанда мегузоранд.

Таҷриба нишон дод, ки донистани рушди сохтори давлати Ҳайтолиён дар ташаккули лаҳзаҳои асосии худшиносии миллии хонандагон аз ҷумла ифтихори ватандорӣ, маорифу фарҳангдорӣ, санъату шаҳрдорӣ, забону давлатдорӣ, расму оиндорӣ, халқу миллатдӯстӣ ва ифтихормандию тамаддуни қадимаи бойи тоҷикон нақши муҳим мегузорад. Зеро дар давлати Ҳайтолиён деҳқонӣ, заминдорӣ, хоҷагидорӣ, афзоиши шаҳрҳо, қасрҳо, навъҳои гуногуни санъат, савдои дохилию хориҷӣ, алифбои тоҷикӣ, суғдӣ, марвӣ, бохтарӣ ва хоразмӣ, меҳмоннавозӣ, низоми муайяни таълиму тарбия, дар дабистонҳо ва мактаби олӣ, назария ва амалияи ҷангӣ, давлатӣ будани дини зардуштӣ, забони давлатӣ ва ғайра то андозае ривоҷу равнақ ёфта буд.

Омӯзиши мавзуъҳои «Ҷангҳои истилогарони араб дар Тоҷикистони Ғарбӣ» ва «Ҳуҷуми ғоратгаронаи арабҳо ба Тоҷикистони Шарқӣ» дар ташаккули худшиносии

миллии хонандагон дучониба таъсир мерасонад, ки ин фарзия дар раванди таҳқиқот дар амал тасдиқ ва асоснок гардид.

Ба маълумоти хонандагон расонидан мумкин аст, ки шӯриши сафедҷомагон шӯриши аз ҳама калонтарин буда, Мовароуннаҳру Хуросонро фаро гирифта буд.

Бо фармони Муқаннаъ дар ҳамвории болои кӯҳи Сиён қалъаи дастнорас сохта шуда буд, ки дар он ҷо сафедҷомагон (муҳофизатчиёни қалъа) чаҳор моҳ бо арабҳо ҷангиданд. Шӯриши Муқаннаъ бо арабҳо то он ҷое давом кард, ки қувваи ҷангии онҳо кам гашта, аслиҳа ва хӯрокаашон тамом шуд. Арабҳо, ки қувваи бениҳоят зиёд доштанд, аз ин фурсат истифода намуда, исёнгаронро шикаст дода, қароргоҳи Муқаннаъро ишғол намуданд, ҳамин тавр соли 783 шӯриши сафедҷомагон ба шикаст мувоҷеҳ шуд [1, с.140].

Ба маълумоти хонандагон расонида шуд, ки дар шӯриши зикр гардида, вақте ки Муқаннаъ шикаст хурдани худро яқин донист, қувваи ҷангии худро ҷамъ карда, ба онҳо шароби захролуд нӯшонид ва ҷасади онҳоро оташ зад. Аммо дар дигар сарчашма омадааст, ки Муқаннаъ дар қалъа сад зан ва Тадрон ном як ходим дошт ба ҳар як кадоми занҳо шароби захролуд нӯшонид. Дар ин миён Ёқута ном канизак заҳролуд будани шаробро пай бурда нанӯшид, лекин худро дар қатори дигар занҳо мурда намоён кард. Муқаннаь баъд аз куштани занон ходими худ Тадронро низ ба ҳалокат расонида худро ба тануре, ки дар он се шабонарӯз оташ месӯхт мепартояд [1, с.148].

Хонандагонро бовар кунонидн лозим аст, ки чунин рафтори Муқаннаъ нишонаи ваҳшигарии ӯ набуд. Занони сафедҷомагон (муҳофизони қалъаи Сиён) худ ба мурдан розӣ буданд ва намехостанд, ки асири дасти арабҳои ваҳшӣ гардид [1, с.153].

Ба саволи «Чаро Муқаннаъ худро сӯзонида нобуд кард»? Хонандагон чунин посух гирифтанд: Муқаннаъ аз ҷасади мурдааш ҳам ваҳшиёна интиқом гирифтани арабҳоро медонист, бинобар ин нахост, ки ҷасадаш ба дасти душманонаш афтаду, таҳқир шуда, боиси шодии онҳо шавад.

Донистану баҳо додан ба далелҳои дар боло овардашуда ба баланд гаштани ҳисси миллатдӯстӣ, нангу номуси миллӣ, ифтихори миллӣ ва дигар қисматҳои худшиносии миллии хонандагон таъсири баланди тарбиявӣ расонида тавонист.

Аз тарафи дигар, донистану баҳои дуруст додан ба чунин далелҳо, аз ҷумла талаби таҳқиромезонаи сарлашкари араб Умар, «Ё мусулмон шавед ё ҷизя диҳед»; Деваштичро дар мубориза бар зидди арабҳо дастгирӣ накардани амалдорони маҳаллӣ; хиёнат кардану ба тарафи арабҳо гузаштани Ғурак; бо роҳи фиреб ба қатл расонидани Абумуслим дар Бағдод; соли 723 аз ҷониби арабҳо ваҳшиёна ба қатл расонидани Деваштич дар маҳалли Рабинҷон; фиристодани сар ва дасти чапи Деваштич Ироқу амири Хуросон Сулаймон ибни Абусурӣ ва дигарҳо.

Дар рафти таҳлил мушоҳида гардид, ки амали ваҳшиёнаи арабҳо нафрати хонандагонро нисбат ба душманон пурқувваттар гардонид, ки ин ҳам ба мазмуни ташаккули худшиносии миллии хонандагон дохил мебошад. Махсусан, рафтори ваҳшиёнаи арабҳо нисбат ба Деваштичу занону духтарони тоҷик ва рафтори мардонаи Муқаннаъ нисбат ба худ ба хонандагон таъсири баланди эҳсосӣ расонид, ки онро бо осонӣ мушоҳида кардан мумкин буд.

Масалан, хонандагон аз мавзуъҳои зикргардида зарурати ташаккули ҳисси миллӣ, ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, озодихоҳию соҳибистиқлолии тоҷиконро дарк намуда, ба ҷасорату қаҳрамониҳои аҷдодони тоҷик баҳои ҳаққонӣ доданд.

Хонандагон ҳангоми омӯхтани мавзуъҳои «Мубориза тоҷикон дар солҳои 726–730 ба муқобили араб», «Шӯришҳои солҳои 30–юм дар Тоҷикистони Шарқӣ» ба хулосае омаданд, ки кушторҳои бераҳмонаи арабҳои хунхор дар Суғду Фарғона ва фиребу найранг ва ба таври ваҳшиёна қатл кардани шоҳ Деваштич ва ҳазорҳо ватандӯстони дигар ирода ва ҳисси миллатдӯстию ватандӯстии миллати тоҷиконро шикаста натавонист, баръакс нафрати онҳоро нисбат ба ғоратгарони араб афзун гардонид.

Тавре ки таҳқиқот нишон дод, донистани далелҳо дар бораи ду маротиба шикаст хӯрдани арабҳо аз ҷониби Хатлониён, аз ҷумла шуҷоатмандона сардори арабҳо Асадро таъна кардани фарзанди фарзонаи Хатлонзамин Бадрторкун «Ҳоло ту як марди бегона ҳастӣ, бо уштури думбурида ба замини мо омадӣ, меҳоҳӣ ба Ватан бо 50 уштури пур аз

ғанимат баргардӣ, боз аз ман талаб дорӣ, ки зану фарзанду хонаамро монда баромада равам», ба ташаккули қисмати эмотсионалӣ–баҳодиҳии худшиносии миллии хонандагон таъсири самарабахш мерасонад [4, с.18].

Таҳқиқот собит намуд, ки ба ташаккулёбии худшиносии миллии хонандагон омӯзонидани мавзуъҳои «Ҳаракати фарҳангии Шуубиҳо», «Этногенези тоҷикон бо Эрониён» таъсири баланди тарбиявӣ мерасонанд.

**Муқарриз: Ахмедова М.А. – н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Айнӣ Садриддин. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ / С. Айнӣ. –Душанбе: Маориф, 1978-153с.
2. Гулрӯи С. Ҷ. Заминаҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон. –Душанбе: Матбаа, 2022 – 95с.
3. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон. Кт.2. / Б.Ғ. Ғафуров - Душанбе: Ирфон, 1989.-480с.
4. Джумаев, Б.У. Гражданское воспитание учащения на уроках истории таджикского народа: Автореф. дис. канд. пед. наук / Б.У. Джумаев. - Душанбе, 2004.- 18с.
5. Раҳмонов, Э.Ш. Ҷавонон ояндаи миллатанд / Э.Ш. Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 1998.-96с.
6. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих / Э.Ш. Раҳмонов-Душанбе: Ирфон, 1997.-138с.
7. Раҳмонов, Э.Ш. Тоҷикон дар роҳи демократикунонии ҷамъият ва тамаддун / Э.Ш. Раҳмонов.-Душанбе: Ирфон, 1996.-220с.
8. Расулов, Д. Педагогика. (Назарияи тарбия). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни шуъбаи МТУ, донишгоҳи омӯзгорӣ / Д. Расулов ва диг.-Душанбе: Студент, 2013.-235с.
9. Раҳмон Сафар. Ҳазору як корнамоӣ. -Ҷ.1.Сарпед. илм. энем. Тоҷикистон. –Душанбе, 1995. -567с.
10. Солихов, Н.Н. Проблемы воспитания национального сознания в таджикской публицистике / Н.Н. Солихов. - Душанбе: Ирфон, 2008.-193с.
11. Сухомлинский, В.А. Асарҳои мунтахаби педагогӣ. - Қисми 2. / В.А. Сухомлинский. –Душанбе: Маориф, 1982. -620с.
12. Умарзода Иброҳим. Таърихи тамаддуни Ориён. -Душанбе: Шарқи озод, 2006.-558с.
13. Хоҷаев, С. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи-7. / С. Хоҷаев -Душанбе: Матбуот, 2011.-189с.
14. Шукуров, М. Истиқлолият ва худшиносии миллӣ / М. Шукуров. - Душанбе, 2002.-48с.
15. Шарифзода Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. Китоби дарси барои мактабҳои олӣ / Ф.Шарифзода., А.М. Мирализода. Душанбе- Ирфон 2012.-560с.
16. Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2006.-26с.
17. Яқубшоҳ Юсуфшоҳ. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 6 / Ю. Яқубшоҳ. - Душанбе: Офсет, 2011.-234с.


## АСОСҲОИ ИЛМӢ–ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ХОНАНДАГОН ДАР ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК


Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба моҳияти асосҳои илмӣ-педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ибрози ақида намуда, қайд менамояд, ки таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷараёни муташаккилона ва мақсаднок мебошад, зеро фанни таърихи халқи тоҷик далелҳо ва маълумотҳоеро дар бар мегирад, ки дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон заминаи устувор мегузоранд. Ягонагии мақсад ва вазифаҳои маълумотдиҳӣ, тарбиядиҳандагӣ ва руштдиҳанда бояд ба ҷараёни корҳои беруназдарсии таълими фанни таърихи халқи тоҷик алоқаманд бошад, то ин ки дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон низоми ягонаи шуур, ҷаҳонбинии илмӣ, дониш ва маҳорату малакаҳо барои ҳалли масъалаи мазкур имконияти таҳқиқро фароҳам оварад. Таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон аз рӯйи принсипи ҳамгироӣ гузаронида мешавад. Бо мақсади самаранок ба роҳ мондан раванди таълим омӯзгорон дар раванди дарс мавзуъҳое интихоб менамоянд, ки дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон бевосита таъсири тарбиявӣ расонида тавонанд, аз ҷумла «Давлати Каёниён ё Сулолаи таърихии Каёниён», «Авесто», «Ҳахоманишиён», «Ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ ба Осиёи Ғарбӣ», «Империяи Кӯшониён», «Тоҷикзамини Ғарбӣ (Эрони Ғарбӣ) дар замони Сосониён», «Ҷангҳои истилогарони араб дар Тоҷикистони Ғарбӣ», «Ҳаракати фарҳангии Шуубиҳо», «Этногенези тоҷикон бо Эрониён» ва дигарон. Дар анҷоми омӯзонидани мавзуъҳои номбаргардида оид ба сатҳи ташаккули худшиносии миллии хонандагон санҷиши тестӣ гузаронида шуд.



**Калидвожаҳо:** омӯзгор, хонанда, худшиносии миллӣ, худмаълумотгирӣ, нишондодҳои педагогӣ, сулҳу дӯстӣ, Зардушт, Куруши Кабир, Искандари Мақдунӣ, Спитамен, Ориёиҳо, Ҳайтолиён, истиқлолият.


## НАУЧНО–ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОРГАНИЗАЦИИ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОЗНАНИЯ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ ПРЕПОДАВАНИЯ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА


В данной статье автор высказывает свое мнение о сущности научно-педагогических основ формирования национального самосознания учащихся в процессе преподавания предмета история таджикского народа, и отмечает, что преподавание предмет истории таджикского народа в общеобразовательном учреждении

представляет собой организованный и целенаправленный процесс, поскольку предмет истории таджикского народа включает в себя факты и информацию, что закладывает прочную основу в формировании национального самосознания учащихся. Единство целей и задач информатизации, воспитания и развития должно быть связано с ходом внеклассной деятельности преподавания предмета история таджикского народа, чтобы в формировании национального самосознания учащихся формировались единые система сознания, научное мировоззрение, знания и умения предоставят исследовательские возможности для решения этой проблемы.Преподавание предмета история таджикского народа осуществляется в рамках формирования национального самосознания учащихся по принципу интеграции.В целях эффективной реализации образовательного процесса преподаватели выбирают на уроке темы, способные оказать воспитательное воздействие на формирование национального самосознания учащихся, в том числе «Государство каяков или Историческая династия каяков», «Авеста», «Ахемениды», «Нападение Александра». Македония на Переднюю Азию», «Крушинская империя», «Западный Таджикистан (Западный Иран) в эпоху Сасанидов», «Войны арабских захватчиков в Западном Таджикистане», «Шуубийская культурная движение», «Этногенез таджиков с иранцами» и другие. По окончании преподавания перечисленных тем проводилось тестирование уровня национального самосознания учащихся.

**Ключевые слова:** учитель, ученики, национальное самопознание, самообразование, педагогические показатели, мир и дружба, Заратустра, Кир Великий, Александр Македонский, Спитамен, Арийцы, Хайталийцы, независимость.

## SCIENTIFIC AND PEDAGOGICAL FOUNDATIONS OF THE ORGANIZATION OF NATIONAL SELF-KNOWLEDGE PEOPLS IN THE PROCESS OF TEACHING THE HISTORY OF THE TAJIK

In this article, the author expresses his opinion on the essence of the scientific and pedagogical foundations for the formation of national self–consciousness of peoples in the process of teaching the subject of the history of the Tajik people, and notes that teaching the subject of the history of the Tajik people in a general education institution is an organized and purposeful process, since the subject of the history of the Tajik people includes includes facts and information, which lays a solid foundation in the formation of students' national self–consciousness.The unity of the goals and objectives of informatization, education and development should be associated with the course of extracurricular activities of teaching the subject of the history of the Tajik people, so that in the formation of national self–consciousness of students a single system of consciousness is formed, scientific worldview, knowledge and skills will provide research opportunities for solving this problem.Teaching the subject of the history of the Tajik people is carried out within the framework of the formation of national self-consciousness of students according to the principle of integration.In order to effectively implement the educational process, teachers choose topics in the lesson that can have an educational impact on the formation of national self-consciousness of students, including “The State of the Kayans or the Historical Kayan Dynasty”, “Avesta”, "Achaemenids", "Alexander's Attack". Macedonia to Western Asia”, “Kushon Empire”, “Western Tajikistan (Western Iran) in the Sassanid era”, “Wars of the Arab invaders in Western Tajikistan”, “Shuubi cultural movement”, “Ethnogenesis of Tajiks with Iranians” and others.At the end of the teaching of these topics, the level of national self-awareness of peoples was tested.

**Key words:** teacher, students, national self-knowledge, self-education, pedagogical indicators, peace and friendship, Zarathustra, Cyrus the Great, Alexander the Great, Spitamen, Aryans, Haitalis, independence.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода–*** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ. **Суроға:** 735360, шаҳри Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С. Сафаров,16.Телефон: **(992) 988488028**

**Сведения об авторе**: ***Гулрӯи Сухроб Джурахонзода***– Кулябский государственный университет имени Абуабдуллаха Рудаки, кафедра общей педагогики, кандидат педагогических наук. **Адрес**: 734065, город. Куляб, Республика Таджикистан, улица. С. Сафаров, 16. Телефон: **(992) 988488028**

**Information about the author:** ***Gulrui Suhrob Jurakhonzoda***– Kulob State University named after Abuabdullah Rudaki, department of general pedagogy, candidate of pedagogical sciences. **Address:** 735360, Kulyab city, Republic of Tajikistan, S. Safarova street. 16. Phone: **(992)988488028**

ТДУ:372.851.4 (575.3)

# ПРОБЛЕМАҲОИ ТАЙЁРИИ КАСБИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ ГЕОМЕТРИЯ ДАР АДАБИЁТИ ИЛМӢ-МЕТОДӢ ВА АМАЛИЯИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

*Сироҷиддини Давалаталӣ*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар асри 21 тайёрии касбии омӯзгорони оянда нисбат ба солҳои пешин низоми нав ба ҳисоб меравад. Зеро имрӯзҳо соҳаи маориф рӯ ба мутахассисоне овардааст, ки тафаккури эҷодӣ, дошта аз технологияҳои навтарини ҷараёни таълиму тарбия огоҳ бошанд.

Яке аз қисматҳои математика, геометрия мебошад, ки тадриси он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои ҳалталаб ба ҳисоб меравад.

Донишҳои математикӣ дар ҷаҳонбинии илмии мутахассисони оянда аҳаммияти хосса доранд. Надонистани маълумотҳои таърихӣ, донишҳои математикӣ ва арзёбии асосҳои педагогӣ махсусан дар соҳаи геометрия дар фаъолияти минбаъдаи мутахассисон монеаи ҷиддӣ ба миён меорад.

Доир ба донишҳои математикӣ маводҳои зиёд аз ҷониби Т.С. Полякова, А.Е. Томилова ва Ю.В. Романов, Ю.А. Дробишев Т.А. Иванова, Ғуломов И., А.Э. Сатторов ва дигарон рӯйи кор омадаанд [15, с. 118 - 119].

Геометрия низ ба монанди дигар илмҳо ба донишҳои қадима дохил мешавад. Системанок ва пай дар пай омӯхтани маълумотҳои таърихӣ дар азхудкунии донишҳои нав имконият фароҳам меорад, ки тамоми давраҳои ташаккули донишҳои математикиро мутахассисони оянда аз бар намоянд.

Дар азхудкунии донишҳои математикӣ, аз ҷумла донишҳои геометрӣ мақсадҳои зерин мушаххас гардид:

– ташаккул додани донишҳои геометрӣ ва ҷалб намудани мутахассисони оянда ба элементҳои алоҳидаи ҷаҳониибинии илмӣ;

– таълиму тарбия намудани мутахассисони оянда дар руҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ;

– интихоб намудани маводҳои таърихӣ вобаста ба принсипҳои шаклҳои таълим ва ғайра [13, с.100 - 120].

Тайёрии касбии омӯзгорони фанни геометрия на таҳо роҳҳои нави таълим, балки аз нав дида баромадани сохтори мазмуни таълиму тарбия, дараҷаи технологии таълими геометрия, раванди усулҳои гуногуни омӯзиши геометрия ва дигар роҳҳоро низ тақозо мекунад.

Барои дар сатҳи баланд омода намудани матахассисон моро зарур аст, ки вобаста ба самти омӯзиш миқдори таҷҳизотҳои ҳозиразамони таълимиро, ба монанди коркарди китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва дастурҳои методию технологии таълимиро ҳам дар мактабҳои миёна ва ҳам дар мактабҳои олӣ ва олии касбӣ зиёд намоем.

Иттилооткунонии ҷомеа ва технологияи навини омӯзиши самтҳои мухталифи илм дар тайёрии касбии мутахассисони баландихтисос яке аз вазифаҳои муҳим ба ҳисоб меравад [11, с.50 - 100].

Ин вазифа танҳо бо роҳи ҷорӣ намудани назарияҳо, консепсияҳо ва технологияҳои муосири таълим муайян карда мешавад.

О.А. Абдуллина оиди ин вазифа таъкид мекунад, ки дар шароити бозсозӣ «муаллимон бояд дар кори худ маҳорати баланди касбӣ, муносибати бошууронаи меҳнатӣ, қобилияти баланди эҷодкорӣ, меҳнатдӯстӣ ва ҳамкори бевосита бо хонандагонро дошта бошанд» [2, с. 36].

Вазифаи асосие, ки дар назди системаи маориф меистад, ба вуҷуд овардани маҷмуи шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилию педагогӣ мебошад. Ин вазифа мавқеи эҷодкорӣ, худидоракунии ҳар як тарбиягирандаро ошкор месозад.

Мушоҳидаҳо муайян намуданд, ки раванди таълим дар муассисаҳои олӣ ва олии касбӣ ба таври кофӣ ташаккул наёфтааст, ҳатто донишҷӯён ба касби омӯзгорӣ муносибати ҷиддӣ надоранд, идеалҳои педагогии онҳо то ҳол ишкишоф наёфтаанд.

Масъалаи сифати таълиму тарбия дар ҳама давру замон аҳаммияти хосса дорад.

В.А. Сластенин раванди таълими муосиро таҳлил намуда, таъкид менамояд, ки дар даҳсолаи охир сабаби ақиб мондани тараққиёти илм, истеҳсолот ва пешрафти ҷамъият ин падидаҳои номатлуб, аз ҷумла дуруст истифода набурдани техникаю технологияи иттилоотӣ мебошад[8, с.70 - 90].

Дар тайёр намудани мутахассисони оянда мавқеи ҷомеаро ба назар гирифтан зарур аст, чунки афзоиши ҳаҷми иттиллооте, ки инсоният аз худ менамояд, мунтазам тағийр ёфта, сохтори таҷрибаи иҷтимоӣ ва абстрактии фаъолият меафзояд. Дар баробари ин тараққиёт кӯҳнашавии дониш суръат мегирад. Аниқтараш мазмуни таълим, махсусан таълими педагогӣ характери пай дар пай дорад, ки тамоюли ақиб мондани он аз мақсади гузошташудаи ҷамъият сарчашма мегирад. Аз ин рӯ, вобаста ба талаботи замони муосир моро зарур аст, ки ба мутаххасисони оянда имконият диҳем, то ин ки ихтисоси соҳаи таълимии худро такмил дода, донишҳои навро аз худ намоянд.

Шароити иҷтимоию иқтисодӣ тақозо менамояд, ки омӯзгорон вобаста ба фарҳанг, усулҳои нави таълимие истифода баранд, ки шахсият тарбияи дуруст гирифта тавонад. Ин шароит ҷанбаҳои салоҳиятнокии ҳар як омӯзгорро вобаста ба фанни таълимӣ талаб менамояд [10, с.10 - 15].

Моҳияти мутобиқатсозии тайёрии касбии омӯзгорони оянда дар он аст, ки дар солҳои дигаргунсозии системаи педагогӣ, фарҳанги педагогӣ инъикоскунандаи ҷомеа мебошад, зеро ҷомеа мехоҳад натиҷаҳои бадастомадаи ояндаро бо тасаввуротҳои тафаккури ҷаҳонӣ алоқаманд кунонад.

Фаҳмишҳои фалсафӣ ва арзишҳои фарҳангии ҷомеа дар демократияи рушдёбанда, ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи насли наврас ва тайёрии касбии мутаххасисони оянда нигаронида шудааст.

Адабиёти илмӣ бошад, асоснок будани талаботҳо ва ниёзҳои мутахассисонро дар самтҳои мухталифи муосир ифода мекунад. Яъне, системаи нави таълимӣ аз мутаххасисони баландихтисос талаб менамояд, ки шахсияти худро дар асоси ҳуқуқҳои воқеӣ интихоб намуда, роҳҳои инфиродӣ ва худмуайянкунии худро такмил диҳанд [5].

Самтҳои кори педагогиро раванди интегратсия ва дефференсиатсияи намудҳои гуногуни фаъолият муайян мекунанд.

Дар баробари тайёр намудани мутаххасисони баландихтисос дар системаи маориф стратегияи азнавтайёркунии касбӣ мавриди баррасӣ ва такмил қарор мегирад. Хусусиятҳои хосси идоракунии рефлексияи гуманистии раванди таълими мутахассисон ба омӯзиши назария ва амалияи илм нигаронида шудааст, ки ба танзим ва барқароркунии амалҳои маърифатии онҳо мусоидат мекунад.

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар ояндаи наздик талабот ба салоҳияти касбӣ ҳам аз ҷиҳати шумораи ҳуқуқу уҳдадориҳо ва ҳам аз ҷиҳати нишондодҳои бисёрҷабҳаи системаи маълумоти олии педагогӣ дар тайёр намудани мутахассисони оянда зиёд мегардад.

Таҳлили такмили ихтисоси омӯзгорон нишон дод, ки ҳалли он дар назарияи педагогика ва амалия таҳсилоти олии касбии педагогӣ барои бунёди раванди тайёр кардани омӯзгорони асри 21 он вақт самаранок хоҳад буд, ки агар он дар асоси азнавсозии арзишҳои ҷомеаи муосир дар фаъолияти системаи маориф ба роҳ монда шавад.

Системаи маориф вазифадор аст, ки қобилиятҳои ҳар як кадри баланихтисосро пурра инкишоф диҳад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили арзёбиҳо ва вазъи имрӯзаи таълимӣ мо ба хулосае омадем, ки масъалаи ташаккули маҳорати касбии омӯзгор вуҷуд дорад. Ҳалли он бошад аз нав дида баромадани ҳар чизе ки дар муҳити таълим ба амал меояд аз ҷумла, аз эҷоди механизми ташаккули маҳорати касбӣ–методии мутахассисониояндаи фанни геометрия, азхудкунии фаъолияти эҷодии донишҳои рафъи зиддиятҳо, усулҳои пурмаҳсули таълим,

асосҳои назариявӣ–технологии таълим, инкишофи зеҳнии таълимгирандагон, истифодаи функсияҳои геометрӣ ва ғайра сарчашма мегирад [6, с. 75 - 90].

Ҳангоми ҳалли масъалаҳои номбаргардида омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар пешрафти иҷтимоӣ ва неруи зеҳнии миллат бояд нақши бунёдӣ дошата бошанд.

**Муносибати муаллимон ба таълими геометрия**

Дар мақола муайян намудем, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барномаҳои таълимии фанни геометрия ба ниёзҳои донишҷӯён, тағйир талаб мебошанд. Доир ба ин масъала Ғуломов И. овардааст, ки такмил додани барномаҳои таълимӣ, махсусан аз фанни геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ монеаҳои асосии кори таълимро бартараф менамояд.

Мутобиқатсозии барномаҳои таълимиро бошад, бо равиши алтернативӣ мо чунин пешниҳод намудем. Ин равиш чунин аст:

- Муқаррар намудани вазифаҳои ивазкунандаи миқёс ва талабот ба ҳам монанд.
- Иваз кардани вазифаҳои номатлуб, аз қабили кашидани графикҳо дар геометрия бо вазифаҳои намудҳои гуногун, аз қабили ҳисобҳо.
- Додани имтиёз ба донишҷӯён (вақти иловагӣ) барои иҷрои вазифаҳо.

Маълумотдиҳӣ дар соҳаҳои гуногуни геометрӣ, на танҳо омили фарогирии донишҳои бахш, балки василаи ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, инкишофи сифатии тафаккури донишҷӯён ба шумор меравад. Дар зери таъсири тамоюлу равандҳои нав ин система аз нав кор карда мешавад.Таҳлили илмии тамоюлҳои асосии инкишофи таълими умумии педагогӣ, ошкор намудани ҳодисаҳои манфие, ки дар давоми чандин солҳо ҷамъ омадаанд, кашф намудани омилҳо ва сабабҳои объективию субъективӣ, ки боиси ақибмонии муайяни ин таълим шудаанд, сабаби номувофиқатии он гардидаанд. Тибқи талаботи ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузошташуда дар марҳалаи муосири тараққиёти ҷамъиятӣ имконият ба амал меояд, роҳҳо ва воситаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки такмил додани тайёрии умумии педагогии донишҷӯёни муассисаҳои педагогӣ муайян карда шаванд [8, с.120 - 130].

Таҷрибаи тайёрии касбию методологии омӯзгорони геометрия талаботи ҷамъиятро ба шахсияти омӯзгоре, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба фаъолияти бомуваффақияти касбӣ қобил аст, пурра қонеъ намегардонад, ки ин раванд хусусиятҳои худро дорад. Системаи анъанавии тайёрии касбӣ омӯзгорони геометрияро барои бартараф намудани душвориҳо дар рафти фаъолияти касбиашон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ пурра тайёр намекунад. Мо чунин мешуморем, ки ба мақсад мувофиқ ташаккул додани маҳорати педагогии омӯзгорони геометрия, хосияти интегративии шахсият, маҳорати эмотсионалӣ, зеҳнӣ, рафтории системавӣ ташаккулёбанда ба ҳалли ин ихтилофҳо мусоидат мекунад, агар: фаҳмиши илмии тайёрии касбии омӯзгорони геометрия мушаххас гардад [16, с. 126 - 130].

Мушкилоти асосҳои психологию педагогии таълими геометрия ҳазорсолаҳост, ки ҷомеаи муосирро ба ташвиш овардааст. Қисматҳои маълумотдиҳии таълими геометрия на танҳо омилҳои донишгирӣ, балки ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва ҷанбаҳои инкишофи тафаккури донишҷӯёнро низ фаро мегирад [12, с. 175- 195].

Таҳлили вожаҳои гуногуни инкишофи таълим дар илми педагогика собит намуд, ки сабабҳои асосии ақибмонии таълим омилҳои манфии объективию субъективӣ мебошанд.

Тараққиёти ҷамъияти иттилоотии муосир тибқи талабот ба муассисаҳои олии касбӣ имконият медиҳад, ки роҳҳо ва воситаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудани тайёрии касбии мутахассисони геометрияро аз айёми донишҷӯйӣ муайян намояд.

Омили муҳимми хуб ба роҳ мондани раванди таълими фанни геометрия ин ба такмили ихтисос сафарбар намудани омӯзгорон вобаста ба тахассус мебошад. Зеро асоси муваффақияти раванди кори омӯзгоронро истифодаи самараноки маводҳои таълимӣ вобаста ба самти таълим ташкил медиҳад.

Таҳлилу баррасиҳои таҷрибаҳо мушаххас намуд, ки тайёрии касбию методологии омӯзгорони геометрия, имрӯзҳо талаботи ҷомеаро қонеъ карда наметавонад, зеро ин раванд хусусиятҳои хосси худро дорад. Аниқтараш, муассисаҳои таҳсилоти олӣ

камбудиҳою душвориҳои фаъолияти тайёрии касбии омӯзгорони геометрияро пурра ба тариқи анъанавӣ бартараф карда наметавонанд [8, с.52 - 58 ].

Ташаккул додани донишҳои педагогию психологӣ дар ҳалли ихтилофҳо ҳамон вақт мусоидат мекунад, ки агар хусусиятҳои интегративӣ, эмотсионалӣ, зеҳнӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва маънавӣ дар фаҳмиши илмии тайёрии касбии омӯзгорони геометрия мушаххас гардонида шавад.

Дар рушди технологияи муосир аз ҷиҳати илмӣ – методӣ тайёр намудани мутахассисон ба мақсад мувофиқ аст, зеро дар ин марҳилаи рушди ҷомеа, ҷамъият ба мутахассисоне такя менамояд, ки донишҳои навро аз худ карда метавонанд, қобилияти ахборотрасонӣ доранд ва инкишофи воқеаҳоро пешгӯӣ карда метавонанд.

Тайёрии касбии чунин мутахассисон дар асоси ҷустуҷӯйи амсилаи инноватсионӣ сурат гирифта, марҳилаҳои он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ташаккул меёбад.

Асосҳои назариявии тайёрии касбӣ ва методии ҳайати омӯзгорон ҳамчун системаҳои мураккаби худинкишофёбанда ба ғояҳои омӯзиш ва инкишофи дониш нигаронида шудаанд.

Дар низоми маориф ташаккул ва тарбия намудани мутахассисон, пеш аз ҳама мутахассисони фанни геометрия, ҳамчун захираи стратегӣ ва технологӣ шарт ва зарур аст. Аз ин ҷо саволе ба миён меояд, ки омӯзгор бояд чӣ гуна шахс бошад? Омӯзгори касбӣ бояд дорои неруи ахлоқӣ, интеллектуалӣ, фарҳангӣ ва касбӣ бошад, дар баробари ин ҳама муайянкунандаи ояндаи маориф низ бошад.

Омӯзгор ё мутахассиси касбиро зарур аст, ки мазмуни таълими касбии худро аз нуқтаи назари ҳалли масъалаҳои асосӣ, яъне чиро омӯхтан, чӣ тавр омӯзонидан, чӣ гуна муносибат кардан бо соҳаҳои гуногуни ҷамъиятӣ – маданият, иқтисодиёт, соҳаҳои иҷтимоию маънавиро аз нав дида барояд [7, с. 19 - 27].

Масъалаи тайёр намудани мутахассисони касбӣ дар ҳама замон, мавриди таваҷҷуҳ карор гирифта буд. Дар замони муосир низ бо назардошти тамоюлҳои иҷтимоию фарҳангӣ он амиқтару дақиқтар гардид. Ба худ мазмуни нав касб намуда, меъёрҳои асосии сифати тайёрии касбӣ татбиқи салоҳиятҳои ташаккулёбӣ ва ҳалли самаранокии масъалаҳои гуногун мебошад.

Қобилият ва омодагии мутахассисони оянда дар замони муосир ба яке аз самтҳои рушди маориф табдил ёфтааст, зеро марҳилаи кунунии рушди таҳсилот дар мутахассисон бо усулҳои технологияҳои навтарини таълим тафаккури эҷодӣ ва ахлоқиро ташаккул медиҳад.

**АДАБИЁТ**


1. .Архангельский, С. И. Лекции по теории изучения в высшей школе. / С.И. Архангельский. – М.: Высш. школа, 1974. – 385с.
2. Абдуллина, О. А. Проблемы формирования педагогических умений и навыков у будущих учителей / Проблемы профессиональной подготовки студентов педагогических вузов и университетов / О.А. Абдуллина. –М.: 1976. – С.36-47.
3. Ан, Г.Д. Педагогика и психология высшей школы. Душанбе – 2003.
4. Архангельский, С.И. Лекции по научной организации учебного процесса в высшей школе / С.И. Архангельский. – М.: Высш. школа, 1976. – 200с.
5. Беспалько, В.П. Программированное обучение. Дидактические основы / В.П. Беспалько. –М.: Высш. школа, 1970. – 251с.
6. Ғуломов И. Тарбия ва тайёр намудани муаллимони математика дар мактабҳои олии омӯзгории Тоҷикистон дар шароити имрӯза / И. Ғуломов. Кӯлоб: Сада – 2009. - 188с.
7. Кузьмина, Н.В. Акмеологический подход к повышению качества подготовки специалистов образования / Н.В. Кузьмина // Известия Российской академии образования. - 2000. - № 1.-С. 19-31.
8. Кучугурова, Н.Д. Профессионально – методическая подготовка учителя математикӣ / Н.Д. Кучугурова // Автореф. дис...док. пед. наук. – Ставрополь, 2002. – 460с.
9. Левшин, Л.А. Педагогика и современность / Л.А.Левшин. –М.: Просвещение, 1974.
10. Москвина, Е.А. Моделирование содержания математического образования будущих учителей в вузе: автореф. дис. … канд. пед. наук: 13.00.08/ Москвина Елена Алексеевна. – Магнитогорск, 2007. – 23 с.
11. *Мусоева, Б.А.* Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон / Б.А. Мусоева // диссертатсия барои дарѐфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.03 – Назария ва методикаи фанҳои риѐзӣ, таҳсилоти касбӣ. – Бохтар, 2022. - 175с.

12. Палавандашвили, М.Л. Психолого-педагогическая подготовка ученики в педучилище: дисс. на соиск.уч. степени канд. пед. наук/ М.Л. Палавандашвили. – Тбилиси, 1990, – 260с.
13. Сатторов, А.Э. Истифодаи маводи таърихӣ ҳангоми таълими геометрия (Монография) / А.Э. Сатторов, А.М. Хоҷаев. - Душанбе: Ирфон, 2020. – 162с.
14. Семушина, Л. Г. Преподавание курса школьной педагогики в педучилище / Л.Г. Семушина, Б.В. Борщанская, Н.С. Подлесская. -М.: Проев, 1990, – 128с.
15. Сироҷиддини Д. Мақсад, мундариҷа, омилҳои таърихӣ ва педагогӣ дар таълими геометрия //Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (ISSN 2616 – 5260) №4(29). –Душанбе, 2022. – С.118 – 124.
16. Сироҷиддини Д. Масъалаҳои психологию педагогии таълими геометрия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир //Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (ISSN 2616 – 5260) №3(28). –Душанбе, 2022. –С. 26 – 133.

## ПРОБЛЕМАҲОИ ТАЙЁРИИ КАСБИЮ МЕТОДОЛОГИИ ОМӮЗГОРОНИ ФАННИ ГЕОМЕТРИЯ ДАР АДАБИЁТИ ИЛМӢ МЕТОДӢ ВА АМАЛИЯИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба моҳияти тайёрии касбию методологии омӯзгорони фанни геометрия дар муассисаҳои олии касбӣ ибрози ақида намуда, қайд менамояд, ки дар тайёр намудани омӯзгорони соҳаи геометрия, худмуайянкунии касбӣ мавқеи хосса дорад. Дар ҷомеаи имрӯза талабот нисбат ба мутаххасисони ташаббускор, такмилдиҳандаи донишу маҳорат ва малакаҳои касбӣ бениҳоят зиёд аст. Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба мутаххасисони оянда, соҳаи риёзиро на танҳо барои ташаккул додани маҳорати педагогию психологӣ, балки барои рушд намудани шахсияти онҳо меомӯзонанд. Барои муайян кардани чигунагии раванди таълими геометрия дар тайёр намудани мутахассисони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ усулҳои омехта, сифатӣ ва миқдорӣ истифода мешаванд. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҷрибаи чандинсола дошта, моҳият ва фаъолияти он дар тайёр намудани мутахассисон аз фанни геометрия тағйирёбанда аст, зеро дигаргуниҳои таърихие, ки дар ҷамъият ба амал меоянд, аз ин гуфтаҳо гувоҳӣ медиҳанд.

**Калидвожаҳо:** мутахассисони оянда, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, донишҳои геометрӣ, тайёрии касбӣ, маҳорату малакаҳои педагогию психологӣ, таълиму тарбия, технологияи муосир, маҳфилҳои фаннӣ.

## ПРОБЛЕМЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНО-МЕТОДИЧЕСКОЙ ПОДГОТОВКИ УЧИТЕЛЕЙ ГЕОМЕТРИИ В НАУЧНОЙ ЛИТЕРАТУРЕ, МЕТОДИКЕ И ПРАКТИКЕ УЧРЕЖДЕНИЙ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

В данной статье автор высказывает свое мнение о сущности профессионально-методической подготовки учителей геометрии в высших профессиональных учреждениях и отмечает, что самоопределение профессии занимает особое место в подготовке учителей геометрии. В современном обществе существует большой спрос на предприимчивых специалистов, совершенствующих знания, навыки и профессиональные навыки. В вузах будущих специалистов обучают математике не только для развития педагогических и психологических навыков, но и для развития их личности. Для определения процесса обучения геометрии при подготовке специалистов высших профессиональных учебных заведений используются смешанные, качественные и количественные методы. Учреждения высшего профессионального образования имеют многолетний опыт, а их характер и деятельность по подготовке специалистов по геометрии меняются, о чем свидетельствуют исторические изменения, происходящие в обществе. Сегодня минобразования поставило в три раза больше задач по профессиональной подготовке учителей, чем в предыдущие годы, которые способствуют повышению качества образовательного процесса в соответствии с современными требованиями.

**Ключевые слова:** будущие специалисты, высшие учебные заведения, геометрические знания, профессиональная подготовка, педагогико-психологические навыки, образование, современные технологии, предметные кружки.

## PROBLEMS OF PROFESSIONAL AND METHODOLOGICAL TRAINING OF GEOMETRY TEACHERS IN SCIENTIFIC LITERATURE, METHODS AND PRACTICES OF INSTITUTIONS OF HIGHER PROFESSIONAL EDUCATION

In this article, the author expresses his opinion on the essence of professional and methodological training of geometry teachers in higher professional institutions and notes that self-determination of the profession occupies a special place in the training of geometry teachers.In modern society, there is a great demand for enterprising specialists who improve their knowledge, skills and professional skills. In universities, future specialists are taught mathematics not only to develop pedagogical and psychological skills, but also to develop their personality.To determine the process of teaching geometry in the training of specialists from higher professional educational institutions, mixed, qualitative and quantitative methods are used.Institutions of higher professional education have many years of experience, and their nature and activities in preparing geometry specialists are changing, as evidenced by the historical changes taking place in society.Today, the ministry of education has set three times more tasks for the professional training of teachers than in previous years, which help improve the quality of the educational process in accordance with modern requirements.

**Key words:** future specialists, higher education institutions, geometric knowledge, professional training, pedagogical and psychological skills, education, modern technologies, subject circles. .

**Маълумот дар бораи муалиф*: Сироҷиддини Давлаталӣ*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, кафедраи математика ва методикаи таълими он, номзади илмҳои педагогӣ. **Суроға:** 735360, шаҳри Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **988 – 91 – 17 -01**.

**Сведения об авторе: *Сироджиддини Давлатали*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, кафедра математики и методики ее преподавания, кандидат педагогических наук, старший преподаватель. **Адрес:** 735360, город Куляб, Республика Таджикистан, улица С. Сафарова. 16. Телефон: **988 – 91 – 17 -01**.

**Information about the author: *Sirodjiddini Dablatali*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, department of mathematics and methods of teaching, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer. **Address:** 735360, Kulyab city, Republic of Tajikistan, S. Safarova street. 16. Phone: **988 – 91 – 17 -01.**

ТДУ:372.839(575.3)

# ТАТБИҚИ АМАЛИИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНА ДАР ТАШАККУЛИ МАҲОРАТ ВА МАЛАКАИ ЭҶОДИИ ДОНИШҶӮЁН

*Изатулоева Х. И.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Барои донишҷӯён кори мустақилона, ҳамчун зинаи махсуси таҳсилот, дар заминаи ҷустуҷӯ, коркард, азхудкунии иттилоот ба афзуншавӣ ва такмили салоҳиятмандии касбӣ роҳи васеъ мекушояд. Дар доираи фанҳои тахассусӣ ва хосатан касби омӯзгорӣ, он зина ба зина ташаккул меёбад ва ба низоми парвариши маҳорат ва малакаҳои зарурӣ муваффақ мешавад. Дар сурати муносибати ҷиддӣ ба кори мустақилонаи донишҷӯ дар шароити низоми кредитии таҳсил талабот нисбат ба баландшавии сифати таълиму тадрис ва омодашавии омӯзгори оянда дар фазои макотиби олӣ ҳалли худро меёбад, зеро таҷрибаи кор собит менамояд, ки ин самти кор (фаъолияти мустақили омӯзиш ва қобилияти эҷодӣ) ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Яке аз сабабҳои асосии чунин ҳолат мавҷуд набудани майлу рағбати комили донишҷӯён ба худомӯзӣ, худтакмилёбӣ буда, сабаби дигар аз ҷониби устодони мактаби олӣ суст будани назорат ва санҷиши мунтазами дониш ва маҳорату малакаи муҳассилин аст. Ин нигаронӣ ба хотири танқид нест, чунки низоми кредитии таҳсил маҳз ба фаъолмандии бештари донишҷӯи муосир равона шудааст [10, с.97-104].

Ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён аз вазифаҳои мураккабтарини омӯзгори мактаби олӣ мебошад. Аксарияти омӯзгорон беҳафсалагӣ зоҳир мекунанд, бархе роҳнамоӣ карда наметавонанд, ба ташкили кори мустақилона рӯякӣ муносибат менамоянд, ки дар маҷмуъ ин ҳама ҳолатҳо бемасъулиятӣ ва фориғболӣ эҷод карда, фаъолияти омӯзгори ояндаро дар худомӯзӣ ва худтакмилёбӣ коста мегардонад.

Роҷеъ ба ин мавзуъ устод Ҷ. Шарифзода борҳо дар мақолаҳои худ таъкид намудаанд, ки дар натиҷа «доираи сарбаста ба вуҷуд меояд: аз як тараф, ба донишҷӯён мутахассисе дучор меояд, ки кори мустақилонаи онҳоро ихтисосмандона ташкил карда наметавонад, аз тарафи дигар, дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо сабаби мавҷуд набудани равшанӣ дар ташкили он омодасозии мутахассиси баландихтисос зиён мебинад» [14, с. 93].

Аз ин рӯ, мақоми кори мустақилонаи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ на танҳо барои азхудкунии донишҳо аз рӯйи фанҳои таълимӣ, балки инчунин барои ташаккули маҳорати касбӣ, малакаҳои нави кори таҳқиқотӣ, инкишофи сифатҳои ахлоқию психологӣ муҳим ва муфид нигаронида шуда, он аслан фаъолияти эҷодӣ маҳсуб меёбад, зеро мутахассиси оянда худаш дар назди худ ҳадаф гузошта, барои дастёбӣ ба он супориш ва намуди кор воситаҳои таълимро дар раванди таҳсилот интихоб мекунад.

Одатан муҳаққиқони педагогикаи ватанӣ ва хориҷи кишвар бештар ба чунин шакл ва намудҳои кори мустақилона таваҷҷуҳ зоҳир менамояд: иҷрои супоришҳо дар раванди машғулиятҳои аудиторӣ; кори мустақилонаи донишҷӯён доир ба мавзуъҳои алоҳидаи курс, омодашавӣ ба амалия ва иҷрои супоришҳо аз ҷониби онҳо; иҷрои корҳои назоратӣ ва курсӣ; омодашавӣ ба таҳияи кори тахассусии хатм, маҳфилҳои илмии донишҷӯён; омодашавӣ ба санҷишҳо ва имтиҳонот; иштирок дар конфронсҳо, мизи мудаввар, семинарҳо дар партави иҷрои кори илмӣ ва илмию таҳқиқотӣ ва амсоли он.

Дар таҳқиқоти мазкур ба фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён аз нигоҳи риояи меъёрҳои вусъати ҷидду ҷаҳди онҳо ва сифатнокии ташкили он: ҷабҳавӣ-самтӣ, гурӯҳӣ ва инфиродӣ муносибат карда шуд. Чунончи, ҳадафи кори ҷабҳавӣ-самтии мустақилона аз он иборат буд, ки донишҷӯён дастаҷамъона доир ба ин ё он супориш, кейс (маврид) ё проблемаи педагогӣ руҷуъ мекарданд. Дар ин росто донишҷӯён бо ҳамдигар ҳамкорӣ карда, масъалаи проблемавӣ, касбӣ ё илмиро мавриди муҳокима қарор дода, натиҷаҳои фосилавӣ ва ниҳоии иҷрои супоришро пешниҳод мекарданд.

Дар партави низоми кредитии таълим таваҷҷуҳи махсусро дар таҳқиқот кори инфиродии мустақилона касб мекунад. Ҳангоми иҷрои он мусаллам аст, ки ҳар як нафар супоришҳои таълимиро ба таври инфиродӣ иҷро мекунад (дар ҳамкорӣ бо субъектҳои дигари раванди таълим). Дар чаҳорчӯбаи кори мазкур мо чунин супоришҳо, амсоли навиштани эссе, мураттаб додани нақша ва таҳияи мақолаи илмӣ, аннотатсияҳо, тақризҳо, кори курсӣ, кори тахассусии хатмкунанда, таҳияи лоиҳаи таҳсилӣ ё таҳсилию таҳқиқотӣ ва ҳоказаро пешниҳод кардем.

Афзалияти шакли мазкури фаъолияти мустақилона аз он иборат аст, ки он ҳавасмандии маърифатӣ-зеҳнии донишҷӯён - омӯзгорони ояндаро тақвият дода, имконияти зоҳир кардани сифатҳои шахсӣ, изҳори нуқтаи назар, хулоса ва ҷамъбасти масъалаи гузоштаро таъмин мекунад. Дар марҳилаи иҷрои кор аҳаммияти махсус ба коркарди роҳу усули фаъоли таълим, амсоли мубоҳиса, баҳс, муколама, суҳбат дар гирди мизи мудаввар ва монанди он равона карда шуд.

Бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои мушаххас дар раванди кори мустақилона дар таҳқиқоти мазкур мо ба азхудкунии мустаҳками донишҳо доир ба фанҳои таълим ва маҷмуи проблемаҳои педагогӣ, инчунин ба рушди қобилияти эҷодии муҳассилини макотиби олии самти омӯзгорӣ дар робита бо таҳқиқи масъалаҳои илмӣ-методӣ бо роҳи худомӯзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардем.

Дар самти баланд бардоштани сифати ташкил ва танзими кори мустақилонаи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ вазифаҳои фаъолияти омӯзгори ояндаро чунин муайян кардем: мураттаб намудани барномаҳои таълимӣ бо назардошти зиёд кардани ҳиссаи кори мустақилонаи донишҷӯён, муқаррарсозии мазмуни маводи таълимӣ дар сохтори кори аудиторӣ ва беруназаудиторӣ; банизомдарории ҳамаи намудҳои супоришҳо барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда мутобиқи ҳаҷм ва муҳлати иҷро; тарҳрезии навъҳои гуногуни супоришҳое, ки имконияти худомӯзӣ, худтакмилёбӣ, худфаъолиро таъмин месозад [10. с.94].

Дар таҳқиқот ба мадди аввал принсипҳои зерин гузашта шудаанд: принсипи шуурнокӣ ва фаъолиятмандӣ, принсипи инфиродии услуби амал, тартиб ва низомнокӣ, дастрас будан, робитаи назария бо амалия.

Принсипи шуурнокӣ ва фаъолмандии кори мустақилона омӯзиш ва таҳлили сатҳӣ ва механикии маводро истисно намуда, омӯзгори ояндаро ба фаҳмиш ва дарки амиқи муҳтавои масъала ҳидоят мекунад. Фаъолмандӣ, дар навбати худ, вусъати майлу рағбат ва кӯшишу ғайрати донишҷӯ – омӯзгори ояндаро фароҳам оварда, иштироки ӯро дар раванди кори мустақилона доир ба проблемаи таҳқиқ ва омӯзиш қавӣ мегардонад. Шуурнокӣ ва фаъолмандӣ дар самти азхудкунии дониш бе сатҳи муайяни тафаккури мантиқӣ ва эҷодӣ, дарки ақлию зеҳнии масъала ва ё проблема дар раванди фаъолияти мустақилонаи муҳассилини макотиби олӣ тасаввурнопазир аст.

Омӯзгори оянда дар раванди таълиму тадрис ҳатман сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бояд ба ҳисоб гирад. Ба ин маънӣ, ба худи донишҷӯён-омӯзгорони оянда низ ҳаргиз супоришҳо ва маводҳое набояд дода шаванд, ки онҳо ба дараҷа ва сатҳи омодагии назариявӣ, бунёдии муҳассилин мувофиқ ва мутобиқ нестанд.

Устодони макотиби олӣ ҳангоми ташкили кори мустақилонаи муҳассилин-омӯзгорони оянда таҷрибаи таҳсил, хулқу атвор, майлу завқ ва хоҳишу рағбати онҳоро бояд ба назар гиранд. Маҳз дар заминаи омодагии назариявӣ ва амалии донишҷӯён супориш ва маводҳое барои омӯзиши мустақилона дода мешаванд, ки фаҳмиш ва дарки онҳо ба имконоти муҳассилин созгор аст. Яке аз шартҳои асосии принсипи дастрасии таълим аз сода ба мураккаб ва аз чизи номаълум ба маълум маҳсуб меёбад.

Аз сабаби он ки на ҳамаи донишҷӯён – омӯзгорони оянда дар машғулиятҳои лексиониву амалӣ ба моҳияти масъала сарфаҳм намераванд, аксаран дар дарсҳо мо машқҳои якранг, дилгиркунанда, ғайристандартӣ ва камсамарабахшро мушоҳида мекунем, ки он сатҳи зарурии рушди қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии донишҷӯёнро таъмин карда наметавонад. Аз ин рӯ, реҷаи ташкил ва гузаронидани фаъолияти мустақили

муҳассилини самти педагогӣ дар мактаби олӣ бояд чунин ба нақша гирифта шавад, ки ратсионалӣ ва пайдарпайӣ дар он рукни асосии фаъолият бошад.

Чунонки равоншиносон мегӯянд, қобилият ҳамчун категорияи муҳимми физиологӣ ва ақливу рӯҳи ба таври автоматӣ рушд намеёбад, он гум ҳам мешавад, агар донишҷӯ тафаккури мантиқӣ надошта бошад.

Бо дарназардошти дараҷаи татбиқи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ташаккули маҳорат ва малакаи эҷодӣ мо ченак ва сатҳи рушди фаъолияти мустақили муҳассилинро чунин тарҳрезӣ кардем: сатҳи паст; сатҳи миёна; сатҳи баланд, ки аз ҳам бо хусусиятҳои фарқкунандаи хеш ва дараҷаи нисбатан пасту баланд тафовут доранд [14, с. 73].

Чунончи, сатҳи паст аломат ва нишони сатҳи поёни фаъолияти мустақили донишҷӯ дар мавриди кори инфиродии таълимӣ аст ва аз дараҷаи суст ва заифи донишомӯзӣ ва пажуҳишу ҷустуҷӯйи омӯзгори оянда шаҳодат медиҳад. Ба ин қабил муҳассилине дохил мешаванд, ки дорои сатҳи пасти фаҳмиш ва дарки маълумот ва иттилооти соҳавӣ буда, комилан тафаккури мантиқӣ ва интиқодӣ дар бахши илмҳои педагогӣ надоранд. Чунин ашхос ба худомӯзӣ ва такмилёбии касбӣ чандон рағбат ва завқу ҳавас зоҳир намекунанд, ба ҷустуҷӯйи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳои муфид таваҷҷуҳ надоранд ва бо донишҳои дар аудитория гирифта маҳдуд мешаванд. Зиёда аз ин, онҳо дар иҷрои супоришҳои хусусияти эҷодӣ дошта низ беҳафсалаанд, дар фаъолияти мустақили омӯзишӣ ғайрифаъоланд.

Донишҷӯёни сатҳи миёна нисбатан фаъол бошанд ҳам, кӯшиш ва рағбати онҳо ҳанӯз ба дараҷаи қаноатбахши фаъолияти мустақили омӯзишу таҳқиқ нарасидааст. Ин қабил низ фаҳмиш ва дарки начандон пурра ва дақиқи моҳияти масъаларо доранд, мазмун ва мундариҷаи сарчашмаҳои илмиро дуруст дарк кардаву хулоса карда наметавонанд, маҳорату малакаи касбии миёнаҳол доранд. Категорияи мазкури донишҷӯён сафи омӯзгорониояндаи сатҳи миёнаро ташкил намуда, дар сурати аз болои худ кор кардан, такмили маҳорату малака ва рушди касби пешагирифта метавонанд ба қатори нисбатан боло ворид гарданд.

Ниҳоят сатҳи сеюм, ки онро сатҳи баланд номидан ҷоиз аст, аз ду намуди пештара комилан фарқ мекунад. Ин дараҷаи ташаккулёфтаи фаъолияти мустақили муҳассилин ва қобилияти эҷодии омӯзгорониояндаи риштаи педагогии мактаби олӣ буда, бо сатҳи баланди дониш ва хислатҳои пажуҳишии донишҷӯён муаррифӣ мегардад. Намояндагони ин гурӯҳи толибилмон соҳиби дониши фарох ва дорои маҳорату малакаи хуби касбӣ мебошанд. Ин зумра дар фаъолияти мустақил пешрав буда, мунтазам аз масъалаҳои таълиму тадрис тавассути асарҳои илмии донишмандони ватанӣ ва хориҷи кишвар, аз ҷумла Русия огаҳӣ доранд, бештар бо адабиёти илмӣ сару кор доранд, дар машғулиятҳо фаъолу пешрав мебошанд. Донишҷӯёни сатҳи баланди таҳсил ҳавасмандии хешро бобати донишандӯзӣ тавассути фаъолияти мунтазам ва вусъати имконоти маърифатӣ-зеҳнӣ дар омӯзиш ва баррасии проблемаҳои илмӣ-методӣ, рушди малакаҳои касбию эҷодӣ ба маърази эътироф мегузоранд [6, с. 97].

Ҳамин тариқ, таҳлили масъала дар ин қисмати таҳқиқ собит месозад, ки донишҷӯён-омӯзгорони оянда ба низоми густариш ва рушди фаъолияти мустақилона бо мақсади парвариши қобилияти эҷодӣ назари гуногун доранд. Онҳое, ки дар сатҳи баланд ва миёна қарор доранд, дар машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ, кори мустақилона бо кумаки омӯзгор фаъол ва пешрав мебошанд. Таҳқиқи масъала бори дигар собит кард, ки дар низоми кредитии таълим унсури тақвиятбахши дониш ва фаъолмандии омӯзгорони оянда кори мустақилонаи беруназдарсӣ маҳсуб меёбад ва он тавассути ташаббус ва ғайрату азамати онҳо бо нишондиҳандаҳои баланди дониш, маҳорат ва малака арзёбӣ мегардад.

Бо дарназардошти ҳадафи гузоштташуда фаъолгардонии кори мустақилонаи донишҷӯён-омӯзгорониояндаро дар муассисаи таҳсилоти олии самти педагогӣ мо дар чаҳорчӯбаи роҳандозии амсила пешбинӣ намуда, хусусиятҳои калидии онро ба тариқи зайл мушаххас месозем: ҳадафҳое, ки тавассути шарҳу эзоҳи натиҷаҳои интизорӣ ва ҳадафҳои субъектҳои раванди таҳсилот муайян карда мешаванд; ҳамкорӣ ва амалҳои мусбӣ ва рушддиҳанда дар заминаи мувофиқат бо сохтор ва усулҳои омодасозии кадрҳои

педагогӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ; низоми устувори меъёрҳо ва арзишҳои умумиқабулшуда; сохтори амиқи ташкилӣ, ҳамоҳанг ва ғайримарказонишуда, ҷузъҳои ба ҳам тавъам дар пояи худомӯзӣ, худтакмилёбӣ, худрушддиҳӣ ва худтатбиқкунии муҳассилин-омӯзгорони оянда.

Ба чунин фаҳмиши низоми кори мустақилонаи донишҷӯён розӣ шудан мумкин аст, вале маҳдуд сохтани ҳудуди истифодаи амсила тавассути фаъолияти бевоситаи донишҷӯён ва арзёбии натиҷаҳои бадастомада аз ҷониби омӯзгор маҳсулнок ба чашм намерасад. Зеро донишҷӯ на танҳо таълим мегирад, балки дар фаъолияти мустақилонаи хеш ба татбиқи донишҳо ва малакаҳои ҳосилшуда, худидоракунӣ ва худташкилшавӣ майл мекунад, фаъолияти шахсии маҳсулноки худро дар таъмини имкониятҳои ояндаи касбии худ ба нақша мегирад. Омӯзгори оянда лоиҳаи ҷустуҷӯйи муштарак ва ҳамкориро дар таъмини сифати касби интихобкарда иқдом бахшида, муносибати ҷиддиро дар фаъолияти мустақили омӯзиш ва таҳқиқ ба роҳ мемонад, дар мавриди мувофиқ машқи иҷрои тютер ва мушовирро низ ба уҳда мегирад. Ин нукта чун яке аз роҳу усули амсиласозӣ дар омодашавии донишҷӯ-омӯзгори оянда дар шароити низоми кредитии таълим дар мактаби олӣ бояд роҳандозӣ гардад.

Тибқи риояи меъёрҳои мавҷуда устоди донишгоҳ фаъолияти мустақилонаи донишҷӯёнро зери назорат мегирад, пурсишҳо омода месозад, маълумотҳои дастрасшударо таҳлил ва ҷамъбаст намуда, доир ба натиҷаҳои ҳосилшуда маълумот омода мекунад. Яъне, донишҷӯ яқин дарк мекунад, ки фаъолияти мустақил дар худомӯзӣ ва худтакмилёбӣ на барои устоди мутааллим, балки барои худи ӯ, баҳри пешравии касбӣ ва фатҳи қуллаҳои баланди илм, дониш, маҳорат ва малакаи эҷодӣ зарур аст.

Ба ибораи дигар, шуурнокии донишҷӯ боло рафта, тафаккур ва ақидаҳои вай ба мантиқи ҳадафҳою ниятҳо бояд рӯй оварад. Итминон пайдо кунад, ки танҳо ӯ бояд муҷиби пешравӣ, эҷодкорӣ ва касби камоли интихобкардааш гардад. Омӯзгори оянда айёми таҳсил дар мактаби олӣ шонси зиёд бобати худомӯзӣ, худтакмилдиҳӣ дорад. Дар ин росто ба вай муносибати ҷиддӣ ба омӯзиш ва фаъолитяти мустақил мадади калон мерасонад, ӯро ба дарки масъалаҳои мухталифи илми педагогӣ бо ёрӣ ва кумаки устод ҳидоят менамояд [9, с. 118].

Фаъолияти омӯзгор аз дараҷаи баланди дарсдиҳӣ ва маҳорати идоракунии аудитория иборат мебошад. Санъати устоди донишгоҳ ҳамчунин дар танзим ва ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён низ зуҳур меёбад ва ҳамчун маркази маърифатӣ-зеҳнии муттаҳидсоз дар бахши татбиқи фаъолияти донишҷӯён-омӯзгорони оянда намоён мегардад.

Аз нигоҳи талабот ва меъёрҳои ба риштаи таҳқиқ гузошта асоси амсилаи моро чунин намудҳои кори мустақилона: омӯзиши мустақилонаи маводи назариявӣ, омодагӣ ба дарсҳои семинарӣ ва амалӣ, иҷрои супоришҳои хаттӣ дар доираи проблемаи омӯхташаванда, конспекти асарҳои илмӣ-педагогӣ, навиштани реферат (гузориши мухтасар) доир ба ин ё он таҳқиқоти илмӣ. Чунонки дида мешавад, кори мустақилонаи донишҷӯ шаклу намуди мухталиф дошта, таҳти роҳнамоии устоди донишгоҳ, вале бо фаъолияти мустақим ва бевоситаи ӯ ба иҷро мерасад.

Асоси методологии кори мустақилонаи донишҷӯ-омӯзгориояндаро муносибати бошуурона ва фаъол ташкил медиҳад. Ҳадафи асосӣ – ташаккули маҳорат дар ҳалли супоришҳои маъмулӣ ва ғайримаъмулӣ буда, аз ҷониби донишҷӯ собит намудани дониш ва иттилоот доир ба ин ё он фан, проблемаи илмӣ дар робита бо алоқамандии байни фанҳо мебошад.

Мувофиқи амсилаи пешниҳодкардаи мо унсурҳои асосӣ ва ҷузъи таркибии кори мустақилонаи муҳассилини макотиби олии самти омӯзгорӣ аз инҳо иборат аст:

1. Равиши фаъолияти мустақили донишҷӯён. Дар навбати худ, ин рукни асосӣ аз чунин ҷузъҳо иборат аст: такрори маводи назариявӣ; ҷобаҷогузории масъалаҳои муҳимми мавзуъ; муайян кардани мазмун ва мундариҷаи донишу маълумот доир ба мавзуи матраҳшаванда; таҳлили амиқи мавзуъ; тартиб додани саволҳо доир ба муҳтавои лексияи устод.

Тазаккур медиҳем, ки роҳнамоӣ аз болои иҷрои кори мустақилонаи донишҷӯён дар шаклу намудҳои гуногун, аз ҷумла, тариқи суҳбат ва назорату санҷиш, машварат, таҳлили кори иҷрошуда, таҳрири кори бaaнҷомрасида, муколама, баҳс ва суҳбати рағбатангез (мотиватсионӣ) сурат мегирад.

Давраҳо ва қабули кори мустақилонаро чунин муайян кардан мумкин аст: интихоби адабиёти тавсиявӣ; омӯзиши саволҳои нақшаи машғулияти семинарӣ; конспект кардани масъалаҳои алоҳидаи мавзуъ, тартиб додани схема, таблитса ва диаграммаҳо дар заминаи мавзуи лексионӣ, адабиёти асосӣ ва иловагии тавсияшуда; иҷрои босифат ва ё бесифати супориш [13, с. 242].

2. **Методҳо ва шаклҳои ташкиили кори мустақилонаи донишҷӯён.** Дар робита ба ин масъала дар амсилаи пешниҳодшудаи мо шаклҳои гуногуни ташкили кори мустақилонаи донишҷӯёнро метавон ном бурд. Аз ҷумла, конспект, навиштани реферат, иҷрои корҳои ҷустуҷӯӣ-таҳқиқӣ, фаъолияти эҷодӣ: сохтани буклет, диаграмма, таблитса, омода намудани баромад дар семинар, навиштани маърӯза ва амсоли он.

3. Тавсияҳои методӣ ба устодон дар масъалаи ташкили босамари кори мустақилонаи донишҷӯён. Дар ин бобат тавсияҳо чунинанд: роҳ надодан ба вазнинии супоришҳои мустақили эҷодӣ бо дарназардошти имконоти маърифатӣ-зеҳнии муҳассилин; нигоҳ доштани баробарӣ ва алоқаманд кардани фаъолмандии донишҷӯён ҳангоми дарс ва берун аз дарс; ба донишҷӯён додани маслиҳатҳои амиқ ва равшану возеҳ нисбати ҳадаф ва шарту шароити супориш, ҳаҷм ва муҳлати иҷро; пешниҳод кардани намунаҳои иҷрои супоришҳо; пурзӯр кардани назорати ҷорӣ ва арзёбии сифати иҷрои кори мустақилона; хулосабарорӣ ҷиҳати дараҷаи маҳорату малакаи фаъолияти мустақили муҳассилин ва ҳоказо.

Дар сохтори амсилаи пешниҳодкардаи мо се қабат ва ё дараҷаи фаъолияти мустақилона мавҷуд аст.

Дараҷаи якум-пурмаҳсул номгузорӣ шудааст ва иҷрои супоришҳоро аз рӯйи намуна пешбинӣ мекунад. Аз ҷумла, иҷрои ин ё он масъала, тартиб додани ҷадвал, таблитса, диаграмма, ки ҳадафи асосӣ мустаҳкамкунии донишҳои ҳосилшуда аст.

Дараҷаи дуюм-эҷодӣ/конструктивӣ буда, мустақилона тартиб додани нақшаи кор, тезиси (фишурда) баромад, навиштани аннотатсия ва реферат мебошад. Ҳадафи асосии ин сатҳи кори мустақилона дарк кардан ва ба низом даровардани маводи азхудшудаи назариявӣ ба шумор меравад.

Дараҷаи сеюм-пажуҳишӣ, ҷустуҷӯйӣ маҳсуб ёфта, ҳалли супоришҳои ғайристандартӣ, ба амал овардани таҳлили вазъи воқеии ин ё он масъалаи омӯзишӣ, ташаккули малакаҳои эҷодкорӣ мебошад.

Ҳамчунин технологияи вусъати фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён дар рушди қобилияти эҷодии омӯзгорони оянда дар шароити низоми кредитии таҳсил мавриди таҳқиқ қарор гирифт. Технологияи мазкур ҳамчун самти нав дар ташаккули илми педагогӣ зиёда аз 50 сол қабл дар ИМА ба вуҷуд омада, фазои таҳсилоти ҳамаи кишварҳои дунёро фаро гирифт.

Ҷавҳари масъала ва нишонаҳои муҳимми падидаи мазкур аз он иборат аст, ки чӣ тавр сохтори раванди таҳсилот дар шароити низоми кредитии таҳсил тибқи истифода аз роҳу усули муосири технологияи педагогӣ густариш ва вусъат меёбад.

Гузариш ба низоми кредитии таҳсил дар назди устодони макотиби олии самти педагогӣ масъалаи ташкили оқилонаи кори мустақилонаро ба маърази муҳокима ва иҷро мегузорад, зеро ҳадафи асосии он тайёр кардани омӯзгори оянда ба фаъолияти миннбаъдаи касбӣ мебошад.

Аз ҷумла, аксари устодони макотиби олӣ зери мафҳуми кори мустақилона асосан роҳу равиши иҷрои супоришоти иловагиро дар машғулиятҳои беруназсинфӣ (берун аз аудитория) тасаввур мекунанду халос. Тоифаи дигари устодон кори мустақилонаро чун фаъолияти донишҷӯ дар самти аз худ кардани барномаи таълим бидуни дахолат ва иштироки омӯзгор шарҳ медиҳанд. Гурӯҳи дигар бар ин ақидаанд, ки кори мустақилона як навъ тарзи фаъолияти таълимии донишҷӯён аст.

Технологияи ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён-омӯзгорони оянда бо чунин шаклу намудҳо дар амал татбиқ мегардад:

**1.** Кор бо адабиёти илмӣ ва китобҳо**:** навиштани реферат, таҳияи аннотатсия, конспект кардан, таҳлил ва ташреҳи адабиёти илмӣ-методӣ, ҷамъ кардани иқтибосоти муҳим доир ба ин ё он консепсияи таълим ва тадрис.

**2.** Омода кардани ребусҳо ва кроссвордҳо: дар ин самти кори мустақилона донишҷӯён на танҳо донишҳои худро бо мавод ва иттилооти иловагӣ бой мегардонанд, балки тасаввурот ва маълумоти худро дар соҳаи истилоҳоти (терминологияи)психологӣ-педагогӣ такмил мебахшанд.

**3.** Навиштани эссе ва иншо дар мавзуи педагогӣ. Дар ин намуди фаъолият донишҷӯён кӯшиш мекунанд оид ба ин ё он консепсия, назария, технологияи таълиму тадрис андешаҳои хешро баён кунанд ва онҳоро аз нигоҳи талабот ва дархости илми педагогии муосир дарк намоянд.

**4.** Пажуҳиши педагогӣ: донишҷӯён ба ҷустуҷӯ ва бозёфти муҳити иттилоотӣ муваффақ мешаванд, аз қабили рӯзномаҳои соҳавӣ (педагогӣ), барномаҳои таълимии телевизионӣ, намоиши асарҳо ва маводҳои педагогӣ, навигариҳои илмӣ-методӣ.

**5.** Лоиҳа ва моделҳо (амсилаҳо): донишҷӯён тавассути ташаббус ва иқдомоти мустақил таҷрибаи омодасозии лоиҳа ва амсилаҳои соҳаи таълим ва тадрисро ба даст меоранд [12, с. 152].

6.Таҳияи тавсияҳо ва ёдномаҳо, иштирок дар конфронсҳо, маҳфилҳои илмӣ-методӣ, озмунҳои педагогӣ, ҳафта ва декадаҳо бахшида ба масъалаҳои таълим ва тадрис

Дар ҳамаи шаклу намудҳои дар боло зикршуда донишҷӯён ба фаъолияти мустақили пажуҳишӣ-эҷодӣ омода мешаванд, таҷриба меандӯзанд, ба маҳорату малакаи ҷудо кардани масъалаҳои марбут ба таҳсил ноил мегарданд ва дар рушди касби интихобкардаи омӯзгорӣ қадамҳои устувор мегузоранд.

**Муқарриз: Холназаров С. – д.и.п., профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав**

АДАБИЁТ


1. Байзоев А. Баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълим: Воситаи таълимӣ / А. Байзоев. – Душанбе: Эр-Граф, 2018. – 136 с.
2. Беляева, А. Управление самостоятельной работы студентов / А. Беляева // Высшее образование в России. – 2003. – №6. – С. 40-45 с.
3. Гроздева, В. И. Научно-практические основы планирования и организации самостоятельной работы студентов / В.И. Гроздева // Методы и формы организации самостоятельной работы студентов. – Саратов, 1995. – С. 81-99.
4. Елизарова, Г. В. Организации самостоятельной учебной деятельность студентов в логики реализации федеральных государственных образовательство / Г.В. Елизарова // Десятая международная научно-методическая конференция. – Н. Новгород. 2005. – №2. – С. 218-225.
5. Ковалев, Н. Г. Управление самостоятельной работой студентов в системе менеджмента качества образования в вузе / Н. Ковалева // Материалы X Международной научно – методической конференции «качество образования: менеджмент, достижения, проблемы». – Новосибирск, 2005. – С. 23-25.
6. Лутфуллоев, М. Назарияи таълим: Воситаи таълимӣ [Матн] / М. Лутфуллоев, Қ.С. Абдураҳимов – Қӯрғонтеппа: Матбаа, 2016. – 500 с.
7. Магаева, М. В. Организация самостоятельной работы студентов в вузах Нидерландов / М.В. Магаева, А.Ф. Плеханова // Материалы Всероссийской научно-методической конференции по теме: «Самостоятельна работа студентов в условиях современной информационной среды». – Новгород, 1998. – С. 67-73.
8. Маджидов Х. *М.* Кредитная система образования – вхождение в мировое образовательное пространство / Х.М. Маджидов, М. Рахмонкулов // Материалы международной конференции «Использование новейших технологий в процессе обучения школьным дисциплинам и изучение проблем научных и инновационных достижений в условиях глобализации в странах СНГ». – Душанбе, 2010. – С. 98-105.
9. Умарова Б. Х. Деловая переписка (в помощь студентам для самостоятельной работы при кредитной технологии обучения): Учебное пособие / Б.Х. Умарова, Н.С. Одинаев – Душанбе: Деваштич, 2010. – 120 с.
10. Холназаров С. Рушди фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён асоси баландшавии сифати дониш дар шароити низоми кредитии таҳсил / Х.И. Изатулоева, С. Холназаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2022. – №1/1(95). – С. 97-104. – ISSN 2663-5534.
11. Холназаров, С. Корҳои беруназсинфӣ ва шахсият: Воситаи таълимӣ / Холназаров С., Л.А. Орлова – Душанбе: Авесто, 2007. – 120с.

12. Холназаров С. Ташаккули заминаҳои асосии маърифатии шахсияти хонанда: Воситаи таълимӣ / С. Холназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 152 с.
13. Шарифзода Ҷ. Асосҳои дидактикии ташаккули малакаҳои кори мустақилонаи донишҷӯён дар ҷараёни таълим: Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 241 с.
14. Шарифзода Ҷ. Тавсияҳо доир ба ташкили корҳои мустақилонаи донишҷӯён: Дастури методӣ. – Душанбе: Ирфон, 2015. – 73 с.
15. Шишкин, В. П. Планирование, организация и контроль внеаудиторной самостоятельной работы студентов [Электронный ресурс] / В.П. Шишкин. – Москва, 2018. – 110 с.

## ТАТБИҚИ АМАЛИИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНА ДАР ТАШАККУЛИ МАҲОРАТ ВА МАЛАКАИ ЭҶОДИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақола татбиқи амалии фаъолияти мустақилона дар шароити низоми кредитии таълим ва ба ин васила баланд бардоштани малакаи касбии донишҷӯён-омӯзгорони оянда сухан меравад. Барои донишҷӯён кори мустақилона ҳамчун зинаи махсуси таҳсилот дар заминаи ҷустуҷӯ, коркард, азхудкунии иттилоот буда, ба афзуншавӣ ва такмили салоҳиятмандии касбӣ роҳи васеъ мекушояд. Мақоми кори мустақилонаи донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ на танҳо барои азхудкунии донишҳо аз рӯйи фанҳои таълимӣ, балки инчунин барои ташаккули маҳорати касбӣ, малакаҳои нави кори таҳқиқотӣ, инкишофи сифатҳои ахлоқию психологӣ муҳим ва муфид нигаронида шуда, он аслан фаъолияти эҷодӣ маҳсуб мeёбад. Дар мақолаи мазкур вобаста ба амсилаи омодасохта, ки барои рушди фаъолияти мустақилона ва қобилияти эҷодии донишҷӯён дар шароити низоми кредитии таълим равона шудааст, таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шуда, давра ба давра таҷрибаҳо низ гузаронида шуданд ва ба ин васила дараҷаи инкишоф ва рушди қобилияти эҷодии донишҷӯён ҳангоми фаъолияти мустақилона муайян карда шуда. Дар фарогирии донишҳои мукаммали бунёдӣ-назариявӣ, ташаккули маҳорату малакаи касбӣ ташкили корҳои мустақилона саҳми назаррас дорад, ки дар мақолаи мазкур ба таври мушаххас баррасӣ шудааст.

**Калидвожаҳо:** кори мустақилонаи донишҷӯён, салоҳиятнокӣ, раванди таълим, қобилияти эҷодӣ, низоми кредитии таҳсил, маҳорати педагогӣ, худтакмилдиҳӣ.

## ПРАКТИЧЕСКОЕ ПРИМЕНЕНИЕ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РАЗВИТИИ ТВОРЧЕСКИХ СПОСОБНОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ

В статье речь идет о практическом осуществлении самостоятельной деятельности в условиях кредитной системы обучения и повышении тем самым профессионального мастерства будущих студентов-педагогов. Для студентов самостоятельная работа представляет собой особый уровень образования в контексте поиска, обработки, усвоения информации и открывает широкий путь к повышению и совершенствованию профессиональной компетентности. Статус самостоятельной работы студентов в высших учебных заведениях направлен не только на получение знаний по учебным предметам, но и на формирование профессиональных навыков, новых исследовательских умений, развитие нравственно-психологических качеств и рассматривается творческая деятельность. В данной статье в связи с подготовленной моделью, которая направлена на развитие самостоятельной деятельности и творческих способностей обучающихся в условиях кредитной системы обучения, проводились научные исследования и время от времени проводились эксперименты, и таким образом определяется уровень развития и развития творческих способностей студентов в процессе самостоятельной деятельности. Для включения полных фундаментально-теоретических знаний, формирования профессиональных навыков существенный вклад имеет организация самостоятельной работы, что специально указано в данной статье.

**Ключевые слова:** самостоятельная работа студентов, компетентность, учебный процесс, творческие способности, кредитная система образования, педагогические навыки, обучение и т. д.

## PRACTICAL APPLICATION OF INDEPENDENT ACTIVITY IN THE DEVELOPMENT OF STUDENTS' CREATIVE SKILLS

The article deals with the practical implementation of independent activity in the conditions of the credit system of education and thereby improving the professional skills of future students-teachers. For students, independent work is a special level of education in the context of searching, processing, assimilation of information, and it opens a wide way to the increase and improvement of professional competence. The status of independent work of students in institutions of higher education is aimed not only at the acquisition of knowledge from academic subjects, but also at the formation of professional skills, new research skills, the development of moral and psychological qualities, and it is considered a creative activity. In this article, in connection with the prepared model, which is aimed at the development of independent activity and creative ability of students in the conditions of the credit system of education, scientific research was carried out and experiments were conducted from time to time, and thus the level of development and development of creative ability of students during independent activity is defined. In order to include complete fundamental-theoretical knowledge, the formation of professional skills, the organization of independent work has a significant contribution, which is specifically stated in this article.

**Keywords:** independent work of students, competence, educational process, creativity, credit system of education, pedagogical skills, training, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Изатулоева Холида Исматовна*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, кафедраи методикаи таълими ибтидоӣ, омӯзгор. **Суроға:** 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 93-450-91-90**. E-**mail:holiida1975@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Изатулоева Халида Исматовна*** **-** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кафедра методики начального образования, преподаватель. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, Хатлонская область, улица Айни, 67. Телефон: **(+992) 93-450-91-90**. E-mail:**holiida1975@bk.ru**

**Information about the author:** ***Izatuloeva Khalida Ismatovna*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Department of Methods of Primary Education, teacher. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bokhtar, st. Aini, 67. Phone**: (+992) 93-450-91-90**. E-mail:**holiida1975@bk.ru**

ТДУ:372.832 (575.3)

# ОИЛА, АСОСИ ТАШАККУЛ, РУШДИ ҶАҲОНБИНӢ, АХЛОҚ ВА МАЪНАВИЁТИ ИНСОН ДАР АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

*Каримова М.М.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Раванди ҷаҳонишавие, ки имрӯз дар тамоми соҳаҳои зиндагӣ мушоҳида мегардад, дар баробари вазифаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсию фарҳангӣ ва илмию адабӣ вазифаи пойдорӣ ва устувории оила, таълиму тарбияи фарзанд дар оила, ташкили муҳити солим дар оила ва дар маҷмуъ солим гардонидани муҳити маънавии ҷомеаро аз диди нав ба миён гузоштааст. Зимнан таъкид бояд кард, ки дар замони муосир раванди ҷаҳонишавӣ дар давоми қарни охир бар асари табаддулоту таҳаввулоти тазодангези худ низоми таълиму тарбияро низ ба монеаҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ кард.

Дар ҳама давру замон таълиму тарбия ва рушди ахлоқу маънавиёти аҳли хонадон бар дӯши падару модар буд ва ҳаст. Чи тавре аз таъкидҳои ниёгони бузургамон бармеояд, фарзанди баору номус, боақлу заковат, бомаърифату бофарҳанг, худогоҳу худшинос ва меҳанпарасту меҳнатдӯст давомдиҳандаи умри падару модар ва номбардори эшон мебошад. Аз ҳамин лиҳоз, падару модар дар таълиму тарбия ва ба камол расидани онҳо ва муҳайё сохтани шароити мусоид ҳеҷ чизро дареғ надоранд. Зеро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» падару модарро вазифадор намудааст, ки барои саломатӣ, рушду такомули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанди худ ғамхорӣ намоянд. Дар Қонуни мазкур чунин омадааст: «- барои саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанди худ ғамхорӣ намоянд» [3, с. 5].

Рушди ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва маънавиёти инсон аз оила сарчашма мегирад. Яъне, аҳли оила, бавижа фарзандон, олами гирду атроф, муносибат бо дигаронро ба туфайли волидайн мешиносанд ва воқеаҳои бавуқӯъомадаро аз диди онҳо баҳогузорӣ мекунанд. Дар ин маврид бояд як нуктаи муҳимми дигарро низ зикр намоем, ки дар оила ба ғайр аз падару модар ва фарзандон боз аҳлу авлод, хешону наздикон ва содиқон (дӯстон)-и оила низ алоқамандӣ доранд. Сарчашмаҳои (китобҳо, филмҳо ва ғайра) хеле зиёди мавҷуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки онҳо дар муҳайё сохтани муҳити солими маънавӣ ва умуман ҳаёти оила ва ҳатто таълиму тарбияи фарзандон нақши хеле муҳимро бозидаанд. Бинобар ин, муносибатҳои байни падару модар бо аҳлу авлод, хешовандону наздикон, содиқон ва амсоли инҳо дар раванди таълиму тарбияи фарзандон робитаи ногусастанӣ ва таъсири хосса дорад.

Муносибати хуби байни падару модар, риояи ҳуқуқҳои якдигар ва эҳтирому меҳрубонӣ нисбати хешовандону наздикон ва содиқону дӯстон дар оила дар фаҳм ва зеҳни фарзанд, пеш аз ҳама, эҳтиром ба шахси худ, ҳурмату эҳтиром ба инсон ба нафароне, ки ӯро иҳота мекунанд ва умуман эҳтиром ба ҷамъиятро парвариш мекунад.

Аз Пайғамбарамон сар карда, ҳамаи мутафаккирони бузурги гузаштаамон ба падару модарон муроҷиат намуда, таъкид кардаанд, ки фарзандони хешро эҳтиром кунанд ва онҳоро ҳамчун шахсони баркамоли дорои хислатҳои ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ба воя расонанд. Дар ин хусус пайғамбари ислом Муҳаммад (с) чунин фармудаанд: «Фарзандони худро эҳтиром кунед ва ба онҳо бо одобу рафтори нек бархӯрд намоед, ба фарзандони худ дар анҷоми некӣ ва ҳашр ёрӣ расонед» [13, с. 5].

Аз гуфтаҳои боло, маълум мегардад, ки бузургони гузаштаи мо, новобаста бар он ки дар давру замони гуногун умр ба сар бурдаанд, ҳама ба як ақида будаанд. Яъне, тарбия ва ба воя расонидани инсони баркамол, соҳиби ақлу хиради солим, ахлоқи ҳамида, худогоҳу эҷодкор ва созанда.

Дар баробари дигар мутафаккирони бузурги гузаштаи мардуми форсу тоҷик олими шинохта ва файласуфу орифи барҷаста Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар осори хеш роҷеъ ба мавзуи таълиму тарбияи фарзанд дар оила изҳори назар намуда, фикру ақидаҳояшро ба таври возеҳ баррасӣ кардааст.

Бояд тазаккур дод, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба масъалаи мазкур дар осори хеш диққати хосса дода, як боби махсусро дар осори бузургтарини худ, ки ба оламиён ҳамчун «Захират-ул-мулук» маълум ва машҳур аст, ба масъалаи тарбияи оилавӣ бахшидааст. Боби чаҳоруме, ки мутафаккир ба ин масъала бахшидааст, «Дар ҳуқуқи волидайн ва завҷа ва завҷ ва авлод ва абид (ғулом) ва ақориб (наздикону хешон) ва асдақо (содиқон)» номгузорӣ шудааст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар баробари ҳуқуқҳои волидайн ва завҷа ва завҷ масъалаи ҳуқуқҳои авлод ва абид ва ақориб ва асдақоро низ овардааст. Ба ақидаи бузургвор, ба ғайр аз волидайн, завҷа ва завҷ ва фарзандон, ки оиларо ташкил мекунанд, боз ба оила, аъзои он ва умуман ба ҳаёти оила авлод, абид, ақориб ва асдақо алоқамандӣ дошта, дар устуворӣ, пойдорӣ ва дастгирию пешрафти оила нақши муайянеро мебозанд. Хусусан, агар дар бораи таълиму тарбияи фарзанд ва муҳайё сохтани муҳити солими маънавии оила сухан равад, пас эшон метавонанд, ки дар ин ҷода низ саҳми арзандаи худро дошта бошанд.

Дар ин ҷо, як нуктаи дигареро бояд зикр намоем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол оилаҳои серфарзанд хеле зиёд мебошад ва дар таълиму тарбияи фарзанд, агар муносибатҳои падару модар дар мадди аввал истад, баъдан муносибатҳои аъзои калонсоли оила низ нақши хеле калонро мебозад.

Кӯдак маҳз дар раванди муносибатҳои худ бо калонсолони оила, пеш аз ҳама, дар асоси муносибатҳо, рафтор, гуфтор хислатҳои ахлоқияшро рушд медиҳад, устувор мекунад ва сифатҳои неки онҳоро аз бар намуда, характери хешро ташаккул медиҳад.

Паҳлуи дигари муҳимми ақидаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар он аён мегардад, ки ӯ дар таълиму тарбияи фарзанд масъалаи ғамхории падару модар, аъзои калонсоли оила, хешу табор, дӯстон, наздикон ва содиқонро ба миён гузоштааст. Масъали мазкур дар шароити муосири ҷомеаи мо низ яке аз мавзуъҳои мубрами рӯз ба ҳисоб рафта, мутаассифона, то ҳол ба пурраги ҳаллу фасл наёфтааст. Дар илми педагогикаи муосир, махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба масъалаи мазкур то имрӯз ягон таҳқиқоти ҷиддӣ ба анҷом расонида нашудааст. Ҳол он ки дар раванди ба камол расонидани фарзандон муайян намудани ҳамфикрии падару модар бо дигар аъзои оила, роҳҳо, тарзу усул ва воситаҳои самараноки ҳамкории онҳо, такмили мазмун, мундариҷа ва шаклҳои таълиму тарбияи фарзандон, ташкил намудани фаъолияти кӯдакон дар оила аҳаммияти хеле бузургро соҳиб мебошад.

Ба қавли Ҳамадонӣ, одамон маҳз дар сурати ба ҷо овардани муносибати нек, дастгирии якдигар ва риояи эҳтироми тарафайн дар раванди зиндагӣ метавонанд хушбахту саодатманд бошанд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар муносибатҳои одамон принсипи бародариву баробариро пеш гирифта, тарафдори он мебошад, ки дар байни инсонҳо, пеш аз ҳама, бояд ҳурмату эҳтиром, якдигарфаҳмӣ, адолат, некӣ ва раҳму шафқат ҳукмфармо бошад, чунки дар таълиму тарбияи фарзандон муносибати нек, ҳамфикрии аъзоёни оила ва шахсони ӯро иҳота карда, мазмун ва фаъолияти меҳнатии онҳо, сатҳи маданияти педагогию психологӣ, маълумоти фарҳангӣ ва обрӯи шахсияти ҳар яки онҳо дар ташаккул ва рушди хислатҳои ахлоқии тарбиягирандагон мақоми ҳалкунанда дорад.

Чи тавре маълум мегардад, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ инсонҳоро ба адолат, раҳму шафқат ва якдигарфаҳмӣ даъват карда, зулму золимӣ ва азобу шиканҷаро дар муносибатҳои байни одамон зери тозиёнаи танқид мегирад. Ба ин васила Алии Ҳамадонӣ талаб кардааст, ки ҳар як инсон, новобаста ба мақому манзалат ва дорандагиву нодории худ, дар рафтор ва муносибат бо дигарон эҳтиром, иззати нафс, хайру саховат, бародариву баробарӣ ва адлу инсофро риоя намояд.

Лозим ба ёдоварист, ки Абуалӣ ибни Сино низ дар рисолаи «Тадбири манзил» мавзуи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, дар муносибату муросои байни одамон мардумро ба адолат, раҳму шафқат ва якдигарфаҳмӣ даъват кардааст. Масалан, дар муносибати байни марду хидматгор аз мард талаб кардааст, ки нисбати хидматгор дар рафоқат бошанд, онҳоро аз худ дур накунанд, онҳо низ аҳли башаранд ва бо онҳо муносибати одилонаро раво бинанд. Файласуфи бузург чунин овардааст: «Сазовор аст, ин

ки худоро қайд кунӣ дар муқобили ин неъмат, ки барои ту аз хидматгорону коргузорон мусаххар карда. Ва низ сазовор аст, ин ки онҳоро ба худат наздик кунӣ ва аз худат дур накунӣ ва тафаққуд намоӣ ва музиллашон нагузорӣ ва бо рифқ рафтор кунӣ ва танг нагирӣ, зеро ки онҳо ҳам башаранд, хаставу малул мешаванд ва сустиву пирӣ ба онҳо ориз мегардад, ҳавоизу ҳавоишҳое, ки дар табиати башар ҳаст, барои онҳо ҳам ҳаст» [1, с. 26].

Чи тавре зикр кардем, ҷавҳари асосии осори ҳамаи мутафаккирони мардуми форсу тоҷикро мавзуи инсонпарвариву башардӯстӣ ташкил медиҳад. Дар муносибатҳои байни одамон моро ба ҳурмату эҳтиром, якдигарфаҳмӣ, адлу инсоф ва бародариву баробарӣ даъват кардаанд. Ин принсипҳои муносибати байни одамон, ки онҳо ба мо тавсия кардаанд, маҳз дар шароити ҷомеаи кунунӣ дар муносибати байни одамон арзиши бештарро касб мекунанд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамчун олими гуманисти даврон дар осори хеш хислатҳои шарри инсониро, ба монанди фиреб кардани мардум, хиёнат кардан ба касе, ҷабру ситамро раво дидан ба бандагон (ғуломон) ва зердастон мазаммат карда, хонандаи худро ба он даъват мекунад, ки агар хоҳед, ки фардо рӯзи қиёмат биҳишт насибатон гардад, пас бо дигарон ва бандагону зердастони худ дар муомила, муносибат ва рафтор бораҳму шафқат бошеду иззати нафс ва ҳурмату эҳтироми эшонро ба ҷо биоред. Дар акси ҳол шумо сазовори биҳишт нестед. Мутафаккири бузург ин ақидаи худро дар қисмати чаҳоруми «Захират-ул-мулук» дар боби «ҳуқуқи ходим» чунин овардааст:

«Фармуд, ки дар биҳишт дар наёяд фиребандаи мардум ва не хиёнаткунанда ва не касе, ки ҷабр кунад бар бандагон ва зердастони худ» [5, с. 98].

Аз таҷрибаи ҳаёт маълум аст, ки дар шароити ҷомеаи муосири мо ба ҳолатҳое дучор мегардем, ки нафароне ёфт мешаванд, ки барои иҷрои сохтмоне ва ё кори дигаре сохтмончиёнро (дар бисёр ҷойҳо онҳоро усто мехонанд) даъват мекунанд ва баъд аз анҷоми кор муздашонро намедиҳанд, фиреб медиҳанд, дурӯғ мегӯянд ва онҳоро сарсону саргардон мекунанд. Ё ҳолатҳои дигар ҳам мешаванд, ки одамон дар фиреб ва ҳилаю найранги дигарон гирифтор мегарданд.

Чи тавре ба мо маълум мегардад, ақидаҳое, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар замони худ гуфта буд дар шароити ҷомеаи имрӯза низ аҳаммияти тарбиявиашонро на танҳо гум накардаанд, балки характери рӯзмарраро касб кардаанд. Ва ба ҳар як шаҳрванди асил лозим меояд, ки дар муносибатҳои худ бо наздикон, хешовандон, ҳамсояҳо ва одамони гирду атроф боҳурмату эҳтиром буда, дар ҳама ҳолат босабру таҳаммул ва бораҳму шафқат бошад.

Масъалаи муносибати хуб ва бораҳму шафқатро бо бандагони (ғуломони) худ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ яке аз мавзуъҳои муҳим дар муносибати одамон ҳисобида, таъкид менамояд, ки соҳибони (хоҷагони) ин бандагон дар бештари ҳолатҳо бояд аз гуноҳони онҳо гузашт намоянд, чунки бандагон нисбати хоҷагони худ дар зери азобу машаққат ва меҳнати вазнин гирифторанд. Яъне, бандагон худ, аллакай дар азобу шиканҷа гирифтор мебошанд. Аз ин рӯ, хоҷагон бояд ҳамеша ба он кӯшиш намоянд, то ин ки бо онҳо бо мулоиматӣ, ҳурмату эҳтиром муносибат ва муросо намоянд.

Ҳамин нуктаро бояд махсус зикр намоем, ки мутафаккири бузург ба он кӯшидааст, ки дар муносибати байни ходим, хоҷа ва бандагони онҳо ҳисси инсонпарвариро ошкор сохта, ба мардум нишон диҳад, ки муносибати ҳақиқии инсонӣ дар байни одамон чӣ тавр бояд дар амал ба роҳ монда шавад. Ва мутафаккир барои исботи фикрҳои хеш аз номи Умар, разияллоҳу анҳу, чунин ривоятро манзури мо мегардонад: «Ибни Умар, разияллоҳу анҳу, гуфт: Шахсе пеши Расул, алайҳиссалом, омад ва гуфт: Эй Расули Худой, чанд бор афв кунем аз бандагон? Расул, алайҳиссалам, хомӯш шуд, пас гуфт: Ҳафтод бор аз эшон афв кунед» [5, с. 98].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо мақсади он ки хонанда боварӣ ҳосил намояд, дар ҳамин мавзуъ ду ҳолати дигарро аз ҳаёти Ансорӣ ва Абудардо мисол меорад, ки чунин аст: «Абумасъуди Ансорӣ, разияллоҳу анҳу, гуфт: Ман рӯзе бандаи худро мезадам. Овозе шунидам аз паси худ, ки гуфт: Эй Абӯмасъуд! Чун назар кардам, расул саллаллоҳу алайҳи ва салам, буд. Фармуд, ки ба Худой, ки Худои таоло қодиртар аст бар ту аз ту бар вай.

Гуфташ: Эй Расули Худой, ман ӯро озод кардам барои Худой. Гуфт: Агар чунин намекардӣ, оташи дӯзах рӯйи туро сиёҳ мегардонид» [5, с.99].

Ё ин ки: «Нақл аст, ки Абудардоро канизаке буд, ки хидмати ӯ кардӣ. Рӯзе Абудардоро гуфт: Як сол аст, ки ман туро заҳр додаам ва дар ту ҳеҷ асар накард. Гуфт: Чаро чунин кардӣ? Гуфт: Хостам, ки аз зилли бандагӣ халос ёбам. Гуфт: Ҳар ҷо, ки хоҳӣ, бирав, ки ман туро аз барои ризои Худо озод кардам» [5, с.99].

Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз ҳаёти саҳобаҳои Расули Худой мисол оварда, исбот карданӣ мешавад, ки муносибати байни хоҷаю бандагон бояд дар сатҳи баланди маданияти инсонӣ қарор дошта бошад. Ба қавли Алии Ҳамадонӣ, муносибати дурушту дағал ва зулм кардан бар бандагон оқибат саволу ҷавоби худро дошта, хоҷагоне, ки нисбати бандагону зердастони худ чунин муносибати ноодилонаро раво медонанд, албатта, билохира онҳо ҷазои худро мебинанд.

Дар асоси таълимоти Қуръони маҷид, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба он такя кардааст, агар одамон бо камоли меҳру муҳаббат, некхоҳӣ бо якдигар муносибату муошират намоянд, аз ҷумла бо хешону наздикон, содиқону рафиқон, бахусус бо аҳли оила бо як меҳру муҳаббати самимӣ муносибат кунанд, Худованд гуноҳони содиркардаи онҳоро мебахшад. Дар ин ҳолат, дар оила оромию осудагӣ ҳукмфармо мешавад, файзу баракати хонадон зиёда мегардад ва аҳли оила бошад, хушбахт мешаванд, дар натиҷа як оилаи хушбахт ба миён меояд.

Таълимоти Қуръон инсонро ба кирдори нек, нияти пок, муносибати самимона, дили пур аз меҳр даъват менамояд, ки ҳамеша замири инсониро зебою покиза мегардонад, кирдори бад бошад, ғайр аз қабоҳат, сиёҳӣ, хислати шарри инсонӣ чизи дигаре нест, ки Аллоҳ амалиёти бадқасдонаро ҳеҷ вақт намебахшад. Одами одил, хирадманд ҳамон аст, ки ҳамеша дар фикри хайрхоҳиву меҳрубонии аҳли оила, хешону наздикон, содиқону бандагон ва дигарон бошад.

Мутаассифона, ёфт мешаванд нафароне, ки ба ҷойи адлу инсоф ва хайрхоҳӣ эшонро хору зор медоранд, зулму золимӣ ва беадолатиро раво дида, ҳамеша таҳқиру маломат мекунанд. Албатта, чунин рафтор зиллат ва аз олами инсонӣ дур аст. Ҳама гуфтаҳои дар боло зикршуда шаклҳои зуҳурёбии некию покизагӣ ва қабоҳат дар ахлоқ ва ҳаёти ҳаррӯзаи мо мебошад.

Фақеҳони дини ислом чунин мешуморанд, ки тақводорӣ, чун шакли зуҳуроти покизагӣ ва зебоии ботинӣ, аз ҳақиқати амали динӣ - дунявӣ ҷудо нест. Охир, тақводор ҳамон вақт покизаву наҷиб аст, ки як ҳиссаи ҷони (рӯҳи) хешро ба муҳаббат ба Аллоҳ, Ватан, халқ, миллат, аҳли оила, хешону наздикон, содиқон, дӯстону рафиқон ва дигарон бахшад.

Дар Қуръони маҷид бисёр оятҳо ҳаст, ки онҳо аҳаммияти калони тарбиявӣ доранд. Онҳо на фақат дорои арзишҳои динӣ, балки арзишҳои ахлоқию зебоии маънавӣ низ мебошанд.

Хусусияти асосӣ ва хосси диндорони содиқ дар он аст, ки эшон бо ҳамдигар ба камоли ғамхорӣ ва меҳру муҳаббати бепоён ва холисона муносибат мекунанд. Онҳо ҳалиму фурӯтан, поктинату афвкунанда ва нисбати ҳамдигар меҳрубону мушфиқанд ва касе аз сари ҷаҳл сухани носазое гӯяд, сабру таҳаммул карда, афв мекунанд.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар рисолаи «Захират-ул-мулук» нақлеро дар бораи Авф ибни Абдуллоҳ меорад, ки чунин аст: «Нақл аст, ки Авф ибни Абдуллоҳро ғуломе буд бадсират, ки беодобӣ бисёр кардӣ ва ҳар гоҳ, ки Авфро хашм омадӣ, гуфтӣ: Ин ғулом монанди хоҷаи худ аст, чунончи хоҷаи ӯ дар Худованди худ осӣ мешавад, ӯ низ дар хоҷаи худ осӣ мешавад. Ва чун ӯро маломат карданд, ки чаро инро намефурӯшӣ, гуфтӣ, ки ман мехоҳам, ки нафси худро ба бадхоҳии ин ғулом саркӯфта дорам. Филҷумла, ҳар киро банда ва ё ҷорияест, ӯро дар мавқифи арз аз ҳуқуқи эшон хоҳанд пурсид» [5, с. 99].

Дар нақле, ки дар боло манзур гашт, Алии Ҳамадонӣ ақидаеро ҷонибдор аст, ки шахсони муътабару бомаърифате ҳастанд, ки дар бисёр ҳолатҳо вазнинии ин ё он корро бар дӯши худ мегиранд. Онҳо ҳарчанд ба хубӣ дарк мекунанд, ки метавонанд аз чунин дарди сар ба осонӣ халос шаванд. Масалан, чи тавре дар нақл омадааст, Авф ибни Абдуллоҳ ба осонӣ метавонист ғуломи бадсиришти худро фурӯшаду аз ӯ халос шавад.

Аммо ӯ ин корро барои он намекунад, ки агар ӯро ба каси дигар фурӯшад, ӯ бадхоҳиҳои зиёдеро метавонад ба сари хоҷаи худ биёрад. Бинобар ин, Авф ибни Абдуллоҳ мехоҳад ҳама вазниниро бар дӯши хеш гирифта, ба ҳамин васила нафси худро ба бадхоҳиҳои ин ғулом саркӯфта намояд, яъне бо ҳамин восита гуноҳони худро шуста кунад.

Тибқи ақидаи Алии Ҳамадонӣ, хоҷагоне, ки ғулом доранд, бояд донанд, ки онҳо ҳаққу ҳуқуқи бандагони худро риоя кунанд ва эшонро ба зулму золимӣ гирифтор накунанд. Аз ин рӯ, мутафаккир таъкид кардааст, ки бандагонро бар хоҷагони худ ҳафт ҳақ аст. Ва дар рисолаи «Захират-ул-мулук» ҳамаи ин ҳафт ҳаққи бандаро бар хоҷа як-як пешкаш кардааст: «Ва бандаро бар хоҷа ҳафт ҳақ аст: аввал, он ки дар хӯрдан ва пӯшидан ӯро бо худ баробар дорад; дувум он ки, ӯро зиёдат аз тоқат кор нафармояд; савум он ки, он чи аз ҳудуд ва аҳкоми шаръ бар вай воҷиб аст, ӯро таълим кунад; чаҳорум он ки, чун дар рӯз вазифаи хидмат ба ҷой оварда бошад, ба шаб кори дигар нафармояд; панҷум он ки, ӯро ба назари ҳақорат набинад; шашум, он ки дар вақти адои фароиз ӯро коре нафармояд, чунончи, ба сабаби кори ӯ фарзи ӯ қазо шавад; ҳафтум он ки, ҳар зиллате, ки дар вай нуқсони дин набошад, аз ӯ афв кунад» [5, с. 99].

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аз хоҷагон даъват ба амал оварда, таъкид кардааст, ки эшон ҳуқуқҳои бандагони худро бояд риоя намоянд. Яъне, ҳар он чи ки хоҷа худ мепӯшаду мехӯрад, ҳамонро ба бандагонаш раво бинад. Бандаи худро аз ҳад зиёд ё қувваю дармони ӯро дида, мувофиқи тавоноиаш ба ӯ кор фармояд.

Мутафаккир аз хоҷагон талаб кардааст, ки мувофиқи талаботи замон ба бандагони худ таълим диҳанд. Ин ақидаи Алии Ҳамадонӣ дар ҳамон замон хеле ақидаи пешқадам ба ҳисоб мерафт. Ба қавли Алии Ҳамадонӣ, новобаста аз аслу насаб ва вазъи иҷтимоӣ, ҳама одамон бояд соҳиби илму дониши замони худ бошанд. Ва аз хоҷагон даъват ба амал овардаанд, ки дар ин кор мусоидат намоянд.

Шарти чаҳорум ин аст, ки агар хидматгор дар рӯз ҳама корҳоро ба анҷом расонида бошад, хоҷа ба ӯ дар вақти шаб кори иловагӣ нафармояд, яъне бигузорад ки роҳат бинад ва зулму ситамро раво набинад.

Дар шарти панҷуме, ки мутафаккир пешниҳод кардааст, аз муносибати неки инсонӣ дарак медиҳад. Хоҷа бояд ба бандаи худ бо чашми ҳақорат назар накунад. Яъне, ӯ ба хидматгори худ муносибати хуб дошта бошад ва дар ҳама ҳолат қадру манзалати инсонии ӯро эҳтиром намояд.

Шарти дигаре, ки Алии Ҳамадонӣ дар назди хоҷа мегузорад, он аст, ки хоҷа набояд, ки ба хотири иҷрои коре шуда бандаи худро аз иҷрои ибодат маҳрум созад. Дар ин ҷо мутафаккир таъкид кардааст, ки бандагонро аз ибодат маҳрум накунанд, яъне бигузоред намозро дар вақташ ба ҷой биоранд.

Шарти охирине, ки Алии Ҳамадонӣ тавсия кардааст, маънои онро дорад, ки ҳар вақте ки аз тарафи хидматгор гуноҳе содир шаваду ин зиллат ба дин зарар наоварад, хоҷа ӯро бояд бубахшад. Ба қавли Алии Ҳамадонӣ, хоҷа набояд, ки хидматгори худро ба ҳар гуна гуноҳон ва хатогиҳои ночиз зери итоб гирифта, ба ӯ зулм кунад.

Ҳафт ҳаққи бандаро бар хоҷа, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ пешниҳод кардааст, пеш аз ҳама, мақсади ба низом овардани муносибатҳои байни хоҷа ва хидматгор мебошад.

Ба қавли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, риоя намудани ҳурмату эҳтиром, раҳму шафқат, гузашт кардан аз гуноҳони якдигар, нарасидан ба иззати нафси аъзои оила (аз ҷумла, хешовандон, наздикон, хидматгорон, содиқон ва ғ.), сабру таҳаммул ва ҳаққу ҳуқуқҳо оиларо аз харобию пошхӯрӣ раҳоӣ дода, онро пойдор, мустаҳкам ва муттаҳиду устувор мекунад.

Мутафаккир муътақид бар он буд, ки агар аъзои оила ҳамаи шартҳо ва қоидаҳои оиладориро ба пуррагӣ риоя намоянд, дар оила муҳити солими маънавӣ ба миён омада, дар таълиму тарбияи фарзандон шароити мусоид фароҳам мегардад.

Ҳаққу ҳуқуқҳое, ки Алии Ҳамадонӣ дар рисолаи хеш пешкаши хонанда гардонидааст, дар фароҳам овардани шароити педагогию психологии оила нақши ҳалкунандаро мебозанд. Риояи шарту талаботе, ки Алии Ҳамадонӣ тавсия кардааст, имконият медиҳанд, ки:

а) барои таълиму тарбияи дурусти фарзандон шароити мусоид фароҳам оваранд;

б) муҳити солими ахлоқӣ - маънавии оиларо пурра таъмин намоянд;

в) фарҳанг ва маданияти муносибати аъзои оиларо ба сатҳи баланди ахлоқӣ - маънавӣ расонанд;

г) барои тарбияи ахлоқии фарзандон шароити муносиб фароҳам оварда, хислатҳои неки инсониро дар онҳо ташаккул ва густариш диҳанд.

Аз таҳлили адабиёт [ 4, 7. 8, 9, 10, 11, 12] бармеояд, ки олимони соҳаи илмҳои педагогӣ зери мафҳуми оила асоси ташаккул, рушди ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва маънавиёти инсон ақидаҳои хешро бо исботи таҳқиқоти хеш арзёбӣ намудаанд.

Ҳамин тавр, таҳлил ва таҳқиқи осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва ақидаҳои ӯ оид ба оила, ки асоси ташаккул, рушди ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва маънавиёти инсон мебошад, ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ аст. Бинобар ин, падару модар ва дигар аъзои калонсоли оила бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки бо мақсади беҳтар намудани муносибатҳои байниҳамдигарӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия, ташкили муҳити солим ва ба воя расонидани фарзандон ҳамчун шахси баркамол аз осори гаронбаҳои пандуахлоқии ниёгонамон, хусусан Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, пурсамар истифода баранд.

**Муқарриз: Қурбонов Ф. – н.и.п., дотсенти ДДБ ба номи Носири Хусрав**

**АДАБИЁТ**


1. Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. -Ҷилди 2. -Душанбе: Ирфон, 1980.- С. 680.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». - Душанбе, 2012
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» - Душанбе, 2012. - 160 с.
4. Лутфуллоев М. Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ / М.Лутфуллоев Д.Мирзохоҷа. - Д., 2011. -320 с.
5. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Захират-ул-мулук (таҳиягарон Ҳ. Асозода, Турдиев Қ.). -Душанбе: Ирфон, 2008. - 372 с.
6. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Асноди ҳолия. 229 (б) тоҷикӣ.
7. Ҳотам Асоев. Алии Ҳамадонӣ ва мақоми ӯ дар фарҳанги Шарқ. - Душанбе: Ирфон, 2006. 44 с.
8. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Рисолаи Қуддусия (таҳиягар А.Кучаров). - Кулоб, 1993. –С. 8.
9. Насиҳатномаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Таҳияи Ҳ. Асозода. – Кӯлоб, 1993. -160 с.
10. Нуров А. Ҳамкории оила ва мактаб дар тарбияи ахлоқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ / А.Нуров. -Д., 1989.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 23 апрели соли 2014. - 47 с.
12. Сайидои Насафӣ. Осори мунтахаб - Душанбе, 1977.
13. Суханронии Э. Раҳмон оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» 14 декабри 2010. -Душанбе: Шарқи Озод. - 31 с.


## ОИЛА, АСОСИ ТАШАККУЛ, РУШДИ ҶАҲОНБИНӢ, АХЛОҚ ВА МАЪНАВИЁТИ ИНСОН ДАР АҚИДАҲОИ ПЕДАГОГИИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ


Муаллиф дар таълифоти хеш оид ба оила, ки асоси ташаккул, рушди ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва маънавиёти инсон аст, андешаронӣ намуда, ин масъаларо дар осори педагогии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар мақола омадааст, ки дар ҳама давру замон таълиму тарбия ва рушди ахлоқу маънавиёти аҳли хонадон бар дӯши падару модар буд ва ҳаст. Зеро ташаккул ва рушди ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва маънавиёти инсон аз оила сарчашма мегирад. Яъне, аҳли оила, бавижа фарзандон олами гирду атроф, муносибат бо дигаронро ба туфайли волидайн мешиносанд ва воқеаҳои бавуқуъомадаро аз диди онҳо баҳогузорӣ мекунанд. Ҳамчунин, дар мақола омадааст, ки муносибатҳои байни падару модар бо аҳлу авлод, хешовандону наздикон, содиқон ва амсоли инҳо дар раванди таълиму тарбияи фарзандон робитаи ногусастанӣ ва таъсири хосса дорад. Хулоса, муаллиф андешаҳои дар боло овардашударо аз осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба оила, ки асоси ташаккул, рушди ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва маънавиёти инсон аст, гирд овардааст.



**Калидвожаҳо**: оила, ташаккул, рушди ҷаҳонбинӣ, ахлоқ, маънавиёт, падару модар, таълиму тарбия, муҳити солими маънавӣ, тарбияи фарзандон, аҳлу авлод, хешону наздикон ва содиқон.


## СЕМЬЯ КАК ОСНОВА ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ МИРОВОЗЗРЕНИЯ, НРАВСТВЕННОСТИ И ДУХОВНОСТИ ЧЕЛОВЕКА В ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ВОЗЗРЕНИЯХ МИР САЙИДА АЛИ ХАМАДОНИ


Автор в своей статье высказал свое внимание о семье, которая является основой формирования, развития мировоззрения, нравственности и духовности человека, и исследовал этот вопрос в педагогических трудах Мир Сайида Али Хамадони. В статье указывается, что во все времена воспитание и развитие нравственности и

духовности членов семьи лежало и остается на плечах родителей. Потому что формирование и развитие мировоззрения, нравственности и духовности человека берет свое начало в семье. То есть члены семьи, особенно дети, благодаря родителям познают окружающий мир, свои отношения с окружающими и оценивают происходящее с их точки зрения. В статье также указывается, что отношения между родителями и родственниками, родственниками, друзьями и т.п. имеют неразрывную связь и особое влияние в процессе обучения и воспитания детей. В заключении автор собрал приведенные выше идеи из произведений Мир Сайеда Али Хамадони о семье, которая является основой формирования, развития мировоззрения, нравственности и духовности человека.

**Ключевые слова**: семья, становление, развитие мировоззрения, нравственность, духовность, родители, воспитание, здоровая духовная среда, воспитание детей, родные и близкие.

**FAMILY AS THE BASIS FOR FORMATION AND DEVELOPMENT OF WORLDVIEW, MORALITY AND SPIRITUALITY OF A PERSON IN THE PEDAGOGICAL VIEWS OF MIR SAYID ALI KHAMADONI**

In his writings, the author thought about the family, which is the basis of the formation, development of the worldview, morals and spirituality of a person, and studied this issue in the pedagogical works of Mir Syed Ali Hamadoni. It is stated in the article that at all times education and moral development of family members was and still is the responsibility of parents. Because the formation and development of the worldview, morality and spirituality of a person originates from the family.That is, family members, especially children, know the world around them, their relationship with others thanks to their parents, and evaluate the happenings from their point of view. It is also stated in the article that the relations between parents and relatives, relatives, friends and the like have an inseparable connection and special influence in the process of education and upbringing of children. In conclusion, the author collected the above ideas from the works of Mir Syed Ali Hamadoni on the family, which is the basis of the formation, development of the worldview, morals and spirituality of a person.

**Keywords**: family, formation, worldview development, morals, spirituality, parents, education, healthy spiritual environment, upbringing of children, relatives and friends.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Каримова Махфират Маҳмадалиевна*** **-**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгор, кафедраи педагогика. **Суроға**: 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон:: **(+992) 900-35-35-51.**

**Сведения об авторе:** ***Каримова Махфират Махмадалиевна*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат педагогических наук, преподаватель ,кафедра педагогики.
**Адрес:** 734025, горд Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. Телефон:: **(+992) 900-35-35-51.**

**Information about the author**: ***Karimova Makhfirat Makhmadalievna***, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, candidate of pedagogical sciences, teacher, and department of pedagogy. **Address:** 734025, Bokhtar city, Republic of Tajikistan, Aini street, 67. Phone: **(+992) 900-35-35-51**

ТДУ:372.832(5785.3)

# ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ВА ИСТИҚЛОЛИЯТУ ОЗОДӢ - ОМИЛИ МУҲИМТАРИНИ ПОЙДОРИИ ДАВЛАТ ВА БАҚОИ МИЛЛАТ

*Манонова Р.А., Раҳимова Г., Дадахонова М.Р.*
**Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ,**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Худшиносӣ василаи асосии ба маънавият расидани инсону ҷомеа мебошад. Худшиносии миллӣ решаи миллат аст, агар мактаби миллӣ заиф бошад, миллат пароканда ва нопадид мегардад. Бинобар ин, бояд бахри мустаҳкам гардонидани мактаби миллӣ, ки ҷузъҳои асосии он ватанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худшиносӣ мебошад, чораҳои зарурӣ андешид.

Дар ҳақиқат, ҳар як инсони боимону оқил бояд ифтихор намояд, ки дар тули солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат чи қадар дигаргуниҳои куллӣ дар бобати ба эътидол овардани вазъи сиёсию иқтисодии мамлакат, дарёфт намудани роҳи рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии кишвар ва дар ин асос баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ба амал омадааст. Ҳарчанд ки роҳи тайнамудаи Тоҷикистон дар ҷодаи ваҳдату якпорчагӣ ҳамвору яксон набуд, вале мардуми шарафманди мо ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, сарҷамъии миллат, густариши фазои сулҳу оромӣ ва тақвияти худшиносии миллӣ саъю талошҳои бесобиқа анҷом доданд ва итминони комил дорем, ки наслҳои оянда аз онҳо ҳамчун намунаи ватандориву ватандӯстӣ ёд хоҳанд кард. Ҳар як фарди бонангу номус ва худогоҳи ҷомеа бояд ҳамеша дар хотир дошта бошад, ки танҳо истиқлолияту озодӣ омили муҳимтарини пойдории давлат ва бақои миллат мебошад ва вазифаи ҳамаи мост, ки ба хотири ҳифзу тақвияти ин муқаддасоти миллӣ пайгирона кӯшиш намоем.

Имрӯзҳо дар маҳфилҳои гуногуни илмию адабӣ, дар расонаҳои хабарӣ ва суҳбатҳои шахсиву инфиродӣ оид ба худшиносии миллӣ зиёд сухан мегӯянд ва баҳсу мубодила мекунанд. Алалхусус пас аз дарёфти истиқлолият ва ташкили давлати миллӣ ва буҳрони сиёсии солҳои охир: ҷанги шаҳрвандӣ ва талафоти зиёди моливу ҷонии он равшанфикрон ва сиёсатмадорони ҷомеа сабабу иллатҳои ба вуҷуд омадани ин фоҷиаи миллӣ, заминаҳои он ва дар атрофи роҳҳои пешгирии он фикру андеша мекунанд.

Мантиқист, ки худшиносӣ мусталзами (аз бегонапарастӣ ва ё фарҳанги бегона ба худшиносии миллӣ баргаштан) берун омадан аз худбегонагӣ, ғафлат ё хоби гарон аст. Яъне, пеш аз худшиносӣ, худбегонагӣ (бо истилоҳи русӣ - отчуждение) вуҷуд дорад. Ва худбегонагӣ натиҷаи ягон ҳолат ва дараҷаи дигарест. Пеш аз ҳама, бояд донист, ки иллати аз худ бегонашавии мо чӣ буд. Инро надониста мо аз ҳолати худбегонагӣ берун омадан ва ба худшиносӣ расидан наметавонем.

Худбегонагӣ як ҳолати хосси равонӣ ва фарҳанги миллат мебошад аксаран дар асари истеъмори қувваи хориҷӣ қарор гирифтани миллатҳо ва ё таъсири батадриҷи яктарафаи миллати бузургтар ба вуҷуд меояд. Тоҷикон чун дигар халқҳои эронизабон на як давраи худбегонагӣ ва эҳё, балки ҳадди ақал се давраи асорати сиёсӣ-таърихӣ, азхудбегонагӣ ва бозгашт ба худ ва худшиносиву эҳёро пушти сар кардаанд.

Аввалин давраи истилои Искандари Мақдунӣ ва ҳукумати элинистии селевкиён ва юнону бохтариҳо, ки аз асри III - пеш аз мелод то III - мелодӣ, ҳудуди панҷ аср тул кашида. Ҳарчанд мо дар ин давра далели азхудбегонашавиро надорем, вале худи муқовимат ҳатто дастболо шудани фарҳанги бохтарию эронӣ дар бархӯрд бо фарҳанги румию юнонӣ ҳолати мушобеҳ ба худшиносиро дорад. Эҳёи муҷаддади мардуми эронинажод, қудрат ёфтани давлати шоҳаншоҳии сосонӣ, тадвини навини Авасто, қудрат гирифтан ва ба дини давлатӣ табдил гардидани зардуштия, рушду камоли забони паҳлавӣ ҳамон худшиносӣ пас аз муддати тулонии аз даст додани ҳокимияти сиёсӣ мебошад.

Давраи дуюм, бо истилои араб ба худ фурӯ рафтан ва бегонашавии тақрибан дуасраи халқҳои эронӣ, ба фаромӯшӣ супорида шудани динҳои қадимаи онҳо: зардуштия, монавия, маздакия, меҳрпарастӣ ва ҳамчунин бебозгашт аз байн рафтани як қатор

унсурҳои фарҳанги қадима, чун хат ва як қатор забонҳои қадима: забонҳои суғдӣ, авастоӣ ё паҳлавӣ, таҳрӣ, хоразмӣ ва ғайра ҳамроҳ будааст. Ин давраи асорат ва азхудбегонагӣ, хушбахтона, дар давраи Сомониён бо эҳёи муҷаддади фарҳангу ҳувияти Аҷам, яъне худшиносии тоҷикон ва бунёди фарҳангу ҳувияти миллӣ дар пояи баландтару фаррохтаре дар муқоиса бо давраи пешазисломӣ ба вуқуъ пайваст. Ин имтиҳони хеле мушкил ва тақдирсози халқҳои эронӣ, аз ҷумла тоҷикон буд. Агар ба назар гирем, ки аз истилои араб халқу миллатҳои зиёде дар ҳавзаҳои тамаддунҳои бостонии хеле қадими Сурия, Бобулу Ошурия ва Миср зиндагӣ мекарданд, бебозгашт ҳувияти худро аз даст доданд, забон, хат, урфу адат, дину оини худ, фарҳанги худро комилан фаромӯш ва бо аъроб омехта ва дар он комилан ҳал гардиданд, эҳёи муҷаддади аҷамиён як муъҷизаи нодири таърихӣ мебошад. Ин воқеияти нодири таърихи мо чигунагии шароити азхудбегонагӣ, суқути дусадсолаи фарҳангу тамаддуни халқҳои эронӣ ва ба як бор фаввора задани нубуғи эҷодгару эъҷозкори он дар тамоми соҳаҳои фарҳанг то ҳол ба пуррагӣ омӯхта нашудааст.

Давраи сеюми таназзул ва азхудбегонагӣ батадриҷ дар зарфи ҳазор сол аз замони анҷоми давлати Сомониён ва ба дасти муғулҳо гузаштани лаҷоми ҳокимияту қудрат оғоз гардида, ки тулонитарин давраи азхудбегонагии мо буд ва ба ин давра давраи ҳафтод соли ҳокимияти шуроҳо низ дохил мешавад. Дар ин давраи охирин бо вуҷуди рӯйи кор омадани давлати расмии тоҷикон (Ҷумҳурии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон) ва баъзе аз пешрафтҳо давраи худбегонагӣ ва таназзули як қатор соҳаҳои фарҳангӣ, таърихии мо низ буд.

Аввалан, мардуми моро аз тариқи иваз кардани хат аз таърихи гузаштааш буриданд, ки дар натиҷа чандин насл то имрӯз аз сарвати пурбору пурғановати гузаштаи худ бебаҳра гардид.

Сониян, ин дастгоҳ дониста бо нақшаи муайян бо тадоруку ташкили таблиғи густардае рӯ ба сӯйи нестии миллат ва ҳал кардани онҳо дар батну матни "бародари бузург" бо номи халқи шуравӣ пеш мерафт. Беаҳммиятию хатогиҳои содиршуда дар соҳаи сиёсати фарҳанги миллӣ ва омехташавии табиии халқҳо, ногузир сабаби азхудбегонагии қишрҳои муайяни афроди миллат ва руҳияи нигилистӣ нисбат ба фарҳанги гузаштаро ба вуҷуд овард. Ин буд, ки дар тамоми қаламрави собиқ шуравӣ наҳзатҳои эҳё ва худшиносии миллӣ оғоз шуд. Пайдоиши истилоҳи "манқурт" дар романи "Дуроҳаи буронӣ"- и Чингиз Айматов, яке аз садоҳои хеле баланди ихтор ва огоҳидиҳанда барои миллатҳои ҳувият аздастдодаи шуравӣ буд.

Суқрот ба инсон муроҷиат карда хитоб кард: "Худро бишнос!". Баъдтар дар маорифи исломӣ, алалхусус дар тасаввуф худшиносӣ ва зарурати худшиносӣ дониста шуд ва он аз қавли Пайғамбари ислом чунин садо дод: "Ман ъарафа нафсаҳу қад ъарафа раббаҳу" - Ҳар кӣ худро шинохт, ҳамоно Парвардигорашро шинохтааст". Дуруст аст, ки дар ҳарду маврид зоҳиран сухан аз худшиносии фардӣ меравад. Тибқи он инсон бояд мавқеияти худро дар ҷаҳон муайян кунад ин аст, ки Муҳаммад Ғазолӣ дар "Эҳёу-л-улума-д-дин" ва "Кимиёи саодат" ин навъ худшиносии инсонро чунин баён намудааст: "Бидон, ки калиди маърифати Худои Таъоло - маърифати нафси хеш аст ва барои ин гуфтаанд: "Ман ъарафа нафсаҳу қад ъарафа раббаҳу..." Бо баёни ин матлаб ва тавзеҳи он Имом Ғазолӣ худшиносии инсонро дар шинохти масоили зер мебинад. «…Пас туро ҳақиқати худ талаб бояд кард, то худ ту чӣ чизӣ ва аз куҷо омадӣ ва куҷо хоҳӣ рафт ва андар ин манзилгоҳ ба чӣ омадаӣ туро баҳри чӣ овардаанд ва саодат чист ва дар чист ва шақовати (бадбахтӣ) - и ту чист ва дар чист?"

Аммо худшиносии миллат аз худшиносии инфиродӣ, фарди алоҳида каме фарқ дорад. Вале чун он дар ниҳоят маҷмуи шинохтаҳои фардӣ аст, бемаврид нахоҳад буд, пеш аз мушаххас кардани чӣ будани худшиносии миллат худшиносии фардиро низ аз диди имрӯз баррасӣ ва таъриф кунем. Чуноне ки маълум аст, худшиносӣ дар як шахс дар натиҷаи таъсири мутақобила ба муҳити атроф, аз ҷумла одамон, ба вуқуъ мепайвандад. Одам ба таври ҳақиқӣ дар вақт ва фазо дарк менамояд ва ба мавҷудияти худ на танҳо ба олам таъсир мерасонад, балки худ гуногунии таъсири оламро ҳис менамояд. Дар раванди худшиносӣ инсон роҷеъ ба худии худ ва имкониятҳои худ донишу маълумот мегирад, ки

инҳо тарзҳои гуногуни идроки руҳӣ мебошанд. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, гуфтанием, ки сатҳи худшиносӣ бештар аз дониш, ақл, зеҳн ва хирад вобаста аст.

Худшиносии фардӣ ҳамин тавр чун қуллаи баланди маърифати руҳии инсон се зинаро дар бар мегирад: худдарккунӣ, худназораткунӣ ва худтакомулдиҳӣ.

Аммо худшиносии миллат падидаест, ки инъикоскунандаи хусусиятҳои руҳиву равонии афроди ҷомеа, дараҷаи шинохти мақом ва нақши таърихию сиёсии миллат - шуури таърихӣ ва шинохти ҷойгоҳи худ дар тамаддуни ҷаҳонӣ, ташаккули ифтихору ғурури созандаи миллӣ аст.

Худшиносии миллӣ аз дидгоҳи худшиносии сиёсӣ, ба ақидаи мо, пеш аз ҳама, эҳсосу дарки зарурати ваҳдат ва якпорчагии обу хок ва марзу буми миллӣ, эҳсоси улфат байни афроду ҷомеа, дарки зарурати иттифоқ, ҳамбастагӣ, ҳамчун як нафси воҳид, чун як тану як ҷон аст. Ин шинохти ваҳдат дар натиҷаи эҳсоси ягонагии сарнавишти таърихию фарҳангии манофеи иқтисодӣ ва ғайра муяссар хоҳад шуд. Он ҳам ба шарте, ки дар ҷомеа адолати иҷтимоӣ ва рифоҳу осоиштагӣ ҳукмрон бошад.

Худшиносии миллӣ аз шинохти мавқеи таърихии худ, мавқеи имрӯза ва ояндаи миллати худ ҳамчун узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ иборат аст. Самтҳои асосии худшиносӣ вобаста аз самтҳои азхудбегонашавӣ мебошад. Қабл аз ҳама лозим аст, ки афроди миллат ва равшанфикрони он ҳамин ҳолату вазъияти азхудбегонагӣ, фалокатзадагӣ, худбохтагии ҷомеаи худро дарк кунанд. Марҳилаи нахустини худшиносӣ ҳам худогоҳӣ, интиқоди вазъияти ҷомеаи худ мебошад. Масалан, чунин худогоҳиро мо дар осори Аҳмади Дониш, Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, Ҷалол Олӣ Аҳмад ва Алӣ Шариатии эронӣ мебинем.

Вақте ки чунин худогоҳӣ дар ҷомеа ба вуҷуд омад, яъне вақте ки афроди ҷомеа, равшанфикрони он эҳсоси ақибмондагӣ, асоратзадагӣ, ҷаҳолатзадагӣ, фасоди маънавию ахлоқӣ ва ғайраро дар ҷомеа эҳсос карданд, саволҳое ба миён меояд, ки ин ҳолат аз кай шуруъ шуд, оё аз ибтидо мо чунин будем? Иллат чӣ буд, ки ба чунин вазъ афтодем ва ғайра.

Дар маҷмуъ, самтҳои худогоҳӣ иборатанд аз худогоҳии вазъи ҳолию таърихии иҷтимоию сиёсӣ, худогоҳии вазъи ҳоливу таърихии маънавию фарҳангӣ, дарки тамоюл ба ояндаи нек.

Ҳамин тавр, худшиносӣ, пеш аз ҳама, вокунишест, баъди азхудбегонагӣ, омехташавӣ (қабули ҳувияти фарҳангии дигар), фурӯ рафтан ба ҷаҳлу ҷаҳолат ва аз даст додани истеъдодҳо, қобилияти бунёдкорӣ, итминон ба истиқлолу озодӣ. Пас зарурати аввали худшиносӣ, бозгашт ба асли худ, ташхису муайян кардани он нуқта, мавридҳоест, ки бегонагӣ, таҳриф бар он асар кардааст.

Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи нави худшиносии миллӣ оғоз гардид. Дар ин давра дар Тоҷикистон вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дигар гардида, арзишҳои моддиву маънавӣ ҳам иваз шуданд.

Чи тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд: «Ҷавҳари худшиносии миллӣ аз дӯст доштани Ватан, модар, забон, таърих ва арзишҳои таърихиву фарҳангӣ сарчашма гирифта, ба ташаккули шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии солиму пешрафта боис мегардад».

Худшиносӣ василаи асосии ба маънавият расидани инсону ҷомеа мебошад. Бо мақсади таҳкими боз ҳам бештари ин дастовард зарур аст, ки мафҳумҳои истиқлолияту озодӣ ва ваҳдати миллӣ ба ғояи ҳамешагии созанда ва муттаҳидкунандаи ҷомеаи Тоҷикистони демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ табдил дода шаванд.

Зеро ин мафҳумҳо дар қалбу шуури шаҳрвандони кишвар ҳисси эҳтиром ба Тоҷикистони азиз ва муқаддасоти Ватанро устувор сохтанд ва ба онҳо эътимод бахшиданд, ки миллати куҳанбунёди тоҷик метавонад танҳо бо ҳамин ғояҳои наҷотбахш корҳои бузурги ободкориву созандагиро ба анҷом расонад ва барои наслҳои оянда як кишвари ободу зеборо ба мерос гузорад. Марҳалаи начандон тулонии таърих собит сохт, ки тоҷикон дар ҳақиқат миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз, ватандӯсту ватанпарвар ва сулҳпарвару таҳаммулгаро буда, метавонанд бо ваҳдату сарҷамъии худ ҷомеаи пешрафтаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро бунёд намоянд.

Шукрона аз он бояд кард, ки имрӯз давлати моро дар арсаи ҷаҳонӣ бо фарҳангу тамаддуни бояш эътироф намуда, миллати тоҷикро ҳамчун миллати куҳанбунёд ва бофарҳангу соҳибтамаддун мешиносанд. Яке аз рукнҳои худшиносии миллӣ ин донистани таърих, фарҳанг, забон, расму оин ва дарк намудани вазъи имрӯзаи миллат мебошад.

Воқеан, таърихро хотираи инсоният меноманд. Пас ҳар фард бе омӯзиши таърихи кишвари худ аслу насаб ва маърифати бумиву зотиашро пойдору бегазанд нигоҳ дошта наметавонад, аз решаи хеш дур ё канда шуда, ба вартаи гумномӣ ё фано қадам мениҳад ва ба таъбири имрӯзиён, «манқурт» мешавад. Яъне, инсон таърихи гузаштаи худро фаро нагирад, табиист, ки аз роҳи тайкарда, дастовардҳои сиёсиву фарҳангӣ ва бурду бохти мардумаш ноогоҳ монда, чун махлуқе одамсурат, вале бепарво, бемасъулият, бенишон умр ба сар мебарад. Ин бадбахтии бузург аст.

Таърих гувоҳ аст, ки аз рӯйи чунин беэҳтиётӣ ва воқиф набудан аз гузаштаи хеш қисме аз давлату миллатҳои абарқудрат пора-пора шуда, аз забон ва расму оини хеш маҳрум гардидаанд. Дар аҳди бостон чунин мисолҳо фаровонанд. Сарнавишти миллати тоҷик дар тули асрҳо баробари дигар мардуми эронинажод басо печида ва пуршебу фароз аст. Тоҷикон бо кору пайкор барои ноил шудан ба озодӣ, ба созандагӣ ва бунёдкорӣ, бо ақлу заковати фарзандони нобиғааш дар арсаи илму адабу сиёсат, бо расидан ба даврони эҳёи давлатдорӣ ва чашидани заҳри шикаст, бо талошҳо баҳри худшиносӣ ва огоҳии миллат таърихи худро ғаниву рангин сохтааст. Омӯхтани таърих танҳо барои донистани гузашта нест, балки барои шукуфоии фардои ҳар як миллату давлат зарур аст. Яъне, миллат бояд аз гузаштаи худ сабақ бигирад ва дурнамои ояндаашро муайян бисозад. Хушбахтона, ду фарзанди миллати тоҷик - устод Садриддин Айнӣ ва академик Бобоҷон Ғафуров ҳамин норасоиро эҳсос карданд ва ҷиддан аз пайи ислоҳи он шуданд. Аллома Айнӣ бо рисола ва мақолоти зиёдаш дар хусуси зиндагӣ ва эҷодиёти шахсиятҳои маъруфи илму фарҳанг ва сиёсату давлатдорӣ мардумро бо гузаштаи пурифтихор ва фарзандони некноми миллат ошно сохт, онҳоро бо таърихи ибратомӯзу пурифтихори худ пайваст.

Ҳамчунин, Бобоҷон Ғафуров бо ҳидояти ин пири хирад ба кори пуршарафе камар баст. Вай дар солҳои басо мушкил ба тадқиқ ва таълифи китобе аз таърихи халқи тоҷик шуруъ намуд. Ковишу ҷустуҷӯҳои пайвастаи ӯ дар ин роҳ самараи дилхоҳ доданд. Ва нахустин асари илмии Бобоҷон Ғафуров «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» соли 1947 аз чоп баромад. Вай чун фарзанди дилсӯзи миллат баробари фаъолияти давлатдориву сиёсӣ ин корро ба анҷом расонд ва барои ҳамзабонону ҳаммиллатонаш равзане кушод аз олами таърих. Ин таҷрибаи аввалини таърихнависии тоҷик дар замони шуравӣ буд ва онро муҳаққиқони намоён, шарқшиносони машҳури дунё хуш пазируфтанд. Бобоҷон Ғафуров ба ҳамин хотир умри худро ба таҳқиқ ва эҷоди таърихи миллаташ бахшид ва хушбахтона, ба мурод расид. Вай бо чопи шоҳасари бузурги худ – «Тоҷикон» на танҳо миллати тоҷик, балки тамоми форсизабонони олам, мухлисону ҳаводорони тамаддуни Шарқ ва сокинони Осиёи Марказиро бо як сарчашмаи нерубахшу пурбаҳо шодком сохт. Бояд таъкид бикунам, ки аллома Бобоҷон Ғафуров дар эҷоди ин асар, ба таъбири устод Айнӣ, яке аз «...шартҳои муҳимми таърихнависӣ - муҳокимаронии бетарафона»-ро риоя кардааст.

Хулоса, масоили дар боло зикргардида, ҳар як шахсро ҳушдор медиҳад, ки худшиносии миллӣ ва ватанпарастиро шиори доимии хеш қарор дода, баҳри ободию устувории давлати соҳибистиқлоламон саҳми арзандаи хешро гузорад.

**АДАБИЁТ**


1. Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Ватандӯстӣ арзи садоқат ба Ватан, миллат ва давлат аст» //Садои мардум», соли 2014. –С. 4-6.
2. Консепсияи мактаби миллии Точикистон. –Душанбе, 1995.
3. Обидов И. Краткий очерк истории образования таджикского народа. – Душанбе, 1965.
4. Шарифзода Ф. Педагогика: Назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ. – Душанбе: Ирфон, 2010.
5. Эмомали Рахмон. Независимость Таджикистана и возрождение нации. – Душанбе, 2002.
6. Эмомали Рахмон. Ответственность за будущее нации. – Душанбе, 2003.
7. Шамсов. Эй қаҳрамони миллат. -2017. -С. 1-4.
8. Эмомалӣ Раҳмон. Фарҳанг ҳастии миллат аст. -Душанбе; Матбуот- 2001.-37с.
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2015.

## ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ВА ИСТИҚЛОЛИЯТУ ОЗОДӢ, ОМИЛИ МУҲИМТАРИНИ ПОЙДОРИИ ДАВЛАТ ВА БАҚОИ МИЛЛАТ

Дар мақолаи мазкур муаллифон худшиносии миллӣ, истиқлолияту озодиро ҳамчун омили муҳимтарини пойдории давлат ва бақои миллат баррасӣ намудаанд. Худшиносӣ василаи асосии ба маънавият расидани инсону ҷомеа мебошад. Худшиносии миллӣ решаи миллат аст, агар мактаби миллӣ заиф бошад, миллат пароканда ва нопадид мегардад. Бинобар ин, бояд баҳри мустаҳкам гардонидани мактаби миллӣ, ки ҷузъҳои асосии он ватанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худшиносӣ мебошад, чораҳои зарурӣ андешид. Дар ҳақиқат, ҳар як инсони боимону оқил бояд ифтихор намояд, ки дар тули солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат чи қадар дигаргуниҳои куллӣ дар бобати ба эътидол овардани вазъи сиёсию иқтисодии мамлакат, дарёфт намудани роҳи рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии кишвар ва дар ин асос баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ба амал омадааст. Ҳарчанд ки роҳи тайнамудаи Тоҷикистон дар ҷодаи ваҳдату якпорчагӣ ҳамвору яксон набуд, вале мардуми шарафманди мо ба хотири таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, ҳифзи марзу буми аҷдодӣ, сарҷамъии миллат, густариши фазои сулҳу оромӣ ва тақвияти худшиносии миллӣ саъю талошҳои бесобиқа анҷом доданд ва итминони комил дорем, ки наслҳои оянда аз онҳо ҳамчун намунаи ватандориву ватандӯстӣ ёд хоҳанд кард. Масоили дар мақола зикргардида, ҳар як шахсро ҳушдор медиҳад, ки худшиносии миллӣ ва ватанпарастиро шиори доимии хеш қарор дода, баҳри ободию устувории давлати соҳибистиқлоламон саҳми арзандаи хешро гузорад.

**Калидвожаҳо:** худшиносии миллӣ, худогоҳи ҷомеа, истиқлолияту озодӣ, омили муҳимтарини пойдории давлат ва бақои миллат, дарёфти истиқлолият ва ташкили давлати миллӣ.

## НАЦИОНАЛЬНОЕ САМОСОЗНАНИЕ И НЕЗАВИСИМОСТЬ И СВОБОДА, САМЫЙ ГЛАВНЫЙ ФАКТОР СТАБИЛЬНОСТИ ГОСУДАРСТВА И ВЫЖИВАНИЯ НАЦИИ

В данной статье авторы рассмотрели национальное самосознание, независимость и свободу как важнейшие факторы стабильности государства и выживания нации. Самосознание является основным средством достижения духовности человека и общества. Национальное самопознание – корень нации, если национальная школа будет слабой, нация распадется и исчезнет. Поэтому необходимо принять необходимые меры по укреплению национальной школы, основными компонентами которой являются патриотизм, самопознание и самопознание. На самом деле, каждый уверенный и умный человек должен гордиться тем, что за годы независимости Республики Таджикистан под руководством Лидера нации произошло столько радикальных изменений в плане стабилизации политической и экономической ситуации в стране, находя пути развития экономической и социальной стабильности страны и на этой основе повышая уровень жизни народа. Хотя путь, пройденный Таджикистаном на пути единства и целостности, не был гладким, но наш честный народ приложил беспрецедентные усилия для укрепления основ национальной государственности, защиты границ и Родины предков, столицы нации, расширения атмосферы мира и спокойствия, и мы уверены, что будущие поколения будут помнить их как пример патриотизма. Затронутые в статье вопросы призывают каждого человека сделать национальное самосознание и патриотизм своим постоянным девизом и внести свой ценный вклад в процветание и стабильность нашего независимого государства.

**Ключевые слова:** национальное самосознание, самосознание общества, независимость и свобода, важнейший фактор стабильности государства и выживания нации, обретения независимости и создания национального государства.

## NATIONAL IDENTITY, INDEPENDENCE AND FREEDOM, THE MOST IMPORTANT FACTOR OF THE STABILITY OF THE STATE AND SURVIVAL OF THE NATION

In this article, the authors examined national identity, independence and freedom as the most important factors in the stability of the state and the survival of the nation. Self-awareness is the main means of achieving spirituality of an individual and society. National self-knowledge is the root of a nation; if the national school is weak, the nation will disintegrate and disappear. Therefore, it is necessary to take necessary measures to strengthen the national school, the main components of which are patriotism, self-knowledge and self-knowledge. In fact, every confident and intelligent person should be proud that during the years of independence of the Republic of Tajikistan, under the leadership of the Leader of the nation, so many radical changes have occurred in terms of stabilizing the political and economic situation in the country, finding ways to develop the economic and social stability of the country and, on this basis, increasing standard of living of the people. Although the path traversed by Tajikistan on the path of unity and integrity was not smooth, but our honest people made unprecedented efforts to strengthen the foundations of national statehood, protect the borders and the ancestral homeland, the capital of the nation, expand the atmosphere of peace and tranquility, and we are confident that future generations They will be remembered as an example of patriotism. The issues raised in the article call on every person to make national identity and patriotism their permanent motto and make their valuable contribution to the prosperity and stability of our independent state.

**Key words**: national self-awareness, self-awareness of society, independence and freedom, the most important factor in the stability of the state and the survival of the nation, gaining independence and creating a national state.

**Маълумот дар бораи муаллифон***: Манонова Раъно Абдурахмоновна-* Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға**: 735700. шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Исмоили Сомонӣ, 169.

***Раҳимова Гавҳарҷон* -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, кафедраи педагогикаи умумӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
***Дадохонова Мадинахон Раҳимҷоновна* -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа, омӯзгори калон. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

**Сведения об авторах:** ***Манонова Раъно Абдурахмоновна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции, кафедра таджикского и русского языков, кандидат педагогических наук, доцент. **Адрес:** 734019, г. Худжанд, Республика Таджикистан, проспект И. Сомони, 169.
***Рахимова Гавхарджон*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кафедра общей педагогики, кандидат педагогических наук, доцент. **Адрес**:735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова,1.
***Дадохонова Мадинахон Рахимджоновна*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, общеуниверситетская кафедра философии, старший преподаватель. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова,1.

**Information about the authors:** ***Manonova Rano Abdurakhmonovna*** **-** Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce, Department of Tajik and Russian Languages, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni avenue, 169.
***Rakhimova Gavkhardjon* -** Khujand State University named after academician B. Gafurov, Department of General Pedagogy, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov passage, 1.
***Dadokhonova Madinakhon Rakhimjonovna*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, university department of philosophy, senior lecturer**. Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekova passage, 1.

ТДУ: 372.840

# МЕТОДҲОИ АНЪАНАВИИ ТАДРИСИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ ДОНИШҶӮЁНИ ГУРӮҲҲОИ ҒАЙРИТОҶИКӢ

*Неъматзода Ф.Т.*
**Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе**

Инсон қисмати ҷудонопазири ҷомеа ба шумор рафта, бо он алоқаманд аства ҳамчун хориқаи иҷтимоии умумиэтирофшуда қабул мегардад. Характери иҷтимои инсон дар раванди иртибот ошкор мегардад. Муошират на танҳо дорои иттилооти ҳаётан муҳим барои субъект мебошад, инчунин талаботи маънавӣ ва эстетикии ӯро қонеъ мегардонад. Аз он ки то чи андоза афкори иртиботгар дар мувофиқа бо ҳолати нутқӣ ба роҳ монда шудааст, маҳсулнокии раванди иртибот аз он вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, маҳорати баёни афкори худ, офариниши матн дар фазои иртиботӣ на танҳо муҳим арзёбӣ мегардад, инчунин он хеле зарур аст, чунки бе муошират дар муҳити иҷтимоӣ инсон худро тасаввур карда наметавонад. Азхудкунии пурраи маҳорати иртиботчии фаъол будан дар ҳолати нутқӣ фаъолияти дарозмуддати мақсаднокро тақозо менамояд.

Муошират нутқӣ на танҳо дар хониши бомуваффақият дар макотиби олӣ, балки барои ташаккули шахсияти забонӣ дар асри XXI, шахсияти эҷодкор ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ мутаҳаррик зарур арзёбӣ мегардад. Инкишофи қобилиятҳои нутқӣ, ташаккули маҳоратҳои иртиботӣ дар муҳити бисёрзабонӣ қисмати муҳимми таркибии ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушдёфта мегардад. Чи хеле ки маълум аст, шахсияти дорои маҳоратҳои иртиботӣ, худро дар ҳолатҳои гуногуни иртиботӣ: маишӣ, корӣ ва касбӣ дилпур ҳис мекунад.

Забон инчунин ифодакунандаи бевоситаи раванди тафаккури хосси шахс дар сатҳи шинохти абстрактист. Тамоми мазмуни тафаккури марбут ба рафтори инсон дар забон инъикос меёбад, бинобар ин забонро метавон як падидаи умумибашарӣ донист, ки тамоми намудҳои муошират ҷомеаро фаро мегирад.

Таҷрибаи пешқадами таълими забони тоҷикӣ дар гурӯҳҳои ғайритоҷикии макотиби олии мамлакат нишон медиҳад, ки шартҳои дидактикии ташаккули фаъолияти нутқи субъектҳои таълим, ки барои баланд бардоштани самаранокии муошират дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ заруранд, ба кадри кифоя инкишоф дода нашудаанд. Дар барномаҳои имрӯзаи омӯзиши забони тоҷикӣ ҳаҷми маълумоти назариявӣ, ки бояд дар ташаккули малакаҳои бошууронаи иртиботӣ ба онҳо такя намоем, комилан мувофиқ нест ва бо назардошти мақсади амалӣ, муносибатҳои байни қисматҳои ҷудогонаи система, роҳу воситаҳои татбиқи онҳо бояд такмил карда шавад.

Донишҷӯ ҳангоми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ, аввалан, раванди мутобиқшавии касбӣ - созгоршавӣ ба моҳият, мазмун, шароит ва ташкили раванди таълим, ташаккули маҳорату малакаҳои кори мустақилонаро аз сар мегузаронад; сониян, раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ - мутобиқшавии фард ба гурӯҳ, муносибат бо он ва ташаккули услуби рафтори худро таҷриба мекунад.

Ҷузъи иҷтимоӣ-психологии раванди мутобиқшавии донишҷӯён ба шароити таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ тағйирёбии нақши иҷтимоии таълимгиранда, доира ва мазмуни муошириати ӯ, танзими талабот ва низомҳои арзишҳо, зарурати танзими чандиртари рафтори худ, ба миён омадани талаботи худтаъсдиқкунӣ дар гурӯҳи ташаккулёбандаи гурӯҳи академӣ, аз худ намудани меъёру анъанаҳоеро, ки дар донишгоҳ ташаккул ёфтаанд, инъикос мекунад.

Ҷузъи психологӣ таҷдид ва бозсозии сохтори тафаккур ва нутқи донишҷӯро вобаста ба шароити таълими касбӣ, якбора баланд шудани вазифаҳои диққат, хотира, дарки босирагӣ, зиёдшавии фишори эҳсосотӣ, санҷиш ва тарбияи ирода, амалӣ намудани майлу қобилиятҳо пешбинӣ мекунад.

Ҷузъи ташкилӣ созгоршавии донишҷӯён ба сарбориҳои нави психофизиологӣ, ритми ҳаёт, методҳо ва шаклҳои кор, одат кунонидан ба кори пуршиддати таълимӣ ва ғайраро дар бар мегирад [22, с. 59-62].

*Сатҳи иҷтимоии мутобиқшавӣ* раванди доимии ҳамгироии шахсият ба ҷомеа, раванди созгоршавии фаъоли ӯро ба муҳити иҷтимоӣ дар назар дорад [6]. Чунин далелро низ қайд кардан зарур аст, ки аксарияти мутлақи олимон мутобиқати иҷтимоиро сатҳи васеътарини мутобиқшавӣ мешуморанд [4]. Файласуфон Г.И. Сарегородсев, Л.Л. Шпак, Р.А. Утанова мутобиқатшавии иҷтимоиро ҳамчун яке аз қонуниятҳои ҳаёти ҷамъиятӣ медонанд, ки дар рафти он фаъолияти фаъоли дигаргунсозии одамон ва раванди

дутарафаи созгоршавии низоми биологӣ ба муҳити атроф ва мутобиқсозии фаъолонаи муҳит ба амал меоянд. Психологҳо В.В. Антипов, М.И. Бобнева, Р.Ф. Ихсанов, А.Н. Леонтев, А.В. Петровский, Е.В. Шорохова чунин мешуморанд, ки раванди мутобиқати иҷтимоиро аз тариқи хусусият ва самтҳои шахсиятии фард таҳлил кардан зарур аст. Маҳз дар ҳамин замина кор оид ба фардикунонии раванди мутобиқшавӣ ба роҳ монда мешавад. Мутахассисони соҳаи психологияи иҷтимоӣ, аз қабили: И.З. Коган, Е.С. Кузмин, Б.Д. Паригин, А.А. Реан, А.Т. Свенситский ва дигарон, мутмаинанд, ки маҳз хусусияти хосси фаъолияти инсон оид ба тағйир додани муҳити атроф раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ мебошад.

Педагогҳо В.Н. Грибов, В.М. Дугинетс ва дигарон чунин мешуморанд, ки дар раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ шахсият ба намудҳои гуногуни фаъолият, инчунин ба объектҳои олами моддӣ мутобиқ мешавад. Ҳамин тавр, В.С. Олейников раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологиро ҳамчун раванди азхудкунии таҷрибаи ҳаёти иҷтимоӣ мешуморад [17]. Г.Б. Андреева қайд мекунад, ки ин раванди аз рӯйи имкон инкишоф додани реҷаи оптималии фаъолияти максаднoки шахсият, яъне расонидани он ба шароити мушаххаси замон ва макон мебошад, ки тамоми неру, тамоми қувваҳои маънавию ҷисмонии одам ба иҷрои вазифаҳои асосии он равона ва сарф карда мешаванд [2].

И.А. Зимняя таъкид мекунад, ки мутобиқшавии иҷтимоӣ раванди фаъол, мақсаднок, дигаргунсозанда мебошад, ки дар асоси шуур ва худшиносӣ, ҳамчун омилҳои дарки олам ва мавҷудияти худ аз ҷониби шахсият сурат мегирад [9]. И.В. Ширяев консепсияи мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологиро ба бартараф кардани душвориҳои муайян тавассути кӯшиши шахс барои ташаккули тарзи рафтор рабт медиҳад. Ю.Н. Колесников [13] ва дигарон чунин мешуморанд, ки мутобиқшавии иҷтимоӣ ин раванди «болошавии фард» ба маҷмуи нақшҳо ва шаклҳои фаъолият мебошад.

Якчанд ҷанбаҳои дигар низ вуҷуд доранд, ки намудҳо ва марҳилаҳои раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологиро муайян мекунанд. В.В. Селиванов дар асари худ чор шакли мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологиро баррасӣ мекунад: мавқеи ғайрифаъол, мавқеи фаъол, мавқеи мусбати бодиққат омӯхтани вазъият ва одамон, мавқеи созгоршавӣ, хушомадкунӣ дар назди тавонотарон

С.Ю. Головин ду намуди асосии раванди мутобиқшавиро муайян мекунад, ки вобаста ба сохтори талабот ва ангезаҳои шахс ташаккул меёбанд:

- навъи фаъол бо бартарии таъсири фаъол ба муҳити иҷтимоӣ тавсиф меёбад;
- ғайрифаъол бо қабули ғайрифаъоли мақсадҳо ва самтҳои арзишии гурӯҳ муайян мешавад.

С.К. Бондирева таъкид мекунад, ки дар мутобиқшавии иҷтимоӣ ду стратегияро ҷудо кардан кардан лозим аст: кушода ва пӯшида. Азбаски дар асоси мутобиқшавӣ ҳамеша кӯшишҳои мутобиқшавӣ қарор доранд, пас стратегияи мутобиқшавӣ муайян мекунад, ки он маҳз чӣ гуна амалӣ карда мешавад. Стратегияи пӯшидаи мутобиқшавӣ ин мутобиқшавии ҷубронкунанда: муқобилият, мувозинат, безараргардонӣ мебошад. Стратегияи кушоди мутобиқшавӣ мутобиқшавии тағйиротӣ (модификатсионӣ): одаткунӣ, азхудкунӣ, азбаркунӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки хусусияти омили таъсиркунанда ба табиати объекти таъсир табдил меёбад. Дар ин росто, Ю.О. Яблонская [23] диққатро ба далели фарқияти хусусиятҳои инфиродии психологии мутобиқшавии иҷтимоӣ дар соҳаҳои гуногуни мавҷудияти инсон ҷалб мекунад, он на дар як вақт ва на бо шиддатнокии якхела ба амал меояд.

Дар таҳқиқоти худ А. Налчаджян се натиҷаи имконпазири мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологиро баррасӣ мекунад:

1) мутобиқшавии муътадил, ки боиси мутобиқшудагии устувори шахсият дар ҳолатҳои маъмулии проблемавӣ бидуни тағйироти патологӣ дар сохтори он ва бе ихтилолҳои иҷтимоӣ мешавад;

2) мутобиқшавии девиантӣ (каҷравона) қонеъгардии талаботи шахсро дар гурӯҳ ё муҳити иҷтимоии муайян таъмин менамояд, дар ҳоле ки интизориҳои гурӯҳ бо чунин рафтор қонеъ намегарданд;

3) мутобиқшавии патологӣ, ки пурра ё қисман бо кумаки механизмҳои патологӣ ва шаклҳои рафтор ба амал омада, ё ба ташаккули маҷмуъҳои патологии хислат ё ба ғайримутобиқшавӣ оварда мерасонад [15].

Мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ ҳамчун натиҷа ё раванди амал ва фаъолияти муштараки фард ва муҳити иҷтимоӣ данисти мешавад, ки боиси барқароршавии мувозинати оптималии байни мақсадҳо ва арзишҳои шахсият ва гурӯҳ мегардад. Мушкилоти маъмултар барои донишҷӯ дар марҳилаҳои аввали таҳсил ин мавҷуд набудани малакаҳои кори мустақилонаи таълимӣ мебошад, донишҷӯ ҳамчун шахсияти мустақил ҳанӯз ташаккул наёфтааст, барои ин ба ӯ вақт лозим аст, ки ба шароити нави таҳсилоти донишгоҳӣ мутобиқ шавад [7].

Мутобиқшавии психологӣ ин раванди фарогирии психикии шахс бо низомҳои муносибатҳои иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва касбии фаъолиятӣ мебошад. Дар мутобиқшавии психологии шахсият соҳаи ҳаёт ва фаъолият нақши муҳимро мебозад ва аз ин рӯ намудҳои асосии мутобиқшавии психологӣ муайян карда шудаанд, аз қабили: мутобиқшавии иҷтимоӣ ва психикии шахсият; мутобиқшавии иҷтимоӣ ва психологии шахсият; мутобиқшавии иҷтимоию психологии шахсият; мутобиқшавии касбию фаъолиятии психологии шахсият; мутобиқшавии экологии психологии шахсият.

Мутобиқшавӣ ба ботинӣ, беруна ва омехта тақсим мешавад. Зимни мутобиқшавии ботинӣ шахсият ба тағйирот дар муҳити фаъолияти ҳаётии худ бозсозӣ мешавад. Ва тағйирёбии муҳит, дар навбати худ, тағйироти худро ба амал меорад, ки дар рафти он мутобиқшавии пурмазмун, мукаммал, умумӣ сурат мегирад. Мутобиқшавии берунии шахсият бо он фарқ мекунад, ки дар он азнавшавии ботинӣ вуҷуд надорад [15].

Муваффақияти раванди мутобиқшавӣ дар амалишавии баъзе талаботҳо ба талаботҳои дигар таъсир мерасонад ва ҷойи талаботи татбиқшуда бо талаботи дигар иваз карда мешаванд. Ба ақидаи А. Маслоу, инсон ҳамеша ягон хел талаботҳоро эҳсос карда, дар ҷое баъзе талаботҳо бартарӣ дошта, моҳият ва самти рафтори инсонро муайян мекунанд, талаботи дигар бошад, услуби умумии рафтор ва хусусияти амалҳо, асолати онҳоро муайян мекунанд [14].

Раванди ғайримутобиқшавӣ як ҷараёни муайяни равандҳо ва рафтори дохилипсихикӣ ба ҳисоб рафта, боиси зиёд шудани душвориҳо ва эҳсосоти ногувор мегардад. Ҳолати ғайримутобиқшудагӣ метавонад дар худ на танҳо афсурдагии (депрессияи) эҳсосотии шахсиятро дошта бошад, балки ҳолати шахсро дар бар мегирад, ки метавонад ба худкушӣ ё низоъ оварда расонад. Барои пешгирӣ аз ин ҳам омӯзгорон, ҳам волидони донишҷӯёнро пешакӣ огоҳ кардан лозим аст.

Мутобиқшавии донишҷӯ омили баланд бардоштани самаранокии тайёрии касбӣ ва ташаккулёбии иҷтимоии ӯ мебошад [21, с.6]. Ҳоло раванди мутобиқшавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мураккабтар шуда истодааст. Вақти мутобиқшавӣ ва сатҳи он ба азхудкунии маводи таълимӣ, роҳати психикӣ ва эътимод ба интихоби касби оянда таъсир мерасонанд.

Психологҳо, ҷомеашиносон ва педагогҳо ба мутобиқшавии психологию педагогӣ, ки ба роҳи ҳалли масъалаи ташаккули салоҳиятҳои зарурӣ дар донишҷӯ табдил мегардад, таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Мутобиқшавӣ раванди тағйирёбии хусусияти муносибатҳои мутақобила, муносибати донишҷӯ ба мазмун ва ташкили раванди таҳсилотӣ дар муассисаи таҳсилот мебошад. Мутобиқшавии психикӣ бо фаъолияти шахс ё гурӯҳ алоқаманд буда, ҳамчун таъсири мутақобилаи равандҳои мутобиқшавӣ ба муҳити атроф ва табдили муҳити атроф «барои худ» фаҳмида мешавад [3, с. 173].

Мутобиқшавӣ ба донишҷӯён имкон медиҳад на танҳо ба шароити нав мутобиқ шаванд, балки шаклҳои нави рафтор ва нақшҳои нави иҷтимоӣ муайян карда шаванд. Ба туфайли ин раванд шароит барои фаъолияти беҳтари шахс дар муҳити нав фароҳам меоянд. Агар мутобиқшавӣ ба амал наояд, шахс дар азхудкунии мавзуъ душворӣ мекашад [10].

Мутобиқшавӣ, тибқи шарҳи В.А.Якунин, «раванди таъсири мутақобилаи «инсон ва муҳити атроф» мебошад, ки натиҷаи он ба вуҷуд омадани стратегия ва амсилаи рафторест, ки ба шароити тағйирёбанда дар ин муҳит мувофиқ мебошанд» [24].

Маҷмуи равандҳои мутобиқшавӣ (мутобиқшавии таълимию маърифатӣ, касбӣ; мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ) ба мутобиқшавии бомуваффақияти донишҷӯ ба шароити таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олӣ мусоидат мекунад.

Давраи мутобиқшавӣ аз якчанд марҳила иборат аст: 1) ҳафтаи мутобиқшавӣ; 2) давраи мутобиқшавии бошиддат (одаткунӣ) (сентябр-декабр); 3) давраи кори ислоҳкунӣ ва кумаки психологии гурӯҳҳо ва донишҷӯёни алоҳида.

Мутобиқшавии донишҷӯйи соли якум (гурӯҳи ӯ) ба шароити нави таълим аз якчанд марҳилаҳо: марҳилаи аввал, марҳилаи таҳаммулпазирӣ, аккомодатсия, ассимилятсия мегузарад.

Натиҷаи раванди мутобиқшавии шахсиятиро мутобиқшавандагӣ меноманд. Стратегияҳои рафтори мутобиқшавӣ (тағйирдиҳии фаъоли худ/муҳит; канорагирӣ аз тамос бо муҳити атроф ва фурӯравӣ ба ҷаҳони ботинӣ; тарк кардани муҳити атроф, ҷустуҷӯйи муҳити нав; итоаткории ғайрифаъол ба шароити муҳити атроф; интизории ғайрифаъоли тағйирот дар дохили худ; интизории ғайрифаъоли тағйироти беруна) ба ноил шудан ба сатҳи муайяни мутобиқшавандагӣ имкон фароҳам меоранд [1, с. 19-23].

Идоракунии педагогии мутобиқсозӣ аз татбиқи барномаи таъмини шароити зарурӣ барои раванди мутобиқшавии донишҷӯёни соли якуми муассисаи таҳсилоти олӣ иборат аст.

Барои кафолати мутобиқшавии бомуваффақияти донишҷӯёни соли якум ба муҳити нав дар муассисаи таҳсилоти олӣ, ба назари мо, амалисозии алгоритми зерин: омӯхтани хусусиятҳои фардии донишҷӯёни соли якум; муайян намудани мушкилоти марҳилаи мутобиқшавӣ ва хусусиятҳои дохилшавӣ ба ҳаёти донишҷӯйӣ; кор аз рӯйи иитилооти гирифташуда – таҳқиқ ва синтез; тайёр намудани тавсияҳо дар асоси маълумот барои омӯзгорон ва кураторҳо, ки ба беҳбуд бахшидан ба марҳилаи мутобиқшавӣ нигаронида шудаанд; мизи мудаввар бо иштироки намояндагони кори ҷамъиятӣ, беруназтаълимӣ, тарбиявӣ; гузаронидани соати кураторӣ, ки дар рафти он мушкилоти гуногуни донишҷӯёни соли якум баррасӣ шуда, чорабиниҳои гуногун гузаронида мешаванд; таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ барои донишҷӯёни соли якум; ташкили машғулиятҳои амалӣ, ки ба баланд бардоштани дараҷаи дарки ҳамаи масъалаҳои марҳилаи мутобиқшавӣ, аз худ намудани усулҳои рафъи онҳо ва ба ташаккули қобилияти муошırати созанда мусоидат мекунанд; ташкили кори кураторон ва омӯзгорон бо донишҷӯёни соли якум бо мақсади баланд бардоштани сатҳи саводнокии психологию педагогии омӯзгорон; дастгирии илмӣ, методӣ ва иҷтимоию психологии кураторҳо ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо бо донишҷӯёни соли якум; машваратҳои инфиродӣ ва гурӯҳии донишҷӯён ва омӯзгорон; таҳлили натиҷаҳои кор ва тартиб додани нақшаи дарозмуддат барои оянда [11, с. 7-8] лозим мебошанд.

Раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ ҳамеша бо раванди дигари куллан мухолиф – ғайримутобиқшавӣ (носозгорӣ) алоқаманд аст. Аз нуқтаи назари фалсафӣ, сабаби ғайримутобиқшавии инсон номутобиқатии байни шиддати дигаргуниҳои иҷтимоӣ, илмӣ ва техникӣ ва суръати реаксияҳои мутобиқшавии организм мебошад. «...Хусусиятҳои морфофизиологии инсон, ки дар давраи дуру дарози таҳаввул ташаккул ёфтаанд, бо ҳамон суръате, ки равандҳои технологӣ ва муҳити атроф тағйир меёбанд, ба таври созгор тағйир ёфта наметавонанд. Номутобиқатӣ дар вақт дар байни ин равандҳо метавонад боиси пайдо шудани як навъ «қайчӣ» байни табиати инсон, яъне қобилияти он ба мутобиқшавӣ ва тағйироти муҳити атроф гардад, ки ин дар ихтилоли гуногуни патологӣ зоҳир шуда метавонад» [5, с. 16]. Ҳамчун ғайримутобиқшавӣ чунин ҷораёнро дар дохили рафтор номидан мумкин аст, ки «на ба ҳалли вазъияти проблемавӣ, балки амиқ гардидани он, пурзӯр гардидани мушкилот ва эҳсосоти нохуше, ки боиси он мегардад, оварда мерасонад».

Раванди ғайримутобиқшавӣ дар самтҳои асосии фаъолияти инсон ба вуҷуд меояд, ки дар байни онҳо «маърифатӣ, таҳаввулдиҳанда, арзишмеҳвар ва коммуникативӣ”-ро фарқ мекунанд [20].

Дар байни аломатҳое, ки сатҳи ғайримутобиқшавии шахсиятро ба раванди таҳсилотӣ тавсиф мекунанд, ду аломати асосӣ фарқ мекунанд:

1) хусусиятҳои психологии равандҳои психикии маърифатӣ, соҳаҳои ҳавасмандкунӣ ва эҳсосотӣ, ки боиси мушкилоти марбут ба фаъолияти маърифатӣ мегарданд;

2) хусусиятҳои иҷтимоию психологие, ки душвориҳои барпо намудани муносибатҳои байнишахсиятӣ ва шаклҳои пурмазмуни амали муштараки байни шахс ва одамони атрофро муайян мекунанд.

Аломатҳои объективӣ ва субъективии ғайримутобиқшавиро ба раванди таҳсилотӣ фарқ мекунанд. Аломатҳои объективӣ аз инҳо иборатанд: тағйирот дар рафтори инсон дар соҳаи муассисаи таҳсилоти олӣ, номувофиқатӣ бо вазифаҳои нави иҷтимоии худ, «тағйирёбии патологии рафтор». Ба аломатҳои субъективӣ: гузаришҳои психоэҳсосотӣ «аз эҳсосоти манфии рангуборшуда то оризаҳои психопатологии клиникӣ».

Ҳамин тариқ, таҳлили муносибатҳо ба таърифи ғайримутобиқшавӣ ва таснифоти ғайримутобиқӣ имкон медиҳад ғайримутобиқшавии шахсият ҳамчун раванди алтернативаи мутобиқшавӣ муайян карда шавад, ки аз вайрон шудани созгоршавии организм ба шароити доимо тағйирёбандаи муҳити иҷтимоии беруна ё дохилӣ иборат буд, боиси вайрон шудани фаъолияти ҳаётии шахсият, тағйир ёфтани тарзи рафтор ва инкишофи равандҳои патологӣ мегардад. Пешгирии ғайримутобиқшавӣ вазифаи психологҳо ва омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Омӯзиши сабабҳо ва динамикаи ғайримутобиқшавӣ ба раванди таҳсилотӣ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки натиҷаи он (ғайримутобиқшудагӣ) «алтернатива”-и мутобиқшудагӣ мебошад. Муайян ва сари вақт бартараф намудани омилҳои ғайримутобиқшавӣ ба раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ метавонад ба пешгирии он мусоидат намояд, ки ин, дар навбати худ, дар баланд шудани муваффақияти таълимии донишҷӯён инъикос меёбад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки дараҷаи мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯйи соли якум дар муассисаи таҳсилоти олӣ бо омилҳои сершумор, аз қабили: хусусиятҳои инфиродӣ-психологии шахс, сифатҳои шахсиятӣ, корӣ ва рафтории ӯ, самтҳои арзишӣ, фаъолнокии таълимӣ, вазъи саломатӣ, муҳити иҷтимоӣ, вазъи оилавӣ ва ғайра муайян мешавад.

Дар асоси таҳлили ҷанбаи иҷтимоии мутобиқшавӣ як қатор хулосаҳо баровардан мумкин аст. Аввалан, мутобиқшавии иҷтимоӣ равандест, ки дар он мутобиқшавии фаъол ё ғайрифаъоли шахс ба шароити нави мавҷудияти иҷтимоӣ ҷараён мегирад. Сониян, раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ аз худи шахсияти шахси мутобиқшаванда ҷудо намебошад. Сеюм, дар раванди мутобиқшавии иҷтимоӣ ҳам дар шахсият, ҳам дар муҳити атроф тағйирот ба амал меояд, тағйироти беруна барои ташаккули қолабҳои рафтор ва сифатҳои зарурии иҷтимоӣ замина ба вуҷуд меорад. Ҳамин тавр, мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯёни соли якум ба раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ созгоршавии одии шахс ба муҳити нави таълим ва талаботи ҳайати профессору омӯзгорон набуда, балки хусусияти фаъолона, бошууронаи созгоршавии онро ба муҳити нави ҳаёт пешбинӣ менамояд.

**Муқарриз: Ахмедова М.А. –н.и.п., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Александров Е. П. Проблемы адаптации студентов к образовательной среде вуза и профессии / Е. П.Александров, М. В. Воронцова //Современные проблемы науки и образования. - 2014. - № 5. - С. 19–23.
2. Андреева Г.Б. Подготовка, адаптация и повышения квалификации сельских учителей в США: Автореф. дис. ... канд. пед. наук/ Г.Б. Андреева. - М., 2000.
3. Архипова А. А. Адаптация студентов как одно из условий самореализации личности / А. А. Архипова // педагогические науки. - 2007 год. - №3. - С. 173-178.

4. Бизюлева Г.В. Психолого-педагогическое сопровождение профессиональной адаптации учащихся и студентов: монография / Г.В. Бизюлева. - М.: НОУ ВПО Московский психолого-социальный институт, 2008.
5. Вострокнутов Н.В. Школьная дезадаптация: ключевые проблемы диагностики и реабилитации / Н.В. Вострокнутов // Школьная дезадаптация. Эмоциональные и стрессовые расстройства у детей и подростков. - М., 1995.
6. Головин С.Ю. Словарь психолога-практика / С.Ю. Головин. - Минск: Харвест; М.: АСТ, 2001.
7. Жуина Д.В. Особенности психологической адаптации к условиям обучения в вузе студентов-первокурсников / Д.В.Жуина, Н.П. Королева // электронный сборник научно-методических материалов III Всероссийской с международным участием конференции «Актуальные проблемы и перспективы развития современной психологии» с элементами молодежной научной школы «Школа конкурентоспособного специалиста», 14-15 ноября 2013 г. [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://elibrary.ru/defaultx.asp.
8. Журавлев А.Л. Психология совместной жизнедеятельности малых групп и организаций / А.Л.Журавлев, Е.В. Шорохова. - М.,2001.
9. Зимняя И.А. Педагогическая психология: Учебник для вузов. Изд. второе, доп., испр. и перераб./ И.А. Зимняя. - М., 2005.
10. Казначеев В. П. Современные проблемы адаптации: Учебник / В. П. Казначеев. -М., 2000.
11. Карагулян, Э. Т. Педагогическое сопровождение адаптации студентов-первокурсников / Э. Т. Карагулян. - Текст: непосредственный // Молодой ученый. - 2018. - № 48.1 (234.1). - С. 7-8. - URL: https://moluch.ru/archive/234/43025/ (дата обращения: 13.11.2023).
12. Коджаспирова Г.М. Педагогический словарь: Для студ. высш. и сред. пед. учеб. заведений / Г.М.Коджаспирова, А.Ю. Коджаспиров. - М.: Издательский центр «Академия», 2000. -176 с.
13. Колесникова И.А. Педагогическое проектирование: Учеб, пособие для высш. учеб, заведений /И.А.Колесникова, М.П.Горчакова-Сибирская; Подред. И.А. Колесниковой. - М: Издательский центр «Академия», 2005.
14. Маслоу А., 1982 / Молодцова Т.Д. «Диагностика адаптации студентов первого курса к требованиям вуза» ФГБОУ ВПО «Таганрогский государственный педагогический институт имени А.П. Чехова».
15. Налчаджян А.А. Социально-психологическая адаптация личности (формы, механизмы, стратегии) / МН Арм. ССР. Ин-т филос. и права / А.А. Налчаджян. - Ереван: Изд-во АН Арм. ССР, 1988.
16. Никитина Е.Б. Некоторые психологические аспекты школьной дезадаптации в младшем подростковом возрасте / Е.Б. Никитина // Мат-лы Региональной научно-практич. конф. "Психофизиологические аспекты адаптации и реабилитации", г.Екатеринбург, 30-31 марта 2000 г. - Екатеринбург, 2000.
17. Олейников В.С. Проблемы социально-психологической адаптации личности / В.С. Олейников. - Спб., 2008.
18. Парыгин Б.Д. Основы социально-психологической теории / Б.Д. Парыгин. - М., 2001.
19. Педагогический Энциклопедический словарь. Под ред. Б.М. Бим-Бад; Редкол.: М. М. Безруких, В.А. Болотов, Л.С. Глебова и др. - М.: Большая Российская энциклопедия, 2003.
20. Сапоровская М.В. Дезадаптация: причины, показатели и формы проявления // Феномены личности и группы в изменяющемся мире / М.В. Сапоровская //Мат. научн. -практ. конф. Отв. ред. Н.П. Фетискин, В.В. Чекмарёв. - Кострома: КГПУ, 1998.
21. Смирнов А.А. Адаптация студентов и образ вуза: монография/ А.А. Смирнов, Н.Г. Живаев; Яросл.гос. ун-т им. П.Г. Демидова. -Ярославль: ЯрГУ, 2010. - 168с.
22. Хусаинова, Р. Р. Адаптация студентов к условиям образования в педагогическом вузе посредством группообразующей деятельности: дисс… канд. пед. наук / Р. Р. Хусаинова. - Киров, 2005. - 219 с.
23. Яблонская Ю.О. Социально-педагогическая адаптация детей сирот в условиях учреждения НПО: Автореф. ... дисс. канд. психол. наук / Ю.О. Яблонская. - Челябинск, 1997.
24. Якунин В.А. Психолого-педагогические факторы учебной успешности студентов / В.А. Якунин. - Спб., 2008.
25. Durkheim Emile: An Introduction to Four Major Works. Beverly Hills, CA: Sage Publications, Inc., 1986. Pp. 24-59.

## ХУСУСИЯТҲОИ МУТОБИҚШАВИИ ИҶТИМОӢ-ПСИХОЛОГИИ ДОНИШҶӮЁНИ СОЛИ ЯКУМ БА ШАРОИТИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ

Муаллиф дар мақолаи худ хусусиятҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯёни соли якумро ба шароити муассисаи таҳсилоти олӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додааст. Қайд карда мешавад, ки яке аз вазифаҳои асосии хар як муассисаи таҳсилоти олӣ кор бо донишҷӯёни соли якум мебошад, ки ба мутобиқгардонии зуд ва самарабахши онҳо ба шароити таълим ва низоми муносибатҳои чамъиятӣ, азхуд намудани нақши нави иҷтимоии донишҷӯён нигаронида шудааст. Мазмуни хусусиятҳои мафҳуми «мутобиқшавӣ»-ро таҳлил намуда, муаллиф хусусиятҳои маъмултарини мафҳумро муайян карда, ҷузъҳои онро шарҳу тавзеҳ додааст. Таъкид шудааст, ки мутобиқшавии психологӣ ин раванди фарогирии психикии шахс бо низомҳои муносибатҳои иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва касбии фаъолиятӣ ба шумор рафта, дар соҳаи ҳаёт ва фаъолият нақши муҳимро мебозад. Хулоса карда мешавад, ки мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯёни соли якум ба раванди таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олии омӯзгорӣ созгоршавии одии шахс ба муҳити нави таълим ва талаботи ҳайати профессору омӯзгорон набуда, балки хусусияти фаъолона, бошууронаи созгоршавии онҳоро ба муҳити нави ҳаёт пешбинӣ менамояд.

**Калидвожаҳо**: мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологӣ, донишҷӯйи соли якум, муассисаи таҳсилоти олӣ, омӯзгор, шахсият, хатмкунанда, муҳити атроф, тайёрии касбӣ, салоҳиятҳо.

## ОСОБЕННОСТИ СОЦИАЛЬНО-ПСИХОЛОГИЧЕСКОЙ АДАПТАЦИИ СТУДЕНТОВ-ПЕРВОКУРСНИКОВ К УСЛОВИЯМ ВЫСШЕГО УЧЕБНОГО ЗАВЕДЕНИЯ

В своей статье автор проанализировал и исследовал особенности социально-психологической адаптации студентов-первокурсников к условиям высшего учебного заведения. Отмечается, что одной из основных задач каждого вуза является работа со студентами-первокурсниками, направленная на их быструю и эффективную адаптацию к условиям обучения и системе социальных отношений, освоению новой социальной роли студентов. Анализируя содержание особенностей понятия «адаптация», автор выявил наиболее общие черты этого понятия и объяснил его составляющие. Подчеркнуто, что психологическая адаптация представляет собой процесс охвата психики человека системами социальных, социально-психологических и профессиональных деятельностных отношений и играет важную роль в сфере жизни и деятельности. Делается вывод, что социально-психологическая адаптация студентов-первокурсников к образовательному процессу вуза – это не простое приспособление личности к новой образовательной среде и требованиям профессорско-преподавательского состава, а активная, сознательный характер ее адаптации к новой жизненной среде.

**Ключевые слова**: социально-психологическая адаптация, первокурсник, вуз, преподаватель, личность, выпускник, среда, профессиональная подготовка, компетенции.

## FEATURES OF SOCIO-PSYCHOLOGICAL ADAPTATION OF FIRST-YEAR STUDENTS TO THE CONDITIONS OF A HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTION

In his article, the author analyzed and studied the features of socio-psychological adaptation of the first-year students to the conditions of a higher educational institution. It is noted that one of the main tasks of each university is to work with first-year students, aimed at their quick and effective adaptation to learning conditions and the system of social relations, and mastering the new social role of students. Analyzing the content of the features of the concept of «adaptation», the author identified the most general features of this concept and explained its components. It is emphasized that psychological adaptation is a process of covering the human psyche with systems of social, socio-psychological and professional activity relations and plays an important role in the sphere of life and activity. It is concluded that the socio-psychological adaptation of the first-year students to the educational process of a university is not a simple adaptation of the individual to the new educational environment and the requirements of the teaching staff, but the active, conscious nature of its adaptation to the new living environment.

**Keywords**: socio-psychological adaptation, freshman, university, teacher, personality, graduate, environment, professional training, competencies.

**Маълумот дар бораи муаллиф: *Раҷабов Дилшод Амиралиевич* -** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, унвонҷӯй. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 988628100**, E-mail: **kasabaddot@mail.ru**

**Сведения об авторе: *Раджабов Дилшод Амиралиевич*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, общеуниверситетская кафедра педагогики, соискатель. Адрес: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **(+992) 988628100**, E-mail: **kasabaddot@mail.ru**

**Information about the author:*Rajabov Dilshod Amiralievich* -** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, university-wide chair of pedagogy, applicant. Address: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121. , Phone.: **(+992) 988628100**, E-mail: **kasabaddot@mail.ru**

**ТДУ:372.853 (575.3)**

# РОБИТАИ БАЙНИФАННӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР БАЛАНДБАРДОРИИ ДОНИШҲОИ ФИЗИКИИ ДОНИШҶӮЁН

*Холов С.Р.*

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Робитаи байнифаннӣ дар раванди таълим ифодагари ҷараёни интегратсионие мебошад, ки имрӯзҳо дар илм ва ҷомеа рух дода истодааст. Ин алоқамандӣ дар баландбардории донишҳои амалию илмӣ-назариявии хонандагон мавқеи муҳим дорад. Аҳаммияти робитаҳои байнифаннӣ, пеш аз ҳама, дар баландшавии дараҷаи илмӣ ва ҷаҳонбинии донишҷӯён, дар инкишофи тафаккури мантиқии онҳо зоҳир мешавад. Ин, дар навбати худ, барои дониш, малака ва маҳоратҳо, ки дар як зинаи маълумот ташаккул ёфтаанду ба зинаи дигари маълумот гузаронидан лозим аст, шароит фароҳам меорад. Масалан, таъмини пайдарҳамии мазмуни таълими физикаи мактабӣ ва курси физика дар донишгоҳи омӯзгорӣ проблемаи муосири методикаи таълим дар мактаби олӣ мебошад.

Тавре ки маълум аст, хатмкардагони МТМУ элементҳои «физикаи мактаби олӣ»-ро дар мактаби миёна меомӯзанд ва бо қисми зиёди мафҳумҳои физикӣ ва қонунҳои он шинос мешаванд. Дар ин сурат пайдарҳамии ҷараёни таълимро ҳамчун курси тайёрии (пропедевтикии) физикаи мактаби олӣ фаҳмидан мумкин аст [3, с.48].

Мусаллам аст, ки дар раванди таълим мақсаднок ва самаранок ба роҳ мондани робитаи байнифаннӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва асосии методикаи таълими ҳар як фан ба шумор меравад. Таҷрибаву мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баҳри амалӣ гардидани он омӯзгор ба масъалаҳои зерин диққати ҷиддӣ зоҳир менамояд:

1.Дар байни фанҳои ба ҳам наздик (масалан, физика ва математика) ёфтани маводе, ки дар муқоиса ва тасвир намудани маводи аз нав омӯхташуда дар фанни додашуда бештар дар хотири донишҷӯ нақш мебанданд.

2.Мунтазам омӯзонидани донишҷӯён барои зуд ва ба таври фаврӣ ба хотир овардани маводи пештараи дар мактаб аз худ карда, бо мақсади бештар ва самаранок аз худ кардани маводи нав.

3.Дар хонандагон чунин талабот оиди муомила ба китобҳои дарсӣ аз фанҳои ба ҳам наздикро ташаккул додан лозим аст, ки дар корҳои аудиторӣ, хонагӣ ва мустақилона бо роҳи гузориши масъалаҳо шавқи онҳоро ба азхудкунии дониш ҳаматарафа оид ба ин фан зиёд намояд.

4.Дар рушдёбии тафаккури донишҷӯён таҷрибаи пешқадамро истифода намуда, усули муосири таълимро инкишоф дода, ба тариқи системанок комёбиҳои фардии бахотиргирӣ ва истифодаи донишҳо андӯхтаро қайд намудан лозим аст.

5.Донишҷӯёнро ҳамеша оид ба кори дар хотир нигоҳдории донишҳои фанҳои ба ҳам наздик бедор намуда, қобилияти татбиқи эҷодии онҳоро ташаккул додан зарур аст.

Маълум аст, ки фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо ҳамдигар робитаи ногусастанӣ доранд. Аз ин рӯ, муаллимони ҳамаи фанҳоро лозим аст, ки дар раванди таълим робитаи байни онҳоро таъмин намоянд. Агар фанҳои гуманитарӣ, адабиёт, забони модарӣ, забони хориҷӣ, таърих сохт ва тараққиёти ҷамъиятро омӯзонанд, фанҳои табиатшиносӣ - физика, математика, химия, биология, география астрономия соҳаҳои гуногуни табиатро ба мо меомӯзонанд, яъне ҳамаи фанҳои таълимии мактабӣ дар маҷмуъ як чизи бутун-табиати атрофу инкишофи ҷамъияти инсониро меомӯзанд [10, с.45].

Дар байни фанҳои дақиқ, алалхусус фанҳои физика ва математика, робитаи байнифаннӣ дар омӯзиши фанҳои зикргардида ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Амиқу бошуурона аз худ кардани асосҳои фанни математика на фақат ба омӯзиши минбаъдаи ин фан асоси устувор мегузорад, балки татбиқи амалии математика имконияти дуруст ба роҳ мондани таълими фанҳои дигари мактабиро, ба мисли физика, бештару хубтар мегардонад.

Воқеан ҳам, математика аслиҳаи тавоноест дар роҳи ҳалли масъалаҳои марбути физикаи муосир. Методи математикӣ кайҳо боз дар ҳалли масъалаҳои муҳимми физика

нақши худро гузоштааст [4, с. 38].

Дар раванди ҳалли масъалаҳои физикӣ хонандагон дониши худро дар таҳлили муҳокимаронихои гуногуни математикӣ, ҳодисаҳои физикӣ таҳким бахшида, ба ҳалли масъалаҳои мушкилтар боз бештар омода мегарданд.

Робитаи байнифаннии математика бо физика дар шакли вазъиятҳои гуногун ба амал баровварда мешавад [1, с.43-45].

Дар китобҳои дарсии «Математика» барои синфҳои V ва VI ҳодисаю қонуниятҳои физикӣ ва истифодабарии онҳо, ишораю символҳои барои хонандагон дастрас мавриди истифода қарор дода мешаванд. Илова бар ин, дар китоби дарсӣ ба як қатор масъалаҳое дучор гаштан мумкин аст, ки дар худ мафҳумҳои физикии суръат, вақт, масофа, масса ва ғайраро дар бар мегиранд.

Таҷриба собит менамояд, ки хонандагони МТМУ масъалаҳои дорои символҳои физикӣ ва ё техникӣ бударо хеле хуб қабул менамоянд, вале чунин масъалаҳо дар китобҳои дарсӣ хеле кам ба назар мерасанд. Аз ин рӯ, муаллифони китобҳои дарсии математика ва физикаро зарур аст, ки теъдоди масъалаҳои ба талаботи рӯз ҷавобгӯ бударо ба андозаи муайян зиёд намоянд [5].

Дар физикаи муосир таҷҳизотҳои алгебравӣ хеле васеъ истифода бурда мешаванд. Маълум аст, ки аксар қонуниятҳои физикӣ дар шакли ифодаҳои математикӣ – формулаю муодилаҳои алгебравӣ зуҳур меёбанд. Ин ба мо имкон медиҳад, ки ҳангоми таълими алгебра аз ишораю аломатҳо ва формулаҳои физикӣ бештар истифода намоем, ба ҳалли масъалаҳои мазмуни физикӣ дошта диққати ҷиддӣ диҳем.

Дар ҷараёни таълими алгебра иборaю ишора, формула ва қонуниятҳои физикиро дар доирае истифода бурдан лозим аст, ки барои хонандагони синф дастрас бошанд, яъне дарси математика аз дарси физика пеш нагузарад [2, с.20-36].

Дар масъалаҳои китоби синфи 7 мафҳумҳои зерини физикӣ баррасӣ карда мешаванд - тағйирёбии шабонарӯзии ҳарорати ҳаво, фишори атмосферӣ, вазни хос, фишангҳои ҷинси якум, ҳаракати ростхаттаи ҷисм, шитоб ва ғайра.

Мавриди зикр аст, ки дар китобҳои дарсии алгебра машқу масъалаҳо бахшида ба табдил додани формулаҳои физикӣ ва ифода кардани як тағйирёбанда ба дигараш мавриди муоина қарор нагирифтаанд [7].

Дар китоби дарсии геометрия барои синфҳои 7-9 масъалаҳои мазмуни физикӣ ва техникӣ дошта хеле зиёд ба назар мерасанд. Дар масъалаҳои зикргардида мафҳумҳои зерини физикӣ муоина карда мешаванд: раққосаки физикӣ, фишангҳои ҷинси якум ва дуюм, вале зонудор, поршен, тасмаи чархгардон, кранҳо, шайбаҳо, винтҳо, калид, бурриши қисмҳои машинаҳо, тулумба, қубурҳои обгузар, ҳавосанҷ, печҳои домнагӣ, паровоз, тайёра, неругоҳҳои барқии пуриқтидор, суръатҳои мухталифи кайҳонӣ ва ғайра.

Инчунин, як қатор масъалаҳо, ба мисли чен кардану ёфтани масофаи байни ду нуқтаи дастнорас ва ғайра мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд [6].

Дар китоби дарсии геометрия барои синфҳои 10-11 масъалаҳои мазмуни физикӣ дошта хеле кам ба назар мерасанд. Муаллифони китоби дарсиро зарур аст, ки мавзуъҳои мазмуни физикӣ доштаро то андозаи муайян дохил намоянд, зеро равобити ҳамешагии муаллимони метематикаю физика ҳалли як қатор масъалаҳои муштараки ин фанҳоро, ки омили муваффақияту комёбиҳост, таъмин менамоянд.

Таҷрибаи муаллимони пешқадами ҷумҳурӣ собит сохт, ки барои шавқовару пурмазмун гаштани машғулиятҳои физика омӯзгорон бояд масъалаҳои дар китоби дарсӣ пешниҳодшударо бо ёрии усулҳои математикӣ, бо роҳҳои ба хонанда фаҳмо ҳал намоянд.

Омӯзгори физика ҳамон вақт ба муттасилии робитаи байнифаннӣ ноил мегардад, ки агар ӯ ҳам аз фанни физика ва ҳам аз фанни математика дониши устувору мукаммал дошта бошад [12, с. 10-15].

Робитаи фанҳои математикаю физикаро дар мавриди омӯзиши функсияҳои элементарӣ дида мебароем.

Маълум, ки омӯзиши вобастагиҳои функсионалӣ тамоми курси математикаи мактабиро фаро гирифтааст. Хонандагон ҷадвали функсияҳоро сохта, хосиятҳои онҳоро меомӯзанд ва бо истифода аз ин хосиятҳо, масъалаҳои мувофиқро ҳал менамоянд. Дар ин

мавриди муҳим он аст, ки кай ва дар кадом қисми мавзуи физика татбиқ ёфтани функсияҳои элементарӣ мавриди таваҷҷуҳи хонандагон қарор дода шавад.

Дар ҳамин маврид хонандагон ба алоқамандии фанҳои физика ва математика боварии қавӣ пайдо намуда, ба имконот ва қувваи методҳои математикӣ баҳои сазовор дода метавонанд [8].

Мувофиқи барномаи таълими алгебра дар синфи IX такрори функсияи квадратӣ ва дигар функсияҳои дараҷагӣ муоина карда мешавад. Ҳалли масъалаҳо роҷеъ ба ҳаракати ҷисми дар зери кунҷи муайян ба уфуқӣ партофта шуда мавзуи таълимии синфи X мебошад [11].

Дар синфи 10 мавзуи «Лаппиш ва мавҷҳо» аз физика дар робита бо мавзуъҳои мувофиқи курси алгебра, аниқтараш, ҳисоб кардани табдилдиҳиҳои зарурии тригонометрӣ, таълим дода мешавад, ки ин ба беҳтар аз худ кардани мавзуъҳои минбаъдаи таълимӣ ва сарфакорона истифода бурдани вақт мусоидат менамояд.

Ҳангоми муоинаи ин ва ё он функсия татбиқи амалии он, хосиятҳо ва сохтани графики функсияҳо низ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки дар азхудкунии мавзуи дар боло зикршуда муҳим мебошад.

Воқеан, хонандагон ба он машғулиятҳое майлу рағбати бештар пайдо мекунанд, ки бо татбиқи методҳои математикӣ натиҷаи мушаххаси физикӣ ба даст меоранд. Аз ҷумла, дар физика ба масъалаҳое, ки дар онҳо ёфтани муодилаи масири ҳаракати ҷисм талаб карда мешавад, ба математика диққати махсус медиҳанд [9, с. 17-18].

Дар китобҳои дарсии муосири физика мавзуъҳои зиёдеро номбар кардан мумкин аст, ки дар муқоиса бо математика ба таълими онҳо нисбатан дер оғоз менамоянд. Аз ин рӯ, муаллифони китобҳои дарсиро зарур аст, ки дар омодакунӣ ва нашри китобҳо таълими фанҳои мазкурро дар мувофиқаи байниҳамдигарӣ таҳия намоянд.

Таҳлили барномаҳои таълимӣ собит сохт, ки дар китобҳои дарсӣ маводҳои зарурӣ барои таълими физика то андозае пешниҳод шудаанд, ки робитаи байнифанниро таъмин менамоянд. Бо вуҷуди ин, баъзе хосияту қонуниятҳо дар вақтҳо ва дар вазъиятҳои гуногун муоина карда мешавад. Баёни маводҳои таълимӣ шаклан ва ҳатто мазмунан аз ҳам фарқ мекунанд. Зарур аст, ки муттасилӣ ҳангоми ҷорӣ кардани қоидаву қонуниятҳои ҳар ду фан риоя карда шаванд.

Ҳангоми татбиқи маводи физикӣ дар раванди таълими математика ишораҳои ҳарфӣ, номгӯй ва андозанокии бузургиҳои физикиро тавре бояд истифода бурд, чуноне ки дар физика истифода мебаранд. Дар мавриди ҳалли масъалаҳо бо ададҳои тақрибӣ дар физика қоидаҳои маъмули математикӣ бояд айнан истифода бурда шаванд, яъне дар раванди таълими ин фанҳо ба вобастагии баёни мавзуъ диққати махсус бояд дод.

Ҳамин тавр, ҳангоми омӯзиши мавзуъҳои мухталифи фанни физика мақсаднок ва самаранок ба роҳ мондани робитаи байнифаннии ин фан, хусусан бо фанни математика, дар баландбардории донишҳои физикии донишҷӯён мусоидат мекунад.

**Муқарриз: Сатторов А.Э.- д.и.п., профессори ДДБ ба номи Носири Хусрав**

### АДАБИЁТ


1. Бабаев В.С. Реализация межпредметных связей курсов общей физики и высшей математики при проведении практических занятий. Актуальные проблемы преподавания физики в вузах России / В.С.Бабаев, И.В. Евграфова // Тезисы докладов Совещания зав. каф. физики вузов России. Под ред. проф. Спирина Г.Г. — Москва: АПР, 2009 г.-С. 43-45.
2. Виленкин Н.Я. О роли межпредметных связей в профессиональной подготовке студентов пединститута / Н.Я. Виленкин, А.Г. Мордкович //Межвузовский сборник научных трудов “Проблемы подготовки учителя математики в пединститутах”. - М. ПП “Печатник”, 1989.- С. 20-36.
3. Иванов А.И. О взаимосвязи школьных курсов физики и математики при изучении величин / А.И. Иванов // Физика в школе, 1997. - № 7. - С. 48.
4. Кожекина Т.В. Пути реализации связи с математикой в преподавании физики / Т.В.Кожекина, Г.Г. Никифоров // Физики в школе, 1982. - № 3. - С. 38.
5. Коржуев А.В. Методические основы реализации сущностного подхода при обучении физике в средней школе: дис. ... д-ра пед. Наук / А.В. Коржуев. - Москва, 1998 - 346 с.
6. Максимова В.Н. Межпредметные связи в процессе обучения / В.Н. Максимова. - М.: Просвещение, 1988. - 191 с.

7. Максимова В.Н. Межпредметные связи в учебно-воспитательном процессе современной школы / В.Н. Максимова. - М.: Просвещение, 1987. – 160 с.
8. Минченков Е.Е. Роль учителя в организации межпредметных связей //Межпредметные связи в преподавании основ наук в средней школе / Е.Е. Минченков //МежВУЗовский сборник научных трудов. - Челябинск: Челябинский пед. ин-т, 1982г.
9. Нугмонов М. Таъмини пайдарҳамии раванди таълим – асоси робитаи байнифаннӣ / М.Нугмонов, А. Раззоқов // Маводи конф. илмии ҷумҳ. ба муносибати 80-солагии Вазорати маорифи ҶТ АИП (5-16 ноябри с. 2004). -Душанбе, 2004. - С.17-18.
10. Федорец Г.Ф. Межпредметные связи в процессе обучения / Г.Ф.Федорец. - М.: Наука, 1985.88 с. - С.45.
11. Холов С.Р. Нақши робитаи байнифаннии физика ва математика дар баландшавии донишҳои физикии донишҷӯён / С.Р.Холов, А.Э. Сатторов //Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - №1-1(107) 2023. (дар чоп).
12. Шарифов Ҷ. Роҳҳои барқарор намудани робитаи байнифаннӣ дар раванди таълим / Ҷ. Шарифов, А.Э. Сатторов //Маводи конф. илмии ҷумҳ. ба муносибати 80-солагии Вазорати маорифи ҶТ АИП (5-16 ноябри с. 2004). -Душанбе, 2004. - С.10-15.

## РОБИТАИ БАЙНИФАННӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР БАЛАНДБАРДОРИИ ДОНИШҲОИ ФИЗИКИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақола баъзе ҷиҳатҳои робитаи байнифаннӣ ва мавқеи он дар баландбардории донишҳои физикии донишҷӯёни курсҳои поёнии ихтисосҳои физика муҳокима гардида, қайд мегардад, ки муаллимони ҳамаи фанҳоро лозим аст, ки дар раванди таълим робитаи байни онҳоро таъмин намоянд. Дар байни фанҳои дақиқ, алалхусус фанҳои физика ва математика, робитаи байнифаннӣ дар омӯзиши фанҳои зикргардида ҷойи намоёнро ишғол менамояд. Амиқу бошуурона аз худ кардани асосҳои фанни математика на фақат ба омӯзиши минбаъдаи ин фан асоси устувор мегузорад, балки татбиқи амалии математика имконияти дуруст ба роҳ мондани таълими фанҳои дигари мактабиро, ба мисли физика, бештару хубтар мегардонад.

**Калидвожаҳо:** робитаи байнифаннӣ, физика, таълим, математика, донишҷӯ, муассисаи таълимӣ, мафҳумҳои математикӣ, мафҳумҳои физикӣ, бузургӣ, дониш.

## МЕЖПРЕДМЕТНАЯ СВЯЗЬ И ЕЕ РОЛЬ В СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ ФИЗИЧЕСКИХ ЗНАНИЙ СТУДЕНТОВ

В статье рассматриваются некоторые аспекты межпредметной связи и ее место в совершенствовании физических знаний студентов младших курсов физических знаний, а также отмечается, что учителям всех предметов необходимы обеспечивать связь между ними в образовательном процессе. Среди точных предметов, особенно физики и математики, видное место в изучении названных предметов занимает межпредметная связь. Глубокое и осознанное освоение основ математики не только закладывает прочную основу для дальнейшего изучения этого предмета, но и практическое применение математики дает возможность правильно и лучше преподавать другие школьные предметы, например, физику.

**Ключевые слова**: межпредметные связи, физика, образование, математика, студент, образовательное учреждение, математические понятия, физические понятия, величина, знания.

## INTERDISCIPLINARY COMMUNICATION AND ITS ROLE IN IMPROVING STUDENTS' PHYSICAL KNOWLEDGE

The article discusses some aspects of interdisciplinary communication and its place in improving the physical knowledge of junior students of physical knowledge, and also notes that teachers of all subjects need to ensure communication between them in the educational process. Among the exact subjects, especially physics and mathematics, interdisciplinary communication occupies a prominent place in the study of these subjects. Deep and conscious mastery of the fundamentals of mathematics not only lays a solid foundation for further study of this subject, but also the practical application of mathematics makes it possible to correctly and better teach other school subjects, for example, physics.

**Key words:** interdisciplinary connections, physics, education, mathematics, student, educational institution, mathematical concepts, physical concepts, quantity, knowledge.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Холов Саймехроҷ Рамазонович* -** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, омӯзгор, кафедраи методикаи таълими физика. **Суроға:** 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Садриддин Айнӣ, 67. E-mail: **Saimehroj.kholov@gmail.com** Телефон: (+992) **553-33-33-26**

**Сведения об авторе:** ***Холов Саймехродж Рамазонович*** - Бохтарский государственный университет имени Носири Хусрава, преподаватель, кафедра методики преподавания физики. **Адрес:** 735140, город Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. E-mail: **Saimehroj.kholov@gmail.com** Телефон: (+992) **553-33-33-26**

**Information about the author:** ***Kholov Saimehorok Ramazonovich*** - Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, teacher at the Department of Methods of Teaching Physics. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Dushanbe Bokhtar, S. Aini street, 67. E-mail: **Saimehroj.kholov@gmail.com** Phone: **(+992) 553-33-33-26**

ТДУ:372.851 (575.3)

# ТАҲЛИЛИ НАҚШАВУ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ТАЙЁРИИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ САМТИ МАТЕМАТИКА

*Сатторов А.Э., Сатторов Қ.А.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав,**
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Тавре ки дар [15, с. 115] қайд шудааст, баррасии масъалаи асосҳои методии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика бевосита аз сатҳу сифати барномаву стандартҳои давлатӣ, нақшаҳои таълимӣ, методу усулҳои муосири тарбиявӣ, педагогӣ, психологӣ ва мутобиқати онҳо ба шароити имрӯзаи таълим, ки технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ҷузъи муҳимми ташкили он гаштааст, вобастагӣ дорад.

Воқеан, такя ба неруи зеҳнӣ ва ақлонӣ ифодаи бебаҳси эҳтиром ва арҷгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъриху тамаддун ва илму фарҳанги миллатамон мебошад. Ин мавқеи эътимодбахши давлату Ҳукумат тайи солҳои истиқлолият, яке аз омилҳои муҳимми иттиҳоду ҳамбастагӣ ва ваҳдату ягонагӣ дар ҷомеаи навини Тоҷикистон гардидааст. Дар ин бобат бояд гуфт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати оқилонаи пешгирифтаи худ, соҳаи маориф ва илмро яке аз самтҳои стратегии муҳимми давлату миллат қарор додааст. Дар баробари ин қайд кардан ба маврид аст, ки ба соҳаи маориф ва илм ҳамасола дар низоми буҷаи кишвар дар қиёс бо дигар соҳаҳо маблағи бештар ҷудо карда мешавад.

Аз ҳама муҳим, чун ба суханрониҳои Пешвои миллат менигарем, дар мулоқоту суҳбатҳояш бо намояндагони аҳли зиё ва олимону ихтироъкорон ва дар маҷмуъ бо тамоми шаҳрвандон масъалаи мактабсозию мактабдорӣ, китобхонию илмомӯзӣ ва ихтирои технологияи навин пайваста пурсон шуда, дар ин ҷараён бевосита мусоидат менамоянд.

Аз ҷумла, Президенти мамлакат соли 2020 дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ чунин таъкид доштанд: «Роҳбарону кормандони соҳаи маорифро зарур аст, ки дар баробари чунин дастгириҳои давлат ва афроди ватандӯст сатҳу сифати таълимро дар ҳар як муассисаи таълимӣ, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо ва дар ҳама зинаҳои таҳсилот баланд бардоранд. Инчунин, назорати азхудкунии донишҳои замонавиро пурзӯр гардонида, наврасону ҷавононро ба мутолиаи китобҳои бадеиву илмӣ ташвиқ намоянд, қобилияти эҷодии онҳоро тақвият бахшанд ва ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд» [13]. Дар ин замина, чи сифати таълим, чи дараҷаи дониш ва тахассусмандии мутахассисон, тайёрии касбии онҳо ба фаъолияти омӯзгорӣ, ба донишҳои бунёдие рабт дорад, ки зимни аз худ намудани нақша ва барномаҳои таълимӣ онҳо мусаллаҳ гардидаанд. Аз ин хотир, ба таҳияи нақша ва барномаҳои таълимӣ бояд диққати ниҳоят ҷиддӣ дода шавад.

Бояд гуфт, ки вобаста ба ин самт дар донишгоҳҳои кишвар, ки ихтисосҳои омӯзгорӣ мавҷуданд, дар заминаи барномаҳои давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва тартиб додани нақшаю барномаҳои нави таълимӣ корҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Сарфи назар аз ин, омӯзиш ва таҳлили нақшаҳо нишон медиҳад, ки онҳо дар аҳди истиқлолият ҳар ду сол тағйир ёфтаанд. Дар давраи Ҳукумати Шуравӣ нақшаву барномаҳои таълимию таҳсилотии самти математика барои 15 ҷумҳурии зертобеи он пурра ягона буданд. Масалан, донишҷӯйи курси 3-юми ихтисоси математикаи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон барои идомаи таҳсил ба ихтисоси математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Ӯзбекистон интиқол мегирифт, фарқияти таълимӣ нишон дода намешуд, чунки ин ягонагии нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимию таҳсилотиро нишон медод. Вазъи мазкур дар се даҳсолаи охир то андоза тағйир ёфтааст, ки зимни интиқоли донишҷӯйи ихтисоси самти математика аз як муассиса ба муассисаи дигар фарқиятҳои куллӣ дар аз худ намудани нақшаи таълимӣ ҷой доранд. Ин ба он алоқаманд аст, ки дар ҷумҳурӣ ҳар як донишгоҳ ба таври худ нақша ва барномаҳои таълимӣ таҳия намуда,

ягонагӣ ва талаботи умумӣ дар онҳо умуман ба назар гирифта нашудааст. Ин тамоюл дар тайёр намудани мутахассисони самти математика дар 30 соли охир таъсири манфӣ расонида, омили заиф гардидани иқтидори кадрии омӯзгорони математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ гардидааст.

Дар қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо қайд карда шудааст, ки вазифаи мактабҳои олӣ беҳтар намудани сифати тайёр кардани мутахассисон мебошад. Дар баробари ин яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа, муҳим ва бошарафи муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ омода намудани омӯзгорони баландихтисоси самти математика гардид, ки раванди таълимро дар сатҳи баланди касбӣ ташкил карда метавонад. Муваффақияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ ва коллеҷҳои давлатию махсус бештар аз дараҷаи тайёрии касбии омӯзгор муайян карда мешавад. Комилан ба амал баровардани мақсадҳои таълим ва тарбияи педагогии донишҷӯёни самти математика ба маҳорати омӯзгор, ташаббус, қобилияти эҷодӣ, интихоб кардани воситаю усулҳои нави ташкили раванди таълиму тарбия вобаста аст.

Математик ва педагоги машҳури советӣ А.Я. Хинчин оид ба масъалаи тайёр кардани омӯзгорон чунин қайд карда буд: «Новобаста аз оне, ки мо аз кадом барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ истифода мебарем, муваффақияти таълим аз сатҳи тайёрии касбии омӯзгор вобаста аст» [17, с. 4].

Аммо нақшаи таълимӣ, барномаи корӣ ва китоби дарсӣ барои омӯзгор нақши раҳнамо ва роҳбаладро иҷро намуда, ҳамчун дастурамал баромад менамоянд. Дар ин радиф, нақша ва барномаҳои таълимӣ дар тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика нақши асосиро мебозанд, чунки муттасилии фанҳо дар онҳо пурра ба инобат гирифта мешавад. Маълум аст, ки фанни математика аз мактаби миёна омӯхта шуда, дар донишгоҳҳо такмил дода мешавад.

Аз ин хотир, тағйиротҳои куллӣ ва муттасилии фанҳои таълимӣ дар нақшаву барномаҳои таълимии солҳои охир мавриди таҳлил қарор дода шуд, ки онҳо заминаи тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика ва азхудкунии донишҳои тахассусии онҳо дар давраи таҳсилашон мебошанд.

Ба андешаи муҳаққиқи ватанӣ Ғуломов И.Н., “... омода намудани омӯзгор нисбат ба муҳандис, иқтисодчӣ, агроном ва дигар касбҳо басо мураккаб аст. Ин ҳолатро то ҳанӯз на ҳама дуруст дарк кардаанд. Тайёрии хуби донишҷӯён - муаллимони риёзии оянда дар мактабҳои олии омӯзгорӣ аз ҳалли бисёр проблемаҳо вобастагӣ дорад. Яке аз ин гуна проблемаҳо масоили муттасил такмил додани нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ аз рӯйи тахассуси донишҷӯ ҳисоб меёбад. Ба андешаи мо, норасоии асосиро дар тайёрии муаллимони оянда, қабл аз ҳама, дар мавҷуд набудани нақшаҳо ва барномаҳои таълимии бардавом ҷустан лозим аст. Нақшаҳои таълимӣ зуд-зуд тағйир меёбанд. Дар таҳияи онҳо принсипи бардавомӣ ба назар гирифта намешавад” [3, с. 7].

Таҳлили ду даҳсолаи охири зуд-зуд тағйир ёфтани нақшаҳои таълимӣ нишон медиҳад, ки баъзе фанҳои таълимии асосии самти математика аз байн рафтаанд, инчунин дар баъзеи дигарашон миқдори соатҳои таълимӣ кам гардидаанд. Бо вуҷуди тағйиротҳо муттасилии фанҳо риоя нагардидааст. Вобаста ба ин, нақшаҳои таълимии ихтисоси математикаи солҳои 2002, 2014 ва 2022 мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шуд.

Чуноне ки маълум аст, нақшаи таълимӣ аз маҷмуи буҷаи вақт (ҳафтаҳои таълимӣ, сессионӣ, таътил), бахши фанҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ-сиёсӣ, бахши фанҳои умумӣ-касбӣ, бахши фанҳои умумӣ- ихтисосӣ, бахши фанҳои ихтисосӣ, бахши фанҳои интихобӣ, бахши таҷрибаомӯзӣ, бахши аттестатсияи хатм, машғулиятҳои факултативӣ, шаклҳои назорат ва ҳафтаҳои таҷрибаомӯзӣ иборат мебошад.

Бо гузашти солҳо ва қабули барномаву стратегияҳои давлатӣ бо гузариш аз як низоми таҳсил ба дигар низоми таҳсил, ки ҷиҳатҳои мусбати он пурра ба инобат гирифта мешавад, вобаста ба талаботи замон саривақтӣ мебошад. Дар ин муддат аз тарафи сохторҳои марбутаи соҳаи маориф ба сохтори нақшаҳои таълимӣ ва барномаҳои таҳсилотӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Яке аз тағйироти куллӣ дар тайёрии касбии донишҷӯёни самти математикаи донишгоҳҳои олии омӯзгорӣ гузаштан аз низоми

таълими анъанавӣ ба низоми кредитии таҳсилот мебошад, ки низоми қабули санҷишу имтиҳонҳои ҷории донишҷӯён тариқи тестӣ қабул карда мешавад, ки муддати зиёда аз як даҳсола мешавад, ки идома дорад. Дар ин гузариш кулли нақшаву барномаҳои таълимӣ пурра ба талаботҳои низоми кредитии таҳсилот мутобиқ гардонида шудаанд.

Вобаста бо тағйиру иловаҳо дар нақшаву барномаҳои таълимӣ дар асоси нақшаҳои солҳои пешин ва қабули барномаву стратегияҳои давлатӣ ба сохторҳои нақшаву барномаҳои таълимӣ солҳои 2015, 2016, 2017, 2018, 2020, 2021 ва 2022 тағйиру иловаҳо дароварда шуда, дар ин замина низ миқдори кредитҳои таълимӣ аз соли 2017 то инҷониб аз 16 соат ба 24 соат баробар гардид.

Вобаста ба нишондодҳои нақшаҳои дар боло зикршуда, тағйироту иловаҳои нақшаи таълимии соли 2022-ро нисбат ба нақшаҳои таълимии соли 2002 ва 2014 муқоиса намуда, тафовути байни онҳоро нишон медиҳем.

1. Дараҷаи таҳсилот аз зинаи мутахассис ба зинаи бакалавр табдил дода шуд.

2. Муҳлати таҳсил аз 5 сол ба 4 сол муқаррар шуда, нисбат ба соли 2002 як сол кам карда шуд.

3. Ҳафтаҳои таълими назариявӣ аз 35 ҳафта ба 33 ҳафта гузаронида шуд, ки нисбат ба соли 2002 ду ҳафта камтар мебошад.

4. Вобаста ба ҳар як фанни таълимии нақшаи соли 2022 ду ҳафтаи марҳилаи санҷишӣ муқаррар шудааст, ки ин ҳолат дар нақшаҳои таълимии соли 2002 мавҷуд набуданд.

5. Дар нақшаи таълимии соли 2002 вобаста ба ҳамаи фанҳои таълимӣ санҷиш муқаррар карда шуда буд, аммо ин ҳолат ба ғайр аз фанни тарбияи ҷисмонӣ дар нақшаҳои таълимии соли 2022 нишон дода нашудааст.

6. 2 ҳафтаи ташвиқотӣ дар нақшаҳои таълимии соли 2014 ва 2022 нишон дода шудааст, аммо дар нақшаҳои таълимии соли 2002 мавҷуд набуданд.

7. Дар нақшаи таълимии соли 2002 дар нимсолаи дуюми курси якум ва дуюм донишҷӯён муддати ду ҳафтаи таълимӣ ба таҷрибаомӯзии таълимӣ сафарбар карда мешуданд. Аммо ин ҳолат танҳо дар нақшаҳои таълимии соли 2014 ва 2022 дар нимсолаи дуюми курси дуюм муқаррар карда шудааст.

8. Таҷрибаомӯзии педагогӣ тибқи нақшаи таълимии соли 2002 дар курси чорум 2 ҳафта ва дар курси панҷум 6 ҳафта дар нимсолаи якум ва 4 ҳафта дар нимсолаи дуюм муқаррар шуда буд. Ин ҳолат дар нақшаҳои таълимии соли 2014 ва 2022 муддати 6 ҳафта дар курси чорум ва панҷум муқаррар шудааст.

9. Мувофиқи нақшаи таълимии соли 2002 донишҷуён дар давраи таҳсил аз бахши фанҳои гуманитарӣ, иқтисодӣ ва табиӣ-риёзӣ ба миқдори 1556 соат барномаи таълимиро аз худ мекарданд, ки нисбат ба соли 2014 282 соат ва нисбат ба соли 2022, ки ба бахши фанҳои заминавӣ иваз шудаанд, ба миқдори 788 соат зиёд мебошад.

10.




**Диаграммаи 1. Миқдори соатҳои фаъоли таълимӣ дар бахши фанҳои гуманитарӣ, иқтисодӣ ва табиӣ-риёзӣ**

11. Тибқи нақшаи таълимии соли 2022 дар бахши фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ 2736 соати фаъол ба донишҷӯён омӯзонида мешавад, ки нисбат ба соли 2014 80 соат зиёд ва нисбат ба нақшаи таълимии соли 2002 421 соат кам шудааст.

12. Вобаста ба бахшҳо ва модулҳои таълимии нақшаҳои таълимӣ гуфтан зарур аст, ки дар давоми таҳсил донишҷӯён тибқи нақшаи таълимии соли 2022 ва 2014 3840 саоати фаъоли таълимӣ ва тибқи нақшаи соли 2002 4713 соати таълимии фаъолро аз худ мекарданд, ки нисбат ба солҳои 2022 ва 2014 873 соат зиёд мебошад.




**Диаграммаи 2. Миқдори соатҳои фаъоли таълимӣ дар давраи таҳсил**

13. Тибқи нақшаи соли 2002 хатмкунандагон 1 кори дипломӣ ва 2 имтиҳони давлатӣ аз фанҳои математика ва фалсафа месупориданд. Қабули имтиҳонҳои давлатӣ тибқи нақшаи соли 2022 ба 1 рисолаи хатм ва 1 имтиҳони давлатӣ аз фанни математика ба роҳ монда шудааст.

Вобаста ба ҳама давру замон мақсади асосии давлату ҳукумат ва вазорату идораҳои соҳаи маориф дар иваз намудани нақшаву барномаҳои таълимӣ ва стандарҳои тахассусӣ, қабули барномаву стратегияҳои давлатӣ, гузариш аз як системаи таҳсил ба дигар системаи таҳсил дар беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот дар ҳама зинаҳои таҳсил мебошад. Аз ин рӯ, таҳлили тағйирёбии миқдори соатҳои таълимӣ дар фанҳои тахассусӣ дида баромада шуд, ки натиҷаашро вобаста ба рӯйхати фанҳои таълимӣ бо миқдори соатҳои муайяншуда дар ҷадвали зерин нишон дода, муқоиса мекунем.

**Ҷадвали 1. Номгӯйи фанҳои таълимӣ бо миқдори соатҳои таълимӣ**

| № | Номи фанни таълимӣ | Миқдори соатҳои таълимии ба омӯзгор вобастабуда | | | Миқдори соатҳои таълимии нақшаи соли 2022 нисбат ба солҳои 2014 ва 2002 | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2022 | 2014 | 2002 | 2014 | 2002 |
| 1. | Алгебра ва назарияи ададҳо | 288 | 288 (256/32) | 248 | 0 | + 40 |
| 2. | Геометрияи аналитикӣ | 240 | 256 | 106 | -16 | +134 |
| 3. | Ҳисоби вариатсионӣ | | | 78 | 0 | 0 |
| 4. | Математикаи дискретӣ ва мантиқ | 96 | 96 (32/64) | 34 | 0 | +62 |
| 5. | Муодилаҳои дифференсиалӣ | 48 | 64 | 140 | -16 | -92 |
| 6. | Геометрияи дифференсиалӣ ва топологӣ | | 128 (64/64) | 108 | 0 | 0 |
| 7. | Амалҳои тадқиқотӣ | | | 50 | 0 | 0 |
| | Анализи математикӣ | 288 | 360 | 486 | -72 | -198 |
| | Методҳои ҳисобкунӣ ва практикуми ҳисобкунӣ | | | 90 | 0 | 0 |
| | Назарияи эҳтимолият ва омори | 48 | 128 | 126 | -80 | -78 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | математикӣ | | (64/64) | | | |
| | Назарияи функсияҳои тағйирёбандаи комплексӣ | | 64 | 108 | 0 | 0 |
| | ДГЕНД | | | 188 | 0 | 0 |
| | Таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои интегралӣ | 48 | 128 (64/64) | 194 | -80 | -146 |
| | МЭҲ, семинари информатика ва барномасозӣ | | | 210 | 0 | 0 |
| | Муодилаҳои физикаи математикӣ | | | 140 | 0 | 0 |
| | Педагогика | 144 | 160 | 72 | -16 | +72 |
| | Психология | 96 | 160 | 54 | -64 | +42 |
| | Таърих ва методологияи математика | 48 | | 36 | 0 | +12 |
| | Методикаи таълими математика | 192 | 160 | 70 | +32 | +122 |
| | Асосҳои геометрия | | | 36 | 0 | 0 |
| | Фанни интихобӣ | | | 68 | 0 | 0 |
| | Фанҳои тахассусӣ | | | 386 | 0 | 0 |
| | Курси махсус аз методикаи таълими математика | | | 53 | 0 | 0 |
| | Курси махсус аз педагогика | | | 30 | 0 | 0 |
| | Курси махсус аз психология | | | 22 | 0 | 0 |
| | Фанни интихобӣ | | | 24 | 0 | 0 |
| | Математикаи элементарӣ | 48 | 128 | | -80 | +48 |
| | ФИ.Ибтидои таҳлили комплексӣ | | 64 | | 0 | 0 |
| | ФИ.Воситаҳои муосири баҳодиҳии натиҷаи таълим | 48 | 32 | | +16 | +48 |
| | ФИ.Технологияи информатсионӣ дар математика | | 64 | | 0 | 0 |
| | ФИ.Практикуми ҳалли масъалаҳои мушкил | 96 | 64 | | +32 | +96 |
| | Системаи ададҳо | 96 | 64 | | +32 | +96 |
| | ФИ.Назарияи алгоритм ФИ.Моделиронии математикӣ | | 64 | | 0 | 0 |
| | ФИ.Татбиқи геометрия дар ҳалли масъалаҳои математикӣ ФИ.Супоришҳои интерактивӣ аз математика | | 64 | | 0 | 0 |
| | ФИ.Методикаи ҳалли масъалаҳои математикӣ ФИ.Масъалаҳои актуалии математика | 48 | 64 | | -16 | +48 |
| | ФИ.Муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ ФИ.Таҳлили ҳақиқӣ | 48 | 64 | | -16 | +48 |
| | ФИ.Методҳои оптимизатсия ФИ.Назарияи функсияҳои дискретӣ | | 32 | | 0 | 0 |
| | Физиологияи синнусолӣ ва гигиенаи мактабӣ | 48 | | | +48 | +48 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Физика | 96 | | | +96 | +96 |
| | ФИ.Тригонометрия<br>ФИ.Ҳалли масъалаҳои матнӣ | 48 | | | +48 | +48 |
| | Практикуми ҳалли масъалаҳои математикӣ | 192 | | | +192 | +192 |
| | ФИ.Муқаддимаи топология<br>ФИ.Геометрияи бисёрченака | 96 | | | +96 | +96 |

Аз нишондоди ҷадвал маълум гардид, ки бо ворид намудани баъзе фанҳои таълимӣ, аксарияти фанҳои тахассусии зерини нақшаи соли 2002 дар нақшаҳои таълимии соли 2014 ва 2022 ҷойгир нашудаанд, ки барои зиёд намудани донишҳои математикӣ зарурӣ мебошанд.

1. Ҳисоби вариатсионӣ- 78 соат.
2. Геометрияи дифференсиалӣ ва топологӣ- 108 соат.
3. Амалҳои тадқиқотӣ- 50 соат.
4. Методҳои ҳисобкунӣ ва практикуми ҳисобкунӣ- 90 соат.
5. Назарияи функсияҳои тағйирёбандаи комплексӣ- 108 соат.
6. МЭҲ, семинари информатика ва барномасозӣ- 210 соат.
7. Муодилаҳои физикаи математикӣ- 140 соат.
8. Асосҳои геометрия – 36 соат.
9. Фанҳои тахассусӣ - 386 соат.
10. Курси махсус аз методикаи таълими математика- 53 соат.
11. Курси махсус аз педагогика -30 соат.
12. Курси махсус аз психология- 22 соат.

Илова бар ин, тибқи нақшаи соли 2022 миқдори соатҳои фанҳои таълимии зерин нисбат ба нақшаи соли 2002 кам карда шудаанд:

1. Муодилаҳои дифференсиалӣ - 92 соат.
2. Анализи математикӣ -198 соат.
3. Назарияи эҳтимолият ва омори математикӣ - 78 соат.
4. Таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои интегралӣ - 146 соат.

Инчунин, миқдори фанҳои таълимиро дар нақшаи таълимии соли 2022 кам карда, онҳоро дар фахши фанҳои интихобӣ бо миқдори ками соатҳои таълимӣ илова намудаанд, ки муддати 4 соли таҳсил ҳамагӣ 23 фанни таълимии тахассусиро аз худ мекунанд. Ин ҳолат дар нақшаи соли 2002 ба 31 фанни ҳатмии тахассусӣ баробар аст, ки нисбат ба нақшаи соли 2022 8 фанни таълими тахассусӣ аз худ карда мешавад. Гуфтан зарур аст, ки сабаби кам шудани миқдори фанҳои тахассусӣ дар зиёд шудани миқдори фанҳои ғайритахассусӣ мебошад.

Дар ин замина гуфтан зарур аст, ки мувофиқи нақшаи соли 2022, аз 100%-и миқдори соатҳои фаъоли таълимӣ 25%-ро миқдори соатҳои таълимии ғайритахассусӣ ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, дар ҷумҳурӣ ҷиҳати ягонагии нақшаҳои таълимӣ, риоя намудани миқдори соатҳои таълимӣ, рӯйхати фанҳои таълимӣ ва муттасилии онҳо вобаста ба ихтисосҳои самти математика, таҳия намудани барномаҳои ягонаро дар донишгоҳҳои олии омӯзгорӣ, ки заминаи асосии тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика мебошанд, зарур мешуморем.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллина О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования / О.А. Абдуллина М.: Проев, 1990. – 141с.
2. Глейзер Г.Д. Математическое образование как элемент культуры //Математическое образование: традиции и современность / Г.Д. Глейзер–Н.Новгород, 1997.
3. Ғуломов И.Н. Риёзидон бояд ҳамадон бошад // «Омӯзгор», №1 (12277). -С. 7. [Электронный ресурс]. http://omuzgor-gazeta.tj/wp-content/ uploads/ 2022/06/Omuzgor-2021-01.pdf.[Санаи мурочиат 24.01.2023].
4. Ғуломов И.Н. Методикаи таълими математика / И.Н. Ғуломов. – Душанбе: Промэкспо, 2019. –С. 8.
5. Ғуломов И.Н. Тарбия ва тайёр намудани муаллимони математика дар мактабҳои олии омӯзгории Тоҷикистон дар шароити имрӯза / И.Н. Ғуломов. – Кӯлоб: Сада, 2009. - 188 с.

6. Кучугурова Н.Д. Профессионально-методическая подготовка учителя математики / Н.Д. Кучугурова. – Ставрополь, 2002. - 460 с.
7. Шарифов Ҷ. Асосҳои методии таълими ҳалли масъалаҳои математикӣ (дастури таълимӣ-методӣ барои донишҷӯён ва муаллимон) / Ҷ.Шарифов, И. Шарифов. - Душанбе: Ирфон, 2017. – 206с.
8. Мусоева Б.А. Технологияи омодасозии омӯзгорони касбии оянда барои идоракунии инкишофи завқи математикии хонандагон / Б.А.Мусоева. - Бохтар, 2022. - 175 с.
9. Черемискина Н.П. Профессионалная подготовка студентов: особенности структуры.....
10. Нугмонов М. Дарси муосири математика / М.Нугмонов. - Душанбе: Сифат, 2019. - 276с.
11. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы системы методической подготовки учителя математики в педвузе. Монография / М. Нугмонов. -Москва: Прометей, 1999. – 247с.
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 26.01.2021 12:15, шаҳри Душанбе, [Манбаи электронӣ] http://prezident.tj/node/25005 (санаи истифодабарӣ 06.09.2022).
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олӣ, 26 Декабр, 2019 13:02, http://www.kumitaizabon.tj/tg/content/payomi-prezidenti-chumkhurii-tochikiston-peshvoi-millat-mukhtaram-emomali-rakhmon-ba-0, (санаи истифодабарӣ 16.10.2022).
14. Родионов М.А. Подготовка будущих учителей математики к работе с одаренными школьниками (постановка проблемы) / М.А.Родионов, А.И.Тяпина, Н.Н.Шарапова // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. Серия: Социальные науки, 2017. - № 2 (46). -С. 143–150.
15. Сатторов Қ.А. Тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ / Қ.А. Сатторов // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. - Душанбе, 2022, 3 (28) 2022, *ISSN 2616-5260. -С.*115-121.
16. Смирнов Е.И. Технология наглядно-модельного обучения математике / Е.И. Смирнов. – Ярославль, 1998.
17. Шварцман З.О. Подготовка учителя математики в университете / З.О.Шварцман. - Томск: Издательство Томского университета, 1983 г., 4 с.

## ТАҲЛИЛИ НАҚШАВУ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР ТАЙЁРИИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ САМТИ МАТЕМАТИКА

Нақшаву барномаҳои таълимӣ воқеан ҷиҳати баланд бардоштани тайёрии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ дар фаъолияти минбаъда ҳамчун замина баромад менамоянд. Вобаста ба ин масъала, дар мақола заминаҳои омодагии касбӣ, асосҳои методии тайёрии касбӣ ва раванди таълими донишҷӯёни самти математика дар ҷобаҷогузории маҷмуи буҷаи вақт, нақшаи раванди таълим, шаклҳои назорат, машғулиятҳои факултативӣ, миқдори кредитҳои таълимӣ ва муттасилии фанҳои таълимӣ омӯхта шудааст. Инчунин, нақшаву барномаҳои таълимӣ таҳлил гардида, омилҳои мусбат ва манфии масъалаи мазкур шарҳ дода шудаанд. Зикр намудан бамаврид аст, ки воқеан ҳам, нақшаву барномаи таълимӣ барои омода намудани мутахассиси соҳавӣ нақши асосиро мебозад, ки тайёрии касбии донишҷӯён аз барномаву стандартҳои давлатӣ, нақшаҳои таълимӣ, методу усулҳои муосири тарбиявӣ, педагогӣ ва психологӣ вобастагӣ дорад. Дар мақолаи мазкур, нақшаҳои таълимии солҳои 2002, 2014 ва 2022 мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар рафти таҳлилҳо муайян гардид, ки зимни гузариш аз низоми анъанавӣ ба низоми кредитии таҳсилот муттасилии фанҳо, миқдори соатҳо (кредит), ҳафтаҳои таълимӣ, бахшҳо ва миқдори ҳафтаҳои таҷрибаомӯзӣ дар нақшаҳои таълимӣ ба пуррагӣ тағйир ёфтаанд. Зеро дар таҳияи нақшаҳои таълимии ихтисосҳои самти математика бояд ба мазмуну мундариҷаи фанҳои таълимӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода шавад. Дар заминаи бахшҳои таълимӣ модулҳои таълимӣ ворид шудаанд. Зикр намудан зарур аст, ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба нақшаву барномаҳои таълимӣ амали саривақтӣ буда, дар омодасозии мутахассисони соҳавӣ ва тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика нақши асосиро мебозад.

**Калидвожаҳо:** нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, омодагии касбии донишҷӯён, асосҳои методӣ, стандартҳои давлатӣ, модулҳои таълимӣ, барномаи давлатӣ, низоми анъанавии таълим, низоми кредитии таҳсилот, рейтинги академӣ, таҷрибаомӯзии педагогӣ.

## АНАЛИЗ УЧЕБНЫХ ПЛАНОВ И ПРОГРАММ В ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКЕ СТУДЕНТОВ-МАТЕМАТИКОВ

Учебные планы и программы действительно являются основанием в повышении профессиональной подготовки студентов высших учебных педагогических заведений в их дальнейшей деятельности. В связи с этим, в статье исследованы основы профессиональной подготовки, методические основы профессиональной подготовки и процесса обучения студентов-математиков в составлении суммы времени, план учебного процесса, формы контроля, факультативные занятия, количество учебных кредитов и последовательность учебных дисциплин. Также анализированы учебные планы и программы, выявлены положительные и отрицательные факторы данной проблемы. Следует отметить, что учебные планы и программы играют основную роль в подготовке профильных специалистов, что профессиональная подготовка студентов зависит от государственных стандартов и программ, учебных планов, применения методов воспитания, современных педагогических, психологических и учебных методов. В статье подвергаются анализу и рассмотрению учебные планы 2002, 2014, и 2022 годов. В ходе анализа выявляется, что при переходе от традиционной к кредитной системы обучения в учебных планах значительно изменены последовательность учебных предметов, количество часов (кредитов), учебных недель и педагогическая практика. В составлении учебных планов специальности математики необходимо особое внимание на структуру и

содержанию учебных дисциплин. Следует отметить, что изменения и дополнения в учебных и планов и программ, которые связаны с принятием своевременных государственных программ и стратегий, играют главную роль подготовке профильных специалистов и профессиональной подготовке студентов-математиков.

**Ключевые слова:** учебные программы, учебные планы, профессиональная подготовка студентов, методические основы, государственные стандарты, учебные модулы, традиционная система обучения, кредитная система обучения, академический рейтинг, педагогическая практика.

**ANALYSIS OF EDUCATIONAL CURRICULA AND PROGRAMS IN PROFESSIONAL PREPARATION OF MATHEMATICS STUDENTS**

Curriculums and programs are indeed the basis for improving the professional training of students of higher educational pedagogical institutions in their future activities. In relation to this issue, the article examines the foundations of professional training, methodological bases of professional training and the process of teaching mathematics students in the implementation of the time budget, the plan of the educational process, forms of control, optional classes, the amount of educational credits and the continuity of educational subjects. Curriculums and programs are also analyzed, positive and negative factors of this problem are identified. It should be noted that curricula and programs play a major role in the training of specialized specialists, that the professional training of students depends on state standards and programs, curricula, the use of educational methods, modern pedagogical, psychological and educational methods. The article analyzes and reviews the curriculums of 2002, 2014, and 2022. During the analysis, it was determined that during the transition from the traditional system to the credit system of education, the continuity of subjects, the number of hours (credit), training weeks, sections and the number of training weeks in the educational plans have completely changed. In the preparation of curricula for the specialty of mathematics, special attention must be paid to the structure and content of academic disciplines. It should be noted that changes and additions to the curriculums and programs, which are associated with the adoption of timely state programs and strategies, play a major role in the training of specialized specialists and the professional training of mathematics students.

**Key words:** curricula, curricula, professional training of students, methodological foundations, state standards, training modules, traditional system of education, credit system of education, academic rating, pedagogical practice.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Сатторов Абдурасул Эшбекович*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, кафедраи алгебра ва геометрия, доктори илмҳои педагогӣ, профессор. **Суроға:** 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. Телефон: **(+992) 987675773.**
***Сатторов Қобилҷон Абдулҳакимович*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, кафедраи математика ва методикаи таълими он, муаллими калон. **Суроға:** 735360, шаҳри Кӯлоб,Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Сангак Сафаров, 16. E-mail: qobiljon_21101992@mail.ru. Телефон: **(+992) 981001264**.

**Сведения об авторах:** ***Сатторов Абдурасул Эшбекович*** **-** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кафедра алгебры и геометрии, доктор педагогических наук, профессор. **Адрес:** 735140, город Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни, 67. Телефон: **(+992) 987675773.**
***Сатторов Кобилджон Абдулхакимович*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, кафедра математики и методики ее преподавания, старший приподаватель. **Адрес:** 735360, город Куляб, Республика Таджикистан, улица Сангака Сафаров, 16. E-mail: **qobiljon_21101992@mail.ru**. Телефон: **(+992) 981001264.**

**Information about the authors:** ***Sattorov Abdurasul Eshbekovich*** **-** Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, Department of Algebra and Geometry, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor. **Address:** 735140, Bokhtar city, Republic of Tajikistan, Aini street, 67. Phone: **(+992) 987675773**.
***Sattorov Qobiljon Abdulhakimovich*** - Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Department of Mathematics and Methods of Teaching, Senior Lecturer. **Address:** 735360, Kulob city, Republic of Tajikistan, Sangaka Safarov street, 16.E-mail: **qobiljon_21101992@mail.ru**. Phone: **(+992) 981001264**.

ТДУ: 372. 800. 2(575.3)

# БАРТАРИИ ИСТИФОДАИ КОМПЮТЕР ҲАМЧУН ВОСИТАИ МОДЕЛСОЗИИ ҲОЛАТҲОИ ГУНОГУНИ ПЕДАГОГӢ

*Туманова Ш.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мутобиқи ақидаи як қатор олимон, таъмини методии ҷорӣ кардани компютер ба раванди таълим бояд дар бар гирад:

- тавсияю методикаҳо доир ба истифодаи компютер бо назардошти ҷанбаҳои дидактикӣ ва психологӣ;

- тавсияю дастурҳо доир ба истифодаи воситаҳои барномавии педагогӣ ва тарзҳои истифодаи онҳо.

Айни ҳол, ба истифодаи компютерҳо ва воситаҳои намунасозӣ барои таълими мутахассисони касбии соҳаҳои хоҷагии қишлоқ аҳаммияти калон дода мешавад. Барои шиносоии амиқи хусусиятҳои объектҳои омӯзишӣ ва равандҳои гуногуни намунаҳои имитатсионӣ заминаҳо ташкил карда мешаванд.

Тренажёрҳои компютерие сохта мешаванд, ки иҷрои амалиёти ба фаъолияти воқеии касбии мутахассис дохилшавандаро имитатсия мекунанд. Чунин тренажёрҳо имконият медиҳанд, ки мутахассисони оянда барои иҷрои амалиёти меҳнатӣ дар шароити ба воқеият наздик тайёр карда шаванд. Бо ёрии тренажёрҳои компютерӣ муносибати касбии мутахассисони оянда муайян карда мешавад. Истифодаи компютерҳо дар раванди педагогӣ имкон медиҳад, ки маводи таълимӣ беҳтар ва зудтар ҳифз карда шавад.

Тавре олимон ишора мекунанд, татбиқи компютерҳо дар соҳаи таълим оқибатҳои равонӣ низ дорад. Дар ин раванд ба феноменҳои зерини равоние ишора мешавад, ки бевосита бо татбиқи технологияҳои нави иттилоотӣ дар ҳаёти инсон иртибот доранд:

- талаботи зиёд ба компютер;
- шаклҳои гуногуни изтиробияти компютерӣ;
- инкишофи дарк ва тасаввуроти фазоӣ, инкишофи тафаккур;
- инкишофи мотиватсия ва тамоюл ба фаъолияти таҳқиқотӣ;
- инкишофи заминаи мусбати эмотсионалӣ.

Аммо, пурсиши бо муаллимони мактабҳои шаҳрии таҳсилоти миёнаи умумӣ, оиди истифодаи компютерҳо дар раванди таълим доиркарда, мушкилоти объективии мавҷударо нишон медиҳад. Дар аксарият мактабҳо компютерҳо ва дигар дастурҳои электронӣ вуҷуд надоранд, ки раванди таълимро душвор месозанд.

Аз рӯйи нуқтаи назари дидактикӣ, аниматсияи объектҳои иттилоотӣ танҳо дар марҳилаи ҷамъбасти натиҷаҳои машғулиятҳо муфид аст: мундариҷа, муқаррароти афзалиятноки маводи омӯзишӣ ва мақсади дарс муҳокима шуда, ба тарзи шифоҳӣ хонандагон ташаккул дода мешаванд ва дар қисми хотимавӣ, ҷамъбастӣ, дар экран хулосаҳо пайдо мешаванд. Дар ин ҳолат, ба омӯзиш тамоми намудҳои хотира: биноӣ, шунавоӣ ва моторӣ таъсир мерасонанд.

Таҷрибаи истифодаи компютерҳо дар раванди таълим имкон медиҳад, ки тамоми функсияҳои он, ки дар раванди таълимӣ самаранок истифода шуда метавонанд, ба низом дароварда шаванд:

- дидактикӣ – истифодаи компютер ҳамчун мураббӣ, ҳамчун восита барои намунасозии вазъиятҳои гуногуни педагогӣ;
- функсияҳои мотиватсия ва таҳкими раванди таълим;
- функсияи оптимизатсияи фаъолияти муаллим ва таҳсили хонандагон;
-функсияи педагогӣ – таълимдиҳанда, машваратдиҳанда ва муколамавӣ;
- функсияи техникӣ - ба сифати воситаҳои пурракунӣ ва навсозиҳои иттилооти таълимӣ.

Бинобар ин, ошкоркунӣ ва таъминоти шароитҳои зарурӣ барои амалисозии функсияҳои мазкур вазифаи асосии олимону педагогҳо мебошад. Тавре натиҷаҳои пурсиш

нишон медиҳанд, дар фаъолияти воқеӣ чунин шароитҳо таъмин намешаванд, компютер бошад, дар сатҳи хеле сода истифода мешавад.

Истифодаи компютер дар раванди таълим афзалиятҳои зеринро доро мебошад;

- сарфаи вақт ҳангоми пурсиш, назорат ва ташхиси хонандагон;

- аз рӯйи дараҷаи «фарогирӣ»-и хонандагон ба раванди таълим: имконияти таълимоти оммавӣ дар марҳилаи ҳифзи донишҳои асосӣ ва тарзҳои амалҳои таҷрибавӣ, дар марҳилаи коркарди маҳорату малакаҳои амалӣ;

- аз рӯйи дараҷаи «механизатсия»-и амалиёти педагогӣ;

-самаранокии кори хонанда ҳангоми тайёр кардани корҳои озмоишӣ ва амалӣ, кори компютер дар реҷаи тренажёр, мураббӣ; кор бо компютер болои маводи таълимӣ.

Аз мақсадҳои дар боло зикршуда аён аст, ки таълими компютерӣ яктарафа, асосан барномарезишуда, аммо танҳо дар техникаи нисбатан мукаммал амалӣ мешавад. Тавре таҳлили истифодаи низомҳои барномасозӣ нишон медиҳад, он ҳангоми ҳалли вазифаи ташаккули маҳорату малакаҳои амалӣ самаранок аст. Дар ин ҳолат, технологияҳои таълими барномарезишуда, моҳиятан, усулҳои анъанавии таълимро такрор мекунанд: унсурҳои оператсионӣ ва регулятории идоракунии фаъолияти хонандаро мувофиқ карда, дигар унсурҳо (интеллектуалӣ, мотиватсионӣ, эмотсионалӣ)-ро ба таври назаррас муттаҳид ва ҳатто вайрон мекунанд.

Истифодаи компютер ба омилҳои зиёд вобастагӣ дорад. Ба ин омилҳо мундариҷаи маводи таълимӣ (зиддият, ... бо дастгоҳи математикӣ ё бо мундариҷаи гуманитарӣ, имконияти онро барномасозӣ кардан, тартиб додани вазъиятҳои проблемавӣ ва м.и.); шакли гузарондани машғулиятҳо (дарс, лексия, машғулияти амалӣ, машварат ва ғ.); интихоби шаклҳои муштараки компютер бо усулҳои бо он истифодашавандаи таълим; сатҳи актуалии инкишофи соҳаҳои интеллектуалӣ, мотиватсионӣ ва дигар соҳаҳо дар хонандагон; инчунин ба сатҳи маҳорати усули таълими муаллим ва ба маҳорати ӯ оиди интихобу истифода бурдани воситаҳои барномавии педагогӣ дохил мешаванд.

Самаранокии педагогии машғулияти компютерӣ ба мақсадҳои ташаккули фаъолияти таълимӣ; тавсифи мундариҷаи маводи таълимӣ, меъёрҳои интихоби он барои тартиб додани воситаҳои барномавии педагогӣ, робитаи дуҷонибаи маводи барнома бо мундариҷаи машғулиятҳо; хусусиятҳои сохторҳои дидактикии машғулиятҳо; намудҳои робитаҳои фаъолияти муаллим бо истифодаи компютер ва усулҳои таълими ба алоқаманд иртибот дорад.

Барои истифодаи самарабахши компютер дар таълим, ташкили дурусти раванди таълим, пойгоҳи иттилоотӣ ва захираҳои таълимию моддӣ, омодагии муаллимон доир ба истифодаи ин воситаҳо зарур мебошад. Таҳкими истифодаи компютер дар ҷамъияти муосир, дар умум, аз ҷумла дар таҳсилот, аз муаллимон салоҳиятнокии иттилоотию иртиботиро талаб мекунад.

Барои ҳосил кардани салоҳиятнокии иттилоотию иртиботии муаллимон, тайёрӣ ва бозомӯзӣ (такмили ихтисос)-и кадрҳои педагогӣ зарур аст. Ба мо компетенсияҳои универсалии Смолянинов О.Г. маълуманд. Дар байни онҳо, дар навбати аввал, иттилоотию иртиботиро ҷудо мекунанд, зеро онҳо ҳамчун натиҷаи табиии истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ хизмат мекунанд. Дар ин ҳол, ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ ва салоҳиятҳои муаллимон ду ҷанба дорад: умумитаҳсилотӣ ва касбӣ.

Ҷанбаи умумитаҳсилотӣ омодагии муаллимон ҷиҳати истифодабарии воситаҳои мултимедиявӣ, бо намудҳои гуногуни фаъолияти касбии худ, ҷанбаи касбӣ бошад, бо омодагии муаллимон ҷиҳати истифода бурдани ин технология дар раванди таълим рабт дорад. Ҳангоми касб кардани салоҳиятнокии иттилоотӣ, муаллимон бо истифода аз намунасозӣ ва технологиҳои иттилоотӣ, дар хонандагон маҳорати мустақилона ҷустуҷӯ кардан, таҳлил кардан ва интихоб кардани иттилооти зарурӣ, табдил додан, нигоҳдорӣ ва онро интиқол доданро ташаккул медиҳанд.

О.Г.Смолянинова таҳқиқоти гуногунро дар соҳаи муносибати салоҳиятӣ абстрак унвон намуда, ба се салоҳияти асосие ишора мекунад, ки ба шароитҳои мушаххас нисбатан осонтар мутобиқ мешаванд.

Мутобиқи ақидаи О.Г. Смолянинова, ба салоҳиятнокии иттилоотӣ донистани навъҳои асосии низомҳои муосири намунасозишудаи иттилоотӣ ва доштани малакаҳои кор бо ин низомҳо дохил мешаванд. Ба салоҳиятнокии иртиботӣ ӯ маҳорати муоишират бо ёрии воситаҳои электрониро нисбат медиҳад. Ӯ инчунин ба салоҳиятнокии идоракунӣ ишора мекунад, ки фаҳмидани қонуниятҳо ва хусусиятҳои ҷоришавии равандҳои иттилоотӣ ба фаъолияти касбӣ, ориентатсияи касбӣ ба талаботҳои бозори меҳнат, ба шарик ёфтани фармоишгарони потенсиалӣ, истифода бурда тавонистани воситаҳои гуногуни пешниҳод кардан ва интиқоли иттилооти заруриро дар бар мегирад.

Мутобиқи ақидаи А.Л. Семенов, салоҳиятнокии иттилоотӣ барои таҳсилоти умумӣ асосӣ мебошад. Салоҳияти иттилоотӣ ҳамчун саводнокии наве баррасӣ мешавад, ки, пеш аз ҳама, маҳорати коркарди мустақилонаи иттилоот, маҳорати қабул кардани қарорҳои нав дар вазъиятҳои гуногун бо истифодаи воситаҳои технологиро дар бар мегирад.

Сифати таълим бевосита бо сифату мундариҷаи тайёр кардани муаллимон, аз сифатҳои касбӣ ва сатҳи салоҳиятнокии касбии онҳо, инчунин аз дурнамоҳои инкишофи касбӣ вобаста аст.

Барои намунасозии низоми маориф омодагии муаллимони бо салоҳиятнокии нисбатан васеи касбӣ зарур мебошад. Ба шумораи салоҳиятнокии касбӣ салоҳияти иттилоотию иртиботии муаллимонеро нисбат додан мумкин аст, ки ба иҷрои фаъолияти ояндаи педагогӣ бо ёрии технологияи иттилоотӣ тайёранд.

Самарабахшии истифодаи компютер дар таълими фанҳои таълимӣ дар мактаб, асосан аз салоҳиятнокии касбӣ ва иттилоотию иртиботии муаллимон ва омодагии онҳо ҷиҳати дар раванди таълим истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ аз ҷаҳонбинии он ва аз маҳорати истифодабарии воситаҳои барномавии таъиноти ҳам умумӣ ва ҳам таълимӣ вобастагӣ дорад.

Мутобиқи ақидаи К.С.Ханова, ташаккули салоҳияти иттилоотию иртиботии муаллимонро ба чор марҳила ҷудо кардан мумкин аст:

-марҳилаи якум – шиносоӣ бо компютер, бо низоми оператсионӣ ва бо барномаҳои асосии амалии MS office;

-марҳилаи дуюм – омӯзиши амиқи технологияҳои алоҳидаи иттилоотӣ;

-марҳилаи сеюм – истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва иртиботӣ;

-марҳилаи чорум – истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар дарсҳо.

Дар асоси ин, унсурҳои салоҳиятҳои иттилоотию иртиботии муаллимонро муайян кардан мумкин аст:

- малакаҳои кор бо пойгоҳи иттилоотии маълумотҳои дар таълим истифодашаванда;

- донистани воситаҳои намунасозӣ, ки дар таълими фанҳои дарсӣ ва равонасозии касбии хонандагон истифода шуда метавонанд;

- истифода карда тавонистани воситаҳои намунасозӣ барои коркарди маводи электронии персоналии таълимӣ доир ба фанни дарсӣ;

- донистани усулу воситаҳои банақшагирӣ ва ташкили раванди таълим бо истифодаи воситаҳои намунасозӣ.

Салоҳиятнокии касбии муаллимон доир ба истифодаи компютер ва дигар воситаҳои намунасозӣ дар фаъолияти педагогӣ, воситаҳои оптимизатсияи фаъолияти касбию педагогиро пешбинӣ мекунад.

Фаъолияти касбии муаллимон истифодаи компютерро барои таълими ташкили раванди таълим, тартиб додани нақшаҳои машғулиятҳои таълимӣ, нашрияҳои таълимии маводи илмию методӣ, муаррифиҳои электронии персоналии иттилоотии веб-саҳифаҳо ва м.и.-ро дар бар мегирад.

Дар байни ин унсурҳои салоҳиятнокӣ, салоҳиятнокии идоракунӣ муҳим буда, фаъолиятеро муайян мекунад, ки ба тайёр кардани мундариҷаи маводи таълимӣ, ба коркарди методикаи гузарондани машғулиятҳо ва ба назорати донишҳои хонандагон дар шароитҳои мушаххаси таълим бо истифода аз компютер равона шудааст.

Ҳангоми истифодаи воситаҳои барномавӣ дар раванди таълим, муаллимон бояд мақсадҳои психологию педагогӣ ва самарабахшии онҳоро дар доираи намунаи муайяни

таълим барои рушди тафаккур, ташаккули маҳорату малакаҳои фаъолияти таълимӣ ва фарҳанги иттилоотии хонандагонро баҳодиҳӣ карда тавонанд.

Дар педагогикаи муосир салоҳиятнокии иттилоотии муаллимон ҳамчун сифатҳои касбию шахсиятии педагог баррасӣ мешавад, ки маҷмуи донишу маҳоратҳоро барои истифодаи самараноки технологияҳои нави иттилоотӣ дар раванди таълим дар мактаб дар бар мегирад. Истифодаи технологияҳои намунасозии таълим дар амал сохтори таълимро тағйир медиҳад, ба таври назаррас имкониятҳои касбии муаллимонро зиёд мекунад, самаранокии фаъолияти педагогии онҳоро баланд бардошта, бо ин сифати таълимро баланд мебардорад.

**Муқарриз: Мирзоев С.Ҳ.- н.и.т., дотсенти ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Аликин Д.В. Преемственность. Концепция программы / Д.В. Аликин [и др.] . - М.: Просвещение, 2004.
2. Выготский Л.С. Собрание сочинений: В 6 т. – Т. 3 / Л.С. Выготский. – М., 1983.
3. Гейн А.Г. Информатика: Учебное пособие для 10-11 кл. общеобразоват. Учреждений / А.Г.Гейн, А.И.Сенокосов, Н.А. Юнерман. – М.: Просвещение, 2000.
4. Гетманова А.Д. Логика в системе гуманитарного образования.
5. Горячев А.В. Информатика в играх и задачах 4 класс (1-4). Методические рекомендации для учителя / А.В. Горячев. –М.:«Баласс»,«Экспресс», 1997.
6. Информатика. 7-9 класс. Базовый курс. Практикум-задачник по моделированию. Под ред. Н.В. Макаровой. – СПб.: Питер, 2001.
7. Информатика. Базовый курс для 7-9 кл. Под ред. Е.К. Хеннера. – М.: Лаборатория базовых знаний, 2000.
8. Информатика. Задачник-практикум в 2 т. Под ред. И.Г. Семакина, Е.К. Хеннера. Т. 2. – М.: Лаборатория базовых знаний, 1999.
9. Информатика: Учебник для 10-11 кл. средней школы. Под ред. Н.В. Макаровой. – СПб.: Питер Ком, 1999.
10. Информатика: Учебник для 6-7 кл. средней школы. Под ред. Н.В. Макаровой. – СПб.: Питер Ком, 1998.
11. Комилиён Ф.С. Технологияи иттилоотӣ ва воситаҳои он.– Душанбе: БЕБОК, 2018.
12. Шарипов Ф.Ф. Технологияҳои иттилоотӣ дар юриспруденсия / Ф.Ф. Шарипов. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 562с.
13. Дастури таълимӣ (захираи таълимии электронӣ ). – Д,. 2013.
14. Шарифзода Файзулло (Шарипов). Мушкилоти актуалии педагогикаи муосир. К н. 2. – Душанбе: Ирфон, 2010. -328с.
15. Шаропов Ш.А. Истифодабарии технологияҳои нав дар раванди таълим / Ш.А.Шаропов // Маводҳои конференсияи байналмилалӣ - Хуҷанд, 2002.– 154с.
16. Шоев Н.Н. Технологияҳои гуногуни тарбиявии таълимии технология ва лоиҳаҳои таълим дар мактаби олӣ/ Н.Н. Шоев. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 310с.
17. Эмомалӣ Раҳмон Ҷавобгарӣ барои ояндаи миллат. Паёми Маҷлиси Олии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2005. -310с.
18. Барномаи давлатии компютеркунонии макотиби таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015. -Душанбе, 2010. -42с.
19. Барномаи давлатии рушд ва ҷорисозии технологияҳои иттилоотӣ – коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №468. тасдиқ гардидааст.


## БАРТАРИИ ИСТИФОДАИ КОМПЮТЕР ҲАМЧУН ВОСИТАИ МОДЕЛСОЗИИ ҲОЛАТҲОИ ГУНОГУНИ ПЕДАГОГӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф татбиқ ва муайян кардани шароитҳои мувофиқ ва усулҳои мушаххаси рушди тафаккури мантиқии хонандагонро тавассути истифодаи компютер ҳамчун воситаи моделсозии ҳолатҳои гуногуни педагогӣ пешниҳод кардааст.Аз масаъалаҳои дар боло муҳокимакардашуда маълум мешавад, ки таълими компютерӣ, асосан барномарезишуда, аммо танҳо дар техникаи нисбатан мукаммал амалӣ мешавад. Тавре таҳлили истифодаи низомҳои барномасозӣ нишон медиҳад, он ҳангоми ҳалли вазифаи ташаккули маҳорату малакаҳои амалӣ самаранок аст. Дар ин ҳолат, технологияҳои таълими барномарезишуда, усулҳои анъанавии таълимро такрор мекунанд: унсурҳои оператсионӣ ва регулятории идоракунии фаъолияти хонандагонро мувофиқ карда, дигар омилҳоро ба таври назаррас муттаҳид ва ҳатто вайрон мекунанд. Муаллиф мақоларо аз нуқтаи назари психологию педагогӣ бо ёрии маълумотҳои таҷрибавӣ мушаххас кардааст.



**Калидвожаҳо:**компютер, интернет, технологияҳо, психология, педагогика, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, моделикунонӣ, машғулиятҳо, информатика, сифати таҳсилот, китобхонаи электронӣ.


.

## ПРЕИМУЩЕСТВА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ КОМПЬЮТЕРА В КАЧЕСТВЕ СРЕДСТВА ДЛЯ МОДЕЛИРОВАНИЯ РАЗЛИЧНЫХ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ СИТУАЦИЙ

В исследовательской статье автор представляет реализацию и определение соответствующих условий и конкретных методов развития логического мышления учащихся посредством использования компьютера в качестве средство для моделирования различных педагогических ситуаций. Из рассмотренных выше вопросов видно, что компьютерное обучение основано на программировании, но только в соответствующей методике. Как показывает анализ использования систем программирования, оно эффективно при решении задачи отработки практических навыков. В этом случае технология программированного обучения повторяет традиционные методы обучения: в них адаптируются управленческие операции и регуляторы управления деятельностью учащихся, а другие факторы существенно сочетаются и даже уничтожаются. Авторы конкретизировали содержание работы с психолого-педагогической точки зрения с помощью экспериментальных данных, которые требуют развития системы образования.

**Ключевые слова:** компьютер, интернет, технологии, психология, педагогика, общеобразовательное учреждение, моделирование, уроки, информатика, качество образования, электронная библиотека.

## THE ADVANTAGE OF USING THE COMPUTER AS A TOOL FOR MODELING VARIOUS PEDAGOGICAL SITUATIONS

In the research article, the authors present the implementation and definition of the appropriate conditions and specific methods for the development of logical thinking of students through the use of a computer as a tool for modeling various pedagogical situations. From the issues discussed above, it is clear that computer training is based on programming, but only in the appropriate technique. As the analysis of the use of programming systems shows, it is effective when solving the task of developing practical skills. In this case, the technology of programmed education repeats the traditional methods of education: they adapt management operations and regulators of student activity management, and other factors are significantly combined and even destroyed.The authors concretized the content of the work from a psychological and pedagogical point of view using experimental data that require the development of the education system.

**Keywords:** computer, internet, technology, psychology, pedagogy, modeling, lessons, informatics, educational institution, quality of education, electronic library.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Туманова Шарифамо Саторовна*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи моделсозии математикӣ ва компютерӣ, муаллими калон. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: (+992) 985-81-56-47,** E-mail: **tsharifamo - 75@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Туманова Шарифамо Саторовна*** - Таджикский национальный университет, кафедра математического и компьютерного моделирования, старший преподаватель. **Адрес:** 734025 г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. Телефон: **(+992)985815647**, E-mail: **tsharifamo - 75@mail.ru**

**Information about the author:** ***Tumanova Sharifamo Satorovna*** - Tajik National University, Department of Mathematical and Computer Modeling, Senior Lecturer. **Address:** 734025 Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992)985815647,** E-mail: **tsharifamo - 75@mail.ru**,

ТДУ:372.8 (575.30

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ ОМОДАСОЗИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР САМТИ АМСИЛАСОЗИИ КОМПЮТЕРӢ

*Давлатов А.И. ,Саидзода И.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Амсиласозии компютерӣ яке аз усулҳои босамари омӯзиши низоми идоракунӣ ва баҳодиҳии объектҳои мураккаб ба ҳисоб меравад. Маҳз тавассути амсилаҳои компютерӣ имконият фароҳам меояд, то ҳисобкунӣ ва баҳодиҳиҳоро барои объектҳои гуногун роҳандозӣ намуда, омилҳои таъсиррасон ба объекти омӯхташавандаро муайян намоем. Инчунин тавассути амсилаҳои компютерӣ имконият фароҳам меояд, то озмоишҳо гузаронида, дурнамои вазъи масъалаи омӯхташавандаро баҳодиҳӣ ва муайян намоем.

Роҷеъ ба мафҳуми амсила, амсиласозии математикӣ ва компютерӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилоти муассисаҳои олии таълимӣ вохӯрдан мумкин аст. Ба ин мафҳум бисёре аз муҳаққиқон аз нуқтаи назари худ баҳодиҳӣ намудаанд. Аммо бояд қайд намоем, ки тамоми он масъалаҳое, ки тавассути имкониятҳои компютер ҳисоббаробарӣ карда мешаванд моро бевосита ба мафҳуми амсилаи компютерӣ рӯбарӯ месозанд [7; 11-14].

Амсилаҳои компютериро дар ҳамаи самтҳои мухталифи фаъолияти инсонӣ истифода намудан мумкин аст. Масалан, дар самти иқтисодӣ, бинокорӣ, масъалаҳои математикӣ, тиббӣ, илмҳои гуманитарӣ ва амсоли инҳо.

Бояд зикр намуд, ки дар ҷомеаи имрӯза рушд намудани дилхоҳ самтро бе татбиқи амсилаҳои компютерӣ тасаввур кардан ғайриимкон гардидааст. Зеро тамоми объектҳои мухталифе, ки сохта мешаванд, ҳамаи онҳо дар асоси амсилаи муайяне рӯи кор меоянд. Яъне бе татбиқ ва истифодаи амсила сохтани объектҳо ғайриимкон гардидааст.

Дар адабиёт ва сарчашмаҳои илмӣ ба мафҳуми амсила таърифҳои гуногуни зиёдеро пешниҳод намудаанд. Мафҳуми амсила асосан синоними калимаи байналмилалии модел (аз калимаи лотинии modulus – ченак, намуна) буда, бо маънои амсол, тимсол, намуна, шабеҳият ва ғайра фаҳмида мешавад. Аз ин ҷо, бармеояд, ки амсилаи объект гуфта, мо инъикосгари хосият ва хусусиятҳои объекти омухташавандаро дар назар дорем, ки онҳо барои таҳия намудани объекти аслӣ заминагузор мебошанд [13].

*Амсиласозӣ* гуфта, омӯзиши ҳамагуна ҳодисаҳо, равандҳо ё низоми таъсиррасон ба объектҳоро меноманд, ки онҳо бо роҳи сохтан ва омӯхтани амсилаҳо амалӣ карда мешаванд. Амсиласозӣ яке аз равандҳои омӯхташавандаи назариявии дониш дар бораи объектҳо буда, тавассути он ҳама гуна усулҳои таҳқиқотҳои илмӣ асоснок карда мешаванд [1; 4].

Амсилаҳои компютерӣ бошанд, асосан бо ду роҳ таҳия карда мешаванд: бо истифода аз забонҳои барномарезӣ ва бо истифода аз барномаҳои татбиқии компютер. Амсиласозии компютерӣ як воситаи муҳим ҷиҳати пешбурди илмҳои математика, физика, механика, химия, биология, иқтисод, ҷомеашиносӣ, метеорология ва ғайра гардидааст. Зеро маҳз тавассути амсилаҳои компютерӣ имконияти ба даст овардани донишҳои нав дар бораи объект ё таҳқиқи рафтори низомҳое, ки барои омӯзиш ва таҳлил мураккабанд истифода мешаванд [4; 10; 13].

Аз ин лиҳоз, омӯзиши ҷанбаҳои методӣ ва дидактикии амсиласозии компютерӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, дар ҳолати дуруст роҳандозӣ намудани фанни мазкур, имконияти рушд намудани қобилият ва малакаи эҷодии омӯзгорони ояндаи самти информатика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷой дорад.

Ба ақидаи муҳаққиқ Н.В. Бордовская [2] амсилаҳо дар таҳқиқотҳои илмӣ вазифаҳои гуногун дошта, онҳоро барои амалӣ намудани ҳадафҳои зерин истифода мебаранд: барои тавлид ва рушди идеяиҳои нав, фаҳмондадиҳӣ, тасвирӣ, иттилоотӣ, арзёбӣ, идоракунӣ ва ғайра.

Омӯзиши усулҳои амсиласозиро дар илми педагогика ҳамчун илми дорои вазифаҳои мураккабсохт арзёбӣ менамоянд, ки он падида ва равандҳои педагогиро тавассути

объекти махсус бо пайванди байни субъектҳо меомӯзад, ки дар ин ҷо ба сифати субъект омӯзгор ва таҳқиқотчӣ муайян шудааст [4].

Дар амалия бисёр мавридҳо ба мафҳуми амсиласозии раванди таълим дучор мешавем. Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми амсиласозии таълим аз нуқтаи назари методӣ ҳамчун усули таълим фаҳмида мешавад. Чунки, дар раванди таълим шабеҳияти ҳодисаҳои моддӣ ё воқеии объектҳо бо методҳои гуногун нишон дода мешаванд. Дар ин ҳолат, метавон хулосабарорӣ намуд, ки амсилаи объект ҳамчун воситаи таълимӣ истифода шудааст. Аз қабилӣ: диаграммаҳо, нақшаҳо, намунаҳо ва ғайра. Масалан, тавассути бозиҳои дидактикии компютерӣ рушд додани малакаи эҷодии хонандагон, ки ин ҳолат ҳам моро ба мафҳуми амсилаи таълимӣ рӯбарӯ месозад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки гирифтани донишҳои нави педагогӣ дар бораи ягон объекти омӯхташаванда моро бевосита ба мафҳуми амсиласозии педагогӣ оварда мерасонад, ки дар он тамоми маҷмӯи талаботҳо бо таври мушаххас тарҳрезӣ гардидаанд. Аз ин рӯ, истифода намудани амсилаҳоро дар фаъолиятҳои таълимӣ аз рӯи як қатор хусусиятҳои илмӣ-педагогӣ арзёбӣ менамоянд. Аз қабили:

–амсилаҳои педагогӣ имконияти инъикос намудани ҳодисаҳои воқеиро дар раванди таълим дарбар мегиранд;

–ҳангоми таҳия намудани маводҳои ибтидоии таълимӣ омӯзгори фаннӣ метавонад ба якчанд мушкилотҳое рӯбарӯ шавад, ки онҳо ҳангоми таҳияи амсилаҳо пайдо шудаанд;

–дар таҳқиқотҳои педагогӣ бояд тамоми маводи омӯхташаванда ҳамаҷониба баҳодиҳӣ карда шаванд (бо истифода аз сарчашмаҳои илмии мавҷуда маводи омӯхташаванда асоснок карда шавад);

–дар ҳолати нокифоя будани пойгоҳи иттилоотӣ оид ба объекти омӯхташаванда, аз маҷмӯи он иттилоотҳое истифода шаванд, ки асоси воқеӣ дошта, дар амал татбиқ шудаанд;

–таҳқиқоти педагогӣ бо мавҷудияти ҷузъҳои назариявӣ дар амсилаи эмпирикии объекти омӯхташаванда бо татбиқи амалӣ ҳамоҳанг карда шаванд [4; 10; 12].

Дар раванди таҳқиқотҳои илмии худ Б.С. Гершунский [3] амсиласозиро ҳамчун як марҳилаи асосии пешгуиҳои дидактикӣ ҷиҳати пешбурди фаъолиятҳои таълимӣ дар илми педагогикаи касбӣ пешниҳод намуда, қайд намудааст, ки: « ... амсилаҳои компютерӣ як омили муҳим ҷиҳати пешбурди фаъолиятҳои таълимӣ буда, онҳо барои расидан ба ҳадафҳои муайян дар раванди таълим бояд истифода шаванд» [3].

***Моҳияти татбиқи амсилаҳои компютерӣ дар фаъолияти педагогӣ.*** Ҷомеаи муосири имрӯза дар марҳилаҳои рушд ва ташаккулёбии салоҳиятҳои иттилоотии навин қарор дошта, дар назди мутахассисони оянда вазифагузорӣ менамояд, ки онҳо аз усулҳои муосири таълимӣ бохабар шуда, дар фаъолияти минбаъдаи худ аз технологияҳои муосир самаранок истифода намоянд. Зеро ҷомеа ва низоми маорифи ҷумҳурӣ ба мутахассисони соҳибихтисос, ки дорои маҳорати хуби касбианд, хеле ниёз дорад.

Аз ин рӯ, барои таъмин намудани низоми маориф бо мутахассисони соҳибихтисоси касбӣ дар муассисаҳои таълимӣ, ба омӯзгорони оянда моҳият ва усулҳои самараноки татбиқи технологияҳои иттилоотӣ, хусусан амсилаҳои компютериро аз зинаҳои аввали таҳсил ба роҳ мондан зарур аст. Аз марҳилаи зинаи аввали таҳсил, омӯзгори оянда бояд қобилияти истифода намудани технологияҳои иттилоотиро дошта, дар фаъолияти касбии худ маҳорати ташаккул додани усулҳои муосири таълимиро омӯзад. Зеро таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки қисмати зиёди иттилоотҳои дар раванди таълим истифодашаванда алакай ба низоми муосири таълим ҷавобгӯй набуда, онҳо бояд ба талаботи имрӯза мутобиқ карда шаванд.

Дар ҳолати самаранок татбиқ намудани технологияҳои иттилоотӣ хусусан амсилаҳои компютерӣ, омӯзгор метавонад аз имкониятҳои зерин баҳравар гардад:

–фароҳам овардани муҳити кории омӯзишии маводҳои таълимӣ ва ҷолиб гардонидани раванди машғулиятҳои дарсӣ бо истифода аз технологияиҳои чандрасонаӣ;

–ба раванди дарс ҷалб намудани муҳассилин бо истифода аз амсилаҳои компютерие, ки дар шакли бозиҳои дидактикӣ, муколамаҳои интерактивӣ, имкониятҳои визуалигардонӣ ва ғайра пешбинӣ шудаанд;

–ба талаботҳои байналмилалӣ мутобиқ сохтани раванди таълим;

–ташаккул додани фаъолияти омӯзишии муҳассилин ва дар онҳо рушд додани малакаҳои зеҳнию эҷодӣ;

–баланд бардоштани ҳавасмандӣ дар раванди омӯзиш ва муҳайё намудани шароит ҷиҳати ба корҳои эҷодӣ машғул шудани муҳассилин [4; 11-13].

Дар асоси таҳлилҳои мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки омӯзгори оянда барои ташаккул додани фаъолияти касбии худ, бояд аз мафҳум ва моҳияти донишҳое баҳравар гардад, ки онҳо фарогири илми информатикаанд. Масалан, самаранок истифода намудани иттилоот, амсиласозӣ, алгоритмсозӣ ва ғайра. Инчунин, моҳият ва татбиқи мақсадноки технологияҳои иттилоотӣ ва амсилаҳои компютериро дар раванди таълим донад.

Муҳаққиқон Е.М. Дорожкин, О.В. Тарасюк, К.А. Федулова ва М.А. Федулова [4] дар раванди таҳқиқотҳои илмӣ-педагогии худ ба чунин ақида омадаанд, ки омӯзгорро зарур аст, аз салоҳиятҳои иттилоотӣ дар раванди таълим самаранок истифода намояд. Яъне аз салоҳиятҳои иттилоотии:

–усулҳои босамари ҷустуҷӯ, намудан ва нигоҳдории иттилоотҳое, ки аз махзанҳои додаҳо дастрас шудаанд;

–доштани малакаи корӣ ҷиҳати истифода намудани иттилоотҳо дар низоми компютер;

–қобилияти коркард ва пешниҳод намудани иттилоотҳо тариқи шабакаи умумиҷаҳонии интернет;

–малакаи ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ ва корҳои ғайриаудиторӣ бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои компютерӣ;

–ҷалб намудани муҳассилин ба корҳои мустақилона тавассути технологияҳои иттилоотӣ.

Тавре ки дида мешавад, салоҳиятҳои иттилоотии омӯзгорон бо техналогияҳои иттилоотӣ вобастагӣ дошта, дар асоси роҳандозӣ намудан ва татбиқи босамари ин технологияҳо амалӣ мешаванд. Аз ин рӯ, зимни омода намудани омӯзгорони оянда аз имкониятҳои муосири амсилаҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаҳои ёрирасон истифода намудан мумкин аст. Масалан, усулҳои лоиҳавӣ пешниҳод намудани роҳҳои ҳалли масъалаҳои ҷойдошта ва ё таҳияи амсилаи математикии раванди ҳодисаҳо. Илова бар ин, ҳамчун роҳҳои тақвият бахшидан ва такмил додани раванди таълим аз технологияҳои амсиласозӣ дар шакли 3D, ки онҳо айёниятро бештар иникос мекунанд, истифода намудан зарур аст.

Он имкониятҳое, ки дар рафти амсиласозӣ муҳайё мешаванд, ба муҳаққиқон ҷиҳати омӯзиши объекти таҳқиқотӣ хеле зарур мебошанд. Зеро ҳангоми таҳияи амсила хусусиятҳои муҳими объект мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, раванди баҳодиҳиҳо чандин мартиба осон мегарданд. Бинобар ин метавон қайд намуд, ки амсиласозии компютерии объект ин тавассути низоми ҳисоббаробариҳои технологияҳои иттилоотӣ тақлид намудни объекти омӯхташаванда буда, бо истифода аз ин технологияҳо раванди ҳолатҳои воқеӣ ва дурнамои онҳо баҳодиҳӣ карда мешаванд.

Зери мафҳуми амсиласозии компютерӣ асосан он барнома ва ё бастаи нармафзорҳои татбиқии компютер фаҳмида мешаванд, ки бо истифодаи онҳо ҳисобҳо ва намоиши графикии натиҷаҳои ҳолати объектҳои омӯхташаванда ва низоми идоракунии объектҳоро бо назардошти таъсири омилҳои гуногун, роҳандозӣ шудаанд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки айни замон фаъолияти касбии дилхоҳ омӯзгорро бидуни истифодаи захираҳои иттилоотӣ, барномаҳои компютерӣ ва технологияҳои чандрасонаӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, фаъолияти касбии дилхоҳ омӯзгориояндаро дар ҳамоҳангсозии шабакаҳои компютерӣ, нармафзорҳои тақлидӣ ва дигар усулҳои муосири таълимӣ ба роҳ мондан зарур аст.

Амсиласозии компютерӣ дар фаъолияти омӯзгорӣ нақши муҳимро бозида, дар асоси самаранок татбиқ намудани он моҳияти масъалаи баррасишаванда муайян шуда, айёнияти бештарро дар раванди таълим нишон додан имконпазор мегардад. Аз ин рӯ, низоми таҳсилоти олии касбиро зарур аст, мутахассисонеро тайёр намояд, ки онҳо маҳорати баланди таҳия намудани амсилаҳои компютериро дошта, дар раванди таълим усулҳои навини истифодаи ин амсилаҳоро дошта бошанд.

Барои омодасозии мутахассисони ояндаи амсиласоз баъзе мушкилотҳое, ҷой доранд, ки ҷиҳати рафъи онҳо бояд чораандешӣ намоем:

1. Дар раванди таълим усулҳои таҳия намудани амсилаҳо бо мисолҳои мушаххас нишон дода шаванд. На ин ки аз амсилаҳои тайёр бо таври назариявӣ маълумот пешкаш гарданд;
2. Роҳҳои дар амал татбиқ намудани амсилаҳо бо таври мушаххас нишон дода шаванд. Донишҷӯ дарк намояд, ки амсилаи таҳияшуда барои ҳалли кадом масъалаҳои ҳайётан муҳим татбиқшаванда аст;
3. Илм бо истеҳсолот ҳамоҳанг карда шавад.

Дар натиҷаи чораҷӯи намудани масъалаҳои болоӣ мо метавонем, омӯзгорони ояндаро ҳамчун мутахассиси хуби амсиласоз тайёр намоем. Зеро ҷомеаи имрӯза ба омӯзгорони амсиласозе ниёз дорад, ки онҳо илмро дар истеҳсолот татбиқ карда тавонанд.

Ҳамин тавр метавон қайд намуд, ки вазифаҳои асосии тайёр кардани омӯзгори касбии амсиласозии компютерӣ инҳоянд:

–мушаххассозии донишҳои назариявӣ оид ба мафҳумҳо ва методҳои асосии амсиласозии компютерии низомҳо ва объектҳои таҳқиқотии хусусиятҳои гуногундошта;

–омӯзиш, таҳқиқ ва усулҳои пешниҳод, коркард, нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилоот тавассути низомҳои компютерӣ;

–ташаккул додани малака ва маҳорати эҷодии кор бо барномаҳои татбитқии компютер;

–омӯзиши усулҳои кор бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолиятҳои корӣ;

–омӯзиш ва татбиқ намудани усулҳои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолиятҳои педагогӣ ва ғайра.

Амсиласозии компютериро дар фаъолити минбаъдаи омӯзгор метавон аз рӯи кластреҳо арзёбӣ намуд, ки ҳар яке дорои вазифаҳои махсуси аз ҳамдигар фарққунанда ифода шудаанд (расми 1).

Яке аз масъалаҳои асосие, ки ҳангоми омодасозии омӯзгорони ояндаи фанни амсиласозии компютерӣ пеш меояд, ин дар фаъолияти касбии онҳо рушд додани ташаккули салоҳиятҳои иттилоотӣ мебошад. Оид ба масъалаи мазкур аз ҷониби В.А. Бадров, Ф.С. Комилиён, Ш.Х. Тағоев, И.М. Саидзода, Е.С. Романова ва дигарон корҳои зиёде нашр шудааст.

Таҷрибаҳо собит намудаанд, ки ҳангоми машғул шудан ба касбомӯзӣ ҳар як марҳилаи омӯзиш вобаста аз хусусияти муайян ба маҳорати шахс мутобиқ гардонида мешаванд. Аз ин рӯ, метавон хулосабарорӣ намуд, ки мутобиқгардонии маҳорати шахс ба омӯзиш аз салоҳиятҳои иттилоотӣ вобастагӣ доштааст. Салоҳиятҳои иттилоотӣ бошанд як ҷузъи салоҳиятҳои касбии омӯзгор буда, онҳо метавонанд ҳамчун натиҷаи омодагӣ ба амсиласозии компютерӣ ифода шаванд.

Омодасозии омӯзгорони оянда дар самти амсиласозии компютерӣ пеш аз ҳама бо мақсади ба донишҷӯён омӯзонидани бастабарномаҳои амалӣ, забонҳои барномарезӣ ва рушди малакаҳои эҷодии онҳо дар таҳия намудани амсилаҳо иборат мебошад. Инчунин дар донишҷӯён рушд додани салоҳиятҳои иттилоотӣ ҷиҳати самаранок истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти касбии педагогии минбаъдаи худ мебошад.




***Расми 1 –Таснифоти амсилаҳои компютерӣ дар фаъолияти омӯзгор***

Салоҳиятҳои иттилоотии фаъолияти касби педагогии омӯзгорониояндаи информатикаро метавонем бо ҷузъҳои зерин ифода намоем:

–*фаъолияти таълимӣ ва касбӣ* – сохтори мушаххаси фаъолияте мебошад, ки он барои ташаккул додани дониш, малака ва маҳорати истифода намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) дар фаъолияти минбаъдаи онҳо нақши муҳимро мебозад;

–*фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ* – ҷиҳати дарёфт ва татбиқи донишҳои нав дар раванди ҳалли масъалаҳо, худомӯзӣ, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва маҳорати таҳқиқотӣ бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ равона шудааст;

–*фаъолияти тарҳрезии раванди таълим* – тарҳрезии ҷузъҳои муҳими дар раванди таълим истифодашаванда, бо дарназардошти татбиқ намудани ТИК;

–*фаъолияти ташкилӣ-технологӣ* – роҳандозӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ дар фаъолиятҳои таълимӣ;

–*фаъолияти меҳнатӣ ва касбӣ* – бо истифода аз технологияҳои муосир идора намудани фаъолияти кории низоми таҳсил ва бохабар будан аз равандҳои технологӣ.

Ҳамин тавр, тавассути блок-нақшаи расми 2 метавонем салоҳиятҳои иттилоотии омӯзгорони оянда ва алоқамандии ҷузъҳои онро бо амсиласозии компютерӣ арзёбӣ намоем.




***Расми 2 – Сохтори салоҳиятҳои иттилоотии омӯзгорони оянда***

Тавре ки дар расми 2 дида мешавад, бо такмил ёфтани технологияҳои иттилоотӣ татбиқи онҳо дар раванди таълим ҳам зиёд мешавад. Ҳолати мазкур ба фаъолияти касбии омӯзгорон таъсири худро бевосита расонида метавонад. Зеро ҳар як намуди фаъолият фарогири ҷузъи алоҳидаи иттилоот буда, равандҳои коркарди онҳо аз ҳамдигар фарққунанда мебошанд. Аз ин лиҳоз, дар раванди омӯзиши таҳқиқотҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои омодасозии омӯзгорони касбӣ дар самти амсиласозии компютерӣ масъалаҳои зерин бояд мавриди татбиқ қарор гиранд:

–такмил ва рушд додани саводнокии иттилоотӣ бо истифода аз имконотҳои ТИК;

–инкишоф додани қобилиятҳои эҷодкоронаи иттилоотҳои навин ва инъикоси дурусти онҳо;

–рушд ва ташаккул додани салоҳиятҳои иттилоотӣ.

Ҳамин тариқ, дар раванди гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ-педагогӣ ҷиҳати омодасозии омӯзгорони оянда дар самти амсиласозии компютерӣ муайян намудем, ки барои омодасозии омӯзгорони касбӣ ба масъалаи салоҳияти иттилоотии омӯзгор, муҳиммияти татбиқи компютер дар раванди таълим ва омӯзиши самараноки амсилаҳои компютерӣ бояд дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.

**АДАБИЁТ**


1. Бермант, М.А. Математические модели и планирование образования / М. А. Бермант, Л. Н. Семёнов, В. Н. Сулицкий // Центр. эконом. -матем. ин-т – М.: Наука, – 1972. – 112 с.
2. Бордовская, Н.В. Диалектика педагогического исследования / Н. В. Бордовская. – Санкт-Петербург: Изд-во РХГИ, 2001. – 512с.
3. Гершунский Б.С. Педагогическая прогностика. Методология, теория, практика / Б. С. Гершунский. – Киев: Вища школа, 1986. – 200 с.

4. Дорожкин Е.М. Компьютерное моделирование в профессионально-педагогической деятельности: теория и практика. Монография, / Е.М. Дорожкин, О.В. Тарасюк, К.А. Федулова, М.А. Федулова. – Екатеринбург: Изд-во Рос. гос. проф.-пед. ун-та, 2015. – 193с.
5. Зафиевский, А.В. Автоматизация управления учебным процессом в ВУЗе / Зафиевский А.В. // Успехи современного естествознания. – 2010. – №1. – С.115-117.
**6.** Комилиён, Ф. С. Методикаи татбиқи босамари технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар омодасозии иқтисодчиёни оянда. Монография / Ф.С. Комилиён, Р.Ҷ. Давлатов. – Душанбе: «Баҳманруд», 2022. – 164 с.
**7.** Комилов, Ф. С. Информационные технологии в системе среднего профессионального медицинского образования: Монография [Текст] / Ф.С. Комилов, Б.Ф. Раджабов. – Курган-Тюбе, 2016. – 226 с.
8. Олейник, П.П. Корпоративные информационные системы: Учебник для вузов. Стандарт третьего поколения / П.П. Олейник. – СПб.: Питер, 2012. – 176 с.
9. Раҳмонзода, З. Ф. Истифодаи методологияи идоракунии умумии сифат (TQM) дар густариши хизматрасониҳои таълимии мактаби олӣ / З. Ф. Раҳмонзода, Ф. С. Комилиён // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – № 1-1(95). – Р. 148-152.
10. Романова О. Г. Методика проектирования содержания самообразования студентов технических вузов (на примере машиностроительных факультетов): автореферат диссертации … кандидата педагогических наук / О. Г. Романова. – Тольятти, 2000. – 24 с.
11. Саидзода, И. М. Амсиласозии компютерии масъалаҳои иқтисодӣ / И.М. Саидзода, Ф.Т. Шамсов. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 93с.
12. Саидзода, И.М. Амсилаи системаи иттилоотии кафедра / И.М. Саидзода, А.И. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №1(45). – С. 360-367. – EDN CFLTMJ.
13. Саидов, И. М. Асосҳои амсиласозии риёзӣ / И. М. Саидов. – Душанбе : Меҳроҷ-граф, 2020. – 152 с. – EDN QVBBCC.
14. Саидов, И.М. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар фаъолияти таълимӣ / И.М. Саидов, А.И. Саидҷаҳфаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №1. – С. 220-227.
15. Файзализода, Б.Ф. Роҳҳои ташкил ва амалигардонии шакли таҳсили фосилавӣ / Б.Ф. Файзализода. Монография, – Бохтар: ҶДММ «Матбаа», 2022. – 194 с.

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ ОМОДАСОЗИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА ДАР САМТИ АМСИЛАСОЗИИ КОМПЮТЕРӢ

Омӯзиши усулҳои амсиласозиро дар илми педагогика ҳамчун илми дорои вазифаҳои мураккаб арзёбӣ намуда, падида ва равандҳои педагогиро тавассути объекти махсус бо пайванди байни субъектҳо меомӯзад, ки ҷо ба сифати субъект-омӯзгор ва таҳқиқотчӣ муайян шудааст.Дар амалия дар бисёр мавридҳо ба мафҳуми амсиласозии раванди таълим дучор мешавем. Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми амсиласозии таълим аз нуқтаи назари методӣ ҳамчун усули таълим фаҳмида мешавад, барои он, ки дар раванди таълим монанди ҳодисаҳои моддӣ ё воқеии объектҳо бо усулҳои гуногун нишон дода мешаванд. Дар ин ҳолат, метавон хулосабарорӣ намуд, ки амсилаи объект ҳамчун воситаи таълимӣ аз қабилӣ диаграммаҳо, нақшаҳо, намунаҳо ва ғайра истифода шудааст. Масалан, тавассути бозиҳои дидактикии компютерӣ рушд додани малакаи эҷодии хонандагон, ки ин ҳолат ҳам, моро ба мафҳуми амсилаи таълимӣ оварда мерасонад. Ҳадафи асосии таҳқиқот аз омӯзиши ҷанбаҳои назариявии омодасозии омӯзгорони оянда дар самти амсиласозии компютерӣ иборат мебошад. Омодасозии омӯзгорони оянда дар самти амсиласозии компютерӣ пеш аз ҳама бо мақсади ба донишҷӯён омӯзонидани барномаҳои амалӣ, забонҳои барномарезӣ ва рушди малакаҳои эҷодии онҳо дар таҳия намудани амсилаҳо иборат мебошад. Ҳамин тариқ, дар раванди гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ-педагогӣ ҷиҳати омодасозии омӯзгорони оянда дар самти амсиласозии компютерӣ муайян намудем, ки барои омодасозии омузгорони касбӣ ба масъалаи салоҳияти иттилоотии омӯзгор, муҳиммияти татбиқи компютер дар раванди таълим ва омӯзиши самараноки амсилаҳои компютерӣ бояд дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.

**Калидвожаҳо:** иттилоот, раванди таълим, салоҳиятнокӣ, барнома, донишҷӯ, амсила, компютер, омӯзгор, таҳсилот, технология, усулҳои амсиласозӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И МЕТОДИКА ПОДГОТОВКИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ПО НАПРАВЛЕНИЮ КОМПЬЮТЕРНОГО МОДЕЛИРОВАНИЯ

Изучение методов моделирования в науке педагогики, рассматривается как наука со сложными задачами, изучающая педагогические явления и процессы через специальный объект со связью между субъектами, которые здесь определяются как учитель-предметник и исследователь.На практике мы часто сталкиваемся с понятием моделирование образовательного процесса. Следует подчеркнуть, что понятие обучения моделированию понимается с методической точки зрения, как метод обучения. Потому, что в процессе обучения сходство материальных событий или реальных предметов проявляется разными методами. В этом случае можно сделать вывод, что модель предмета использовалась как средство обучения, такими как: диаграммы, планы, образцы и т. д. Например, развитие творческих способностей учащихся посредством дидактических компьютерных игр, что также подводит нас к понятию образовательной модели.Основная цель исследования – изучение теоретических аспектов подготовки будущих учителей по направлению компьютерного моделирования. Подготовка будущих учителей

компьютерному моделированию направлена, прежде всего, на обучение студентов практическим программам, языкам программирования и развития их творческих навыков в моделировании.Таким образом, в процессе проведения научно-педагогических исследований по подготовке будущих учителей по направлению компьютерного моделирования мы определили, что для подготовки профессиональных учителей актуален вопрос информационной компетентности учителя, важность использования компьютеров в учебном процессе и эффективному изучению компьютерного моделирования следует уделять внимание в учреждениях высшего профессионального образования.

**Ключевые слова:** информация, образовательный процесс, компетентность, программа, студент, модель, компьютер, преподаватель, образование, технология, методы моделирования.

**THEORETICAL ASPECTS AND METHOD OF TRAINING FUTURE TEACHERS IN THE DIRECTION OF COMPUTER SIMULATION**

The study of modeling methods in the science of pedagogy is evaluated as a science with complex tasks, and it studies the phenomenon and pedagogical processes through a special object with a connection between subjects, which is defined as a subject - a teacher and a researcher.In practice, in many cases we encounter the concept of modeling the educational process. It should be noted that the concept of modeling education from a methodological point of view is understood as a method of education, because in the process of education, such as material or real events, objects are shown in different ways. In this case, it can be concluded that the model of the object is used as a teaching tool, such as diagrams, plans, samples, etc. For example, developing students' creative skills through didactic computer games, which also leads us to the concept of an educational model. The main goal of the research is to study the theoretical aspects of training future teachers in the direction of computer modeling. The training of future teachers in the direction of computer modeling is primarily aimed at teaching students practical programs, programming languages and developing their creative skills in developing models. Thus, in the process of conducting scientific-pedagogical studies for the preparation of future teachers in the direction of computer modeling, we determined that for the preparation of professional teachers, the issue of the teacher's information competence, the importance of the use of computers in the teaching process and the effective study of computer simulations should be paid attention to in institutions of higher vocational education. to be given priority.

**Key words:** information, educational process, competency, program, student, model, computer, teacher, education, technology, modeling methods.

**Маълумот оид ба муаллифон:** ***Давлатов Амриддин Иноятуллоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, кафедраи информатика. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон**: (+992) 000801010**, E-mail: **d.amriddin.10@gmail.com**

***Саидзода Исроил Маҳмад*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ, дотсент, кафедраи информатика. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **(+992) 904485555,** E-mail: **isroil-84@list.ru**

**Сведения об авторах:** ***Давлатов Амриддин Иноятуллоевич*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедра информатики. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 000801010**, E-mail**: d.amriddin.10@gmail.com**

***Саидзода Исроил Махмад* –** Таджикский национальный университет, кандидат технических наук, доцент, кафедра информатики. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 904485555,** E-mail: **isroil-84@list.ru**

.

**Information about the authors:** ***Davlatov Amriddin Inoyatulloevich*** – Tajik National University, PhD student, Department of Informatics. Address: 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. TNU. Phone: **(+992) 000801010,** E-mail: **d.amriddin.10@gmail.com**

***Saidzoda Isroil Mahmad*** – Tajik National University, Candidate of Technical Sciences, Associate Professor, Department of Computer Science. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) **904485555,** E-mail: **isroil-84@list.ru**

.

ТДУ:372.800.4 (575.3)

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ДАР ТАДРИСИ МАВЗУИ “БУНЁДИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН” ДАР ДАРСИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

***Ғафурова Г.А., Хомидов А.А.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Сиёсати пешгирифтаи, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар соҳаи маориф, пеш аз ҳама, ба болоравии сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси дар бозори меҳнат рақобатпазир ва бевосита воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ равона шудааст. Амалӣ гардидани ин сиёсат ислоҳоти куллӣ дар соҳаи маориф, аз ҷумла ҳамоҳангсозии низоми миллии таҳсилотро ба стандартҳои ҷаҳонӣ тавассути гузариш ба низоми бисёрзинагии таҳсилот ва технологияи кредитии таълим тақозо мекунад. Тибқи фармони вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.09.2004, таҳти №696, гузариш ба низоми кредитии таҳсилот дар сатҳи ҷумҳурӣ оғоз гашт.

Мақсади раванди таълиму тарбия аз фароҳам овардани имкониятҳо, шароит ва талаботи ҷомеа муайян карда мешавад. Ин аз дараҷаи рушди илмӣ-техникӣ, инкишофи илми педагогика ва талаботи донишҷӯёни мактабҳои олии касбӣ вобаста мебошад. Баланд бардоштани сифати таҳсилот, самаранокии он аз фаҳмиш ва дарки амалии омӯзгорон сахт алоқаманд аст.

Баланд бардоштани сифати таҳсилот аз риояи қонуниятҳои зерин вобастагӣ дорад:

1. Қонунияти мазмуни таълим.
2. Қонунияти ягонагии ҳиссиёт, мантиқ ва таҷриба дар раванди педагогӣ.
3. Қонунияти ягонагии таълимгиранда ва фаъолияти таълимӣ.
4. Қонунияти истифодабарии усулҳои таълим.
5. Қонунияти идоракунӣ.
6. Қонунияти ҳавасмандгардонӣ.
7. Қонунияти сифати таълим [1, с.14]

Қонунияти истифодабарии усулҳои таълим чист? Имрӯз дар педагогикаи инноватсионӣ усулҳои зиёди фаъолгардонии таълим ба вуҷуд омадаанд. Омӯзгорон аз ин усулҳо бояд огоҳӣ дошта, дар фаъолияти омӯзгории худ истифода бурда тавонанд. Ба омӯзгор дар 50 дақиқаи вақти таълими кредитӣ бояд чунин қоида ва усулҳо ба эътибор гирад:

1.Дуруст кушода тавонистани мазмуни маводи таълимӣ.

2.Алоқаманд кардани мавзуъ ба ҳолати имрӯза.

3. Ба ҳисоб гирифтани дараҷаи инкишоф ва синну соли донишҷӯён.

4. Имкониятҳои таъмин будан бо технологияҳои муосир.

5.Дуруст муайян кардани мақсад ва вазифаҳо [7, с.22]

Дар низоми кредитии таҳсилот кори мустақилонаи донишҷӯ мавқеи махсус дорад. Барои фанҳое, ки 4 кредит ҷудо гардидааст, ҳар ҳафта 1 соат машғулиятҳои лексионӣ, 1 соат машғулиятҳои амалӣ, 2 соат машғулиятҳои мустақилона бо роҳбарии устод гузаронида мешаванд. Аз ин машғулиятҳо 50 фоизаш ба машғулиятҳои мустақилона мувофиқ меояд. Мо бояд бо ҳар роҳу усулҳо сифати гузаронидани дарсҳои мустақилона ва иҷрои корҳои мустақилонаи донишҷӯёнро баланд бардорем, ки дар низоми кредитии таҳсилот ба муваффақиятҳои назаррас соҳиб гардем.

Машғулияти амалӣ аз се қисмати асосӣ - қисматҳои муқаддимавӣ, асосӣ ва хотимавӣ иборат аст. Дар қисмати муқаддимавӣ омода будани донишҷӯён ба машғулият санҷида шуда, шарҳи қоидаҳои бехатарии иҷро намудани корҳо (дар зарурат) сурат мегирад ва сенарияи машғулияти фаъол (интерактивӣ) фаҳмонида мешавад. Дар қисмати асосии машғулият супоришҳои гузошташуда аз ҷониби донишҷӯён иҷро карда мешаванд. Назорати иҷрои супоришҳо, яъне комил будани иҷро ва сифати иҷро аз ҷониби омӯзгор

таъмин карда мешавад. Дар қисмати хотимавии машғулияти аудитории амалӣ омӯзгор онро ҷамъбаст намуда, ба гурӯҳ (ё ба донишҷӯёни алоҳида) супоришҳо барои мустақилона иҷро кардан пешниҳод мекунад ва вазифаи навбатиро барои иҷро месупорад. Вазифаи навбатӣ аз нақшаи корӣ, саволҳо барои иҷро ва рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳо дар шакли электронӣ ва хаттӣ иборат мебошад [3, с. 18].

Барои расидан ба мақсад ва ҳалли масъалаҳои дар машғулияти амалӣ гузошташуда, имкон дорад, ки он дар шаклҳои маъмули анъанавӣ ё бо истифода аз технологияҳои нави таълим гузаронида шавад.

**Сенарияи машғулияти фаъол (интерактивӣ) аз фанни методикаи таълими таърих барои курси 3**

**Намунаи усули фаъоли таълим дар дарси таърихи халқи тоҷики синфи 7-ум**

Дар раванди ислоҳоти муосири маориф ташкили раванди тадрис ҳамчун як омили созанда ва бунёдкор баҳри беҳтар гардидани сатҳи таълиму тарбия вазифаи муҳим ва масъулиятнокро доро буда, дар тамоми зинаҳои таҳсилот татбиқи падидаҳои тоза ва шаклу усулҳои навини ҷараёни муосири таҳсилотро таъмин менамояд.

Дар бунёди ташкили самараноки дарси муосир талаботе ба миён меояд, ки риояи он ба омӯзгор имкони афзун гардонидани дараҷаи фаъолияти манфиатнок ва сифати тайёрии хонандаро дода метавонад. Дарс ин қисми муҳим ва реалии фаъолияти омӯзгор мебошад.

Яке аз намудҳои дарси муосир дарси маҳфили ҳозирҷавобон ҳисобида мешавад.

Муаллим аз фанни таърихи халқи тоҷик дар мавзуи «Таъсиси давлати Сомониён» дар синфи 7 дарси маҳфили ҳозирҷавобон мегузаронад. Дарс бояд дар доираи 45 дақиқа гузаронида шавад. Нақшаи дарс 1 ҳафта пеш ба хонандагон пешниҳод гардида, хонандагон ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд. Гурӯҳи аввал «Сомониён» ва гурӯҳи дуюм « Бухоро» номгузорӣ карда мешавад.

Нақшаи дарс:

1. Муаррифии гурӯҳҳо
2. Кор бо кроссворди таърихӣ
3. Бозии «Оё медонед?»
4. Бозии «Саволи сеҳрнок»

5.Саволу ҷавоб бо сардорони дастаҳо [4, с.34].

Шарти I. Муаррифии гурӯҳҳо

Дар асоси шарти якум ҳар ду гурӯҳ дар бораи номи гурӯҳашон пурра маълумот медиҳанд.

Гурӯҳи «Сомониён»

1. Номи гурӯҳи мо «Сомониён»
2. Шиори мо: “ Мо посдори Ватанем”.
3. Аз сарчашмаҳои таърихӣ чунин бармеояд, ки саравлоди ин хонадон Сомонхудот ном тоҷик буда, насаби ӯро ба Баҳроми Чӯбина -сарлашкар ва яке аз бузургони давлати Сосониён пайванд медиҳанд.
4. Сомонхудот барои хидматҳои босазояш аз тарафи Асад ибни Абдуллоҳ, ки волии халифаи араб дар Хуросон буд, соҳиби мартабаи баланд мешавад.
5. Сомонхудот барои ҳурмату эҳтироми худ нисбат ба Асад ибни Абдуллоҳ ба писараш Асад ном мегузорад. Асад чор писар дошт: Нуҳ, Аҳмад, Яҳё, Илёс.
6. Нуҳ дар Самарқанд, Аҳмад дар Фарғона, Яҳё дар Чоч ва Истаравшан, Илёс дар Ҳирот ҳоким таъин мегарданд.

Г урӯҳи «Бухоро»

1. Номи гурӯҳи мо: Бухоро
2. Шиори мо: “То ман зиндаам девори Бухороям”
3. Бухоро то соли 874 дар итоати Сомониён набуд ва Исмоил минбаъд тавонист мулки Бухороро бо оқиливу доноӣ, хираду заковати худ ҳукмронӣ кунад. Мулки Бухоро сарватманд буд.
4. Соли 888 байни ду бародар ҷанг рӯй дод ва дар он Исмоил ғалабаи комил ба даст овард. Наср асир афтод.

Наср соли 892 вафот кард ва Исмоли Сомонӣ аз ҳамон сол то соли 907 ҳамчун амири Сомониён ҳукмронӣ карда, Бухороро пойтахт қарор дод.

Баъди ба охир расидани шарти аввал ба ҳарду гурӯҳ кроссвордҳои таърихӣ дода мешавад.

Дар чунин дарс муаллим ҳамчун назоратчӣ фаъолият мебарад ва ба ҳар як шарт баҳо мегузорад.

Шарти II. Кор бо кроссвордҳо

Кроссворди гурӯҳи «С О М О Н И Ё Н»

4 4 1 3

С О М О Н И Ё Н

2 4 2 8

1. С-4……………………………………………Писари Асад (Илёс)
2. О-2……………………………………………Номи шаҳр (Чоч)
3. М-4……………………………………………Номи халифа (Маъмун)
4. О-4……………………………………………Номи шаҳр (Ҳирот)
5. Н-1……………………………………………Писари Асад ( Нуҳ)
6. И-2……………………………………………Номи шаҳр (Систон)
7. Ё-3……………………………………………Писари Асад (Яҳё)
8. Н-8...........................................................Номи шаҳр (Самарқанд)

Кроссворди гурӯҳи «Б У Х О Р О”

5 4 5 7 2

И С Т А Р А В Ш А Н

6 7 4 4 4

1. И-5.............................................Номи амир ( Исмоили Сомонӣ)
2. С-6...........................................Ҳокими Хуросон ( Лайси Саффорӣ)
3. Т-4...........................................Номи маҳал (Систон)
4. А-7.............................................Номи шаҳр (Фарғона)
5. Р-5.............................................Номи шаҳр (Истаравшан)
6. В-3.............................................Номи маҳал (Мовароуннаҳр)
7. Ш-4...........................................Номи муаррих (Наршахӣ)
8. А-4.............................................Номи давлат (Хоразм)
9. Н-4.............................................Номи шаҳр (Ғазна). [9, 52-53]

Баъди ба охир расидани кроссвордҳо муаллим хатогиҳои онҳоро ислоҳ намуда, холгузорӣ мекунад.

Шарти III. Бозии «Оё медонед?»

Дар ин шарт ба ҳар ду гурӯҳ 5-тогӣ савол дода мешавад. Ба ҳар ҷавоби дуруст 1 хол муайян карда шудааст. Муаллим саволҳоро пайи ҳам медиҳад ва ба ҷавобҳои дуруст хол мегузорад [5, 47-48].

Саволҳо ба гурӯҳи «Сомониён»

1. Сомониён бо кадом роҳ ба сари ҳокимият омаданд ва дар байни бародарони ин хонадон чӣ гуна мубориза мерафт?
2. Вазифаи девони мушриф чист?
3. Исмоили Сомонӣ кадом шаҳрҳову музофотро аз дасти бодиянишинон озод кард?
4. Барои чӣ халифаи араб ҳокими Хуросон Амр ибни Лайсро ба ҷанги зидди Исмоили Сомонӣ бархезонд?
5. Дар бораи ҷангҳо ва ғалабаи Исмоили Сомонӣ ҳикоя кунед?

Саволҳо ба гурӯҳи « Бухоро»

1. Ҳудуди давлати Сомониёнро аз харита нишон диҳед?
2. Дастгоҳи идораи давлати Сомониён чӣ гуна буд?
3. Вазирони машҳури Сомониён киҳо буданд?

4. Дабир дар кадом девон кор мекард?

5.Лашкари Сомониён асосан аз киҳо иборат буд? [2,с. 348-350]

Шарти VI. Шарти навбатӣ «Саволи сеҳрнок» ном дорад.

Дар ин шарт вобаста ба асрҳои миёна саволҳои шавқовар барои ҳарду гурӯҳ дода мешавад. Кадом гурӯҳ донад, аввал даст бардошта ҷавоб медиҳад.

Муаллим саволу ҷавобро ба инобат гирифта, холҳоро ҷамъбаст менамояд.

Саволҳои сеҳрнок:

1. Ӯ барои хидматҳои босазояш аз тарафи Асад ибни Абдуллоҳ, ки волии халифаи араб дар Хуросон буд, соҳиби мартабаи баланд мешавад. Ин кист?

( Ҷавоб: Сомонхудот).

2. Ӯ ҷанговари моҳир буд. Соли 893 ба муқобили бодиянишинон, ки мардуми Бухоро аз дасти онҳо ба дод омада буд, лашкар кашида, ғалабаи комил ба даст даровард ва хони туркҳоро бо понздаҳ ҳазор аскар асир гирифт Ин кист? ( Исмоили Сомонӣ).

Шарти V. Шарти навбатӣ бозӣ бо сардорони дастаҳо.

Дар ин шарт ба сардорони ҳарду гурӯҳ иҷро кардани ду шарт вогузошта мешавад.

Шарти якум: санҷиши хотира

Шарти дуюм: бозии “Оё, медонед?”

Дар шарти якум ба сардорони ҳарду гурӯҳ аз тарафи муаллим ҳафт ном ва мафҳумҳои таърихӣ аз фанни таърихи асрҳои миёна гуфта мешавад. Сардори гурӯҳҳо бояд ин номҳоро дар хотири худ нигоҳ доранд ва баъди итмоми сухани муаллим онҳоро бо тартиби муаллим гуфта такрор намоянд.

Ба сардори гурӯҳи «Сомониён» чунин саволҳо дода мешавад:

1. Давлат
2. Шӯриш
3. Ҳоким
4. Ҳокимият
5. Асад
6. Мовароуннаҳр
7. Лашкар

Ба сардори гурӯҳи «Бухоро» чунин саволҳо дода мешавад.

1. Бухоро
2. Девон
3. Вазир
4. Феодалҳо
5. Нуҳ
6. Муҳтасиб
7. Вилоят

Дар шарти дуюм омӯзгор ду сардори дастаро ба тахта даъват мекунад, онҳо бо гузоштани ҳарфҳои зарурӣ ба ҷойи нишона номи шахсиятҳои таърихиро пайдо мекунанд, ҳар касе, ки онҳоро аввал пайдо кунад, дар бозӣ ғолиб мешавад. [8, 14]

1. * ** О * И В**ИР ………………… (Девони вазир)
2. С* БУ*Т**ЕН ………………………….(Сабуктегин)
3. А* М* Д * Ҷ**Ҳ*Н*.......................(Аҳмади Ҷайҳонӣ)
4. А * МА* ИБ** И*М*И*................... ( Аҳмад ибни Исмоил)
5. А* Р И**И Л**С............................ (Амр ибни Лайс)

Дарси усули фаъоли таълимро омӯзгор ҷамъбаст менамояд. Вай холҳоро эълон мекунад ва ба гурӯҳи ғолиб омада туҳфа медиҳад, хонандагони фаъолро бо Ифтихорнома сарфароз мегардонад.

Дар охир вазифаи хонагӣ дода мешавад. Усули фаъоли таълими зикргардида дар ҳар моҳ дар асоси нақшаи тақвимӣ ба ҷойи дарси такрорӣ гузаронида мешавад.

Бартарии ин усул дар он аст, ки хонанда дар ҷараёни омӯзиш ширкат меварзад, озодона муошират мекунад, фикррониву баҳсу мунозира менамояд, ақидаи худро изҳор менамояд, аз тарсу ҳарос ва ҳаяҷон дур мегардад. Барои ташаккули ҳаёти инсон, маҳорату

қобилияти муошират, муносибати хуб доштан неъмати беҳтарин ба шумор меравад, ки он дар асоси омӯзишу парвариш ба амал меояд [6, с. 69].

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани муносибати босалоҳият дар раванди таълим ва барои рушди салоҳиятнокии хонанда бо истифодаи амалии дониш, маҳорат ва малака ва истифодаи бамавқеи усулҳои фаъоли таълим мусоидат намояд.

**Муқарриз: Ахмедова М.А. – н.и.п., дотсенти ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Амонашвили Ш.А. Воспитательная и образовательная функция оценки учения школьников / Ш.А. Амонашвили -М.: Педагогика, 1984.-С 14.
2. Ғафуров Бобоҷон. Тоҷикон / Б. Ғафуров. –Душанбе, 2020. -С 384.
3. Дастури таълимӣ аз фанни таърихи халқи тоҷик барои синфи 7. -Душанбе, 2007. –С. 18.
4. Колосков А.Г. Актуалные вопросы методики обучения истории в средней школе / А.Г. Колосков. -М.: Просвещение,1984.-С 34.
5. Мирзоахмедов Ф . Методҳои самараноки таълим / Ф. Мирзоахмедов, Б. Боев, З. Шукурова - Душанбе, 2015. -С 47-48.
6. Мавлонова М. Дастури методӣ оид ба ташкили викторинаҳои фаннӣ / М.Мавлонова. - Хуҷанд,2018 -С 69.
7. Марионг Янг. Татбиқи усулҳои фаъоли таълим / Марионг Янг, Ф. Мирзоахмедов. - Душанбе, 2002.-С 22.
8. Янг М. Татбиқи усулҳои фаъоли таълим / М. Янг, Ф.Мирзоахмедов. -Душанбе, 2002. -С 14.
9. Хоҷаев С. Таърихи халқи тоҷик синфи 7 / С. Хоҷаев, С. Муллоҷонов. -Душанбе 2017.


## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ДАР ТАДРИСИ МАВЗУИ: БУНЁДИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН” ДАР ДАРСИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК


Дар мақола дар бораи технологияҳои интерактивии таълим, ки яке аз технологияҳои муосири таълимӣ мебошад, сухан меравад. Дарсҳои муосири методикаи таълими таърих, дар факултетҳои таърихи донишгоҳҳои мо таълим дода мешаванд. Дар мақола усули интерактивии таълим дар дарс дар мисоли мавзуи «Бунёди давлати Сомониён» дар дарси таърихи халқи тоҷик баррасӣ шудааст. Дар мақола раванди таълиму тарбия танҳо аз пешниҳоди дониш ба хонандагон ва ташаккули тафаккури онҳо, ташкили дарсҳои амалии омӯзгор дар асоси технологияҳои муосир, фаъолияти хонандагон дар рафти дарс ва аҳаммияти тарбиявӣ иборат аст.



**Калидвожаҳо**: инноватсия, технологияи интерактивии таълим, ҳуҷуми зеҳнӣ, технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ.


## ИННОВАЦИОННАЯ ТЕХНОЛОГИЯ ОБУЧЕНИЯ НА ТЕМУ; ОСНОВАНИЕ «САМАНИДСКОГО ГОСУДАРСТВО» НА УРОКЕ ИСТОРИИ ТАДЖИКСКОГО НАРОДА


Данная статья посвящена интерактивной технологии обучения, которая является одной из современных образовательных технологий. Современные уроки методики преподавания истории, которые преподаются на исторических факультетах наших вузов, т.е. интерактивный метод обучения, освещаются на уроке на примере темы «Инновационная технология обучения на тему; «Основание Саманидского государство» на уроке истории таджикского народа. В статье процесс воспитания и обучения состоит только из передачи знаний учащимся и развития их мыслительных способностей, организации практических занятий учителя на основе современных технологий, активности учащихся во время урока и воспитательного значения.



**Ключевые слова:** инновации, интерактивные образовательные технологии, мозговой штурм, информационно-коммуникационные технологии.


## ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯЊОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ДАР ТАДРИСИ МАВЗУИ: БУНЁДИ ДАВЛАТИ СОМОНИЁН” ДАР ДАРСИ ТАЪРИХИ ХАЛЌИ ТОЉИК


This article is devoted to interactive learning technology, which is one of the modern educational technologies. Modern lessons in the methodology of teaching history, which are taught at the historical faculties of our universities, i.e. interactive teaching method, are covered in the lesson on the example of the topic “Innovative technology of teaching on the topic; "Foundation of the Samanid state" at the lesson of the history of the Tajik people. In the article, the process of education and training consists only of the transfer of knowledge to students and the development of their mental abilities, the organization of practical classes of the teacher based on modern technologies, the activity of students during the lesson and educational value.



**Key words:** innovations, interactive educational technologies, brainstorming, information and communication technologies.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ғафурова Гулсара Абдулатиповна-*** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқ, дотсент. **Суроға**:735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Телефон: **92-809-50-59.** E-mail: **guli.7.05@mail.ru**
***Хамидов Абдурасул Абдукодирович*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, кафедраи методикаи таълими таърих ва ҳуқуқ, илмҳои таърих, дотсент. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1 Телефон: **92-969-99-62.** E-mail: **abdurasul.xomidov@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Гафурова Гулсара Абдулатиповна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, доцент, кафедра методики обучения истории и права факультета истории и права. **Адрес**: 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова, 1. Телефон: **92-809-50-59.**
E-mail: **guli.7.05@mail.ru**
***Хамидов Абдурасул Абдукадырович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат исторических наук, доцент, кафедра методики преподавания истории и права. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Мавлонбекова 1.Телефон: **92-969-99-62.**
E-mail: **abdurasul.xomidov@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Gafurova Gulsara Abdulatipovna*** – Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Associate Professor, Department of Methods of Teaching History and Law, Faculty of History and Law. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova passage, 1. Phone: **92-809-50-59**.
E-mail: **guli.7.05@mail.ru**
***Khamidov Abdurasul Abdukadyrovich*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, candidate of historical sciences, associate professor, department of methods of teaching history and law. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov Avenue 1. Phone**: 92-969-99-62.** E-mail: **abdurasul.xomidov@mail.ru**

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

### ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ


***Набизода М.С., Маматкулов Дж.А. Турсунова З.Б.*** Историко-художественные письменные источники по истории Кокандского ханства…… ***5***

***Зоиров Дж.М., Алимардони М.У.*** Взаимовлияние и взаимозависимость этносоциальных и миграционных процессов…… ***11***

***Абдуллоев Ҷ.Т.*** Самтҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар солҳои 1991-2000…… ***16***

***Ҳушанги Аловиддинпури Ғафорниё*** Асосҳои назариявию методологии мафҳуми "неруи нарм" ва хусусиятҳои он дар муносибатҳои байналмилалии муосир…… ***24***

***Саидов Ҳ.С., Ғуломов А.М.*** Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Ҳамкориҳои Исломӣ: ташаккул ва муносибатҳои шарикӣ дар мубориза бо терроризми байналмилалӣ …… ***33***

***Абдуллоев Ш.А.*** Истиқлолияти давлатӣ - кафили субот ва рушди ҷомеа…… ***39***

***Якубов Б.З.*** Саҳми ходимони санъати Россия да рушди фарҳанги мусиқии халқи тоҷик…… ***44***

***Садбарги Исо, Алимов Д.Х.*** Таъсис додани хоҷагиҳои муҳоҷиршуда дар вилояти Кӯлоб дар солҳои 20-80-уми асри XX…… ***50***

***Сайнаков С. П.*** Теодор Моммзен – муҳаққиқи таърихи шоҳаншоҳии Ашкониён ***55***


### ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ


***Шаҳовуддинов Н.С.*** Куллӣ ва ҷузъӣ ҳамчун бунёди баҳси моҳият ва вуҷуди зеҳнӣ дар фалсафаи Ибни Сино…… ***66***

***Каримов Раҳим*** Нигоҳе ба андешаҳои каломии Шибли Нуъмонӣ…… ***75***

***Зиёев И.Ғ., Элчибекова Б.И.*** Андешаҳои Фахриддини Розӣ оид ба нафс …… ***81***

***Бобоева З.А.*** Шуури иқтисодӣ: дараҷа ва сохтори он…… ***88***

***Пиров А.И.*** Навъҳо ва шаклҳои зуҳуроти арзишҳои анъанавии оилавӣ …… ***95***

***Раҷабзода Рустам*** Тарбияи ахлоқӣ ҳамчун омили муқовимат бо каҷрафтории иҷтимоӣ ва ифротгароӣ дар шароити имрӯза…… ***102***

***Шералиева М.С.*** Маълумоти босифат ҳамчун омили асосии ташаккули фарҳанги сиёсии ҷавонон…… ***108***

***Гиёев Қ. Х.,Тошов А.Ҳ.*** Принсипҳои тавонбахшии иҷтимоии кӯдакони дорои маъюбият…… ***115***

***Саломова Р.Қ.*** Хусусиятҳои иҷтимоигардии ҷавонон дар шароити тағйирпазирии ҷомеа…… ***123***

***Файзиев Ш.Ш.***Сиёсати иҷтимоӣ ҳамчун воситаи инкишофи ҷомеа …… ***129***


### ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ - ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


***Шохиён Н.Н., Валиев М.Х.*** Характерные особенности управления целевых задач формирования профессиональной готовности будущих специалистов в инновационной и культурной среде вуза….. ***135***

***Холбоев Р.Я.*** К проблеме интеграции предмета технологии (трудовое обучение) и физики в среднеобщеобразовательных учреждениях…… ***143***

***Собиров Р.Р.*** Вклад мыслителей Европы и Востока в формирование концепций свободы совести…... ***150***

***Алиева М.Н.*** Ба роҳ мондани корҳои озмоишиву таҳқиқотӣ бо мақсади муайян намудани сатҳи инкишофи тасаввурот ва тахайюлоти хонандагон …… ***158***

***Ашуров Р. Ш., Худойқулова Қ..*** Тарҳрезии барномаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ оид ба пешгирии ифротгароӣ дар байни ҷавонон…… ***164***

***Абдукаримов М.Ф., Юсуфзода К. Б.*** Арзёбии воқеъбинонаи дониши донишҷӯён зимни баргузории корҳои санҷишӣ дар мисоли мавзуи ҷойивазкуниҳо…… ***175***

***Абдуллоева М.И.*** Оиди баъзе масъалаҳои омодасозии донишҷӯён ба фаъолияти касбӣ дар ҷамъияти муосири иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ …… ***183***

***Расулова А.С.*** Муаммои ташаккули мавқеи инсонгароёнаи ҷавонон дар консепсияҳои педагогӣ ***190***

***Гулрӯи С.Ҷ.*** Асосҳои илмӣ–педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик…… ***196***

***Сироҷиддини Давалаталӣ*** Проблемаҳои тайёрии касбию методологии омӯзгорони фанни геометрия дар адабиёти илмӣ-методӣ ва амалияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ…… ***203***

***Изатулоева Х. И.*** Татбиқи амалии фаъолияти мустақилона дар ташаккули маҳорат ва малакаи эҷодии донишҷӯён…… ***209***

***Каримова М.М.*** Оила, асоси ташаккул, рушди ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва маънавиёти инсон дар ақидаҳои педагогии Мир Сайид алии Ҳамадонӣ …… ***217***

***Манонова Р.А., Раҳимова Г., Дадахонова М.Р.*** Худшиносии миллӣ ин истиқлолияту озодӣ - омили муҳимтарини пойдории давлат ва бақои миллат ........................................................................ ***224***
***Неъматзода Ф.Т.*** Методҳои анъанавии тадриси забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни гурӯҳҳои ғайритоҷикӣ…………………………………………………………………………………………… ***230***
***Пириева Д.С.*** Асосҳои психологӣ, педагогӣ ва методии рушди шавқи маърифатии хонандагон дар шароити таълими тафриқа........................................................................................................ ***236***
***Раҷабов Д. А.*** Хусусиятҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ-психологии донишҷӯёни соли якум ба шароити муассисаи таҳсилоти олӣ........................................................................................ ***242***
***Холов С.Р.*** Робитаи байнифаннӣ ва нақши он дар баландбардории донишҳои физикии донишҷӯён............................................................................................................................ ***250***
***Сатторов А.Э., Сатторов Қ.А.*** Таҳлили нақшаву барномаҳои таълимӣ дар тайёрии касбии донишҷӯёни самти математика………………………………………………………………………….. ***254***
***Туманова Ш.С.*** Бартарии истифодаи компютер ҳамчун воситаи моделсозии ҳолатҳои гуногуни педагогӣ…………………………………………………………………………………………….. ***262***
***Давлатов А.И. ,Саидзода И.М.*** Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии омодасозии омӯзгорони оянда дар самти амсиласозии компютерӣ................................................................................................ ***267***
***Ғафурова Г.А., Хомидов А.А.*** Истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар тадриси мавзуи “бунёди давлати сомониён” дар дарси таърихи халқи тоҷик.......................................... ***275***

## ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания **(**www.vestnik-tnu.com**).**

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2023. №12 Ч. II**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.П.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Корректор: П.Х.Латипова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: **www.vestnik-tnu.com**
E-mail: **vestnik-tnu@mail.ru**
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

**Подписано в печать 27.12.2023 г.**